**Саттор Турсун**



**Саттор Турсун**

# МУНТАХАБИ ОСОР

**«Адиб»**
**Душанбе**
**2013**

**ББК 84 Тоҷик 7-4**
**Т-89**

Муҳаррир
*Сайидалӣ Маъмур*

Мусаввир
*Рауф Азимов*

Ороиши
*Фармони Ҳаким*

**Саттор Турсун**
Т-89 Мунтахаби осор. Душанбе, «Адиб», 2013. 560 саҳ.

Ин китоб аз романи «Се рӯзи як баҳор», қиссаи «Обдорӣ, ё худ Кавкабони кабуд» ва як силсила ҳикояҳои марғуби Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун, ки дар солҳои гуногун таълиф шудаанд, дар таҳрири тозаи муаллиф ба ҳам омада, бештар мураккабиҳои олами ботини инсонро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ва албатта дар тарбияи завқи солими хонанда саҳми муносиб гузошта, ӯро ба иншои покиза, муассир ва ибратомӯзи суханвари чирадаст ошно месозад.

**ISBN 99947-32-13-7**
**© Саттор Турсун, 2013**

# РАНҶИ РАСМИ ИНСОНШИНОСӢ

Ҳар вуҷуди ҳушманд аз рӯзе ки ақлаш даромада, ба фаҳми баду нек, сиёҳу сафед ва ҳарому ҳалол мерасад, дар ҷараёни зиндагӣ хоҳ-нохоҳ хулқу хислати атрофиёнро меомӯзад. Ва мувофиқи зеҳну заковати худ тадриҷан ба нуҳуфтаҳои дунёи ботини *умуман* одамизод низ ошно мешавад. Зеро ҳам барору нобарорӣ, ҳам ғаму шодӣ ва ҳам зафару мағлубияти инсонҳо дар дори фано ба табиати якдигар сахт вобастаанд, чун дар занҷире ҳалқа ба ҳалқа пайванданд. Одамро шинохтан, дилу нияти ӯро кашф намудан басо мушкил ва дар айни замон ниҳоят муҳим аст. Аммо на ҳар кас аз ӯҳдаи ин кор мебарояд. Зеро омӯхтани тинати инсон – офаридаи бағоят мураккаби худованд – ақли гиро, сирати пок, пиндори хуш, чашми яқин ва ҷаҳонбинии фарох мехоҳад. Азбаски одамон ба ҳар ранганд ва шуури онҳо низ дар як сатҳ нест, ин амри сангинро ба дӯши аҳли адаб ва санъат гузоштаанд. Аз замонҳои қадим шоирону нависандагон, ҳунарпешагон, рассомону оҳангсозон олами қалб ва рӯҳи инсонро мавриди таҳқиқ қарор дода, давра ба давра асарҳои ҷовидонӣ офаридаанд, ки аз насл ба насл гузашта, бани башарро дар ҷодаи шинохти одамият раҳнамун мешаванд. Пас аз қаробат ба шоҳкорҳои мардони бузург, яъне ба тааммул хондану дидан, шунида мутаассир гардидан... ҳар нафаре ки ҳассос аст, дар бораи муносибати худ ба табиату ҷамъият ба андеша меравад. Шебу фарози зиндагиро аз нав дарк карда, ба бисёр чизҳое ки қаблан эътибор намедод, таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Аз ин рӯ аҳли эҷодро инсони фавқулодда дониста, заҳматашро ниҳоят гарон маънидод мекунанд, ки ҳақ асту рост. Ба хусус шахси суханварро муҳандиси рӯҳи одамизод径 меноманд. Зеро вай муттасил ба мураккабиҳои ҳаёти башар сари кор дорад.

Антон Чехов гузаргоҳи қаламкашро пур аз хор ташбеҳ дода буд. Адиби маъруфи мо Саттор Турсун аз радифи он нависандагони дардошност, ки камобеш чил сол боз дар ин роҳи мушкил ба як тамкину виқори дар худ хос мардона ранҷ мебарад. Воқиан, ӯ аз қаламронӣ чун манбаи даромад ё рӯзгузаронӣ истифода намекунад, балки рисолати онро аз ҳама боло гузошта, ҳаёти

хешро пурра ба ин касби шариф ва меҳнатталаб бахшидааст. Саттор Турсун нависандагиро мисли сарнавиште медонад, ки аз қазо муайян гардида, шахси ба он гирифторро то охири умр дар асорат нигоҳ медорад. Аз ин қайду банд ҷои гурез нест. Солҳои дар ҳаёти ӯ басо вазнин кам набуданд. Алалхусус баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, ки муддати мадиде дар диёрамон муқовимати шаҳрвандӣ ба миён омада, адиб аз ҳеҷ куҷо ҳаққи қалам намегирифт. Ягон манбаи даромади мудом ҳам надошт. Вай он солҳо ба нони қоқ қаноат карду пешаи худро ҳаргиз паст назад. Балки онро дар ҳар ҳолат азизу мӯътабар дониста, аз дунболи шуғли дигар, воситаи пулёбии дигар нарафт. Мисли баъзе ҳамқаламонаш, ки аз номи ҳар гуна ашхоси доро ва шӯҳратпараст китобҳои хому хатала навишта, дастранҷи ҳангуфт меситонданд, *мардикорӣ* ҳам накард. Чунин нафаронро дар ҷанбаи адабиёт ғуломи луқмаи ҳаром шумурда, ба лабханд мегуфт: дар ин касби муқаддас аз эшон бӯи умед нест...

Нахустин чизе ки аз навиштаҳои Саттор Турсун хондаам, ҳикояи «Соҳиби кулоҳ» буда, баъдтар «Шабе дар роҳ» ном гирифт. (Аз як мусоҳибаи адиб фаҳмидам, ки вай дар эҷодиёташ аввалин иншо будааст.) Мани дар он айём ҳамагӣ даҳ-дувоздаҳсола аз боби ҳунари нависандагӣ тасаввуроте надоштам. Тазодҳои зиндагӣ низ бароям ноошно буданд. Вале ҳангоми мутолиаи «Соҳиби кулоҳ», ин ҳикояи ҳаҷман хурд, макону манзараҳои аз овони кӯдакӣ ба ман шинос, ки адиби ҷавони ҳанӯз донишҷӯ ба номи аслашон оварда, дилнишин тасвир мекард, ва симои одамоне ки дар тӯю маъракаҳо ё кӯчаву паскӯчаҳои деҳа қариб ҳар рӯз медидам, дар пеши назарам баръало зинда мешуданд. Аз ҷараёни воқиа ба ваҷд омада, аз он ки нависанда раиси шикамбандаро мазаммат намуда, шабонгаҳ аз мошин фуроварда, дар дашти махуф танҳо мегузорад, хурсандӣ мекардам. Инчунин бисёр хуш меомад, ки баъзе ҳамдиёрони мағруру беинсофи ман ба қалами бурроси нависанда шарманда шудаанд. Он вақт дар хаёли банда Саттор Турсун як ҳайкали ҳақиқат ва адолатро мемонд, ки дар миёни деҳаи мо қад афрохтааст.

Баъдҳо, дар баробари ба воя расида, асарҳои гуногуни ӯро мутолиа намудан, дигар он муҷассамаро дар зодгоҳам намедидам. Зеро акнун дар тасаввури ман ин адиби ҳақталош аз барои шикасти қувваи бадӣ на танҳо ба сокинони деҳаи мо, балки ба кулли олам мадад мекард. Он муҷассамаи хаёлии ман акнун марди раҳ буд ва ба ҳар куҷо мерафтам, ӯро ҳатман медидам: гоҳо дар ҳарбу

зарби вобаста ба инқилоби Октябр – «Се рӯзи як баҳор», гоҳо дар набардҳои шадид бар зидди Олмони фашистӣ ва ҳаёти пурмашаққати ақибгоҳ – «Сукути қуллаҳо», «Боздид», «Хоҷамаст»... ва гоҳи дигар дар хиёбонҳои шаҳру пайроҳаҳои деҳоти дурдасти кӯҳистон – «Хотира», «Падар», «Камони Рустам», «Пайванд», «Аз субҳ то шом», «Мӯйсафедон», «Барф ҳам мегузарад»... Ба хушнудӣ медидаму аз қалби ҳассоси нависанда, аз назари неки ӯ ба оламу одам мехостам ибрат гирам.

Саттор Турсун дар майдони адабиёт ба дили гарму нияти пок дохил гардида, то алҳол ба фармудаи суханвари дӯстдоштааш, устоди насри ҷаҳонӣ Эрнест Хемингуэй амал мекунад, ки гуфта буд: «Вазифаи нависанда ифшои ҳақиқат аст. Садоқати ӯ ба ҳақиқат бояд то андозае баланд бошад, ки агар дар асоси таҷрибаи зиндагӣ воқиа мебофад, пас ҳақиқати ҳаётро аз ҳама гуна баёни рӯйдодҳои мавҷуда возеҳтар ба тасвир кашад». Вай аз нахустин ҳикояи худ то романҳояш ин масъулияти беҳад душвор ва дар айни замон пурифтихорро ба як таҳаммули ибратомӯз дар дӯш мебарад. Қаҳрамонҳои осорашро барои идроки дурусти паҳлуҳои рангини ҳақиқат дар пайроҳаҳои тангу яккагузари ҳаёт рӯбарӯ карда, саҳнаҳои басо муассир меофарад. Ва агар ин саҳнаҳо зуд-зуд ҳузноваранд, баъзан мисли ҳавлии соҳибтӯй пур аз шодиву сурури зиндагӣ низ мебошанд, ки ҳар як хонандаро бешак аз шебу фарози рӯзгор ба андеша водор месозанд.

Вақте ки ба дунёи ботини персонажҳои нависанда назар андохта, андак тафаккур мекунем, онро пур аз туғёну баихтилоф меёбем. Зеро дар таълифи Саттор Турсун хайру шар ҳамеша дар набарданд. Ва мешавад, ки ашхоси ба тасвир омада дар аксар мавридҳо аз хом будани худ дар одамшиносӣ ба саҳву хатоҳо раҳ дода, рӯҳан азоб мекашанд. Масалан, дар нахустин қиссаи нависанда «Сукути қуллаҳо», ки ба мавзӯи ҷанг, меҳнати сангини занону мӯйсафедон ва маъюбон дар ақибгоҳ, ҳамчунин ба таҳқиқи решаҳои хиёнат бахшида шудааст. Қаҳрамонҳои асосӣ – Содиқ ва Акбар дар вақташ дӯстони ҷонӣ буданд. Яке ҷавони банангу номус, заҳматқарин ва ҳақталош. Дигаре худпараст, бетараф, тарсу... Содиқ, ки пеш аз ҷанг низ раисии калхозро ба ӯҳда дошт ва боре кирдори бади Акбарро (ба гуноҳи вай як нафар кишоварз дар дашт ҳалок мешавад) бахшида буд, пас аз ҷароҳат бардоштан ба деҳа омада, дигар ба фронт барнагаштани ӯро фаҳмида, мехоҳад хатои худро ислоҳ кунад. Ва оқибат собиқ дӯсташро дар байни кӯҳу камар таъқиб намуда, ба қатл мерасо-

над... Содиқ ҳам хиёнати Акбар ва ҳам дар муддати гурезагиаш фавтидани зани баиффати ӯ Холбибиро, ки замоне Акрам-бобои дурандеш ва одамшиносро ба ҳолу ҷонаш намонда, ҳамроҳи мӯйсафед он вуҷуди покизаро барои дӯсташ хостгорӣ карда буд, то ҷое вобаста ба гуноҳи худ медонад.

Вай «...ресмони бофтаашро, ки қади тозиёна меомад, дар даст бозӣ доронда, фикр мекард. Фикр мекард, ки чаро ӯ дар зиндагӣ фиреб хӯрд. Барои чӣ дар муддати ин қадар солҳо кӣ будани Акбарро фаҳмида натавонист? Барои чӣ вай аз аскарӣ гурехт?..»

Саттор Турсун дар дигар асарҳои худ низ бевафоӣ, хиёнат, ноинсофӣ, разолат ва ғайра хислатҳои пасти инсониро ба доираи тадқиқ кашида, аз забони онҳое ки тасвир шудаанд, ба хонанда гӯшзад мекунад: хилқати инсонро шинохтан бағоят мушкил аст. Аммо персонажҳои мусбати ӯ дар ҷараёни бархӯрдҳо пухта мешаванд ва ҷон ба каф гирифта, дар саҳни пирӯзии адолат талош меварзанд. Нависанда онҳоро ба туғёни зиндагӣ омехта, ба мубориза даъват мекунад, барои ислоҳи хатои хеш ба майдони дарёфти ҳақиқат мебарад. Ва гуфтан бамаврид аст, ки чунин хислати қаҳрамонҳо аз хислати шахси муаллиф низ ибтидо мегирад. Воқиан ҳам адолатпарвар аст адиби мо, ростгӯю рострав аст. Агарчи дар ин роҳ азобҳо кашидааст, зиёда озор дидааст, ба маҳрумиятҳо дучор омада, ҳатто аз баъзе дӯстон ҷудо гаштааст, вай ҳеҷ гоҳ аз сухани ҳақ рӯй наметобад. Бисёр касон нороҳат шаванд ҳам, назарашро, фикру ақидаашро бе ягон парда баён медорад.

Баъзе нафарон, бештар ҳамқаламонаш, мехоҳанд Саттор Турсунро ба ҷурми ҳавобаландиву дурушитлаҳнӣ мазаммат кунанд. Ҳатто мисолҳо меоранд: нисбат ба фалон одам дар фалон ҷо гапи сахт гуфта, истиҳола накард ва ғайра. Лекин агар ба инсоф андешем, пас мебинем, ки нависанда дар гуфтори худ ҳақ будааст. Чунки вай ба ҳама гуна дурӯягиву ғаммозӣ, чоплусӣ, хабаркашиву дурӯғзанӣ, лаганбардориву обро лой карда, моҳӣ қапиданҳо, дидаву дониста сафедро сиёҳ гуфтанҳо нафрат дорад. Хислатҳои носози инсониро наметавонад таҳаммул кунад. На як бору ду бор шоҳид будаам, ки ба рӯи касе тунд, аммо ҳақиқатро гуфта, агар ӯ дуруст намефаҳмад, пушаймон мешавад; ба қавле худро мехӯрад. Бо вуҷуди ин ростиро авло دониста, боз ҳам дар ақидааш устувор мемонад. Ба адолат, ки сайёраи мо маҳз ба шарофати он ҳанӯз пойбарҷост, тоқати хиёнат кардан надорад. Агар аз ҳақиқат мегурезем, – ҷиддӣ ба забон меорад

ӯ, – рафта-рафта зиндагӣ ба шаби тор табдил меёбад.

Воқиан ҳам дар масири таърих басо мардони фарзона ба хотири тантанаи адолату ҳақиқат сар ба кундаву дорҳои баланд додаанд, аз зери теғҳои хунафшон гузаштаанд. Вале аз сухани бериё рӯй натофтаанд... Нависанда баъзан аз ҳаёти ноҳамвори чунин шахсиятҳо қисса карда, ба як табассуми маҳзун мегӯяд: дар ин дунёи равшан зинда будан кам аст. Бояд ҳар кас дар бунёди кохи адолат ақалан заррае ҳисса гузорад. Вагарна аз омадану фақат дуру дароз зиндагӣ кардан ҳеҷ суде нест...

Ба дард ва гоҳо дар хоса ҳаяҷон ба забон меорад Саттор Турсун ин рақам андешаро. Ва дар аксар ҳолатҳо шабеҳи як нафар, ки касеро зиёда садо мекунаду ҷавобе нашунида, аз ҳосил нашудани муроди хеш дар надомат хомӯш мемонад, низ вазнин сукут меварзад. Дар чунин лаҳзаҳо ман пай бурдаам, ки то кадом андоза тану ҷонаш сӯхта, заҳри танҳоӣ мечашад ӯ. Бинобар ин як дафъа, ҳангоме мувофиқи супориши рӯзнома ба вай мусоҳибаи муфассал доштам, ақидаи устоди наср Эрнест Хемингуэйро – «зиндагии нависандаи маъруф дар танҳоӣ мегузарад» – ёдовар шудам. Саттор Турсун дар ҷавоб гуфт: «...вақте ки афкору андеша, нуқтаи назар ва ҷаҳонбинии нависандаи баистеъдод аз олами атрофиёнаш, ҳамсӯҳбатонаш ва ҳатто дӯстону фарзандонаш фарқ мекунанд, яъне ки вай дар кашфи асрори ҳастӣ пеш меравад ва кам касон бояду шояд мефаҳмандаш, хоҳ-нохоҳ эҳсоси шадиди танҳоӣ ба миён меояд».

Адиб он гоҳ дар мисоли ҳунари волои сухангустарӣ, рӯзгори пуртазоду печида ва ҳамзамон ба ҳар як эҷодкор намунаи ибрати Хемингуэй мулоҳиза меронд. Вале ман яқин мекардам, ки ин ҳақиқати талхро нависандаи номвари мо аз ҷараёни ҳаёти худ низ дарёфтааст. Зеро маҳалли Саттор Турсун чи дар арсаи адабиёт ва чи дар зиндагӣ ҳаргиз бехалал набуд; зеро вай дар паҳнои эҷод ва ҳаёт ҳеҷ гоҳ роҳи осони фароғат намеҷуст. Балки дар ин майдони мубориза чун бархе аз аҳли тазвир гурӯҳбозиву маҳалгароӣ накарда, даҳсолаҳост доимо ба оини ҷавонмардӣ меразмад. Тани танҳо... Ва пойбарҷо ҳам мемонад. Аммо дар муҳите ки кам андар кам гӯш фаро медиҳанд, дарди сахт аст *танҳоӣ!*

Онҳое ки Саттор Турсунро аз наздик медонанд, ҳамкор будаанд, ё боре ба вай ҳамсафар шудаанд, аз гуфтугӯи қаҳрамонҳои осораш низ овози гулдуросӣ ва рӯҳи мустаҳками ӯро зуд мешиносанд. Ёд дорам, нимаи аввали солҳои ҳаштодум камина ва боз ду нафар донишҷӯйро барои таҷрибаомӯзӣ ба идораи ҳаф-

таномаи «Адабиёт ва санъат» фиристоданд. Мо, бачаҳои деҳотӣ, он вақт дар Хонаи адибон нахустин бор шоиру нависандагони машҳурро дида, аз ғояти ҳаяҷон намедонистем чӣ кор кунем. Рӯзе дар идораи нашрия менишастем, ки Саттор Турсун ворид шуд. Мудири шӯъбаи санъат Адаш Истад ману ҳамдарсонамро ба вай шинос карда, фаҳмонд:

– Қариб даҳ рӯз аст инҳо таҷриба меомӯзанд.

– Эҳа-а, – марғуладор хандид Саттор Турсун. – Чӣ хел журналистанд, ки дар муддати даҳ рӯз на овозашонро мешунавем, на худашонро мебинем.

Сипас ба мо рӯй оварда, мулоим гуфт:

– Агар журналисти ҳақиқӣ шудан мехоҳед, худро ба обу оташ занед. Лозим ояд, барои ёфтани як ҳуҷҷати муҳим дастбагиребон шавед. Рафту ягон роҳбари ҳаромгулӯ ба тарси фош гардидан аз дар пеш кунад, шумо аз тиреза зада дароед. Натарсед!

Вақте ки муколамаи тезу тунди қаҳрамонҳои Саттор Турсунро аз қабили: «Номард! Модом ки дар зиндагиат ба ин қадар беинсофӣ раҳ медодӣ, танҳо ба ҷони бародари ман не, балки дигаронро ҳам мисли мор захр мезадӣ, акнун, ҳангоме дар лаби ин ҷар лаҳзаи мурданат расидааст, ҳеҷ набошад, асп барин рост истода бимур! Наход дар дами вопасин ҳам мард нашавӣ?!» – мехонам, беихтиёр дар пеши назарам симои нависанда пайдо мешавад. Ва ман баръало мебинам, ки вай чӣ тавр аз беимониву беинсофиҳо ба шӯр меояд.

Ҳақталош аст нависандаи жарфназари мо! Мутафаккири бузурги рус Виссарион Белинский беш аз сад сол муқаддам оварда буд: «Замони мо танҳо дар пеши суханваре ба зону мезанад, ки зиндагиаш беҳтарин тафсиргари эҷодиёти ӯ ва эҷодиёташ ҳақбинтарин тавзеҳгари зиндагии ӯст». Фикр мекунам ин гуфтаҳо ба кору рӯзгори Саттор Турсун низ бебаҳс дахл доранд.

Чӣ тавре борҳо дидаам, адиб набзи айёмро (чи мозӣ ва чи муосир) хеле хуб мешунавад, ба рӯйдодҳои гиреҳгири ҳаёт одилона баҳо медиҳад. Барои ин ҷаҳонбинии солим, дидаи дил, қобилияти таҳлил ва албатта дониши амиқ лозиманд. Ҳоло рӯй оварем ба рамани «Се рӯзи як баҳор», ки дар даврони шӯравӣ таълиф гардида, дар он айём ҳама гуна фикру ақидаи ба идеалогияи каммунистӣ мухолиф саркӯб мешуд. Вале муаллиф ба назари худ садоқат дошт, – вобаста ба талаби зимомдорони замона навиштаашро дигар накард. Пас аз чанд сол раман ниҳоят ба табъ расид. Ва гузаштаи на он қадар дур собит сохт, ки Саттор Турсун

дар баҳо додан ба аслу асоси инқилоби Октябр ва ҳаводиси ҷанги шаҳрвандӣ ҳақ будааст.

Нависанда дар «Се рӯзи як баҳор» муборизаи синфиро ба воқеъбинии равшан чунон моҳирона тасвир кардааст, ки хонанда ҷонибҳои муқобил – фидоии олами инқилоб Анвар ва сардори дастаи мухолифон Усмон Азизро як хел дӯст медорад; ба онҳо дилаш сӯхта, аз тақдири талхи эшон ба риққат меояд. Ва бояд ҳамин тавр ҳам мебуд. Зеро ин ду нафар, фарзандони як миллат, балки хешу табор... ҳар кадом дар мавқеи худ ҳаққанд. Яке мехоҳад ҳаёти нав созад, дигаре баръакс – замонаш, хонаву дараш, динаш ва расму оинашро дифоъ мекунад. (Дар байни ҷамоати исёнгар зотҳои касиф, нияташон нопок, зиёда аз ин... ёғиву тоғӣ албатта кам набуданд, ки хоси ҳама гуна ҷангҳост. Аммо гап ҳоло дар сари Усмон Азиз аст.) Нависанда чун довари ростбин рафтору кирдори ин ду мардро чи дар даврони осоиштаи қабл аз инқилоб ва чи дар задухӯрдҳои муқовимати шаҳрвандӣ мӯшикофона ба тадқиқ гирифта, хулосаҳои ҷолиб мебардорад.

Бисёре аз мунаққидон ва ҳамқаламони адиб ҳангоми муҳокимаи раман, инчунин баъзе хонандагон баъд аз интишор ёфтани он ба ҳар навъ андеша мегуфтанд, ки Саттор Турсун душмани халқро сафед кардааст, – аз *босмачӣ* қаҳрамони мусбат сохтааст. Лекин агар дақиқ назар андозем, пас мебинем: нависанда мисли падарест, ки муноқишаи фарзандонашро аз дари адолат ба таҳлил мекашад. Зеро дили вай ба ҳамаи онҳо баробар месӯзад, дар мағзи ҷону ҷигараш онҳо як хел азизанд.

Саттор Турсун нек медонад, ки дар ҳеҷ ҷанги шаҳрвандӣ ғолибу мағлуб, ҳаққу ноҳақ, ё худ... чӣ тавре мегӯянд, сиёҳу сафед набудааст. Ва нахоҳад буд. Оқибати чунин пархошҳо фақат пушаймонист. Кадом ҷомиае ки бошад, дар кулли ҳолатҳо ба асли шоистаи худ бармегардад; яъне об агар сад пора гардад, боз ба ҳам меомезад. Аз ин сабаб дар поёни раман Усмон Азизи рӯҳан бақувват вақте ки тир мехӯрад «ва аз хонаи гарми зин канда шуда, оҳиста ба замин, ба рӯи майсаву лолахасакҳои саросар шукуфон» меафтад, дар вопасин дамаш ба таассуф зери лаб дар забон меорад: «Ман бе гумон ангушти зиёди панҷаи тақдир будаам дар ин дунё». Қаҳрамони ҳикояи «Лаблаби ҷар» низ Абдулаҳади хоинро, ки боиси марги бародари ҳамхуни ӯ гардида буд, ниҳоят ба қатл расонда, аз зӯри алам ашк мерезад. Бубинед, ин манзараро сухансоз чӣ гуна муассир ба қалам додааст:

«Ҷавон нишаст. Автаматро оҳиста дар бараш монд. Сипас

ба хирмани хуршеди тобону вусъатбоди баланд гӯё бефарқ як назар афканда, сар ба кафи дастонаш гирифт. Ва талх гирист. Шояд ба ёди падараш, ба хотири бародараш, мумкин аст ба ҳоли худаш, ё эҳтимол – кӣ медонад? – умуман ба марги номаш фарзанди одамизод...»

Ҳоло гуфтан ҷоиз аст, – дар хусуси ҷанги шаҳрвандии мо, ки бадбахтона дар оғози солҳои навад сар зад, адибон то кунун ба таҳқиқи бадеӣ нарасидаанд. Чизе баён дошта бошанд ҳам, ба назар иҷмолӣ буд. Аммо Саттор Турсун дар ин мавзӯъ чанд ҳикояи бақувват навишта, дар китоби худ «Санг дар бағал ба тӯфон» манзури хонанда гардонд. Ба ман алалхусус «Лаблаби ҷар», ки зикраш дар боло рафт, хеле писанд омад. Дар ин ҳикояи бавусъат тарзи баён ва масъалагузорӣ басо ҷолибанд. Умедворем доир ба муқовимати накбатборе ки ба ҷомиаи мо нахуст зарарҳои зиёди маънавӣ овард, минбаъд адиб ягон асари калонҳаҷм менависад. Вале дар ҳамин ҳикоя низ ӯ тавонистааст сабаби он даргириҳоро аз қабили мансабталошӣ, дурӯягӣ, тарсуӣ, бетарафӣ, таассуби динӣ, аз фурсат истифода карда, ба тохт омадани гурӯҳҳои ҷинояткор ва ғайра... дар рафтору гуфтор ва андешаи персонажҳо устодона ба таҳлил гирад.

Саттор Турсун на танҳо дар насри бадеӣ, ҳамчунин дар иншои асарҳои публитсистӣ низ дасти қавӣ дорад. Ба фикри банда ин шохаи адабиёт дар шинохти ҳақиқат на камтар аз раман ё қисса хидмат мекунад. Имрӯз дар байни нависандагони мо ба нудратанд нафароне ки муносибати худро ҳам доир ба масъалаҳои адабиёт ва ҳам ба рӯйдодҳои сиёсиву масоили иҷтимоӣ мисли Саттор Турсун огаҳона, дар ҷасорат ва бамағзу маънӣ баён намуда, мардумро ба домани андеша баранд. Ба назар чунин мерасад, ки вай, азбаски нисбат ба худ хеле серталаб аст, дар интишори китобҳояш ҳеҷ гоҳ шитоб накарда, мехоҳад фикрашро вобаста ба зуҳуроти зиндагӣ сари вақт дар эссеву мақола ва сӯҳбатҳо ба журналистон изҳор намояд. Иншои публитсистии адиб, ки бештар дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шуда, тавассути радиову телевизион садо медоданд, асосан дар се китоби ӯ – «Дарахти ҳазорсола», «Санг дар бағал ба тӯфон» ва «Зимистони умр» гирд омадаанд. Пас аз мутолиаи онҳо кас ба дунёи рангину ҷаҳонбинии фарох, чашми ҳақшинос ва дониши фарогири нависанда қоил нашуда наметавонад. Таълифи ӯ одитарин хонандаро низ бетараф намонда, ба андеша водор намуда, каме бошад ҳам, муносибаташро ба ҳаёт, аҳволи ҷамъият, муҳити зист, ҷой-

гоҳи адолат, дар маҷмӯъ ба одаму одамият тағйир медиҳад.

Дар иртибот ба кори эҷодӣ – навиштани чи асарҳои бадеӣ ва чи публитсистӣ – Саттор Турсун на ба ҷони худаш раҳм мекунад, на ба ҷони дигарон. Зеро мақоми суханро аз ҳама боло медонад; саҳлангорӣ ба ин зоти муқаддас, – мегӯяд вай, – на камтар аз хиёнат аст. Нависанда дар як сӯҳбаташ иброз дошта буд, ки каломро вуҷуди зинда меҳисобад ва касе агар мехоҳад ба нияти бад аз он истифода барад, ҳатман ҷазо мебинад. Аз ҷониби худи ҳамон калом... ё *Сухан*, ки аслан ҷон дорад, мешунавад, эҳсос мекунад... Бинобар ин вай аз аввал дар таълиф ва ҳатто таҳрири иншои ҳамқаламон, ба хусус дар замони фаъолияти бардавомаш (20 сол!) дар маҷаллаи «Садои Шарқ», як хел ва пайваста ҷон мекоҳонд. Мегӯянд аз ин сахтгириҳо баъзе муаллифон ба дод омада, ахир гурезон мешуданд. Шояд намефаҳмиданд, ки дар кори эҷодӣ барои ӯ тафриқи чизи асосиву ҷузъӣ вуҷуд надорад. Дар сари ҳар калимаву ибора, ҳар нуқтаву вергул тааммул зарур аст.

Чанд сол қабл аз ҷониби ҳафтаномаи «Чархи гардун» ба Саттор Турсун мусоҳибае анҷом додам. То он маврид мо аз наздик шинос набудем, нахустин бор мулоқот мекардем. Пас аз сӯҳбат нависанда таъкид намуд, ки пеш аз чоп мехоҳад ба матн ошно шавад, то иштибоҳе наравад. Аслан одати вай ҳамин аст, – дар кулли мусоҳиба ва мақолаҳояш, ки рӯзномаву маҷаллаҳо интишор медиҳанд, бояд зарбу ҳаракати ҳар як вожа, гуфтори ба худаш хос, пайванду оҳанги ҷумла ва ҳатто аломатҳои китобат ҳатман риоя гарданд. Банда аз таҷрибаи рӯзноманигорӣ медонам, ки на ҳар адиб дар муносибат ба журналистон чунин серталаб аст. Хулоса, он сӯҳбатро ба рӯи коғаз оварда, қабл аз чоп ба дасти нависанда додам. Вай табъи дил калимаву ибораҳоро пешу қафо бурда, ё ба дигаре иваз намуда, баъзе ҷумлаҳоро аз нав сохта, матнро пурра таҳрир кард. Ман ба идораи ҳафтанома баргашта, ба кори ӯ шинос шудам ва як-ду вергулро беҷо пиндошта, хотирҷамъ хат задам. Баъде ки мусоҳибаи мо ба табъ расид, Саттор Турсун аз тариқи телефон барои таваҷҷӯҳи нашрия изҳори сипос намуда, дар охир аз «нохост гум шудани як-ду вергул» афсӯс хӯрд. Ва ин ба ман дарсе ҳам буд.

Мисоли дигар: соли 2003 ба нависанда муҳовараи адиби ҷавон Муродалии Ҷаббор ба табъ расид. Ман он вакт дар ҳафтаномаи «Чархи гардун» котиби масъул будам. Пас аз интишори сӯҳбат як саҳар аз номи Саттор Турсун мактуби кӯтоҳе гирифтам: «Равшанҷон, додари азиз! Ташаккур – мусоҳиба чоп шудааст. Аммо

ба ғалатҳои зиёди намедонам вобаста ба кучо ё кӣ – идораи «ЧГ», балки ислоҳи худи Муродалӣ... Хуб, дар Тоҷикистони мо аслан ҳамин тавр аст корбандии матбуот. Тоқат мебояд. Бо вуҷуди ин дар шумораи оянда, то хонандагон духӯра нафаҳманд, тасҳеҳ додан лозим (ғалат шояд аз мусаҳҳеҳ бошад) ба маънии: «Аз сутуни чорум дар суоли мусоҳиб ибораи «нависандаи халқӣ» хонда шавад «нависандаи ҳақиқӣ»... Ба эҳтиром ва арзи сипос – С.Турсун».

Ҳоло фикр мекунам хидмати содиқона ба адабиёт, ба забони модарӣ, дар маҷмӯъ ба рушди фарҳанги миллат аз ҳамин гуна ҷузъиёт низ ибтидо мегирад. Ҳар як адиб ё рӯзноманигор, умуман касони қаламкаш нисбат ба навиштаҳои худ ва ҳамкасбон чунин сахтгир бошанд, адабиёти мо бешак ғанӣ мегардад, забонамон покизаву бегазанд мемонад...

Адиби машҳури рус Юрий Бондарев мегӯяд: «Аз қисмат бахту комёбӣ маталаб. Фақат хоҳиш бикун дар ҷодаи бартараф сохтани душвориҳо қувват диҳад». Саттор Турсун низ аз сарнавишт саодати зиёд намехоҳад. Доду надоди онро якгуна ва батаҳаммул қабул дошта, мекӯшад танҳо муҳаббаташ ба сухан коста нагардад, дилаш ҳамвора гарм бошад. Бинобар ин, ҳарчанд то зарур наояд, ҳудаву беҳуда аз боби адабиёт, алалхусус аз навиштаҳои худ ва нақшаи эҷодиаш ҳарф намезанад, баъзан дар ҷавоб ба суолҳои гаҳу ногаҳ нимшӯхӣ ба забон меорад: умр агар бевафоӣ накунад, саломатӣ агар гурезпо нашавад... Мо имони комил дорем, ки вақте ин ҳар ду дар ҳақиқат меҳрубон бошанд, нависандаи тавонои халқ минбаъд ҳам ба асарҳои пурбори хеш дарёи суханро шодоб хоҳад кард.

*Равшани Махсумзод*

# СЕ РӮЗИ ЯК БАҲОР

Роман



Дигар мижа таҳ карда натавониста, пиразан дар торикии хона гӯё нафасгардон мешавад. Хаёлаш, ки дили афсурдаи ӯ чун дар ҳама рӯзҳои беморӣ ба азоб ва ноором тапида, охирин лаҳзаҳои умрашро ба ҳисоб мегирад. Бистар ҳам акнун нармӣ надорад. Пиразан тобу тоқатро аз даст дода, базӯр мехезад ва каме нафас рост карда, дари хонаро оҳиста мекушояд. Саҳни ҳавлӣ равшан – моҳ баромадааст. Аз канори деҳа кадом саги бедор паст-паст меҷакад. Боди сабук ба шоху барги дарахтон печида, онҳоро гӯё аз сайри худ огоҳ месозад. Бо вуҷуди ин шаби тирамоҳ сокит аст. Пиразан, саропояш аз бемадорӣ ларзида, дар айвони дароз ба эҳтиёт қадам мемонад; то касеро бедор накунад, аз пеши тирезаҳо мисли соя бесадо мегузарад. Аммо ҳамин ки пой дар зинаи сангин гузошта, ба рӯи ҳавлӣ фуромадан мехоҳад, аввал ғиҷироси дар ва пас овози набераашро мешунавад.

– Бибиҷон...

Пиразан оҳиста тоб хӯрда, ба қафо менигарад. Наберааш дар шитоб наздик шуда, аз китфони лоғари ӯ ба шафқат медорад.

– Хобатон набурд?

– Дилам заъф кард, духтарам.

Вай ба ҳимояти наберааш зинаҳоро фуромада, дуртар аз дарахти себ, ки ҳанӯз меваашро начидаанд, дар як гӯшаи кати чӯбин менишинад. Осмон ба сараш бедареғ нур мерезад. Сафед, мулоим ва шири навдӯшида барин гарм аст анвори маҳтоб. Пиразан дар партави он ба чеҳраи гулгуни наберааш чашм давонда, чунон ки дар миёни меғ бошад, хира-хира ҷавонии худро мебинад. Фақат як лаҳза... Баъд дили қадре оромидааш дафъатан ба шӯр омада, боз ноҳамвор метапад; гӯё ба ҳар як зарби вай андаруни сина... номи чанд нафар азизтарин *инсон* – ҳоло ҳам аз дарду доғ ва ёдҳо ҷигарполуда аст ӯ! – гоҳ башиддат, гоҳ суст такрор мешавад. Пиразан чашмонашро пӯшида, ба садои таҳдидноки он гӯш медиҳад. Шаби тирамоҳ сокит. Хишироси барги дарахтон ва

тап-тапи қалби парешони ӯро, ки паёпай берун меҷаҳанд, боди сабук омехта ба ҳам зери болҳои худ гирифта, аз боғ ба боғ мебарад. Моҳи пурра яксон нур мерезад. Дар ин сукунати бавусъату равшании мулоим хотироти пиразан бештар зинда мешавад. Вай зери лаб пичирос мезанад:

– Бибикалонат, раҳматӣ модарам... мегуфт, ки Сабоҳат, духтарам, душвор аст зиндагӣ; осон не ба фарқи сиёҳу сафед расидан!

Пиразан инро ба забон меораду хомӯш мемонад. Ба назар чунин метобад, ки саропо гӯшу ҳуш гардида, аз дуриҳои дур як овози... не-не, чанд овози қаринро шунидан мехоҳад. Набераваш дастони шахшӯли ӯро дар байни кафҳои гарму нармаш гирифта, беозор мемолад. Қурси моҳ дар осмони бекарон гардиши ҷовидонаи худро идома медиҳад.

## 1

Нисфи шаб дарвозаро хеле кӯфта ва ниҳоят ӯро аз хоб бедор карда, дар як нафас гуфтанд, ки зуд ба идораи райком равад: Амонов ва сардори милиса дар раҳаш интизоранд, – дер намонда равад. Анвар ба маънии «боз чӣ воқиа рӯй дода бошад?» китф барҳам кашида, аз таки борони баҳор, ки ҳало дамаш паст шуда, маҳин ва дилнишин меборид, ба хона даромад. Дар равшании хираи чароғи карасин ӯро модараш Соро-хола пешвоз гирифт. Нигоҳаш баизтироб буд, дар чеҳраи пиронааш як олам таҳлука акс дошт.

– Шумо ҳам хестед? – беихтиёр табассум карда, андак парешон пурсид Анвар. Ва ҷомаи алачаро, ки аз китфаш лағжида, қариб меафтид, ба мехи девор овехт.

– Ҳа-а, безобита шудам.

– Ба ҳар гуна хаёлҳо нарафта, осуда хоб кунед, – гуфт Анвар, ки худ дар ташвиш менамуд.

Аз кӯҳнаҷомаи писараш ба димоғи пиразан бӯи борон, бӯи сабзаву замини шодоб расид.

– Дар ин бемаҳал вай кӣ буд?

– Навбатдори райком, – ҷавоб дод Анвар ва баъд, яқин дар ҳаяҷон мондани модарашро пай бурда, ба тамкин илова намуд: – Шумо беқарор нашавед, оча, ягон кори таъҷилӣ баромадагист. Ҳарвақта барин...

Соро-хола, ки писарашро мисли ҳозира – ба даъвати ногаҳони касе, ё ба ихтиёри худаш – шабу ними шаб на як бору ду бор аз хона ба роҳҳои дур гусел карда буд:

– Илоҳӣ бахайр бошад, – гуфт ва дар лаби ҷогаҳ амонат нишаст.

Анвар зуд шиму гимнастёрка пӯшида, мӯзаашро ба пой кашид, тасмаи сербари кӯҳнаро аз мех гирифта, чолок ба миён баст; ғилофи вазнини наганро, ки дар тасма овезон буд, ба як савқи табиӣ саҳле қафо бурд. Сипас ба палтои чармин даст ёзонда, ҳамоно муаллими мактаби партиявӣ Шафқат Рамазоноврo ба ёд овард. Симои зардинаву чашмони кабуди ӯ, ки ба Анвар ҷиддӣ ва дар айни замон ба навозиши падарона менигаристанд, дар пеши назари вай лаҳзае зинда гардиданд.

– Шарм надор, гир! Ин рӯзҳо мегузаранд, ҳатто фаромӯш мешаванд, – мегуфт муаллим, ҳамин палтои астараш гарми оҳараш паридаро ба ӯ дароз карда.

Анвар он вақт соли аввал мехонд; нимгуруснаву нимбараҳна мегашт. Ҳоло, ана... хаёлаш, ки овози муаллимро баръало шунида, ҳар як хати чеҳраашро равшан мебинад; мебинад, ки ӯ чӣ тавр наздиктар омада, чӣ тавр палторо худаш оҳиста ба китфи шогирди камбағалаш меандозад. Пас каме ба сукут рафта, мӯйсари кӯтоҳ қайчизадаи хурмоиашро аз боло ба поин сила карда, мулоим мегӯяд:

– Фақат ин ки нағз хон. Зеҳни тез дорӣ ту. Агар ба гапам гӯш диҳӣ, ҳатман ба мақсад мерасӣ. – Баъд механдад, чашмони ба ранги осмони беғубор кабуд ва бануранш танг мешаванд. – Акнун бишин, – таклиф мекунад ӯ, – чой менӯшем. – Ва кафҳои фарохашро хушҳол ба ҳам совида, пеши миз мераваду ба дари кушодаи ошхона нигариста, баландтар овоз мебарорад: – Хунук хӯрдем, Амина, ба мо чои гарм бидеҳ! Қандчой!

Амина – ҳамсараш. Дар китобхонаи мактаби партиявӣ кор мекунад Амина Рамазонова. Вай низ ба мисли муаллим аз тоторҳои Қазон буда, ба тоҷикӣ озод ҳарф мезанад.

– Мо ин забони шарифро дар Бухоро омӯхтаем, – гуфта буд боре муаллим. – Бинед, ки имрӯз чӣ хел кор медиҳад. Ҳазл не, забони Фирдавсӣ аст ин забон!

Амина-апа чой оварда, ба Анвар табассум мекунад. Ва Анвар, аз табассуми беғаши ӯ шармаш андак шикаста, палторо дар кунҷи хона ба пуштаки курсӣ мемонаду омада, аз рӯбарӯи муаллим оҳиста дар канори миз менишинад. Чиллаи зимистон – дар берун барф меборад, боди сард он зарраҳои сафедро тунд печутоб медиҳад. Хонаи муаллим гарму бароҳат аст; чой ҳам гарм, ширин...

– Хайр, оча, ман рафтам, – гуфт Анвар, палторо чаққон ба тан кашида.

Сурати муаллим дар пардаи хаёл монд, баъд ғайб зад.

Соро-хола, гӯё як қад парида бошад, тохта аз ҷой хест ва ҷомаи Анварро ба китфони чун сари сӯҳон борикаш партофта, аз қафои писар ба рӯи ҳавлӣ баромад.

Вақте ки Анвар дар торикӣ ба аспаш зину лаҷом зада, онро аз таки собот берун меовард, Соро-хола ба дарду оҳанги илтиҷо:

– Худатро эҳтиёт кун, писарам, – гуфт.

– Парешон нашавед, оча, хона дароед. Ба ягон ҷои дур рафтан лозим набошад, ман зуд бармегардам, – гуфт дар ҷавоб Анвар ва ҷиранро аз дарвоза бароварда, худро сабук болои зин гирифт.

Пас аз дақиқае Соро-хола, дар гӯшаш шир-шири пасти борону садои суми асп, ки торафт дур мешуд, занҷири дарвозаро баст ва:

– Худоё, яккаву ягона писаракамро дар паноҳат нигаҳ дор! – гӯён тани лоғарашро кашола карда, ба хона даромад.

Оташи манқал хомӯш шуда бошад ҳам, хона ҳанӯз гарм буд. Чароғи карасин хира сӯхта, атрофро базӯр равшан мекард.

«Пагоҳ пилтаашро буридан даркор», – аз дил гузаронд Соро-хола ва муддате дар дами дар беҳаракат истода, ҳушу ёдаш боз ба Анвар пайваст. Дар як дарди ҷигарсӯз вай ба хотир овард, ки писараш соли гузашта ба кадом деҳаи миёни кӯҳҳо калхозсозӣ рафта, баъди чанд рӯз чӣ тавр ба сару рӯи афгору дасти шикаста баргашт.

Он бегоҳ Соро-хола аҳволи ӯро дида, хуб гирист. Сипас «чӣ лозим буд ба ту ҳамин ташвиш? Падару бобоҳоят барин ризқатро аз замин чинда хӯрӣ, ягон ҷоят кам мешавад?!» – гӯён

лату захмашро ба оби гарм шуста, дору-дармон кард; дасти аз ду тараф тахтача монда бастаашро ба меҳр молид. Баъд, ҳангоме ки Анвар:

– Раҳмат, очаҷон, ҳазор раҳмат, – гуфта, ба сари дастархон нишаст, нону пиёба оварда, ба насиҳат гузашт.

– Кай ақлат медарояд, писарам? Сад бор мегӯям, ки худатро ба обу оташ назан, аз мардуми ҷоҳил эҳтиёт бош. Мон, ки ба ҳамон калхоз намешавем гуфта, мушт мебардоштагиҳо дигарон гуфтугӯ кунанд. Дар ин музофот ғайр аз ту ҳам калонтар будагист, охир! Ба ҷандалаи як худи ту олам дарров гулистон намешавад. Ба бисту се даромадӣ; кас дар ин синну сол аз чор тарафи дунё хабар ёфта, қадамашро донista мемонад... Эҳ, писарам, писаракам!

Ба ин гапи вай Анвар хандида:

– Ғам нахӯред, оча, – гуфт. – Ба ман қасди бад рӯй намедиҳад – мо акнун бисёрем. Ба обу оташ ҳам тани танҳо худамро назадаам. Ҳоло дар ҳар як деҳа ғайр аз се-чор муттаҳам дигар ҳама мехоҳанд, ки озодӣ бошад, баробариву бародарӣ бошад, мулк обод гардад, халқ савод барорад... Ҳамин хел, очаҷон. Ҳукумати шӯро чист, одамон имрӯз нағз мефаҳманд; ба қудрати вай, ба адолатпарварии вай эътимод доранд. Ду-се сол пас мебинед, ки калхозҳо калон шуда, қувват мегиранд. Ва ҳар кас аз рӯи заҳмати худ нон мехӯрад, ба молу мулки ҳамсоя чашм ала намекунад. Камбағалӣ нест мешавад, тамоман нест мешавад!

– Кошкӣ, писарам... Лекин гумонам, ки ҳамон вақт ҳам нодор ба нодорӣ мемонаду доро – ба дороӣ.

– Не, оча, ҳаргиз ин тавр намешавад. Ҳукуматамон хеле корҳои шоиста кард. Занҳоро ба озодӣ баровард, қатор-қатор мактаб кушод, магазин кушод; ба безамин замин дод, ба ташна об дод; ҳама баробар шуданд. Ҳоло ҳеҷ кас ҳад надорад, ки ман бой, *вай* камбағал гуфта, мисли пештара забардастӣ кунад. То ба ин дараҷа расидан… эҳа-а, чӣ қадар хунрезиҳо шуданд, чӣ қадар қурбониҳо додем! Барои озодӣ, барои амонӣ; барои он ки мардум инсонвор зиндагӣ кунанд – хонанд, ба рӯи олам чашми ибрат кушода, ба фарқи баду нек расанд. Ниҳоят, серу пур бошанд... Дар як мудати кӯтоҳ ҳамин қадар корҳои хуб кард ҳукуматамон. Дар оянда ҳам

мекунад, аз ин даҳ карат, сад карат зиёдтар мекунад.

– Гапат росту... – ба сухан омад Соро-хола ва дар муқобили фикри писараш боз чӣ гуфтанро надониста, даме хомӯш монд. Сипас дастархонро ғундоштаву як оҳ кашида, илтиҷоомез таъкид намуд: – Ба ҳар ҳол аз худат эҳтиёт шуда гард, писарам. Мебинам, ки корат вазнин, ниятат пок. Аммо ин гирудори шумо ба ҳама маъқул не. Дониста мон – одами бадавлат пулу молашро ба осонӣ намедиҳад; лозим ояд, ба дандонаш ҷанг мекунад.

– Мо ҳам ба даҳони воз намеистем.

Соро-хола ба рӯи Анвар каме назар дӯхта, дар алам сар ҷунбонд.

– Ту дар зиндагӣ азоб мекашӣ, писарам. Тамоми умр азоб мекашӣ.

– Барои чӣ?

– Барои он ки дилат нарм аст. Барои он ки бетоқатӣ; мехоҳӣ ба як дав то манзил расӣ. Ҳеҷ гоҳ ин хел нашудааст, писарам – роҳи одамизод пастӣ дорад, баландӣ дорад, баъзан камтар истода, дам гирифтан лозим. Агар не, нафасгардон мешавад кас, бемор мешавад. Ту ба ин эътибор намедиҳӣ, худам медонаму тохти аспам мегӯӣ. Феълу хӯят ба кӣ рафтааст, ҳеҷ намефаҳмам. Падарат-ку, раҳматӣ, одами баандеша буд.

– Ман чӣ? – хандид Анвар.

– Сабукбор ту, хом ту!

– Эҳтимол... Лекин, оча, шумо бояд донед, ки ҳукумати мо ҳукумати коргару деҳқон аст. Ба хуни мардуми ҷонфидо барқарор шудааст ин ҳукумат. Вай акнун қомат рост карда, рӯз то рӯз мустаҳкам мегардад...

– Бисёр нағз! – гуфт Соро-хола, сухани ӯро бурида. – Маълум, ки бе ту ҳам кораш ривоҷ меёфтааст.

– Ба нағзӣ бе шак нағз, – лаҳзае ба хаёл рафт Анвар. – Аммо душманони мо ҳанӯз кам нестанд.

– Кам ё мӯл, ба ту чӣ дахл дорад?

– Дахл дорад, бештар ба ман дахл дорад. Чунки ман дар ин атроф раҳбари ҷавонон ҳастам. Ҳимоятгари ҳукумати шӯро кӣ – пеш аз ҳама ҷавонон! Мо агар беҳбуди худамонро авло даниста, ба равиши об нигоҳ карда истем, оқибати кор

чӣ мешавад? Рафту душман дар ягон ҷо рахна занад, шаҳидоне ки озодиро ба ивази ҷонашон аз чанголи гургони одамсурат рабуда, дар ҳазор умеду орзу ба ихтиёри мо гузоштаанд, дар гӯрашон паҳлу намегарданд магар?

Ҳамин тавр, ё тақрибан ҳамин тавр гуфтугӯ доштанд он бегоҳ модару писар.

Соро-хола инак чароғро хомӯш карда, ба ҷогаҳ даромад. Хона дар оғӯши сукунат монда буд. Ва ин сукунати вазнин аз тазйиқи торикӣ боз ҳам вазнинтар мешуд. Соро-хола ба гуп-гупи нооромии дилаш гӯш дода, ба чашмони кушода мехобид. Аз берун, аз пушти дару тиреза, шир-шири пасти борон меомад. Вай чунон маҳину беозор буд, ки ба пиндор мехост хаёлҳои мағшуши Соро-холаро аз сар рабуда, ӯро ба хоби роҳат барад.

Пиразан бадард оҳ кашид.

– Яккаву ягона писаракамро дар паноҳат нигаҳ дор, парвардигоро!

...Худи ҳамин вақт аспашро дар саҳни ҳавлӣ ба дарахте баста, Анвар ба кабинети котиби райком даромад. Мирзовалӣ Амонов:

– Бубахш, ки туро дар ин ғояти шаб бедор кардем. Дигар илоҷ набуд, – гӯён аз ҷой хеста, дасти ӯро сахт фишурд.

Анвар дар пеши мизи дароз ба яке аз курсиҳо нишаста, суоломез ба Амонов нигарист. Аммо вай ҳоло хомӯш буд; дар китф палто, папирос кашида, ба шишаи даҳуми як тарафаш каме сиёҳшудаи чароғи карасин, ки дар гӯшаи чапи мизи худаш меистод, андешаманд чашм медӯхт. Сардори милиса низ, дастони сермӯяшро ба манаҳаш такя гузошта, сукут меварзид. Анвар ба вай рӯбарӯ менишаст. Дар байни онҳо чароғи дигар месӯхт. Бо вуҷуди ин хона чандон равшан набуд. Сард ва дилгиркунанда метофт кабинети котиб дар ин шабонгаҳ.

– Хабарат ҳаст, ки ду-се ҳафта пеш Иброҳимбек... ба каллабурҳояш аз дарё гузашта, дар баъзе маҳалҳо якта-нимта тарафдорашро ҷамъ оварда, ба тохтутоз даромада буд, – гуфт ниҳоят Амонов, ба Анвар нигариставу папиросашро дар хокистардон хомӯш карда. – Вале дар ин муддат ӯ аз дасти аскарони сурху фидоиён чунон ба танг омадааст, ки даран-

даи маҷрӯҳ барин орому қарорро надониста, худро ба сад кӯҳу камар мезанад. Дигар чӣ кунад? Осон не, охир – талвосаи ҷон! Аксарияти ҳамсафонаш ихтиёран таслим шуданд, қисме гурехтанд, қисме ба ҷаҳаннам рафтанд. Қисса кӯтоҳ, имрӯз *ҳомии* ислом дар миёни чанд косалеси хуношом деҳ ба деҳу дара ба дара гашта, илоҷи халосӣ меҷӯяд. Аммо нест акнун соҳили наҷот. Ҳамаи роҳҳо бастаанд дар пеши он шағол! Вай худаш ҳам инро нағз мефаҳмад; мефаҳмад, ки рӯзаш башумор мондааст.

– Барои ҳамин ба қӯрбошиҳо истиқлол дода, тавонед, халос хӯред аз чанги куффор, рафту натавонед… аз тақдиратон донед гуфтааст, – ба гап ҳамроҳ шуд сардори милиса.

– Бале... – Амонов аз бари миз хеста, дар рӯи фарши гилӣ каме қадам зад ва боз ба ҷояш омада, аз қуттии пеши чароғ як дона папирос гирифт. Баъд онро дар байни ангуштонаш тоб додаву мулоим карда, ба сухан давом намуд: – Азбаски ноҳияи мо дур аст, дар мубориза бар зидди Ироҳимбек иштирок надоштем, ба ин ҳоҷат ҳам набуд. Аммо имрӯз вазъият тағйир ёфтааст. Хабар омад, ки баъзе дастаҳои парокандаи Иброҳимбек аз Боботоғ гузашта, ба кӯҳҳои мо дохил шудаанд. Онҳо бе гумон як мақсад доранд: агар тавонанд, раҳорах аз мардуми бегуноҳ алами худро ситонда, ба илоҷе то Келиф расида, пас дарёро убур кунанд. Гӯё дар он ҷойҳо сарҳад бесоҳиб аст. Аҳлашонро нахӯрда бошанд...

– Гушна ба шер задааст, – хандид сардори милиса.

– Рост, одамизод… ба танаш оташ афтад, шиноварӣ карда метавонад ё не, ҷониби дарё метозад, – гуфт Амонов, папиросашро даргиронда. Баъд боз ба Анвар нигарист. Ин дафъа қадре кушода буд чеҳрааш. Чашмони калон-калони ӯ дар зери абрувони сиёҳи ғафсаш равшан ва хеле зинда метофтанд. Партави чароғ ба як бари рӯи сергӯшташ афтида, онро боз ҳам сафедтар менамуд. – Хулоса, мо қарор додем, ки ба таъқиби аскарони сурх нигоҳ карда нашишта, чун солҳои пешин… ба *меҳмонони* нохонда худамон машғул шавем. Чӣ гуфтӣ?

– Дуруст, – ҷавоб гардонд Анвар.

– Саломатиат чӣ тавр?

– Бад не, – лабханд кард ӯ.

– Модарат чӣ?

– Он кас ҳам хубанд.

– Пас ту тайёрӣ?

– Бе чуну чаро...

– Аз ҳисоби камсамолонат чанд касро ҳамроҳ гирифта метавонӣ?

– Панҷ-шаш нафар ҷангдида ҳастанд, лекин силоҳ надоранд. Ғайр аз ин… баъзе аз онҳо пои пиёда.

– Силоҳ меёбем, – гуфт Амонов, ба сардори милиса чашм дӯхта. – Асп ҳам... Шуморо ба аспу силоҳ ана... рафиқ Каримов таъмин мекунад. – Ва боз ба Анвар рӯй овард. – Худат чӣ?.. Асп дорӣ. Ба гумонам, ҷанг надида бошӣ ҳам, тират ба нишон мерасад.

– Каму беш, – сар ҷунбонд Анвар, беихтиёр ба ғилофи наган даст бурда.

– Тирандозии ӯро ман борҳо санҷидаам, – гуфт Каримов, мӯйлаби ғулии зардчатобашро қаноатманд сила карда. – Аз ин ҷиҳат осуда бошед, бехато мезанад.

Амонов, ки аз чеҳраи гандумгун ва ҳаяҷонгирифтаи Анвар чашм намеканд, даме хомӯш нишаста, ниҳоят аз байни дуди папирос қатъӣ ба сухан омад:

– Хуб, пас то сари субҳ *ҳамон* панҷ-шаш нафари гуфтаатро ҷамъ оварда, як дастаи мусаллаҳ тартиб медиҳӣ. Дараи Оҳугузар то худи деҳаи Нилу дар ихтиёри шумо мемонад. Ту он ҷойҳоро нағз медонӣ. Нилу зодгоҳат, бо вуҷуди ин эҳтиёт бош. Аксар кормандони райком ва идораҳои дигар низ ба ду даста тақсим шуда, тарафи шимолу шарқи кӯҳи Чилчароғро зери назорат мегиранд. Ба осудагии деҳоти ҷануби ноҳия рафиқ Каримов ҷавобгар аст. Одамони ин кас тахмин ним соат боз дар роҳанд. Дуруст мегӯям? – пурсид Амонов, ба сардори милиса нигариста.

– Бале, – сухани ӯро тасдиқ кард Каримов. – Ман худам саҳарӣ ба раҳ медароям.

– Фаҳмидӣ албатта… вазифаи шумо ҳам душвор.

– Фаҳмидам, – гуфт Анвар, ки аз симои котиби райком як олам эътимоду меҳри бародарона мехонд.

– Пас ҳоло аз паи кор шав.

Анвар бархост.

– Шарт нест, ки мо *онҳоро* саросар паронда, ба гӯри торик андозем, – дасти ӯро фишурда, ба оҳанги таъкид гуфт Амонов. – Чунки дар байни он дарандаҳои хомхаёл камбағалоне ҳастанд, ки фирефта шуда, раҳгум зада, оқибат бехонумон гардида, имрӯз чӣ кор карданро намедонанд.

– Рост...

– Ман бовар дорам, ки маҳз ҳамонҳо ба деҳу манзили худ баргашта, осуда умр ба сар бурдан мехоҳанд. Аммо метарсанд; метарсанд, ки ҳукумати шӯро душман гуфта, онҳоро ба қатл мерасонад, ё ба ҳабс мегирад, ё ками камаш... ба муддати даҳ-дувоздаҳ сол ба ҷойҳои носоз бадарға мекунад. Саронашон аз дари ҳамин тартиб афсонаҳо ба тарафи худ кашидаанд он берӯзиҳоро! Бинобар ин ҷояш ояд, аввал чӣ будани ҳукумати коргару деҳқонро ба онҳо дуруст фаҳмонед; фаҳмонед, ки мо барои чӣ ин қадар қурбониҳо дода, инқилоб кардем.

– Ҳатман, то метавонем...

– Агар нафаҳманду дар қасди ҷонатон бошанд... аз худ домангир шаванд. Шумо ҳам дил доред, ҳис доред, тиру туфанг доред. – Амонов дасти Анварро боз як бор фишурда, ӯро то пеши дар гусел кард. – Роҳат сафед! Ба воситаи одамони дилпур аз аҳволат ба мо хабар расонда ист... Кӯшиш кун, ки пагоҳӣ зудтар ба роҳ дароед. Вақт ғанимат!

Ҳангоме Анвар дарро кушода, аз кабинети котиби райком ба долон мебаромад:

– Ман шуморо дар идораи милиса интизор мешавам, – гуфт аз қафо Каримов.

– Хуб, – ба сӯи вай андак тоб хӯрда, ҷавоб гардонд Анвар ва дарро пӯшида, аз долони нимторик, ки дар тоқчааш фонус даргиронда буданд, бо қадамҳои устувор ба саҳни ҳавлӣ баромад.

Асп ӯро дидан замон ёл афшонда, як шиҳа кашид. Паст, вале башиква буд шиҳаи ҷиран! Шаб торик бошад ҳам, ба Анвар лаҳзае чунин намуд, ки дар пешонии ҷонвар танга барин гули ситора дурахшид.

Асп боз, ин дафъа баландтар шиҳа кашид.

«Маълум, ки тар шудааст қашқаи ман, ҷирани ман...» – аз дил гузаронд Анвар ва дар шитоб назди он рафта, сарашро

сила кард; аз сафедии пешониаш оҳиста бӯсид. Кафи дасту лабони худаш ҳам якбора тар шуданд.

Борон монда буд. Аз ҳама ҷо – аз замин, аз осмон, аз долу дарахт, аз раҳу пайроҳа ва ҳатто аз мағз-мағзи торикӣ бӯи баҳори кӯҳистон меомад.

Асп акнун ором гирифта, маҳин пой мекӯфт. Бо вуҷуди ин аз зери сумаш, каме бошад ҳам, лой чарахса мекард.

Равшан буд, ки рӯи осмон тадриҷан аз абрҳо кушода мешавад: аз ин канору он канораш гоҳо ситорае тофта, нури сарди худро ба замин мефиристод. Вале дар шимолу ғарб, дар фарози кӯҳи Чилчароғ, паиҳам шӯълаи барқ ҷаҳида, хурӯши пасти раъд ба гӯш мерасид. Гӯё аз қабати абрҳои он қитъа аспи тезтаке тозон мегузашт. Ва аз дави ҳамон аспи болдори афсонавӣ ва дурахши қамчини тиллоии савораш деве аз хоб бедор шуда, ба ғур-ғур паҳлу мегашт. Балки ҳамёза мекашид...

Ба фарқи кӯҳи Чилчароғ боз шӯълаи барқ дамид, аз паси он садои раъд омад. Ва дар осмон, дар болои сари Анвару аспаш, боз як ситора шукуфт.

Ҷиран ёл афшонда, ҳамчунон оҳиста сум мезад. Анвар, дар дасташ ҳалқаи лаҷом, беҳаракат меистод. Вай фикр мекард, ки нахуст ба хонаи кӣ равад. Ба хонаи Мурод ё Саид?

«Аввал рафта Муродро бедор мекунам», – гуфт ӯ ниҳоят дар дил ва аз қоши зин гирифта, пой ба рикоб бурд.

## 2

Усмон Азиз, дар китфаш ҷомаи бахмали сабз – беастар ва шерозадор буд ҷома, – дар сараш саллаи кабуди пешоварӣ, дуртар аз арчаи садсолае ба рӯи зину зинпӯши зебо нишаста, дар ҳасрат ба дара менигарист, ки он тахмин як санг тӯл кашида ва торафт кушода шуда, ба водии Гардон мерасид. Даҳ қадам поинтар аспи сиёҳи миёнаш дароз ва борикпой гӯшҳояшро сих карда, ба боло, ба қуллаҳои барфпӯши кӯҳи Чилчароғ чашм медӯхт. Дар таки ҷул ва ҳалқаи расан меистод вай. Ёли ҷилодораш андак равшани моил ба ҷигарӣ буд; гоҳо сар афшонда, дар гирди гулмех қариб тозон чарх мезад. Аммо фурсате нагузашта, боз дар ҷояш қарор мегирифт. Ва гардан афрохта, гӯё дафъатан ба боло, ба қул-

лаҳои нӯктез нигоҳ мекард. Чунин менамуд, ки дар чашмони ҳайрон ва мисли чоҳ амиқаш ҳоло ашк давидааст.

Шояд рӯзҳои гузаштаро ба ёд меовард ҷонвар; он айёмеро ба хотир меовард, ки дар байни галаи худ озод ва беғам буд; дар зери офтоби гарму осмони кабуд, дар водии сабзи беҳудуд гирди як тойчаи хушсурат парвона мешуд... Акнун куҷост он дӯсти бодпояш? Дар водиҳо набуд, надидаш дар водиҳо! Эҳтимол дар *ҳамон* кӯҳ бошад. Шояд ин дам сарсари ана он қуллаҳои баланд, чун дар хобаш, тиросо парвоз карда гузарад... Гала чӣ? Нест имрӯз он галаи хурӯшон, ки хирмани бузурги оташи сӯзонро мемонд! Ба сони бод аз як ҷой ба ҷои дигар кӯчида, оламро пур аз сурур мекард; дар пеши чашмони ҳанӯз ғамнадидаи вай дунёи тоза ба тоза мекушод...

Усмон Азиз оҳ кашида, нигоҳашро ба сиёҳмушкин пайваст. Асп, ки аз болои сари ӯ ҳамон ба фарози кӯҳ назар медӯхт, вазнин бинӣ афшонда, гирдогирди гулмех боз ба гардиш омад.

«Ту ҳам мисли ман оворай, – аз сиёҳмушкин чашм наканда, ба ҳасрат гуфт Усмон Азиз. – Дилат паноҳ мехоҳад; соботу охури баланд мехоҳад, ҷав мехоҳад. Чунки деҳ ба деҳу дара ба дара гашта, дар зери рони ин савори сиёҳбахтат хаста шудаӣ. Аммо ку ҳамон паноҳ, куҷост он манзил? Нест... ва намешавад. Дар ин диёр ману ту ғарибем, овораву бехонумонем. Бале, бехонумон!»

Дафъаи чандум буд, ки асп боз дар ҷояш қарор гирифт. Баъд ба пои пешаш хоки серрутубату сангрезаҳоро пош дода, сахт шиҳа кашид. Усмон Азиз бархоста, даст ба пушт, оҳиста-оҳиста ба тарафи хаймаи сабзтоб ва сабуки англисӣ рафт, ки болотар, дар байни арчаҳои баланд воқеъ буд. Аз поин, аз гирду пеши хаймаи дуюм, ба шиҳаи дардноки сиёҳмушкин... паст ва кадоме ба дили нохоҳам бошад ҳам, аспҳои дигар паёпай ҷавоб гардонданд. Онҳо низ дар таки ҷул ва асири ресмон буданд; ба сабзаи наврустаи атрофи мехҳояшон коҳилона даҳон мебурданд.

Дар назди хайма гулхане фурӯзон буд, ки ба вай як марди чорпаҳлу, аз болои ҷомаи ғафсаш қаторвазна кашида, ҳар замон шоху шаббаи хушк мепартофт. Тахмин чилсола ва

тирарӯй буд мард; аз чашмони мешии карахташ чизе хонда намешуд, гӯё нур надоштанд онҳо. Шоху шаббаи ба даст гирифтаашро қариб як навъ шикаста, баъд оҳиста дар оташ меандохт...

Дуртар аз ӯ чор-панҷ нафар марди ҷавону миёнсол, ки ҳама риш ё мӯйлаб дошта, ба камарашон – монанди якумӣ – аз сари китф гузаронда, низ қаторвазнаҳои пур аз тир баста буданд, дар болои зину афзори аспи худ нишаста, гоҳ-гоҳ ба ҳамдигар гап мезаданд. Аз чеҳраи дар офтобу боду борон шахшӯл ва сиёҳтоб гардидаашон аён буд, ки онҳо дар интизори кадом як ҳодисаи нохуш нафас мегиранд. Дар пеши пояшон, дар рӯи сабзаи оғушта ба шабнам, туфангҳои ёздаҳтираи ангилисӣ мехобиданд.

Аз муқобил, аз пушти кӯҳи Боботоғ, ки он ҷо шафақ ба ранги хуни равон буд, ногаҳон офтоб сар зада, нахустин нурҳои ларзонаш ба қуллаҳои пурбарфи Чилчароғ акс ёфтанд.

Худи ҳамин лаҳза аз поин, аз байни буттазори ғулӣ, ки охираш ба қаъри дара мерасид, марди дигаре, дар ду дасташ ду чойҷӯши калони мисин, ланҷу лангок берун омада, ба гулхан наздик шуд. Ва *борашро* ба димоғи сӯхта дар миёнаҷои оташ монда, қомати кӯтоҳашро рост кард; қаторвазнаҳои сари китфу камарашро ба тартиб овард. Тап-тап пой кӯфта, лои мӯзаашро афшонд. Сипас ба чеҳраи ғамгини шарикаш, ки ҳоло ба дуриҳо чашм дӯхта, дар даст шохи нимпӯсидаи арча, ҳайрону ноҷунбон меистод, ба диққат нигоҳ карда, маънидор сурфид. Аммо вай, чунон ки шах шуда бошад, ҳолаташро тағйир надод, ҳатто мижааш хам нахӯрд.

– Қурбон!

Ин дафъа низ гӯё ҳарфе нашунида, ӯ ҳамчунон хомӯшу беҳаракат монд.

– Қурбон мегӯям, – такрор кард марди обоварда.

– Чӣ гап дорӣ? – пас аз фурсате сукут ба вай як назар давонда, пурсид ниҳоят Қурбон.

– Наомад?

– Кӣ?

– Намедонӣ кӣ?! – дар қаҳру нафрати ошкоро ба гулхан туф андохта, ғурунгос зад ӯ.

– Ба оташ туф накун, Ҷалол! Фаҳмидӣ... туф накун. Убол

аст, охир... Чанд бор гӯям?!

– Ту рӯзҳои охир бисёр доно шудаӣ, – ғашаш омада, ба зарда гуфт Ҷалол. – Корат фақат ақл ёд додан: ба об туф накун, ба оташ туф накун, мӯрча дар таки поят намонад, рафту тортанакро бинӣ, даст нарасон, накуш. Убол, ҳамааш убол! – Вай дақиқае хомӯш истода, баъд якбора фишос зад: – Одамкушӣ чӣ? Одамкушӣ убол нест? Хонумонсӯзиву зӯроварӣ чӣ? Ба анбори гандуму дастархони нон оташ монда, гӯшу бинии мардуми бегуноҳро бурида, боз номи худову пайғамбарро ба забон гирифтан чӣ?.. Инаш убол нест? Ку гап зан! Инаш убол нест?

– Агар *вай* ҳамин гапатро шунавад, – гуфт Қурбон, ба тарафи хаймаи якум, ки аз байни арчаҳо қариб наменамуд, ба нигоҳи тарсомез ишора карда, – забонатро аз пушти гарданат мекашад.

– Кашад, бигузор кашад! – чашмонаш нохост хун гирифтаву аз хона ҷаста, гуфт Ҷалол. – Дар ин дунё аз шутур калонтар филҳо ҳастанд. *Вай* ҳам, Иброҳимбекат ҳам, они дигараш ҳам ягон рӯз ҷазояшонро мебинанд...

– Бас кун!

– Бас накунам, чӣ? Рафта хабар медиҳӣ?

– Не, ман дар умрам хабар накашидаам. Лекин дигарон... мабодо шунаванд, нағз намешавад. Ҳоло рав, камтар дам гир. Рав...

– Мани сарсахт дам гирам, кӣ чой меҷӯшонад? Кӣ ғами дастархонро мехӯрад?

– Ман... Ту рав, ором шав.

– Не, ошно! Ҳар кас вазифаи худашро адо кунад, – гуфт Ҷалол ва муддате ба ҷониби дара, ки дар як хами он, аз ин ҷо тахмин ним санг поинтар, деҳаи хурди Сияҳбед чун авули танҳо ба назар мерасид, чашми дашном дӯхта, дар ситез суханашро идома дод: – Офтоб баромаду аз вай лаънатӣ ҳоло ҳам дарак нест.

– Киро мегӯӣ? – пурсид Қурбон ва шохи дар дасташ будаоро ниҳоят ду ҳис карда, ба оташ андохт.

– Ҳалимбой...

– А-а-а, наомад гуфта, ҳамонро мепурсидӣ?

– Бале, ҳамон рӯбоҳи тулакро пурсида будам; ҳамон каф-

тори лошахӯрро, ҳамон шағоли бадбӯйиро. Дар сари як коса об меларзад ҳаромӣ! Ҷон медиҳаду ба касе луқмаи нон намедиҳад.

– Барои чӣ ин хел мегӯӣ? Се рӯз боз моро мехӯронад...

– Ҳамааш аз тарс. Вагарна дар ҷои нону ош ба косаат санги сепарра меандозад. Аз афташ маълум, аз чашмони бозигараш маълум. Ғайр аз ин… сарулибосаш чӣ? Бой бошад ҳам, аз гӯлахии Пешовар бадтар. Ё ту надидӣ?

– Хайр, шуд, – гуфт ба оҳанги норизоӣ Қурбон ва боз ба кӯҳҳои Боботоғ рӯй овард, ки аз дуриҳои дур, аз канори водии Гардон, бисёр хира ва...

Чун дар тасарруфи туман хокистарранг метофт.

Ин дам қурси офтоб қади найза боло шуда, оламро мунаввар менамуд. Дар вусъатободи кабуд ҷо-ҷо абрҳои сабук шино мекарданд. Нишебиҳои дара, талҳои пасту баланди домани он ва ҳама водии Гардон, то ҳадде ки чашм мерасид, сабзпӯш буданд. Аз қаъри дара шуввоси рӯд меомад. Дар ин айёми боронҳои ҳамал пуробу хурӯшон буд дарёчаи кӯҳӣ! Аспҳои баста фириқ-фириқ бинӣ меафшонданд, сум мекӯфтанд; дум ҷунбонда, бемалол алаф мехӯрданд. Онҳое ки дар болои арақчин ё зину чиргии ҷонварони худ менишастанд, ҳамчунон пакар буданд, ба якдигар қариб гап намезаданд. Оби зарфҳо дар миёни гулхан баланд меҷӯшид. Ҷалол наменамуд; аз паи коре ба хайма даромада буд.

«То куҷо мегурехта бошем?» – гуфт дар дил Қурбон ва аз ҳавои ҷонбахши кӯҳистон чуқур нафас гирифта, дуртар аз оташ ба рӯи санге оҳиста нишаст.

– Дер кард ин бои шабушкин! – овоз баровард Ҷалол, ки дар як даст пиёлаву дар дасти дигараш чойхалтаи нима, мурғи посӯхта барин ҷонсарак аз хайма берун мешуд.

– Меояд, ҳамин замон меояд, – гуфт Қурбон, ба бетоқатии ӯ саҳл табассум карда.

Ва аҷаб...

Фурсати як мижа задан нагузашта, дар пайроҳаи байни буттазор воқиан ҳам маркабе намоён гардид, ки дар пушт бордони вазнин дошт. Хар бисёр пир, лоғар... ва шабеҳи хӯрҷини ҳар ду паллааш пур гаргин буд. Аз паси он ҳайвони нимҷон Ҳалимбой, марди шикамкалони рафидарӯй, дар тан

ҷомаи рангаш тамоман паридаи саддарбеҳ, базӯр нафас кашида, лапон-лапон қадам мемонд. Вай тахмин панҷоҳсола буд. Ришу мӯйлаби тунук ва бар замми ин кӯтоҳи мошубиринҷаш ба андоми лӯндаи ӯ хеҷ намезебиданд. Боз... чашмонаш ҳам хунук – калон-калони барҷаста ва сероб буда, чашми ғукро ба хотир меоварданд.

– Омад... Омад занғар, – зери лаб пичирос зад Ҷалол ва чойҷӯшҳоро аз оташ гирифта, ба ҳар кадом як каф-як каф чои хушк андохт.

Дар ин миён Ҳалимбой ба хайма наздик шуда:

– Иш-ш! – гуфт ба хараш.

Маркаб, ки пойҳои қоқаш захмин буданд, қадре калавида, базӯр истод.

– Хуш омаданд! – аз ҷой хеста, ба овози баланд гуфт Ҷалол.

– Хушвақт бош, додарам, – ҷавоб гардонд Ҳалимбой, ки дар сухани Ҷалол оҳанги нафрину тамасхурро ҳис карда, худро лоилоҷ ба нофаҳмӣ мезад. – Ҷанобашон наметобанд?

– Ҷанобашон дар хаймаи хоса. Истироҳат доранд, ё кӣ медонад, эҳтимол дар ғами ту ва ту барин мумсикҳои шабушкашонро кушта, хунашро мелесидагӣ бошанд.

– Саҳар қатӣ ягон алафи ганда хӯрдӣ?

– Ёфтӣ, аз ҳамон алаф барои ту ҳам эҳтиёт карда мондаам. Як гав бемалол сер мешавад.

– Ту ин гуна бадзабон набудӣ-ку...

Ҷалол ба чашмони бештар дамидаву мутаҳайири Ҳалимбой назар дӯхта, ногаҳон пурсид:

– Чакмани маро намегирӣ?

– Чӣ хел? – мижаҳои тунуки қариб берангаш пир-пир парида, гаранг шуд Ҳалимбой.

– Чӣ хел, чӣ хел... – ӯро акнун масхара карда, Ҷалол пиқ-пиқ механдид. Аммо чашмонаш ғазаболуд буданд. Баъд вай якбора ба худ ваҷоҳати ҷиддӣ гирифт. – *Ҳамин* хел! Аз афту башараат дили кас беҳузур мешавад. Ба ҳолат раҳмам омада, маҷбур гуфтам...

– Кошкӣ! Либоси ту барин ғозиҳо табаррук.

Маркаб бетоқат шуда, пойҳои ҷафодидаашро монугир мекард. Аз боло сиёҳмушкини Усмон Азиз ба хари Ҳалим-

бой ва аспҳои дигар рӯй оварда, сумкӯбон шиҳа мекашид; гарданак зада, гирдогирди гулмех тор метанид.

– Ана ба ту чакман! – гуфт Ҷалол, нарангушташро аз байни ду ангушташ баровардаву дандонҳояшро ғиҷирос занонда. – Табаррук, а! Туро агар дар ихтиёрат монанд, аз мурда кафан мебарӣ.

– Бас кун, Ҷалол, – гуфт аз ҷои нишастааш Қурбон, ки асабонияту тундзабонии шарики худро дида, дар тааҷҷуб меафтид.

– О ту аввал ба сару пои *ин* як нигоҳ кун.

– Ба сару пои ман чӣ кор дорӣ? Хӯрданатро дон.

– Бисёр миннат накун!

– Ман миннат накардаам.

– Ман ҳам... – андак суст шуд Ҷалол. – Дар омади гап гуфтам, раҳмам омада... О ту бой-ку! Сарулибоси озода пӯшида гард, таоми бамаза хӯрда гард.

– Об дар ҷои сахт меистад, додарам. Ҳоло ту хомӣ.

– Хайр, шуд! Дар ин дунё як ту пухта бошӣ, кифоя. Фурор хӯрҷинатро! Чӣ овардӣ?

– Чӣ меовардам?! Нон, гӯшт, тухм, шир, асал... Ба шумоён, охир, озода пӯшидану бамаза хӯрдан одат шудааст.

– Ҳа, одат шудааст. Ба ту чӣ, алам мекунад?

– Не-е, – китф барҳам кашид Ҳалимбой ва аз Ҷалол ба хотири озурда рӯй гардонда, пеши хараш рафт.

– Алам намекарда бошад, дам назада фурор хӯрҷинатро, тезтар фурор! – гуфт Ҷалол, ки ғазабаш худ аз худ боз ба ҷӯш меомад. Баъд вай ба Қурбон нигарист. – Ту ҳам аз ҷоят хез. Рафта ба ҷанобашон гӯй, ки дастархон тайёр. Барам, ё лутф карда, шон ба назди мо, пойлучҳо меоянд...

– Ҳоло тайёр не-ку.

– Тайёр набошад, мешавад! – раги гарданшахиаш ҷунбида, дубора ба оташ туф андохт Ҷалол.

– Забон дар даҳон посбони сар аст гуфтаанд, ошно! Ба эҳтиёт гап зан, – сахт таъкид намуд Қурбон ва бархоста, ба сӯи манзили Усмон Азиз рафт.

Ҷалол аз хайма як дастархони шолро бароварда, назди хӯрҷин омад, ки инак дуртар аз гулхан дар паҳлуи санге меистод. Ҳалимбой бари ҷомаашро ба таки дунбааш монда,

дар пеши хӯрҷин болои санги дигар менишаст. Хар, гӯшҳояш латтавор овезон, аз чашмони ғамнокаш об шорида, саги чӯбхӯрда барин гунаҳкор ба соҳибаш менигарист.

Пас аз каме Қурбон аз хаймаи Усмон Азиз берун шуда:

– Ҷалол! – гуён ба имову ишора ӯро чеғ зад. Ва Ҷалол чойҷӯшу дастархони пур аз гӯшту кулча ва тухми пухтаву мавизи сиёҳро бардошта, рӯболо давид.

– Зуд дигар шудӣ, а! – гуфт Қурбон, даме ки вай чун бод аз паҳлуяш мегузашт.

Ҷалол ба ҷониби ӯ як чашм песонда, чаққон ба хайма даромад. Ғуломвор таъзим карда, ба хоҷааш салом дод. Ва дастархонро кушода, нозу неъмати онро ҷо ба ҷо монда:

– Боз шир ҳаст, асал ҳаст, – гуфт. – Ҳозир меорам.

– Лозим не, – ба абрувони пайвасташ бештар гиреҳ андохт Усмон Азиз, – худатон хӯред. – Сипас ҷомаашро, ки лӯнда шуда, дар рӯи гилем мехобид, чанг зада, кароҳатомез ба пушти болини паҳлуяш партофт. – *Вай* ҳамин ҷо?

– Кӣ? – нафаҳмид Ҷалол.

– Ҳалимбой!

– Ҳа-а, – гуфт ӯ ва аз ваҷоҳати Усмон Азиз ба тахтапушташ сардӣ давидаву кафи дастонаш арақ бароварда, базӯр пурсид: – Чой резам?

– Худам панҷа дорам, – ғурунгид Усмон Азиз. – Ту рафта, ба он бандаи ношукр гӯй, ки назди ман дарояд.

– Кӣ? – чашмонаш пир-пир парида, ба овози ларзон пурсид Ҷалол. Ва ҳамоно хаёл кард, ки қомати кӯтоҳаш аз теғи нигоҳи Усмон Азиз боз ҳам кӯтоҳтар мешавад. – Қурбон?

– Аҳмақ, – гуфт ӯ, чойҷӯшро пештар кашида. – Ҳалимбойро чеғ зан! Аблаҳ набошӣ...

Ҷалол, даст ба рӯи сина:

– Хуб, фаҳмидам, тавба кардам, – гӯён тирвор аз хайма берун рафт.

– Бефаросат, ҳайвон, – гуфт аз қафо Усмон Азиз.

Вақте ки Ҳалимбой дар наздаш ҳозир шуд, вай дар дил ба одаму олам лаънатҳо хонда, беиштиҳо чою мавиз мехӯрд.

– Гузаред, шинед.

Ҳалимбой такагии лойолудашро дар бари остона аз пой кашида, дар канори дастархон оҳиста зону зад. Усмон Азиз

дар пиёлаи дигар чой рехт. Бой аз дасти вай фавран пиёларо гирифта:

– Ба ҷанобашон хизмат шуд, – гуфт дар тамаллуқи ошкоро. – Ман кашам, садқа...

Лекин Усмон Азиз ҷавоб надод. Хомӯш буд ӯ; аз мадхали кушодаи хайма ба берун, ба ёнаи арчазор ва як пора осмони болои он менигарист. Осмон тоза, каб-кабуд ва ниҳоят баланду пурасрор буд. Дили ба тазйиқ омадаи Усмон Азиз мехост, ки дар ин саҳари баҳорон аз қафаси сина берун ҷаста, дар сатҳи он паҳнои беолоиш ва дур аз ғаму ташвиши дунё... сабук ба парвоз ояд; дар мағз-мағзи ранги лоҷувардӣ ва чун пари қу нармаш ҳал шуда, дигар ба ин замини саросар гуноҳ барнагардад.

Аммо баланд аст осмон, охир надорад. Ва дасти Усмон Азиз ҳаргиз ба вай намерасад!

Ҳалимбой ба шиму кители дорчинранги аз мӯинаи англисӣ ҳарбиёна дӯхтаи зебо, китфбанду тасмаи чармини сербар, ғилофи чӯбини маузер... ду тирдони низ чармини ба тасма ҳамоил ва мӯзаи аълосифати Усмон Азиз гоҳо назар давонда, нигоҳаш таҳтан лус, ба сад андеша мерафт. Ҳама вуҷудаш дар қабзаи як эҳсоси нохуш монда, фикр мекард, ки ӯ дар сар чӣ хаёл дорад. Ҳоло ба вай чӣ мегӯяд? Сабаб чист, ки дар муддати ин се рӯз табъаш гӯё соат ба соат хиратар мегардад? Ғамгинанд чашмони сиёҳ ва тезаш...

– Ҷанобашон бемор-ку нестанд? – пас аз дудилагии зиёд пурсид ниҳоят Ҳалимбой.

– Бале, ман беморам, – гуфт Усмон Азиз, ки ҳамчунон ба арчазори сабзу осмони кабуд менигарист.

– Ягон ҷояшон дард мекунад?

Мисли он ки моту мабҳут шуда бошад, Ҳалимбой аз ришу мӯйлаби қиргун ва ба ҳавсала шоназадаи ӯ чашм канда наметавонист.

– Не, ҳеҷ ҷоям дард намекунад, лекин дардмандам.

Аз ин сухани Усмон Азиз, ки бисёр баҳасрат ва маънидор садо медод, Ҳалимбой чизе нафаҳмида, сар хам кард. Вай акнун ба кулчаҳои ширмоли рӯи дастархон, ки субҳи содиқ занашу синҳораш пухта буданд, ҳарисона чашм дӯхта, дар як алами ҷигарсӯз оқибати худро меандешид. Имрӯз на-

бошад, пагоҳ оилаи ӯро ҳам ба калхоз даро мегӯянд; ё кӣ медонад, аз рама-рама бузу гӯсфандаш ҷудо карда, ба ғарибӣ мефиристанд. Нағз, ки гаву гӯсолаҳояшро фурӯхт; қанор-қанор пашму дарза-дарза пӯст ва даҳҳо шикамба равғани зардро ҳам бароварда фурӯхт. Вале он ду аспи таърифиаш ҳайф шуданд. Чор-панҷ сол қабл аз ин барои аскари сурх гуфта, одамони ҳукумат аз таки собот бе пӯшт-пӯшт гирифта рафтанд. Бадбахт будааст вай, Ҳалимбой... маълум нест, ки дар оянда ҳолаш чӣ мешавад, давлаташ ниҳоят ба кӣ насиб мекунад. Пеш ба як мутеи дари хона ё чӯпонаш хизматона гуфта, соле шаш-ҳафтгазӣ карбосу алача ва ягон буз ё гӯсфанди хароб диҳад, дар дунё аз ӯ каси нағзтар набуд.

Ҳоло чӣ? – эҳа... ҳоло чӯпон ҳам, ятим ҳам, калу кӯр ҳам… қисса кӯтоҳ, кулли он махлуқон хеле доно шудаанд, аз рӯи меҳнати худ ҳақ мепурсанд. Не гӯю рӯзатро бин! Даррав ба ҳукумати шӯро арз мекунанд. Албатта, онҳо акнун пушту паноҳ доранд. Акнун давр – даври мардуми нодида... Олимхон, амири беинсоф, мулкро ба дасти гурӯҳ-гурӯҳ кофир ва ёғиву тоғӣ супурда, чун як махлуқи буздил, ки вақти корзор пушташро нишон медиҳад, саркану покан гурехт. Иброҳимбек ҳам чанд сол муфт тохтутоз карда, хуни бисёр рехта, оқибат аз паи Олимхони манғит рафт. Имрӯз ана… беибо баргашта, яқин дар бало мондааст; намедонад, ки аз чанги марг чӣ тавр раҳо ёбад. Хом будааст, хом! Хом набошад, аввал хуб адабашро дида, боз ба ин пойлучони худобехабар дастбагиребон мешуд?

– Бой! – гуфт Усмон Азиз, нигоҳашро аз берун кандаву пиёлаи холиро оҳиста дар назди чойҷӯш монда.

Ҳалимбой як қад парида, аз рӯи дастархон сар бардошт. Чашмони давида баромадааш пур аз таҳлука, беқарор ва дар айни замон хушомадгӯй буданд.

– Лаббай, тақсирам!

– Ман меравам, аммо то рафтан аз шумо баъзе чизҳоро пурсидан мехоҳам.

– Гӯшам ба ҷанобашон.

– Аввало ин ки аҳволатон чӣ тавр?

– Аҳволам ана… аз худашон гап намемонад. Ранг бину ҳол пурс гуфтаанд.

– Ман саломатиатонро дар назар надорам. Медонам, ки бардамед, бақувватед. Шумо баринҳо ҳаргиз бемор намешаванд.

– Кошкӣ!

– Ман донистанӣ, ки зиндагиатон чӣ гуна. Дар ин солҳо чӣ кор мекардед? Шояд азоб кашидед? Давлататон зиёда мешуд, ё баръакс...

– Напурсед, тақсир; напурсед, ки дилам ғарқоби хун. Дар бисотам ғайр аз ду-се рама бузу гӯсфанд дигар чизе намонд.

– Рамаатон ба назарам бисёр буд.

– Як қисмаш ҳаром мурд, аз ланг... Як қисмашро ҳаққи хизматамон гуфта, чӯпонҳо гирифтанд. Боз мегиранд... Як қисмашро фурӯхтам – рӯзгор-дия, тақсирам, рӯзгор! Хӯрок лозим, пӯшок лозим. Ин ҳукумат ҳам ту бадавлат гуфта, ҳар сол нав ба нав андоз мебандад. На гав монд, на асп монд. Хуллас, ки сарҳисобамон гум: оина будем, мӯҳтоҷи хокистар шудем.

– Шумо хеҷ вақт оина набудед.

– Чӣ хел...

– Ҳамин хел!

Ҳалимбой гардани ғафсашро ба гиребони ҷомаи чиркин кашида, дар як ҳолати раҳмовар ба сукут рафт.

– Дигар ин ки, – гуфт ба тамкин Усмон Азиз, – ману шумо чанд сол инҷониб шиносем?

– Ягон... бист-бисту панҷ сол шудагист.

– Рост, ман ҳисоб кардам, ки расо бисту чор сол боз шуморо мешиносам. Агар шаш соли ахирро ба ҳисоб нагирем, дар ин муддат ба хонаи ҳамдигар борҳо меҳмон шуда, аз дастархони якдигар бисёрҳо нону намак хӯрдаем.

– Албатта!

– Пас чаро ин дафъа рӯихуш нададед?

– Ба кӣ?

Дар лабони Усмон Азиз як табассуми заҳрогин дамида, ҳамоно нопадид гардид.

– Ба кӣ мегӯед? Ҳмм... нафаҳмида бошед, ҳоло фаҳмед, бой: ба *мо!*

– Тақсирам, аз будаш...

– Ман ба буду набуди шумо кор надорам. Ман гуфтани-

ам, ки ҳатто ба ҳавлиатон даромадан намондед моро. Оё фикр кардед, ки баъд аз ин ман дар назари ҳамроҳонам чандпула одам шудам?

– Тарс, ҷанобашон, тарси зормонда...

– Аз кӣ метарсед?

– Аз ҳукумат, аз мардуми пойлуч, суханчин...

– Яъне мо агар эҳтиётан хайма намедоштем, мабодо ки шумо тарсед гуфта, саги дайду барин дар зери жолаву борон мемондем?

– Дигар илоҷ набуд, тақсир. Дар хонааш босмачиҳоро меҳмон кард гуфта, ягон беимон рафту ба *онҳо* хабар расонад, аҳволи мани бетолеъ чӣ мешуд?

Аз ин гапи вай ба танаш раъша давида, Усмон Азиз сахт ба ғазаб омад; қариб буд, ки чойҷӯши дар пешаш истодаро бардошта, рост ба каллаи ғафси ӯ андозад. Лекин худдорӣ намуд – дандон ба дандон монда, сараш камтар хам, фурсате ба хаёл рафт. Сипас гуфт:

– Ман ҳеҷ гоҳ босмачӣ набудам, бой! Ба андеша гап занед. Босмачӣ – дузди шабгард, бедиёнат, хонасӯз, харобкор! Аз қадим ҳамин тоифа махлуқони худобезор босмачӣ ном доштанд. Аммо ман... дониста монед: ман босмачӣ нестам, ман *душман!* Душмани ҳамаи он куффор, ки дар даст туфангу шамшер, гурги гушна барин нохост ҳамла оварда, сарзамини мусулмонободи моро олуда карданд; аз рӯзе ки қадами шумашон ба ин хоки пок расид, акнун зану мард ва нағзу бад баробар гуфта, девонавор гулӯ медаронанд. Вале асло ин тавр набуд ва намешавад. Рафту ҳама баробару бародар шаванд, пас ҳеҷ кас аз таҳти дил кор намекунад; дунё пур аз фиребу фитна мегардад. Эътиқод ба худову пайғамбар, ба азизу авлиё, эҳтиром ба падару модар ё одами синну солаш калон аз миён меравад. Ман... ман инро ҳаргиз намехоҳам, ҳаргиз! Масалан, шумо... оё шумо дар чунин шароит молу мулкатонро дар байни чанд бенаво тақсим карда, ман ҳам яктаи онҳо гуфта, хотирҷамъ гашта метавонед?

– Зӯр оянд, дигар чӣ илоҷ? Мегӯянд, ки дар водӣ бисёр касон замин ё чорво, умуман... кулли бисоташонро ба калхоз додаанд.

– Кулли бисоташонро ба калхоз дода, худашон дар зин-

донҳо мепӯсанд, ё ин ки бадарға шуда, дур аз ёру диёр оқибат ба хоки сиёҳ мераванд. Ҳамин тавр?

– Ман надонам...

– Медонед, нағз медонед! Имрӯз набошад, пагоҳ навбати шумо ҳам мерасад. Сазои саратон! Чунки ба касофати шумо барин мардуми носерам мулк вайрон шуд. Шумо ғайр аз қатор-қатор сандуқ, даҳҳо оғилу анбор ва як рӯдаву меъдаи бадбӯятонро пур карда, тағора барин шикам мондан дигар ғам надоштед. То ки бештар давлат ғундоред, муздуру чоряккор ё чӯпону хизматгор нагуфта, ҳаққи ҳамаро медуздидед; одами аз худатон камбағалро рӯирост наҳ мезадед, таки по мекардед. Имрӯз ана… ба ғазаби худо гирифтор шудед. Ниҳояти дунёдаркашӣ ҳамин!

– Чӣ, фақат ман...

– Суханамро набуред, – гуфт Усмон Азиз ва баъде ки ӯ тарсида, зуд лаб фурӯ баст, илова намуд: – Ба ҳар ҳол шумо ҳам бегуноҳ нестед. Рӯбоҳ шудан лозим буд дар вақташ; рӯбоҳ шуда, ба номаш мискин, ҳеҷ набошад, забон дода, онҳоро дар банд нигоҳ доштан лозим буд; баробари пулу мол ғундоштан ғами мулкро ҳам хӯрдан лозим буд. Лекин шумо ин хел намекардед. Даҳ ангуштро якбора ба даҳан зада, сад касро ранҷонда, фақат аз паи бузу гӯсфанд метохтед. Шумо, бой, аз рӯзи азал касиф будед, касиф! Омада-омада... ба ман ҳам расид касофати шумо.

– О барои чӣ касофати мани меҳнатӣ...

– Меҳнатӣ бошед ҳам, ҳоло ҷим шинед.

– Аз дасти пойлучҳо...

– Ҷим шинед гуфтам! Кошкӣ ҳамон пойлучҳое ки бад мебинед, акнун ин тани ба ҷуволи гӯшт монанди шумо чандапӯши сандуқаш пур аз тиллоро ба думи асп баста, азоби дӯзахро дар чашматон нишон дода, баъд чун саги девона мекуштанд!

– Охир, чӣ кор кунам буд? Ҷанобашон нағз медонанд, ки як гӯсфанд ба осонӣ дута намешавад. Барои ҳамин шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта, нахӯрдаву напӯшида, мудом ранҷ мебурдам; дилу ҷигарам ба даҳан омада, метохтам...

– Рост, як гӯсфанд ба осонӣ дута намешавад, лекин қаноат чизи хуб аст. Дар каломи шариф ҳам фармудаанд, ки бан-

даи мусулмон ба шикамаш бояд санги қаноат бандад. Шумо чӣ? Шумо-мардум ба дута шудани як гӯсфанд мемуреду… эҳа, қаноат намекунед; шумо мехоҳед, ки вай зудтар ба чорта расад. Беҳуда нагуфтаанд: чашми танги дунёдорро ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр. Модом ки қаноат надоштед, акнун ҳаққи ҳалолатон – хоки гӯр интизор шуморо!

– Худашон, – мисли қаланфур сурх шудаву забонаш гирифта, базӯр гуфт Ҳалимбой, – бадавлат буданд...

– Ман ҳоло ҳам бадавлатам! – чашмонаш барқ пошида, ногаҳон дод зад Усмон Азиз. – Аммо дар ҳаққи даҳмарда ё хизматгорам ҳеҷ вақт ранги шумо зулм накардаам! Ман давлатамро асосан аз падар мерос гирифтам, падарам аз падараш... Падару бобои ман одамони тақводор буданд. Бештар мағзатро кор фармо мегуфтанд; чунон кор фармо, ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад мегуфтанд. Бинобар ин ман ҳатто саги дари хонаамро сахттар тур намегуфтам, ки мабодо ягон рӯз аз банди поям гирад. Ҳамроҳи чӯпонҳоям ба кӯҳу камар ё дашту даман рафта, ҳафтаҳо молбонӣ мекардам, ки онҳо худашонро аз ман кам дониста – одамизод ҳар хел, – мабодо дар қасди ҷонам шаванд. Лекин шумо... бисёри шумо шикаматонро хорида мегаштед. Фаразан ягон хизматгоратон аз дунё гузарад, гӯру кафан кардан он тараф истад, ҳатто ба ҷанозааш намерафтед.

– Баъзан мешуд. Лекин ҳоло...

– Ҳоло, ҳоло... Чӣ ҳоло? Ҳоло ҳам тинати шумо ҳамон тинат! Фақат ин ки аз кофирҳо метарсед. Пештар, масалан, ба чӯпонатон дар як сол як гӯсфанд медода бошед, ҳоло эҳтимол ду гӯсфанд диҳед.

– Дуруст мегӯянд ҷанобашон, ду гӯсфанд...

– Сабаб?

– Ҳукумат фармудааст. Ду гӯсфанд медиҳаму боз розӣ нестанд.

– Дидед? Рафту дар бало гирифтор кунанд гуфта, аз тарси ҷонатон медиҳед. Аз раҳму шафқат не, аз рӯи имону инсоф ҳам не. Чунки шумо имонатонро кайҳо фурӯхтаед. Ба пул, ба мол, ба чор бузу гӯсфанди рихин... Барои ҳамин дар ватан беватан шудед имрӯз, бедину диёнат шудед, беору номус шудед.

– Ба фикрам... дар куҷое ки умр хуш гузарад, ҳамон ҷо ватан аст...

– Наход!? – заҳрханд кард Усмон Азиз. – Воқиан, шумо куҷову идроки солими ватан куҷо!

Ҳалимбой, дамаш ба дарун, аз чойҷӯши дудзада чашм намеканд.

– Ман аз шумо боз як чиз пурсиданӣ, – гуфт Усмон Азиз пас аз қадре хомӯшӣ ва баъде ки вай сар бардошта, бе ҷуръ-ат ба рӯяш нигарист, дар тамкини аввала суханашро идома дод: – Ягон бор оё фикр кардед, ки барои чӣ русҳо дастболо шуданд?

– Не-ку...

– Ҳеҷ?

– Ба ин гуна корҳо ақли ман намерасад.

– Афсӯс, бой, сад афсӯс! Шумо ҳатто тасаввур надоред, ки ба саратон кадом балои муаллақ омадааст... Хайр, чӣ илоҷ! Пас ман ба шумо ҷавоб медиҳам. Русҳо барои он дастболо шуданд, ки мо – аз худи амири бемағз то шумо барин дар ҳирси дунё мондагиҳо... раиятро бераҳмона истисмор мекар-дем. Рӯзи мардуми бебизоат, камбағал бадтар аз рӯзи саг буд. Русҳо чӣ? Омада гуфтанд, ки ба шумо, ҷафодидагон, озодӣ медиҳем, обу замин медиҳем, рӯзи равшан медиҳем; фақат ин ки ба мо ҳамсафу ҳамраъй шуда, занед золимонро. Кӯр чӣ мехоҳад? Ду дидаи бино. Ба гушна чӣ даркор? Дар навбати аввал – нон! Камбағал ҳам нони беминнатро дида, дар хусуси зиндагии пуразобаш каме фикр карда, дарҳол тарафи русҳо гузашт, ки ба ин танҳо худамон гунаҳкорем. Халқ аз мо безор шудааст, вай акнун ҳамроҳи русҳо, болше-викҳо... мегӯянд ҳаёти нав месозад. Ва ҳақ бар ҷонибаш. Ана ҳамин тавр, бой! Фаромӯш накунед, ки аз зулм зулм мерӯяд. Доно будаанд русҳо: омадан баробар тарафи золимро не, тарафи мазлумро гирифтанд ва маҳз барои ҳамин дастболо шуданд. Чунки мазлум дар кишвари ҷабрдидаи мо бисёр буд; чунки иттифоқи мӯрчагон шерро аз пой меафканад...

– Нафаҳмидам, тақсир. Охир, баъди ин... мусулмонӣ чӣ мешавад?

– Мефаҳмед, ягон рӯз нағз мефаҳмед, – гуфт Усмон Азиз ва чашмонашро, ки нохост нам гирифта буданд, аз ӯ гуре-

зонда, пас аз дақиқае илова кард: – Шуд, бой, ман аз ин ҷиҳат дигар гап намезанам. Шумо наранҷед.

– Ман наранҷидаам... Барои чӣ ранҷам? – гуфт Ҳалимбой, ки дар асл сахт хафа шуда, дилу ҷигараш месӯхт. – Ҳама гапашон дуруст, аз рӯи китоб.

– Боз кадом китоб?

– Яъне ки рост, ҳақ... – даступо хӯрд Ҳалимбой.

Усмон Азиз дар тамасхур ба вай каме нигоҳ карда истоду аз кисааш як ҳамёни чарминро берун оварда:

– Барои нону намакатон ҳазор раҳмат, – гуфт ва даҳони онро кушода, аз дохилаш чанд тиллои сурх гирифт. – Ин... чӣ гӯям? Хизматона... Аз ҳад зиёд агар сахтӣ накунед, ба худатон ё фарзандонатон сарулибос мехаред. Хаймаро ҳам ба шумо монда меравем: тифоқо ягон мусофир дарвозаатонро кӯбаду ба хонаатон раҳ додан нахоҳед, шояд ба кор ояд.

Вай сиккаҳоро ба пеши Ҳалимбой партофта, ҳамёни қариб холиро гашта ба киса андохт.

Бой аз ҷилои онҳо, ки ҷарангосзанон ба лаби дастархон афтиданд, чашмонаш беҷо шуда, гоҳ ба Усмон Азиз нигарад, гоҳ ба тилло менигарист.

– Гиред, бой, шарм надоред, гиред – ҳамааш аз они шумо.

– Илоҳӣ давлати ҷанобашон зиёда гардад, шамшерашон бурро шавад!

Усмон Азиз... қариб ба рӯи дастархон ғалтида, ҳарисона сикка чидани Ҳалимбойро то охир ба як ҳисси нафрат мушоҳида карда, баъде ки ӯ рост нишаст, андешаманд ва аламангез гуфт:

– Ба пулу моли дунё бисёр дил набандед, бой. Чунки одамизод, ҳар қадар доро бошад ҳам, оқибат ба гӯр меравад. Бинобар ин нағз хӯред, тоза пӯшед. Тавонед, ба якта-нимта барҷомонда ёрӣ дода, сари сағиру ятимашро сила кунед... – Вай ба риши зебои кӯтоҳ қайчизадаи худ даст бурда, лаҳзае ба берун, ба нурҳои заррини офтоби баҳорон нигарист, ки ин дам дар фарқи арчаҳо ноаён лағжида, ба сӯзанакҳои сабзи онҳо гармӣ мебахшиданд. – Дар замонаш Искандари Зулқарнайн ном як подшоҳи ҷаҳонгир будааст. Ба тадбиру хирад ва ҷояш ояд, ба зарби шамшер чандин мамлакати дуру наздикро ба тасарруф даровarda, чун бузургтарин шоҳи олам

шӯҳрат ёфтааст. Кишвараш обод, раияташ дар фароғат, хазинааш беҳисоб ва худаш тамоми умр дар айшу нӯш будааст. Мегӯянд, ки аз шаъну шавкати Искандар ҳатто ситораҳои осмон хира мешудаанд. Вале бо вуҷуди ин ҳама бахту тахт вай пеш аз марг муқаррабони вафодорашро ба назди худ хонда, васият мекунад... Васият мекунад, ки ҳангоми ӯро ба хонаи фардо бурдан ҳар ду дасташро берун аз тобут гузоранд.

– Тавба кардам, худоё! – гуфт Ҳалимбой, чашмонаш бештар калон шудаву гиребонашро дошта. – Кори шайтон...

– Муқаррабон аз хоҳиши олампаноҳ дар ҳайрат монда, сабаб пурсанд, барои он ки мегӯяд... мардум бинанд; бинанд, ки ман – шоҳи олам! – пас аз ин қадар ҷаҳонгириву сарватмандӣ... ду дастам холӣ ба хок меравам. Бинанду андак нармдил шаванд, аз паи давлату ҳашмат тохта, имонашонро ба бод надиҳанд. Ҳамин тавр, бой! Дунё ба ягон кас вафо намекунад – на ба шоҳ, на ба гадо...

Инро гуфта, Усмон Азиз чобук ба по хест ва ҷомаашро аз канори болин бардошта, сабук ба китф партофт.

Ҳалимбой ҳам саросема бархост.

– Ҷанобашон нахӯрданд... аз ин нозу неъмат? – кандаканда гуфт вай, ки дар пеши қомати баланд ва паҳлавоннамои Усмон Азиз худро ҳақиру нотавон ҳис мекард. – Дурусттар чой ҳам нанӯшиданд?

– Ташаккур, мо бояд ҳар чи зудтар ба роҳ дароем.

– Шумо, тақсирам, то куҷоҳо рафтанӣ?

– То он ҷое ки худо фармудааст.

– Оқибати кор... акнун чӣ шуд? Ҷанобашон боз бармегарданд, ё ба ҳамин...

– Ба хаёлам мо дигар барнамегардем, бой. Беҳуда, ҳамааш беҳуда!

– О ин хел бошад, – овозаш ларзида, дар банди ҳайрат гуфт Ҳалимбой, ки тайёр буд ба таки пои ӯ афтад, – мо... ман, мани бадбахт ба умеди кӣ...

– Ба умеди худо нашав, буттаро дор гуфтаанд. Аҷаб нағз гуфтаанд.

– Пагоҳ ба ин атроф ҳам омада, калхоз сохта, молу мулкатро супор гӯянд, ё аз ин гандатар – бадарға мекунем гӯянд,

зану духтарамро... рӯяшон кушода, дар байни мардум андозанд, ман... мани бадфарҷом сарамро ба кадом санг мезанам, тақсир? Ба кадом санг... – Ҳалимбой нолакунон ба зону ғалтида, соқи нарми мӯзаҳои ӯро дар оғӯш гирифт.

– Аввало ин ки, бой, кӯҳистон пур аз сангу харсанг. Сониян... – гуфт Усмон Азиз ба лабханди заҳрогин ва баъд якбора пояшро аз ҳалқаи дастони ӯ берун кашида, дод зад: – Хезед! Э хезед-э! Шумо ҳам *инсон* шудеду...

Ҳалимбой аз ғояти тарс ҷаста бархост ва рангаш зарду гарданаш каҷ, кӯдаквор ба тавалло даромад:

– Маро ҳам баред, тақсир. Баред ҳамроҳатон... Камтар пул дорам, аз ин тангаҳои худатон лутф кардагӣ ҳам дорам. Ба як кампирам рӯзамон мегузаштагист. Ғуломатон мешавам, тақсир, ғуломи ҳалқабаргӯш... Не нагӯед, баред, маро ҳам баред!

– Куҷо барам?

– Аз дарё мегузаштагистед албатта. Гуфтанд, ки шумо дар Пешовар. Зиндагии осуда доред...

– Рама-рама бузу гӯсфандатон чӣ мешавад? Сандуқ-сандуқ лоқу паратон чӣ?

– Лоқу пар? Лоқу пар, а... Як қисмашро мебарам, дигараш ба писарам мемонад, ба Наимҷон. Бузу гӯсфанд ҳам...

– Яъне ба ҷои падар бигузор писар азоб кашад. Дуруст мегӯям?

– Не, садқа, не... ин хел не! Лекин, охир... Вай бистсола, соҳиби зану фарзанд. Худаш ягон илоҷ ёбад.

– Дидед, шумо чӣ гуна одам! Ҳатто ба писаратон раҳм намекунед.

– Замона вазнин омад, тақсир, замона... Баред маро, ҳамроҳ баред. Гуфтам-ку: ғуломатон мешавам, якумр ғуломи ҳалқабаргӯш мешавам.

– Не, бой, ман шуморо ба ҳеҷ куҷо намебарам. Чунки худам ҳоло раҳгум задаам, – гуфт хаёлолуд Усмон Азиз ва аз болои китфи паҳни ӯ ба кунҷи хайма нигариста, пурсид: – Ғайр аз ин... оё наметарсед аз мо?

– Ҷанобашон... барои чӣ тарсам?

– Мо, охир, босмачӣ-ку! Шояд дар хилват шуморо кушта, ҳама тиллову тангаатонро байни худ тақсим кунем. Шояд

пӯстатонро низ канда, ба ягон рӯзи сиёҳамон даркор мешавад гуфта, ғанимат гирем...

– Худо нишон надиҳад! Ман аз нофаҳмӣ... Шумо босмачӣ нестед, ҳа-а! Шумо ғозӣ…

Усмон Азиз хандида, ба сар то пои вай дар кароҳат чашм давонду ҷомаашро пӯшида:

– Хайр, бас масхарабозӣ, – гуфт.

– Намегиред... Маро намегиред? Ба ҳамин ҳоли зор партофта меравед?

– Гап якта мешавад, бой! Гуфтам-ку: не!

Усмон Азиз, дар даст қамчин, нигоҳашро чун сурби тафсон аз ӯ бурида, хаймаро тарк кард.

– Ҳама тайёр, ака, – гуфт Қурбон, ки аз лаҷоми аспи зинзада ва беқарори вай маҳкам дошта меистод.

Ин дам ба сари хаму қаноти шикаста Ҳалимбой низ аз хайма берун шуд.

Гулхан кайҳо хомӯш гардида, дар ҷояш хокистар монда буд. Хаймаи дуюм наменамуд: онро канда, ба хӯрҷин андохта буданд. Аспҳо ҳама ба зину афзор омодаи сафар меистоданд. Ҳаво нарм, офтобӣ ва бисёр соф буд. Ғайр аз Қурбон боз ҳафт нафар марди ҷавону миёнсол Усмон Азизро дидан замон пасопеш аз болои сангҳо хеста, даст ба сари сина гирифтанд. Онҳо, ки тасмаи туфангҳоро инак ба китф андохта буданд, дар умеду чашмони интизор ба Усмон Азиз менигаристанд. Рӯ-рӯи сабзаи атроф гулпаракҳои холдор мелағжиданд. Аспҳо баъзан пой кӯфта ва даҳана хоида, ба ғурур ёл меафшонданд, дум меҷунбонданд.

Вақте ки Усмон Азиз пештар омад, Ҷалол, дасти чапаш андармон ба тасмаи туфанги худ, оҳиста пурсид:

– Рафта хаймаро канам?

– Лозим не, – гуфт Усмон Азиз. – Мо он сарпаноҳро ба Ҳалимбой мемонем… ҳаққи хизматаш. – Сипас як дам сукут карда, пурсид аз ҳама: – Хаста шудед?

Аммо дар ҷавоб садое набаромад.

Усмон Азиз дар ҳасрат ба ҷониби дара чашм давонд, ки то охир ғарқи анвори офтоб буд. Аз қаъри он шуввоси якнавохти об ба гӯш мерасид. Хари Ҳалимбой фириқ-фириқ бинӣ афшонда, хокистари дар ҷои гулхан мондаро ба тарс бӯй

мекашид. Виз-визкунон дар гирдаш чанд пашшаву ғурмагас чарх мезаданд; аз ин рӯ ҷонвар ҳар дам шатта ҳаво медод. Дуртар аз он Ҳалимбой меистод. Пакару парешон буд вай.

– Медонам, бе шубҳа хаста шудед, – гуфт ниҳоят Усмон Азиз. – Ман ҳам бисёр ҳалок шудам; дар ин муддат аз тақдири диёрамон, аз рӯзгори худам барин одамони дар миёни чор дарё тахтабанд хуб фикр кардам... Хулоса, ману шумо, бародарони азизам, аз нодонӣ ба даст силоҳ гирифтем, беҳуда зӯр мезанем – диёрамон кайҳо ғасб шудааст. Бале, вай *ҳамон* соли бистум ғасб шуда буд. Бинобар ин худамонро азоб дода, кӯҳ ба кӯҳ гаштан дигар ҳеҷ фоида надорад. Зӯри беҳуда миён мешиканад гуфтаанд... Мо се рӯз дар ин ҷо интизор шудем, вале онҳое ки Иброҳимбек ваъда карда буд, наомаданд. Кӣ медонад? – балки ӯ маро фиреб дод. Аммо ман хафа нестам; хафа бошам ҳам, фақат аз худам... Чӣ илоҷ! Ҳоло аз бек сар карда, то сарбоз ҳама дар гурез. Ҳар кас мехохад, ки ба кадом воситае бошад, зинда монад. Пас биёед, шумо ҳам, миёнатон нашикаста, зуд хона ба хона шавед. Тиру туфангатон... ана, ҳамроҳатон – хоҳед, нигаҳ доред, нахоҳед, бурда ба ҳукумат супоред. Агар сар хам карда, сидқан афв пурсед, эҳтимол аз гуноҳатон гузаранд... Дар ин муддат ягонтаи шуморо ранҷонда бошам, маро бубахшед. Устухони одамизод аз рӯзи азал ба шири хом шах шудааст.

Се-чор нафар гӯё шарм дошта, яке аз паи дигаре ба овози паст гуфтанд:

– Не-е...

– Барои чӣ?

– Наранҷондаед.

– Мо аз шумо розӣ...

– Гап ҳамин, бародаронам, – суханашро давом дод Усмон Азиз. – Барои хизмати мардона, барои он садоқат ва иззату эҳтироме ки аз шумо медидам, раҳмат, ҳазор раҳмат. Ман медонам, ки ғайр аз Қурбону Ғуломҳусайн ҳар кадоми шумо дар ин диёр хонаву дар доред, падару модар доред, зану фарзанд доред. Мегӯянд... хоки ватан аз тахти Сулаймон беҳтар. Пас тадбир ин аст – ба саратон ҳар чӣ ояд, дар бари ватан монед. Ғам нахӯред, ки мо ба мақсад нарасидем, раҳгум задем. Шояд фарзандонатон маслаки дуруст ёбанд...

Усмон Азиз андак хомӯш истода, ба пеши пояш нигарист. Фаши саллаи шоҳиашро боди сабуки атрогин, ки бӯи хуши арча ва гулу сабзаҳои кӯҳиро меовард, маҳин алвонҷ медод. Гармии офтоб тадриҷан меафзуд.

...Сипас вай ба Ҷалол, ки чашмонаш аз хурсандӣ медурахшиданд, як назар дӯхта:

– Ту ҳамроҳи Ғуломҳусайн ва Қурбон ба ман меравӣ, – гуфт. – Ба дигарон ҷавоб... Дар амон бошед! Шумо ҳам саломат бошед, Ҳалимбой! – Ва даршаст баргашта, ба тарафи аспаш қадам андохт.

Сиёҳмушкин, лаҷоми нуқракӯбаш дар дасти Қурбон, чароғпоя шуда, дароз шиҳа кашид. Хари Ҳалимбой аз болои хокистар сар бардошта, аввал ба асп ва баъд ба соҳиби ниҳоят фарбеҳ ва ноҷунбони худ нигарист.

Ба тахтапушти Ҷалол сардӣ давид; гӯё дар вуҷудаш чизе канда шуда, ҳама умедашро сели сиёҳ бурд...

Ҳалимбой истод-истоду чунон ки мор газида бошад, якбора аз қафои Усмон Азиз тохт ва ба ӯ расидан баробар:

– Тақсирам, илоҳӣ ба ҳазор дароед! Ман ҳам, ман... Камтар сабр кунед, – гӯён лаб ба ғарибнолӣ кушод. – Зуд ба деҳа мeраваму... Зуд лашу лушамро меғундораму... Худоё... ман, охир, дар ин ҷо чӣ кор мекунам? Хонаам месӯзад-ку, хонаам... Аз беху бунёдаш месӯзад! Хоки поятон шавам, тақсир, баред мани бадбахтро, баред ҳамроҳатон.

– Дафъ кунед аз назарам ин девонаро! – аз тазйиқи ғазаб дандон совида, фармон дод Усмон Азиз.

Ва худи ҳамон лаҳза Ғуломҳусайн, ҷавони барзангии сиёҳчарда, ки қадаш ба қавле манор барин буд, дартоз омада, ба панҷаи серпашми оҳанин Ҳалимбойро маҳкам аз оринҷ гирифт ва забонаш сахт лакнат хӯрда:

– Ра-ав, аа-на ха-аарат, – гуфт. Пас ҷасади ӯро чун лингаи пур аз ахлот ба поин кашола кард. – Ко-оса-та-аба-қатро ғу-ундору зу-уд ба ро-о-ҳат рав!

Ҷалол ҳоло ҳам дар ҷояш шах шуда меистод. Гӯшҳояш қуфл зада, ҳеҷ чизро намешуниданд. Ба назараш на Усмон Азиз менамуд, на каси дигар. Дар пеши чашмони беифодааш фақат як деҳаи хурди зебо метофт, ки вай онро қариб ҳафт сол боз надидааст. Аз пошнаи деҳа Симсим ном рӯдаки

тезоб мегузарад. Болотар, дар пушти кулбаҳои сангин, ки ба мисли зинаҳои бетартиб то фарози ёна саф бастаанд, кӯҳи бузурге қад кашидааст. Ранги лоҷувардии қуллаҳояш дар рӯзҳои офтобӣ ба ранги осмон пайваста баҳс мекунад... Дар лаби ҳамон дарёчаи шӯх, дар сояи ҳамон кӯҳи баланд, дар ҳамон деҳаи хушобу ҳаво, дар айвони як хонаи сангин пиру кампире нишастаанд. Онҳо падару модари Ҷалоланд. Аз гиря чашмонашон дардманд шудаанд, ё тамоман нобино гардидаанд. Тани лоғари худро дар офтобаки баҳорон тоб дода, оҳу воҳ мекунанд онҳо. Риши пир сафед, мӯи кампир сафед; қади пир камон, қомати кампир камон...

«Оё зинда бошанд?» – ба дидагонаш ашк давида, чун асири ғурбати мудом аз дил гузаронд ӯ.

– Ҳой, Ҷалол, чаро намеҷунбӣ?

Вай аз ин нидои ногаҳон як қад парида, ҳамоно дид, ки Усмон Азиз ва Ғуломҳусайну Қурбон ҳоло савори аспанд. Дигарон атрофи онҳоро гирифта, чиҳое мегӯянд; яқин хайрухуш мекунанд.

– Зуд бош, раҳамон дур, – гуфт ин дафъа низ Қурбон, овозашро баландтар сар дода.

Ва Ҷалол, гӯё ба гарданаш ресмон андохта, базӯр мекашида бошанд, пойҳояш ба мисли сурб вазнин, қариб калавида, хоҳам-нахоҳам ба сӯи аспи худ рафт. Ва дубора дар пеши назараш...

Боз ҳамон деҳаи хурд падид омад. Ҳамон рӯдаки тезоб дар тасаввураш аз сари нав зинда гардид. Кӯҳи дуртар аз он қадафрохта кабуд ва беҳад дилрабо буд. Пиру кампири писаргумкарда дар айвони хонаи сангин хору забун менишастанд, оҳу воҳ доштанд.

Ҷалол ба аспаш наздик шуда, беихтиёр таваққуф намуд. Фақат лаҳзае... Сипас тозон ба рикоби Усмон Азиз расида ва дар банди ҳаяҷони шадид сахт-сахт нафас гирифта:

– Маро ҷавоб диҳед, – гуфт. – Агар не, мемурам аз дарди фироқ... Ҷавоб диҳед!

Гӯё замин ҷунбид, ё нохост барқ ҷаҳида, аз паи он раъд гулдурос заду ҳама якбора ба даҳшат омада, сару нӯкашонро гум карданд. Танҳо Усмон Азиз ба ин хоҳиши Ҷалол чандон эътибор надода, дар ҳолате ки ба лабони андак парсин-

бастааш дами теғ барин табассуми сард медавид, нахуст як:

– Ҳмм... – гуфт. Баъд, чашмони калон-калони сиёҳаш танг шуда, оҳиста пурсид: – Шояд ту ҳазл мекунӣ?

– Не, тақсир, не... Ман ба ин азоби алим дигар тоб овар-да наметавонам... Ҳамроҳи шумо рафта наметавонам, – гуфт Ҷалол, ғӯра-ғӯра ашк рехтаву ба мӯзаи дар рикоб устувори Усмон Азиз ғуломвор часпида. – Дар ғарибӣ мурдан намехоҳам, тақсир. Падарам пир, модарам пир... Ман фиреб хӯрдам. Овора карданд маро, аз қатори одам бароварданд. Ман акнун *инсон* нестам, аз саг ҳам бадтарам...

Усмон Азиз аз болои асп, ки ба инод даҳана хоида, лаҷомашро ҳар замон аз дасти ӯ мекашид, ба тори сари хам ва салладори хизматгораш фурсате дар қайди ҳайрат назар дӯхта истоду:

– Ҷалол! – гуфт ниҳоят ва ҳамоно бефарқ ба пайроҳаи пеши сиёҳмушкин нигарист.

Аз ин овози батаҳдиди хоҷааш Ҷалол дучанд тарсида, ба мӯзаи вай бештар ҷафс шуд.

– Лаббай, тақсирам...

– Ман ба ту аввалин бор дар куҷо вохӯрда будам?

– Дар Пешовар.

– Аз он вақт чанд сол гузашт?

– Панҷ сол.

– Ту дар Пешовар чӣ кор мекардӣ?

– Исломча маро ҳамроҳаш бурда буд.

– Падару модарат ин қадар азиз бошанд, барои чӣ рафтӣ?

– Фиреб хӯрдам, тақсир... Одам ҷамъ карда, тиру туфанги бисёр гирифта, гашта меоем гуфта буд қӯрбошӣ. Худо хоҳад, диёрамон боз мусулмонобод мешавад гуфта буд. Мани аҳмақ бовар карда, фанд хӯрда...

– Чанд сол аз ин пеш рафта будед?

– Қариб ҳафт сол шуд.

– Чанд нафар будед?

– Ягон бист кас...

– Баъд чӣ?

– Худатон медонед-ку, тақсир.

– Баъд чӣ? – аз пайроҳае ки печутоб хӯрда, ба боло, то ба арчазорони ғулӣ тӯл мекашид, ҳамчунон чашм наканда, дар-

ғазаб такрор кард Усмон Азиз. – Нашунидагиҳо ҳам оқибат шунаванд!

– Баъд... Исломчаро куштанд.

– Кӣ кушт?

– Ҷӯраи худаш, Аҳмади аспдузд... Ҳини қиморбозӣ гапашон гурехту ба пушти гарданаш корд зад. Даму дуд корд зада, боз хандид…

– Кӣ гунаҳкор буд – Исломчаи дайду, ё Аҳмади аспдузд?

– Исломча, тақсир. Вай ҳама вақт як танга-ним тангаи ба азоб ёфтаи моро кашида мегирифт. Дар қиморбозӣ ҳам фиреб медод.

– Сазои сараш... Баъд чӣ?

– Баъд мо парешон шудем. Намурам гуфта, ҳар кас дар ғами худаш мегашт.

– Рӯзе ки ба ман вохӯрдӣ, ҳолат чӣ буд?

– Чӣ буд ҳолам... Ҳоли саги бесоҳиб буд, тақсир. Касе ки рост ояд, дар ҳавлӣ ё корхонааш аз саҳар то бегоҳ ахлот мекашидам, машкобӣ мекардам, кунда мекафондам, бор мефуровардам... Аммо шикамам ҳеҷ сер намешуд. Боз ин ки ёди ватан...

– Туро ба ранги зарду дили бадард дида, ман чӣ гуфта будам?

– Саргузаштамро шунида, ғамгин шудед. Ба ошхона дароварда, кабоб гирифта додед, чой фармудед... Баъд биё ба ман гуфта, хонаатон бурдед. Раҳораҳ бароям куртаву эзор харидед, мӯза харидед.

Оби дидааш хушк шуда, Ҷалол акнун оромтар гап мезад. Вале... ба хоҷааш дар як ҳолати раҳмовар умед баста, пои ӯро ҳамон сар намедод.

– Бале, – гуфт Усмон Азиз, – ба хонаам бурдам туро! Ҳаммом кардӣ, сарулибоси тоза пӯшидӣ, ҷои хоб ёфтӣ. Дар кисаат пул андохта, сидқан гуфтам, ки ҳамтанги ман бош, ҷавони коркун менамоӣ – ташвиши дӯкондорӣ ба як худи ману Қурбон вазнин; ғайр аз ин… ту ҳам мисли мо тоҷик будаӣ, ғарибу овора будаӣ. Агар розӣ ҳастӣ, аз ҳамин рӯз эътиборан туро додар мехонам... Гапам рост?

– Рост, тақсир. Ман ҳам, худатон медонед, ба ҷону дил дар хизмати шумо будам.

– Агар имрӯзро ба ҳисоб нагирем, дар бадали панҷ сол ягон маротиба туро ранҷондам?

– Не, тақсир, ҳаргиз...

– Хаққи хизмататро тин ба тин медодам?

– Ҳа, тақсир, ҳатто зиёд медодед.

– Ё туро аз фарзандони худам кам медидам?

– Не-не, ман агар некиҳои шуморо фаромӯш кунам, кӯр мешавам.

– Харҷу хароҷоташро ба гарданам гирифта, порсол ба ту зан додам. Хурд бошад ҳам, ба сарат кулба харидӣ. Хотират ҷамъ буд. Ё гумон мебурдӣ, ки ҳамаашро аз насақи қиморбозиву кӯчаҳои гадоӣ ёфтӣ?

– Не, тақсир, не! Ҳазор бор не...

– Не ки бошад, пас имрӯз барои чӣ аз ман ҷудо шудан мехоҳӣ? Барои чӣ дар ин аҳволи танг маро танҳо монда, фақат ғами худатро мехӯрӣ?

– Охир, ватанам, падару модари пирам...

– Ватан мегӯӣ? Ман ҳам дар ҳамин кӯҳҳо ба дунё омадаам. Ин обу ин заминро шояд аз ту болотар дӯст дорам. Аҷдодаҷдодам дар ҳамин ҷо хок шудаанд. Ё ту эҳтимол фикр мекунӣ, ки ман асло намесӯзам? Барои то чӣ дараҷа сӯхтани маро донистан диламро аз қафаси сина канда, қабат-қабат хокистарашро ба ду чашми худ дидан лозим.

Ҷалол дасташро аз соқи мӯзаи вай гирифта, вазнин сар хам кард.

– Гап зан! – гуфт Усмон Азиз.

– Ман... ман аз шумо то қиёмат миннатдор. Лекин... дигар наметавонам, тақсир. Ҷавоб диҳед маро, садқаатон шавам, ҷавоб диҳед мани раҳгумро! Агар не, мемурам – хӯрокам заҳр мегардад, пӯшокам кафан.

– Мемурӣ?! – ногаҳон наъра кашид Усмон Азиз ва лаҷомро зуд ба дасти чап гузаронда, дасти росташро ба ғилофи маузер бурд.

Асп дар таки пои ӯ безобита шуда, ёл афшонд, сум кӯфт, гарданак зад.

– Охир…

– Дуртар рав! – гуфт Усмон Азиз, сар то пои дирӯза додархондашро ба чашмони барқзои худ сӯзонда.

Ҷалол дарҳол аз нишебӣ ба мисли ғелидани тӯб каме поин фуромад.

– Ист!

Вай худи ҳамон лаҳза истода, гӯё дар ҷояш шах шуд.

– Ба ман нигоҳ кун!

Вай дар азоб тоб хӯрда, ба Усмон Азиз рӯй овард. Рангаш докасон канда, чашмонаш чашми мурдаро мемонданд.

– Парто туфангатро! Қаторвазнаро ҳам парто!

Баъде ки Ҷалол фармони ӯро фавран ба ҷо оварда, дастони ларзонашро намедонист ба чӣ машғул дорад, Усмон Азиз ба Ғуломҳусайн нигарист.

– Рав, гир...

Вай зуд аспашро ба сӯи Ҷалол ронда, дар як хам шудан ҳам туфангу ҳам қаторвазнаи пур аз тирро шоҳин барин чанг зада, ба қоши зин бардошт. Ва лаҷомро қафо гардондан баробар...

Садои тир баромад.

– Ана мурдан!

Ҷалол, ки ҳаргиз инро чашмдор набуд, ба оҳанги зориву тавалло:

– Не-е-ее! – гӯён сари синаашро қапида, якпаҳлу ба замин ғалтид.

Ва ҳамоно, дар гӯш аллаи модару дар мағзи ҷигараш panҷаи сӯзони марг, чунон ки аз ҳалқаи тумани гарм ва ширранг бошад, дар пеши назар деҳаи хурди кулбаҳояш сангинро дид. Дар хаёлаш рӯдаки пошнаи он пур аз об шуда, яқин ба хурӯш омад; кӯҳи кабуди болотар аз деҳа то худи осмони ҳафтум қад кашид. Зебо ва ларзон буд деҳа. Дар мобайни он, дар айвони чун гаҳвораи кӯдак ҷунбони як хонаи сангин, пиру кампире дар раҳи ӯ мунтазир менишастанд. Риши пир сафед, мӯи кампир сафед...

Пойҳояшро кашида, вай ғунча шуд. Сипас, дар қабзааш чанд тор алаф, дандон ба дандон монда, охирин мадорашро ҷамъ оварду оҳиста ба тахтапушт гашт. Аз бағалаш кулчаи ширмоле лағжида, бесадо ба замин расид ва рӯ-рӯи сабзаи нарм каме ғелида, ба як санги сиёҳ дакка хӯрд.

Шилдироси рӯдаки Симсим қатъ гардид. Деҳа низ ҳамоғӯш ба пиру кампир гум шуд. Кӯҳ сарнагун рафт ва Ҷалол...

нигоҳи беҳолаш гӯё ба ранги осмони покиза тоб оварда натавониста, маҷбур чашм пӯшид. Аспаш, ки то ин дам ба вай дар тааҷҷуб менигарист, якбора тарсида, балки девона шуда, шиҳакашон ба ҷониби дара гурехт.

Усмон Азиз маузерро дар ғилоф андохта, Ҳалимбойро, ки аз ин ҳодиса ба даҳшат омада, саросема харсавор шудан мехост, ба имои даст ҷеғ зад. Ва ӯ хандаовар лапон-лапон *давида*, дар наздаш ҳозир гардид.

– Ба падару модараш хабар дода, дар доираи ҳама расму русум дафн мекунед, – гуфт Усмон Азиз, ба ҷасади Ҷалол як назар давонда.

– Ҷанобашон ҳар чӣ фармоянд...

– Дар ҳамин ҷо гӯронда, туғ мебардоред. Дар ҳар сурат шаҳид шуд.

– Ба чашм, тақсир. Итоат, тақсир…

– Агар фаҳмам, ки бесоҳиб гӯрондаед, ё мулло оварда, оят нахонондаед, аз худатон гила кунед.

– Наход, тақсир...

– Махсус омада, пӯст меканам!

– Ҷанобашон осуда бошанд, ҳамаашро ба ҷо меорем: фарзанди мусулмон-ку!

– Рост, вай фарзанди мусулмон буд. Лекин шумо... – Усмон Азиз давоми суханашро фурӯ бурда: – Гап ҳамин, – гуфт ва аз паллаи хӯрҷин як миёнбанди шоҳии сабзро берун кашида, ба дасти Ҳалимбой партофт. – Бурда рӯяшро пӯшонед. – Сипас ба он панҷ нафаре нигарист, ки хона ба хона ҷавоб дода буд. – Шумо ҳам ёрӣ расонед... Мо рафтем!

Сиёҳмушкин ҳавои қамчини соҳибашро ҳис карда, сабук ба роҳ даромад. Аз қафои вай аспи Қурбону Ғуломҳусайн чаққон пай гирифтанд.

– Набурд маро ба худаш, – аз зӯри алам қариб гириста, туфи даҳонаш пиндор ба заҳр табдил ёфта, зери лаб ғурунгид Ҳалимбой. – Набурд… беинсоф!

## 3

Тамоми шаб, то даме ки ӯ... дар дили беқарораш орзуҳои ширин, ниҳоят ба хоб рафт, борон меборид; гоҳо аз шасташ гашта ва пас аз фурсате боз шарос зада, бақаҳру беист ме-

борид. Лекин вақти азон хеста, Таманно аз тирезаи хурдакак дид, ки осмон хеле равшан аст.

Вай кӯдаквор хурсанд шуд. Бо вуҷуди он ки қариб то сари субҳ аз паҳлу ба паҳлу гашта, хаёлаш ба сад кӯча даромада, дуруст хоб нарафта буд, устухонаш чун ҳамеша сабук, тохта ба айвон баромад. Офтобаро ёфта, аз кӯзаи калони гардандароз ба вай об андохт. Ва дастпоки гулдӯзӣ дар китф, ба лаби суфаи таки айвон нишаста, дар ҳаловат ба шустушӯ оғоз намуд.

Об хунук буд; ҳаво ҳам андак сард ва серрутубат. Бар замми ин аз самти ғарби деҳа, ки он ҷо кӯҳи Ҳафтсар, ҳафт қуллааш соле дувоздаҳ моҳ аз кулоҳи сап-сафед муҷаллӣ... дар салобат қад афрохта, кадом як садди афсонавиро мемонд, боди сабо вазида, бӯи барфҳои баландро меовард. Дар кӯлмакҳои акнун софи пеши суфа акси осмони кабуду шохаи дарахтони ҳанӯз камбарги себу олуча афтида, дар раҳи сайри бод маҳин меларзид... Сабзаҳои зумуррадгуни саҳни ҳавлии хурд ғарқи оби борон буданд.

Калбузи сиёҳи пешонӣ ва ду бари шикамаш сафед, гарданаш дар чилбур, ба сари хаму гӯшҳои овезон дар як кунҷи айвон истода, гоҳо базӯр «маъа-ъа...» – гӯён ба Таманно шикваомез менигарист; шояд хунук мехӯрд ҷонвар, ё пистонаш пур шуда, бачаҳояшро интизор буд.

Таманно дар пой кафши каме кӯҳнаи сиёҳ ва дар тан пироҳани сафед дошт. Хушдӯхт ва парпаргиребон буд куртааш. Як тугмаи он кушода шуда, баёзи гардани ӯро ба рӯзи равшан намоиш медод. Ҳар боре ки Таманно кафи дасти нозукашро пури об карда, ба чеҳраи гулгунаш мебурд, дар таки матои тунук синаҳои нор барин дамидаи ӯ оҳиста меларзиданд. Тора-тора мӯйҳои сунбул дар баногӯшаш ҳалқа зада, аз бари пешониву кунҷи лабони ақиқаш хат-хат об мешорид. Дар сари мижгони зич ва монанди чашмонаш сиёҳ яке аз паи дигаре қатраҳои ғалтон медурахшиданд.

Духтар сардии ҳаворо эҳсос накарда, мисле ки саропо оташи сӯзон бошад, ба рӯяш паёпай об мепошид. Ҳама вуҷудаш дар ёди кадом рӯзи саиди оянда, ки танҳо ба ҳастии Анвар вобаста буд, ширин метапид...

Ниҳоят ӯ бархоста, дастони нарму рӯи хушқолабашро ба

сачоқ пок кард. Болобаланд ва борикмиён буд Таманно. Гесувони занҷираш низ дароз буданд.

Сачоқро ба тори байни ду сутуни айвон овехта, вай ба хонаи дигар даромад. Ва ҳамоно ду бузғолаи навзод аз он ҷо берун шуда, ба сӯи калбуз давиданд.

Ҷонвар бачаҳояшро дидан замон хушнуд маос зада, ресмони борикро таранҷид, аммо мех онро сар надод.

Баъд вай осуда гардид – бузғолаҳо аз ду тараф пистони модарро ба даҳон гирифта, инак гарм-гарм мемакиданд. Калбуз сарашро гоҳ ба ҷониби яке ва гоҳ ба ҷониби дигаре тофта, онҳоро дар навбат бӯй мекашид; ҳар карате ки бӯй мекашид, чашмони гирдаи ба ранги асал зардаш аз ғояти ҳаловат роғ мерафтанд.

Дар даст хурма, Таманно ба айвон баромад. Ва хурмаро зуд дар пои сутун монда, ҳар ду бузғоларо сабук бағал карду хона дароварда, дарро аз пушташон баст.

Онҳо акнун фиғон мебардоштанд. Калбуз ҳам чашмони калон-калонашро ба дари хона дӯхта, баъзан «маъа-ъа...» – гӯён ҷавоб мегардонд.

Таманно ҷонварро ба лафзи ширин навозиш карда, тез-тез шир медӯшид. Баъд:

– Кифоя, дигараш ҳаққи бачаҳоят, – гуфта, дар табассум бархосту рафта, боз дарро кушод; калбуз аз нав хурсандӣ намуд.

Бузғолаҳо, ки маҳз ҳаминро интизор буданд, дафъатан ба сӯи модар тохта, ҳар ду чочашро соҳибӣ карданд.

Таманно ба ҷандалаи онҳо як нафас диққат дода, ба ошхона ворид шуд. Ба даҳони хурма, ки қариб нима буд, ширполо кашида, ширро ба дег рехт. Гашта берун баромад ва аз шировези гирда, ки дар шифти айвон чун як паллаи тарозу ба се чилбур овезон, қариб ба тори сар мерасид, лаганро гирифта, шири онро низ – шаб дӯшида монда буд – бурда ба дег рехт. Хурмаву лаганро тоза шуста, ба таки дег оташ даргиронд.

Шаббаҳои хушк чарс-чарс садо бароварда, ҳамвор месӯхтанд. Таманно андак ноҳузур нишаста, дастонаш ба рӯи зонувон ва занахдонаш болои дастон, ба забонаҳои тези оташ менигарист. Ва хаёлаш ба Анвар рафта, беихтиёр баҷоякбо-

зиҳои бачагиашонро ба хотир меовард, ки одатан пеш аз омад-омади пода ба шӯру шағаф дар кӯчаҳои танги деҳа барпо мекарданд.

Сипас дар мадди назараш имрӯза сурати Анвар зинда гардид. Не-не, имрӯза не... Вай ӯро охирин маротиба ним сол қабл аз ин, охирҳои тирамоҳ дида буд. Дар ҳамин ҷо, дар Нилу дида буд. Анвар ҳамроҳи як марди аз худаш калон омада, чанд рӯз дар деҳа истод. Онҳо ба одамон гап фаҳмонда, баъзан суханҳои талх шунида, калхоз месохтанд.

Анвар мудом дар такопӯ ва аксар зиқ менамуд.

Вақте ки ахир бозпас мерафт, рост ба чашмони Таманно нигариста:

– Ман... ман меоям, – гуфта буд.

«Кай меояд? Кай?..»

Ҳоло Анвар ба вай *танҳо* аз байни забонаҳои оташ менигарад, табассум мекунад; гӯё гап ҳам мезанад... Вале духтар овози ширадори ӯро намешунавад.

«Ин дам дар куҷо бошад? Хоб аст ё бедор? Анвар, азизи дилам Анвар... Аҳволи Соро-хола чӣ хел? Зиёда аз як сол мешавад, ки надидаам. Чӣ зани меҳрубон!»

Таманно боз ду-се шаббаро шикаста, ба оташдон партофт ва ҳушу ёдаш ба кӯи дигар рафт. Вай акнун аз рӯи қиссаву афсонаҳои зиёде ки баъзан, бештар шабҳои сарди зимистон, аз забони модараш мешунид, азоби дӯзаху роҳати ҷаннатро фикр мекард. Қариб ҳар боре ки чашмаш ба оташ афтад, ӯ ҳатман ба ин ҳолати носоз гирифтор шуда, як лаҳза бошад ҳам, ба андеша меравад – ба ин маънӣ, ки одамизод худаш дар рӯи замин ба сад хорӣ рӯз мегузаронад, лекин чаро боз дар он дунё барои ягон гуноҳаш дар оташи дӯзах ҳезум барин сӯхта, вале ҳеҷ намурда, ҷисман азоб мекашад? Охир, касе ки дар зиндагӣ гуноҳ накарда бошад, эҳтимол ёфт нашавад...

Пас рӯзи қиёмат ҳамаро аввал ба оташи дӯзах мебаранд? Чӣ даҳшат!

Таманно, ки аз шиддати ин гуна хаёлҳо дилаш қариб аз хона ҷаста, ба танаш сардӣ медавид, ҳамчунон ба оташ нигариста, «шояд ба касе, масалан, ба Анвар... меҳр мондан гуноҳ бошад?» – гуфт ба худ ғамгин.

Баъд фикр кард, ки оё Анвар аз ишқи ӯ хабар дорад... Оё вай медонад, ки Таманно шабҳои дароз хоб нарафта, чӣ тавр ҳар як хати чеҳраи ӯро дар қалби нооромаш зинда мегардонад? Анвар чӣ – низ ӯро ба ёд меоварда бошад?.. Агар вай дар ин хусус фикр кунад, пас чаро хостгор намефиристад? Барои чӣ хомӯш аст? Ягон маротиба ҳатто ба рамзе нафаҳмонд, ки меҳр дорад...

Не-е, аз чашмонаш маълум: нағз мебинад ӯро Анвар. «Ман меоям», – гуфта буд. Пас меояд; боронгариҳо камтар шаванд, ҳатман меояд.

Шир ҷӯшида, қадре дамид.

Таманно оташро хомӯш карда, берун баромад.

Бузғолаҳо сер шуда, дар гирди модар ҷастухез доштанд.

Офтоб ҳанӯз сар назада буд, вале уфуқ ба ранги арғувон медурахшид. Аз кӯча, ё аз ҳавлиҳои дуру наздик маоси гаву гӯсола, овози бачаҳои саҳархез, ҳангаси маркаб, қут-қути мурғ – хулоса, ҳамон садоҳое ба гӯш мерасиданд, ки ҳар деҳаро чун макони одамӣ зинда медоранд.

Таманно калбузро аз ресмонаш кушода, ба кӯча ҳай кард, ки он ҷо пода ҷамъ мешуд; гоҳо подабон гулӯ даронда, таёқаш дар болои сар, «бош-а! бош!»-у «ча-ча!» – мегуфт.

Бузғолаҳо аз паси модар худро ба дарвозаи маҳкам мезаданд. Таманно пушту паҳлуи онҳоро сила карда, хоридаву молида, ба сабзазори поини ҳавлӣ ронд. Ва дар фикраш ҳаррӯза ташвиши зиндагӣ, қафо гашта, нохост дид, ки модари дардмандаш аз хоб хеста, ҳоло дар таки айвон ба рӯи офтоба хам мешавад.

Вай шитобон рафта, гарм салом дод ва:

– Истед, оча, ман мерезам, – гӯён офтобаро гирифта, ба кафҳои лоғар ва беқуввати ӯ об рехт.

Модар ба душворӣ дастурӯй мешусту пичаҳои пахта барин сафедашро беихтиёр ба пушти гӯшҳояш бурда:

– Бахтат кушода шавад, духтарам, – мегуфт. – Илоҳӣ рӯзи бад набинӣ!

Дар пеши чашмони Таманно ин саҳар бори чандум буд, ки боз симои Анвар падидор гардид. Вай агар ба Нилу ояд, ҳар дафъа ба ҳавличаи нимфатароти онҳо даромада, аз аҳволи модари ӯ хабар мегирифт; суханҳои хуш гуфта, аз сами-

ми қалб дилбардорӣ мекард.

Аммо нест ҳоло Анвар дар ин ҷо, нест...

Таманно ним сол боз чеҳраи ҷаззоби ӯро надидааст.

«Кай меомада бошад? Кай?..»

Аз дуриҳои дур, аз пушти қуллаҳои дар уфуқ гӯё оташгирифта, як лаби қурси офтоб ногаҳон сар кашида, ба замину осмони деҳа нуру сафо бахшид. Вале Таманно ба ҷои хирмани он равшанизои бузург сурати гарму хандон ва барояш бениҳоят азизи Анварро медид.

«Кай меояд? Кай?..» – бетоқат мегуфт ӯ ба худ гаштаву баргашта.

Ва дили бе ин ҳам пуризтиробаш бештар дар қабзаи хаёлу хотираҳо монда, Таманно ҳатто тасаввур карда наметавонист, ки фардо, айнан дар ҳамин соат, ҳангоме панҷаи лоларанги офтоб аз машриқ боз теғ мекашад, вай...

Ба Анвар вомехӯрад.

Дурусттараш, ӯро мебинад. Лекин аз дур… Аввал як лаҳза, фақат як лаҳза!

## 4

Ситораи рӯз набаромада, панҷ нафар пасопеш дар идораи милиса ҳозир шуданд.

Мурод, марди тахмин сисолаи бакитфу бозу, ки аз ҷавонӣ дар водии Гардон бар зидди босмачиҳо ҷангида, борҳо тир хӯрдаву боз ба по хеста, дар музофот чун муборизи нотарс ва оҳангари хуб шӯҳрат дошт, ба аспу нагани худаш омад. Он наганро ба вай соли бисту чорум... мутобиқи қарори штаби полки ҳафтоду шашуми савора барои шуҷоат ва мардонагӣ дар муқовимат ба душманони сохти нав, дар варақаи филизии як тарафи дастааш махсус навишта, дар пеши сафи аскарони сурх шахсан камандири эскадрон супурда буд. Асп ҳам аз заҳмати дасту панҷааш: ӯ солҳои охир коргоҳи меросии падарро ба тартиб оварда, ҳамроҳи бародараш, ки ҳафт фарзанд дорад, оҳангарӣ мекард.

Онҳо, бародарон, на фақат ҳоҷати мардумро бароварда, хуб ё бад… дар ҳар сурат рӯз мегузаронданд, инчунин ба хоҳиши роҳбарони ноҳия барои хоҷагиҳои навташкил низ, аз қабили белу каланд, оҳани сипор, сихмола, досу доскола

хаскашу шоха ва ғайра... олоту асбоб месохтанд. Ва дар аксар ҳолатҳо ба ивази меҳнати худ чизе талаб намекарданд.

– Кирои савдо не, барои ҳукумати камбағалпарасти халқ, – мегуфтанд онҳо ба табассум.

Мурод аз нахустин рӯзҳои ташкили камсамол узви ин созмон буд. Дар маҷлису машварат ва чорабиниҳои он ҳамеша иштирок карда, ҳар як супоришро аз таҳти дил ба сомон мерасонд – қатори одамони масъул ба деҳоти дуру наздик рафта, ба камбағалон сӯҳбатҳо меорост; дар маҳви бесаводӣ алоқадри маҷол ҳисса мегузошт; барои озодии занон ташвиқот мебурд; қарорҳои партия ва ҳукуматро дар байни аҳолӣ тарғиб мекард.

Хулоса, вай на танҳо косиби даҳ дасташ ҳунар ва ҷанговари овозадор, балки ташкилотчии моҳир низ буд. Ҳамин қобилияти Муродро ба назар гирифта, баъзе раҳбарон, аз ҷумла котиби райком Амонов, ба ӯ мегуфтанд:

– Розӣ шав, ба ту ягон вазифа ёфта диҳем. Аз душвортараш... Маълум, ки аз ӯҳдаи кор мебароӣ.

Аммо вай розӣ намешуд: аз оҳангарӣ, касби меросии падару бобоҳои худ, дил канда наметавонист. Бо вуҷуди ин ба ҳар ташвиши ноҳия шарик буд.

Ҳангоме ки Анвар дар ғояти шаб дарвозаашро кӯфта, ӯро аз хоб бедор карда, вазъиятро фаҳмонд, Мурод чизе напурсида ва ҳатто ба хаёле ҳам нарафта, ин дафъа низ дарҳол тайёр шуд. Ва пас аз як-ду соат дар хӯрҷинаш тӯшаи роҳ гирифта, савори аспу дар тасма наган, ба идораи милиса омад.

Каримов медонист, ки вай тапончаи шахсӣ дорад. Аз ин рӯ хандон:

– Туфангамон кам. Ту худат… ҳар оина одами басилоҳ, – гуфта, ба ӯ фақат чил дона тир дод.

Саид ва боз ду нафари дигар ҳам, ки Анвар онҳоро зуд дар хонаҳояшон ёфта, мақсадро баён карда буд, бе ҳеҷ чуну чаро ба ин иқдоми хатарнок розӣ шуданд.

– Чӣ ҷои гап! – гуфта буд Саид, чашмони хоболудашро ба пушти даст молида. – Намемонем... ҳаёти осудаамонро заҳрогин кардан намемонем! Гургони дупо... Аз рӯзе ки ба хокамон зада даромадани онҳоро шунидам, ман хавф доштам. Хавф доштам, ки баъзе маккорашон ҷон ба саломат

бурда, ба тарафҳои мо ҳам метозанд. То даме ки аз дасташон меоянд, бедодӣ мекунанд. Лекин дунё акнун соҳиб дорад. Лаънатиҳо...

Аз онҳое ки ҳамроҳи худ гирифтан мехост, Анвар танҳо як нафарро дар хонааш наёфт. Дӯсти меҳрубони ӯ Давлат, ки порсол дар калхози навташкили «Корвони сурх», хоҷагии аз маркази ноҳия тақрибан ним фарсах дуртар, ба хоҳиши умум раис интихоб гардид, аз рӯи гапи падараш ба дашт, назди деҳқонони ғаллакор рафта, маълум набудааст кай бармегардад.

– Чӣ тавр шуда, дар ду-се моҳ як бор омадеду ҷӯраатон нест, – мегуфт ба таассуф падари мӯйсафеди Давлат.

– Ҳеҷ қисса не, амак, ман ҳоло бисёр меоям.

Анвар барои он ки ӯро бемаҳал ташвиш дод, узр пурсид ва аз хусуси ба Давлат чӣ кор доштани худ ҳарфе нагуфта, зуд қафо гашт. Ва сари раҳ хона даромада, ба модараш, ки:

– Боз куҷо меравӣ, писарам? Боз чӣ воқиа рӯй дод? Эҳтиёт шав... – гӯён қариб мегирист, хайрухуш карда, хушнуд ӯро тасаллӣ бахшид:

– Осуда бошед, очаҷон, ҳеҷ воқиа рӯй надодааст. Нохост як кори зарур баромад... ду-серӯза. То Нилу рафта, иншооллоҳ, сиҳат-саломат бармегардам. Ба ҳамин баҳона хоҳарамро мебинам.

– О Нилу рафтанӣ бошӣ, маро ҳам бар. Ман ҳам Сабоҳатро пазмон шудаам. Барои чӣ ту ин қадар саросема? – дар торикӣ ӯро то таки дарвоза гусел карда, ба оҳанги коҳиш гуфт Соро-хола.

– Бори дигар, очаҷон... Бори дигар ҳатман мебарам.

– Хайр, писарам, худат медонӣ. Раҳат кушода шавад, худои карим дар паноҳаш нигаҳ дорад... Ҳамин барои ман давлати калон.

– Нигоҳ медорад, оча. Вай агар бошад, ҳеҷ гоҳ ману шуморо аз ҳам ҷудо намекунад, – гуфт Анвар, аз ин сухани модар ба лабонаш табассум давида. – Хона дароед: ҳаво хунук барин, – ба дилсӯзӣ илова намуд ӯ ва пой ба рикоб бурда, дар як ҷаҳидан худро болои зин гирифт.

...Ҳамин тавр онҳо, панҷ нафар, ситораи рӯз набаромада, пасопеш дар идораи милиса ҳозир шуданд.

Корманди молия Саид низ ба монанди Мурод савора омад. Азбаски вазифааш ӯро зуд-зуд ба деҳоти дуру наздик мебурд, барояш махсус асп ҷудо карда буданд. Аммо силоҳ надошт Саид. Бинобар ин Каримов ба вай як панҷтира дод. Боз ду нафари дигарро дар баробари тиру туфанг ба асп ҳам таъмин намуд.

Баъде ки ҳар кадоми онҳо фалон чиз гирифтем гуфта, дар бари ному насаби худ ба як парча коғаз имзо гузоштанд, ӯ Анвару рафиқонашро то берун гусел карда:

– Барори кор мехоҳам! – гуфт. – Ман ҳам акнун аз паи бачаҳо... тарафи ҷануб меравам.

– Сафаратон бехатар бод! – гуфт аз самими дил Анвар низ ба вай.

Ва пас...

Онҳо аз кӯчаи дар ин шабонгаҳ ором ва хилват асп ронда, баъди чанд дақиқа аз маркази ноҳия баромаданд. Ва тахмин боз як соат барин вақт сарф намуда, ба дараи Оҳугузар дохил шуданд. Нахустин деҳаи сари роҳашон Саройсанг буд, ки понздаҳ-бист хонавода дошт. Баъзе сагони ҳушёр безобита гардида, аз пушти девору назди дарвозаҳо ба ҷониби саворон ак-ак мекарданд.

Рӯз сафедӣ мезад; аз байни абрҳои парешон ситораҳо хира метофтанд. Дар кӯча якта-нимта одамон вохӯрда, ба онҳо салом-алейк мешуданд. Аз даруни ҳавлиҳои фақирона гоҳо маоси гаву гӯсола ё моли реза ба гӯш мерасид.

Дар қаъри дара, дар поини роҳе ки Анвару ёронаш онро гузашта мерафтанд, ба ғул-ғул дарёчаи Кофрун ҷорӣ мегардид. Вай дур аз Нилу, аз худи пошнаи куллаҳои кӯҳи Ҳафтсар ибтидо гирифта, тобистону тирамоҳ як қисм заминҳои водии Гардонро шодоб мекард. Ҳоло, шояд аз борони дирӯза, обаш лой ва аз ҳарвақта баландтар буд.

Анвар дар охири деҳа як дарвозаи каме каҷ ва фарсударо кӯфта, ба соҳиби ҳавлӣ, марди лоғари беморнамо, ки ӯро дар қатори фаъолони ҳамин атроф медонистанд, ду-се дақиқа гуфтугӯ кард. Аз рӯи гапи мард деҳа бисёр ором; ягон каси бегона пайдо нашудааст, хавферо пай набурдаанд.

Бо вуҷуди ин Анвар ба вай фаҳмонд, ки ҳушёр бошанд. Ҳамин ҳозир одамони дилпурро аз вазъият огоҳ намуда, ба

ҳар эҳтимол шабу рӯз посбонӣ кунанд. Ва рафту *онҳо* дар ин атроф қадаме гузоранд, зуд ба ноҳия хабар расонанд. Дайдуҳо як-ду нафар бошанду зӯри худашон расад, боз беҳтар... Ҳеҷ қисса не, муҳиммаш – натарсанд: охир, бел доранд, каланд доранд, табару теша доранд. Балки камони шикорӣ ҳам ёфт мешудагист... Бале, вай, Анвар, нағз медонад – ба ин чизҳо дами тиру туфангро гирифтан осон не, ҳатто амри муҳол. Лекин чӣ илоҷ... Хуллас, ки агар он фалакзадаҳои хомхаёл суробашонро нишон диҳанд, ҳама аз як гиребон сар бароварда, занону кӯдакон ва мӯйсафедонро осуда кунанд. Ва ҳаргиз натарсанд. Зеро ҳар бадниятро дар ин дунё оқибат ҷазои муносиб ҳаст...

Мард сухани Анварро ба эътибор гирифта, гоҳо пушти сар мехорид.

– Набошад чӣ! Албатта, додар, ҳатман...

Ва онҳо гашти худро идома доданд. Лаблаби дарёчаи Кофрун, аз байни дараи дарози Оҳугузар, ки талу кӯҳтал ва шаху ҷариҳои ду самти вай торафт баланд, серарча ва ҳавлангез мешуданд, ба сӯи Нилу мерафтанд онҳо. Ин деҳаи хушманзар аз маркази ноҳия дар шимолу ғарб воқеъ гардида, барои одами пиёда то расидан ба манзил қариб як шабонарӯз раҳ сипардан лозим меомад.

Анвару рафиқонаш савора буданд.

Онҳо ба эҳтиёт – рафту аз пушти санге тир кушоянд – ва дар айни замон беист асп ронда, дами офтоббаро ба деҳаи дигар расиданд, ки вай ҳам орому осуда буд; аз душман касе хабар надошт. Занону духтарон, дар сари китф кӯзаҳои гардандароз, ба лаби Кофрун фуромада, ба хонаҳои худ об мекашиданд. Мардон аз паи ташвиши ҳамарӯза буданд – яке дар даст бел дошт, дигаре ресмон; яке савори маркаб ба ҷониби пуштаҳо равад, дигаре модагавашро аз шохбанд кушода, кӯча мебаровард. Ба димоғ омехта ба накҳати баҳорон бӯи шири навдӯшида менишаст.

Дар ёнаи пур аз сабзаву лолахасакҳои канори деҳа, ки болотараш то сари ёла арчазор буд, моли реза мечарид. Бараву бузғолаҳо медавиданд, меҷаҳиданд, дар гирди модарони худ пойкӯбон парвона шуда, ба пистони онҳо, ки ҳама даруни халтача буданд, даҳон мезаданд. Вале ба ҷои шир

фиреб хӯрдаву даме ҳайрон монда, шикваомез «ба-аъ...» – мегуфтанд. Ва боз меҷаҳиданд, медавиданд...

Умуман ин деҳа низ ором буд. Анвару ёронаш дар ин деҳа низ одамони дилпурро аз вазъият огоҳ карда, ба:

– Камтар истед, чой нӯшед, баъд меравед, – гуфтани онҳо узр оварда, аз нав ба ҳаракат даромаданд.

Кофрун ҳамчунон аз самти дасти чап ҷорӣ буд. Саворон ба канори дарёча мерафтанд. Аз он сӯи Кофрун, ки ба сангу харсангҳои сари роҳаш бархӯрда, даршасту қаҳролуд пеш метохт, шаххҳои азим яке аз паи дигаре ба ҳар ранг падидор мешуданд: ба ранги сиёҳ, хокистарӣ, бунафш, кабуд... Фарози онҳо аксар серарча буд. Аз тани мазбути баъзе кӯҳпораҳои баланд ҷо-ҷо буттаҳои зарангу муша овезон ба назар мерасиданд.

Шаххҳои дасти рост низ ба ҳар гуна метофтанд. Лекин онҳо дар муқоиса дуртар – дар паси талҳои аз гулу сабза чун қолин саросар хушрангу пуштаҳои қитъа-қитъа гандумаш акнун нешзада, – дар ҳар сурат дуртар саф кашида буданд.

Агарчи офтоб ҳоло ба миёни дара нур пошида, гардани саворонро аз қафо кам-кам гарм мекард ва абрҳо ҳам дар сатҳи осмон тадриҷан пароканда мешуданд, ҳаво сард буд. Шояд аз шамоли оби Кофрун... ё шояд аз он ки Авару ёронаш рӯболо… ба сӯи қуллаҳои барфпӯши кӯҳи Чилчароғ мерафтанд. Аз ҳар чӣ бошад, ҳаво хунуктар мешуду гарм – не!

Воқиан, барои чӣ ин кӯҳҳоро, ки қариб ҳама ба худ ном доранд, боз якҷоя карда, Чилчароғ мегӯянд?

Анвар ба Мурод нигарист ва овоз бароварда, фикри ногаҳон ба сараш омадаро баён намуд. Мурод, ки баробари ӯ рикоб ба рикоб асп меронд:

– Намедонӣ? – гуфт ва хандид.

– Не-е, – ҷавоб гардонд Анвар ҷиддӣ.

– Аммо ман медонам, – гуфт Мурод хушҳол. – Агар рост бошад... – Вай хомӯш монд ва боз каме асп ронда, хаёломез такрор кард: – Агар рост бошад...

– Аввал шунавем.

– Майлат... – қамчинро ба дасти дигар гирифт Мурод, ки ҳамчунон дар банди андеша буд.

Аспҳои кӯҳгашта якзайл таноби роҳ мекашиданд. Наъли

суми онҳо аҳён-аҳён ба қайроқсанге бархӯрда, шарора мебаровард. Дар пеш, дар фарози як кӯҳи бузург, ки сари синааш ба дарахтони ҳамеша сабзи арча пӯшида буд, уқоби танҳое пайдо шуда, болҳои бақувваташ росту беҳаракат, чарх зада-чарх зада, гоҳ поин мефуромад ва гоҳ ба як хестан то авҷи само рафта, сангча барин хурд мегардид. Ва боз ба тадриҷ хам мехӯрд.

Ба димоғ бӯи барф, бӯи тези арча ва накҳати гулу гиёҳ мерасид.

– ...Ман ин қиссаро аз раҳматӣ бобоям шунида будам, – ҳикоят мекард Мурод, ба дӯсташ рӯй оварда. – Он кас дар бачагии ману бародарам қариб ҳар шаб ба мо ягон ривоят ё афсона мегуфтанд. Бародарам чандон не... лекин ман қиссаву афсонаҳои бобоямро то ҳол нағз дар хотир дорам. Мешавад, ки худам ҳам баъзан шабҳо ба писарчааму бачаҳои бародарам афсона мегӯям. Онҳо шунида-шунида, чунон хурсандӣ мекунанд, ки мондан гир...

– Ҳеҷ гумон намебурдам, ки ту, як одами то ин андоза ҷиддӣ, ба кӯдакон боз хуши афсона гуфтан дорӣ, – хандид Анвар.

– Ту ҳанӯз бисёр сифатҳои маро намедонӣ, – низ дандон сафед кард Мурод ва: – Хайр, биё, ба сари мақсад расем. Гап дар бораи кӯҳи Чилчароғ буд, – гуфта, ҳикояташро давом дод: – Боре мо ҳамроҳи раҳматӣ бобоям дар суфаи рӯи ҳавлӣ мехобидем. Шаби тобистон буд. Себҳои пухта аз шохҳояшон канда шуда, тарс-турс ба замин бармехӯрданд. Осмон бисёр баланд ва ситоразор буд. Маҳтоб ҳоло набаромада бошад ҳам, Роҳи Каҳкашон ба гирду атроф равшанӣ меандохт. Аз дур, аз ҳар ҷо-ҳар ҷои ҳамин кӯҳи бузург, оташак медурахшид. Ман он чароғ ё оташакҳоро пештар ҳам медидам. Аммо намедонистам, ки дар ин кӯҳҳо низ одамон зиндагӣ мекунанд; мисли мо чароғ дармегиронанд, гулхан меафрӯзанд... Хулоса, ба ҳамин ҷониб чашм дӯхта, дар банди хаёл мондани маро дида, бобоям мулоим пурсид:

«Ҳа, барача, чӣ тамошо дорӣ?»

«Ана... чароғи бисёр, ё алав... Дар кӯҳ...» – гуфтам ман, ба синаи лоғар ва шахшӯли вай ҷафстар шуда.

Бобоям риши дарози чун барф сап-сафедашро ба ангуш-

тон *шона* зада:

«Дуруст, – гуфт, – дар он кӯҳи баланд ману ту барин одамон манзил доранд. Шабҳо чароғ дармегиронанд, алав мекунанд...»

«Наметарсанд?» – базӯр пурсидам ман, ки аз ваҳм дар танам мурғак медамид.

«Аз чӣ тарсанд?» – гуфт бобоям, маро бештар дар оғӯш гирифтаву сарамро ба меҳр сила карда.

«Аз кӯҳ», – ҷавоб гардондам ман.

«Не, барача, наметарсанд; аз ҳеҷ чиз наметарсанд. Чунки онҳо авлоди мардони ҷасуранд. Садҳо сол боз дар паноҳи ҳамон кӯҳҳои басалобат зиндагӣ карда, ҳастии моро давом медиҳанд».

«Ҳастиаш чӣ?» – пурсидам ман, аз ин сухани бобоям чизе нафаҳмида.

«Ҳастӣ... – гуфт ӯ зери лаб ва як муддат ба андеша рафта, худаш ҳам пурсид: – Ту, масалан, кистӣ?»

«Ман?.. Ман бача!»

«Дуруст, ту бача. Лекин ба кадом забон гап мезанӣ?»

«Ба забони падару модарам, ба забони шумо...»

«Боракалло, барача, ба забони падару модарат, – гуфт вай, аз пешониам нарм бӯсида. – Акнун ба ман фаҳмон, ки падару модарат кистанд?»

«Одам», – дарҳол ҷавоб додам ман.

«Бале, онҳо қабл аз ҳама одам. Аммо... *умуман* кистанд, миллаташон чӣ, ба кадом забон гап мезананд?»

«Ба забони тоҷикӣ».

«Офарин! Ба забони тоҷикӣ... Модом ки ба ҳамин забон гап мезананд, пас онҳо кистанд?»

«Тоҷик».

«Дуруст, барачаи бобо, тоҷик. Акнун гӯй, ки ту худат кистӣ?»

«Тоҷик будагистам...»

«Бале, ту тоҷикӣ. Бародарат ҳам тоҷик, мани мӯйсафед ҳам тоҷик. Дар дунё тоҷик-мардум бисёранд. Барои он ки намурда, наслашонро идома диҳанд, шуморашон кам нашавад, забонашонро эмин доранд ва ба ин восита дар байни дигар халқҳои олам *халқ* бошанд, миллат бошанд, дар даво-

ми асрҳо шояд садҳо маротиба ба душманони ҷони худ афтударафт кардаанд».

«Душманашон кӣ буд?» – дар ҳайрат пурсидам ман.

«Ҳар хел одамон, барача, – гуфт ӯ бадард – Ту ҳоло кӯдакӣ, ба фаҳми ин чизҳо намерасӣ. Аз рӯзе ки мардум вуҷуд доранд, дар байнашон душманӣ ҳаст. Худои карим аслан ҳама фарзанди инсонро аз як гавҳар офарида, ба сари китфи ҳар кадоми онҳо раҳмон ном қуввае ато мекунад, ки вай одамизодро аз раҳи бад нигоҳ дорад. Аммо шайтони раҷим – душмани ашаддии парвардигор, ки касбаш фақат вайронкорӣ аст, раҳмонро зуд фиреб дода, аз китфи дигари инсон ҷой мегирад».

То имрӯз аз хотирам нарафтааст, ки он шаб раҳматӣ бобоям ба ҷониби ҳамин кӯҳҳо дуру дароз нигариста, як оҳ кашид. Чунон ба алам ва чуқур оҳ кашид, ки дар тасаввурам шушаш сӯрох гардид.

«Баъд чӣ?» – пурсидам ман, бетоқат шуда.

«Баъд... Баъд ана... дар баробари некӣ бадӣ ба миён меояд, – гуфт вай, ҳушу ёдашро ғундошта. – Аз як тараф раҳмон ба гӯши фарзанди одам мехонад, ки ҳалол бош, зинҳор хун нарез, ғорат накун... Аз тарафи дигар шайтони лаин пеши гапи ӯро гирифта, ширин-ширин мегӯяд, ки не, дар ин чоррӯза дунё хӯрдану бурданат мемонад; бад бош, ки аз бад метарсанд; ҷояш ояд, барои нафсат хун рез, ғорат кун... Ақидаи ман, барачаи бобо, – одам агар баирода бошад, фақат ба маслиҳати раҳмон гӯш медиҳад, беирода бошад, ба гапи шайтон меравад».

«Дар дунё одами баирода мӯл, ё беирода?»

«Албатта баирода мӯл. Вагарна ин дунё кайҳо зеру забар мешуд. Лекин беирода ҳам кам не. Ту... ту ҳеҷ гоҳ ба тарғиби шайтон гӯш надеҳ. Мисли бародарат бачаи қобил шав, падарат барин баирода шав. Хуб?.. Ҳамеша дар ҳаққат дуои нек мекунам».

«Хуб, – гуфтам ман ва хаёлам боз побанди оташакҳо гардида, пурсидам: – Номи ҳамон кӯҳ чӣ?»

«Чилчароғ, – гуфт бародарам, ки сар дар болин, то ҳол хомӯш буд. – Намедонӣ?»

«Рост мегӯяд, – зуд тасдиқ намуд бобоям, – номаш Чил-

чароғ».

«Барои чӣ?»

«Чӣ хел барои чӣ?»

«Чилчароғ номаш...»

«Ҳа-а, – хандид ӯ ва боз сарамро нарм-нарм сила карда, гуфт, ки: – Замоне аз Қипчоқ ном як дашти дур ба ин тарафҳо балои қазо барин нохост душманон ҳуҷум меоранд. Онҳо ба монанди мӯру малах ҳисоб надоштаанд; ба мисли гург бераҳму чун зоғу заған носерам будаанд. Ҳама мардони водии Гардон, ки аҷдод ба аҷдод аз заҳмати деҳқонӣ нон мехӯрдаанд, ва ҳатто баъзе занону духтарони нотарс дар даст шамшеру найза ва досу гаврона гирифта, ба он сарбозони яккачин, ки умрашон ба ҷангу ҷидол мегузаштааст, чил шабу чил рӯз далерона корзор мекунанд. Бо вуҷуди ин душман ғолиб омада, водии Гардонро низ, чун дигар гӯшаву канори ин кишвар, ба тасарруфи худ медарорад. Лекин баъзе мардони ҷасур таслим шудан намехоҳанд ва зану бачаашонро гирифта, «мо боз бармегардем», – гуфта, рӯ ба ҷониби кӯҳҳо меоранд. Хулоса, онҳо ба чил гурӯҳ тақсим гардида, дар чил ҷои ба душман дастнораси ҳамин кӯҳи баланд паноҳ мебаранд. Шабҳо ҳар як гурӯҳ дар манзилаш гулхан афрӯхта, ҳамдиёрони дар водиҳо мондаи худро хабардор мекардааст, ки онҳо ҳанӯз зиндаанд, дар нияти қасосанд, ба душмани ғаддор ҳаргиз сар намефуроранд. – Вай сурфида, каме ба сукут рафт. Сипас бинии маро ба навозиш як пучида, суханашро идома дод: – Гулхани гурезаҳо аз чил ҷои кӯҳ ҳар шаб ба мардуми водӣ мегуфтааст, ки шумо ҳам биёед, ба мо пайвандед, агар омада наметавонед, ба душман асло тан надиҳед. Иншооллоҳ, наздик аст рӯзи озодӣ».

«Гулхан забон дорад?» – пурсидам ман, аз ҳикояти бобоям дар тааҷҷуб монда.

«Набошад чӣ? – гуфт ӯ ба лабханд. – Дар ин дунёи кӯҳан, барача, ҳар як санг, ҳар як дарахт, ҳар як гулу гиёҳ… ҳама, ҳама чиз забон дорад».

Вай гӯё ба хаёл рафта, хомӯш монд. Аз дуру наздик, шояд аз пали юнучқаву байни ҷӯяҳои ток, овози чирчиракҳо канда-канда ба гӯш мерасид. Себҳои пухта гоҳ-гоҳ аз шохҳояшон ҷудо шуда, ҳамчунон ба замин бармехӯрданд. Нохост

аз кадом гӯшаи деҳа саге ду-се бор болоиҳам уллос кашида, пас чӯб хӯрд магар, ки якбора дамаш ба дарун зад.

Ман аз ин уллоси нобаҳангом тарсида, ба тани лоғари бобоям ҷафстар шудам. Вай маро беозор ба оғӯш гирифта, сару гарданамро сила кард. Баъди як лаҳза аз пушти тали Посбон, ки қаду бари он то алҳол қабристон аст, маҳтоб баромада, саҳни ҳавлии моро саросар равшан намуд. Акнун оташакҳое ки аз ҳар ҷо-ҳар ҷои кӯҳ метофтанд, ба чашм хиратар мерасиданд. Ман гоҳ ба осмони пурситора ва гоҳ ба тарафи ҳамин кӯҳҳо нигариста:

«Бобо», – гуфтам.

«Ҷони бобо!»

«Баъд чӣ?» – бе тоқат пурсидам.

Ӯ чунон ки маҳз суоли маро интизор бошад:

«Ҳамон боз номи ин кӯҳ Чилчароғ», – гуфт ба оҳанги шодмонӣ ва даст ба ришаш бурд.

«Душманҳо чӣ шуданд? Рафтанд?»

«Албатта! Дар муддати ду-се соле ки дар ин кӯҳҳо ҳар шаб гулхан дармегирифтааст, одамон ҳам дар он ҷо ва ҳам дар водӣ садҳо найзаву шамшер сохта, аз байни худ як нафар марди ҷасурро пешво интихоб карда, сел барин ногаҳон ба сари душман мерезанд. Ҳафт шабу ҳафт рӯз ҷанг мешавад, барачаи бобо; ҷанги сахт мешавад. Ниҳоят… душман аз ҳол рафта, мурдаашро партофта, шармандавор мегурезад. Ва мардум боз нафаси озод мегиранд. Ҳамон вақт инҷониб дар он кӯҳи баланд, ки халқ Чилчароғ ном додааст, ману ту барин одамон манзил доранд. Шабҳо чароғ дармегиронанд, алав мекунанд... Ба масал онҳо посбони хушёри ҳамин водии Гардонанд».

«Чӣ хел нағз!» – гуфтам ман, қонеъ гардида.

Мурод сукут кард.

Дара торафт тангтар мешуд.

Аспҳо ба ҷадал раҳ мепаймуданд.

Анвар мисли рафиқаш хомӯш буд.

Саид ва ду нафари дигар низ хомӯш мерафтанд.

– Дар кӯдакӣ аз забони бобоям ҳамин тартиб як ҳикоят шунида будам, – гуфт ниҳоят Мурод, нақлашро ба охир расонда. – Агар рост бошад, ривояти ибратбахш...

Анвар ба ишораи тасдиқ сар ҷунбонд.

– Бале, ибратбахш, – гуфт Саид, ки дар тамоми раҳ ягон маротиба даҳон накушода буд. – Лекин ман ҳайронам.

– Аз чӣ ҳайронӣ? – пурсид Анвар.

– Аз он ҳайронам, ки барои чӣ фарзанди инсон хун мерезад. Оё мумкин нест одамон ба ҳамдигар мисли бародарону хоҳарони аёнӣ зиндагӣ кунанд?

– Онҳоро бештар дарди ҷоҳпарастӣ, ҳирси давлату сарват ба ҷанг меандозад, – гуфт Мурод. – То чашму дилашон ахир сер нашавад, то ман бою ту камбағал барин даъвоҳоро аз байн набардоранд, душманиву хунрезӣ давом кардан мегирад.

– Рост, – гуфт Анвар, як оҳ кашида. – Вагарна чаро босмачиҳо қариб даҳ сол боз ором намегиранд? Барои чӣ англисҳо аз он канори дунё истода, ба инҳо пуштибону ҳимоятгар мешаванд? Сарулибос медиҳанд, пул медиҳанд, тиру туфанг медиҳанд... Барои он ки ҳам *инҳо* ва ҳам *онҳо* дар ҳирси молу маноланд, аз паи зулму ғоратанд.

– Хобашонро ба об гӯянд, – овоз баровард Санҷар, ки марди тахмин биступанҷсола буда, дар тан ҷомаи майдалаганда, аз ҳама охир асп меронд.

– Офарин! – гуфт Анвар ва боз хомӯшӣ ба миён омад.

Онҳо як хамгаштро гузашта, ҳоло аз таки қаторшаххҳои баланди гӯё ба табар рост бурида ва устувор боло мерафтанд. Тақрибан баъд аз ним соат бояд ба деҳаи дигаре расанд, ки он дар мавзеи нисбатан васеътари мобайни дара воқеъ гардидааст.

...Аз босмачиҳо дар ин атроф нишоне набуд. Якта-нимта одамони раҳорах ба Анвару ёронаш вохӯрда низ мегуфтанд, ки ҳама ҷо дар осоиш, аз бегонагон ё зоти ба душман монанд касеро надидаанд.

Дар воқеъ низ дара тимсоли оромӣ буд. Ва ин ҳолат Анварро бештар ба ташвиш меандохт; дилаш дар изтироб монда, ба саду як тахмин мерафт ӯ. Агар ба ин тарафҳо сар нахалондаанд, пас ҳоло дар куҷоанд онҳо? Муҳиммаш – ба одамони бегуноҳ, ба занону кӯдакон зарар нарасонанд... Рафту ин дам ба ғорати ягон деҳа машғул бошанд, чӣ?

– Тезтар, рафиқон, тезтар ҳай кунед, – гуфт вай, ҳаяҷонаш-

ро пинҳон дошта.

Аспҳо боз ҳам чолоктар раҳ мепаймуданд. Оби Кофрун дар ин қитъаи маҷрояш гув-гув садо бароварда, зарби суми онҳоро пахш мекард; баъзан сангеро ба санг зада, дар дилашон воҳима меандохт. Ва ҳайвонҳои безабон... лаҷоми худро кашида, гоҳо ба дарёча менигаристанд, ки оби лояш гӯё дақика ба дақиқа бештар мегардид; норозиёна бинӣ меафшонданд ва аз нав ба саворони худ итоат карда, қариб чорхез мегирифтанд.

Уқоби танҳое ки чанд лаҳза қабл аз ин дар фарози наздиктарин қулла пайдо шуда, болҳои бақувваташ росту беҳаракат, чарх зада-чарх зада, гоҳ поин мефуромад ва гоҳ ба як хестан то авҷи само расида, сангча барин хурд метофт, – ҳамон уқоб, ҳокими мағрури кӯҳҳои сар ба фалак, ҳоло низ бепарво ва хотираш ҷамъ дар парвоз буд: оҳиста-оҳиста гоҳ боло мебаромад, гоҳи дигар гӯё хоҳам-нахоҳам ба китфи қулла хам мехӯрд.

Ба фарқи кӯҳҳои аз вай дуртар абрҳо хирман зада, торафт ғафс, сиёҳ ва батаҳдид мешуданд. Бо вуҷуди он ки офтоб мунаввар буд, аз пеш бӯи борон меомад.

Саворагон лаблаби дарёчаи Кофрун, рӯди дар ин фасли сол пуртуғён... ҳаракати душвори худро идома медоданд.

## 5

Модаргург чашми рӯз кафидан баробар аз ғор берун шуд. Агар ин дафъа шикораш барор гирад, ё ҳеҷ набошад, ба чорпанҷ суғури гаранг воҳӯрад, пас барои се бачаи носерамаш вай ягон қути лоямут меорад. Дар акси ҳол сахт аст вазъияти онҳо, ниҳоят сахт! Чор рӯз боз луқмае ба даҳон набурдаанд, аз гурӯснагӣ нимҷон шудаанд...

Худи модагург ҳам вуҷуди зинда аст, нафс дорад, лекин ҳоло фақат ғами бачаҳояшро мехӯрад, аз паи сер кардани шиками онҳо мегардад, дарду доғашонро набинам мегӯяд. Чунки вазифааш – ба ҳазор хавфу хатар рӯбарӯ шавад ҳам, илоҷе ёфта, бачаҳояшро ба по мондан!

Бале, вай акнун онҳоро бояд танҳо калон кунад; хӯронда-хӯронда чунон тарбия кунад, ки ба мисли падари худ бақувват, нотарс ва тездандон шуда, ҳар чи зудтар ба воя ра-

санд. Ҳамроҳи модагург ба шикор баромада, асп аст ё гӯсфанд, гав аст ё гӯсола… чизе ки бошад, ба як паридан аз пой дароварда, филҳол бидаранд, бихӯранд; шикамашон пури гӯшт, аз бӯи хуни гарми он ҳайвон маст шаванд. Ва шабону рӯзон тозанд. Чунон тохтутоз кунанд, ки ҳама мардуми ин дараи зеборо ба ларза оранд. Ҷояш ояд, ба чӯпонҳо низ ҳаргиз амон надиҳанд – то ҷон дар бадан доранд, аз он махлуқони камонбадаст, ки бисёр маккоранд, бе ҳеҷ раҳму шафқат қасос гиранд; барои падари ғамхору меҳрубони даҳҳо маротиба аз ғазаби муфоҷои инсон раҳо ёфта, оқибат дар қафои ҳамин кӯҳҳои баланд ба тири якрости вай кушташудаи худ қасос гиранд.

Аз байни арчаҳои садсола дар шитоб раҳ кушода, ба чунин хаёлҳои пурмалол мерафт модагург. Вай чор рӯз муқаддам бачаҳояшро дар азоби алим ба ин тарафи кӯҳ оварда, дар як ғори заҳ ва торик ҷойгир кард; ҳарчанд кӯшид, дигар манзили мувофиқ наёфт.

Чӣ илоҷ, тақдир чунин будааст. Вагарна ёри вафодорашро ногаҳон кушта, ҳама ғами бачаҳои ҳанӯз ширмаки онҳоро ба гардани як худи вай бор намекарданд. Умуман вазнин аст ҳаёти номаш даранда. Қир мешавад аз дасти одамизод. Вале то тӯъмаи тир гардидан ҳам... ҳеҷ нест, ки шикамашро муддаои табъ сер карда, осуда нафас гирад, ба хоби роҳат равад. Доимо дар банди тарсу таҳлука... Рӯзи гург-ку аз азал тамоман сиёҳ. На танҳо вай, модагург, балки кулли гургони олам якумр гирифтори азобанд. Аз он соате ки калон шуда – ҳамон ҳам бахт агар мадад карда, ба дасти душмани мудоми худ наафтанд, – нахустин маротиба ба шикор мебароянд, маҳкуми марганд. Тири ҳалоҳил дар паси ҳар сангу бутта, ё шаху пушта ҳатман интизор аст онҳоро...

Лекин рост мегӯянд: гург бояд аз пояш миннатдор бошад. Агар табиат ба вай чунин пойҳои бақувват намедод, агар дилу шуши вай ба ҳама гуна таъқибу маҳрумиятҳо тобовар намебуданд, кӣ медонад дар ин дунёи пуразоб ҳолаш чӣ мешуд? Панҷ рӯз пеш модагургро маҳз пойҳои бидаваш аз марги ногузир халос карданд. Аммо ҳамдаму ҳамсафари вай, падари ғамхори бачаҳояш, ки порсол, дар авҷи тирамоҳ, ба як гӯши хунолуди шояд саг ё гург хоида аз куҷое нохост пайдо

шуда, сарвари галаи онҳоро дар ҷанги тан ба тан мағлуб ва ҳатто маҷрӯҳ карда, модагургро ба худ бурда буд, оқибат аз дасти одамизод ҳалок гардид.

...Онҳо дар муддати қариб се моҳ ба сари рама-рама бузу гӯсфандони пушти ҳамин кӯҳҳои душворгузар тохта, чӯпонҳоро аз қаҳру заҳр ва ноилоҷӣ девона мекарданд. Ғазаб – пас аз он ҷанги хунин ба сарвари гала модагург чунин ном дода буд ба вай – гурги борондида, батадбир ва нотарс буд. Ҳамсари худро як дафъа дар ин чарогоҳ ба шикор барад, дафъаи дигар ба чарогоҳи дуртар мебурд. Ва ҳамин ки чӯпони чанд гӯсфандаш боре талафшуда даҳ-дувоздаҳ рӯз пас осуда гардида, ҳушёриро аз даст медод, боз ба вай ҳуҷум меовард. Шабеҳи балои осмонӣ ногаҳон ҳуҷум меовард Ғазаб ва баъд... Ба як имои вай модагург низ ҷонваронро газидаву дарида, пора-пора гӯшти гарму хунолудашонро ба дандонҳои тези худ ғарч-ғарч кандаву фурӯ бурда, то ҳамлавар шудани чӯпону сагони аксар тарсу дар ғавшод ё чарогоҳ чунон маҳшаре барпо мекарданд, ки мислашро эҳтимол ягон гурги ин музофот надидааст.

Сипас мегурехтанд онҳо; фарёди чӯпону ак-аки сагони ӯ ва садои тири камону бӯи тези борутро қафо партофта, ҳай мегурехтанд!

Ва ниҳоят ҷон ба саломат бурда, баъди як-ду рӯзи фароғат дар дигар чарогоҳи домани кӯҳ ба шикор мебаромаданд. Баъзан сари қадам ягон гави пешомада ё байтали ба тойчааш раҳгумзадаро ҳам миёнагир карда, хуб азоб дода, медариданду мехоиданд. Ва шикамашон сери сер, хушу хурсанд шуда, чун барқу бод ба сӯи манзили худ метохтанд. Гоҳо тоб хӯрдаву гардани якдигарро ба навозиш ва беозор газида, ёнаву ёлаҳоро гӯё парида мегузаштанд.

Ғазаб гурги баақл буд: ӯро ҳамеша аз хавфу хатар эмин медошт – дониста ба шикор мебурд, дониста бозпас меовард. Алалхусус ҳушёрӣ ва ҷасорати вай дар ҳар ҳолат қуввати дил мешуд...

Бале, ҳамин тавр буд!

Аммо тохтутози беҷазо, мастӣ ва шикамсерии модагургу Ғазаб дер давом наёфтанд. Аз чашмгуруснагиву бераҳмӣ ба лаънати фалак гирифтор шуданд магар, ки бахт аз онҳо

ғафлатан рӯй тофт. Ва сарвари оилаи тифоқ ва шикораш пайваста дар барор ниҳоят қурбони тир гардид, тир...

Ҳамин будааст кори дунё!

...Модагург бача кард. Пеш аз зоидани вай, баъд ҳам – дар муддати беш аз як моҳ – Ғазаб танҳо ба шикор баромада, онҳоро серу пур нигоҳ медошт: гоҳо нимта-нимта буз ё гӯсфанд, ё худ ягон харгӯш биёрад, гоҳи дигар дар назди ӯ ва бачаҳояш пора-пора гӯшти сурхи ҳанӯз хунолуд қай мекард. Хуллас, ки рӯзашон нағз мегузашт. Модагург дар фароғат буд; аз сериву манзили гарм ва осоишу эҳсоси баланди модарӣ маст шуда, аз таҳти дил меболид, ки ҳамин гуна як ёри вафодор, ҷасур ва ризқаш фаровон дорад.

Ғазаб низ муттасил хурсанд буд. Аз ҷойҳои дур баргардад ҳам, хастагии худро нишон намедод. Дар гирди модагург ва бачаҳояш парвона шуда, онҳоро ба меҳр мебӯид, навозиш мекард. Сипас дар як гӯшаи ғор ёзида, ба хоби чорпаҳлу мерафт. Модагург мекӯшид, ки ба роҳати вай халал нарасад; ҳар қадар хоҳад, дам гирад пуштибонаш.

Ба ҳамин тартиб мегузашт зиндагии онҳо!

Лекин...

Баъде ки гургбачаҳо чашм кушода, оҳиста-оҳиста қувват гирифтанд, Ғазаб панҷ рӯз қабл аз ин бори аввал ӯро ҳамроҳи худ ба шикор бурд. Онҳо ба рамае ҳуҷум оварданд, ки вай одатан дар ихтиёри се сагу як чӯпон мегашт. Модагург ва Ғазаб чанд моҳ пеш ҳам дафъатан ба он рама дарафтода, ду гӯсфанди фарбеҳи дунбакалонро аз хирной гирифта, зуд саранҷом карда буданд; саранҷом карда, фиғони чӯпону сагҳояшро бароварда, сиҳат-саломат ба камари шахи баланди серарча – ба ғори васеъ, офтобрӯя ва гарму нарми худ баргашта буданд.

Вале он рӯз...

Фалак зад он рӯз Ғазабро!

Модагургро ҳам...

Гӯсфандон дар як майдони фарохи пур аз алаф ва гулу буттаҳои хурд парешон гардида, бемалол ғизо мехӯрданд. Ғазаб гӯё нақши замин шуда, аз каминаш, аз пушти харсанги то нисф ба хоку сабза фурӯрафтаи сари теппа, рамаро каме таҳти назар гирифту ёли хокистарранг ва дурушташ якбора

сих зада, ҷаста ба по хест. Ва гӯшҳояшро хобонда, ба сӯи шаш-ҳафт гӯсфанде ки аз рама дуртар мечариданд, тирвор ҳамла овард. Баробари Ғазаб модагург низ – вай дар пастхамии сербутта мунтазири як имои ҳамсари худ мехобид – фавран ба по шуд. Аммо Ғазаб ба гӯсфандон нарасида, садои тир баромад. Боз ва боз...

Чӯпон ин дафъа танҳо набуд. Аҷаб, ки се нафар буданд онҳо. Ва ҳар се ҳам камон доштанд. Сагҳо ба гиркиш омада, аз байни рама ба тарафи Ғазаб метохтанд. Чӯпонҳо низ ба нидоҳои «парон! аз қафо гузар!» девонавор медавиданд. Гӯсфандон аз ғояти тарс чӣ кор карданро надониста, гаранг-гаранг худро ба чапу рост мезаданд. Баъзе аз ҷонварон ҳайкалвор шах шуда, ҳатто маҷоли ҷунбидан надоштанд. Сагҳо дар ғазаб лоида, торафт наздик меомаданд. Он се нафар паёпай тир кушода, ҳамчунон медавиданд.

Бо вуҷуди ин Ғазаб аз қасдаш намегашт. Модагург аввал тарсида, тохташро суст кард; ҳатто қариб монда буд, ки сардаргум ба қафо рӯй орад. Лекин баъд ҳар чӣ бодо бод! – гӯён аз паи Ғазаб шуд.

Дар ин гуна лаҳзаҳо, беҳад хавфнок бошад ҳам, ба мадад шитофтан лозим, ҳатман... Вагарна чӣ маънӣ дорад меҳр бастан, якҷоя зистан, бача кардан?!

Масофаи байни Ғазаб ва сагҳои барзангӣ дам ба дам кӯтоҳ мегардид. Модагург ба тамоми қувва мекӯшид, ки ба падари авлодаш наздик шавад. Вале ин осон набуд: дар тохтан низ ҳамто надошт Ғазаб!

Аз чапу рост ва гоҳо аз болои сари онҳо тир парида мегузашт. Ҳаво пур аз бӯи борут буд; бӯи одаму оҳан ҳам меомад. Модагург ба мадади ёри вафодори худ мешитофт. Ҳомӣ шав онҳоро, фалак, шикамашонро гурусна намон, ба насла-шон осеб нарасон...

Ҳамин вақт Ғазаб ба нахустин гӯсфанд расида, маҳкам аз гулӯяш гирифт. Пас онро дар таки пойҳои бақуввати худ андохта, шикамашро дарид. Ва ҳамоно боз садои тир баромад. Модагург ногаҳон ба буттае печида, фукаш дар замин бархӯрд ва як ғел заду аз нав бархост.

Сагҳо ба Ғазаб хеле наздик шуда буданд. Аммо вай ба онҳо эътибор надода, гӯсфанди аз пой даровардаашро пора

мекарду пора... Модагург, ки дар машомаш бӯи хуни гарм нишаста, беихтиёр маст мешуд, ниҳоят ба Ғазаб расида, ба гӯсфанди дигар дарафтод. Боз садои тир баромад. Ва боз... Акнун модагург ҳам ба мисли Ғазаб шикорашро канда-канда… гоҳо ба пашмаш саросема фурӯ мебурд. Болои ин ҳар лаҳза барқвор ба муқобили худ назар давонда, равшан медид, ки ҳоло чӯпонҳо то ҳадде дуртаранд.

Лекин барои чӣ онҳо ду нафар?

Сеюмаш куҷо рафт?..

Модагург гашта луқма медарид. Ана сагҳо, наздик мешаванд, тамоман... Гургафкани зарди гӯшу думаш бурида, ки аз ҳама пеш метохт, даршаст омада, ба гардани Ғазаб даҳон андохт. Ва худи ҳамон лаҳза – баробари рост шуда, як тоб хӯрдани рақибаш – чун халтаи гӯшт таппӣ ба рӯи сабза ғалтид. Ғазаб ғуросзанон саги дигарро низ чап дода, зуд дар паҳлуи модагург ҳозир гардид ва саги сеюми ба вай часпидаро ба дандонҳои тези худ аз шонааш газида, ду-се қадам дур партофту чашмони сурхаш оташбор, ба модари бачаҳояш ишора кард, ки гурезад. Аз ин сабаб модагург, ҳарчанд ба мудофиа тайёр меистод, хуни лабу лунҷашро лесида-лесида, филҳол қафо гашт. Ва чун дид, ки Ғазаб ҳам ӯро пай мегирад, рӯ ба ҷониби шаххҳои баланд оварда, ихтиёрашро дар дасти пойҳои бақувваташ дод.

Ғазаб қариб ба вай баробар медавид; гӯё ҳеҷ намехост аз модагург пеш гузашта, ёрашро қурбони тир ё гӯшти дандони сагҳо гардонад. Ин ҳатто рӯз барин равшан буд; равшан буд, ки Ғазаб чун ҳамеша сипар шуда, ӯро ҳатман аз бало эмин доштанист. Модагург омехта ба як ҳисси миннатдорӣ ва меҳри дуболо инро ақида мекарду ҳар чи тезтар медавид, ки мабодо Ғазаб ба касофати вай гирифтори марги ногаҳон шавад.

Сагҳо ҳамчунон ба қаҳр лоида, таъқиби худро давом медоданд. Чӯпонҳо низ ба нидоҳои «рафт... парон!» гаштаву баргашта тир меандохтанд. Ба димоғи модагург бӯи тези борут нишаста, таъми хуни гармро дар даҳонаш вайрон мекард. Гоҳо аз пушту паҳлу ва болои сари онҳо визосзанон тир парида мегузашт. Ғазаб аз модагург ним қадам қафотар давида, ӯро зуд-зуд ба фукаш тела медод – тез бош, ҳушёр

бош... Ва аз ин модагург рӯҳу тавон гирифта, боз ҳам чолоктар метохт.

Нохост ҷонвар як рӯй тофта, бediранг дид, ки гургафкани зард ва аз пушташ ду саги дигар низ ба онҳо наздик мешаванд. Модагург гашта ба пеш нигарист ва ҳамоно чашмаш ба чӯпони сеюм афтид: вай дар фарози теппа истода, аз паҳлуи харсанги то нисф ба хоку сабза фурӯрафта онҳоро ба нишон мегирифт. Ғазаб ҳам ӯро дида, модагургро нихта кард – яъне ки ба *ин* тараф! – ва теппаро чап дода, худро ба як нишеби тӯлонӣ зад.

Онҳо пас аз қадре мавзеи пур аз лою буттаҳои паканаи хордорро гузашта, ба ёнаи сангзор баромаданд. Сагҳо ин дам аз байни паттаҳои ҳамон обканд метохтанд. Он ду чӯпон қариб ба канори нишеб расида буданд. Сеюмӣ акнун аз пушти харсанги болои теппа тир мепаронд. Ғазаб модагургро ба фукаш сахт тела дода, як ба қафо нигарист; лаҳзае, фақат лаҳзае аз тохтан бозистода, ба дарки ғолибият нигарист, ки онҳо – душмани дупои кулли ваҳшиёни олам ҳоло се нафар бошанд ҳам, дар даст тиру туфанг дошта бошанд ҳам, сагҳояшон низ дар қасди ҷони ӯ ва модагург девона шуда, ин қадар ба таъқиб гирифта бошанд ҳам... вай ана, оқибат халос хӯрд, ёрашро сиҳат-саломат аз ҳалқаи марг берун кашид.

Бале, дар тасаввури модагург ба чунин андеша ва ғолибона ба қафо нигариста буд Ғазаб!

Вале ҳайҳот... нигаристу худи ҳамон дам боз садои тир ба атроф ғулғула андохт. Ва баробари он Ғазаб ба тамоми вазнаш дар тобасанге бархӯрда, ҷандала кард, ки гашта ба по хезад. Аммо натавонист; хеле зӯр заду ҳатто фукашро аз замин канда натавонист. Модагург, ки ҳоло аз вай чанд қадам дур рафта буд, як қад парида, таққӣ дар ҷояш истод ва аҳволи Ғазабро дида, зуд қафо гаштан хост...

Сагҳо аз буттазор берун омада, онҳоро ҳамчунон дунбола мегирифтанд. Чӯпонҳо низ ба обканд нишеб шуда буданд. Ғазаб аз модагург чашм наканда, боз як бор зӯр заду ниҳоят аз ҷой хест ва дандонҳои мустаҳкамашро сафед карда, ба ҳамин ишора намонд, ки вай қафо гардад. Лекин ду қадам напартофта, номурод ба рӯи сангҳои сард афтид. Афтиду сахт мингос зад; гӯё ба модагург мегуфт, ки наист, гурез! Гурез,

ки бачаҳоямон танҳоанд, ман худам илоҷамро меёбам... Як тарафи сару гарданаш ғарқоби хун буд!

Ҳамин вақт боз тир андохтанд. Ва он аз пеши фуки модагург ҳуштаккашон парида гузашту дуртар аз вай ба ёнаи сангин бархӯрда, садои гӯшхарош баровард. Ғазаб дар азоб ба ду пои пешаш такя карда, мағрур сар бардошт ва аз нав мингос зад. Яъне ки кори ман шуд, ту зинҳор наист, гурез, тезтар гурез...

Гургафкани зард ахир ба вай расиду дар як ҷаҳидан ҷисми бемадорашро сахт ба замин пахш кард. Ду саги дигару чӯпонҳо низ торафт наздик меомаданд. Хашмгин буданд махлуқони дупо! Аз даранда ҳам бадтар... Яке аз онҳо боз тир кушод. Вале модагург, аз ғояти раҳму шафқат ҳама вуҷудаш сӯхта, худро сари вақт дар паноҳи буттаи заранг гирифта буд. Сипас вай тоб хӯрда-тоб хӯрда, даҳонаш воз, аз байни харсангҳои пасту баланд рӯболо давид. Ноилоҷ монда буд модагург – ҳазор бор хоҳад ҳам, вай акнун ба Ғазаб ёрӣ дода наметавонист. Яқин мурда буд пуштибонаш, падари ғамхору меҳрубони бачаҳояш...

Ҷонвар гирист. Ҳа-а, оқибати дунёи домангир ҳамин... Бе гумон мурда буд Ғазаб. Бинобар ин модагург, пистонаш пур аз шир, медавид; то ҷон дошт, ҳаёҳуи чӯпонҳову ак-аки сагони бераҳми онҳоро қафо гузошта, забонаш овезон, медавиду медавид.

Ниҳоят, пас аз соате, вай ба ғори васеи камари шах, ки он ҷо бачаҳояш танҳо монда буданд, оҳиста сар халонд. Пеши ғорро арчаҳои баланд аз чашм паноҳ мекарданд. Модагург, пойҳояш аз бемадорӣ дир-дир ларзида, базӯр меистод. Вай ба се бачаи гушнааш дар ҳасрат як дам назар дӯхта, ба замини дар ҳар ҷо-ҳар ҷояш устухонҳо парешон ва рутубатнок дароз кашид. Дароз кашиду чашмонаш пур аз ашк, хӯроки ба ин қадар азоб дар шикам овардаашро хуб зӯр зада, дар пеши онҳо қай кард.

Гургбачаҳо ба лӯнда-лӯнда гӯшти гарм ва ҳанӯз сурх ҷонсарак дарафтода, ҳамдигарро тела медоданд, мегазиданд, китф мезаданд, меғелиданд... Дар банди нафси худ буданд онҳо; на ғами хастагии модар доштанд, на парвои барнагаштани падар! Байни ҳам талош карда, садоҳои норизоӣ баро-

варда, ҳай насиба мегирифтанд; насибае ки дар ивази ҷони падар омадааст.

Модагург ба ҳарисии бачаҳояш ду-се дақиқа назар давонда истоду Ғазаби меҳрубон, Ғазаби дар рӯи сангҳои сард якмаргшударо аз нав ба хотир оварда, дар дилу ҷигараш гӯё дами корд, зор-зор мингос зада, ҷисми афгорашро монанди саги сӯзанхӯрда ба кунҷи ғор кашид. Ва дар ҳолате ки аз чашмони пурдидааш ҳамчунон ашки ҳасрат мешорид, сар ба паҳлу монда, хост камтар ғанаб кунад.

Вай чӣ қадар хоб рафт, – дуруст намедонад. Аммо хаёлаш, ки зуд ва нофараҳ бедор шуд; аз дарди пистон бедор шуд. Бачаҳояш боз ҳам якдигарро тела дода, гӯшти хӯрдаашон кам буд магар, чочҳои ӯро монугир мемакиданд. Модагург аз қаҳр дандон сафед карда, «ғуу-урр!» – гӯён пой партофт ва он носерамҳоро аз худ дур андохта, ба як дунё алам дар умқи дил бархост.

Даруни ғор торик буд. Маълум, ки шаб фаро расидааст. Бачаҳояш ҳамон бетоқатӣ мекарданд. Модагург хамёза кашид ва айнан мисли он ки саг аз дарё гузаштан баробар танашро меафшонад, ҷисми тулакашро ду-се бор афшонда, ба даҳони ғор наздик шуд. Бачаҳояш дар шӯру фиғон аз дунболи вай кашола гардида, мехостанд боз ба пистонҳояш часпанд. Вале модагург онҳоро аз пушти гардани ҳанӯз беқувваташон як-як ба дандон гирифта, дар пешгаҳ партофт ва ба маънии то баргаштани вай ором бошанд, батаҳдид ғурида, аз ғор берун рафт.

Ҳаво андак хунук ва сернам буд. Модагург дар назди ғор истода, ба осмон нигарист. Маҳтоб рух намуда, ба сари шаххҳои мазбуту арчазорони тира нури сарди кабудфом мерехт. Ситораҳо низ, ки дар сатҳи осмони қариб беабр ҷо-ҷо падидор шуда, аз дуриҳои дур чашмак мезаданд, ба назар ниҳоят сард ва бегона метофтанд.

Модагург ҳис кард, ки баданаш қадре меларзад. Вай дар ин фасли сол ҳеҷ гоҳ хунук намехӯрд. Пас ҳоло чӣ шуд? Аз зӯри ғам аст ин, ё аз рутубати ҳаво?.. Аз ғам аст! Аз тазйиқи дареғ... аз дарди ҷудоӣ, аз идроки танҳоӣ... Аҷаб рӯзи сахт омад ба сараш!

Модагург оҳиста уллос кашид; чунон оҳиста, ки ҳатто

худаш нафаҳмид – уллос кашид, ё мингос зад? Баъд якбора ғазабаш ҷӯшида, аз миёни арчаҳои баланд тозон гузашту ёнаи серсанги дар ҳар ҷо-ҳар ҷояш паттаҳои заранг рӯидаро бурида, ба мисли бод нишеб шуд. Вай то мадор дошт, ба мавзеи фалокат медавид; ба ҳамон маконе давида мерафт, ки ёри вафодораш Ғазаб оқибат қурбони тири ҷонгазо гардид. Аз муқобил боди дабур вазида, ба димоғаш бӯи хунро меовард; ба пашми тулакаш нопидром печида, онро парешон мекард. Модагург медавиду бӯи тунуки оҳану борутро ҳам мешунид. Ва аз ин ғазабаш дуболо шуда, ба замину осмон лаънатҳо мефиристод.

Билохира вай чандин ёнаву ёла ва пастхамиҳои сербуттаро гузашта, ба мавзеи шинос расид ва харсангҳои онро низ чап дода гузашту пас аз каме ба канори *ҳамон* нишеби дароз баромад. Ва якбора бӯи хун ғализтар шуда, пайваста ба боди мартуб димоғашро сӯзонд. Модагург ҳаросида, таққӣ дар ҷояш истод. Маҳтоб ҳамчунон ба атроф равшанӣ мебахшид. Дар партави он ҳар як сангу буттаи нишебӣ баръало ба назар мерасид. Чашми барқнигоҳи модагург, ки аз баландӣ чун забонаи оташ ёнаро гӯё мелесид, оқибат ба Ғазаб афтид: вай лӯнда шуда, дар ҳамон ҷои фалокат ҳайрон мехобид. Аммо дар чӣ ҳоле...

Модагург бӯи хунро боз ҳам бештар ҳис карда, тирвор аз баландӣ ба поин давид ва дар чанд ҷаҳидан худро назди Ғазаб расонда, аз манзарае ки дид, девона шуд. Ғазаби ӯ гург не, балки як халта гӯшти соф буд; суп-сурх гӯшти соф! Дуртар аз тобаи сиёҳ дар рӯи сангҳои кабуд мехобид вай. Падари бачаҳояшро пӯст кандаанд силоҳбадастони бераҳм! Покпокиза пӯст кандаанд; ҳатто панҷаву нохунҳои тезашро бурданд. Дар зери равшании моҳи накоста дандонҳояш дароз, гиз ва даҳшатнок тофта, чун дами ханҷарҳои фӯлодин ба таҳдид ҷило медиҳанд. Бале, омехта ба таҳдиди яксон... Ҳоло Ғазабро танҳо аз ҳамин дандонҳояш шинохтан мумкин; фақат ҳамин дандонҳои мустаҳкам боқӣ мондаанд аз он Ғазаби далеру тавоно.

Модагург мингосзанон гириста, чунон ки ба думаш оташ афтида бошад, дар атрофи худ бадард гирд мегашт. Гоҳ-гоҳ хуни болои сангҳо ва тани сарду бепӯсти Ғазабро бӯй мека-

шиду аз ранҷу алам ва аз ғояти раҳму шафқат бадтар девона шуда, боз гирд мегашт. Баъд вай муддате ба сурин нишаста, ба он *чизе* ки аз Ғазаб монда буд, дуру дароз нигарист; дигар оби дида намерехт, – хушк гардида буд чашмаи ашкаш, гӯё тамоман...

Модагург ба осмон назар давонд ва маҳтобро ёфта, ба сӯяш, чун ба сӯи офаридгори ҳама вуҷуди зинда, аз мағзмағзи дилу ҷигар уллос кашид. Ба ин уллоси ҷонситон дараҳо паиҳам акси садо доданд. Вай боз уллос кашидан хост, ки ин чӣ бераҳмӣ! Вале натавонист: ба ҷои он аз гулӯяш мингосе баромад, ки бештар нолаи беморро дар интизори марги ногузир мемонд. Пас модагург бархост ва тозон рӯ ба шахҳои баланд овард... Кори нашуданӣ шуд. Акнун дар ин ҷойҳо зиндагӣ кардан хавфнок аст. Оқибат мекушанд ӯро, пӯст мекананд, ҳа-а... бачаҳояшро ҳам мекушанд. Ҳоло вай бояд хар чи зудтар илоҷашро ёбад; то метавонад, онҳоро ба ягон манзили муносиб барад.

Ва овард – роҳи душворро тай карда, ба сад азоби тоқатшикан овард. Лекин ҳайҳот, ки чор рӯз боз гуруснаанд. Дар ин муддат бачаҳояш луқмае ба даҳон нагирифтаанд. Ҳама умеди онҳо ба модар... Кошкӣ имрӯз шикораш барор меёфт! Се-чор суғури гаранг вохӯрад ҳам, модагург аз тақдир ҳазор бор розӣ мешуд.

Вай, ки дар чунин хаёлҳо аз байни арчазори ғулӣ шитобон раҳ мепаймуд, баногаҳ хониши кабкро шунида, филҳол истод – ширин аст гӯшти он парандаи кӯҳӣ! – ва ҳарисона ба атрофаш чашм давонда, ҳаворо бӯй кашид. Боз хониши кабк баланд гардид. Ин дафъа овоз аз поини дара меомад. Ба вай кабки дигаре ҳамчунон ҷавоб гардонд. Модагург аз нав ҳаворо бӯй кашида, ба он сӯ нишеб рафтан мехост, ки ғафлатан ба машомаш бӯи одаму араќи бадан нишаст. Сипас бӯи сусти оҳан низ пайдо шуд.

Аз куҷо меояд ин дами мухолиф?

Вай фукашро боло карда, ба димоғи сӯхтааш гашта ҳаво гирифт. Не-е, фақат накҳати гулу гиёҳ меояд, боз бӯи тези арча... Ё ин ки бод ҷараёнашро тағйир дод?

Модагург акнун ба чор тараф тоб хӯрда, дар диққат ҳаворо мешамид; бӯи рутубат, роиҳаи обу алаф, насими хуши

баҳорон... Вай хурсанд шуд. Аммо ин гоҳ аз куҷое ба димоғаш дубора бӯи оҳану одам нишаст. Ва ҳамоно гум шуд. Чӣ бало, ҷараёни бод аз нав тағйир ёфт магар?.. Модагург тарсид. Хаёлаш, ки ӯро ба иҳота гирифта, аз ҳар ҷониб тир мекушоянд. Кабк ҳам фаромӯш гардид. Азбаски ҳоло фақат дар ғами ҷони худашу бачаҳояш буд, вай ҳисси шомаашро қариб аз даст дода, тозон ва тахминӣ ба роҳ даромад.

Бод, сабук бошад ҳам, дар ҳақиқат чаппаву роста вазида, ҷараёнаш зуд-зуд тағйир меёфт. Аз ин рӯ модагург надониста монд, ки пас аз фурсате чӣ тавр ба як пайроҳаи васеъ баромад. Ва худи ҳамон нафас боз, ин дафъа аз наздик, бӯи одаму оҳанро ҳис карда, дар ҷояш шах шуд. Вай аввал ба паҳлуи рост ва баъд оҳиста ба паҳлуи чапаш назар давонда, чанд саворро дид, ки ба ҳамин тараф меомаданд. Модагургро даҳшат гирифт. Вай як лаҳза гашта ба қафо ё ба пеш задани худро надониста, акнун ба арчазори муқобил ҷастан мехост, ки кадоме аз онҳо:

– Гу-ург! – гӯён дар таҳлука овоз баровард – Ғуломҳусайн буд ӯ – ва ҳамоно садои тир баланд гардида, пиндор гӯши модагург кар шуд. Рони чапаш ҷизосзанон сӯхта, дар машомаш бӯи хуни гарм нишаст. Гӯё аз болои сараш, аз осмон мехамбид ин бӯй...

Усмон Азиз, ки дар қайди андешаҳои нохуш монда, модагургро надида буд, як қад парида, аввал ба Ғуломҳусайн нигарист. Аммо вай... Вай ин дам нишон гирифта, аз туфанги англисӣ боз тир кушодан мехост.

– Бас акнун! – гуфт Усмон Азиз, аз беғамии ӯ қаҳраш омада.

Баъд чашмаш ба модагург афтид, ки як пояшро кашола карда, дандонаш дар васвасаи қасос гиз, худро ба арчазори канори пайроҳа меандохт. Аз ҳоли зори даранда дили Усмон Азиз андак таҳ кашид. Вай ин хел набуд. Кӣ медонад? – дандонҳои тез ва саросар сафеди модагург эҳтимол ба ӯ фаҳмонданд, ки ҳар бадкирдорро хоҳ-нохоҳ ҷазои сазовор дар камин аст.

Вақте ки пештар рафта, аз болои хуни дар пайроҳа рехтаи ҷонвар мегузаштанд, Усмон Азиз:

– Ту сирф ғарча будаӣ! – гуфт, Ғуломҳусайнро дар назар

доштаву ба ӯ нигоҳ накарда.

– О гу-ург вай, – ғурунгид *тирандоз*, дар ҳолате ки акнун туфангаш дар китф ва дегча барин каллаи калонаш хам буд. – Па-а-ронда-ам...

– Маҳмаддоноӣ накун, – гуфт Қурбон ба оҳанги насиҳат.

Ва Ғуломҳусайн гунаҳкорона хомӯш монд.

– Гург ҳам аз паи ташвиши худаш. Шояд дар ғами ягон қути лоямут гашта бошад, – гуфт пас аз каме Усмон Азиз, ки ҳоло қаҳраш фурӯ менишаст. – Ғайр аз ин... ту ба шикор набаромадаӣ, ки ба ҳар дарандаву парандаи ростомада тир андохтан гирӣ. Рафту дар ин атроф сурхҳо мавқеъ гирифта бошанд; рафту садои туфангро шунида, дар қасди ҷонамон шаванд... Ё ту наметарсӣ?

– Та-авба ка-ардам, – гуфт Ғуломхусайн, ки сараш ҳамчунон хам, пеш-пеши Қурбону аз дунболи Усмон Азиз асп меронд.

– Ту чанд бор тавба мекунӣ?

– Охи-ирин бо-ор...

– Ёд дорӣ, ҳангоме дар наздики Ҳисор мурочиатномаи кофиронро ба лашкари ислом аз дастат кашида гирифтам, низ тавба карда будӣ.

– Ди-игар такро-ор на-амеша-авад.

– То метавонад, одам бояд вазнин бошад.

– Ро-ост...

Бо ҳамин хомӯшӣ ба миён омад. Дар пайроҳаи каме лой, ки аз мобайни арчазори дар ду тараф чун девори сабз қадафрохта каҷу килеб тӯл мекашид, танҳо садои суми асп ба гӯш мерасид. Қурси офтоб хеле баланд шуда, ба гулу гиёҳ, сангу шах ва буттаву дарахтони кӯҳсор гармӣ мебахшид. Албатта ба ҳама пайкари зинда низ... Аммо дар фарози қуллаҳои муқобил абрҳои сиёҳ лангар андохта, оҳиста-оҳиста поин мехазиданд. Ва ҳар қадаре ки саворон пеш мерафтанд, шамол бӯи боронро ҳамон дараҷа бештар меовард.

«Дар баландиҳо бе шубҳа шохборон меборад», – аз дил гузаронд Усмон Азиз ва дар тӯли даҳ соли ахир бори чандум буд, ки – садум бор, ё шояд ҳазорум... – аз ноҳинҷории тақдири бади худ боз ба андеша рафт. Дурусттараш, ин фикру хаёлҳои тира, пас аз он ки Ҷалолро дар болои деҳаи Сияҳбед

паронд ва баъд секаса ба роҳ даромаданд, монанди таблар-за ногаҳон бедор шуда, тадриҷан ҳама вуҷудашро дар қабза кашида буданд. Лекин ба он модагург вохӯрданду чуну чароҳои беохири Усмон Азиз як муддат қатъ гардиданд ва ҳоло ана... ӯро аз нав ба доми худ мекашанд.

Чӣ илоҷ, то зинда аст, одамизод хотираашро – вай хоҳ нек бошад, хоҳ бад – ҳамроҳ гирифта мегардад. Хотира... ё ҳофиза ба мисоли як узви бисёр азизи тану ҷони ӯст. Узве агар аз кор монад, бар замми ин ҳамон узв агар барои рӯз дидан ниҳоят муҳим бошад, – чӣ мешавад одам? Ним одам мешавад, ё дасташ берун аз гӯр, ба хоки хунук меравад... Хотира чун камтарин миқдори нуқра, ки обро аз гандидан эмин медорад, ба одамизод нағзу бадашро ёдрас карда, ӯро дар хусуси рӯзгораш ба андеша мебарад. Хотира ҳаст, ки мардум расму оин ва урфу одати ниёгонро давом медиҳанд; ба некӣ ҷавоби нек мегардонанд; бадиро фаромӯш накарда, ҷояш ояд, қасос мегиранд... Алҳақ, бе ҳофиза, бе ин раҳнамои ҳаёти инсон, зиндагӣ ҳеҷ маънӣ надорад!

Ҷисми бақувваташ дар ҳавои гашти сиёҳмушкин гоҳ-гоҳ такон хӯрда, Усмон Азиз вазъияти худро ба чунин насақ ҳаёлан сафед мекард.

Вай ҳамагӣ чилу панҷ сол дошт. Аз ин чилу панҷ сол қариб шаш солаш дар табу тоби ғурбат гузашт. Агар зинда монад, ин тарафаш ҳам яқин ба дарди захми ғарибӣ мегузарад... Аслан чӣ лозим буд дубора орзуи ватан кардан? Худаш-ку медонист: аз дасти пойлуҷҳо дигар амон нест. Ё ба онҳо тан медиҳӣ, ё аз молу мулкат, зану бачаат ҷудо гардида, ҷон ба ҷаббор месупорӣ. Агар ба ёфту тофтат дилат сӯзад, ё ҳаётат бисёр азиз бошад, тадбир якта: ҷилои ватан мекунӣ. Дигар илоҷат нест... Дар ин дунёи ноором ҳар кас бояд ғами худашро хӯрад. Вагарна бехабар мемонад, ки чӣ тавр ба гирдоби бало печидааст.

Усмон Азиз чӣ?

Вай ҳам ғами худашро хӯрд. Дар ин гирдоби беамон мисли додарам ҳалок нашавам гуфта, роҳи гурезро пеш гирифт. Ва ана оқибаташ...

Усмон Азиз оҳ кашид ва ёлу гардани сиёҳмушкинро беихтиёр сила карда, қоматашро баландтар бардошт.

Аслан ин ҳама аз чӣ оғоз ёфт? Аз куҷо ба сараш фурӯ омаданд ин балоҳо? Барои чӣ кӯдаквор фирефта шуд? Ба хотири кӣ?.. Рӯзашро бадтар аз рӯзи саг кунанд ҳам, чаро дар ватан, дар ин хоки муқаддас, ки замоне хуни нофаш чакидааст, ба таҳаммул намонд?

Чаро?..

Падари ӯ Азиз Матин яке аз бануфузтарин давлатмандони музофот буд. Бобову бобокалонаш низ одамони доро буданд. Аз рӯзе ки ақлашро мешиносад, авлоди онҳо дар байни мардум иззату эътибор дошт. Ва ин мартабаву эътизоз ба зар такя мекарданд, ба пулу мол... Зиндагӣ хуш мегузашт. Ба назари Усмон дунё пур аз шодиву тараб ва табиат босаховат метофт. Дар дашту даман рама-рама бузу гӯсфандон мечариданд, ки ҳама ба коми раҳматӣ падараш буданд. Анбори онҳо аз ғалла-дона кафам мегуфт. Чандин дармондаву хизматгор, то аз паи коре ба сар даванд, маътали як ишора буданд. Дар гирду атрофи Нилу, балки дур аз он ҳам... таноб-таноб замин дошт падари Усмон. Ҷаву гандуми он заминҳо то бозорҳои Қаршиву Бухоро мерафтанд. Гӯсфандони ҳисории Азиз Матин, дар куҷое ки ба савдо гузоранд, ҳамеша харидор меёфтанд. Боғи пур аз туту зардолу ва себу ангури онҳоро беҳтарин боғи Нилу мегуфтанд одамон. Аз чормағззори бавусъати поини ҳавлӣ соле даҳ-дувоздаҳ қанор гирдакон меғундоштанд. Дар таки соботи дароз ду-се аспи оташнаъл аксар вақт ба зину лаҷом қантар меистоданд, ки рафту филҳол лозим шаванд...

Эҳ, кадомашро гӯяд?

Чӣ қабил меҳмонҳо меомаданд ба Нилу! Ҳатто аз худи Шаҳрисабзу Бухоро меомаданд. Бе гумон ба ҳурмати падараш, ба хотири Азиз Матин! Ва ҳафтае набуд, ки дар кунҷи ҳавлӣ як-ду гӯсфандро сар назананд...

Хуллас, ки ҳамин тавр мегузашт зиндагии онҳо. Бе ғаму ташвиш, бе тарсу таҳлука, серу пур.

Баъд...

Инқилоб шуд баъд. Амир гурехту мамлакатро одамони фақиру бечора соҳибӣ карданд. Тирамоҳи ҳамон сол – соли бистум! – ба водии Гардон аскарони сурх омаданд, балшевикҳо омаданд; дар байнашон тоҷикон низ кам набуданд.

Онҳо дар кӯҳистон ҳам пайдо шуда, аз ташкил гардидани ҳукумати коргару деҳқон хабар доданд. Ва кӣ камбағалу кӣ доро, аз давлатмандон кӣ аз паи амир рафтаасту кӣ мондааст, кадоме чӣ қадар замин ё чорво дорад, кадоме мӯҳтоҷи хӯроку пӯшок аст – ҳама, ҳамаашро ба ҳисоб гирифта, зиндагии мардумро, ки даҳҳо, шояд садҳо сол инҷониб аз рӯи анъана ва қонунҳои азалӣ якмаром идома дошт, чун қазои мубрам зеру забар карданд. Камбағалон шод буданд, ки ниҳоят соҳиби обу замин мешаванд, одам барин рӯзи равшан мебинанд... Давлатмандон чӣ? Онҳо баръакс – ғам мехӯрданд; ғам мехӯрданд, ки молу мулкашон ба бод меравад, акнун на онҳо, балки дирӯза қашшоқони косалес давр меронанд. Аз ин рӯ ба пӯстинашон кайк даромада, чӣ кор карданро намедонистанд.

Ба пӯстини Усмон Азиз ва падараш низ кайки лоилоҷӣ даромада буд.

Болои ин ҳар рӯз дар деҳа як гапи нав пайдо мешуд. Мегуфтанд, ки ҳукумати шӯро ҳуқуқи зану мардро баробар кардааст;

моликияти шахсӣ барҳам мехӯрдааст;

дину оин таки по мешудааст;

минбаъд бечора тоҷикон фақат барои куффор заҳмат мекашидаанд;

касе ки дилаш хоҳад, ба зани каси дигар бемалол ишқбозӣ мекардааст;

акнун хурду калон, зану мард... мисли қаландарҳо аз як дег ош мехӯрдаанд;

мусулмонӣ аз байн мерафтааст...

Ва ғайра ва ҳоказо.

Дар паҳн гардидани ин гуна дурӯғҳо Усмон Азизу падараш низ албатта ҳисса доштанд. Ва дарун-дарун хурсанд ҳам мешуданд. Зеро чунин овозаҳои воҳиманокро шунида, на танҳо деҳқонони миёнаҳол ба талвоса меафтиданд, балки яктанимта камбағалони бехабар низ пӯстини худро чаппа мепӯшиданд, ки ин ба душманони ҳаёти нав – собиқ амалдорон, сарватмандон, эшону муллоҳо ва дигар зотҳои *ҷабрдида* айни муддао буд.

Пас чун сӯхтори ногаҳон ба ном босмачигарӣ оғоз ёфт.

Мубориза чунон сахт ва хунин буд, ки гоҳ қатъ гардидаву аз нав шиддат гирифта, то ба имрӯз давом дорад...

«Аз ду тараф чӣ қадар одамон кушта шуданд, – мегуфт дар дил Усмон Азиз, аз ёли хушҷило ва андак печидаи сиёҳмушкин, ки сабук пой мемонд, чашм наканда. – Эҳа... Имрӯз мешунидед, ки аскарони сурх дар домани фалон деҳа ё дар баҳмон дашт сарбозони фалон қӯрбоширо билкул қир карда, худашро асир гирифтаанд. Пагоҳ мешунидед, ки онҳо дар фалон дара ба босмачиҳо рӯбарӯ омада, талафи бисёр додаанд... Имрӯз мегуфтанд, ки Иброҳимбек гурехта, боз ба кӯҳҳои Боботоғ рафтааст. Пагоҳ мегуфтанд, ки дар фалон ҷо домоди халифаи турк, худи Анварпошшо, аз тири аскарони сурх ҳалок гардидааст; акнун ҳама қӯрбошиҳо фақат ба Иброҳимбек итоат мекардаанд...»

Ин ном боз ба ёдаш омада, табъи Усмон Азиз бештар хира шуд. Вай ба Иброҳимбек чун ҳафт сол... панҷ сол ва ҳатто як моҳ муқаддам дигар эътимод надошт. Зеро аз он соате ки хомхаёлӣ карда, ҳамроҳи ӯ ба ин тарафи дарё гузашт, оҳиста-оҳиста вазъиятро фаҳмид; хуб фаҳмид – ҳукумати шӯро ҳатман барҷо мемонад. Барои он барҷо мемонад, ки вай сохти як тӯдаи муайян не, балки ҳукумати ҳама коргару деҳқон аст. Ва халқ инро аз реша медонад. Акнун вай Иброҳимбеку амир Олимхон барин золимонро чашми дидан надорад, сояи онҳоро аз девор метарошад. Вагарна ин қадар калтакдорони сурх аз куҷо пайдо шуданд? Барои чӣ аз байн як моҳ нагузашта, *пешвои* лашкари ислом ба ҳоли дузди шабгард афтид? Осмон баланду замин сахт гуфта, намедонад акнун чӣ илоҷ ёбад, ба чӣ тадбир ҷон дар саломат монад.

Усмон Азиз талх табассум кард.

«Тавба! Иброҳимбек, а... Ин аспдузди лаин аз гурехтани амиру ноомии мулк истифода бурда, чӣ қадар одамонро аз раҳ зад! Чӣ қадар хуни ноҳақ рехт; чӣ қадар мардуми бегуноҳ хонабардӯш шуданд... Маро ҳам фиреб дод. Сахт фиреб дод маккор... Ҳамватанон аксарият ба умеди *мо* гуфта, доманамро пур аз чормағзи пуч кард. Маҷбур асп тозонда ва тир паронда, на як бору ду бор одам куштам. Оқибат ана, оворагарди зору низорро мемонам; пушаймон хӯрда, ду дасти хунолудам дар бинӣ, боз масофаи гурезро пеш мегирам.

Ҳоло ман дар ин хоки тазвир дигар коре надорам. Фақат ба Нилу рафта, қабри падару модарамро зиёрат кунам, рӯи ягона хоҳарамро бинам, бас аст... Зану фарзандонам дар ғарибӣ. Аз манзили ба ҳар ҳол гармам начунбида, дар пеши онҳо гардам, намешуд? Не-е, нахостам, бод гирифтам – ба роҳи шайтон даромада, ба воситаи одамони Иброҳимбек ба он дузди дунёдаркаш шинос шуда, орзуи ватан кардам. Лекин қариб буд дар ин ҷангҳои ҳаёту мамот рост ба асфалуссофилин равам... Лаънатӣ Иброҳимбек! Аз дастат ки намеомадааст, чаро боз ба тохтутоз даромадӣ? – Усмон Азиз беихтиёр ба кафали аспаш қамчин зад. – Хулоса, аз афсуни *вай*, ё ба хости худо... саргаштаву печида шудам. Чӣ илоҷ, хати тақдир ҳамин будааст! Ҳоло ман як рой дорам: аввал ҳар чи зудтар ба Нилу рафта, пас дарёро убур кардан... Гуфта буданд, ки ин тарафҳо ором, аскарони сурх асосан аз паи Иброҳимбек гаштаанд. Вай бошад... дар Боботоғ вай! Кӯшиш дорад боз одам ҷамъ карда, бахташро таваккал санҷад... Хайр, сарашу равғанаш – бигузор ба даст афтад, оқибат ба гӯри торик равад. Роҳи ман акнун дигар, ман бояд ҳар чи зудтар аз ин хок берун шавам. Ҳоло муҳиммаш – ба аскарони сурх вонахӯрдан. Бале, агар бахтамон тофта, ба онҳо рӯбарӯ наоем, аз дарё гузаштан ҳам осон мегардад...»

Усмон Азиз ноилоҷ монда, *имрӯз* ба чунин хаёлҳои сӯзнок мерафт. Аммо вақте ки босмачигарӣ дар авҷ буд, ҳамранги падараш ба онҳо ёрӣ мерасонд: аз ҳукумати нав пинҳонӣ пул медод, аспу улав медод; лозим бошад, хӯроку пӯшок медод. Вай ба монанди зоти худ ва дигар давлатмандони водӣ муттасил умед дошт, ки ҳангоме мерасаду об аз нав ба лаби ҷӯй баробар мешавад.

Вале ин тавр нашуд.

Аскарони сурх, ки дар сафи онҳо мардуми маҳаллӣ рӯз то рӯз меафзуданд, ба босмачиҳо мардона ҷангида, аксар вақт ғолиб меомаданд. Дар партави ин, ба ҳар деҳае ки қадамашон расад, чӣ будани ҳукумати коргару деҳқонро ба одамон фаҳмонда, баъзан, агар имконият бошад, мактаб ташкил мекарданд; ба камбағалон аз ҳисоби заминҳои кишту чорвои шахсони давлатманд замин медоданд, чорво медоданд. Хоҷаи онҳоро даъват намуда, ҳаққи меҳнати ҳар як чӯпон,

чоряккор ё хизматгорро дақиқ муайян мекарданд. Ҳуқуқи марду зан баробар мегуфтанд... Дар тани худашон либосҳои дарида, боз мегуфтанд, ки мо барои озодии мазлумон мубориза мебарем, акнун ҳеҷ кас ҳақ надорад каси дигарро мутеъ пиндорад, истисмор кунад... Аз бойҳо андоз меситонданд. Лозим донанд, аспу улав, ҷаву беда ва хӯрокворӣ ҳам мегирифтанд. Дошта бошанд, ба ивазаш пул медоданд, агар не, сарвари даста забонхат менавишт, ки аз фалон давлатманд ба эҳтиёҷи аскарони сурх фалон қадар улоғ, ҷаву беда ё чизи хӯрданӣ гирифтам...

Усмон Азиз возеҳ дар хотир дорад – боре сарвари як дастаи хурд аз вай ду аспи саворӣ талабида, ба ивазаш даррав забонхат дод.

– Ман инро ба сарам мезанам?! – гуфта буд Усмон Азиз, ҳайрон шуда.

– Не-е, ба сарат задан шарт не, – дар лаб табассум, ҷавоб гардонд *мубориз*, ки ҷавонмарди тоҷик буд. – Эҳтиёт кун; ягон рӯз ҳаққатро бозпас мегирӣ. Ҳукумати шӯро то ҳол касеро фиреб надодааст, фиреб ҳам намедиҳад!

Бале, айнан ҳамин тавр гуфта буд он ҷанговари ба назар ғаюр, ки дар кулоҳи нӯктезаш ситораи сурхи канабӣ метофт. Баъд вай аспашро маҳмез зада – эҳтимол аз паи босмачиҳо пеш-пеши дастаи худ рӯ ба ҷануб овард.

«Ҳукумати шӯро то ҳол касеро фиреб надодааст, фиреб ҳам намедиҳад!»

Ин сухани қатъии ҳамон муборизи ҷавон гаштаву баргашта дар зери гӯшҳояш ба садо омада, Усмон Азиз раҳорах меандешид, ки шояд... шояд ҳукумати шӯро ҳеҷ касро фиреб надода бошад. Лекин чӣ қадар хунрезӣ шуд, чӣ қадар одамон ба мисли вай беватан гардиданд. Чӣ қадарҳоро ту як махлуқи сарватманд, модоме сарват дорӣ, пас бе шубҳа дар фирқаи золимонӣ гуфта, таки по ва муттаҳам карда, имрӯз ба Сибир фиристодаанд... Аҷаб, ки бой шудан ҳам гуноҳ будааст. Гӯё худои карим тақдири ҳар касро аз рӯзи азал муайян намуда, ӯро мувофиқи ҳамон хости худ доро ё нодор, фармондеҳ ё фармонбар, зӯр ё камзӯр наофарида бошад. Наход аз ин ҳама давуғеҷ ва гулӯдарониҳои дабдабанок аҳмақ оқилу камбағал бадавлат шавад?

Усмон Азиз тамасхур кард.

Не-е, ҳеҷ мумкин нест. Касе ки ақлашро дуруст кор фармуда, пайваста заҳмат кашида наметавонад, ҳаргиз ба дорой намерасад. Ин ҳукумат ба ягон аблаҳ ту камбағал гуфта, аз давлатманде даҳ гӯсфанд гирифта диҳад ҳам, вай онро фардо ба панҷта меорад, рӯзи дигар ба якта, рӯзи сеюм ба ҳеҷ... Зеро махлуқи бемағз аст, аз нодонии худ камбағалӣ мекашад. Барои доро шудан пеш аз ҳама ақли расову хулқи хуш, дасти сахту забони ширин лозим. Падару бобоҳои Усмон Азиз аз чунин сифатҳои шоиста бенасиб набуданд. Ва дар ҳеҷ ҳолат сипоси парвардигори меҳрубонро аз ёд намебурданд. Худи вай ҳам ба даргоҳи худованди ҳозиру нозир пайваста шукр мегӯяд, ки дар ин дунёи пурталотум аз модар беақлу тамиз наомадааст.

«Модарам, модари меҳрубонам!» – чашмонаш нам гирифта, пичирос зад Усмон Азиз.

Сиёҳмушкин ҳамин нидои бағоят пасти ӯро шунид магар, ки гӯшҳои хурд-хурдашро сих карда, оҳиста сар афшонд.

Усмон Азиз аз ҳушёрии ҷонвар дар самими дил болида, ногаҳон аз худ пурсид, ки оё вай монанди падару бобоҳояш ҳамеша зирак буд, чорасоз ва оқил буд. Не албатта – беақлиҳо дошт... Агар доно мебуд, банохост ҷои гармашро хунук карда, боз дар ин тарафҳо пайдо намешуд; ҳар қадар тоқатшикан бошад ҳам, гаҳу ногаҳ аз ҷоми ғарибиҳо захр чашида, то охири умр дар пеши зану фарзандонаш мемонд. Ҳоло маълум нест, ки оқибати ин кӯтоҳандешӣ то куҷоҳо мебарад ӯро...

Онҳо дар оила се нафар буданд – ҳама аз як падару модар: худи Усмон, додараш Сулаймон ва хоҳараш Ороста. Ҳар се низ савод доштанд. Ҳам аз ақоиди дин бохабар буданд, ҳам девони шайх Саъдиву хоҷа Ҳофиз барин бузургони гузаштаро хонда, ба осонӣ мефаҳмиданд, лаззат мебурданд. Ҳатто баъзе сатрҳои душвори мирзо Бедилро низ ба муҳокима мегирифтанд. Ва ин натиҷа аз саъю кӯшиши раҳматӣ падар буд. Вай ба фарзандон худаш дарс медод. Сари онҳоро ба меҳр сила карда, мегуфт:

– Касе ки савод дорад, ҳеҷ гоҳ дарнамемонад.

«Лекин дармондем, сахт дармондем, – хаёлан ба пада-

раш муроҷиат намуд Усмон Азиз. – Сулаймон кушта шуд, ман ин хел овора. Намедонам, ки Ороста дар чӣ ҳол аст... Хулоса, фалак айши моро талх кард; хорӣ мекашем, забунем... Подоши кадом гуноҳанд ин азобҳо?»

Ӯ дар бистуяксолагӣ зан гирифт.

Пас аз чил рӯзи сур падараш ба вай аз чор тарафи дунё дуру дароз сӯҳбат ороста, ниҳоят гуфт:

– Акнун, писарам, ҳама ташвиши хонадон ба зиммаи худат. Синни ман аз панҷоҳ гузашт. Мехоҳам, ки боқимонда умрамро ба тоату ибодат бахшида, дар ин миён… агар тавонам, мисли бобоят ба ҳаҷ равам... Дар бораи додарат Сулаймон нияти ман дигар аст. Худо хохад, тирамоҳ ӯро ба ягон мадрасаи Бухоро хондан мефиристем. Зеҳнаш тез, бафаросат, пас бигузор хонад – мударрис шавад, қозӣ шавад, раис шавад... Хоҳаратро дар байни як-ду сол ба шавҳар баровардан лозим. Номзадаш ҷавони хуб, аз шохи одамони бадавлат, обрӯманд... Қисса кӯтоҳ, ту акнун сарвари оила, писарам. Ақлатро кор фармуда, нағзакак рӯзгордорӣ кун. Ба мардум – чи хурданд, чи бузург... доим хушмуомила бош. Ба хизматгори дари хона, ба номаш чоряккор ё чӯпон... бештар забон деҳ. Лекин танобашонро кашида ист, ки аз худ нараванд... Гапи ман тамом шуд. Аз имрӯз эътиборан миёнатро аз ҳафт ҷояш маҳкам баста, ба кор шурӯъ кун. Дар ягон масъала дармонӣ, зуд маслиҳат пурс. Ман дар барат...

Ҳамин тавр Усмон Азиз дар бистуяксолагӣ кулли ташвиши зиндагиро ба гардан ниҳод. Додараш хондан рафт, хоҳаршро пас аз ду сол ба шавҳар доданд. Баъд падараш зиёда аз як сол бедарак шуда, то ки бештар савоб гирад, пои пиёда аз тавофи Каъба баргашт. Обрӯи вай акнун даҳчанд боло рафта буд. Мардуми музофот ӯро ба эҳтиром ҳоҷӣ Азиз Матини нилуӣ мегуфтанд... Умуман рӯзгори бофароғат доштанд онҳо; аз сарнавишти худ розӣ буданд.

Аммо ин дер давом накард. Чун тӯфони ногаҳон якбора инқилоб омада, ба маҷрои таъини ҳаёт рахнаи марговар зад. Оилаи Азиз Матин монанди хонаи занбӯр, ки ба он чӯб хастаанд, нобасомон гардид. Баъдтар яке аз паи дигаре фоҷиаву фалокатҳои зиёд рӯй доданд.

Аз ҳама аламовараш – Сулаймон ҳалок шуд. Вай, ки сез-

даҳ сол боз дар Бухоро таҳсили илм мекард, тахмин пас аз ним моҳи инқилоб шабонгаҳ ба Нилу расид. Ғамгин буд, қариб ҳарфе намезад. Рӯзи дароз дар хонаи алоҳида хобида, шабона аспсавор ба куҷоҳое мерафту аксар вақт ниҳоят хаста шуда, пеш аз намози бомдод бармегашт. Ба нигоҳҳои суоломези Усмон Азизу падараш:

– Коратон набошад, – мегуфт парешон ва боз ба хона даромада, дар қайди хобу хаёли худ танҳо мемонд.

Гоҳо ба назди вай аз деҳоти дуру наздик одамонн шиносу ношинос омада, қариб то саҳар сӯҳбат мекарданд. Усмон Азиз намедонист, ки онҳо барои чӣ ин тариқ сарҷамъ мешаванд, дар кадом хусус ҳарф мезананд. Зеро додараш ба ваҷоҳати гирифта:

– Илтимос, моро танҳо гузоред, – мегуфт ва ӯро аз остонаи меҳмонхона қафо мегардонд.

Бад-ин минвол аз байн чанд моҳ гузашту Сулаймон дар як рӯзи тобистон, соате ки ба падару бародараш дар айвони баланд гирди дастархон менишаст, чуқур нафас кашида ва аз нони ҳанӯз ношикаста чашм наканда, қатъӣ гуфт:

– Ман ба ҷанги куффор меравам. Агар хоҳанд, бародарам ҳамроҳӣ кунанд. Нахоҳанд, ихтиёрашон – зорӣ дораму зӯрӣ не... Лекин азми ман ҷазм аст. Ин душманони дину оин то зарби шамшери мардуми мусулмонро набинанд, аз мақсади нопоки худ даст намекашанд. Мулкро тороҷ карда, масҷиду мадрасаҳоро касиф гардонда, занону духтарони моро ба кӯча меандозанд. Ҳама расвои олам мешавем, номард ва рӯсиёҳ мешавем... Дар чунин вазъият ғайр аз ғазо дигар илоҷ нест!

Падар аз карори Сулаймон ҳайрон шуда, муддате ба сукут рафт. Сипас бехавфу хатар набудани ин намуд иқдомро далел гирифта, пирии худро низ ба миён андохта, ӯро аз раъйаш гардондан хост. Аз оқибати сабукфикриҳо гуна-гуна мисол оварда, ҳатто оби дида кард. Вале Сулаймон гардан нафуровард. Ва рӯзи дуюм, вақти азон, дар хӯрҷине як қадар тӯшаи роҳ гирифту беҳтарин аспро савор шуда, рӯ ба сӯи сарнавишт рафт.

Усмон Азиз додарашро бағоят дӯст медошт; ӯро на камтар аз падар эҳтиром мекард. Вай, охир, бешак марди оқил

буд – дар Бухорои шариф мехонд, илму фарҳанги замонашро нағз медонист...

Бале, ҳамин хел одам буд додараш!

Усмон Азиз ҳамроҳи ӯ рафтан мехост. Аммо падараш намонд. Ту ҳам хеста равӣ, мани мӯйсафед дар ин хонадони акнун қариб бесарпаноҳ чӣ кор мекунам, аз дастам чӣ меояд гуфта, боз оби чашм рехт.

Ва Усмон Азиз, ҳарчанд дилаш кашол буд, нарафт. Кӣ медонад, агар равад, шояд *он* фоҷиа рух намедод. Шояд вай сина сипар карда, худаш мемурду додараш зинда мемонд; зан мегирифт, фарзанд меёфт, бад ё нек, дар ҳар сурат рӯзи равшан медид...

Аз Сулаймон ду-се моҳ дарак набуд. Падару модар ғам мехӯрданд. Усмон Азиз ва ягона хоҳараш низ орому қарор надоштанд. Сипас шуниданд, ки вай ба чанд ёру рафиқаш ба дастаи Салом-калта – ашаддитарин қӯрбошии водии Гардон ҳамроҳ шудааст. Дар муддати беш аз як сол ӯ фақат се маротиба ба мушоояти дӯстони муҷоҳидаш дар зери пардаи шабонгаҳ ба Нилу омада рафт. Бо ҳамин Сулаймонро дигар надиданд.

Боре, ин дафъа низ дар ғояти шаб, ду нафар аз он рафиқон, ки бисёр мушавваш буданд, ба қавли худашон аз тарафҳои Деҳнав сарулибоси хунолуди ӯро оварда, ба Усмон Азизу падараш супурданд. Ва гуфтанд, ки:

– Мулло Сулаймон шаҳид шуд. Ба иззату икром гӯрондем... Иншооллоҳ, рост ба гулистони ҷаннат меравад. Шумо ғам нахӯред...

Онҳо падару писарро дар саҳни ҳавлӣ, чун ду тани беҷон... ба дарду доғи синасӯзи хеш танҳо монда, зуд баргаштанд. Ва бас... тамом – гӯё Сулаймон дар рӯи ин замини носерам ҳаргиз вуҷуд надошт; гӯё вай то ҳол дар пеши назари Усмон Азиз гоҳ-гоҳ монанди як сурати ба дилу ҷон баробар намоён мешуду ниҳоят, ҷигари бародарашро ғарқоби хун карда, ба кабудии осмон даромехт; ё қатраборон гардида, ба хоки хомӯш фурӯ рафт; ё ин ки тасодуфан ба кадом гиёҳи мағмум табдил ёфт...

Хабари нобуд шудани ӯ пас аз муддате падари кулфатгазидаро ба гӯр бурд. Аз дунболи вай модараш ҳам вафот

кард. Ғами марги бародарро бародармурда медонад гуфта, Усмон Азиз, дар лабонаш мӯҳри сукути гарон, ба дарди худ чун дар кафан печида, дарун-дарун месӯхт. Вале санги сарди андӯҳашро қатъан ба одамон нишон намедод. Ҳукумати шӯро хеле замину чорвояшро гирифта, дар байни камбағалон тақсим карда бошад ҳам, аз дари шикоят ҳаргиз даҳон намекушод. Ба умеди «рӯзе мерасад» дилашро бақуввату сарашро баланд медошт. Ва интизорӣ мекашид.

Интизор буд, ки оқибати ин *корҳо*, худо хоҳад, ба коми ӯ меанҷомад.

## 6

Баъде ки Анвар субҳ надамида, дар табъи хира ба хонааш як қадам монду каме тӯшаи раҳ гирифта, боз шитобон баромада рафт, Соро-хола дигар хоб карда натавонист. Хаёлаш ба сад кӯй сар халонда, аз барои писараш ғам мехӯрд. Метарсид, ки мабодо ба вай – охир, олами ҳодис гуфтаанд – ягон фалокат рух диҳад. Аз рӯзе ки порсол Анвар ба кадом деҳаи дур калхозсозӣ рафта, тахмин пас аз як ҳафта ба ранги паридаву дасти шикаста баргашт, Соро-хола дар аксар ҳолатҳо изтироб мекашад. То аз кор омадани писараш ҷои нишаст намеёбад. Вай агар дар сафар бошад-ку тамоман бетоқат шуда, хобу хӯрро ҳам гум мекунад.

Ҳоло низ ӯ дар банди таҳлука аст. Авлиёву анбиёро ба хотир оварда, аз даргоҳи парвардигор талаб дорад, ки ба ягона писараш осеб нарасад; тақдири Анвар ба мисли тақдири раҳматӣ падараш, ки рӯзи биноӣ надида, ахир дур аз Нилу асири марги муфоҷо шуд, бадфарҷом набошад... Кошкӣ тезтар зан мегирифт, фарзанд меёфт, ба айёми пирӣ расида, рӯҳи модарашро шод мекард; умри қатъгардидаи падарашро ба ҳаёти бамаънии худ дар рӯи замин идома дода, даври набераву аберахояшро медид.

– Уф-ф-ф! – гуфт Соро-хола, гӯё шушаш канда шуда.

То имрӯз ба зан ҳолаш чӣ рӯзҳои сахтро аз сар гузаронд ӯ! Солҳое ки шавҳараш Шермалик зинда буд, ҳар оина нони хӯрдан доштанд, ба либосҳои дарида ё пойлуч ҳам намегаштанд. Лекин баъд... Эҳ, осон набудааст кори дунё.

Вай ба раҳматӣ Шермалик дар ҳаждаҳсолагӣ ба як бо-

лин сар монд. Шавҳараш деҳқони чоряккор буд – ба қисме аз заминҳои ҳоҷӣ Азиз Матин ҷаву гандум кишта, барои оилааш зоди зиндагӣ меёфт. Падару бобоёни ӯ низ ба даргоҳи аҷдоди ҳамин бой заҳмат кашида, алоқадри ҳол рӯз мегузаронданд. Шермалик занашро ниҳоят дӯст медошт. Боре нашудааст, ки ба вай ягон сухани носазо гуфта бошад. Ҳамеша «гули зебоям, модари бачаҳоям...» – гӯён аз таҳти дил навозиш мекард.

Онҳо панҷ фарзанд диданд. Лекин се писари аввалашон ҳатто яксола нашуда... нобуд гардиданд.

Баробари ҳамсараш Шермалик бисёр ғам мехӯрд. Модари вай ҳам, ки зани меҳрубоне буд, кулли аламаш дар замир, аз паи илоҷу дармон мегашт – назди фолбин мерафт, мулло оварда, дуо мехононд; аз дасти Соро гирифта, ҳамроҳ ба зиёрати мазори азизу авлиё мебурд, дар оби чашмаҳои шифобахш ғусл мекунонд, ба сияҳгил меандохт... Пайваста дили ӯро бардошта, модарвор мегуфт, ки худашро азоб надиҳад, ҳоло ҷавон аст; худо агар муносиб донад, қатор-қатор духтару писари солим мебинад.

Ҳамин гуна як зани ҳалим ва дурандеш буд марҳум хушдоманаш!

Ниҳоят фарзанди чоруми онҳо ба дунё омад. Духтар буд вай. Ба ёди модаркалони Шермалик Сабоҳат ном доданд ба кӯдак. Ва авлиёву анбиё оҳашонро шуниданд магар, ки духтарча сиҳат-саломат аввал ба як даромад, сонӣ ба ду... Сесола шуда буд, ки Анвар таваллуд ёфт. Вай ҳам оҳиста-оҳиста қувват гирифта, забон мебаровард; ширин механдид, ғалтидаву хеста, ба по гаштан меомӯхт.

Онҳо, зану шавҳар ва хушдоман, ҳай шодӣ мекарданд. Камбағалии худро фаромӯш намуда, дар гирди Сабоҳату Анвар парвона мешуданд.

– Гули зебоям, модари бачаҳоям... – мегуфт Шермалик, дилаш боғ-боғ шукуфта.

Аз муомилаи хушу чеҳраи ҳамеша хандони ӯ дар кулбаи фақиронае ки доштанд, равшанӣ гӯё бештар мегардид. Вале ҳангоме Анвар нав ба панҷ қадам мегузошт, парвардигор ҳамин рӯзи неки онҳоро зиёда донист; ба фарзандонаш умр доду шавҳарашро ба хоки гӯр кашид. Соҳиби сари вай Шер-

малик ҳамдасти Усмон Азиз ва Қурбон ном хизматгори ӯ охирҳои тирамоҳ ба бозори Қаршӣ як олам гӯсфанд бурда, дар бозгашт – агар гапи Қурбон рост бошад – аз ҷар парида, ба ҳалокат расид. Ҳамон бегоҳе ки ҷасади сардашро оварданд, чӣ киёмат барпо гардида буд дар ҳавлии назарногири онҳо! Вай сар ба дару девор зада, рӯю мӯй меканд. Сабоҳату Анвар низ ба ҳоли ӯ нигариста, беихтиёр мегиристанд. Хушдоманаш худро кӯфта-кӯфта, дар пеши тани беҷони Шермалик гаштаву баргашта аз ҳуш мерафт. Ва чашм кушода, боз садр мезад.

Ҳамин тавр шавҳараш ба чил ҳам надаромада, ногаҳон ба доми алоиқи аҷал гирифтор шуду Соро-хола дар сивупанҷсолагӣ бева монд.

Тахмин пас аз ду сол хушдоманаш низ вафот кард. Баъди ин вай ҳамроҳи фарзандонаш азобу азияти бисёр кашид. То он даме ки як шаби тобистон Усмон Азиз ба аҳли оилааш аз деҳа баромада рафт, дар хонадони ӯ хизмат карда – нон мепухт, кӯрпаву кӯрпача медӯхт, дегу табақ мешуст, об меовард, мева меғундошт, гуппӣ мезад... ҷояш ояд, оғил мерӯфт, ҳезум мешикаст... – хулоса, дар хонадони ҳоҷӣ Азиз Матин бадтар аз каниз ранҷ кашида, худаш дуруст нахӯраду напӯшад ҳам, ба ҳар ҳол шиками фарзандонашро серу танашонро бутун медошт.

Сабоҳату Анвар оҳиста-оҳиста дар бари вай калон шуда, то метавонистанд, дасташро сабук мекарданд. Махсусан Анвар ба як зарра ҷонаш аз оби *он* ҳавлӣ даромада, аз алаваш мебаромад...

Баъд инқилоб шуда, дудмони ҳоҷӣ Азиз Матин бесаранҷом гардид. Лекин аз тарси ҳукумати шӯро буд магар, Усмон Азиз ба онҳо бештар хизматона медод. Вақте ки Сабоҳатро ба шавҳар мебароварданд:

– Савоб мешавад. Падараш, раҳматӣ, чоряккори худамон буд, – гуфта, низ дасти саховат кушод.

Бо вуҷуди ин Анвар, ки соли ба шавҳар расидани Сабоҳат нав понздаҳро пур мекард, торафт он зотро бад медид. Ва ба аскарони сурху якта-нимта одамони ҳукумат унс гирифта, тадриҷан аз хизмати Усмон Азиз даст кашид. Вай акнун ба язнаи камбағалаш Юнус, ки дар паноҳи инқилоб

соҳиби барзагаву каме замини лалмӣ шуда буд, ёрмандӣ мекард. Ба деҳаи Дизак, ки аз Нилу хеле поин воқеъ гардидааст, ба кадом маҷлису маъракаҳо рафта меомад.

Аҷибаш, ба мадади аскарони сурху одамони ҳукумат ӯ дар ин байн савод ҳам баровард.

Пас аз гурехтани Усмон Азиз ман акнун узви камсамол гуфта, бегоҳиҳо дар пеши масҷид баъзе хурду калони деҳаро ҷамъ оварда, ба онҳо хондану навиштан меомӯхт. Лозим бошад, тарафи камбағалонро гирифта, ба одамони доро сурху сафед мешуд. Онҳо таҳдид карда, ба Соро-хола мегуфтанд, ки писари *кофирашро* ғундорад, вагарна...

Модар чандин бор қариб гириста, ӯро аз раҳаш гардондан хост. Аммо даст афшонда, ҳатто хандида, Анвар ба вай дуруст гӯш намедод.

– Шумо, очаҷон, парво накунед, ба ман осеб расонда наметавонанд, даври зӯроварӣ гузашт... – мегуфт ва аз идроки худ намемонд.

Ҳамин тариқ вай гашт-гашту оқибат ба Самарқанд дусола хондан рафт. Ва тобистони парерсол дар Нилу пайдо шуда, аз хурсандӣ даҳонаш то баногӯш, ба тантана фаҳмонд, ки хонданро тамом кардааст, ҷои кораш дар маркази ноҳия, вай акнун сарвари камсамол... ҳамин ки хонаи алоҳида гирифт, модари меҳрубонашро зуд кӯчонда мебарад.

Анвар дар ҳақиқат баъди шаш-ҳафт моҳ, охирҳои зимистон, шоду бод:

– Шумо дар ин ҷо танҳо, ман дар он ҷо танҳо, – гуён Соро-холаро ба имрӯза сарпаноҳаш кӯчонда овард.

Ва ана, зиёда аз як сол мешавад, ки вай дар ҳамин манзил аст. Рафту Анвар аз вақти гуфтааш соате дер кунад, чашмаш дар дидори ӯ чор, намедонад худро ба куҷо занад. Ба сафар барояд-ку тамом – то омаданаш пакару парешон, сад бор мурда, аз нав зинда мегардад.

Ҳоло низ оҳиста-оҳиста айни чунин вазъият рӯй медиҳад ӯро... Барои чӣ писарашро нисфи шаб аз хоб бедор карданд? Чаро вай аз назди калонаш ин хел серташвиш омада, боз саросема баромада рафт? Ва куҷо рафт? Кошкӣ сиҳат-саломат бармегашт...

Аслан ҳамин гирудор ба Анвар чӣ лозим буд? Мисли

аҷдод-аҷдодаш аз пушти деҳқонӣ нон хӯрда гардад, намешуд! Не-дия, не... Бачаҳои инзамона аз осмон ситора гирифтан мехоҳанд; ба ихтиёрашон монанд, худро ба сад теғу табар зада, ҳама пасту баланди дунёро дар як дам баробар карданианд... Хом аст Анвар, хом! Ҳоло дуруст шатта нахӯрдааст; шатта хӯрад, баъд мефаҳмад.

Соро-хола оҳ кашида, дер гоҳ ба шифти нимторик чашм дӯхт. Сипас дар бистараш паҳлу гашта, ба тиреза нигарист. Субҳ дамида, берун равшан мешуд. Ӯ наҷунбида, дар банди хаёлҳои мағшуш боз каме хобид. Баъд аз ҷой хеста, бистарро ғундошт; ба айвон баромада, дастурӯй шуст. Аз ҷӯи беруни дарвоза ду кӯзаи калон об оварда, дар ошхона ба дег рехт. Бе шитоб дар таки он оташ монд ва гашта ба хона даромад, ки якта-нимта либоси писарашро гирифта, то метавонад, осуда шустушӯ кунад.

## 7

Анвару ёронаш ду деҳаи дигарро қафо гузошта, инак, қарибиҳои нисфи рӯз, ба Дизак наздик мешуданд. Ҳама ҷо ором буд. Пас аз се-чор хамгашт дараи Оҳугузар васеъ гардида, деҳаи Дизак – сернуфустарин мавзеи соҳили Кофрун... ба арчазори пуршукӯҳи атрофу қалъачаи нимфатароти худ ва қуллаҳои сарсафеди кӯҳи Манор, ки дуртар аз рӯди сероб қад кашида, дар рӯзҳои офтобӣ чашм мебарад, чун як манзили дилхоҳ ногаҳон пеш меояд. Зебо ва хушобу ҳавост Дизак. Одамонаш ҷасур, ростқавл, меҳмоннавоз...

Дар саросари дараи Оҳугузар нахустин шӯрои ҷамоат тобистони соли бисту ду маҳз дар ҳамин деҳа ташкил ёфта буд. Ба он созмон ҳозира котиби райком Мирзовалӣ Амонов роҳбарӣ мекард. Ӯ аслан аз водӣ буда, дар вақташ, гирифтори чӣ гуноҳе, ба зиндони Бухоро меафтад. Ва соли бистум ба шарофати инқилоб аз он чоҳи аҷал берун омада, ҳамроҳи аскарони сурх ба зодгоҳаш бармегардад. Ҳукумати навро тарафдорӣ карда, ба корҳои вай мадад мерасонад. Дар як канори Дизак мактаб кушода, ба фарзанди камбағалон хату савод меомӯзад. Баъдтар мардум ӯро дар ҳамон ҷо раиси шӯрои ҷамоат интихоб мекунанд.

Амонов он вақтҳо тахмин сисола буд. Обу оташро ме-

монд. Шабу рӯз дар хизмати халқ мегашт. Вай на фақат ташвиши деҳаи Дизакро ба зимма дошт, балки дар Нилу ҳам аз рӯи инсоф ба доди камбағалон мерасид. Зеро деҳаи Анвар низ тобеи ҷамоати Дизак буд. Ва то ҳол Нилу ба ҳамин ҷамоат нигоҳ мекунад...

– Борон омад, – гуфт нохост Мурод, домани чакманашро ба таки рон хобонда.

Анвар ва дигар шариконаш ҳам дар бари рухсору пушти гардан қатраҳои сабуки боронро ҳис намуда, ба осмон нигаристанд. Офтоб, ки ягон ним соат муқаддам дар паси абрҳои тунук монда, хира-хира равшанӣ медод, акнун тамоман ба назар намерасид. Осмонро сар то сар саҳоби сиёҳ пӯшида, ба таҳдид ғалаён мекард. Гулдуроси рӯди Кофрун баландтар мешуд. Дар пеш, эҳтимол дар фарози кӯҳи Ҳафтсар – ин дам Чилчароғ аз тарафи шимол қафо монда буд, – гоҳ-гоҳ ханданги оташини барқ медурахшид. Аз он дуриҳо баъзан садои пасти раъд низ меомад. Ҳама ҷоро накҳати рутубатноки сабзаву бӯи борон гирифта буд. Ва аз муқобил боди як қадар сард мевазид.

Аспҳо, шояд аз нохост тағйир ёфтани ҳаво бошад, андак гӯш хобонда, лаблаби Кофрун ҳамчунон таноби раҳ мекашиданд. Ҷирани борикпои Анвар ҳоло юрға мерафт. Лекин вай ҳам, мӯи гарданаш каме сих зада, ёлаш парешон, гӯши худро суст карда буд.

– Тар мешавем... – аз қафо овоз баровард Саид.

– Чӣ илоҷ, фасли баҳор! Сахт борад, хоҳ-нохоҳ тар мешавем, – гуфт Анвар. – Дар ҳар сурат зудтар ба Дизак расидан лозим. Бигузор аз таки замин, аммо Шокирро ёфта, вазъиятро дуруст мефаҳмем. Оромӣ бошад, сарулибосамонро хушк карда, ягон қути лоямут мехӯрему пас ана... ба Нилу меравем. Он тарафаш се-чорсоата раҳ.

– Ҳеҷ қисса не, кулӯх нестем, ки об шавем, – гуфт Санҷар ҷиддӣ.

– Рост, – хандид Мурод.

Анвар ҳам хандида, лаҷоми ҷиранро ҷунбонду ба ҳар ду паҳлуяш беозор пошна зада, гашти онро тезонд. Дар роҳи серсанг садои суми аспҳо баландтар гардид. Қатраҳои борон низ акнун бештар мерехтанд. Гув-гуви Кофрун, ки обаш

дам ба дам меафзуд, воҳиманок буд.

– Чу-у, ҷонвар! – гуфт Саид.

Дигарон ҳам ба ин нидои мадорбахш ба кафали аспҳои худ оҳиста қамчин заданд.

Аз байн фурсате нагузашта, ногаҳон дар болои сари онҳо раъд чунон тӯп паронд, ки осмон аз зарбаш гӯё дукафон шуд. Ва аз паи он барқ ҷаҳида, замину замонро як лаҳза ба ранги кабуд андохт. Аспҳо тарсида, гарданакзанон шиҳа кашиданд... Сипас боз раъд ғурид; боз хаданги барқ дурахшида, дидаи бедори саворонро даме тира кард. Яқин ба чашми аспҳо низ гӯё сих зад. Ва шохборон сар шуд...

Онҳо дар зери қатраҳои калон-калони батаҳдид, ки лаҳза ба лаҳза қувват мегирифт, дар ҷадал асп меронданд. Ба умеди шояд қатъ гардад, ҳатто дар таки ягон шах мунтазир истодан фоида надорад. Кӣ медонад, ки ин борони шадид кай мемонад. Ва боз ҳам вақт ғанимат... Ҳоло мақсад – ҳар чи зудтар ба Дизак расидан. Дар он ҷо Шокирро дида, каме нафас рост карда, баъд рӯ ба Нилу меоранд.

– Дар чунин ҳавои тӯфонӣ ҳатто саги бесоҳиб ба кӯча намебарояд, – гуфт Мурод, аз байни шар-шари борон овозашро сар дода.

– Босмачиҳо ки баромада, кӯҳ ба кӯҳ гаштаанд, мо ҳам маҷбурем, – хандид марди деҳқонҳайати тахмин сисола, ки дар тан ҷомаи майдалагандаи сиёҳ дошт.

– Рост гуфтӣ, Ҳасан. Рафту саг девона шуда, дарғазаб ба кӯча тозад, одамон... ба вайрон будани ҳаво нигоҳ накарда, онро дар таъқиб мегиранду дошта... пӯст мекананд, – гуфт Мурод ин дафъа ҷиддӣ.

– Набошад чӣ! Вагарна каси ростомадаро газида, чунон бадбахтиҳо меорад, ки... эҳа!

– Яъне босмачӣ ҳам саги девона барин? – ба Ҳасан нигариста, хандид Саид.

– Не-е, барои чӣ? Вай *худи* девона, – гуфт Ҳасан, аз ду бари рӯяш ҷӯя-ҷӯя оби боронро ба кафи даст ситурда.

– Бале, худи худаш, – сухани ӯро қувват дод Анвар.

– Девона аст, ё не... ҳоло дар воқеъ моро ба ташвиш меандозад, – гуфт андешаманд Мурод.

Ва ба ҳамин хомӯш монданд.

Раъду барқ хурӯш карда, борон мерехту мерехт. Анвару ёронаш тар шуда буданд. Аз бадани аспҳо низ об мешорид. Ҳеҷ гап не, камобеш ним соат пас ба Дизак мерасанд, – аз дил мегузаронд Анвар. Аҳволи Шокир чӣ хел бошад? Дар деҳа хотирҷамъӣ ё... Аз бозе ки Мирзовалӣ Амонов дар маркази ноҳия ба кор гузашт – соли бисту шашум буд ин, – Шокир дар он ҷо раиси ҷамоат аст. Аввал сарварии гурӯҳи камсамолонро ба ӯҳда дошт. Анварро ба Амонов маҳз Шокири дизакӣ шинос карда, ба дасташ қаламу дафтар дода буд, то ки вай ҳам ба монанди ӯ, дирӯза деҳқонбачаи хокпошу бесавод ва аз кори дунё бехабар, хондану навиштан омӯзад; ба фарқи сиёҳу сафед расида, пасту баланди дунёро шиносад, *одам* шавад.

Анвар аз Шокир ва Мирзовалӣ Амонов якумр миннатдор аст. Ҳаминҳо буданд, ки вай савод баровард, ҳаққу ҳуқуқи худашро шинохта, ба воқиаҳои замон кам ё беш... ба ҳар ҳол сарфаҳм рафт; ба сафи камсамол даромада, то метавонист, ғояҳои инқилобро тарғиб намуд. Баъд, соли бисту ҳафтум – ин сафар ҳам ба маслиҳати падаронаи Амонов, ки он вақт котиби камитети камсамоли атроф буд, – дар мактаби партиявии Самарқанд ба таҳсил оғоз карда, узви фирқаи балшевикон шуд. Акнун вай қариб ду сол боз дар вазифае машғул аст, ки соли ба хондан рафтанаш ташвиши он дар ӯҳдаи Амонов буд...

Саворон чолок раҳ мепаймуданд. Аспашонро фақат намедавонданду бас. Раъд ҳамчунон гулдурос зада, бороні ҳамал гӯё ҳеҷ мондан намехост. Онҳо боз як хамгаштро гузашта, лаблаби Кофрун, ки дар худ печидаву сангҳоро ба ҳам кӯфта, девонавор ба водӣ мешитофт, тадриҷан ба Дизак наздик мешуданд. Аспи Анвар пеш-пеш мерафт, дигарон аз қафои ӯ буданд. Оби хунуки борон шорида, ҳатто ба пойафзори онҳо медаромад.

Анвар беихтиёр аввал Нилу, модару хоҳараш – вай раҳматӣ падарашро нағз дар хотир надошт, – Таманно ва пас қиссаи марги падари ӯро ба ёд оварда, дилаш вайрон шуд. Хаёлаш, ки аз байни риштаҳои обӣ чеҳраи ба мисли гули нор зебои Таманно як намоён гардида, ба сӯи вай омехта ба таънаву маломат нигарист. Ва гӯё «барои чӣ маро фаромӯш

кардӣ? Ним сол мешавад, ки намеоӣ... Ман, охир, туро интизорам», – гуфта, ҳамоно ғайб зад.

Рост, қариб ним сол инҷониб Анвар ба Нилу нарафтааст. Баъд аз *он* чанд рӯзи тирамоҳ, ки ҳамроҳи Аваз Каримов – сардори милисаи ноҳия – дар хонаи язнааш Юнус истиқомат карда, ба душвориҳои зиёд калхоз месохтанд, гузораш дигар ба Нилу наафтид. Ба ихтиёри худаш ҳам омада натавонист; кораш чунон бисёр, ки фурсати сар хоридан намеёфт. Ҳар рӯз як ташвиш, ҳар рӯз як гапи нав... Ҳоло ана, дар ҷустуҷӯи босмачиҳо гаштаанд, ки он ваҳшиёни бераҳм мабодо айши мардумро талх кунанд. Ба ҳамин мақсад дар шитоб то Нилу мераванд. Ва нағз, ки мераванд! Айни муддао... Вай ниҳоят Таманноро мебинад, аз аҳволи хоҳари дилбандаш Сабоҳат хабар мегирад, ба язнааш сӯҳбат ороста, аз кору бори ӯ пурсон мешавад. Марди хуб аст Юнус – ботинаш равшан, ҳақгуй, заҳматкаш, ба хурду бузург меҳрубон. Порсол одамон эҳтимол барои ҳамин хислатҳояш ӯро ба як овоз раиси калхоз интихоб карданд.

Хулоса, агар раҳораҳ ба ягон нохушӣ дучор наоянд, тахмин шомгоҳон дар Нилу мешаванд. Дар ҳамон Нилу, ки ба ҳар як тангкӯча ва шаху адирҳои атрофи он нақши пояш мондааст, ҳар як кулбаашро ҳатто ба чашмонн пӯшида метавонад возеҳ пеши назар орад; дар ҳамон Нилу, ки шоҳиди бачагии пуразобаш буд...

Таманно нияти ӯро мефаҳмида бошад? Оё пай мебарад, ки Анвар дар умқи ҷигар чӣ орзуҳо мепарварад, то чӣ дараҷа дӯсташ медорад?

Онҳо ба ҳамдигар номзад нестанд. Ягон маротиба рози дил ҳам накардаанд. Иштиёқи поки ҳар дуро танҳо нигоҳашон ошкор месохт. Онҳо аз тӯғёни вуҷуди худ фақат ба чашмонашон ҳарф мезаданд. Анвар дар ин хусус то алҳол ба касе лаб накушодааст – на ба модараш, на ба хоҳараш, на ба ин ё он дӯсти наздикаш.

Вале модар... Модараш гӯё ҳар як ҷунбиши қалби ӯро хуб мешунавад. Вагарна чаро вай баъзан «розӣ шав, писарам, саратро ҷуфт кунем», – гуфта, чунон ки дар омади гап бошад, маҳз номи Таманноро ба забон меорад? Боз мегӯяд, ки аз ӯ беҳтар зан намеёбӣ. Ва нарм механдад.

Барои чӣ ин тавр? Вай яқин аз ҳаваси писараш ба Таманно хабар дорад. Ё шояд бафурсат корро пазонда бошад... Кӣ медонад? Порсол, тирамоҳ, модари Таманно ба Анвар чунон меҳрубон буд, ки...

Онҳо боз як хамгаштро гузаштанд. Ҳамин замон ба Дизак мерасанд. Агарчи тундар ҳоло аз поинтар гулдурос мезад, шасти борон паст намешуд. Саворагон саропо тар ва хомӯш мерафтанд. Садои суми аспҳоро гув-гуви яксони Кофрун пахш мекард. Аз пеш боди акнун сард вазида, ба гиребону бари домани Анвар ва шариконаш печ мехӯрд. Сабзаҳои муҳит ҳама дар зери борон хобида, ба назар ҳақиру ғамзада метофтанд.

«Пас аз марги шавҳараш модари Таманно кулфати бисёр кашид, – мегуфт ба худ Анвар, ба роҳи сангини ноҳамвор ва пур аз кӯлмак, ки чун тасмаи ҷо-ҷо дарида аз зери суми ҷиран гузашта, торафт кӯтоҳ мегардид, маҳзун чашм давонда. – Мӯяш якбора сафед шуда, дар бистари беморӣ ғалтид. Азоби Таманно ҳам кам набуд. Дилу ҷигараш дар ёди падар сӯхта, чеҳрааш пайваста ҷиддӣ... хаёлолуд ва ғамгин мегашт. Чашмони зебояш дигар намехандиданд. Охир, даҳшат аст шоҳиди ин гуна фоҷиа будан!»

Дар пеши назари Анвар рӯзи дафни падари Таманно зинда гардида, чунон ки раҳи гулӯяшро нохост як чизи ноҳинҷор гирифта бошад, вай сахт дилтанг шуд. Ва аспро сабук маҳмез зада, гашташро тезтар кард.

«Лекин андӯҳ, ҳар қадар вазнин тобад ҳам, ба мурури айём мегузаштааст; қисман бошад ҳам, оҳиста-оҳиста фаромӯш мешудааст. Беҳуда намегуфтаанд, ки бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд, бигзарад... Он алами сангин аз сари Таманнову модараш низ гузашт. Ҳоло Таманно дар калхоз кор мекунад. Порсол дар қатори дигарон худаш ариза бардошта омад, ки номи ӯро ҳам ба рӯйхати аъзои калхоз даро- ранд. Чеҳрааш боз маҳтоб барин зебо буд; чашмони сиёҳаш боз равшанӣ мефиканданд. Аммо модараш... берӯзӣ баъди он фоҷиа дарди хафақон дорад. Акнун ягона парастори вай духтараш Таманно...»

Шабе ки босмачиҳо ба деҳа даромада, падари ӯро мекушанд, Анвар дар Дизак буд. Ҳамон бегоҳ дар идораи шӯрои

ҷамоат чор нафар камсамол ба сардории Шокир аризаашро муҳокима карда, ниҳоят лоиқ донистанд, ки вай дар сафи онҳо ҷой гирад. Анвар аз хурсандӣ гӯё қанот бароварда, мехост зуд ба Нилу баргардад. Вале Шокир:

– Саҳар меравӣ – раҳат дур, харат ҳам чандон бақувват не, – гуфта, ӯро ба хонааш бурд.

Ва онҳо як-ду соат чақ-чақ карда, бароҳат хобиданд.

Пагоҳаш Анвар баробари субҳ ба роҳи Нилу даромад. Вай он вақт соф мурғи озод буд. Усмон Азиз гурехтан боз хеле рӯҳ гирифта, ба кору бори худ ҷиддӣ машғул мешуд. Хондану навиштанро омӯхта, ба дигарон ҳам сидқан ёд медод. Дар як парча замини ҳавлии фақиронаи аз падар мерос ҷуворӣ корида, ғами рӯзгорро мехӯрд. Ният дошт, ки ба каме пули пасандозаш тирамоҳ ягонта буз харида, барои ошдоғии зимистон бонӣ мекунад... Ҳамин гуна буд зиндагии ӯ. Имрӯз ана, узви камсамол шуд. Акнун вай барои ҳар ноҳаққие ки дар Нилу рӯй медиҳад, ҷавобгар аст. Вай акнун барои ғалабаи сазовори инқилоб ба аскарони сурх ва фирқаи балшевикон бояд пайваста мадад расонад. Ҳоло ба ҳамдеҳагонаш савод омӯхта, онҳоро аз мақсаду мароми ҳукумати шӯро то ҳадде бохабар намудан ҳам... дар эътибори инқилоб аҳамияти хоса дорад.

Анвар, тобеи чунин андешаҳо, баъд аз се-чор соат ба Нилу дохил шуда, ҳуш аз сараш парид. Гӯё маҳшаре барпо гардида буд дар деҳа. Як қисм одамон, ҳама ғамгин, аз қабристон меомаданд. Қисми дигар тобут бардошта, боз ба он *манзил* мерафтанд. Аз ҷониби тангкӯчае ки дар вай Анвару Таманно ҳам зиндагӣ мекарданд, ҳой-ҳой гиристанҳо, садрзанӣ ва нолаву шеван ба гӯш мерасид. Дар қади саркӯча ҳар ҷо-ҳар ҷо кӯдакон истода, ба мардони тобуткашу одамони аз пушти онҳо қатор дар ҳайрат чашм медавонданд.

Хуллас, ки сахт ноором буд Нилу. Гӯё қиёмат аз ҳамин маҳал мехест. Ба хаёли Анвар ҳатто ҳавои деҳа низ тағйир ёфта буд. Аз мағзи он як бӯи ғализ меомад; эҳтимол бӯи хун...

Вай аз хараш пиёда шуд. Кадом бачаи пойлуч, ки досташ дар нифаи эзори даридааш буд, аз шиддати ҳаяҷон забонаш лакнат хӯрда, ба назари суоли ӯ ҷавоб гардонд:

– Додом гуфтанд, ки шабона босмачиҳо омада, се касро

дар хонаашон куштаанд. Ду касро ҳамроҳи худ гирифта бурдаанд...

Анвар гарангу шалпар харашро беихтиёр дар пеши ҳамон бача монда, аз пушти тобут ба қабристон рафт. Ва дар он ҷо мутаҳайир фаҳмид, ки одамон ҳоло мурдаи дуюмро мегӯронанд. Барои сеюмӣ ҳам инак лаҳад мекованд. Вале тобут якта. Аз ин рӯ то ба охирин манзили бардошт расидан низ навбат мепоянд *онҳо!*

Вақте ки марҳумро ба хок супурда, аз ёнаи қабристони баланд нишеб мешуданд, дар паҳлуи Анвар аз кучҷое язнаи Усмон Азиз – Саидназар ҳозир гардида, дар даст рӯймолча, ба андоми хунук як оҳ кашид. Сипас ба ӯ нигоҳ накарда, гӯё худ ба худ гуфт:

– Оқибати дунё ҳамин, додарам! Кас намедонад, ки ба дасти ягон нохалаф кушта мешавад, ё ба аҷали худаш ҷон медиҳад. Вагарна кӣ гумон дошт, ки ин хел... Ҳар се ҳам бандаи беозор буданд. Лекин кори худоро бин – дар як шаб, а! Бе ҳеҷ гуноҳ... Бародари зани ман, раҳматӣ мулло Сулаймон, низ таҳтан бегуноҳ буд. Бегуноҳ буду номусулмонҳо дар роҳи Деҳнав куштанд. Ту басалла гуфта, босмачӣ гуфта, душмани ҳукумати шӯро гуфта...

– Чӣ, босмачӣ буданаш дурӯғ? – аз ғарибнолии вай қаҳраш омада, ба ситез пурсид Анвар.

– Албатта дурӯғ! Кӣ дидааст?

– Дурӯғ бошад, муддати қариб ду сол дар куҷоҳо мегашт? Боз туфангу шамшер бардошта...

– Мегашт-дия! – низ итоб намуда, сухани ӯро бурид Саидназар. – Одами хондагӣ буд, ёру ошноҳои бисёр дошт. Дар ин деҳаи арвоҳзада шишта, чӣ кор мекард? Ба кӣ ҳамтабақ мешуд?

– Рост, одамони ба вай ҳамтабақ дар байни босмачиҳо буданд! – гуфт Анвар ба заҳрханд.

– Ин гапат нағз не, додарам...

– Барои чӣ?

– Барои он ки тӯҳмат, ифтиро...

– Хайр, шуд, – даст афшонд Анвар.

– Ҳеҷ кас исбот карда наметавонад, ки раҳматӣ босмачӣ буд, ё ақалан ба онҳо сари кор дошт. Агар ин тахмин дайн

мешуд, эҳа-а... бародарашро дар як шаб гирифта, бечуну чаро аз лингаш меовехтанд.

– Вақташ расад, исбот ҳам мекунанд. Дидагиҳо кам не... Бинобар ин, мабодо пагоҳ сиррам кушода шавад гуфта, *вай* шабошаб аз деҳа гурехта рафт.

– Худоро ба ёд оварда гап зан, додар! Аҷдод-аҷдодат аз дастархони онҳо намак хӯрда, рӯзи равшан медиданд... Раҳматӣ падарат чӣ? Худат ҳам якҷоя ба модару хоҳарат дар хизмати Усмон Азизу волидаш будӣ. Аз дигар ҷой не, аз ҳамон даргоҳ ошу нон меёфтӣ...

Анвар дандон ба дандон гузошта, ба ин таънаи ҷигардӯз ҷавобе надод. Мардак ҳақ буд. Воқиан ҳам падару бобоҳои вай дар заминҳои ҳоҷӣ Азиз Матин ва аҷдодаш чоряккорӣ карда, ба тавре рӯз мегузаронданд. Худаш низ чанд муддат ятими дари хонаи Усмон Азиз буд. Бад ё нағз, ба ҳар навъ ҳамроҳи модару хоҳараш аз ҳисоби вай нон мехӯрданд. Зеро дигар илоҷ надоштанд... Аз ин боис Анвар, агарчи гуфтаҳои язнаи Усмон Азиз аз ҷавшани ҷонаш гузашта, сахт ғазабашро оварданд, маҷбур худро ба даст гирифт ва дар зери нигоҳи тамасхуромези ӯ, ки ба китфаш чун санги осиё бор мешуд, сараш хаму чашмонаш нам, қатори одамон ба ҳавлии мақтули сеюм рафт.

Ҳоло мебоист мурдаи сеюмро гӯронанд.

Қурбонии сеюм...

Падари Таманно буд вай. Як деҳқони камбағал, ки аз даҳонаш ҳаргиз сухани бад намебаромад. Бечора дар ғами рӯзгор ва тарбияи ягона духтараш мегашт. Ҳатто магасро озор намедод, ки ба ҳар ҳол вуҷуди зинда аст.

Аммо босмачиҳо ба ҳамин гуна одами ҳалим ҳам раҳм намекунанд.

Онҳо чанд нафари бисёр камбағал ё бехешу ақраборо дар назар гирифта, нисфи шаб ба деҳа медароянд. Ва саросема ба ду гурӯҳ тақсим гардида, он берӯзиҳоро як-як дар хонаҳои худ мееёбанду ба дӯғу пӯписа талаб мекунанд, ки зуд либосашонро пӯшида, ба онҳо ҳамроҳ шаванд; агар мусулмонанд, мехоҳанд ё не, дар сафи *лашкари* ислом ба ҷанги куффор мераванд. Ду нафар, аз зӯри тарс ё ихтиёрӣ – чӣ хел буданаш номаълум, – розигӣ медиҳанд. Лекин се нафари дигар...

Онҳо яқин гардан намефуроранд. Ва босмачиҳо ҳар кадомеро дар пеши зану фарзандаш аз хона бароварда, дар саҳни ҳавлӣ ба дастаи қамчин буғӣ карда мекушанд.

Бале, дар он шаби охири баҳорон, ки Анвар ниҳоят узви камсамол шудам гуфта, дар Дизак, дар хонаи дӯсташ Шокир, хушу хурсанд ба хоби роҳат рафта буд, дар Нилу чунин фоҷиаи мудҳиш рух медиҳад.

Вай то имрӯз нағз дар хотир дорад, ки ҳангоме тобутро мебардоштанд, фиғонн Таманнову модараш чӣ тавр ба осмонҳо мепечид. Анвар ба мӯи парешону рӯи харошидаи духтар ва ҳоли табоҳи модари ӯ нигариста, чӣ кор карданро намедонист; дилаш ғарқоби хун гардида, ёрои ба онҳо наздик шудан надошт. Вай ба қотилон лаънатҳо фиристода, аз паи тобут мерафту дастонаш гиреҳи мушт, кӯдакиашро ба ёд меовард. Чеҳраи аз гиря варамидаи Таманно дар пеши назар, раҳораҳ он айёмеро ба хотир меовард, ки ба ҳамсолонаш ва духтарчаҳои аз худашон хурд қабл аз шиношини офтоб дар кӯчаҳои танги деҳа чӣ бозиҳо мекарданд. Таманно дар ин гуна лаҳзаҳо бисёр шод мешуд; дандонаш радаи марворид, қаҳқаҳ механдид. Вале имрӯз...

Имрӯз *вай* мегиряд.

Сар ба дару девор зада, ба марги муфоҷои падари шарифаш мегиряд.

Гириста-гириста ба дили Анвар, ки ӯро аз ҷон бештар дӯст медорад, ҳама ғами оламро ҷой мекунад.

Чаро фалак ин қадар бераҳм аст? Барои чӣ вай танҳо камбағалонро азоб медиҳад? Ҳар чӯбе ки шиканад, чаро фақат ба сари мардуми бенаво мешиканад?

Анвар он рӯз аз қафои тобут қадам монда, ба худ чунин суолҳо медод. Панҷ сол муқаддам буд ин. Ҳоло вай хуб медонад, ки ба ноинсофиҳои рӯи замин фалак ҳаргиз гуноҳ надорад. Ҳамааш аз ботини одамон сар мезанад; аз муқтазои табиати касони сияҳкору сияҳдил...

Саворон боз як хамгашти дигарро гузашта, акнун дуртар аз рӯди Кофрун асп меронданд. Осмон гӯё сӯрох шуда буд, ки борон ҳеҷ қатъ намегардид. Раъд чун галаи шерони ба дом афтида ҳамон мeғурид. Гоҳ аз пеш ва гоҳо дар пушти сар оташи барқ медурахшид. Анвар низ ба мисли ёронаш

ғарқи оби борон шуда, рокиби ҷирани зебои худ якмаром раҳ мепаймуду хаёлаш аз нав ба Таманно мерафт. Вай ӯро дар ҳар ҳолат медид; ҳам хандону ҳам гирён, ҳам кӯдаки беғаму ҳам духтари қадрас... Агар лаҳзае он рӯзи мудҳиш – рӯзи дафни падари Таманно пеши назараш ояд, лаҳзаи дигар бозиҳои бачагиашонро ба ёд меовард. Ва дар машом роиҳаи борону сабзаи навхези баҳорон, дили ташнаи ӯ ширин-ширин гум мезад, ки кай ба дидори Таманно мерасад; ба дидори ҳамон Таманное ки як замон духтарчаи шӯху шаттоҳ буда, имрӯз дар тамкину зебоӣ ҳамто надорад.

Анвар бо вуҷуди борони сахт дар хонаи зин устувор нишаста, бозиеро ба хотир меовард, ки дар кӯдакӣ ба *онҳо* ниҳоят мақбул буд.

Зоғобу ном дошт он бозӣ. Вай то ҳол намедонад, ки маънии *зоғобу* чист. Вале дар айёми дури беғамӣ чанги кӯчаро бароварда, «зоғобу, зоғобу!» – гӯён суруд оғоз кардан ба онҳо бисёр хуш меомад. Таманно хурсанд мешуд, механдид; гул барин шукуфта, қаҳқаҳа мезад. Ва бачаҳоро гаштаву баргашта ба бозӣ мекашид.

...Шаш-ҳафт нафар духтараку писарак дар қади кӯча ҷамъ омада, шумурак мегуфтанд ва якеро сармир интихоб менамуданд. Аҷаб, ки сармирӣ аксар ба зиммаи Анвар меафтид. Вай – ё сармири дигар – аз бозигарон хоҳиш мекард, ки ангушти ишорати дасти росташонро ба кафи ӯ гузоранд. Бачаҳо хоҳиши сармирро зуд ба ҷо меоварданд. Баъд вай суруд мехонд:

Зоғобу, зоғобу!
Дарахти себу олу!
Аз боло куланг омад,
Кулангбача ланг омад!
Поин омад – ба санг зад,
Карахт шуду ба чанг зад!

Ҳамин ки суруд ба охир расид, бачаҳои шоду бод ангушти худро филҳол аз кафи сармир мегирифтанд. Ва сармир ангушти касеро ба чанг оварда натавониста, аз нав суруд оғоз мекард. Ин дафъа – ё дафъаи сеюм, чорум... – ангушти ягон нафар аз сабаби анг мондани ӯ *ба чанг мезад*. Ва бози-

гарон ҳамон нафарро, масалан, Таманноро иҳота мекарданд. Сармир ба вай нигариста, ҷиддӣ мегуфт:

– Таманно!

– Лаббай!

– Аз куҷо омадӣ?

– Аз шаҳри Ҳорун.

– Чӣ овардӣ?

– Тухму собун...

– Таманно!

– Лаббай!

– Кай омадӣ?

– Бегоҳ.

– Чӣ овардӣ?

– Ҳино...

– Таманно!

– Лаббай!

– Натарсидӣ?

– Аз киҳо?

– Аз посбони сари роҳ.

– Омадам ман ба ҳаво...

– Таманно!

– Лаббай!

– Чӣ лозим ба ту ҳино?

– Мебандам ба дасту по.

– Кай мебандӣ?

– Вақти сабо...

– Таманно!

– Лаббай!

– Зоғ мақбул аст, ё занбӯр?

– Зоғ...

Бачаҳои бозигар фавран овози зоғро тақлид мекарданд ва ангуштони дасти росташонро минқор сохта, ба Таманно паёпай *нул мезаданд*.

Дар рафти ҳуҷуми зоғҳо Таманно мекӯшид, ки ягон касро дорад. Ниҳоят зоғе… масалан, Мурод ба даст афтида, дар ҷои Таманно мегузашт.

Ва байни сармиру Мурод тақрибан чунин гуфтугӯ мешуд:

– Мурод!

– Лаббай!
– Аз куҷо омадӣ?
– Аз деҳи Дизак.
– Чӣ овардӣ?
– Мағзу донак...
– Мурод!
– Лаббай!
– Кай омадӣ?
– Ҳамин саҳар.
– Боз чӣ овардӣ?
– Ҳалвои тар...
– Мурод!
– Лаббай!
– Натарсидӣ?
– Аз чиҳо?
– Аз деву аҷинаҳо.
– Омадам ман ба дарё...
– Мурод!
– Лаббай!
– Куҷо шуд мағзу донак?
– Мондам дар пеши камар.
– Кӣ мехӯрад?
– Бобоназар.
– Кай мехӯрад?
– Бегоҳтар...
– Мурод!
– Лаббай!
– Бузаки ҷингилапо мақбул аст, ё мурғаки парпо?
– Бузаки ҷингилапо...

Ҳама якбора ду даст ба чаккаашон бурда, бузаки шохдорро тақлид мекарданд ва ба Мурод ҳуҷум оварда, ӯро *шох задан* мехостанд. Лекин Мурод дар дохили давра истода, чолокона ягон нафари гаранг… масалан, Анварро медошт.

Ва бозӣ аз нав оғоз меёфт.

Анвар ҳам дар ин бозӣ ва ҳам дар дигар бозиҳои хуши бачагӣ мекӯшид пайваста дар паҳлуи Таманно бошад, то ба вай ҳаргиз озоре нарасад. Таманнои аз ӯ ду-се сол хурд низ ҳамеша хандон худро ба Анвар наздик мегирифт. Гоҳо ме-

шуд, ки рафту писарбачае ранҷонад, мавридашро ёфта, ба Анвар шикоят ҳам мекард...

Бале, аз вай имдод металабид. Ва Анвар нархи сабзиву пиёзро напурсида, даъфатан ба сари он бача метохт; нағзакак адаби ӯро дода, тавба мекунонд, ки дигар ба Таманно кордор намешавад.

Ҳамин тавр мегузашт кӯдакии онҳо!

Аксар бозиҳояшон байту ғазал доштанд.

Духтарчаҳо арғунчак мепариданду суруд мехонданд.

Масалан:

Ҳаво, ҳаводоре,
Барги сафедоре!
Уштури қаторе,
Сандуқи пурборе!
Ҳаво, ҳаводоре,
Барги сафедоре!

Писарбачаҳо пеш аз кушодани ин ё он бозӣ ҳатман шумурак мегуфтанд:

Гунҷишку зоғон
Дар дашту ёбон.
Ту рафта орд без,
Ту шину ту хез!

Ё духтаракону бачаҳои бисёре ба бозии дигар шурӯъ намуда, чунин суруд мехонданд:

Бибӣ итоб кунад-э,
Ба мо хитоб кунад-э,
Мӯл кофтукоб кунад-э...
Сӯзани тилло канӣ?
Тӯҳфаи бобо канӣ?

Дар ниҳояти кор лакот гардида, пеш аз хона ба хона рафтан боз шеър мегуфтанд:

Намози шом шуд,
Вақти таом шуд.
Бозӣ тамом шуд, –
Шайтон ғулом шуд...

Ҳоло Анвар баъзан фикр мекунад, ки ин ҳама хобу хаёл буд; афсонаи дилнавоз буд. Вале ҳақиқат дигар аст – рафту вай ба афсона дохил шавад ҳам, маҳз чун ҳақиқат мемонад. Бо вуҷуди ятимӣ, пойлучӣ ва нимгуруснагӣ ба ҳар навъ бозиву сурудхониҳо гӯё ширин мегузашт бачагии Анвар. Ва шояд ҳамин дунёи рангину ботароват буд, ки маҳрумияти ӯро то ҳадде дар худ ҳал намуда, ба роҳи зиндагии пуразобаш нури умед мепошид.

Анвар тадриҷан чусту чолок, бақувват ва софдил... ба воя мерасид. Ва ҳар қадар ба воя расад, ҳамон қадар аз Таманно шарм медошт. Шабҳои дароз хаёли ӯро ба оғӯш гирифта, метапиду мефахрид. Аммо рӯзонаҳо, тифоқо бинадаш, зуд даступо мехӯрд ва аз мағзи ҷон мекӯшид, ки то тавонад, ба чашми вай нанамояд.

Таманно ҳам гӯё баногаҳ калон шуда буд: зебо, хушқаду қомат, батамкин...

Акнун дар кӯчаҳои Нилу ба ҷои Анвару Таманно ва ҳамсолони онҳо писаракону духтаракони дигар бозӣ мекунанд. Аз ташвиши дунё бехабар:

Зоғобу, зоғобу!
Дарахти себу олу! –

гӯён мехоҳанд якеро ба *чанг* андозанд.

Бале, шоду беғаманд онҳо, аз ҳеҷ машғалаи олам хабар надоранд.

Доми зиндагӣ ҳоло дар пеш аст онҳоро!

...Борон ҳамчунон ба шиддат меборид. Аспҳо яқин хаста шуда буданд, вале шитоби саворони худро эҳсос карда, ба як оҳанг таноби раҳ мекашиданд. Ҷирани Анвар ҳам чусту чобук мерафт. Ба қадамҳои сабук соҳибашро дар хонаи зин гӯё алла гуфта, ба хаёлоти талху ширини вай беихтиёр ҷӯр мегардид.

– Дизак! – нидо кард Саид ба овози баланди шодиомез.

Анвар, ки дар қайди андеша ва сархам буд, аз ин нидои ногаҳон ҳушашро ғундошта, ба пеш нигарист. Воқиан ҳам аз миёни риштаҳои обӣ деҳаи Дизак ба назар мерасид. Кул-

баҳои посхадевори то ёна сафкашида, дар сари ёна қалъачаи нимфатарот, болотар аз он арчазори ғулӣ, аз тарафи чап дарёчаи пуроби Кофрун, дуртар аз вай кӯҳи баланди Манор, ки қуллаҳояш ҷо-ҷо барфпӯш ва сарднафасанд...

## 8

Захми ронашро, ки аз он то алҳол хун метаровид, як муддат лесида, модагург хашмин ба поин нигарист.

Борон аз дамаш гашта буд. Арчазорони сабз рӯ ба қаъри дара доман густурда, шояд аз имрӯза оби раҳмат дар дидаҳо боз ҳам сабзтар метофтанд. Ба сатҳи осмон низ, бо вуҷуди он ки вай ҳанӯз абролуд буд, аз куҷое – эҳтимол аз канори уфуқ... як равшании муқтадир давида, тадриҷан ба сари кӯҳу камар ва ёнаҳои пур аз арчаву вартаҳои сангин хам мехӯрд. Ин нуру зиё ба ковоки ғормонанди таки шахи сиёҳ ва баланд ҳам, ки модагург пас аз бебарориҳои имрӯза пои захминашро базӯр кашола карда, дар он ҷо аз шохборон паноҳ бурда буд, оҳиста дасту панҷа меёзид.

Хуллас, ки ба замину осмон боз анвори ҷонбахши офтоб паҳн мегардид; табиат боз дар бар либоси шодмонӣ карда, ба ҷилваи нав омода мешуд. Вале ин ба модагург ягон асар надошт. Дили вай ҳоло торик буд, хунук мехӯрд вай. Пои захмгирифтааш зирик-зирик дард мекард. Баданаш тар буд, гушнагӣ ҳам азобаш медод. Бар замми ин аз ғояти хастагӣ хобаш омада, чашмони хунхоҳаш зуд-зуд роғ мерафтанд. Аммо ҷонвар дар ҷое ки дароз кашида буд, як сар афшонда, худро гаштаву баргашта ҳушёр мекард. Зеро вай ба хоб рафтан ҳақ надошт. Дар ғами се бачаи гуруснааш метапид. Онҳо, ки чор рӯз боз ба даҳон чизе набурдаанд, ин дам дар чӣ ҳол бошанд?

Ғазаб агар зинда мебуд...

Модагург аз қаъри дара ва арчазори пошнаи шах чашм канда, рони чапашро гашта лесид.

Батаъм буд хуни худаш!

Ҳа-а, лекин бачаҳояш гуруснаанд, қариб ки нимҷон шаванд. Вай-ку илоҷе карда, ба ин рӯзи сиёҳ тоб меорад, аммо ба се бачаи ширмакаш душвор. Онҳо бисёр хурданд ҳоло, беқувватанд... Ғазаб агар пойбарҷо мебуд, ҳаргиз гурусна

намемонданд; шояд модагург дар он пайроҳаи наҳс ҳадафи тир ҳам намешуд. Бале, агар Ғазаби нотарс ва меҳрубонаш зинда мебуд, вай имрӯз то ин дараҷа ҳақиру нотавон намегашт. Онҳо якҷоя ба сари рамаи гӯсфандон, ё кадом асп ё гави раҳгумзада чун барқу бод тохта, берун аз қайди азоб... хушдимоғ рӯз мегузаронданд. Бачаҳояшон низ рӯи гушнагиро надида, солим ба воя мерасиданд.

Ғазаб агар зинда мемонд, Ғазаб агар...

Вале нест *акнун* Ғазаб дар ин дунёи равшан.

Кушта шуд вай!

Модагург, дили ғашгирифтааш шӯрида, бадард мингос зад. Сипас чашмони хоболудашро, ки ҳамчунон роғ мерафтанд, калонтар кушода, дарқаҳр сар афшонд. Замини таки пояш нам ва баданаш ҳоло ҳам тар буд. Хаёли вай боз ба сӯи бачаҳояш рафт. Гуруснаанд онҳо, гурусна... Рӯдаҳои худаш низ дар ёди луқмаи гарм печутоб мехӯранд. Болои сӯхта намакоб, пояш, пояки ҷафодидааш ин хел маҷрӯҳ шуд. Он тири сӯзон ба устухонаш нарасида бошад ҳам, ронаш ҷизосзанон сӯхта, сахт азоб медиҳад. Аз ин рӯ... давидан як тараф истад, лингаш кашола, базӯр раҳ мегардад. Хайр, кори нашуданӣ шуд. Дигар чӣ илоҷ? Ҳар қадар душвор бошад ҳам, вай акнун бояд ба назди бачаҳои худ баргардад. Борон ана… монд. Агарчи рӯз аз нисф гузаштааст, офтоб низ ҳа нагуфта, яқин рух менамояд. Зудтар хестан лозим, дар ин ҷо дер хоб кардан фоида надорад.

Бале, бояд ҳар чи зудтар ба по хест.

Аммо вай дар пеши бачаҳояш бе ягон чизи хӯрданӣ ба чӣ андом пайдо мешавад?..

Модагург, баъди он ки аз куҷо омадани бӯи одаму оҳанро дуруст муайян карда натавониста, тозон ба пайроҳаи ду тарафаш арчазор баромад ва ногаҳон тир хӯрда, қариб буд талхааш кафад... ҷонсарак рӯ ба нишебӣ оварда, мурданивор гурехт. Аз рони чапаш раҳораҳ хун метаровид. Пояш аввал чандон дард намекард. Бинобар ин ҷонвар, то мадор дошт, таваккал медавид. Шохаҳои сабзи арча ба пушту паҳлуяш бармехӯрданд. Гоҳо панҷаҳои дасту пояш ба ин ё он санги тез расида, озор меёфтанд. Лекин вай ба пасу пешаш нигоҳ накарда, саркану покан мегурехт.

Баъд... рафта-рафта, узви тирхӯрдааш аз итоат баромад. Мазмун – ҷароҳаташ ҳоло хунук шуда буд. Модагург, ки акнун арчазорро қафо партофта, ба як ёнаи сербутта дохил мегардид, таққӣ истод. Ва дар атрофи худ гирд гашта, муддате ҳаворо бӯй кашид. Саропо меларзид вай. Рони чапаш ҷиз-ҷиз месӯхт. Дар ҳолате ки аз душманони туфангбадасташ ҳамчунон хавф мебурд, ҷонвар гарданашро ба қафо тоб дода, захмашро як-ду дақиқа лесид. Бо вуҷуди ин хун… ришта барин бошад ҳам, ронашро то банди пой тар карда, беист ва гарм метаровид.

Модагург ҷароҳаташро боз лесид; лесиду лесид ва пас гӯё девона шуда, худро ба паттазор андохт. Лекин он захми сабил сахт ба дард омада, вай ҳамоно истоду мингос зад. Даҳонашро калон кушода, як нафаси чуқур гирифт. Аз чашмони пӯшидааш ашк мерехт. Шикамаш гурусна буд, – ба ҳар ҷои он гӯё паёпай нештар мехалид. Бачаҳои бе падар мондааш ҳам гурусна...

Чӣ кор кунад?

Вай то ҳадди имкон вазнашро ба пойҳои сиҳаташ дода, аз нав ба роҳ даромад.

Пеш рафтан душвор буд. Сараш кам-кам чарх зада, дилаш беҳузур мешуд. Вале модагург дандон ба дандон монда, аз байни буттаҳои паст бурдбор масофа мепаймуд.

Ҷонвар бад-ин минвол буттазорро гузашта, ба як баландӣ расид. Атроф пур аз гулҳои уғану баҳман ва сабзаи наврུста буд. Қурси офтоб наменамуд; ҳаво торафт вайрон шуда, бӯи борон меомад.

Аз ғояти хастагӣ даҳонаш нимвозу забонаш қадре овезон, модагург аз фарқи баландӣ ба поин нигарист, ки он ҷо, тахмин дар масофаи фарёдрас, як деҳаи хурд воқеъ буд. Дар тали зумуррадгуни канори деҳа ба бараву бузғолаҳои худ чанд бузу гӯсфанд мечариданд. Дуртар аз онҳо суроби ду-се бача низ менамуд, ки машғули бозӣ буданд.

Модагург дарди захмашро фаромӯш кард. Даҳонаш об кушода, шикамаш сих зад. Дар вуҷуди вай нафас ба нафас чунин хоҳише пайдо мешуд, ки фавран сарозер рафта, пои маҷрӯҳаш аз тан ҷудо гардад ҳам, дар як давидан худро ба он моли реза расонаду кадоме рост ояд, айнан мисли Ғазаб

ба дандонҳои тезаш маҳкам аз гулӯ гирифта, филҳол ғалтондаву дарида, ҷиғилдонашро ба пора-пора гӯшти гарм ва хунолуд пур кунад.

Аммо метарсид – эҳтимол аз ӯҳдааш набарояд; пояш афгор... Ин аст, ки дигар давида наметавонад вай. Чун саги шикорӣ хазида-хазида, аз он ҷонварҳо ягонтаашро duздидан ҳам душвор. Ҷои кушод – зуд ба чашми бачаҳо меафтад. Ва онҳо бе гумон ҳаёҳу бардошта, ӯро дар як дам тӯъмаи сагони деҳа мегардонанд.

Модагург аз баландӣ ба ҷониби тал ва бузу гӯсфандони бепарво хеле назар дӯхта истоду оби даҳонаш шорида, чашмони ҳарисашро сахт пӯшид. Ва бедиранг аз мағз-мағзи дунёи дарунаш фарёде бархоста, дар танги гулӯяш гиреҳ баст. Чӣ илоҷ, пешомад ҳамин будааст. Тоб овардан лозим, ба тақдир тан додан лозим...

Сипас вай чашм кушода, оби даҳонашро ба алам фурӯ бурд ва лангон-лангон қафо гашта, фурсате раҳ паймуду дарди ҷонхароши захм ва беҳолии худро аз нав ҳис карда, дар таки як буттаи калон дароз кашид.

Аз ронаш ҳамчунон хун мезаҳид.

Рӯи сабза барутубат буд.

Ҳаво бештар вайрон шуда, ба равшании гирду атроф тазйиқ меовард.

Бӯи борон дақиқа ба дақиқа меафзуд.

Модагург ҷароҳаташро боз каме лесида, сар ба паҳлуяш гузошт, ки даме ғанаб кунад...

Аммо вай фавран ба по хест; аз гулдуроси ногаҳони тундар бедор шуда, дар қайди тарсу ларз ба по хест. Ва худи ҳамон лаҳза барқ ҷаҳида, дар пеши чашмонаш каб-кабуд оташак зад. Боз раъд ғурид ва тасар-тусур борон омад. Модагург, ки дар ваҳму ҳарос монда, қадре мекалавид, пои нотавонашро кашола карда, сардаргум роҳи гурезро пеш гирифт. Вале ҳар қадар дур равад, раъд ҳамон қадар баландтар меғурид; барқ беш аз пеш воҳиманок меҷаҳид, борон шиддат меёфт. Ва албатта... аз ин балои табиат ҷои халосӣ набуд. Лекин ҳар чӣ бошад, модагург тамоми рагу пояшро як карда ва ба кулли мавҷудоти олам лаънатҳо фиристода, дардашро ба азоб фурӯ мебурду то ҷон дар бадан дошт, лан-

гидаву зор-зор гириста, баумед медавид.

Бачаҳояш дар чӣ ҳол бошанд?

Гуруснаанд онҳо, гурусна...

Аҷаб дунёе, чӣ дунёи бераҳме!

Вай ниҳоят пайроҳаи ду бараш арчазорро, ки дар мобайни он тир хӯрда буд, низ ба озор гузашта, дар ҳамон ҷаҳду ҷандала боло рафт. Ва як муддат раҳ гашта, саропо тар, аз бемадорӣ забонаш овезон, ба ҳамин шахи сиёҳ расид.

...Ковоки таки шах, ки модагург аз шохборон ва раъду барқ гурехта, дар он ҷо паноҳ бурда буд, акнун ба вай тангӣ мекард. Ҳар чи зудтар хестан лозим аз ин ғори заҳрогин. Чашми бемаҷол бачаҳояш дар роҳи вай чор...

Охир, кайҳост, ки чизе нахӯрдаанд онҳо!

Модагург боз сар афшонд ва хеле ҳушёр шуда, ба захми ронаш нигарист. Пас онро лесид. Нағз, бисёр нағз – ҳоло хунаш кам меравад. Вай ҷароҳатро дубора лесид ва дар ҷадал хазида, аз ковокӣ берун шуд. Сар бардошта, дар чоки як абри тунук гирдаи офтобро дид. Ва ҳасратомез аз дил гузаронд, ки дар ин аҳвол чӣ тавр ба чашми бачаҳояш нигоҳ мекунад. На пояш сиҳат, на ягон қути лоямут дорад барои онҳо.

Не-е, инак ба мурдан мемураду вай ҳаргиз дасти хушк намеравад!

Ба модагург як лаҳза чунин намуд, ки аз кадом баландии атроф, ё худ – кӣ медонад? – аз айни сатҳи аъло дирӯза саробонаш Ғазаб ба ҷониби ӯ нигариста, дандонҳои тезаш то ҳадде намоён, ғамгин тамасхур мекунад. Бачаҳои маро ба чӣ ҳол андохтӣ мегӯяд...

Ҷонвар сахт мингос зад ва пои маъюбаш кашола, шахи сиёҳи баландро чап додаву аз шохаҳои сабзи арча оби боронро резонда, тунду аламнок рӯ ба дараи дигар овард.

## 9

Оташ тадриҷан хомӯш гардида, дар назди ӯ танҳо хокистари гарм боқӣ монд. Дар болои хокистар офтобаи мисини гардандароз меистод, ки соате қабл дар он об ҷӯшонда, чои базира дам карда буданд.

Усмон Азиз ҷуссаашро ба хӯрҷини тароқии сернақшу нигор такя дода, хаёлманд менишаст. Дар даст як чӯбчаи

суфта дошт ва гоҳ-гоҳ ба сари тези он дар замини хушки пеши пояш беихтиёр хат мекашид.

Дуртар аз ӯ Қурбон менишаст.

Ғуломҳусайн онтарафтар...

Туфанги ҳар ду низ дар паҳлуяшон меистод.

Онҳо чою нон хӯрда, шикамашонро сер карда, ҳоло хомӯш ба қуллаҳои кӯҳи муқобил ва пора-пора арчазорони тира менигаристанд.

Дар кунҷи дигари ин камари бисёр васеъ ва шамолпанаҳ се аспи оташнаъл, даҳонашон аз даҳана холӣ, нӯки лаҷомҳо дар қоши зин андармон, баъзан ҳушёр сар меафрохтанд, пой мекӯфтанд; гӯшҳои худро сих карда, норозӣ бинӣ меафшонданд. Алхусус сиёҳмушкини Усмон Азиз хеле бетоқат буд. Ба ҳар ҷониб тоб хӯрда, зуд-зуд гарданак мезад. Чашмони сип-сиёҳ ва равшанаш дурахшида, ангор соҳиби хешро ба роҳи дароз даъват менамуд.

Аммо вай...

Ҳамчунон аз ҷой намеҷунбид. Аз он соате ки раҳораҳ тар шуда, ба мақсади то аз шасташ гаштани шохборон сарулибоси шилтаашро хушк кардан... оқибат дар таки ҳамин камар фуруд омаданд, Усмон Азиз як даҳан гап назада буд. Ҳоло низ сукут меварзид. Агарчи чанд дақиқа пеш борон монда, осмон низ оҳиста-оҳиста равшан мешуд, имои бархостан ҳам намекард; ӯ дар қайди андешаи шадид буд.

Бинобар ин Қурбону Ғуломҳусайн ҳатто дар ҷои худ дуруст наёзида, даму дуд менишастанд. Табъи хӯҷаин бисёр хира. Ниҳояти корашон ба чӣ меанҷомида бошад?

Усмон Азиз ҳам дар чунин хаёл буд. Вай гаштаву баргашта фикр мекард, ки барои чӣ асири пиндорҳои ботил гардида, боз ба ин диёри фалакзада омад. Шояд бовар дошт, ки Иброҳимбек охири охирон ба мақсад мерасад? Ё беақлӣ бошад ҳам, эҳтимол аз дигар *ватанхоҳон* пас мондан намехост? Балки обу хоки зодгоҳаш ӯро ба худ кашиданд?..

Не-е!

Вай инро медонист. Ба ҳар ҳол медонист, ки чаро одамони Иброҳимбек дар Пешовар пайдо шуда, ба ӯ алоқа барқарор карданд; ба чӣ сабаб онҳо аз дарё гузашта, боз дар ин кишвари ҷафодида ба тохтутоз даромаданд; ва ниҳоят, аз чӣ

боис худаш ҳам ба ин тараф омад. Боз танҳо не, сардори як дастаи мусаллаҳ шуда, шабошаб дарёро убур кард. Ҳатто ба ҳамроҳии ҳар ду хизматгораш – Қурбон ва раҳматӣ Ҷалол қонеъ нагардида, Ғуломҳусайни дарбадару сартезро низ ба гап андохт, ки агар ба вай равад, нонаш болои равған мешавад. Дар *он ҷо* худо бандаам гӯяду корашон барор ёбад, Усмон Азиз ба *бенаво* пули калон медиҳад. Ва ӯ бозпас ба Пешовар омада, хоҳад – зан мегирад, хоҳад – дӯкон мекушояд; хулоса, ба сони одам медарояд.

Ғуломҳусайн, ки як ҷавони камбағал ва бекасу кӯй буда, баъзан дар дӯкон ё даргоҳи Усмон Азиз хизматеро аз қабили гилкорӣ, боркашӣ ё кундакафонӣ... ба ҷо меовард, ин таклифи ӯро зуд қабул дошта, хандааш хунуки дандоннамо:

– На-ағз, зан меги-ирам, – гуфт.

– Дарёро гузашта, ҳамин ки сиҳат-саломат баргаштем, орзуят ҳатман ҷомаи амал мепӯшад.

– Ко-ошкӣ...

– Қавли ман якта, додарам. Модом ки ваъда кардам, пас вафо ҳам мекунам.

– Та-ашак-кур!

– Аввал ба мақсад расем, баъд ташаккур мегӯӣ... – Усмон Азиз, дар лабонаш табассум дамида, ба китфи васеи ӯ қаноатманд даст партофт.

Ва чанд рӯз пас Ғуломҳусайн дар қариби сарҳад аз одамони ношинос аспу силоҳ гирифта, аз дунболи хӯҷаинаш рустиву гургӣ дашту даман ва деҳоти зиёдеро гузашта, гоҳ-гоҳ ба аскарон ва калтакдорони сурх, ки аз ягон ҷониб ба сари онҳо метохтанд, ҷангкунону гурезон то ба ҳамин кӯҳҳои баланд расид. Дар байни се ҳафта аз дастаи Усмон Азиз беш аз даҳ нафар шаҳид шуданд. Аммо вай ҳанӯз зинда. Кӣ медонад, ки бахташ то куҷо метозад. Ва гашта рӯи зодгоҳашро мебинад ё не...

Усмон Азиз аз қираи чашм ба Ғуломҳусайн нигарист. Ӯ ҳоло туфангашро дар миёни пойҳои дароз ва бақуввати худ ба ду даст маҳкам дошта, хаёломез ба самте чашм медӯхт, ки аз он ҷо, паст бошад ҳам, садои дарё меомад. Чеҳраи гандумгунаш ҷиддӣ, китфони паҳнаш андак хам ва абрувонаш гиреҳ буданд.

«Бадбахт, – аз дил гузаронд Усмон Азиз. – Ман-ку дар ҳар сурат мақсад доштам, умедвор будам. Рафту имрӯз марг аз гиребонам гирад ҳам, боке не – беобрӯ ё баобрӯ... дар зодгоҳам хок мешавам. Аммо ту... Бадбахт набошӣ, дар ин ҷойҳо чӣ кор дорӣ ту? Чӣ гум кардӣ дар ин кӯҳу камар? Оё кас барои чанд танга дидаву דониста, худро ба гирдоб мезанад? Шабу рӯз аз паи аҷалаш мегардад?.. Эҳ-ҳ, аслан ману ту аз ҳам чӣ фарқ дорем! Ту дар ғами пулу мол, дар орзуи зану фарзанд, хонаву дар. Ман чӣ? Ман... ватангадо ман! Пас фарқи мо аз якдигар хеле ва хеле... Ту бадбахт нестӣ. Манам бадбахт – аз қазо дар ин кӯҳистони азиз хок шавам, зану фарзандонам дар ғарибӣ мемонанд. Рафту ҷон ба саломат барам ҳам, рӯзи сиёҳи ман сафед намегардад. Чунки якумр ёди ватан мекунам, якумр заҳри ғурбат мечашам. Лекин ту... хушбахтӣ албатта! Зеро гадо бошӣ ҳам, дар диёри хеш гадоӣ; аҳлат каме коста бошад ҳам, худатро *одам* ҳисоб мекунӣ, умеду орзу дорӣ...»

Усмон Азиз, дилаш дар ёди хонаводааш гум зада, балки об шуда, ноаён оҳ кашид.

Вай, охир, бештар тахмин мекард; аниқ намедонист, ки аз дасти Иброҳимбеку ҳомиёни ӯ, он ангилисҳои худобехабар… ягон кори сиҳат намеояд; фақат ин ки беҳуда хунрезӣ мешавад, бародаркушиву қасосгирӣ мешавад. Агар яқин медонист, ҳеҷ гоҳ худашро ба доми ин балоҳо намезад, қадамашро дониста мемонд.

Ҳоло Усмон Азиз, тамоми вуҷудаш чун дар оташ сӯхта, хуб мефаҳмид, ки ба Иброҳимбек асосан пули вай лозим буд; номи баландаш зарур буд. То мардум донанд, ки Усмон Азизи нилуӣ ҳам дар сафи *лашкари* ислом даъвогар шуда омадааст. Рӯбоҳи маккор... муфт фиреб кард ӯро! Акнун ба ҳоли Усмон Азиз эҳтимол ҳамин Ғуломҳусайни чиркин низ дар таки дил механдад. Хайр, ҳолу аҳволи он *пешвои* ҷоҳталаб ҳам, ки дирӯз ашаддитарин аспдузди водии Ҳисор буд, аз оқибати ӯ беҳтар нест. Балки сад бор бадтар. Чунон вазъияте дорад, ки аз диданаш хар агар хандад, буз гиря мекунад. Ба як тӯда шағоли алҳол дар ихтиёраш худро аз камаре ба камари дигар кашида, шабу рӯз илоҷи воқиа меҷӯяд.

Вале ку ҳамон илоҷ?

Сарбозонаш даста-даста қурбон шуданд. Баъзе калонтарҳо фурсатро ғанимат дониста, ихтиёрӣ ба тарафи ҳукумати шӯро гузаштанд. Аз ҳисоби қӯрбошиҳо низ чанд нафар… бешубҳа оқибати кори худро ҳис карда, нахустин рӯзҳои ҳуҷум зуд таслим гардиданд. Ҳамин тавр пароканда шуд *лашкари* ислом, шарманда шуд...

Иброҳимбек он қадар афтодарӯҳ аст, ки дигар ба ҳеҷ кас бовар намекунад. Ғайр аз дастархони худаш дигар ба ҳеҷ дастархон даст намебарад. Метарсад саги дайду; метарсад, ки мабодо ба вай заҳри қотил диҳанд. Дар тасаввураш – ҳама ба ӯ душман, ҳама дар қасди ҷони ӯ мегарданд. Бинобар ин фақат аз дасти ошпази озмудаи худ таом мехӯрад. Дар хаймааш аксар якка менишинад. Хобашро ҳар шаб танҳо ду нафар ҷавонмарди мусаллаҳ, ки ба вай хешигарӣ доранд, банавбат посбонӣ мекунанд. Рафту касеро таъҷилӣ ба наздаш талабад, ё шахсе ӯро ба зарурат дидан хоҳад, вай бояд дар пеши *ҷанобашон* ҳатман бесилоҳ ҳозир шавад. Вагарна якду нафар аз пайравони вафодори Иброҳимбек, ки ҳамагӣ даҳдувоздаҳ каллабури гузароанд, он шахсро дар дами дар нигоҳ дошта, силоҳашро ба таҳдид кашида мегиранд ва мағз-мағзи сарулибоси ӯро хуб кофтуков карда, пас тамасхуромез ба хайма раҳ медиҳанд.

«Ба лафзи ҳалол бовар надоранд. Бесилоҳ бошӣ ҳам, аввал дастони ҳаромашонро ба таки кашу камарат андохта, ба сад иллату миннат пурсуҷӯ мекунанд: кистӣ ту, ба ҷанобашон чӣ кор дорӣ?..» – аз дил гузаронд Усмон Азиз, ки охирин мулоқоташро ба Иброҳимбек иборат аз як эҳсоси нохуши кароҳат дар хотир меоварад.

Панҷ рӯз қабл аз ин ба вай хабар расонданд: бегоҳ дар назди бек ҳозир шавад, таъхир накунад...

Усмон Азиз, ки пас аз ҷангҳои шадид дар деҳи Сунбула нисф зиёди дастаашро талаф дода, дар қатори ду-се қӯрбошии низ сахт шаттахӯрда ба чӣ азобҳо гурезон то кӯҳи Боботоғ омада буд, он рӯз ба ҳафт нафар одами худ дар нишебии як дараи санглох хайма зада, ба номаш... истироҳат мекард. Вай ба рӯи қосид дуруст назар ҳам наандохта, дар ҳолати хунсардии ошкоро гуфт:

– Хуб, меравам.

Ва баъд аз соате сиёҳмушкинро савор шуда, Қурбонро низ ҳамроҳи худ гирифту ба дигарон:

– То омадани ман ҳушёр бошед, – гуфта, рӯ ба қароргоҳи Иброҳимбек ниҳод, ки он тақрибан як фарсанг болотар, дар пораи кӯҳ воқеъ буд.

Вақте ки Усмон Азиз ба манзили вай расида, пиёда шуд ва лаҷоми аспашро ба дасти Қурбон дода, раҳорaҳ ба яктанимта қӯрбошиҳои шинос салом-алейк карда, ба хаймаи Иброҳимбек наздик рафт, ду нафар сарбоз, дар камар шамшеру дар даст туфангҳои ёздаҳтира, пеши роҳи ӯро баста, ба шиддат пурсиданд:

– Шумо кистед?

– Чӣ? – ба ҷои ҷавоб гардондан дар ҳайрат суол кард Усмон Азиз, ки бе ин ҳам чанд рӯз боз аз ҷӯши ғазаб ҷонаш дар баданаш нагунҷида мегашт. – Кӯр шудед магар? Мешиносед-ку!

– Гапро бисёр накун, – гуфт яке аз онҳо ва дуюмаш идома дод: – Кистӣ?

Усмон Азиз бадтар ҳайрон монда, дар дилаш нафрат... андешид, ки ба ин сагони одамхӯр чӣ шуда бошад. Дӯғу даранг баланд, гӯё аз осмони ҳафтум. Агар ӯро воқиан намешинохтанд, хайр, бало ба пасашон мегуфт. Лекин...

– Чаро ба даҳонат об гирифтӣ? – аз нав суоли яке аз онҳоро шунид Усмон Азиз. – Кистӣ? Чанд бор пурсем?

– Ман? – гуфт вай ба ришханд.

– Бале, ту! – гуфт сарбози дуюм.

– Ман... агар намешиносед, пас шиносед: ман – Усмон Азизи нилуӣ, – ҷавоб дод ӯ ва ба заҳрханд илова намуд: – Ҳоло қӯрбошӣ барин...

– Ана ҳамин тавр, – гуфт сарбози якум қаноатманд ва сар то пои ӯро аз назар гузаронда, боз пурсид: – Ба ҷанобашон чӣ кор дорӣ?

– Ҳеҷ кор надорам. Баръакс… ҷанобашон ба ман кор доштаанд, – дар ҳамон оҳанги истеҳзо гуфт Усмон Азиз.

– Хайр, – даст ба мӯйлабаш бурд сарбози дуюм. – Акнун каме сабр... – Ва қафо гашта, ба хайма даромаду зуд берун шуда: – Силоҳатро ба ман деҳ, – гуфт.

Усмон Азиз китф барҳам кашида, лаҳзае ба чашмони сабз

ва бераҳми сарбоз нигоҳ карда истод. Сипас аз таки ҷома тасмаашро кушода, онро ба тирдону маузер хоҳам-нахоҳам ба дасти вай дод.

– Боз чӣ дорӣ? – гуфт сарбози якум ва ҷавоби ӯро мунтазир нашуда, дар чолокии гурбасифат пушту паҳлу ва соқҳои мӯзаашро даст-даст карда, чизе наёфту тоб хӯрда, миннаташ ошкоро, дари хаймаро оҳиста кушод. – Марҳамат!

– *Ташаккур*, – гуфт Усмон Азиз, ки аз чунин муомилаи онҳо дандонаш газ-газ ёзида, дилаш беҳузур мешуд.

Даруни хайма васеъ, озода ва барҳаво буд. Ба фарши он қолин партофта, дар се тарафаш қабат-қабат кӯрпачаҳои шоҳӣ густурдаанд. Дар канори кӯрпачаҳо ҷо-ҷо чанд болини бахмал ҳам ба назар мерасиданд. Дар мобайн як хонтахта меистод. Дар болои он чойники калони чинӣ, ду пиёлаи хушгул, шаш-ҳафт кулча, дар табақе гӯшти бирён, дар тақсимчаҳо гуна-гуна меваи хушк...

Ва дар пешгаҳ Иброҳимбек!

– Хуш омаданд. – гуфт ӯ, аз ҷое ки менишаст, ба саломи Усмон Азиз сар ҷунбонда. Пас ба паҳлуи хонтахта ишора кард. – Марҳамат, гузаред, шинед.

Усмон Азиз даст ба рӯи сина гузошт ва:

– Ба чашм, – гӯён дар болои кӯрпача ба тамкин зону зад.

– Чой менӯшед?

– Ташаккур, – гуфт Усмон Азиз, ҳамчунон даст ба пеши бар гирифта. – Қабл аз он ки ба хизмати ҷанобашон расам, обу ош хӯрда будам.

Иброҳимбек ҷуссаи вазнинашро ба ду-се болин такя дода, каҷпаҳлу менишаст. Аз болои кители сабзтоб дар китфаш ҷомаи сабуки беастар партофта буд. Ҷигарранг, аз абрешими нафис ва шерозадор буд ҷома. Саллааш низ шоҳии асил, нилобӣ... Ришаш ғулӣ, базеби на хурду на калон ва моил ба хурмоӣ. Абрувонаш сиёҳи дароз. Чашмонаш ҳам сиёҳ ва калон-калони равшан. Нигоҳаш тез, дами теғи алмос барин… Умуман дар чеҳраи мазбуташ табиати доимии ӯ, ки аз қатъият, рамузфаҳмӣ, маккорӣ ва як ҷасорати ваҳшиёна ба ҳам меомад, возеҳ таҷассум ёфта буд. Вай муддате гӯё ба хаёл рафта, чӣ тавре ки менишаст, ҳамон тавр ҳолаташро тағйир надода, ниҳоят ришашро хилол карду ба Усмон Азиз рӯй

оварда, дар виқор пурсид:

– Аҳволатон чӣ хел?

– Аҳвол... маълум. Дар ҳар сурат аз худатон гап намемонад, тақсир, – гуфт Усмон Азиз, ки беихтиёр хотираш парешон мегардид.

– Пушаймонед?

– Аз пушаймон шудан ё нашудани ман дигар чӣ фоида? Ҳар кас бояд аз қисматаш донад.

– Лекин қисмат ҳамин будааст гуфта, даму дуд гаштан ҳам кори одами оқил не.

– Ҳа-а, – маънидор лабханд намуд Усмон Азиз, – чаро оқил кунад коре ки бозорад пушаймонӣ!

– Мағзи гапатонро фаҳмидам, бой, – гуфт Иброҳимбек, ваҷоҳаташ акнун тамоман ҷиддӣ гардида. Баъд вай каме хомӯш монда, пайкарашро ногаҳон аз болинҳо канду дар як ҳаракати сабук чорзону нишаст. – Вале ман ҳаргиз пушаймон нестам, харгиз! Мард аз лафзаш намегардад, паланг – аз қасдаш гуфтаанд. Хуб гуфтаанд. Шумо ҳам... – Ӯ даме лаб газида, аз нав суханашро давом дод: – Не-е, бой, пушаймон нашавед! Одамизод барои ватанаш, халқаш, дину оинаш ҳар қадар азоб бинад, ҳар қадар хорӣ кашад, бе ягон қилу қол меарзад.

– Албатта...

– Медонам, шумо дилтангед ҳоло. Шунидам, ки ҷанги Сунбула хеле сахт будааст. Аммо то ин дараҷа ғам хӯрда, беҳуда ҷигаратонро хун накунед. Ман дар умри сарам чунон рӯзҳоеро дидам, ки... эҳа-аа!

– Чӣ илоҷ, худи номаш ҷанг як амри сиёҳ, дарди бедаво. Дар мусулмонӣ накуш гуфтаанду боз куштор, боз сӯхтор.

Иброҳимбек, гӯё сухани ӯро нашунида бошад, аз дари дилсӯзӣ пурсид:

– Чанд касро талаф додед?

– Ёздаҳ...

– Хайр, ҳеҷ қисса не. Ҷанг қурбонӣ дорад... Шукр гӯед, ки худатон саломат мондед.

– Чунин давом кардан гирад, минбаъд ҳам зинда будан дар гумон...

– Мард ба нияти нек зинда аст!

– Эҳтимол... Лекин фикр мекунам афтударафти мо бенатиҷа. Ба оқибати некаш ақлам намерасад… Мардум доно шудаанд. Ба чашми онҳо нигариста, гоҳо баданам ваҷарос мезанад. Мебинам, ки бидуни якта-нимта *ҷабрдида* дигар ҳама аз мо безоранд.

– Ин хел нагӯед, – ба сафедии чашмонаш хун давида, ҷигот андохт Иброҳимбек. – Агар чунин бесаботиро аз даҳони ғайр мешунидам... – Вай як нафас хомӯш монда, ғазабашро фурӯ нишонд ва ба мулоимат гуфт: – Ман шуморо эҳтиром мекунам. Аз он рӯзе ки ба мо ҳам ба маблағу ҳам ба амал имдод мерасонам гуфта, камари ҳиммат бастед, ман гумон мебурдам... шумо дар ҳақиқат мусулмони асилед, дар роҳи бақои дини исложу покизагии мулк ҳатто ҷонатонро дареғ намедоред. Аммо имрӯз...

– Ман, тақсир...

– Суханамро набуред! Шарм надошта, имрӯз нола мекунед, ки ҳама аз ранги рӯи мо безоранд. Шумо инро дар куҷо дидед, аз кӣ шунидед? Нағз не, бой!

Усмон Азиз нохост тарсида, сараш хам, вазнин сукут варзид. Вай хавф мебурд, ки мабодо Иброҳимбек, ҷаҳлаш боло гирифта, ӯро ба ихтиёри каллабурҳои ҳозиру нозираш супорад, рост ба он дунё меравад. Вай, охир, дар пеши ин гурги сад бор аз боми бало ҷаста, агар бошад, ба қадри як гӯсфанд аст. Меқападу медарад. Махсусан дар чунин рӯзҳои сахт, ки аз дасти аскарони сурху фидоиён ба танг омада, пайваста дилу ҷигарашро мехӯрад.

– Ман намегӯям, ки ҳама дуруст, – боз ба гап сар кард Иброҳимбек. – Аҳволамон хуб нест, ҳатто бад, хеле бад. Лекин кори мо... вай бе хунрезӣ, бе талафот ва мешавад, ки бе номуродиҳо ҳеҷ маънӣ надорад. Душман зӯр бошад ҳам, мо ҳанӯз шикаст нахӯрдаем. То реша дар об аст, умеди самар ҳаст гуфтаанд. Пас корамон, иншооллоҳ, барор гирифта, ҳама ба мақсад мерасем. Ба шарте ки муҷоҳидон як ҷону як тан шуда, ба тухми куффор ва кулли пойлучони косалес, ношукру худобехабар бе ҳеҷ раҳму шафқат қирон оранд. Ба шарте ки дар корзор ғами ҷони худро нахӯрда, ғами дину оин, ғами мардуми мусулмон ва мулки азизашонро хӯранд... Ҳоло ба мо муҳиммаш – одам лозим, аспу улав лозим, тиру туфанг

лозим. Бинобар ин ман қарор додам, ки ҳар як қӯрбошӣ, ҳар як саркарда дастаи худро гирифта, ба тарафҳои зодгоҳаш, ё дигар ҷойҳои дар дилаш муносиб рафта, то метавонад, ба ғаним паёпай зарба занад. Ин аз се ҷиҳат фоида дорад. Аввало, вақте ки мо ба гурӯҳҳои хурд-хурд тақсим мешавем, душман ҳам зӯру тавонашро маҷбур тақсим мекунад. Сониян, сардори ҳар як даста, агар ақлашро дуруст кор фармояд, метавонад аз ҳар деҳа, ҳеҷ набошад, ду-се нафарро ба тарафи худ кашида, шумораи лашкари исломро афзун гардонад. Солисан, мо дар натиҷа аз ҳисоби вақт бурд карда, то аз *он* ҷониб омадани тиру туфанг ва чор-панҷ дастаи ваъдагӣ нафаси озод мегирем.

– Аз дарё чӣ тариқ мегузаранд онҳо? – сухани сард ва аксар пардапӯши вай ба дилаш задаву ниҳоят забонаш хорида, пурсид Усмон Азиз. – Осон не... Мегӯянд, ки ҳоло аскарони сурх бештар ҳушёр шуда, сарҳадро ваҷаб ба ваҷаб посбонӣ мекунанд...

– Инаш кори мо! – гуфт Иброҳимбек қадре дурушт. – Ҳар кас бояд вазифаи худашро донад. Вазифаи шумо... Албатта фаҳмидагистед?

– Бале, тақсир.

– Агар ғалат накунам, зодбуди ҷанобашон дар пушти кӯҳи Чилчароғ. Ҳамин тавр?

– Дуруст, ман аз Нилу...

– Пас дастаатонрро гирифта, ба ҳамон тарафҳо меравед. Ман буду шуди гапамро гуфтам. Дигараш ба ақлу тадбири худатон вобаста.

Усмон Азиз бархост.

– Воқиан, дар домани кӯҳи Чилчароғ Сияҳбед ном деҳаро медонистагистед? – гӯё фикре ба сараш омада, аз ҷои нишасташ пурсид Иброҳимбек.

– Ҳа, як деҳаи хурд...

– Дар он деҳаи хурд сарватманди калон зиндагӣ мекунад. Ҳалимбой номи дар гӯраш... Шабушкин бошад ҳам, давлати фаровон дорад.

– Ман ӯро мешиносам.

– Аз ҷониби мо гӯед, ки ба шумо се-чор рӯз сарпаноҳ диҳад. Ман дар ин муддат ба Сияҳбед камтар тиру туфанг ва

аз рӯи будаш чанд сарбоз мефиристам. Мувофиқи ваъда ҳамин шабу рӯз як дастаи мусаллаҳ аз дарё гузашта, ба хизмати мо ҳозир мешавад. – Вай ришашро нарм молида, андак сукут кард ва баъд фарфар илова намуд: – Ин лутф фақат барои шумо. Ва боз барои он ки дина ба куффор мардона ҷангидед; хеле талаф ҳам додед.

– Миннатдорам.

– Се рӯз дар Сияҳбед интизор шавед. То даме ки ман гуфтаамро мефиристам...

– Ба чашм!

– Дигар… вазифаатон маълум. Ҳар қадар тавонед, одам ҷамъ кунед, аспу улав ғундоред, тозед, сӯзед, кушед!

– Аз дастам ояд...

– Меояд – гап дар хоҳиш, дар ҷаҳду ҷадал!

Иброҳимбек аз нав хомӯш монда, ба рӯи Усмон Азиз, ки ҳамон рост меистод, назари озмоиш дӯхт ва як нафаси чуқур кашида, ин дафъа ба овози бисёр мулоим гуфт:

– Ба он тарафаш – дар куҷо вомехӯрем, чӣ кор мекунем… шуморо ёфта, ҳатман хабар мерасонанд.

– Банда дар ёд медорам.

– Хайр, ба паноҳи худо!

Усмон Азиз дар нимтаъзим аз хайма берун шуд ва аз *он* ду сарбози дарбон маузерашро гирифта, аз таки ҷома ба миён басту тез-тез қадам партофта, ба самти аспаш рафт. Ҷонвар, лаҷомаш дар дасти Қурбон, яқин беқарор гардида, сабук пой мекӯфт. Усмон Азиз, ки пас аз гуфтугӯ ба Иброҳимбек дилаш дар ёди Нилу беш аз пеш тапида, гӯё болу пар мебаровард, ба сиёҳмушкин наздик шуда, ёли базебу гардани дароз ва буни гӯшҳои ҳассоси он безабонро сила кард. Баъд худро дар хонаи зин гирифта:

– Рафтем! – гуфт ба Қурбон, ки низ ҳоло савори асп буд.

Ва худи ҳамон бегоҳ дар мутобиати ҳашт нафари ҳанӯз зинда, вале норизо ва асабӣ ба роҳ даромада, қариби субҳ ба Сияҳбед расид.

Акнун вай ана...

Дар таки ин камар нишаста, аз тақдири бадаш андеша мекунад. Аз ҳашт кас имрӯз танҳо ду ҳамнаворд ба ӯ мондаанд. Якеро сари ҷаҳл паронд – ҷояш ҷаннат шавад, дили па-

решон дошт Ҷалол, – панҷ нафари дигарро хона ба хона ҷавоб дод. Ва хуб кард, ки ҷавоб дод. Чунки вай, Усмон Азиз, ҳоло нағз медонад: аз ин тохтутозе ки Иброҳимбек пеш гирифтааст, ҳеҷ фоида нест. Ӯ фақат гарданашро мешиканаду бас. Тири ҳомиёнаш ҳам бешубҳа хок мехӯрад.

Наход онҳо нафаҳманд, ки решаи ҳукумати шӯро ба ҳафт қабати замин расидааст. Ва халқ ҳама тарафдори ин қудрату салтанат. Боз... акнун соли бистум не, соли сиву як! Дар муддати ёздаҳ сол кӯдаки хокбоз марди базану фарзанд мешавад. Дар ин фосила одамон албатта дар бораи ҳаёти худ, дар хусуси ҳукумати нав фикр карда, ба як хулоса омадаанд, ки *онҳоро* дар куҷое бинанд, нафраташонро пинҳон дошта наметавонанд, зуд сангу калтак мебардоранд; ё гурӯҳ-гурӯҳ шуда, ба таъқиби *босмачӣ* мебароянд; дар сафи аскарони сурх дохил гардида, ба даст силоҳ мегиранд...

Наход Иброҳимбеки аслан пухта ин паҳлуи вазъиятро намедониста бошад?

Медонад, ҳеҷ мумкин нест, ки надонад. Ва сареҳ медонист ҳам; аммо дар қатори чанд каллабур баъзе ҷавонони бегуноҳу якта-нимта раҳгумзадаро низ ба гирдоби моҷарои худ кашида, имрӯз боиси хунрезиҳои қариб беасос мешавад. Пару паташро хеле канда бошанд ҳам, аз аспи савлат намефурояд лаънатӣ! Ҳоло умеди бисёр дорад, то кунун аз зарқи сарвату ҳашмат берун нарафтааст. Аз ин рӯ ба оҳанги қайсарӣ боз ва боз ҷанг карданӣ.

Ба вай чӣ?

Касбаш ҳамин. Мегӯяд, ки мусулмонободӣ мехоҳад вай. Ба захми зӯрӣ, ба иқтидори шамшер; танҳо ба зарби тиру шамшер! Ва дар ин росто то ба мурод нарасад, ё ниҳоят қурбон нашавад, осуда намегардад.

Аммо нақшаҳояш ҳама бесамаранд.

Бале, бесамар, ботил...

Ҳама фиреб, хобу хаёл, сароб...

Сароби хунин!

Пас барои чӣ… охир, барои чӣ вай, Усмон Азиз, ба ҷиҳати ин сароби назардузд омад? Ба тиру туфанги *онҳо* пул сарф карда, зану фарзандонашро дар ғарибӣ монда, дар дашту даман азоб дида...

Вай фирефта шуд. Вазъият айни муддао – мардум аз ҳукумати шӯро безор, ба як тохтан диёрамонро аз панҷаи куффор озод мекунем гуфта, одамони Иброҳимбек ӯро талх фиреб доданд. Ҳол он ки Усмон Азиз соли бисту панҷум, вақте ки ҳама ғалла-донаву рама-рама гӯсфандашро фурӯхта ва аҳли оилаашро ҳамроҳ гирифта, шабошаб рӯ ба кишвари бегона овард, то ҳадде медонист: ҳукумати коргару деҳқон бақувват аст.

Вай якбора ба чунин хулоса наомада буд. Аввалҳо, ҳатто баъд аз марги фоҷиавии додараш Сулаймон ҳам, фикр мекард, ки ин гирдбоду тӯфонҳо муваққатианд, имрӯз набошад, фардо мегузаранд. Ҳеҷ мумкин нест, ки мулк ҳамин тавр бесоҳиб монда, дар зери пои куффору чор камбағали беэзор торафт валангор шавад. Не, лашкари ислом ҳам зӯрманд аст. Иброҳимбек низ аз рӯи шунидаш марди доно, ҷасур, дар ҷангу ҷидол ба худ ҳамто надорад. Миёни ӯро аз ҳафт ҷояш бе шубҳа ҳазрати Алӣ бастааст. Аспаш Дулдулу шамшераш Зулфиқорро мемонад... Бале, умеди мардуми мусулмон, ситораи саъд, парчамбардори дини мубини ислом маҳз ҳамин Иброҳимбек аст. Вай ин душманони гушнапурзӯрро ҳатман аз дами теғи дудам гузаронда, мулкро покиза мекунад; амири як дафъа бахташ баргашта боз ба Бухорои шариф расида, пушту паноҳи раият мешавад. Ҳоло фақат сабр мебояд, боз каме сабр...

Ба чунин хаёлҳо худро тасаллӣ медод Усмон Азиз. Ва дандон ба дандон гузошта, сабр мекард.

Вале аз сабр суде набуд. Ҳукумати нав рӯз ба рӯз қувват мегирифт. Иброҳимбек дар ҷангҳои хурду бузург паиҳам шикаст хӯрда, шағолвор аз як ҷой ба ҷои дигар тохта, умрашро дар хонаи зин мегузаронд. На танҳо фақиру фуқаро, балки аз мардуми доро ҳам баъзеҳо дар сафи аскарони сурх дохил шуда, ба сарбозони вай муҳориба мекарданд. Халқ ҳаёти осуда мехост. Ва акнун орому осоиши худро танҳо дар шикасти Иброҳимбек медид.

Ба тадриҷ бошад ҳам, Усмон Азиз инро нағз мефаҳмид. Мефаҳмиду боз интизорӣ мекашид.

Шири хомхӯрда аст одамизод. Вагарна чӣ лозим буд, ки ӯ пас аз марги додараш Сулаймон низ, дар умқи дилаш сан-

ги сард, қариб се сол интизор шавад?! Интизори бозгашти айёми рафта, интизори нафаси озод, интизори қасос ва ниҳоят... он рӯзи саид, ки ҳақ ба ҳақдор мерасад. Вай дар ин муддат кӣ будани кушандаи додарашро дониста буд. Ва ташнаи як чумча хуни ӯ мегашт. Умед дошт, ки фурсате меояду вай бе тардид ба он бадгавҳар дастбагиребон мешавад; савори асп, танҳо ба танҳо ва мардона!

Вале ин тавр нашуд.

Зиндагӣ ҳазорҳо маротиба аз вай бақудраттар буд. Дар маҷрои он харсангҳо орд мегардиданд. Саворони бодбасар, ки ҳама умр аз дороии худ зӯру тавон меёфтанд, ба силсилаи мавҷҳои он печида, чун пораха қурбони гирдобҳо мешуданд. Бо вуҷуди ин одамон бе чуну чаро *зиндагӣ* мехостанд; мехостанд, ки фардои онҳо равшан ва бехатар бошад. Мардуми камбағал як тараф истанд, ҳатто тавонгарони батадбир гирудори худро беҳуда дониста, аз тарс буд, ё аз раҳи ақл – инаш барои Усмон Азиз торик, – лоҷарам ҳаводори ҳукумати шӯро мешуданд. На фақат дар сухан, балки дар амал ҳам онро дастгирӣ мекарданд.

Дар водии Гардон Аваз Карим ном марди давлатманде буд, ки ҳисоби боигариашро эҳтимол худаш намедонист. Аз рӯзе ки амир гурехта, Иброҳимбек ва монанди ӯ дигар додхоҳони дину оин ва тарафдорони амиру аморат сар бардошта, ба аскарони сурх ҷанг эълон карданд, вай ба онҳо мунтазам мадад мерасонд. Пул медод бедареғ, аспу одам медод, каҳу ҷав медод, нон медод, гӯшту равған медод. Ва бисёр воқеъ мешуд, ки кушоду равшан, аз ҳукумати нав натарсида, ба ҳар кадоме сарпаноҳ низ медод.

Аммо рафта-рафта кори дунё чунин сурат гирифт, ки ҳамин Аваз ногаҳон пӯстинашро чаппа пӯшида, ба Иброҳимбек ва одамони вай душмани қаттол гардид.

Усмон Азиз шунида буд, ки...

Як рӯз Аваз ба чанд тан ёру дӯстон ва се писари паҳлавонаш дар идораи ревкоми музофот пайдо шуда, ба овози баланд мегӯяд, ки ба онҳо силоҳ диҳанд; мегӯяд, ки ғоратгар будаанд Иброҳимбеку пайравонаш. Анварпошшо ҳам, бо вуҷуди ширинзабониҳо, аз вай бартарӣ надошт, ҳамаашон айнан дузди шабгард барин. Мегӯяд, ки бале, онҳо дуз-

данд, duздони мусаллаҳ... якеро ба фиреб ғорат кунанд, буду шуди дуюмиро ба зӯрӣ мебаранд. Бинобар ин вай, Аваз Карим, аз ҳукумат хоҳиш дорад, ки ба ӯ ва ҳамроҳонаш тиру туфанг диҳад; вай акнун душмани *онҳо!* Бале, лафзи ҳалолашро ба эътибор гирифта, силоҳ диҳанд, кифоя. Чӣ қадар лозим бошад, вай худаш одам ёфта, аспу улав ёфта, ба ҷанги онҳо мебарояд. Ва то даме ки ғолиб наояд, ё кушта нашавад, шамшери адолатро аз даст намегузорад.

Ҳамин тавр, ё тахмин ҳамин тавр мегӯяд Аваз Карим ба дарду алам. Баъд илова мекунад:

– Ба ин тарафаш ман агар пулу моламро диҳам, ба чор мардуми камбағал медиҳаму... лекин ба махлуқони беимон дигар тоқати хизмат кардан надорам. Дуздони шабгарданд онҳо, бедину диёнатанд, ғоратгарони хуношоманд. Ва ман акнун душмани ҷони онҳо!

Кормандони ревком пас аз каме мулоҳизаву мунозира ба дархости ӯ розӣ мешаванд.

Аваз аз ҳисоби фарзандон, ёру дӯстон ва ҷонибдорони худ як дастаи бисёр бонизом ва мусаллаҳ тартиб дода, ба ҷанги Иброҳимбек мебарояд.

Усмон Азиз ғалабаҳои ӯро чандин бор шунида, рӯз то рӯз хобу хӯрро гум мекард. Ба хусус, ки номи Аваз тадриҷан вирди забони ҷамоати камбағал мегардид. Онҳо имрӯз дар бораи саховати вай гап зананд, пагоҳ мегуфтанд, ки офарин ба Аваз Карим, марди ҷасур будааст, дар дашти Арзанак қариб нисфи одамони Хуррамбекро аз дами теғ гузарондааст. Хуррам, а! Вай, охир, дасти рости Иброҳимбек...

Ё рӯзи дигар мегуфтанд, ки фалон ва баҳмон босмачиҳо гурехта, ба дастаи Аваз ҳамроҳ шудаанд. Онҳо барои кадом як зулмаш аз Иброҳимбек қасос гирифтаниянд...

Усмон Азиз баъди ин кори Аваз Карим, ки ба қавли мулло Салим, имоми масҷиди Нилу, ба макри шайтон даромада буд ва бояд дар оташи дӯзах гаштаву баргашта месӯхт, боз қариб як сол ба рафти зиндагӣ зеҳн монда, ҳама воқиаҳои вобаста ба инқилобу мубориза аскарони сурх ва фидоиёнро дар арсаи ҳаёти нав ба чашмони худаш дидаву ба ақлаш санҷида, оқибат қарор дод, ки дар зодгоҳаш дигар намеистад; истода наметавонад. Аз корбандиаш маълум – ҳукума-

ти шӯро бақувват аст, вай ҳатман ғалаба карда, амиқ реша медавонад. Чунки халқ тарафдораш; чунки вай ҳам барои беҳбуди ҳаёти мардум ҷон мекоҳонад. Дирӯз ба камбағалон алоқадри ҳол обу замин дод; имрӯз ана, тухмӣ медиҳад, ҳатто пул қарз медиҳад. Ҳамин тавр рафтан гирад, фардо бешакку шубҳа дар саросари кишвар бунёди мустаҳкам гузошта, Усмон Азиз барин давлатмандонро ба гӯри торик мефиристад. Пас оё беҳтар нест, ки ӯ соати маргашро интизор нашуда, ҳатталимкон худ илоҷашро ёбад?

Ба чунин андешаҳо Усмон Азиз ғалла-дона, рама-рама гӯсфанд ва ҳафт сар аспи бидавашро оҳиста-оҳиста, аксар пинҳонӣ... рост ояд, ба харидорони музофот, нашавад, ба воситаи Қурбону язнааш Саидназар дар бозорҳои Деҳнаву Қаршӣ фурӯхта, ба пули онҳо хеле тилло захира кард. Ва фурсати муносиб ёфта, баъзе асбобу лоқу пари хонаро ба язнааш дода – ҳарчанд гуфт, вай ба муҳоҷират розӣ нашуд, – ҳавлиро ҳам ба ихтиёри ӯ гузошта, дар як шаби тобистон рӯ ба раҳми худо кӯч баст. Нағз, ки хизматгори дари хонааш, ҳамин Қурбони бекас, ба вай сидқан ҳамроҳ шуд. Вагарна то ба Пешовар расидан ба зани касалманду се фарзандаш азоби саги дайдуро медид.

Ҳоло ана, Усмон Азиз боз дар қарибди деҳаи худ, дар таки ин камари васеъ нишаста, дар даст чӯбча, гоҳо ба замини хушки пеши пояш беихтиёр хат мекашад. Ва фикр мекунад, ки чаро... аз паи кадом мақсад ба ин ҷойҳо омад, акнун чӣ тарз ва ба кадом рӯй дар Нилу пайдо мешавад.

Иброҳимбек, лақаи бераҳм, ӯро фиреб дод; ҳатто дар охирин мулоқот низ фиреб дод. Усмон Азиз мувофиқи аҳду паймон се рӯз дар Сияҳбед интизорӣ кашид. Аммо вай на тиру туфанг ва сарбозони ваъда кардаашро фиристод, на аз худаш ягон дарак ҳаст.

Инак дар куҷоҳо гашта бошад?

Чӣ нақша дорад?

Оқибати ин гарданкашиву исён чӣ ҳосил медиҳад?..

«Хайр, дар куҷое ки бошад, садқаи сарам! Бигузор ба сад бало печад!» – дар нафрат аз дил гузаронд Усмон Азиз ва ба худ суол партофт, ки майлаш, тиру туфанг нафиристод ӯ, сарбоз ҳам нафиристод, лекин... агар мефиристод, оё вай

дар он сурат низ метавонист кори саҳар кардаашро бе ҳеҷ дуандешӣ кунад – одамонашро хона ба хона ҷавоб дода, танҳо дар мушояати Қурбон ва Ғуломҳусайн ба ин роҳи бимнок дарояд. Ва боз...

Аслан чунин хаёл ба сари ӯ кай зад?

Кай?..

Яқин аз ҳамон рӯзе ки дарёро гузашта, ба ду чашми ғамандудаш дид: мардум дар ватанаш дигар шудаанд! Озод гап мезананд, ба рӯи кас рост менигаранд, аз ифодаи чеҳраашон маълум, ки *онҳоро* беақл мепиндоранд, ба ҳолашон механданд, ё ба ғазаб меоянд.

Шояд, шояд ин ҳама ҳақ аст...

Вале ӯ, Усмон Азиз, баъд аз фаразан тиру туфанг ва сарбоз фиристодани Иброҳимбек ҳам оё метавонист одамони дар ихтиёраш будаto ҷавоб диҳад?

Вай муддате ба андеша рафта, дар дил қатъан гуфт, ки метавонист.

Бале, метавонист!

Пас, мисле ки мор газида бошад, парида аз ҷой хесту чӯбчаи дасташро ба сӯе ҳаво дода, ба Қурбону Ғуломҳусайн нигарист ва:

– Рафтем! – гуфт дар шиддат.

Онҳо, ки низ ҳар кадоме гирифтори фикру хаёли худ буданд, аз ин нидои ногаҳон аввал як қад парида, баъд зуд ба по шуданд. Аспҳои қантар гӯш сих карда, пойкӯбон бесаранҷом гардиданд.

– Рафтем, – такроран гуфт Усмон Азиз, либосашро ба тартиб оварда.

Қурбон дарҳол ба даҳони сиёҳмушкин даҳанаи лаҷоми нуқракӯбашро гузаронда, зертангу забартангашро сахттар кашиду хӯрҷини хушранги туркманиро гирифта, дар хонаи зин партофт ва ба эҳтирому тавозӯи доимӣ ҷонварро назди Усмон Азиз овард. Баъде ки ӯ чолок савори асп шуд, ҳамроҳи Ғуломҳусайн офтобаву дастархон ва дигар майда-суйдаро ба хӯрҷинҳо андохта, дар даст қамчину туфангаш дар китф, худ ҳам пой ба рикоб бурд.

Ду-се дақиқа пас онҳо паноҳгоҳашонро қафо гузошта, ба як ёнаи серарча баромаданд ва муддате асп ронда, ниҳо-

ят дохили ҳамон пайроҳа гардиданд, ки аз сабаби шохборон тарк карда, ноилоҷ рӯ ба сӯи камар ниҳода буданд.

Усмон Азиз пеш-пеш мерафт.

Борон дигар намеборид. Офтоб гоҳ рух намояд, гоҳ дар пушти абрҳои ҳоло сабук мемонд, ки оҳиста-оҳиста парешон мешуданд. Баҳор дар авҷ буд – сабзаҳои ягон соат қабл аз ин дар зери шохборон хобида гӯё пичир-пичиркунон ба ранги тоза мехестанд. Ва ба ҳар ҷониб тоб хӯрда, дидори гарми офтобро меҷустанд. Дар нӯки баргҳои сӯзанвор борик ва тези дарахтони арча, чун ашк дар сари мижгон, қатраҳои софи борон меларзиданд. Атроф моломоли равшанӣ ва ҳавои ҷонбахш буд. Дар пеш кӯҳи Ҳафтсар… қуллаҳояш аз барф сапсафед, бузургворона қад кашида, ҷо-ҷо кабудча метофт. Аз пушту паҳлу бодаки серун вазида, ба димоғ накҳати ипорро меовард, ки гиёҳи камчин ва хӯрдании бамаза буда, хушк шавад ҳам, бӯи форамаш моҳҳо намеравад. Баъзан дар таки ин ё он арча ё аз паси кадом харсанг кабке *қақара-қақар* ба хониш медаромад.

Аспҳо дум ба дум таноби масофа кашида, саворони худро, ки ҳама хомӯш буданд, якмаром пеш мебурданд. Гоҳ-гоҳ аз зери суми онҳо лой чарахса кунад, гоҳи дигар садои ба санг бархӯрдани наъл шунида мешуд.

Усмон Азиз дар болои сиёҳмушкин устувор нишаста, сараш андак хам, сукут меварзид. Дилаш ғарқоби хун гардида, вай ҳамчунон дар азоб фикр мекард, ки баъди шаш соли ғурбат... имрӯз ниҳоят чӣ тавр ба Нилу медарояд. Одамон ӯро дида, чӣ мегӯянд? Рӯи хуш медиҳанд, ё не? Шояд дар Нилу ҳам калхоз сохта бошанд...

Пас Саидназар чӣ ҳол дорад?

Хоҳараш Ороста чӣ?

Усмон Азиз сар бардошта, як нафаси муназзам кашид. Чашмони дар асари бехобиву хаёлҳои вазнин хастааш аз ранги зумуррадгуни сабзаҳои қади пайроҳа ва арчаҳои хушбӯй нури тоза мегирифтанд. Вай сандуқи синаашро пур карда, боз чуқур-чуқур нафас кашид. Ва нохост дилаш гум зад. Гумонаш, ки омехта ба роиҳаи гулу гиёҳ аранге бӯи бараҳои навзод ва ширу қаймоқи авулро шунид. Баъд сараш гирд гаштагӣ барин оҳиста чашм пӯшид. Аммо ин бӯи аз кӯдакӣ

шинос димоғи ӯро тарк накард, балки тезтар шуд. Усмон Азиз, тамоми вуҷудаш гӯё оташ гирифта, аз нав чашм кушод ва худи ҳамон лаҳза ба сари мижаҳояш ашк давид. Пас дар пеши назари ӯ авуле ҳозир шуд, ки Барвеш ном дошта, дар як ҳамвории пошнаи талҳои қатор воқеъ буд.

Усмон Азиз:

– Оҳ-ҳ! – гуфт моломоли дард.

Ва ба ёд овард, ки он *воқиа* дар ҳамин гуна рӯзи баҳорон рух дод. Рама нав аз чаро баргашта, атроф пур аз маоси мешу бараҳои ширмак мегардид. Дар оташдонҳо алав даргирифта, бӯи дуди ҳезуми арча диловез меомад. Сагҳои калон-калони гӯшу думашон бурида, ки ин бегоҳ низ ҳамроҳи чӯпонҳо рамаро беосеб ба авул расонда буданд, акнун, пас аз хизмати бардавоми рӯзона, ҳар ҷо-ҳар ҷо лоқайд дароз кашида, ба чашмони нимпӯш ором мегирифтанд. Аҳли авул ҳама машғули кори худ буданд. Мардҳо пеши гӯсфандонро гирду ғун карда, ба ғавшоди – қутани – гирдогирдаш сангдевор меронданд. Занҳо бемалол шир медӯшиданд, гуппӣ мезаданд, хӯрок мепухтанд. Бачаҳо ба падару модарони хеш ёрдам медоданд – кадуҳои пур аз ширро ба каппаҳо мекашонданд, бараҳои бетоқатро қатор-қатор куган мебастанд, дар назди оташдонҳо даста-даста ҳезум бурда мепартофтанд… ё хушу хурсанд бозӣ мекарданд.

Усмон Азиз ҳам, ки он вақт тахмин шаш-ҳафт сол дошт ва раҳматӣ падараш ӯро савори асп нахустин маротиба ба дидори авул оварда буд, ба ду-се ҳамтири худ дар паҳлуи кадом як каппа бучул меандохт.

Дар фазои авул аз маоси гӯсфанд то гулӯафшонии мард, хандаи беғаши бача, ё кӯдакашро ҷеғ задани зане... садоҳои мухталиф паҳн мешуданд. Ҳамчунин бӯи ширу қаймоқ, омехта ба боди баҳори фараҳнок... накҳати гулу гиёҳ ва рутубати барфҳои кӯҳи Ҳафтсар меомад.

Баъд ногаҳон авул хомӯш гардид. Ба дараҷае хомӯш гардид, ки гӯё бод ҳам дигар намевазид. Усмон, дар даст чанд бучул, намедонад аз ин сукунати вазнин тарсида, ё худ ҳайрон шуда, аввал гаранг ба он бачаҳои пойлуч нигарист, ки то алҳол ҳамроҳаш бозӣ мекарданд. Аммо... дар чашму рӯи онҳо асари тарсу ваҳмро дида, сипас ба атроф назар да-

вонд – чӣ гап бошад?..

Падараш наменамуд. Сагҳои гургафкан ҳама гӯё нақши замин гардида, синамол худро дар паноҳи девори ғавшод мегирифтанд. Гӯсфандону бараҳо ба якдигар ҷафс шуда, дир-дир меларзиданд. Чӯпонҳо дар илоҷи кадом як воқиаи бад яқин нотавон монда, чун ҳайратзадагон рост меистоданд. Занону духтарони ширдӯшу хӯрокпаз дар ҷо-ҷои худ нишаста, даст ба даҳон бурда буданд. Бачаҳои ёригар низ, нафас дар гулӯяшон печида, қадам бардошта наметавонистанд. Ва ҳама – дар тассавури Усмони хурдсол ҳатто санг, полони хар, каппаву дегҳои пур аз шир... ҳама ба як сӯ менигаристанд; ба сӯи талҳои қатор, ки авули Барвеш дар поин, каме дуртар аз онҳо воқеъ гардида буд.

Усмон низ беихтиёр ба ҳамон тараф чашм гумошт. Нигоҳи вай падарашро меҷуст: куҷост ӯ, чӣ воқиа рӯй дод? Лекин ба ҷои падар ду ҷондори барояш ношиносро дид; ду ҷондори яке хурду дигаре бузург. Онҳо дар ёлаи тали сабз қариб ба ҳам часпида, паҳлу ба паҳлу меистоданд ва мағрур сар афрохта, авулу авулакиҳоро зери назар мегирифтанд. Рангашон ала буд. Аниқтараш, дар бадани зарди муҷаллои худ хатҳои дароз-дарози хокистарӣ, балки сиёҳ доштанд. Аз ҷой намеҷунбиданд. Нигоҳашон вазнин, сер ва фориғбол...

Усмон Азиз ҳоло намедонад, ки он ду ҷонвар чанд лаҳза ҳамон тавр истоданд – се дақиқа, чор дақиқа, ё камтар... Ҳар қадар бошад, бузургворона ва дар айни замон ҳайбатнок буд нигоҳашон! Чунин менамуд, ки тамоми авул чӣ чора карданро надониста, нафас ба нафас дар худ фурӯ меравад. Усмон ваҳмидаву ларзида, хост фиғон бардорад. Вале натавонист, мадораш нарасид – гӯё сукунати атроф санги гарон шуда, овози ӯро дар вуҷудаш пахш мекард.

Ниҳоят ҷондорҳо, шояд оча-бача... чӣ тарзе ки ба ғурур истода буданд, ҳамон тарз тоб хӯрда, оҳиста қафо гаштанд. Пӯсти раҳ-раҳ зарду сиёҳи онҳо аз охирин анвори қурси офтоб, ки ба фарози қуллаҳои баланди кӯҳи Ҳафтсар расида, инак майли ғуруб дошт, дар муҳити талҳои сабзу осмони нилобӣ зарандуд метофт. Баъд...

Ҷонварҳо дар пушти ёла нопадид гардиданд.

Ва авул аз нав фараҳ гирифт.

Марду зан шукр мегуфтанд, ки фалокате рух надод. Усмон ҳам дар фарқи сараш нохост дасти навозишкори падарро эҳсос карда, зуд ба худ омад ва бе ғаму дард гашта машғули бозӣ шуд.

– Паланг... – гуфт падараш, нафаси озод кашида.

Аммо вай аз ин ҳеҷ чиз нафаҳмид. Зеро мешу бараҳо боз маос мезаданд, сагҳо дигар наметарсиданд, занҳо аз нав шир медӯшиданд, бачаҳо медавиданду меҷаҳиданд. Боз насими серуни баҳорон вазида, бедареғ роиҳаи гулу гиёҳ меовард. Гӯё ногаҳон пайдо шудани он ду ҷонвар ва як муддат дам фурӯ бастани авул фақат рӯъё буду бас.

Усмон Азиз ҳоло ин воқиаро ба ёд оварда, ҳасратомез аз дил гузаронд, ки акси хоб буд ё не, дар ҳар сурат он манзара ҳаргиз аз лавҳи хотираш зудуда намешавад. Вай махсусан дар ғарибӣ зуд-зуд пеши назараш меомад. Ва Усмон Азиз, дар машом бӯи сабзаву бараҳои навзод ва ширу қаймоқи авули Барвеш, тамоми вуҷудаш аз ёди кӯдакӣ тапида, ғамгин хаёл мекард, ки он ду паланги оча-бача аз ӯ бисёр не, ҳамагӣ як қадам дуранд, танҳо як қадам...

Вале ин як қадам чӣ қадар *дароз* аст!

...Онҳо қариб ним соат раҳ гашта, ба дараи Оҳугузар даромаданд. То ба ҷодаи Нилу пайвастан боз каме нишеб рафтан лозим меомад. Усмон Азиз лаҷоми сиёҳмушкинро кашид, ҷонвар ҳамоно истод. Қурбону Ғуломҳусайн низ аспҳои худро нигоҳ доштанд. Аз қаъри дара гулдуроси дарёи Кофрун ба гӯш мерасид. Дар он соҳили рӯдхона шаххҳои баланди сербутта мазбут тӯл кашида буданд.

Усмон Азиз, ки дар вақташ аз дараи Оҳугузар садҳо маротиба рафтуомад карда, ин ҷойҳоро хуб медонист, гирду атрофро таҳти назар гирифта, зуд муайян намуд, ки ба ҳисоби масофа расо аз мобайни деҳаи Дизак ва Нилу баромадаанд. Агар дар поин ба гузари калон расида, тарафи дасти рост гарданд, пас камобеш дар бадали ду соат, шояд офтоб нашишта, ба Нилу дохил мешаванд.

Нохост нигоҳи Усмон Азиз дар як нуқта қарор гирифта, ба абрувонаш гиреҳ афтид.

– Савораҳо магар? – гуфт ӯ зери лаб ва ба ҳамон самт боз фурсате дурусттар назар дӯхта, андешавор суоли худро

тасдиқ намуд: – Бале, саворон... Чанд нафар бошанд?

Қурбону Ғуломҳусайн ҳам ба поини дара, ба сар то сари роҳи лаби Кофрун чашм давонда, аз ҷои исташон хеле дур шабаҳи чанд аспакиро диданд, ки эҳтимол аз ҷониби Дизак меомаданд.

– Як, ду... – гардан ёзонда, овоз баровард Қурбон ва пас аз каме афзуд: – Панҷ... дақиқ панҷ кас!

– Кӣ бо-оша-анд? – ғурунгид Ғуломҳусайн.

– Дар ҳар ҳолат дӯстони мо не, – гуфт Усмон Азиз, бадтар ҷигот андохта. – Агар ошно мебуданд, ҳамагӣ панҷ нафар шуда, аз Дизак гузашта намеомаданд, метарсиданд.

– Рост, – тахмини хоҷаашро фавран ҳақиқат донист Қурбон. – Оҳугузар то ин ҷо деҳу деҳкадаи бисёр дорад. Раҳаш серодам.

– Барои ҳамин... – гуфт Усмон Азиз маънидор, вале давоми гапашро ба забон наовард.

Мағзи ӯ тез кор мекард. Вай яқин донист, ки *онҳо* рақибанд. Шояд ихтиёриҳо бошанд. Чӣ фарқ дорад? Аскари сурх, ихтиёрӣ, калтакбадаст... Ҳар кӣ бошанд, одамони ҳукумати шӯро! *Соҳибони* комилҳуқуқи ин диёр! Ба таъқиби Усмон Азиз ва бандаҳои мисли ӯ саргардон баромадаанд. Чун дар ҳама ҷо... Пас ҳоло чӣ кор кунад? Ё ба онҳо рӯбарӯ шуда – бигузор душвор бошад, мардонавор ғолиб омадан лозим, ё гурехтан. Агар не... вай ҳеҷ гоҳ ба зиёрати қабри падару модараш расида наметавонад!

– Барои ҳамин, – гуфт Усмон Азиз, баъд аз ду-се дақиқа сухани қатъгардидаи худро давом дода, – онҳо набояд зинда монанд. – Ва ба ҳамроҳонаш, бештар ба Ғуломҳусайн нигарист. Тез, бераҳм ва такдор буд нигоҳаш. – Дар акси ҳол ҷои ҳар кадоми мо се газ замин. Се газ... ба шарте ки насиб кунад, агар гӯронанд. На зан, на фарзанд...

Аз ин изҳори вай Ғуломҳусайн, ранги рӯяш қадре канда, дар болои зин як ҷунбид. Ба назари Усмон Азиз ӯ ҳатто дандон фишурд; аспаш ҳам филҳол бетоқат шуд. Албатта... зиндагӣ мехоҳад вай. Ба пули ваъдагии Усмон Азиз хонаву дар сохта, ниҳоят зан гирифтан мехоҳад; тавонад, дӯкон ҳам кушоданӣ. Аз ин рӯ ба ҳар хунрезӣ тайёр аст. Ба тамоми вуҷудаш мекӯшад, ки агар лозим бошад, ҳамаро кушаду худ зин-

да монад. Лекин ҷасур аст лаънатӣ, аз бало наметарсад, бақувват, гавзӯр... думи филро меканад. Аммо ғаданг, камбағал, қашшоқ... Нодорӣ ҳам касро ба ҳар кӯй меандохтааст. Овораву сарзада мекардааст.

Баъд Усмон Азиз ба сӯи Қурбон назар давонд: вай чун ҳамеша ором буд, балки хоболуд менамуд. Дар китф туфанги ёздаҳтираву дар панҷааш ҳалқаи лаҷом, бе ягон парво ба нишеби дара менигарист.

«Инаш, хайр, хизматгори худам, ғулом барин... Ба вай ҳеҷ чиз лозим нест. Ҳатто агар дунёро об барад, мижааш хам намехӯрад. Гӯё аз имрӯзу фардои зиндагӣ зарраи умед надорад. Кор фармоед, даму дуд иҷро мекунад, нафармоед – не. Ҳамин гуна як махлуқи бидеҳ ки хӯрам, бизан ки мурам. Шикамаш серу танаш бутун бошад, кифоя. Падараш ҳам айнан мисли худаш буд. Аз хари осиё зиёдтар кор мекарду ҳаққи ҳалолашро рӯёнда наметавонист. Тамоми умрашро дар як кулбаи фатарот гузаронд...»

Усмон Азиз заҳрханд кард. Сипас ба саворone ки ҳамвора наздик меомаданд, боз каме чашм дӯхта, қатъӣ гуфт:

– Дигар илоҷ нест. Агар имрӯз ба онҳо ҷанг накунем, фардо ҳатман дар доми алоиқ меафтем, ё кушта мешавем.

– Не-е, ме-епаро-онам, аз ҳа-амин ҷо ме-еандо-заам! Ҳама-аш-шро... – ба чеҳраи тирааш филфавр сурхӣ дамида, гуфт Ғуломҳусайн, ки дар як ҳаракати тунд мехост камонашро аз китф канад.

– Сабр кун! – фармон дод Усмон Азиз. – Аввал онҳоро аз раҳ берун кашидан лозим. Дар миёни ин дараи кушод намешавад.

– Рост, илоҷи барсавоб, – гуфт Қурбон. – Хонасӯхтаҳоро ба фиреб то ягон ҷои хилват бурдан даркор. Набошад, дар қади дара мурдаашон мемонаду... асли ҳодисаро фаҳмида, дигарон моро пай мегиранд.

– Ту ҳам дуруст-ку, – сар то пои ӯро аз назар гузаронда, ба лабханди андак аён гуфт Усмон Азиз. – Метарсӣ? Ҷонат ширинӣ мекунад?

– Ҷони ҳама ширин...

Усмон Азиз сухани Қурбонро гӯё нашунид ва чунон ки ба як қарор меомада бошад, даме ба сукут рафта, пурсид:

– Ҷои хилват мегӯӣ? – Пас худаш ҷавоб гардонд: – Буд ҷои хилват. Як қутани кӯҳна. Як ғавшод дар пушти ҳо ана он шах... Эҳтимол донӣ?

– Медонам, – гуфт Қурбон, ба соҳили дигари Кофрун ва шахи баланде ки ӯ нишон дод, чашм дӯхта. – Аз раҳ дур...

– Ин гадозодаҳои аз худои карим гаштаро ба ҳамон ҷо мекашем, – гуфт Усмон Азиз. Баъд сиёҳмушкинро зуд сарнишеб карда, илова намуд: – Нағз, ки то поин фуромадан моро намебинанд. Бо вуҷуди ин ҳушёр бошед.

Онҳо аз байни арчазор дум ба дум асп ронда, ниҳоят ба канори гузари калон баромаданд ва рӯ ба кӯҳи Ҳафтсар... шитобон тарафи дасти рост гаштанд.

– Акнун мебинанд, – гуфт Усмон Азиз, ки панҷааш алалэҳтиёт ғилофи маузерро мекушод. – Инаш ҳам нағз... Мо *мегурезем*, дидан замон мегурезем. Алҳол дуранд онҳо, тирашон намерасад.

Дар ҳақиқат ду-се дақиқа нагузашта, аз қафо фарёди баланде шунида шуд.

– Истед! Истед мегӯям!

Ин овози Анвар буд, ки дар пеш ногаҳон Усмон Азизу шарикони ӯро дида, ба ёронаш «кӣ бошанд?» – гӯён ҷарани худро тозонда меомад. Муроду Саид ва ду нафари дигар низ ба аспҳояшон қамчин мезаданд.

– Ҳо-ой, истед! – гашта фарёд кард Анвар.

Аммо Усмон Азиз ба ин нидои омирона ҳатто рӯй наоварда, ба Қурбону Ғуломҳусайн:

– Аз қафои ман бошед! – гуфт ва ба як ҳавои тозиёна лаҷомро сар дод.

Сиёҳмушкин бод барин чорнаъл гирифт. Қурбону Ғуломҳусайн ҳам аз пушту паҳлуи соҳиби худ асп метохтанд. Анвар ва рафиқонаш ин тартиб гурехтани онҳоро дида, яқин карданд, ки одамони шубҳаноканд. Ва низ лаҷомҳоро тамоман сар дода, ба таъқиб даромаданд. Ҳатто Мурод ба мақсади тарсондан як тир кушод. Вале Усмон Азиз:

– Шумо напаронед! – гӯён сиёҳмушкинро маҳмез зад.

Ва ҳамин тавр сар шуд... Ба гув-гуви доими дарёи Кофрун тақар-тақари суми аспҳо печида, дараи Оҳугузарро гӯё ба ларза меовард. Шаху ёнаҳои сербутта, арчазорони сабз,

харсангҳои сокит ва аҳён-аҳён қитъаҳои оҳаквор сафеди бегиёҳ нафас ба нафас қафо мемонданд. Лекин фосилаи байни ду даста ҳеҷ кам намешуд.

– Маълум... онҳо душман, босмачӣ, – тохти ҷиранашро тезтар карда, гуфт Анвар ба Саид, ки аз паҳлуяш инон ба инон асп мемонд.

– Ҳа-а, агар не, намегурехтанд.

– То куҷо мегурезанд?! Ин раҳ фақат ба Нилу мебарад.

Аммо Усмон Азиз, баъде ки як тахтапули ларзонро убур карда, ба соҳили дигар гузашт, боз камтар асп давонда, лаҷоми сиёҳмушкинро ногаҳон ва даршаст ба дасти чап тофт. Ва ҳамроҳи Қурбону Ғуломҳусайн ба ёнаи на чандон баланд, ки дар ҳар ҷо-ҳар ҷояш буттаҳои мушаву заранг рӯида буданд, шитобон баромада, пас аз фурсате дар пушти он нопадид гардид.

– Рафтанд, – гуфт Санҷар ба оҳанги таассуф.

– Рафтан намемонем! – гуфт Мурод, наган дар каф, аспашро бештар ҳадаҳа карда.

– Бале, – гуфт Анвар, ки дар симояш як қатъияти мардона нақш баста буд.

Ниҳоят онҳо низ ба ҳамон ёна расида, аз байни буттазор боло баромаданд. Ва диданд, ки акнун гурезаҳо дар ҳамвории васеи саросар сабз асп тозонда мераванд. Анвару ёронаш наистода, ба шасти аввала он саворонро пай гирифтанд. Дар ду тарафи ҳамворӣ, ки бараш тахмин ним фарсах меомад, талу кӯҳталҳои қисме алаф ё буттапӯш, баъзеи дигар аз бунёди худ сангин пасту баланд саф кашида буданд.

– Ку бинем, то куҷо метозанд, – ба оҳанги тамасхур гуфт Анвар, ки дар хонаи зин андак хам хӯрда, ба паҳлуи ҷиран мулоим пошна *мекӯфт*.

– Боз ин корашон фиреб набошад? – гуфт Саид, ба вай як назар партофта.

– Ҳар чӣ бошад, акнун истодан... ё қафо гаштан маънӣ надорад, – гуфт дар ҷавоб Анвар. – Ҳар чӣ пеш ояд, акнун танҳо аз қисмат медонем... – Ва нахустин бор ба кафали аспаш тозиёна зад.

Бе ин ҳам ҷиран дар тамоми қувва медавид.

Вале масофаи байни онҳо кӯтоҳ намешуд, ки намешуд.

Аспҳои ҳар ду даста низ оҳиста-оҳиста аз ҳол мерафтанд. Бо вуҷуди ин метохтанд; ба тақозои соҳибони худ гардан фуроварда, якзайл метохтанд. Акнун… аз миёни гулу гиёҳи тар садои суми ҷонварҳо пахшхӯрда мебаромад. Абрҳо пароканда шуда, осмон каб-кабуд метофт. Офтоб сайри азалии хешро хандон идома медод. Дар пеш, қариб дар охири ҳамворӣ, ки он ҷо низ талҳои зумуррадгун қад афрохта буданд, як қитъа замин ҳар лаҳза бештар сиёҳ метофт.

«Қутан, ҳамон авули партав!» – гуфт дар дил Усмон Азиз ва ба қафо рӯй гардонда, аз маузер тир кушод. Ва бо ҳамин ба таъқибгари худ фаҳмонд, ки вай ҷангталаб аст: ана аспу майдон, ана тиру камон!

Ғуломҳусайн ҳам туфанги ангилисиро аз сари китф чолок ба даст гирифт ва тоб хӯрда, паёпай ду тир холӣ кард. Аммо ягонтааш ба нишон нарасид.

– Шумо ҳоло зинҳор напаронед, – гуфт Анвар ба рафиқонаш. – Аввал наздик шавем...

Боз каме асп тозонда, Усмон Азизу ҳамроҳонаш оқибат ба он авулгоҳе расиданд, ки махсус таки чашм карда меомаданд. Вай як ғавшоди калони валангор, болотар аз ғавшод як соботи дарози сақфаш қариб саросар фурӯрафта ва як кулбаи сангини низ фарсуда дошт. Дар байни чалмаҳои саҳни ғавшод, берун аз он ҳам... ҳар ҷо-ҳар ҷо буттаҳои хору талха ва ағлаб ҳазориспанд мерӯиданд.

– Пиёда шавед! – фармон дод Усмон Азиз ва худ ҷаҳида аз сиёҳмушкин фуромаду ҷонварро ба тарафи собот ҳай карда, ба Қурбон: – Ту пушти хона гузар, – гуфт ва ҳамроҳи Ғуломҳусайн чаққон ба ғавшод даромада, аз бари девори он камин гирифт. – Ҷоямон айни муддао...

Анвару ёронаш асп тозонда, даршаст наздик мешуданд.

– Андоз! – гуфт Усмон Азиз ба Ғуломҳусайн ва фавран тир кушод. – Аспашон ҳам зинда намонад.

Дастаи Анвар низ акнун паронда-паронда меомад. Гоҳ аз болои сар ва гоҳ аз пуҳлуи онҳо визосзанон тир мегузашт: аз даруни ғавшоду аз пушти кулбаи сангин тез-тез оташ мекушоданд.

Вақте ки даста қариб ба авулгоҳ расид, ногаҳон аспи Ҳасан тир хӯрда, шиҳакашон ба сар зад. Худи ӯ аз хонаи зин

канда шуда, дар рӯи сабза чанд қадам ғелид. Кам монда буд, ки гарданашро шиканад. Бо вуҷуди ин вай тохта хест. Ва ҳамон лаҳза Санҷар, ки аз ҳама охир меомад, ба тири Ғуломҳусайн аз зин чаппа шуд. Аспи Ҳасанро низ он барзангӣ зада буд. Анвар, Мурод ва Саид, ки ҳоло пиёда буданд, аз се ҷониб ба даруни ғавшод якта-якта тир холӣ мекарданд. Ҳасан ба девори дурушт такя оварда, дар муқобили кулба менишаст. Ва баъзан, даме ки аз паҳлуи он мили сиёҳи камон ба таҳдид намоён гардида, дарғазаб оташ мекушоданд, низ ҷавоб мегардонд.

Анвар, ки муддате Усмон Азизу Ғуломҳусайнро сар бардоштан намемонд, ба Саид нигариста, гуфт:

– Ту аз ин тараф пушти хона гузашта, дами хунуки ҳамон лаънатиро гир!

Аммо Саид ба он кулбаи вайрона расида натавонист: лаҳзае ки ба эҳтиёт хам шуда, так-таки девори ғавшод тохта мерафт, Қурбон худаш нохост аз ҳамон самт баромада, якрост тир андохт. Ва Саид, туфанг дар кафи даст, аввал қад афрохта, ба дасти дигар сари синаашро қапиду пас гурсӣ ба тахтаи пушт зад.

Усмон Азиз, фақат вақте ки саворон ба авулгоҳ наздик мешуданд, Муродро шинохта ва аз зӯри ғазаб дар ҳама вуҷудаш ларза давида, ба Ғуломҳусайн гуфта буд:

– Ӯро зинда мегирем!

Бинобар ин вай ҳоло маҳз Муродро дар зери чашм нигоҳ медошт. Ва саропо гӯшу ҳуш гардида, тунд фикр мекард, ки кушандаи додарашро чӣ тавр зинда ба чанг орад. Аз як ҷиҳат бахташ тофт. *Вай* ана, дар пушти девор. Ба пои худаш омадааст. Усмон Азиз метавонад интиқомашро то рӯзи қиёмат нагузошта, инак он махлуқи аз мусулмонӣ рӯйтофтаро маймунвор дар банд андозад ва гӯшу биниашро бурида, кулли азоби дунёро дар чашмаш нишон дода, баъд ҳисобро баробар кунад. Вале чӣ тавр ӯро зинда мегирад?

Ҳамин дам як ваҷаб дуртар аз вай ба санги девор тире бархӯрда, садои гӯшхарош баровард. Онро бе шубҳа Мурод паронда буд.

«Яқин маро ҳам куштанӣ ин кофир», – ба замин туф карда, аз дил гузаронд Усмон Азиз ва дигар тоб оварда натаво-

ниста, фарёд зад:

– Ҳой, зоташ паст! Маро дидӣ, шинохтӣ? Надида бошӣ, бин; нашинохта бошӣ, шинос – ман Усмон Азизи нилуӣ, бародари ҳамон мулло Сулаймон, ки ту ӯро ҳашт сол муқаддам дар раҳи Деҳнав кушта будӣ. Акнун фаҳмидӣ, оҳангари ифлос?! Ман якумр ба хунат ташна мегаштам. Худо имрӯз ба додам расид. Фаҳмидӣ ё не?

Мурод аз ин фарёди ногаҳон аввал ҳайрон шуд, баъд парида аз ҷой хесту ба сӯи Усмон Азиз як тир кушода:

– Фаҳмидам, ҳаққимардумхӯр! – гуфт ва зуд дар бари девор гашта ба зону нишаст. – Мешунидам, ки ту аз ин диёр баромада рафтаӣ. Дайду буданро авло днистаӣ... Лекин боз аз кадом гӯр пайдо шудӣ?

– Қасосгирӣ омадам, интиқом мечӯям. Ба ту бедиёнати ҳаром сари кор дорам, – ҷавоб гардонд Усмон Азиз, ба ҳамон ҷое ки Мурод намуда буд, дарқаҳр тир андохта.

– Бисёр аз худат нарав, Усмонбой! Ҳоло ман ҳам, дирӯза хизматгорат Анвари Шермалик, дар пушти ин девор, – гуфт Анвар аз тарафи дигар.

Ӯ низ ба мисли Мурод ҳайрон буд. Ҳеҷ гумон надошт, ки рӯзе мерасаду ба Усмон Азиз рӯбарӯ меояд, алахусус дар чунин вазъият...

– Аҷаб тақдире! – пас аз каме сукут овоз баровард Усмон Азиз. – Яке кушандаи додарам... Дуюмӣ ятими дари хонаам, ҳамон бачае ки резачини дастархонам буд. – Вай девонавор ба ҳавои ҷониби Анвар пасопеш се тир холӣ кард. – Чӣ, ту ҳам имрӯз ба даст силоҳ гирифтӣ, писари Шермалик? Оқибат косалеси куффор шудӣ? Белаҷом монда, дар ниҳояти кор раҳгум задӣ?.. Аҷаб тақдире!

– Аз тақдир не, аз аъмоли бади худат дон, – гуфт Анвар.

– Рост, аз он ҷабру ситамҳоят дон, ки ба мардуми камбағал раво медидӣ, – гуфт Мурод аз ҷиҳати муқобил.

– Ту худобезор ягон бор ҷабри маро кашида будӣ? Ман ба ту очағар ягон маротиба ситам карда будам? – ҷавоб гардонд Усмон Азиз.

– Ҳамаи шумо, бою бадавлатҳо, ҷасади як гӯред.

– Шумо пойлучони беэзор муносиби гӯри дигар! Ва имрӯз, иншооллоҳ, ба ҳамон гӯр меравед.

– Кӣ пештар меравад, инаш ҳоло маълум не.

– Маълум, оҳангари ифлос, маълум! Мард бошӣ, биё, ба майдон медароем. Хоҳ ба тиру туфанг, хоҳ ба шамшер... Пиёда талабӣ – пиёда, савора талабӣ – савора. Ман ба ҳамааш тайёр. Баро!

– Нағзаш... бе хунрезии зиёд таслим шав, бой... – гуфт аз ҷои худ Анвар. – Зану фарзандонатро фикр кун. Худат ҳам ҳоло ҷавонӣ.

– Таслим шудани маро дар хоби шабат мебинӣ, – посух дод Усмон Азиз, маузерашро пур аз тир карда – Ба назарам... шумо нохалафҳо се нафар мондед, мо ҳам се тан. Дилу гурда дошта бошед, марҳамат... натарсида берун оед, дар майдон рӯбарӯ мешавем.

– Ман розӣ, – гуфт Мурод, – баро! Гӯсфанди сур барин дар кунҷи қутан нашину баро!

– Ба чашм! – тамасхур кард Усмон Азиз. Пас ба Ғуломҳусайн нигарист ва ба овози паст, қариб пичирос зада, таъкид намуд: – Он ятими дари хонаам... ҷавонтараш... бале, чарминапӯш... зинда монад. Ҳатман... вай ба ман лозим. – Ва ҳангоме ки Ғуломҳусайн так-таки девор хазида, ба вурудгоҳи ғавшод наздик рафт, худаш низ аз тарафи дигар хам шуда-хам шуда, чанд қадам пеш партофт ва ба ҳамон оҳанги заҳрханду масхара гуфт: – Пас ана... пазирой кунед.

– Таслим гардӣ, беҳтар буд, – маслиҳат дод Мурод.

– Ту ғами худатро хӯр, махлуқи беномус! Ғами худатро хӯру мард бошӣ, ҳоло ба ман майдон гир. Якка ба якка...

Вай инро гуфту ба даҳони ғавшод расидан баробар таваккал тир кушод. Ғуломҳусайн ҳам, то ки маҷол ёфта, аз даст ё пояш Анварро паронда, баъд дар як ҷаҳидан силоҳашро кашида гирад, аз камингоҳи ӯ чашм наканда, мисли саги шикорӣ ҳушёр меистод. Ниҳоят Усмон Азиз рақибашро дар пушти сангдевор дид, фақат як нафас... Ва ҳамоно садои тир баромад. Аммо ба вай осебе нарасид.

– Баро, лаънатӣ, ба ман рӯбарӯ шав! Ору номус дошта бошӣ, сусмор барин ба девор начасп... баро, ана майдон! – омехта ба шиҳаи аспу танини оташкушой чун аз мағзи ҷигар фарёд кашид Усмон Азиз.

Мурод баромад.

– Ана ман!

Дар даст наган, дуртар аз девори сангин ба монанди кӯҳ устувор меистод ӯ. Қадбаланд, синафарох ва ситорагарм буд. Мӯйлаби сиёҳи кӯтоҳ қайчизада фурӯғи чашмони ҷиддинигоҳашро гӯё меафзуд. Лабони андак ғафси базебаш дар як қатъият фишурда буданд. Масофаи байни ӯ ва рақибаш тахмин понздаҳ қадам меомад.

– Ана ман, – такрор кард Мурод.

Усмон Азиз, ки аз бурзу боло ва нописандии вай ғазабаш бештар меҷӯшид:

– Медонӣ барои чӣ кушта мешавӣ? – гуфт ва филҳол тир холӣ кард. – Барои додарам! Додари бебаҳраам…

Мурод ҳам паронд, ҳатто ба Усмон Азиз баробар паронд. Вале наган аз дасташ раҳо шуда, аввал ба қафо як такон хӯрд; сипас қафаси дилашро дошта, ба рӯй афтид. Ва худи ҳамон лаҳза, даме ки нафас дар гулӯяш гиреҳ баста, маргашро яқин донист… мағзи сари вай гӯё таркиду ба хаёлаш ҳама мавҷудот оташ гирифта, дар партави тези он ягона писарчааш намоён гардид. Ӯ дар фарози кадом шахи баланд истода, аз байни забонаҳои печони алав ба сӯи падараш, ба сӯи Мурод, Муроди қурбони тир каме назар дӯхта, баъд ногаҳон... назири чӯҷаи уқоб дар парвоз шуд. Рӯяш ҳамчунон ба ҷониби падар, аз миёни оташ парида мегузашт вай. Мурод медид, ки – во аҷаб! – ба ягона фарзандаш ҳеҷ зарар нарасид ва аз афти кор... минбаъд низ намерасад: забонаҳои алав, аз чӣ бошад, ҳатто бари домани ӯро сӯзонда наметавонистанд. Бо вуҷуди ин, дар ҳолате ки илоҷи аз ҷой хестан надошт, Мурод ҳама рагу пояшро як карда, фарёд мезад: қафо гард... қафо гард, ки ба сони ман нобуд мешавӣ... Ҳоло зудтар пеши модарат рав, писарам... рав! Боз вай аз дил гузаронд, ки мавқеи созвор дошт Усмон Азиз... дареғ, беҳуда ҳайф шудем, ба дом афтидем, ба доми макр... Пас ҷои оташро зулмоти беохир ишғол намуд ва Мурод пиндошт ба як чоҳи бетак сарнагун мешавад.

Усмон Азиз ба ӯ наздик рафта, каме ноҷунбон истод. Баъд тани беҷонашро ба эҳсоси нафрат чаппа кард. Мурод акнун ба пушт мехобид. Чашмони калон-калони мешиаш дар қайди ҳайрат ба осмон менигаристанд. Усмон Азиз қариб девона

шуда, мобайни он чашмонро ба нишон гирифт. Лекин якбора чеҳраи гарми додарашро ба ёд оварда, дасташ ларзид, гӯё нохост бемадор гардид. Чашмони Сулаймон низ айнан ба ҳамин ранг буданд: калон, мешӣ, банур...

Ӯ маузерро дар ғилоф андохта, вазнин қафо гашт.

Аҷаб коре!

Тирпаронӣ қатъ шуда буд.

Осмони худо баланд, замини зери он сабз...

Ғуломҳусайн, даҳонаш то баногӯш, Анвари музтарро, ки сарлучу як дасташ кашола буд ва сахт лангида пой мемонд, пеш андохта меовард.

– Зи-инда ги-ир гу-уфтед, ана...

– Бар, ҷароҳаташро банд, – гуфт Усмон Азиз ва ба рӯи Анвар нигоҳ ҳам наафканда, роҳашро идома дод.

Пас аз фурсате вай аз назди ҷасади Ҳасан, ки туфангашро маҳкам қапида, дар таки девори ғавшод уреб мехобид, хомӯш гузар кард. Аз паҳлуи Қурбон низ, ки пеши китфаш дар ҷома ғарқоби хун буд, маҳзун ва ба сари андак хамида гузашт. Ва аз болои гулу сабзаҳои ҳанӯз тар як-як қадам монда, рӯ ба талҳои сокит овард.

## 10

Шабонгаҳ... Қурси заррини маҳтоб дар сафҳаи нилгуни осмон, ки акнун ҷо-ҷояш абролуд буд, чун дар сатҳи ҳарир мулоим лағжида, ба кӯҳнаавули васати талу пуштаҳои ин мавзеи хилват равшании нарм мебахшид. Аз гирду атроф ба ғайр аз фириқ-фириқ бинӣ афшондани аспу часаросзанон сӯхтани ҳезуми арча дигар садое ба гӯш намерасид.

Усмон Азиз дар кулбаи нимфатароти бедар, ки Ғуломҳусайн соате қабл дар оташдони мобайни он алав даргиронда буд, ба як бағал ҳезуми дар кунҷак низ интизори сӯхтан назар дӯхта, танҳо ва хомӯш менишаст. Шояд кадом савобталаб захира кардааст ин шоху шаббаи хушкро. Ҳо дар он латта каме намак ҳам монда рафтааст...

– Хизмат, ака? – пурсид Қурбон, дар остона ҳозир шуда.

Усмон Азиз сар бардошта, ба риши сафедӣ дамида ва чеҳраи гандумгуни ӯ, ки дар партави оташу равшании моҳ аз будаш зиёдтар коҳида метофт, фурсате нигоҳ карда исто-

ду даст ба офтобаи мисини пеши алав бурда, ба оҳанги меҳрубонӣ пурсид:

– Чой менӯшӣ?

– Не-е, дилам намекашад.

– Китфат чӣ хел? Дард мекунад?

– Кам-кам... Бастамаш.

– *Онҳоро* гӯрондед?

– Ҳа, дар пушти қутан... Чуқуртар канда нашуд… Бо вуҷуди ин нағз, ки як белча доштем.

– Аспи Анвар зинда?

– Бале, фақат аз они ҳамон зинда.

– Силоҳашонро ғундошта гирифтед?

– Ҳа-а, гуфтем – шояд лозим шавад.

– Вай чӣ хел?

– Кӣ?

– Анвар...

– Шиштааст хуни ҷигар хӯрда.

– Ҷароҳаташ вазнин?

– Устухони дасташ сиҳат. Лекин пои росташ... Тир ба собунаки зону расидааст.

– Барои чӣ дод мегуфт?

– Барои шариконаш. Вақте ки онҳоро мегӯрондем, дасташ баста бошад ҳам, хеле бардорузан кард.

– Рав, ӯро гирифта биё.

Қурбон қафо гашт.

Усмон Азиз ба шӯълаи нимҳоли оташ нигариста, дилаш сип-сиёҳ, беихтиёр дар андеша мерафт, ки вай, охир, ин саҳар аҳд намуда буд – дигар асло хун намерезад. Аммо чӣ илоҷ, гапи хона ба бозор рост намеомадааст. Ҳамин тартиб агар пояшро нарӯбад, пас... худаш муфт нобуд мешавад. Дидори зану фарзанд он тараф истад, ҳатто ба зиёрати хоки падару модараш расида наметавонад.

Чаро фалак ӯро ба кӯи чунин сарсониҳо андохт?

Вай дар пеши худованд чӣ гуноҳ дошт?

– Даро! – шунид Усмон Азиз.

Ва Анвар ба кулба қадам монд. Сараш луч, ришаш қадре расида ва дастонаш ба пушт баста буданд. Гиребони гимнастёркаву тугмаҳои палтои чарминаш боз, як почаи шимаш

болотар аз мӯза хунолуд... Лекин вай дар ҳамин аҳвол, чун уқоби озод дар фарози шах, мағрур меистод.

Қурбон дар остона буд.

– Кушо, – гуфт Усмон Азиз, ба сар то пои Анвар чашми маломат давонда. Ва баъде ки хизматгораш дасти ӯро зуд аз чилбур кушод, бештар абру барҳам кашида, ғурунгид: – Ба ту ҷавоб...

Вай рафт.

– Шин, – гуфт Усмон Азиз.

Вале Анвар, ки ҳама вазнашро ба пои чап андохта, ҳоло банди дастонашро мемолид, ба девори кулба саҳл такя оварда, аз ҷой наҷунбид.

– Шин, – такрор кард Усмон Азиз. – Ба чӣ ин қадар ғам мехӯрӣ? Кас… падараш мурад ҳам, дам гирифта-дам гирифта мегиряд. Вай-ку чанд бегона... Шин!

– Ман намешинам. Гапат бошад, марҳамат… – заҳрханд намуд Анвар.

– Ту боз маро ту-ту мекунӣ?

– Иззати қотил ҳамин!

– Ту одам накуштаӣ?

– То ҳоло не. Лекин минбаъд, ту баринҳо ба дастам афтанд, мижаам хам нахӯрда... мекушам.

Усмон Азиз талх хандид ва даст ёзонда, аз кунҷак ду-се шох ҳезум гирифту онро шикаста, хаёлманд ба оташ андохт. Дуди борике пилтавор печида, аз равзани барфу броншустаи сақф оҳиста берун мерафт.

Анвар ба забонаҳои акнун тези оташ нигариста, ин дам бори чандум буд, ки дар пеши назар сурати рафиқонашро медид. Ана Мурод ба ҳамон тамкину таҳаммули азалиаш. Саид... орзуи хондан дошт вай! Ҳасан механдад; аз ду бари рӯяш ҷӯя-ҷӯя оби боронро ба кафи даст ситурда, ҳай механдад. Санҷар низ...

– Хайр, ҳоло ин шаккокиатро мебахшам, – гуфт Усмон Азиз. – Биё, аз дигар ҷой гап занем... Ҷавони бақувват шудаӣ. Сарулибосат ҳам аҷоиб. Ё чӣ, мансаб доданд?

– Инаш ба ту дахл надорад, – гуфт Анвар, сахт карда.

– Модарат сиҳат-саломат? – боз дардолуд хандид Усмон Азиз. – Хоҳарат чӣ?

– Ту ҳоло ғами худатро хӯр.

– Кофирҳо ба ту кӣ мешаванд, ки ин хел… аз ғазаби худо натарсида, дар қасди ҷони мо барин бандаҳои мусулмон мегардӣ? Ҳукумати шӯро ба ту ҳам... албатта ягон чиз додааст. Масалан – замин, гав, гӯсфанд...

– Вай ба ман савод омӯхт. Чашмамро кушод.

– Акнун то куҷоҳо мебинӣ?

– То ҷое ки ақлам мерасад.

– Пас беақл будай...

– Ақли ҳар кас ба худаш.

– ...Вагарна динатро фурӯхта, ғуломи куффор намешудӣ.

Анвар бори дигар заҳрханд кард.

– Хайр, ҳеҷ қисса не: ҳоло ҳам фурсаташ.

– Фурсати чӣ?

– Фурсати аз ин насақ гаштан!

– Босмачӣ шавам?

– Аввало, босмачӣ нагӯй. Ман ин лақабро бад мебинам. Сониян... дурусттар фикр кун. Пешомадатро фикр кун. *Онҳо* ту ва ту барин содаҳоро аз раҳ зада, ба додару бародаркушӣ хезонда, баъд рӯзаш меояд, ки лингатонро аз осмон меоранд. Баъд шумо дигар ба онҳо лозим намешавед.

– Сафсата, – гуфт Анвар, ки пояш сахт дард карда, ҳамчунон банди ин ё он дасташро мемолид.

– Шин, худатро дар азоб намон, – гуфт Усмон Азиз, аз рӯбарӯяш ҷой нишон дода.

– Гапи ман якта!

– Ихтиёрат... – даме ба сукут рафт ӯ. Сипас рост ба чашмони Анвар, ки дар нимторикии кулба возеҳ наменамуд, чашм дӯхт. – Лекин сухани маро сафсата гуфтанат беҳуда. Ҳатто ғояти беадабӣ... Хоҳӣ-нахоҳӣ, зӯр камзӯрро оқибат мехӯрад. Аз рӯзи азал ҳамин тавр буд ва ҳамин тавр мемонад. *Онҳо* зӯр, бераҳм, бисёр...

– Бисёр бошанд, чӣ?

– Корашон ки буд шуд, шумо барин аспу қамчинҳоро ба мисли наҳанг осон фурӯ мебаранду чор бешуури дигарро ғуломи ҳалқабаргӯш карда, шираи ин мулкро бепарво макида мегарданд.

– Боз мегӯям, ки сафсата! Ту агар онҳо гуфта, халқи рус-

ро дар назар дорӣ, вай худаш ҷафодида буд. Бар зидди ситамгарон вай худаш ба по хест. Гушна монд, ташна монд, ҷон канд, қурбон шуд... Ба ивази сад азоб ба озодӣ расид. Ва нағз, ки ба мо ҳам дасти мадад дароз карда, нафаси осуда овард, адолату маърифат овард.

– Ҳамин тавр?

– Бале, ҳамин тавр! Ҳукумати мо аз они камбағалон. Мо, мардуми камбағал, монанди шумо, давлатмандон, балохӯр нестем, ба ҳамдигар муросо карда метавонем.

Усмон Азиз аз кисаи сари синааш як варақ коғази чорқатро берун оварда, бе эътино гуфт:

– Дар ин ҷо навиштаанд, ки агар мо ба ихтиёри худ таслим шавем, ҳукумат аз гуноҳамон мегузарад. Ҳамин гап рост... ё найранги дигар?

– Ҳукумати шӯро ҳеҷ гоҳ дурӯғ нагуфтааст ва намегӯяд. Ин як. Сониян... вай аз гуноҳи одамони раҳгум мегузарад. Аммо душман ҷазояшро ҳатман мебинад. Аз ҷумла ту ҳам. Махсусан баъди имрӯза корат...

– Шумо хомришҳо, иншооллоҳ, ба чанги ман барин *душман* расида наметавонед, – гуфт Усмон Азиз ва коғазро даронда, зуд ба оташ андохт. – Лекин ту... нағз фикр кун. Агар не, оқибат хор мешавӣ дар ин диёр. Хоҳарат, хайр, шавҳар дорад... Ту ҳоло зан нагирифтаӣ?

– Мегирам!

– Албатта. Гап дар сари модарат бошад, вай ҳам рӯзашро мебинад. Ту ояндаи худатро фикр кун. Аз як дег таом мехӯрем гуфта, мегардӣ дар қатори он гушнапурзӯрҳо?! Чусту чобук менамоӣ, шояд аз дастат калон-калон кор меояд... Воқиан, дар бачагиат ҳам зирак будӣ.

– Аз ин гапҳо мақсад чӣ? – ба тамасхур пурсид Анвар.

– Мақсад – ҳамаашро фаромӯш куну ба ман гард. Дар он тараф мисли ту ҷавонон баҳо надоранд.

– Ҳмм, аҷаб меҳрубон шудаӣ!

– Ман ба ту ҳамеша меҳрубон будам. Лекин ба монанди маймун, ки бачаашро аз нағз дидан сахт-сахт ба оғӯш гирифта, оқибат мекушад, ҳудаву беҳуда саратро сила карда, ба рӯят намехандидам. Дар ёдат ҳаст? – ту, охир, дар ҳавлии ман калон шудӣ... Тобистонҳо дукаса тут афшонда мехӯр-

дем, дар адирҳо писта мечидем, ба кӯҳу дашт баромада, аспсаворӣ мекардем. Туро баробари писарам дӯст медоштам. Чунки ба ман хуш меомадӣ, аз кӯдакиат...

Усмон Азиз хомӯш монд.

– Боз чӣ? – гуфт Анвар довталаб.

Усмон Азиз, қаҳраш омада, ба вай сахт як назар афканд. Аммо боз худро ба даст гирифта, дар ҳамон мулоимат суханашро давом дод:

– Баъд каме вайрон шудӣ. *Онҳо* вайрон карданд туро. Хайр, ин зиёда иллат не. Муҳиммаш – ҳоло ба маслиҳати ман гӯш деҳ. Захми дасту поят... мегузарад. Имрӯза ҳодисаро аз дилат бароварда парто. Ба ман гард, ки пушаймон намехӯрӣ; зеро аз писари худам кам намебинам туро.

– Бас кун ташвиқатро! Ман ватанбезор нестам! – якбора аз ҷояш канда шуда, дод зад Анвар ва ҳамоно аз дарди ҷонкоҳи зону нафас дар гулӯяш печида, гашта ба девор такя овард. – Ғайр аз ин... ту маккор, рӯбоҳи аз дасти сад сайёд гурехта, касбаш – аз рӯй занам шона, аз таҳ занам фона… ба раҳматӣ падарам чӣ кор кардӣ, ки ба ман кунӣ!

– Оҳистатар! – низ тез шуда, гуфт Усмон Азиз. – Ман ба вай хеҷ кор накардаам. Ба аҷали худаш мурд. Боварат наояд, ҳамин ҳозир аз Қурбон пурс.

– Дар вақташ пурсида будам. Агар ту дар Қаршӣ зудтар ба деҳа равед гуфта, онҳоро аз бари ағба намефиристодӣ, эҳтимол ба ин рӯзҳо расида, ниҳоят вай ҳам нони серӣ медид, танаш бутун мешуд.

– Ҳар кас аз хати пешонӣ донад.

– Хати пешонӣ... Пас барои чӣ худат аз ағба нагузашта, ба раҳи Шеробод омадӣ?

– Ман ҳазору як кор доштам.

– Дурӯғ! Ту аз тарс ба онҳо наомадӣ. Медонистӣ, ки убури ағба сахт, хавфнок; нағз медонистӣ...

– Хайр, шуд! – ғазабаш ҷӯшида, чун ба теғ сухани ӯро бурид Усмон Азиз. – Дар ин хусус фардо гуфтугӯ мекунем, дар хоки Нилу... – Вай рӯ ба остонаи бедар оварда, ба овози баланд Қурбонро чеғ зад ва боз ба Анвар нигарист. – Мумкин аст дар он ҷо ба худ ой...

– Ту дар Нилу чӣ кор дорӣ?

– Ман? – гуфт Усмон Азиз, ба ғазабаш ногаҳон ҳайрат зам гардида.

– Бале, ту!

– Пӯстатро меканам, бача!

– Кан, ман аз ту наметарсам.

Қурбон омада, даст ба пеши бар гирифт.

– Хизмат...

Аммо Усмон Азиз ба ӯ нигоҳ накард ва аз андоми Анвар ҳамчунон чашм набардошта, пурсид:

– Ту мегӯӣ, ки *ман* дар Нилу чӣ кор дорам?

– Бале...

Усмон Азиз каме сукут карда, якбора хандид. Талх хандид. Сипас ба Курбон назар давонда, гуфт:

– Шунидӣ?

– Шунидам, ака.

Усмон Азиз нигоҳашро, ки ба мисли сурб вазнин буд, боз ба Анвар кӯчонд.

– Агар фаромӯш карда бошӣ, дониста мон: аввало ин ки Нилу зодгоҳам. Дуюмаш – ман, худоро сад шукр, дар он ҷо хонаву дар дорам, хешу табор дорам. Ба дидори ҳамдеҳагон мерасам, ёру дӯстонамро мебинам.

– Ман фаромӯш накардаам. Лекин ту ҳоло дар Нилу на хона дорӣ, на дар...

– Сабаб?

– Сабабаш – ҳавлиат мактаб шуд! Дар он хонаҳо акнун фарзандони мардуми камбағал мехонанд.

– Ин кори кӣ буд?

– Кори халқ, кори ман...

– Кори ту?

– Бале. Гап дар бораи хешу таборат бошад... Масалан, язнаат Саидназарро ҳамчун душмани синфи меҳнаткаш бадарға кардем.

– Пас дар Нилу ҳам калхоз сохтед?

– Сохтем!

– Аз гапат маълум, ки ба ҳамаи ин вайронкориҳо ту, дирӯза гӯсолаи рихин, сарвар будӣ. Ҳамин тавр?

– Дуруст, ман ҳам сарвар будам. Аммо ба вайронкориҳо не, ба ободкориҳо...

– Барои чӣ хонаи худатро ба мактаб надода, ҳавлии маро таки по кардӣ?

– Агар бисёр донистан мехоҳӣ… дар хонаи ман ҳоло идораи калхоз.

– Ин хел бошад, язнаат Юнус албатта бадарға шудагист? Вай ҳам ба монанди Саидназари мо деҳқони хокпош буд, камбағал буд.

– Рост, язнаи ман деҳқони хокпош, камбағал. Лекин Саидназари ту...

– Чӣ Саидназари ман?!

– ...каждуми таки бӯрё! Вагарна ҳар ду барзагавашро аз тарси калхоз кушта, дар порухона гӯр карда, ба номи марди деҳқон, мӯъмину мусулмон иснод намеовард.

– Хуб кардааст!

Анвар даст афшонд.

– Хуб ё бад, дар ҳар сурат ҷазояшро дид.

– Яъне ки Саидназар *рафту* Юнус гаштааст?

– Киро бадарға кардан лозим, киро не – халқ мегуфт. Барои ҳамин язнаи ман сиҳат-саломат. Вай имрӯз раиси калхози Нилу.

Усмон Азиз, аз чашмонаш гӯё шарора парида, маҷбур сукут меварзид.

– Хуллас, ки дунё дигар шуд, – акнун қадре ором суханашро идома дод Анвар. – Бинобар ин дар он деҳае ки як бор ба рӯяш туф карда будӣ, дуюмбора нанамоӣ… ҳазор маротиба беҳтар.

– Ман ба зодгоҳам не, ба афту башараи ту лаин туф мекунам! – дод зад Усмон Азиз ва дандон фишурда, чобук аз ҷой хесту ба як ҷаҳидан ӯро аз гиребонаш гирифта, мушт бардошт. Вале ҳамоно аз шасташ гашт. – Садқаи сояи дастам шавӣ ту бебасар! Садқаи меҳру муҳаббатам шавӣ... – Пас вазнин ба Қурбон рӯй овард. – Бар ин намакзадаро!

Анвар ҳам, ғазабаш ҷӯшида:

– Хоин... – гуфт ва панҷаи дасти сиҳаташ гиреҳ, музтар монда, сахт ва аламнок лаб газид.

– Ман хоин, ё ту гандамағз – фардо дар чашми пурхунат нишон медиҳам! – нешханд кард Усмон Азиз ва боз ба Қурбон нигарист. – Банд ӯро! Маҳкамтар банд!

– Ҳозир...

Баъде ки хизматгораш Анварро ба дастони аз нав дар пушт баста пеш андохта бурд, Усмон Азиз гузашта дар ҷои худ нишаст; ба оташ ҳезум партофт. Ва ба дуди тунуку забонаҳои сурхи он нигариста, гаранг ба хаёл рафт.

Гирдаи маҳтоб роҳи азалии хешро дар сафҳаи осмон ҳамчунон давом медод. Аз равзани кулбаи сангин ситорае бисёр дур ва хира метофт.

## 11

Таманно ин саҳар ҳам рӯз сафедӣ задан баробар аз хоб хеста, калбузро дӯшиду зуд ба кӯча ҳай кард ва дарвозаро баста, бузғолаҳои беқарорро ба сабзазори поини ҳавлӣ ронд. Шири дӯшидаашро пухт, айвонро тоза рӯфта, барои модари дардмандаш, ки инак оҳу воҳкунон дастурӯй мешуст, дар чойҷӯш об ҷӯшонд. Ва нохост берун аз ҳавлӣ садои суми аспу боз ҳар гуна овози мағшушро шунида, дилаш дар изтироб тапид. Нахустин хаёле ки ба сараш зад, *Анвар омадагист* буд.

Аз ин рӯ вай чойники ҷумакаш пайванднокро дар пеши оташдон гузошта, аз суфаи таки айвон тохта фуромаду худро болои як тӯда санг гирифта, аз сари девори боду бороншуста ба кӯча нигарист. Ва...

Шах шуд!

Бале, Анвар *омадааст*, аммо дар чӣ ҳоле! Савори ҷирани зебояш, ӯ дар байни Усмон Азизу Қурбон ва боз як нафари ба Таманно ношинос, ки ҳама аспу силоҳ доштанд, чун асири ҳақир сархаму лоилоҷ мерафт. Имоми масҷиди деҳа мулло Салим, ба даст асо, дар рикоби Усмон Азиз даббадабба қадам монда, фаши саллааш гоҳо алвонҷ хӯрда, ба вай чиҳое мегуфт; яқин гап маъқул мекард.

Аз пушту паҳлуи саворон ду-се каси дигар низ саросема дар ҳаракат буданд.

Офтоб нав рух менамуд.

Таманно, ба ҳоли Анвар раҳмаш омада, дар сурате ки дасту пояш меларзид, то дар хамгашти кӯча пинҳон гардидани онҳо дар дил «ин чӣ кор буд, барои чӣ?..» – гуфта, аз қафояшон нигоҳ карда истод. Сипас тозон худро беруни дарвоза гирифт. Ва ҳамон хел тозон тангкӯчаро гузашта, ба ҳав-

лии Юнус расид.

Сахт-сахт нафаскашиву ваҷоҳати имдодталаби ӯро дида, хоҳари Анвар тарсид.

– Чӣ воқиа рӯй дод? – зуд пурсид вай, ки кӯдакашро аз гаҳвора кушода, шир мемаконд.

– Ҳе-еҷ... – гуфт Таманно ба андешаи он ки агар Сабоҳат асири Усмон Азиз гардидани додарашро ногаҳон шунавад, шираш мегурезад, ё ба худаш ягон ҳодиса мешавад.

– Гап зан, охир! Барои чӣ ранги рӯят парида? – дуюмбора пурсид Сабоҳат.

Вале дасту пояш карахт, Таманно дандон ба дандон гузошта, хомӯш меистод.

Ниҳоят, дигар тоб оварда натавониста, вай ночор гирист; китфонаш ларзида-ларзида, ҳунгосзанон гирист.

– Юнус-ака дар куҷо?

Сабоҳат, аз ин ҳоли духтар лоҷарам ба дилаш алав ғалтида, мутаҳайир гуфт:

– Ним соат пештар харашро савор шуда баромад. Дашти Пойгаҳҷо рафта, аз ҷуфтгарон хабар гирифтан мехост. Намедонам... ё ҳозир дар идора бошад... О гап зан, ту ба вай чӣ кор дорӣ?

Таманно, ки ҳамчунон мегирист, ҷавобе надод, фақат:

– Ҳеҷ... – гуфту Сабоҳатро дар хонааш побанди сад хаёл мушавваш гузошта, бозпас кӯча баромад.

Вай рӯ ба ҳавлии Соро-хола оварда, бало рӯфтагӣ барин шитобон мерафт, гоҳо тохта мерафт. Аммо... даричаи ҳавлӣ, ки порсол инҷониб идораи калхоз буд, қуфл дошт.

Офтоб акнун қади найза баланд шуда, ба сар то сари деҳа нур мепошид.

Таманно дар пеши даричаи маҳкам истод-истоду фиғонаш бадтар боло гирифта, даршаст қафо гашт. Ва то охири тангкӯча расида, чанд боғро ба суръат гузашта, дар пушти ҳавлии Усмон Азиз таваққуф кард. Дили бирёнаш сахт-сахт тапида, мадори дасту пояш хушк мешуд. Анвар, умеди зиндагиаш Анвар, ситораи дуру осмони бахташ, орзуҳои ширини шабгираш...

Вай чӣ хел ба чанги ин гургони одамхӯр афтидааст?

Аз рӯи ҳавлӣ пасту баланд овозҳо мебаромаданд. Таман-

но ларзаи дасту пояшро каме фурӯ нишонда, аз рахнаи девор ба дарун нигарист. Лекин нигоҳаш Анварро наёфт. Усмон Азиз дар лаби суфа ба сутуни айвони баланд такя карда менишаст. Муаллими деҳа, ҷавони газгӯшти сиёҳчарда Каромат, ки аслан аз Дизак буда, қариб як сол муқаддам дар ҳамин ҷо, дар ҳавлии Усмон Азиз, ба маслиҳати Анвар худаш мактаб кушода, бачаҳоро дарс медод, дар ҳалқаи мулло Салим ва чанд нафари дигар ба вай рӯбарӯ меистод.

Усмон Азиз бештар ба мулло нигоҳ карда, ором чизе мегуфт. Ҳозирон низ гоҳ-гоҳ овоз мебароварданд. Вале онҳо чӣ гап мезананд, Таманно шунида наметавонист: ӯ тахмин дусад қадам дуртар, дар поини ҳавлӣ буд.

Анварро куҷо кардаанд?

Чаро вай наменамояд?..

Таманно як пешомади бад, як фоҷиаи вазнинро, ки мебоист ҳатман рӯй диҳад, гӯё ба мағз-мағзи вуҷудаш эҳсос намуда, дилаш боз таҳ кашид.

Ҳамин вақт дар саҳни ҳавлӣ хоҳари Усмон Азиз – зани Саидназари муштамзӯр Ороста пайдо шуд. Вай тозон омада, ба пои бародараш ғалтид; чун навҳагар якбора фиғон бароварда, яқин аз тақдираш шикоят мекард Ороста. Ва талх мегирист. Баъд парида аз ҷой хесту ба гиребони Кароматӣ муаллим чанг андохт. Аммо бародараш чизе гуфт, ки ӯро даррав ба ҳоли худ гузошт.

Таманно аз ин манзара сахт метарсид. Андеша дошт, ки ногузир ягон воқиаи қабеҳ, фарҷомаш эҳтимол нангин, ҳатто хунрезӣ рӯй медиҳад.

Куҷост Анвар?..

Ана, ана вай! Бархост, то ҳол дар пушти сутун менишастааст. Дар паҳлуяш ҳамон савори девсурати ба Таманно ношинос. Дар даст камон дорад, худаш қадбаланд, ҳайкали сиёҳ барин...

Таманно ларзид, гирист, ба хонаи дилаш гӯё панҷаи оҳанине дафъатан фишор овард; қариб буд, ки пеши нафасаш баста шавад.

Вай боз ба Анвар чашм дӯхт: сараш луч, кулфатгазидаро мемонд. Дар муқобили он барзангӣ ноустувор истода, гоҳ-гоҳ ҳарф мезад. Аммо сухани ӯро Таманно намешунид.

Чӣ мегӯяд?

Чӣ мегӯяд Анвар?..

Ягон роҳу равиши мувоффиқ, ягон илоҷи наҷот ёфтан лозим. Вагарна... аз ваҷоҳати онҳо маълум, ки ба Анвар осеб мерасонанд, яқин азобаш медиҳанд. Муаллим ҳам беҷазо намемонад... Тиру туфанг доранд лаънатиҳо!

Таманно дуру дароз ба сӯи Анвар нигарист; дилу ҷигараш сӯхта, ғарқоби хун шуда, ба ашки шашқатор нигаристу нигарист. Лекин чеҳраи гарми ӯро, ифодаи чашмони ҳамеша меҳрубони ӯро равшан дида натавонист.

Чӣ кор кунад?

Кӣ ба дардаш даво мешавад?..

Вай дар пушти девор боз каме истод. Ва ашки сӯзонашро дар азоб фурӯ нишонда, ҷонсарак ба раҳи омадааш баргашт.

## 12

Вақте Усмон Азизу ҳамроҳонаш Анварро пеш андохта, дар иҳотаи мулло Салим, ки аз ғояти хурсандӣ қад-қад мепарид, ва се-чор ҳангоматалаби дигар аз дарвозаи баланди дутабақа ба ҳавлӣ даромаданд, Каромат муддате қабл аз хоб хеставу дастурӯй шуста, акнун либос мепӯшид. Вай садои суми асп ва омехта ба он боз як ғалоғуларо шунида, ҳамоно ба айвон баромад. Баромаду аввал саворони мусаллаҳ, Анвари сарлучу шимаш хунолуд, имоми масҷиду чанд деҳқони ба қавли одамон аз калхоз безорро дид. Сипас ногаҳон ба теғи нигоҳи Усмон Азиз дучор омад.

– Ҳамин, он ҷавонмаргзеб ҳамин! – риши тунукн зардинаашро ларзонда, ба овози борики каме хиросӣ қариб чирас зад мулло Салим.

Онҳое ки раҳорах аз қафои саворон кашола шуда, акнун мунтазири давоми ҳодиса меистоданд:

– Рост, ҳамин, – гӯён сухани ӯро тасдиқ карданд.

Усмон Азиз ба чашмони ҳайрони Каромат ҳамчунон дарғазаб муддате нигоҳ карду:

– Ту кистӣ? Дар ин ҳавлӣ чӣ наҷосат мехӯрӣ? – гуфта, дар даст қамчин, аз сиёҳмушкин чобук фуромад.

– Аз гапи ана он муллои беимон маълум, ки ҳоло кӣ будани маро хуб медонӣ, – ба зудӣ ҳушашро ғундошта, далер

ҷавоб гардонд Кароммат.

– Нагуфтам, нагуфтам, кӣ ин кофир худашро дар Ннлу ҳокими мутлақ меҳисобад! – ба нӯки асояш заминро кӯфта, боз фарёд кашид мулло Салим.

– Ман аз ту наҷис пурсидам: дар ин ҳавлӣ чӣ наҷосат мехӯрӣ? – такрор кард Усмон Азиз ва пештар рафта, ба китфи ӯ, ки таки курта буд, бебаркаш қамчин фуровард. – Гап зан, мардумозор! – Вай дубора даст бардошт. Ва ин дафъа ба рӯи муаллим як хати ғафси хунин давида баромад. – Ту худат маро шинохтӣ ё не?! Шинохтӣ ё не?!

Каромат аз зарбаи охирин сахт калавид ва бари гӯшашро дошта, лаҳзае ба Анвар нигарист; маънидор буд нигоҳаш. Ноилоҷ монда, гӯё мепурсид: чӣ кор кунам?

– Натарс аз ин ватангадо! Дарандаи захмӣ барин аз таъқиби аскарони сурх гурехта, девона шудааст, – гуфт Анвар ва ҷаҳида аз ҷиран фуромад. Вале ба дарди ҷонкоҳи пояш тоб оварда натавониста, дароз ғалтид. – Натарс...

Қурбон тохта омад ва ӯро аз таки кашаш бардошта, дар паҳлуи сутуни айвон шинонд. Анвар аз зӯри дарду алам ва гирифтории залилона дандон фишурда, чашмонашро пӯшид; оҳиста ба он сутун такя кард. Усмон Азиз ба вай ғазаболуд як назар андохта, боз ба Каромат рӯй овард.

– Ку-у… гап мезанӣ ё не?

– Аз ту хӯрдаву бурда, чандон шарманда нестам, ки гап назанам, – гуфт ӯ ва рост ба қиёфаи бераҳми Усмон Азиз нигариста, дасташро аз бари гӯш гирифт.

– Пас шинохтӣ маро?

– Шинохтам. Ту Усмон Азизи гуреза, як оворагарди ғурбатзада. Вақтҳои бачагиам туро ду-се бор дар Дизак дида будам. Аспсавор мегузаштӣ...

– Гурезаву ғурбатзада будани ман ба худам, падарлаънати бедин! Нағзаш... ту ҳоло гӯй, ки чӣ тавр натарсида, хонаву дари маро таки по кардӣ? Ё ту ва ба сони ту ифлосҳо гумон мебурдед, ки ман гашта намеоям?

– Ҳар чиз аввалу охир дорад. Аз ҷумла зулму тааддӣ ҳам... Ту, ки аввал мардуми камбағалро шабу рӯз хар барин кор фармуда, соҳиби таноб-таноб замину рама-рама гӯсфанд шуда, қатор-қатор хонаву дар сохта, оқибат думатро хода

кардӣ, мо ҳам як қисм ҳаққамонро гирифтем.

– Мо гуфта, киҳоро дар назар дорӣ?

– Ҳамонҳоеро, ки дар гармову сармо аз пушти чорвои ту гашта, шикамашон нони серӣ намедид. Ҳамонҳоеро, ки ба ном замини туро кишт карда, яктаашон ҳаргиз дута намешуд. Ҳамонҳоеро, ки...

– Забонатро каш, ҳаромӣ! – нохост сухани ӯро бурида, байни лабу дандон гуфт Усмон Азиз, ки аз ғояти қаҳр кунҷи даҳонаш каме мепарид.

– Худат ҳаромӣ! – гуфт Каромат ва ҳамон лаҳза ба китфи дигараш тозиёна хӯрда, такрор кард: – Ҳаромӣ худат!

– Гиред ин бебунёдро! – ба қафо нигариста, фармон дод Усмон Азиз.

Ғуломҳусайн дар як чолокии ваҳшиёна ба таки айвон баромад ва Кароматро аз мӯйсараш қапида, ба поини суфа кашид. Дар он ҷо мулло Салим:

– Боз занҳо барин кокул монда мегардад ин дӯзахӣ, – гӯён ба буни гардани муаллим асо зад.

– Нарас, нарас ба вай, пири беимон! – вазнашро ба як пой андохта, дар азоб бархост Анвар.

– Дар ҷоят шиштан гир, писари гадо! – ҷавобан ба ӯ гуфт мулло Салим. – Ҳоло навбати ту ҳам меояд. Аслан ба ин бетартибиҳо нахуст ту балоангез гунаҳкорӣ.

Усмон Азиз ба маънии *кифоя*... ба сӯи имом назар партофт ва баъде ки вай зуд лаб фурӯ баст, рафта аз пеши сутуни дигар дар канори суфа нишаст.

Мулло Салим, одамони ҳамроҳомада – як нафари онҳо, марди чорпаҳлуи тоқии гулдӯзӣ дар тори сар, ки Ҳомид ном дошт, порсол, ҳангоме дар Нилу калхоз месохтанд, ба Анвар кашмакаш карда буд, – инчунин Қурбон ва Ғуломҳусайн дар атрофи Каромат аз пушту паҳлуяш нимдоира гирифта меистоданд. Усмон Азиз рӯбарӯ менишаст. Муаллим дар ҳалқаи онҳо чӣ илоҷ ёфтанро намедонист; музтар буд. Вай дар алам меандешид, ки ин душманони бераҳм аз куҷо пайдо шуданд? Бародархондаш Анвар чӣ гуна ба дасти онҳо афтидааст? Ҳомид, минҷумла дигарон... чӣ мехоҳанд аз чунин ҳангома? Ва ҳоло бачаҳои мактабхон омада, наметарсанд магар?

Ниҳоят Усмон Азиз фаши саллаашро қафо партофта, боз ба Каромат нигарист.

– Хуб, аз шаккокиат намемонӣ?

– Ман шаккокӣ накардаам. Ҳақиқатро гуфтам, – ҷавоб гардонд Каромат.

– Ба ту хонаи маро кӣ нишон дод?

– Худам медонистам.

Анвар инро шунида:

– Ман нишон додам! – гуфт аз ҷои нишастааш. – Мустаҳкам, васеъ, базеб. Хулоса, муносиби мактаби нав...

Лекин Усмон Азиз ба вай эътибор накарда, боз пурсид:

– Аз Дизак бошӣ, писари кӣ мешавӣ?

– Пурсиданат бефоида, – гуфт Каромат. – Аздусар падари маро намешиносӣ. Вай як деҳқони нодор буд, ҳаддашро медонист. Дар замини ту барин одамони доро чоряккорӣ карда, базӯр зинда мегашт.

– Намешиносам?

– Не, ту фирқаи ба мисли худат сарватмандро мешиносӣ. Падари ман... камбағал буд вай. Шояд саломашро алейк ҳам намегирифтӣ.

– Ха-йр, – гуфт Усмон Азиз ва лаҳзае хомӯш монда, ба мулло Салим муроҷиат намуд: – Имом!

– Лаббай, тақсирам! – дар пои қоқаш кафшҳои чӯбин, филҳол як қадам пеш монд ӯ.

– Ба молу мулки бандаи худо чашм ало кардан аз рӯи шариат аст?

– Ҳаргиз!

– Агар як мусулмон ба мусулмони дигар, хоҳ дар ғайбаш ва хоҳ дар ҳузураш, чунин беинсофиро раво бинад, ба вай чӣ тариқ ҷазо додан мумкин?

– Хаққаш – куштан!

– Ҳамин боғу ҳамин иморат аз они ман буданд?

– Бале, – гуфт мулло Салим, чун рӯбоҳи гурусна дар назди шер, зуд таъзим карда.

– Албатта аз они шумо, – ба ишораи тасдиқ калла ҷунбонда, овоз баровард Ҳомид низ.

– Пас муҷозоти ин сагбачаро таъин кунед.

– Гуфтам-ку, тақсирам: ҳаққаш – куштан. Ҳа-а... бе ягон

чуну чаро фақат куштан, – такроран даст ба пеши бар гирифт мулло Салим.

– Ман аз мурдан наметарсам, – гуфт Каромат, сари синаашро бардошта. – Лекин ҳукумати шӯро бедарвоза не. Шумо ҳам беҷазо намемонед; имрӯз набошад, пагоҳ ҳатман ба ҷаҳаннам меравед.

– Не-е, – заҳрханд кард Анвар, – аз афти кор инҳо гумон доранд, ки боз давру давронашон мерасад... аз сари нав сутуни осмон мешаванд. – Баъд ғазабаш ҷӯшида, ба як ишораи дасти сиҳаташ миёни ҳар ду пои худро нишон дод. – Ана! Хобатонро рафта ба об гӯед!

Ҳамин дам:

– Акаҷон! Пушту паноҳам, нури чашмонам, қуввати дилам, акаҷонам, акаҷон! – гӯён дар саҳни ҳавлӣ Ороста – хоҳари Усмон Азиз пайдо шуд.

– Бечора... хуб азоб дид, – гуфт мулло Салим, ба Усмон Азиз шунавонда.

Ороста ба тоз дар пеши пои бародар зону зад.

– Шуморо ҳам медидагӣ рӯз будааст, акаҷон! Мо радди маърака шудем, хор шудем. Язнаатон нест... бурданд, бадарға карданд. Бачаҳоям дар рӯи хона ҳайрон монданд. Худам ниммурда, овора...

Вай акнун сар ба зонуи бародараш гузошта, кӯдакввор шӯр мегирист.

Усмон Азиз, ки хоҳарашро ногаҳон дида, ҳатто фурсати аз ҷой хестан наёфта буд, ба китфони ларза гирифтаи ӯ дасти навозиш бурда:

– Ҳеч қисса не, ҳамааш мегузарад, – гуфт. – Сиҳат бошӣ, сад шукр.

– Албатта, акаҷон, албатта... – ҳиққосзанон ашкашро фурӯ нишондан мехост Ороста. – Янгаам нағз? Духтару писаратон сиҳат-саломат? Барои чӣ онҳоро наовардед?

Усмон Азиз, то ки сир бой надиҳад, табассум кард. Аммо табассумаш маҷбурӣ ва ҳазин буд.

– Ту ғам нахӯр, хоҳарам, ҳоло мебиёрам. Мебинӣ... Ҳар кор ба вақту соаташ.

Ороста як зани тахмин чилсолаи фарбеҳ буд. Вай сарандози сурхашро, ки каме қафо лағжида, мӯи тор-тор сафедаш-

ро намоиш медод, ба пешонӣ кашида:

– Мурам ба акаҷонам, – гӯён гирду атрофро аз назар гузаронд ва чашмаш ба Кароматˌафтидан замон тохта аз ҷой хест. – Ана ҳамин падарлаънати кофир ҳавлиатонро номаҳрам кард. Гир, бар гуфта, баъзе чизу чораатонро бароварда партофт. Ба зориву таваллои мани муштипар гӯш надод.

Ороста инак ба гиребони Каромат чанг андохта буд.

– Нарас, ту нарас! – гуфт Усмон Азиз. – Дастатро олуда накун... Ҳисоби вай алоҳида.

Хоҳараш, дар қабза нисфи гиребон, муаллимро ба ҳоли худ гузошт. Сипас он латтапорараро дар нафрат ба таки пояш партофта, рӯ ба Анвар овард.

– Ҳама касофат аз ҳамин шушкихӯри дари хонаатон, акаҷон! Вай мори думбурида будаасту мо бехабар.

Анвар аз ин гапи ӯ дарди захмашро қариб фаромӯш карда, гашта аз ҷой хест.

– Хайр, бас, ором шав, – гуфт Усмон Азиз ба хоҳараш ва фурсате андешанок ба сукут рафта, мулоим пурсид: – Саидназарро кай бурданд?

– Тирамоҳ... Калхозсозӣ омада буданд. Ана вай... – ба сӯи Анвар ишора кард Ороста, – боз як чарминапӯши дигар... пеш андохта, саҳари мардон бурданд.

– Кӣ буд, нашинохтӣ?

– Не, нашинохтам. Қадаш баланд, тануманд... мӯйлаби зардчатоб дошт.

– Мусулмон?

– Ҳа, тоҷик буд. Алам мекунад, ки фарзанди мусулмони худамон буд.

– Занғар ба дастам меафтид... – дар ғазаб ба сари зонуяш мушт кӯфт Усмон Азиз.

– Чӣ кор мекардӣ? – гуфт Анвар, ки ҳамон рост меистод.

– Зинда ба зинда пӯст мекандам!

– Аз ҳавои даҳанат санги осиё мегардад. Лекин... – дандон фишурд Анвар. – Пӯст меканӣ, а! Агар донистан мехоҳӣ вай кӣ буд, ман ба ту мегӯям.

– Хайр, шунавем.

– Аваз Карим буд вай. Ҳамон бои машҳур, ки...

– ...ҳамроҳи писаронаш ба чор бандаи мӯъмин ҷанг ме-

кард? – сухани ӯро бурида, идома дод Усмон Азиз.

– Бале, худи худаш! Вай ҳоло сардори милиса. Ва ту ҳеҷ гоҳ пӯсташро канда наметавонӣ.

– Ҳамон? – гуфт ӯ ба тамасхур. – Ҳамон аҳмақ сардори милиса?!

– Бале, ҳамон Авазбой... Ҳамон Аваз Каримов, ки ҳаргиз аҳмақ набуд.

Усмон Азиз бархост.

– Авази ҷанҷолӣ, гаҷур, Авазбой… Пас дунё эҳтимол фалаҷ шудааст, – гуфт вай, қамчинро ба соқи мӯзааш хаста. – Дирӯза сарватманд имрӯз одами ҳукумат... Охир, шумо ба номаш бой душман будед-ку?

– Аввало ин ки дунё фалаҷ нашудааст, баръакс – дунё нашъу намо меёбад. Сониян, Аваз Карим одами баақл будааст, бавиҷдон будааст. Сари вақт фаҳмид, ки босмачиҳо кистанду ҳукумати шӯро чист. Вай ту барин қайсарӣ накард, дуздвор нагурехт. Балки ҳама гуноҳашро ба гардан гирифта, мардона узр пурсид. Пулу моли зиёдатиашро ба мардуми камбағал бахшид. Худаш бар зидди душманони инқилоб то ҳадди имкон мубориза бурд. Ва ҳукумат ҳам огаҳона ба қадраш расид.

– Бо вуҷуди ин дунё фалаҷ шудааст, – гуфт Усмон Азиз, даст ба пушт, як оҳи вазнин кашида. Пас ба Қурбон нигарист. – Баред инҳоро! Дасту пояшонро баста, дар оғил маҳкам карда монед...

Баъде ки хизматгораш ва Ғуломҳусайн муаллиму Анварро пеш дароварда, ба тарафи дарвозахона бурданд, вай аз нав дар ҷояш нишаст. Мулло Салим, Ҳомид, инчунин се нафари дигар... ба қавле дар гирдаш парвона буданд. Хоҳараш-ку аз ғояти шодӣ чӣ кор карданро намедонист. Ҳар замон «акаҷонам, акаҷон...» – гуфта, гоҳ ашки дидор резад, гоҳ механдид. Усмон Азиз ӯро ба меҳр тасаллӣ медод, аз саломатии бачаҳояш мепурсид, хешу табори дуру наздикашонро ба ёд меовард. Тавонам-натавонам лабханд менамуд.

– Монда шуда омадед, тақсирам. Албатта гушна ҳам будагистед. Ягон обу ош кардан лозим, камтар дам гиред, кӯфта раҳ бароред, – гуфт мулло Салим.

– Набошад чӣ, дам мегиранд, иншооллоҳ, орому осуда

мешаванд, – бархост Ороста. – Аввал ман ду-се кӯрпача биёрам, гилем биёрам...

– Ман ҳам як хона равам, – гуфт Ҳомид, сабук сурфидаву беихтиёр мӯйлаби ғулиашро тофта.

Ва Усмон Азиз ба мулло Салим ва ду каси дигар танҳо монд. Он ду тан деҳқони миёнаҳол буда, ҳар кадоме чилпанҷоҳтаӣ гӯсфанду ҷуфти барзагав доштанд. Вале овозаи «калхоз месохтаанд, ҳама баробар мешудаанд»-ро шунида, молу ҳолашонро пинҳон карда, худро ба камбағалӣ заданд ва монанди Ҳомиду боз чанд соҳиби хоҷагӣ қатъан ба сафи аъзои калхоз надаромаданд. Онҳо дар сухан ҷонибдори ҳукумат бошанд ҳам, дар амал мекӯшиданд, ки аз рӯи тавон ба вай халал расонанд. Инчунин фурсат мепоиданд – рӯзе агар Иброҳимбек ё дигараш омада, такроран ғазо эълон кунад, дарҳол ба тарафи ӯ гузашта, бахташон хандад, боз ба даврони «худам шоҳу табъам вазир» мерасанд.

Солҳои охир дар деҳа ягона маслиҳатгари онҳо ҳамин мулло Салим буд. Вай аз гӯру қиёмат ҳарф зада, бадард мегуфт, ки аз паи қадами лаънатӣ куффор мулк касиф гардид, баракат аз байн рафт... Лекин ҳамааш мегузарад, мардони баномусамон, худо хоҳад, дар муқобили пойлучон боз ҷангу ҷидол карда, зинда монанд – ғозӣ, кушта шаванд, шаҳид ном мебардоранд. Шумо фақат ҳушёр бошед, ба ҳеҷ ваҷҳ намонед, ки калхоз қувват гирад... Аз ин рӯ онҳо, дарси мулло Салим дар гӯш, кай рӯзе мерасаду ба Анвар барин одамони *наҳс* ҳисобамонро баробар мекунем гуфта, дарун-дарун сӯхта мегаштанд.

Ниҳоят имрӯз… дар кӯчаи деҳа Усмон Азизро савори асп, силоҳ дар бар, ғолиб ва Анварро асиру ҳақир дида, аз дунболи маслиҳатгари худ мулло Салим зуд ба ин ҷо омаданд. Ва ҳоло чашм аз даҳони Усмон Азиз наканда – вай онҳоро албатта нағз мешинохт, – фаҳмидан мехостанд, ки дар дунё чӣ гапи нав ҳаст, Иброҳимбек чӣ аҳвол дорад, боз кай мусулмонободӣ мешавад.

Аммо Усмон Азиз на танҳо дар ин хусус гап намезад, балки тамоман хомӯш менишаст; ба абрувонаш чунон гиреҳ андохта менишаст, ки гӯё мотам гирифта буд.

Қурбон ва Ғуломхусайн як-як қадам монда, аз тарафи

оғил баргаштанд.

– Қуфл кардед? – пурсид Усмон Азиз.

– Ҳа, – гуфт Қурбон.

– Дасту пояшонро бастед?

– Ба-алее, – ғурунгид Ғуломҳусайн.

Ва ҳамин лаҳзаро барои оғози пурсуҷӯ мувофиқ дониста:

– Душман агар аз байни худиҳо барояд, ҳаққаш бе чуну чаро куштан, – гуфт яке аз он ду деҳқон.

– Рост, ба якта-нимта бандаҳои хомхаёл ибрат мешавад. Оқибат дониста монанд, ки ба шумо барин инсони худодода бозӣ кардан осон набудааст, – лаб лесида, дар тамаллуқи ошкоро гуфт шарикаш.

– Аслан ҳар дуяшро ҳам ба ҷаҳаннам фиристодан лозим! – оҳанаки нӯки асояшро сахт ба замин хаста, хушнуд гуфт мулло Салим.

Вале Усмон Азиз ба сухани онҳо эътибор надод. Дар ҳолате ки аз ваҷоҳаташ гӯё барфу борон мерехт, ҳамчунон хомӯш монд. Яқин чӣ андешае дошт; дар чашмони хастааш ифодаҳои ҳузн, ташвиш ва боз як чизи ба таассуф монанд акс ёфта буданд. Ин вазъи ӯро дида, акнун ҳозирон низ сукут меварзиданд.

Усмон Азиз шишта-шишта, ниҳоят ба мулло Салим муроҷиат намуд:

– Як-ду одами дилпур ёфтан даркор.

– Ана одамони дилпур, ҳам Халил, ҳам Ато... – ба шариконаш ишора кард ӯ ва аз нав ба Усмон Азиз нигариста, пурсид: – Чӣ хизмат буд?

– Хизмат ин ки ду нафар ба дидбонӣ бароянд. Яктааш дар домани деҳа, дигараш дуртар аз вай то саҳар раҳбон шуда, ҳеҷ касро берун рафтан намонанд. Агар ба Нилу ягон одами шубҳанок дарояд, ё махсусан... аз дур бошад ҳам, саворони ношиносро бинанд, бетаъхир ба ман хабар расонанд. – Усмон Азиз даме лаб фурӯ баста, ба оҳанги узр илова намуд: – Қурбони худамон маҷрӯҳ, *инаш* пасту баланди атрофро билкул намедонад...

– Мо ба хизмат тайёр, – гуфтанд дар як овоз Халил ва Ато.

– Тир зада метавонед? – пурсид ӯ.

– Кадом кӯҳистонӣ ба камон муомила карда наметаво-

над?! – гуфт Халил ба табассуми хунук.

– Албатта метавонем, – гуфт Ато низ.

Усмон Азиз ба сӯи Қурбон чашм партофт.

– Хез, аз силоҳи ғанимат гирифтаамон ба инҳо яктаӣ биёр. Алалэҳтиёт...

Қурбон худи ҳамон лаҳза ба Халил ва Ато, ки бағоят хурсанд менамуданд, чанд дона тир ва дута туфанг оварда дод; онҳо қаноатманд баромада рафтанд.

– Ҳар ду ҳам марди ҳушёр, – фаҳмонд мулло Салим.

– Лекин гумон мебарам Халил маккор аст, – гуфт Усмон Азиз. – Бисёр...

– Комилан! Вай, охир, дар ҳафтодсолагии падараш ба дунё омада буд.

– Ин гапатон чӣ маънӣ дорад? – ҳайрон шуд ӯ.

– Маъниаш – беҳуда нагуфтаанд: гург агар пир шавад, рӯбаҳ мезояд. Падари вай, раҳматӣ, аз гург бадтар буд. Деҳқонӣ ҳам мекард, чӯпонӣ ҳам мекард, мардикорӣ ҳам мекард, дуздиву занозанӣ ҳам мекард. Хуллас, ки аз қабристон гузарад, устухон мебурд.

Аз чунин тафсир ба лабони Усмон Азиз саҳле табассум давида, ҳамоно нопадид гардид.

– Хайр, худатон чӣ тавр? Саломатӣ, бачу кач? – пурсид мулло Салим.

– Бад не, – кӯтоҳ ва ба дили нохоҳам ҷавоб гардонд Усмон Азиз.

– Ин қадар сол дар куҷоҳо будед?

– Чӣ фарқ дорад?! – гуфт ӯ як қадар дурушт.

– Ҳамин хел... ба иродаи замир... аз дари сидқу сафо пурсидам, – даступо хӯрда, китф барҳам кашид мулло Салим. – Пазмон шудем.

Усмон Азиз заҳрханд кард ва дигар чизе нагуфта, оҳиста бархост. Азбаски ин мӯйсафеди муғамбир, дар лофу газоф беустухон ва дасташ қалбро аз айёми ҷавонӣ бад медид, ғашаш омада, ҳатто даст афшонд. Ва ба андешаи «чӣ илоҷ, аз беамакӣ харро амак гуфтаанд» пеш рафта, дари аввалин хонаро кушод, ки холӣ... Онро пӯшида, ба дари вози хонаи дуюм сар халонд ва чашмаш ба як бистари нағундошта, як сандалӣ, ки дар болояш чанд китобу дафтар ва чароғи кара-

сини шишааш ҳафтум меистоданд, инчунин ба як ҷомаи дар мехи девор кашол афтид.

«Ҷои хуфту хезаш», – нафратомез аз дил гузаронд Усмон Азиз ва аз *бисоти* муаллим рӯй тофта, ба хонаи дигар рафт; вай дар замонаш меҳмонхона ном дошт... Ба мизу харакҳое ки аз ҳар намуд чӯбу тахта шояд дар шитоб ва тавонам-натавонам сохта буданд, каме зеҳн монда истод. Сипас ба болору лӯлавассаҳои мустаҳкам нигариста, пичирос зад:

– Инаш ҷои сабақ.

Ва ҳамон дам дарду озораш боло гирифта, вай хост ба Ғуломҳусайни гавзӯр фармояд, ки ҳама мизу харак ва тахтаи сиёҳи дар пешгаҳ овезонро бароварда, дар саҳни ҳавлӣ оташ диҳанд. Вале ба сараш фикри тозае омаду аз нияташ гашта, ба хонаи чорум ҳатто нигоҳ ҳам накарда, тарафи болохона рафт. Аз поғундаҳои чӯбин баромада, дар ҳолате ки дилаш аз ғояти ҳаяҷон ба шиддат метапид, дари кандакории онро гарму нарм кушод. Аммо болохона ҳам ғариб ва холӣ буд, аз гилему сандуқ ва кӯрпаву болинҳои писандида осоре наменамуд.

Усмон Азиз дар канори дар гӯё шах шуда меистод. Хотироте ки ӯ вобаста ба ин хона дошт, басо ғамангез буданд. Додари орифаш Сулаймон охирин бор аз ҳамин ҷо хеста, ба ҷанги куффор рафт. Хабари марги вай падари худотарсашро оқибат дар ҳамин ҷо обу адо кард, модари меҳрубонаш низ дар ҳамин хона ҷон ба ҷаббор супурд...

Худи Усмон Азиз чӣ?

Пеш аз он ки ба газари ғурбат дарояд, чанд шаби дарозро ба сад хаёли мағшуш дар ҳамин болохона тани танҳо ба сар набурда буд магар?

Вай оҳ кашид ва дарро пӯшида, аз зинаҳо оҳиста-оҳиста поин фуромад; аз назди ҳезумхона, ошхона ва анбор гузашта, ба сӯи боғи аҷдодӣ рафт. Ҳаво соф буд, насими атрогин мевазид. Алаф то соқи мӯзааш мерасид. Токи пуштаҳо ҳанӯз барг набароварда буданд. Вале зардолу аз гул гашта, дарахтони себ акнун мешукуфтанд. Маълум, ки ин боғи калон бенигоҳубин мондааст, ҳатто токашро ҳам назадаанд. Боз дар назари Усмон Азиз чунин намуд, ки зардолуҳо кам шудаанд, чормағз низ...

Ё хато мекунад?

Не-е, рӯз барин равшан – аз ин ҷо якбора се дарахт буридаанд, ҳо аз он ҷо ҳам! Ба шаш тан чормағз аз такаш арра мондаанд.

Кори кӣ бошад?

Чӣ хел дасташ намешиканад?

Барои чӣ дар дӯзах намесӯзад нобакор?

Усмон Азиз аз байни алафу ҳар гуна гулҳои умрашон кӯтоҳ вазнин қадам андохта, нигоҳи бадардаш ташна, боғро чарх мезаду ҳоли табоҳи онро дида, оташи қасос дар дилаш бештар аланга мегирифт. Вай инро чашмдор набуд, хун рехтан ҳам намехост. Аммо... маҷбур шуд. Модом ки ба таъқибаш баромадаанд, модом ки хонаву дарашро таки по кардаанд... Усмон Азиз ба ҳимояи худ дигар сухан наёфта, боз оҳ кашид. Чӣ илоҷ? Фалак афканд ӯро ба кӯи номуродӣ. Боғ аст, ё ҳавлӣ… ҳар чӣ бошад, бесоҳиб ки монд, ногузир хароб мешавад. Кас агар шамшер бардорад, ҳатман ба шамшер бармехӯрад.

Пас чӣ ҳоҷат ба чуну чаро гуфтан? Вай хонаву дарашро ба ихтиёри худаш партофта рафт. Ба ин ҳам қаноат накарда, дар даст тиру туфанг, маҳз ба майли худаш бозпас аз дарё гузашта омад.

Лекин чаро, барои чӣ?

Аз куҷо сар зад хатои ӯ?

Ба чӣ сабаб авзои замонаро фаҳмида натавонист?

Шояд ҳирси ҷоҳу ҷалол чашмонашро кӯру ақлашро тира кард? Ё воқиан ҳам дар ғами миллат ва дину диёнат буд?..

Аммо бегумон ба рӯзи сахт афтид вай. Пушаймони сипас суде надорад, – мегӯянд дар урфият. Модом ки суд надорад, ҳоло туфи аз даҳон паридаро пас нагирифта, ғами фардоро хӯрдан лозим.

Усмон Азиз то поини боғ рафта, танаи баъзе дарахтонро хаёлманд ва ба меҳр сила карда, сараш андак хам, қафо гашт. Ва пештар омада, нохост дид, ки хоҳарашу бачаҳои ӯ, яке дар даст кӯрпачаву дигаре дар китф палос, сеюмӣ болин бардошта, инак дар саҳни ҳавлӣ қатор шудаанд.

Баъде ки дар таки айвони дароз ҷои нишаст ҳозир карданд, Усмон Азиз аз рӯбарӯи Ороста ва се хоҳарзодааш, пи-

сарбачаҳои аз нӯҳ то понздаҳсола… дар болои кӯрпача як болинро зери оринҷ гирифта, ба мулло Салим нигарист: вай дар канори палос чаққон зону зада, акнун нишастан мехост. Чашмони хурд-хурди зиракаш беқарор буданд.

– Ба шумо ҳам хизмат ҳаст, имом.

– Кошкӣ, тақсирам, – гуфт ӯ, фавран бархоста.

– Фаҳмед, ки Юнус... он *раиси* хонасӯхта дар куҷо.

– Шумо омадан баробар гуфтам-ку: вақти азон харсавор аз пеши масҷид гузашта рафт, саросема буд.

– Медонам, гуфтед. Лекин куҷо рафт, кай меояд, ин шабу саҳар намеомада бошад, дар куҷо мешавад, ба кӣ... – ҳамаашро оҳиста мефаҳмед.

– Хизмат аз мо, тақсирам, – гуфт мулло Салим ва даст ба рӯи сина гирифта, ғуломвор таъзим кард.

## 13

Соро-хола бетоқат буд, шаб-ку асло хобаш набурд. Симои дилосои Анвар аз пеши назараш дур нашуда, аз паҳлу ба паҳлу мегашт: ҳар гуна хаёлу тахминҳои яке аз дигаре бадтар азобаш медоданд. Вай ҳоло дар кадом кӯҳу дашт? Чӣ кор мекунад? Барои чӣ наомад? То кай ҳамин хел шабу нисфи шаб нагуфта, раҳми ҷони ҷавонашро нахӯрда, деҳ ба деҳу дара ба дара мегардад?

Воқиан, ду-серӯза меравам гуфта буд ӯ; роҳам то ба Нилу гуфта буд. Ин гапи писарашро фаромӯш кардааст Соро-хола – аз тарсу таҳлука, ё аз асари пирӣ... Вай боз чӣ кор дорад дар Нилу? Хоҳараш Сабоҳатро албатта дида меомадагист; Таманноро ҳам... Кошкӣ ба ягон фалокат гирифтор нашуда, сиҳат-саломат бармегашт! Лекин, охир, кӯза то кай лаби об рафта, нашикаста меояд?.. Э худои карим! Вай, кампири Соро, як муштипари умрашро дида, ошашро хӯрда бошад, ба писараш чӣ ёрӣ дода метавонад? Душмандор шуд Анвар. Ин тариқ… ба ҳар кас – аз рӯи меҳнаташ, акнун ҳама баробар гуфта, моли мардумро дар калхоз ҷамъ овардан гирад, яктанимта бою бадавлатро шумо ғаними одамони камбағал гуфта, ба куҷоҳо бадарға кунад, оқибати кораш чӣ мешавад? Худаш оё беосеб мемонад? Он дафъа дасташро зада шикаста буданд. Ба ин тарафаш...

– Тавба кардам ба даргоҳат, парвардигоро! – гуфт ҳамоно Соро-хола, гиребонашро дошта. Пас суфра оварда, дар як лагани хурд хамир шӯрид.

Вай, ки субҳи содиқ аз хоб хеста, дилаш сип-сиёҳ, хоҳамнахоҳам ташвиши хонаро медид, ҳоло, чоштгоҳон, лоилоҷ қарор дод, ки ду-се кампири қуръонхонро хабар карда, ба ёди Бибимушкилкушо ҳафт тоқа чароғ дармегиронад; шояд душвори писараш осон гардад.

Ин буд, ки Соро-хола дарзи ба чашмони камбин нимдӯхтаашро дар сӯе гузошта, аз паи хамир шуд. Ва дар ошхона алав карда, ду фатири дегӣ пухт. Аз сандуқ қадре мавиз баровард. Сипас ҳавлӣ ба ҳавлӣ гашта, се пиразани покизаро, ки ба онҳо дар муддати беш аз як сол камобеш унс гирифта, то ҳадде ҳолдон шуда буд, ба хонааш даъват намуд.

Пиразанҳо зуд омада, дар атрофи суфра давра оростанд. Аз пахта пилта бофта, ҳафт тақсим карданд. Ва онро ба равған олуда, болои санге гузоштанду оташ доданд.

Дар рӯи суфра акнун ҳафт тоқа чароғ месӯхт; ду-се мушт орд ҳам дошт суфра. Инчунин як ҷӯра фатири дегиву як каф мавизи аз сандуқ баромада низ ҳамон ҷо меистоданд.

Кампири лоғаре оят мехонд. Дигарон гӯшу ҳуш гардида, сархам ва хомӯш менишастанд. Ба овози паст ва якнавохти пиразан гоҳо «ҷаз-ҷуз» карда, маҳин даргирифтани ҳафт тоқа чароғ ҷӯр мешуд.

Ниҳоят ӯ лаб фурӯ баста, баробари ҳамсолонаш даст ба фотиҳа бардошт. Пас ба ҳикоят оғоз намуд.

Акнун Соро-хола ва ду кампири дигар ба чашмони маҳзун қиссаи Бобои хоркашро мешуниданд.

Ҳафт тоқа пилта то нисф сиёҳ гардида, дар рӯи санги лайс оҳиста месӯхтанд.

– ...Дар замонаш як мӯйсафеди камбағал будааст, – нақл мекард пиразани лоғар. – Вай дар бисоташ як духтар доштааст. Бечора мӯйсафед ҳар рӯз се пуштора хор кашида, дар бозор фурӯхта, барои худаш ва духтараш хӯрданиву пӯшиданӣ меёфтааст. Бинобар ин мардум ӯро ба эҳтиром Бобои хоркаш мегуфтаанд.

Фарзанди мӯйсафед коркун, баадаб, лекин сода будааст. Як саҳар духтари подшоҳ ба чанд канизаку чил дугонааш аз

кӯча гузашта, ба сайри кӯҳсор мерафтааст, ки вай, ба онҳо ҳавасаш омада:

«Иҷозат диҳед, ман ҳам равам», – гуфтааст ба падараш.

Бобои хоркаш розӣ нашуда, ваҷҳ овардааст:

«Дар ҷое ки шоҳдухтар бошад, ту барин фарзанди камбағал зинҳор бояд қадам намонад, вагарна ягон нохушӣ рӯй медиҳад».

Аммо духтар гириста, ба зориву тавалло иҷозати рафтан мегирад ва аз дунболи канизакону чил дугонаи шоҳдухтар ба роҳ медарояд. Касе ба вай намегӯяд, ки ту кистӣ, куҷо меравӣ. Хайр... кадом духтари бегона ҳавас карда, кашола шуда омадааст, ҳеҷ қисса не!

Ниҳоят онҳо ба як дараи хушбоду ҳаво расида, дар лаби дарёи обаш мусаффо қарор мегиранд. Суруду мусиқӣ шунида, мерақсанду мефахранд; афсонаҳои нағз гуфта, аз таҳти дил хурсандӣ мекунанд.

Духтари Бобои хоркаш дуртар нишаста, аз дабдаба ва ҷамоли маҷлиси онҳо завқ мебурдааст.

Баъд канизакону дугонаҳои шоҳдухтар оббозӣ кардан мехоҳанд – аз бонуи худ иҷозат пурсида, зебу зинат ва либосҳои зебояшонро кашида, ҳамагӣ ба дарё медароянд. Дар соҳили аз гулу гиёҳ музайян духтари Бобои хоркаш ва шоҳдухтар танҳо мемонанд. Дигарон машғули оббозӣ, шӯру шағаф, шодиву хушҳолӣ...

Шоҳдухтар ба хурсандии онҳо каме нигоҳ карда меистаду хандон:

«Ман ҳам як ба об дароям», – гуфта, зуд сарулибосашро мекашад ва нози гарданашро, ки ба хироҷи ҳафт мамлакат меарзидааст, оҳиста кушода, духтари Бобои хоркашро ба наздаш мехонад. Боз:

«То аз об баромадани ман инро дошта ист», – гуфта, нози гарданро ба дасти вай мекапонад ва ҳамоно тани нозанини худро дар оғӯши дарё меандозад.

Бечора духтари Бобои хоркаш дар соҳил монда, нози гардани қиматманд дар домани куртаи фақиронааш, аз ғояти ҳайрат даҳонаш қадре воз, ба оби дарёву ҷастухези шоҳдухтар ва канизакону дугонаҳои ӯ нигоҳ мекардааст.

Қисса кӯтоҳ, вай аз ин манзара гаранг шуда, хабар наме-

ёбад, ки нози гардан чӣ тавр аз бари доманаш лағжида, ногаҳон ба дарё меравад.

Вақте шоҳдухтар ҳамроҳи дигарон ба соҳил мебарояд ва сарулибос пӯшида, амонаташро мепурсад, ӯ нози гарданро баргардонда натавониста, шах мешавад. Гӯё дар як лаҳза ба санг табдил меёбад.

Шоҳдухтар ва канизакону дугонаҳояш ғирев мебардоранд, ки дуздидааст, пинҳон кардааст...

Духтари Бобои хоркаш ғӯра-ғӯра ашк рехта, сад қасам мехӯрад, ки аз мурданаш хабар дораду куҷо шудани он нози гарданро намедонад, ҳама вақт дар доманаш буд.

Аммо шоҳдухтар ба вай бовар намекунад ва мегӯяд:

«Пагоҳ агар то ҳамин соат онро бурда, ба дастам насупорӣ, моли падарат – ба толон, худаш – ба куштан!»

Ӯ инро мегӯяду дар иҳотаи канизакон ва чил дугонааш бозпас ба раҳ медарояд.

Духтари Бобои хоркаш ҳам аз дунболи онҳо гириста-гириста, ахир ба манзил мерасад. Падари мӯйсафедаш, ки се пуштора хори овардаашро ба чанд танга фурӯхта, бозорӣ карда, нав ба ҳавлӣ даромада будааст, ӯро дар ин аҳвол дида, ба тарсу ларз мепурсад:

«Чӣ шуд?»

Духтар ҳамчунон гириста, воқиаро батафсил мегӯяд.

Бобои хоркаш аввал ӯро коҳиш мекунад.

«Ба гапам гӯш надодӣ, ана оқибати корат… Акнун ҳар ду ҳам ҳалок мешавем».

Баъд худ низ гириставу ба сари духтар оҳиста дасти навозиш бурда:

«Хайр, гузар, ягон чиз хӯрда, дурусттар дам гир. То пагоҳ худо подшоҳ...» – мегӯяд.

Бо вуҷуди ин ғами мӯйсафед кам намегардад. Шаби дароз хобаш набурда, вай фикр мекунад, ки ба кадом тартиб аз ин балои қазо халосӣ ёфтан мумкин. Худашро аз чанголи марги муқаррар ва ягона духтарашро аз дарбадарӣ, гадоӣ, гуруснагиву зиллат, ки баъд аз ҳалокати мӯйсафед ҳатман ба вай ёр мешаванд, чӣ тавр эмин медорад? Мушкилашро ба кӣ гӯяд? Аз куҷо мадад ҷӯяд?..

Ӯ ҳар қадар ба хаёл равад, рӯзи минбаъдашро ҳамон да-

рача сиёҳтар мебинад. Ба назараш на ройе менамояд, на тадбире... Аслан кӣ мерасад ба фарёди бандаи камбағал?

Ниҳоят пояш аз замину досташ аз осмон канда шуда, Бобои хоркаш таваккал ба худо мегӯяд ва субҳгоҳон досу шоха ва арғамчин гирифта, аз паи ҳаррӯза ташвиши худ боз ба дашт меравад. Вай дар он ҷо гурусна, сараш пур аз савдо, базӯр хор мезаду ояндаи духтарашро пеши назар оварда, дилаш сад пора мегардид.

Ҳангоме мӯйсафед ба як бутта хори калон шоха монда, беҳолона дос бардошт, ба гӯшаш овозе расид:

«Агар хонаи маро вайрон накунӣ, гиреҳат мутлақо кушода мешавад».

Бобои хоркаш аз ин нидои ногаҳон аввал метарсад, сипас дар ҳайрат монда, оҳиста мепурсад:

«Ту кистӣ, инсӣ ё ҷинсӣ? Овозат – овози одам, лекин кас магар дар буни хор ҳам манзил мегирад? Ғайр аз ин... барои чӣ ман туро намебинам? Аз куҷо гап мезанӣ?»

Ба ин пурсиши вай аз таки он хори калон чунин ҷавоби муфассал меояд:

«Ман Бибимушкилкушо ном дорам. Солҳост, ки ба хоҳаронам Бибизулмуроду Бибисешанбе ба одамони дармонда мадад мерасонам. Хонаам... чӣ гӯям? – дар ҳар макон; дар гузаргоҳи ҳар касе ки ба сараш кулфат омадааст. Ту ҳам имрӯз дар азобӣ, лекин натарс, ноумед нашав, иншооллоҳ, душворат осон мегардад. Фақат ин ки манзили маро вайрон накун – ин хорро назан. Кам бошад ҳам, боратро бурда фурӯш. Ба ту аз ҳаррӯза зиёдтар пул медиҳанд. Ба қисме аз он тангаҳо як ҷӯра нону як каф мавиз харида, ба хонаат рав ва се пиразани покизаро даъват намуда, ба онҳо фаҳмон, ки дар рӯи суфра ба номи ман як тоқа, ё се тоқа, агар хоҳанд, ҳафт тоқа чароғ даргиронда, оят хонанд. Баъд мушкилатро баён дор ва ба ман вохӯрданатро ҳам гуфта, боз фаҳмон, ки нону мавизро ҳафт тақсим кунанд. Як ҳиссаашро худат хӯр, се ҳиссаашро онҳо хӯранд, се ҳиссаи дигарашро ба ду-се беваю бечора диҳанд. Ин хоҳиши маро ҳатман ба ҷо ор, ки пеши раҳат кушода мешавад; ҳар кас ба ту қасд карда бошад, паст мегардад...»

Бобои хоркаш ҳамин овози ғайб беҳуда набудагист гуф-

та, андак рӯҳ мегирад ва хори то он вақт задаашро, ки ним пуштора барин будааст, зуд банд андохта, манзили дуру дарозро гузашта, бозор меравад. Воқиан ҳам… дар бозор як бойбача бори ӯро бе ягон савдо ба бист танга харида, ба ғуломаш мефармояд, ки хона барад.

Бобои хоркаш, ки ҳатто ба ивази даҳрӯза заҳмати худ ин қадар пул намеёфт, аз омади кораш хурсанд мешавад. Ва ба растаи нонфурӯшӣ рафта, мувофиқи таъини Бибимушкилкушо як ҷӯра нон мехарад. Ба растаи дигар гузашта, як каф мавиз ҳам мегирад.

Хаёлаш пайваста ба фарзанд, ҳодисаи дар дашт рухдодаро дафъаи чандум буд... ба хотир оварда, мӯйсафед нону мавизро акнун дар рӯймол мебастааст, ки аз куҷое ду нафар сарбоз пайдо шуда, ӯро асир мекунанд. Ва дарғазаб:

«Дирӯз духтарат нози гардани духтари подшоҳро дуздидааст. Раҳмашро хӯрда, ба вай мӯҳлат дода бошанд ҳам, барнагардондааст. Бинобар ин молат – ба толон, худат – ба куштан!» – гуфта, бечора Бобои хоркашро пеш андохта, то дарвозаи арк мебаранд.

Дар он ҷо ба пояш кундаву ба дасту гарданаш завлона зада, ӯро дар таки девор танҳо мемонанду худ ба назди шоҳдухтар мераванд.

Мӯйсафед дар интизори марг ашки пушаймонӣ рехта, ба ҳасрат аз дил мегузаронад, ки дареғ, ба охирин умедам расида натавонистам – ба ёди Бибимушкилкушо дар хона чароғ даргиронда, дуо хонондан муяссар нашуд. Шояд дар ҳамин ҷо низ иловҷе бошад? Нону мавиз дар миёнбандаш, барои пилта... ана, аз мағзи ҷомааш пахта кандан мумкин, дар киса чанд дона гӯгирд ҳам дорад.

Аммо кӣ... кадом бандаи худо ба вай гӯш медиҳад? Кӣ дар паҳлуи ӯ нишаста, хоҳишашро иҷро мекунад? Ба хонаат се пиразани покизаро даъват фармо... гуфта буд Бибимушкилкушо, ҳамонҳо чароғ даргиронанд, ҳамонҳо оят хонанд... Лекин вай ҳоло… худаш ки бандӣ аст, се нафарро аз куҷо меёбад? Дар пеши ин бораи баланд киро аз раҳ боздоштан мумкин? Аз номи подшоҳ, аз арки ӯ, аз ваҷоҳати посбонҳои дами ин дарвозаи калон ҳама метарсанд.

Пояш дар кундаву дасту гарданаш дар завлона, ба чу-

нин хаёлҳо мерафтааст Бобои хоркаш. Ва пас аз марги ман аҳволи ягона духтарам чӣ мешавад гуфта, юм-юм ашк мерехтааст. Бо вуҷуди ин вай якта-нимта занҳои раҳгузари синну солашон ба ҷое расидаро дар зориву тавалло боздошта, арзашро баён мекардааст.

Вале онҳо:

«Ақлатро хӯрдаӣ магар? Ҳамин замон худатро ба куштан мебаранду аз чароғ даргирондан, ё оят хондан чӣ фоида? Як пора нону чанд дона мавизи ту ба кӣ даркор?» – гӯён ба ҳоли ӯ хандида, ё баръакс раҳмашро хӯрда, дар шитоб гузашта мерафтаанд.

Муйсафед тамоман ноумед шуда:

«Ҳай дареғ, ба ваъдаам вафо карда натавонистам, – мегӯяд дар дил. – Инак ҷаллодҳо омада мебарандам...»

Вай ҳамин гуна ноилоҷ монда, дар сари кӯи марг менишастааст, ки аз бараш ду пиразан мегузаранд. Бобои хоркаш боз таваккал мекунад ва онҳоро нигоҳ дошта, ба чашмони гирён мақсадашро мегӯяд.

Пиразанҳо, ки ба ҳам ҳолдону роздон буда, яке аз паи табиб ва дигаре назди фолбин мерафтаанд, раҳмашон омада, гуфтаҳои мӯйсафедро ба ҷо меоранд – аз мағзи ҷомааш каме пахта канда, як пилта мебофанд; рӯймолро аз миёнаш кушода, дар пеши вай ба нону мавиз паҳн мекунанд; аз кисааш гӯгирд гирифта, пилтаро дар болои кунда мемонанд ва онро оташ дода, аз Қуръони карим оят мехонанд.

Ҳар ду пиразан ҳам серташвиш ва ғамгин будаанд, саросема будаанд. Писари яктааш ҳамон саҳар аз зини асп парида, гарданашро мешиканад; писари дигараш гум шуда, ним сол боз даракашро намеёфтаанд. Аз ин рӯ яке ба хонаи табиб мерафтааст, дигаре назди фолбин...

Он ду пиразан пас аз оятро хонда фуровардан мушкили Бобои хоркаш ва ҳамонрӯза саргузашти ӯро шунида, мутаассир мешаванд. Ва нону мавизро ҳафт тақсим карда, ҳар кадоме ҳиссаи худро нав ба даҳон мебурдаанд, ки давидадавида он ду сарбоз меоянд ва аз мӯйсафед узр пурсида, кундаро аз пояш, завлонаро аз дасту гарданаш кушода:

«Ба шумо ҷавоб, – мегӯянд. – Дар фалон дарё як моҳӣ ба тӯр афтида, нози гардани шоҳдухтар ёфт шуд; вай дар шика-

ми ҳамон ҷонвар будааст».

Боз мегӯянд, ки:

«Аз мо наранҷед, вай дар ҳақиқат ба дарё ғалтида, духтаратон бехабар мондааст...»

Аз ин сухани онҳо Бобои хоркаш дар куртаи кӯҳнааш нагунҷида, гарду чанги доманашро афшонда, акнун ашки шодӣ мерехтааст, ки як бача тозон омада, ба ҳар ду пиразан низ мужда расондааст:

«Хезед, зуд ба хонаатон равед, – писари шумо сиҳат шуд, писари шумо ёфт шуд!»

Кампири лоғар ҳикояташро то ҳамин ҷо оварда, лоҷарам сукут кард, гӯё нохост дар банди хаёл монд.

Соро-холаву пиразанҳои дигар низ хомӯш буданд.

Дар рӯи суфра як ҷӯра нону як каф мавиз ва каме орд ба назар ҳайрон менамуданд.

Ҳафт тоқа чароғи болои санг тадриҷан сӯхта, сип-сиёҳ хокистар шуда буданд.

– Аз ҳамон рӯз эътиборан, – боз лаб ба сухан кушод кампири лоғар, – ҳар касе ки ба сараш ягон мушкилӣ ё кулфат омада бошад, се пиразани батоатро даъват намуда, дар суфрааш як ҷӯра нону як каф мавиз монда, ба ёди Бибимушкилкушо чароғ дармегиронад ва қиссаи Бобои хоркашу духтари ӯро ба хотир меорад... Дар номашон мурам, ҳа-а... Мушкили шумо ҳам осон шавад, Сорохон. Илоҳӣ омин, писаратон Анварҷон, дар куҷое ки бошад, тандуруст омада, вазнинатонро ҳамеша сабук гардонад! Оча-бача ба муроду мақсад расед! – баробари ҳамсолони худ даст ба рӯй кашид пиразан ва як фатирро гирифта, ҳафт пора кард.

Ва аз ҳафт пора кам-кам пучида, он резаҳоро ба Сороҳола доду:

– Хӯред, дардатон занад, – гуфт.

Мавизро низ ҳафт тақсим карда, аз ҳар кадомаш як донаяк дона гирифта, боз ба вай дод.

– Инашро ҳам хӯред, мурам!

Баъде ки Соро-хола гуфтаи ӯро ба ҷо овард, пиразан аз ҳафт ҳисса нону мавиз чор ҳиссаашро дар пеши ҳама, аз ҷумла худаш... ҷиддӣ ва ба тамкин гузошта:

– Хотиратонро ҷамъ дореду гиред... – гуфт аз фарҷоми

кор хурсанд. – Дигарашро бачаҳои ҳамсоя мехӯранд, савобаш мерасад. – Сипас вай ба даҳони қариб бедандонаш як дона мавиз бурда, илова намуд: – Анварҷони шумо ҳам, иншооллоҳ, сиҳат-саломат бармегардад.

## 14

Нилу деҳаи зебо буд. Алалхусус кӯҳи Ҳафтсар, ки тахмин ним фарсах дуртар, дар пушти талҳои пасту баланди аксар сангин, афсонавор қад афрохта, қуллаҳояш ҳамеша барфпӯш буданд, ба ин деҳаи на чандон калон ҳусну тамкини тоза мебахшид. Аз тарафи шимолу ғарб, аз таки барфу яхи чандинсола ва дили чашмаҳои зулоли ҳамин кӯҳ, як рӯдаки шӯх ҷорӣ гардида, дар шӯру фиғон аз канори Нилу мегузашт ва хеле сарнишеб рафта, ба дарёи Кофрун мерехт.

Деҳа сиву панҷ хонавода, як кӯчаи рост, чанд тангкӯчаи каҷу килеб ва як масҷид дошт. Азбаски дар баландӣ, қариб дар сояи Ҳафтсар ҷой гирифтааст, зимистонаш дароз, тунд, бадҷаҳл... Баҳораш ҳам серноз. Баъзан мешавад, ки дар водӣ офтоби сӯзон бошад, дар ин ҷо борон меборад, ё нохост шамол хеста, аз боло, аз бари ҳафт қуллаи кӯҳ, нафаси барфҳои сардро меорад.

Ҳоло низ ана... то ин дам ҳаво соф буд. Офтоб бедареғ нурпошӣ карда, абре ба назар наменамуд. Вале акнун, дар айни нимарӯз, аз бағали Ҳафтсар ногаҳон абрҳои тира қад кашида, зуд ба ғалаён омаданд. Ва осмони деҳаро ҳам ба тасарруфи худ даровcovarда, рӯи офтобро билкул бастанд.

Атроф ба мисли шомгоҳон каме торик шуд.

Баъд дару тирезаи хонаҳоро ларзонда, раъд гулдурос зад. Боз ва паёпай...

Садояш чунон баланд ва даҳшатнок буд, ки гӯё кадом деви сиёҳ ду кӯҳро дар ду дасташ бозӣ доронда, ғазаболуд ба ҳам мекӯфт.

Гоҳ аз наздик ва гоҳ дуртар таноби барқ морпеч ҷаҳида, синаи абрҳоро чун ба шамшери оташин чок мекард ва лаҳзае ба сари ҳама мавҷудот нури бисёр тези кабудфом рехта, то як мижа кашидан аз нав нопадид мешуд.

Чор аспи нимқантар, ки дар таки соботи дароз, дар қариби чор тути навдаҳои сурхчатобашон акнун баргкушодаи

саҳни ҳавлӣ, баробари тира гардидани ҳаво гӯшҳои худро сих карда меистоданд, ҳоло бетоқат ёл афшонда, зуд-зуд пой мекӯфтанд, шиҳа мекашиданд.

Дар байни онҳо аспи Анвар аз ҳама бесаранҷом буд. Гарданак задаву ба ҳар ҷониб тоб хӯрда, чашмони калон-калони чун чоҳ амиқаш ғамгин, касе ё чизеро меҷуст ҷонвар.

Аммо намеёфт ва...

Шиҳа мекашид; баҳасрат шиҳа мекашид.

Сипас борон омад. Омехта ба жола чунон сахт омад, ки дар як дам гули себу аксар барги дарахтони зардолуро аз шоххҳояшон канда, ба замин хобонд. Ҷӯи канори боғ ва пастиҳои рӯи ҳавлиро пур аз об кард; ба боми хонаҳо тасартусур бархӯрда, аз новадонҳо шаросзанон рехт.

Ва ниҳоят каме суст шуд, боз каме...

Усмон Азиз, ки ба ҷомаи беастари худ печидаву дар болои кӯрпача ба лӯлаболин такя зада, аз рашши борон чашм намеканд, ҳангоме Қурбон чой дароз кард, хеста чорзону нишаст ва пиёларо гирифта, дар пешаш монд. Дастархонро кулчаҳои равғанину нони чапотӣ, чакка, равғани шикамба, панир, мавизу чормағз ва дар табақи калони чинӣ пора-пора гӯшту дунбаи якҷоя ба ҷигар бирёншуда оро медоданд. Усмон Азиз ба ҳамшираи худ Ороста рӯбарӯ менишаст. Хоҳарзодаҳо низ дар сари дастархон буданд, лекин аз Қурбону Ғуломҳусайн поинтар... Гӯштро ҳамин ҳозир Ҳомид аз ошхона чусту чобук оварда:

– То шӯрбо пухтан аз ин гирифта истед, – гӯён бозпас назди дег рафта буд.

Аз табақ ҳавр мебаромад.

Бачаҳои Ороста ба он чашм дӯхта, қурт-қурт оби даҳон фурӯ мебурданд.

Усмон Азиз ин ҳолати хоҳарзодаҳояшро ҳис карда, ба ҳар чораш якпораӣ гӯшти нағз дод. Пас ба Ороста ва баъд ба Қурбону Ғуломҳусайн нигарист.

– Марҳамат…

Ва худаш аввалин шуда, насиба гирифт. Гӯшт мулоим, хушнамак ва бисёр ширин буд. Аҳсант, ба ҳунар бирён кардааст Ҳомид.

– Сахт борид, – гуфт Қурбон гӯё дар омади гап ва низ

баробари Ғуломҳусайн даст ба табақ бурд.

– Ҳа-а, хости парвардигори ҳаждаҳ ҳазор олам... – хаёлманд ба сухан омад Ороста.

Вай саҳар боз қариб ҳеҷ чиз намехӯрд. Аз бародараш гарм-гарм аҳвол мепурсид, дарди худашро гуфта, аз сарнавишт шикоят мекард; гоҳо талх мегирист, гоҳи дигар аз навигарӣ ва ҳодисаҳое ҳарф мезад, ки солҳои охир дар деҳа рӯй додаанд – чӣ тавр ба иҷбор калхоз сохтанд, кӣ ба он тарафдор буду кӣ зид, чорво ё замини киро зӯран гирифта, дар байни кадомиҳо тақсим карданд, кӣ бадарға шуд, кӣ мурд, кӣ бародари вай Усмон Азизро ба ёд меовард ва чӣ хел – ба суханҳои бад ё нек...

Ороста инчунин ба ошхона рафта, дегу табақро медид, чой мемонд; ба кори Ҳомид, ки саҳар аз хонааш як гӯсфанд оварда, чаққон кушта буд, дасти ёрӣ мерасонд. Ва боз пеши бародараш меомаду ба чеҳраи гадумгуни ӯ, ба чашмони гиро ва дар айни замон хастаи ӯ ба шафқат назар медавонд; нигоҳи мушфиқаш маҳзун буд.

Ҳоло ҳам Ороста ба табақ даст дароз накарда менишаст ва баъзан ноаён ба рӯи Усмон Азиз менигарист. Пас нӯки сарандозашро ба кунҷи дидаҳо бурда, нафасаш гиреҳ баста, бадард оҳ мекашид.

– Ғам нахӯр, хоҳарам, гир… гӯшт гир, – гуфт дар саҳле табассум бародараш, ки яқин ба нигоҳҳои маънидори вай тоб оварда наметавонист.

– Ман ғам нахӯрдаам, ҳамин тавр... дилам худаш менолад, – низ маҷбур табассум кард Ороста ва даст ёзонда, як пора ҷигар гирифт.

– Илоҷашро ёб, ки нанолад. То метавонад… одам бояд аз сатҳи қисматаш болотар бошад.

Усмон Азиз инро гуфту ҳамоно пушаймон шуд. Ва устухонеро, ки нав мехоид, дар лаби дастархон партофта, фикр кард, ки оё дили худаш шабу рӯз наменолад. Магар худи вай метавонад ба сарнавишт ғолиб ояд? Ҳаргиз... Пас Ороста ҳам наметавонад. Ба хусус ки ӯ фақат як нафар зан аст, модари зор аст. Бар замми ин бешавҳар монда, ҳоло... мурғи паршикастаро ба хотир меорад. Панҷ фарзанд дорад. Чорталаш ана, дар ин ҷо нишастаанд, дигараш – духтар, аз рӯи

гапи Ороста вай имрӯз хонабонӣ мекунад. Бечора хоҳараш! Онҳоро чӣ тавр ба воя мерасонад? Ин гуна танҳо бошад, дасткӯтоҳ бошад... Шавҳараш бадарға шудааст. Дар деҳа ягон хеши наздик ҳам надорад, ки дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ муттако гардад.

Вай, бародараш Усмон, солҳо инҷониб бори ғарибӣ мекашад ва акнун, дар ғами Ороста будан як тараф истад... намедонад, ки сари гирдгардони худашро ба кадом санг занад. Ғамаш – ҳар чи зудтар дарёро гузашта, сиҳат-саломат ба дидори зану фарзанд расидан... Хуллас, ки сахт аст рӯзи хоҳараш Ороста. Дар чунин вазъият албатта дилаш менолад, албатта оҳ мекашад, мегиряд. Ва ин гуна баланд омада, беҷо насиҳат кардани Усмон Азиз ҳеҷ фоида надорад.

Ороста, ки саҳар боз аҳволи бародарашро хуб дарк менамуд, ба қиёфаи андешаманди вай даме назар дӯхта, нохост пурсид:

– Меравед? Тамоман...

Усмон Азиз дар ҷавоби ин суоли ӯ чизе нагуфт, фақат ба ишораи тасдиқ сар ҷунбонд. Ва ҳамчунон дуру дароз хомӯш нишаста, ниҳоят ба сухан омад:

– Чӣ илоҷ, дар пешониам навишта будаанд.

Ороста ин дафъа чашмонашро ба нӯки остин пок карда, аввал ба табақи гӯштбирёни дастархон ва пас ба Усмон Азиз нигарист.

– Гиред, акаҷон, боз як-ду пар гиред, хунук шуд.

Вай ба Қурбону Ғуломҳусайн низ рӯй овард.

– Шумо ҳам гиред...

Ва баъде ки ғайр аз бародараш дигар ҳама, аз ҷумла чор писараш даст ба табақ бурданд, ором бархоста, бе шитоб тарафи ошхона рафт: дар он ҷо метавонад то холӣ шудани дили афгораш, то паст гардидани дарду алами сангинаш оби дида резад! Чӣ лозим бародари бе ин ҳам дар азобашро боз ба доми ғусса кашидан...

Вале Усмон Азиз то ба ошхона даромадани хоҳараш аз қафои ӯ нигоҳ карда истоду бештар ғамгин шуд. Ҳама вуҷудаш гӯё ларзида, нисбат ба онҳое ки сабабгори дар чунин рӯзи бад афтидани Ороста ва рӯ ба ғурбат овардани худи вай буданд, ҳисси нафраташ дучанд гардид. «Интиқом, ин-

тиқом бояд гирифт...» – мехонд шайтони раҷим ба гӯшаш, торафт ӯро дарғазаб карда.

Вай аслан гумон надошт, ки ягона хоҳарашро то ин дараҷа хору забун ва ҳавлиашро дар ихтиёри кадом хабис қариб валангор мебинад. Агарчи ақл давонда, дар ҳар сурат мефаҳмид: модом ки ӯ ҳамаашро партофта, душманвор баромада рафт, ҳукумат онро хоҳ-нохоҳ соҳибӣ мекунад. Ба ин ҳолат афтидани хоҳараш ҳам албатта бесабаб нест. Шояд язнааш Саидназар дар ҳақиқат ба онҳо гардан нафуроварда бошад. Ҳар як ҳукумат нахуст мақсаду маром дорад, қонуну қоида дорад; аз раияти худ, масалан, талаб мекунад, ки аз он раҳ баргардед, ана ба инаш равед. Балки роҳи сеюмро муносиб медонад… Ва нафаре агар аз хати кашидааш берун шавад, ҷазо надида намемонад. Давлатдорӣ аз рӯзи азал ба ҳамин насақ пойбарҷо будааст ва то ҷаҳон боқист, ҳамин тавр давом хоҳад ёфт. Чӣ илоҷ... вай агар ба имдоди хоҳараш расида метавонист, агар барои сабуктар гардидани бори ғами ӯ воситае пайдо мекард, тадбири дурусте меандешид, пас олам гулистон мешуд.

Лекин ҳайҳот, ки худаш ин тариқ овора, рӯзаш ҳама тира, дилаш реш-решу сараш пур аз савдо...

Баъд хаёли Усмон Азиз рафта ба Пешовар пайваст. Зану фарзандонаш чӣ ҳол дошта бошанд? Шояд танҳоӣ мекашанд; ва чашмашон бе шубҳа дар раҳи ӯ чор будагист.

Вай ба онҳо ҳатто нагуфта буд, ки то куҷоҳо меравад, ба чӣ мақсад аспашро зин зада, Қурбону Ғуломҳусайнро ҳамроҳи худ гирифт... Бале, нагуфта буд!

Зеро умед дошт, ки музаффар баргашта, зану фарзандонашро шод карда, онҳоро сарбаланд боз ба зодгоҳаш, ба Нилу меорад. То охири умр аз ҳавои шифобахши ин деҳаи ба ҷону дил баробар озод нафас кашида, орому осуда даври пирӣ меронад. Вале тираш ҳамоно хок хӯрд. Рост мегуфтаанд, ки ман дар чӣ хаёламу фалаки гардон дар чӣ хаёл.

Усмон Азиз бари ҷомаашро ғундошта, аз нав ба болин такя кард. Чашмонаш мағмум, акнун ба чор тути бедонаи рӯбарӯ менигарист ӯ. Намедонад, ки онҳоро кӣ шинондааст – бобояш ё падараш? Шояд каси тамоман бегона… Ҳар кӣ бошад, вай ин боғи бавусъату ин тутҳои бавиқорро бисёр

пазмон мешуд; ҳатто гоҳ-гоҳе ба хобаш даромада, дили бечораашро ба шӯр меоварданд...

Борон дигар намеборид.

Аспи Анвар ҳамчунон бетоқат буд – гӯшҳояш най барин сих, ба ҳар тараф чашм давонда, зуд-зуд пой мекӯфт.

«Эҳтимол соҳибашро мечӯяд ҷонвар», – гуфт ба худ Усмон Азиз ва овони бачагиву имрӯза вазъияти Анварро пеши назар оварда, бо вуҷуди он ки дина боз аз *беадабиҳои* ӯ сахт оташин мешуд, ба ҳоли вай дилаш сӯхт. Ёдат бахайр, рӯзҳои рафта! Чӣ айёми босаодат, рангин ва пур аз шодмонӣ буданд он айёми дур... Айёме ки модари мушфиқаш зинда буд, додару хоҳараш аз ғаму ғуссаи олам хабар надоштанд... Ҳар тобистон ӯ ва Сулаймон ҳамин чор бех тути бедонаро шох-шох афшонда, ҳамроҳи падару модар ба чӣ сурур тут мехӯрданд! Пас аз он ки додари азизаш ба Бухорои шариф илмомӯзӣ рафт, Усмон худаш танҳо тут меафшонд. Ин кор ба вай бисёр хуш меомад. Баъди солҳо Анвар... бале, ҳамин Анвар, ки резачини дастархонаш буду ҳоло *душман* аст, бе гумон дар қасди ҷонаш аст… ба ӯ ҳамдастӣ мекард – ё дар поин чодар медошт, ё боло баромада, банди шохҳоро ба мӯҳраи теша мекӯфт. Ва гур-гур тут мерехт...

Он вақтҳо Анвар як бачаи шӯхтабиат ва бебок буд. Аксар аз дунболи вай гашта, ба ҳар кораш ёрӣ мерасонд. Дар хаққи худ таъриф шунида, ҳай хурсандӣ мекард. Ба Усмон Азиз гӯё меҳр ҳам мебаст. Аммо пас аз инқилоб ӯ оҳиста-оҳиста тағйир ёфт ва оқибат хонадони онҳоро тарк гуфта, имрӯз ана… душмани қаттол шудааст.

Усмон Азиз, дилаш тамоман сиёҳ гардида, боз ба худ суол дод, ки зану фарзандонаш дар чӣ ҳол бошанд.

Ду духтару як писар дорад вай. Занаш касалманд. Духтари калонаш дар ҳамон ҷо шавҳар кард, писараш акнун ба шонздаҳ қадам мемонад. Усмон Азиз ҳама дахмасаи рӯзгору ташвиши дӯконро ба зиммаи ӯ гузошта, умедвор ин тараф омада буд. Бе вай яқин азоб мекашад писараш. Охир, ҳанӯз ҷавон аст, хом аст, таҷрибаи зиндагӣ надорад. Ҳамин тавр... фарзанди сеюмаш низ ҳоло хурд, духтарчаи беақл. Занаш, сарсахт, чанд сол боз гирифтори марази бедармон – буғумҳои дасту пояш дар чанги тарбоданд, шабу рӯз дард

мекунанд. Ва гоҳо мешавад, ки дар бистар ғалтида, аз ҷой ҷунбида наметавонад. Оилаашро дар чунин вазъият қариб бесаробон, ба қавле рӯ дар раҳми худо монда, Усмон Азиз ба ин сафари хунин баромад. Далолат аз шайтон буд магар, ки оқибат фирефта шуд; акнун пушаймон, сад карат афсӯс мехӯраду фоида надорад...

Ҳомид ба дастархон як коса саршир гузошта, аз рӯбарӯи вай оҳиста зону зад ва даме ором нишаста, пурсид:

– Зиқ нашудед?

Усмон Азиз чашм бардошта, хоҳам-нахоҳам ба ӯ нигоҳ кард, лекин ҷавоб надод.

Ҳомид даступо хӯрд ва дигар гап наёфта:

– Ҳамин замон шӯрбо меорам, – гуфт.

Ва худ аз худ хомӯшӣ ба миён омад. Қурбону Ғуломҳусайн низ сукут меварзиданд. Ороста наменамуд; дар ошхона буд вай. Гоҳ чашмаш тару гоҳ хушк, ҷунбуҷул дошт.

Бад-ин минвол аз байн чанд дақиқа гузашту ҷирани Анвар ногаҳон шиҳа кашид; гарданак зада, боз пой кӯфт. Усмон Азиз мутаассир ба он нигариста, зери лаб чизе гуфт. Аммо чӣ мегуфт ӯ, – Ҳомид дуруст нафаҳмид. Ба ҷои ҷуръат карда пурсидан:

– Аспи нағз будааст, – гуфт ба овози омехта ба оз. Ва аз нав хомӯшӣ барқарор гардид.

Осмон аз самти шарқ кам-кам равшан мешуд. Сабзаи рӯи ҳавлӣ баъд аз борон ранги зумуррад тофта, ба дидаҳо нерӯи тоза мебахшид. Ҷирани Анвар ба мисла дигар аспҳо такроран ором гирифта, акнун гулбеда мехоид. Қурбону Ғуломҳусайн бархоста, аз чӣ бошад, тарафи дарвоза рафтанд.

– Гап занед... – ниҳоят ба сухан омад Усмон Азиз.

– Чӣ гап занам, тақсир? – чашмони хокистаррангашро калон кушода, даст ба сари сина, гуфт Ҳомид.

– Аз кору боратон, аз зиндагиатон...

– Марги ҳамин хел зиндагӣ!

– Барои чӣ?

– Барои он ки фардо ҳолам чӣ мешавад, намедонам.

– Донистан лозим. Як одами калону гарон бошед...

– Ба гуфтан осон, тақсир. Аз дасти ин ҳукумати бераҳм ба танг омадем. Имрӯз бинед, бузу гӯсфандат бисёр мегӯяд,

пагоҳ бинед, андози нав талаб карда, сабаб чист, ки ба калхоз намедарой мегӯяд... Гаранг шудем. Аз дасти Юнуси то динаҳо дарбадар ҳам халосӣ нест. Шон акнун раис, соҳиби деҳа! Беҳуда намегуфтаанд, ки нодида бинад, эзорашро олуда мекунад.

– Як вақтҳо ба вай дӯст будед...

– Аз рӯзе ки калхоз сохтанд, дар таки бинои дӯстии мо об рафт, тақсир.

– Нағз нашудааст.

– Нағз шуд! Ҳа-ҳа нагӯед, вай лаънатӣ ҳама молу ҳоли маро гирифта, ба ҳисоби калхоз мегузаронад.

– Чаро худатон ихтиёрӣ ба сафи онҳо надаромадед?

– Ман аҳмақ нестам, ки як ҷуфт барзагаву чор бузу гӯсфанди дар сад азоб ёфтаамро ба ин мардуми зотан танбал баҳам бинам.

– Барои чӣ танбал будаанд?

– Танбал набошанд, фақир... ё камбағал ном намебардоштанд. Кас аз заҳмат накашидан, аз арақи ҷабин нарехтан камбағал мешавад.

Ба лабони Усмон Азиз саҳл табассум дамид ва ӯ Ҳомидро бештар ба гап гирифтан хоста, бардурӯғ пурсид:

– Агар ҳамон каси шумо мегуфтагӣ барои заҳмат кашида, арақи ҷабин рехтан замин надошта бошад, ё барои ду-се гӯсфанд харида, сол ба сол ҳисоби онҳоро афзудан пул надошта бошад… дар он сурат чӣ?

– Аз таҳти дил хоҳад, меёбад. Замин ҳам, пул ҳам... Асоси кулли хушиҳои зиндагӣ заҳмат аст.

– Шояд, – гуфт Усмон Азиз ва фурсате сукут карда, боз пурсид: – Худатон чӣ хел, бадавлатед?

– Не, тақсир, ман бадавлат нестам. Лекин дар як парча замине ки аз раҳматӣ падарам мерос монда буд, то ҷон дорам, арақи ҷабин мерезам. Ба ҳар ҳол... зану фарзандонам дар фароғат. Худам ҳам аз ину он чандон танқисӣ намекашам.

– Хайр, акнун чӣ кор кардан мехоҳед? Ҳукумати шӯро зиёдаш... шуморо ду сол дар ихтиёратон мемонад, се сол... равед, ки чор сол. Баъд чӣ – ҳамин тавр… ман аз калхоз безор гуфта, гаштан мегиред?

Ҳомид даме фикр карда, бадард ҷавоб гардонд:

– Надонистам, тақсир. Худо агар дар болои сарамон бошад, ягон гап мешудагист. Мана, шумо омадед. Мегӯянд, ки Иброҳимбек ҳам...

Усмон Азиз:

– Бек, а! – гӯён фавран сухани ӯро бурида, ба нафрат даст афшонд. – Тамоми ин кашокашу бесомониҳо аз касофати ҳамон аспдузд!

– Барои чӣ? Охир, худатон... – саросема шуда, давоми суханашро ба забон оварда натавонист Ҳомид.

– Чӣ худам, гап занед... чӣ?

Нигоҳи алмосвор тези Усмон Азиз ба рӯи вай чун неши дашна мехалид.

– Чӣ худам? – дар ситез такрор кард ӯ. – Гап занед!

– Гуфтанӣ будам, ки натарсида... дар тариқи мусулмонободӣ камар бастаед.

– Шумо инро аз кучо медонед?

– Аз омаданатон, аз силоҳатон, – канда-канда гуфт Ҳомид. – Аз он бединҳоро асир гирифтанатон...

– Ҳмм, сода будаед, – гуфт Усмон Азиз ба оҳанги писханд. – Дар ин бора гашта даҳан накушоед. Мусулмонободӣ мешавад, ё кофирободӣ – ба ман дигар фарқ надорад.

– Сабаб, тақсир?

– Сабаб ин ки, худо хоҳад, мо фардо бозпас ба раҳ медароем. Меравем...

– Шумо равед, ман барин одамони сардаргум чӣ кор мекунанд? Ягон бӯи умед ҳаст ё не?

– Инашро намедонам.

– Ачаб, – гуфт Ҳомид, яқин дар банди хаёл афтида. – Сонияи, ба *онҳо* чӣ чора мебинед? Ҳамин гуна намемондагистед албатта...

– Ба киҳо? – худро дар нофаҳмӣ зад Усмон Азиз.

– Ба Анвари худатон, ба ана вай бегонаи муаллимтарош!

– Шумо парво накунед. Ҳар чазое ки чор бандаи мусулмон лозим донанд, ҳамон истифода мешавад.

– Мо фикрамонро гуфтем. Мулло ҳам гуфтанд.

– Яъне сазои онҳо – куштан... Ман гапи шуморо дуруст фаҳмидам?

– Бале, тақсир, фақат куштан! Агар дар деҳаи мо, маса-

лан, ягон кофир омада, ба дағдаға калхоз месохт, ё мактаб мекушод, аламаш камтар буд. Лекин, охир, инҳо фарзанди мусулмон, худамон барин... Худамон барину боз ҷабр мекунанд. Ҳама баробар шавед мегӯянд, бародар шавед мегӯянд… – Ҳомид каме хомӯш монд. Сипас, гӯё нохост ягон гапу кори муҳимро ба ёд оварда бошад, саросема илова намуд: – Падарам, раҳматӣ, такрор ба такрор як шеър мехонданд, ки ба ман асло маъқул нест.

– Шунавем, ку... – мароқ зоҳир кард Усмон Азиз.

– Ҳозир, – гуфт Ҳомид ва ҳофизаашро ба кор андохта, ин сатрҳоро душвор баён дошт:

Мо софдилонем, ба кас кина надорем,
Халқест ба мо душману мо бо ҳама ёрем.
Мо шохи дарахтем, пур аз меваи тавҳид,
Ҳар раҳгузаре санг занад, ор надорем.

– Баҳ-баҳ! – гуфт Усмон Азиз, ба ваҷд омада. – Шеъри нағз, олӣ! Аслан одамизод бояд ҳамин гуна бошад.

– Шеъри нағз аст, ё не – инашро намедонам. Лекин агар ба кас ҳар як раҳгузар беибо санг задан гирад, вай мемурад, нобуд мешавад.

– Гуфтан мехоҳед, ки Анвару он муаллим... ё Юнус ба шумо санг заданд?

– Ба ман санг назада бошанд, ба дигарон заданд. Масалан, ба язнаи худатон Саидназар...

– Гапи Саидназар алоҳида.

– Барои чӣ алоҳида мешудааст?! Дар як нафас ӯро аз Нилу, аз зодгоҳаш ба ҷойҳои дур фиристода, беватан карданд. Зану фарзандонашро ба талаи азоб андохтанд, – гуфт Ҳомид ва ғазабаш боло гирифта, дар ҳолате ки ба сафедии чашмонаш хун медавид, инак суханашро равон идома дод: – Эҳ-ҳ, агар ихтиёри ман мебуд, агар аз ин ҳукумати ҳозиру нозир наметарсидам, ба ҳафт пуштам қасам – ҳамаашро қир мекардам! Мисли шумо ягон туфанг надорам, ки...

– Оҳистатар, мулло Ҳомид! – гуфт Усмон Азиз, пиёлаи чойро ба лаб бурда. – Аз ман насиҳат: то метавонед, ба тиру туфанг дил набандед. Ахир пушаймонӣ меорад меҳри силоҳу камонварӣ. Ҳамин шамшер, ҳамин тиру туфанг ва ҳамин хо-

ҳиши қасос гирифтан маро ба доми дағдаға кашида, дар назму насаҷи сарбаста андохта, ниҳоят овораи ду дунё карданд; дар маломату беиззат карданд.

– Пас илоҷ чист? Ғуломи куффор шавем?

– Чандон ғулом ҳам нестед. Баъд... ҳар кас илоҷашро бояд худаш ёбад.

– Аз омадани шумо умедам ин набуд, тақсир, – гуфт Ҳомид, ки акнун тамоман рӯҳафтода менамуд.

– Чӣ буд умедатон?

– Гумон доштам беҳуда пайдо нашудаед. Ба ин тарафаш, иншооллоҳ, корамон ранги дигар мегирад. Пойлучҳо ба мо дигар ҳукмравоӣ намекунанд, миннати кофиронро ҳам дигар намекашем.

– Хаёли хом, ботил, умеди одами бисёр сода... – гуфт Усмон Азиз. – Чашматонро калонтар кушода, бармало бинед: ғайр аз ду-сета шумо барин одами норозӣ... раият ҳама шербачаҳои ҳукумати шӯро.

– Ҳа-а, – гуфт ба оҳанги таассуф Ҳомид. – Акнун давр ба номи дирӯза мардуми урён.

Онҳо дар болои ҳамин гап буданд, ки хаш-хаш нафас гирифта, асозанон мулло Салим омад. Ӯро як марди ришаш кӯтоҳи мошубиринҷ ҳамроҳӣ мекард. Вай ба айвон наздик шуда, ба Усмон Азиз эҳтиромона салом дод, озод аҳвол пурсид ва баъде ки мулло Салим гузашта:

– Нафасам гашт-э! – гӯён ба кӯрпача нишаст, низ аз паҳлуи Ҳомид зону зад.

Усмон Азиз ба чеҳраи гандумгуни он мард фурсате назар давонда, ниҳоят ӯро шинохт ва гуфт:

– Мондаҳо, паҳлавон? Ин хел... ришатонро сафед кардаед?

– Пир шудаам, – гуфт вай ба табассум, ки Зариф Барака ном дошта, замоне қариб дар ҳама тӯйҳои дараи Оҳугузар гӯштин мегирифт; хуб ҳам гӯштин мегирифт. Бар замми ин як одами беғиллу ғаш ва басе софдил буд.

– Саломатӣ дуруст? Кору бор, зиндагӣ?

– Бад не, – ҷавоб гардонд Зариф Барака. Сипас ба мулло Салим ишора намуда, суханашро ба тамкин идома дод: – Аз ин кас шунидам, ки омадаед. Гуфтам... кадом шамол парондааст, рафта як бинам, аҳвол пурсам.

– Нағз кардед, – чеҳрааш андак равшан шуда, қаноатманд калла ҷунбонд Усмон Азиз. – Канӣ, марҳамат – нон гиред. Ана мева, гӯшт...

Ҳомид бархост ва:

– Шӯрбо кашам, – гуфта, ба сӯи ошхона рафт.

Зариф Барака ба:

– Бисмиллоҳ, – аз рӯи дастархон як пора нон бардошт.

Усмон Азиз ба нонхӯрӣ, ба сарулибоси кӯҳна ва ҷо-ҷо дарбеҳноки вай муддате чашм дӯхта, оҳиста пурсид:

– Дигар паҳлавонӣ намекунед?

– Аз куҷо! – гуфт Зариф Барака, луқмаи даҳонашро фурӯ бурда. – Панздаҳ сол боз ба майдон надаромадаам. Худатон ҳам медонед.

– Ҳоло узви калхоз будагистед?

– Ҳа, бой, роҳати ҷон калхозаш. Замин доданд, қатори мардум ҷунбуҷӯл мекунем.

– Акнун ҳама баробар, бародар гӯянд, ба Зариф баринҳо албатта мефорад, тақсир, – дар як тамасхури нешдор ба гап ҳамроҳ шуд мулло Салим.

– Чӣ илоҷ, имом, неку бадро ҳар кас ба ақлу тамизи худаш мешиносад.

– Бар падаратон раҳмат, бой! – ҳамоно шодӣ кард Зариф Барака. – Хуб гуфтед.

– Хайр, дар ин хусус кифоя, – лабханд намуда, ба мулло Салим рӯй овард Усмон Азиз. – Дар деҳа чӣ гап?

– Оромӣ, тақсирам, об задагӣ барин. Қариб ҳама дар саҳро. Халилу Ато дар ҷое ки таъин кардед...

– Ба онҳо эътимод бастан мумкин?

– Албатта!

– Дараки Юнусро ёфтед?

– Бале, тақсир. Зариф мегӯяд, ки вай дар дашти Пойгаҳҷо. Бало рӯфтагӣ барин саҳари мардон рафтааст...

– На-ағз, – дар домани кадом андеша мад кашид Усмон Азиз. – То бегоҳ меомада бошад?

– Инашро намедонам, – гуфт Зариф Барака. – Чаққон ба раҳ даромада, дар Пойгаҳҷо аз аҳволи ҷуфтронҳо хабар гирифтанӣ буд.

– Чаро шумо дар деҳа мондед? – пурсид Усмон Азиз.

– Раис ба ман кори дигар фармуд. Барои даҳ-дувоздаҳ белу каланд даста месохтам. Баъди ягон ҳафта ҷӯи саргаҳи деҳаро тоза мекунем. Охир, камтар боғот ҳам дорем…

Вай ин гапро, ба хаёли Усмон Азиз, чун девонае ки ногаҳон хуми тилло ёфтааст, дар як шодмонӣ ва ғурур баён намуда, то ҳадде ғаши ӯро овард.

– Боз замин мекушоем, – пас аз каме сукут гӯё худ ба худ ғурунгид Зариф Барака. – Зиндагӣ, иншооллоҳ, нағз мешавад. Дигар азоб намекашем.

– Насиб кунад, – гуфт Усмон Азиз, ки мабодо аз *ифтихори* ӯ таркад, лаб мегазид.

– Аҳволи маро фаҳмидед, бой, – гашта ба сухан омад Зариф Барака. – Акнун аз шумо пурсем.

– Аз мо пурсиданӣ бошед, паҳлавон, аҳволамон нағз, бисёр нағз! – гуфт вай, сахт карда. Ва дар як ҳаракати чобук аз болин канда шуда, чорзону нишаст. – Ба куҷое ки қадам монем, шоҳона рӯз мегузаронем. Аз обу дона бениёзем. Машоих хуб гуфтаанд: ба худододагон ситеза макун, ки худододаро худо додааст.

– Ман ситеза накардаам. Лекин... машоих ин тавр ҳам гуфтаанд: подшоҳӣ дар мулки бегона бадтар аз гадоӣ дар хоки ватан...

– Чӣ, ту ба ман ақл шуданӣ? Ё таъна мезанӣ? – дигар худро дошта натавониста, шӯрид Усмон Азиз.

– Не, бой, дар омади гап буд.

– Дар омади гап рафта ба занат гӯй, ба хоҳарат гӯй!

– Хуб, – писхандомез розӣ шуд Зариф Барака, даст ба пеши бар гирифта.

Аз ин кори ӯ ғазаби Усмон Азиз дучанд гардид.

– Хез аз ҷоят! – дод зад вай. – Агар не, каллаи бемағзатро сари як тир мекунам. Дар омади гап, а... Хез гуфтам ман ба ту зоташ паст! Гум шав аз назарам. Зудтар!

– Ху-уб, – гуфт ҳамчунон бепарво Зариф Барака ва ба тамкине ки аз дидани он Усмон Азиз бештар дармегирифт, оҳиста бархост. Пас дар поини суфа пойафзори табоҳашро пӯшида, такрор кард: – Ху-уб. – Ва солор қадам монда, ба тарафи дарвоза рафт.

Қурбону Ғуломҳусайн, ки овози баланд ва ғазаболуди

хочаи худро шунида, зуд дар пеши айвон ҳозир шуда буданд, то аз назар пинҳон гардидани Зариф Барака аз қафои ӯ чашм дӯхта истоданду боз ба сари дастархон нишастанд.

– Шумо ҳам дуруст! Як махлуқҳои булачаброро гирифта меоед, ки... – ба мулло Салим нигариста, норозӣ ғур-ғур кард Усмон Азиз.

– Худаш кашола шуд, – забон хоид вай, риши тунуки зардинаашро ларзонда. – Бинам гуфта...

– Хайр, бас! – ба парраи дасташ чун ба шамшер ҳаворо бурид Усмон Азиз.

Ва дами мулло Салим ба дарун зад.

Баъд аз чанд дақиқа дар косаҳои калони чинӣ шӯрбо оварданд, хомшӯрбои бақабурғаву дунба... Ва Ҳомиду Ороста низ аз гирди дастархон чой гирифтанд.

– Хӯред, акаҷон, – гуфт Ороста. – Гарм-гарм хӯред.

Усмон Азиз, ки аз ҳар сухани хоҳараш оҳанги раҳму тасаллӣ ва як меҳри беандозаро эҳсос мекард, ба чеҳраи коҳида, чашмони сиёҳи эҳтимол аз гиря андак сурх ва ба мӯи сафедӣ дамидаи вай фурсате назар давонда, дилаш такроран фишурда шуд. Ва қариб нафас дар гулӯяш печида, ба овози каме дарднок:

– Худат ҳам гир, хоҳарам, гир, – гуфт. Сипас ба чор писари ӯ, ки то ҳол наҷунбида, хомӯшу мутаҳайир менишастанд, муроҷиат намуд: – Ку, шаҳбозҳо, ба дастархон нигоҳ кунед. Ҳа-а бале, шарм надоред. Канӣ, ҳа-а...

Онҳо шӯрборо ошомида, нав якпиёлаӣ чой менӯшиданд, ки дар саҳни ҳавлӣ Юнус пайдо шуд. Ҳамроҳаш Зариф Барака ва боз ду деҳқони дигар буданд.

– Ана, ба пои худаш омад, – гуфт мулло Салим, чашмони хурд-хурди зиракаш аз ғояти хурсандӣ дурахшида. – Хари лаванд мурдан хоҳад, лаблаби ҷар мегардад.

Юнус, ки ин гапи ӯро нашунида буд, ба айвон наздик шуда, ба Усмон Азиз ором салом дод. Аммо вай алейк нагирифта, рост ба рӯи Зариф Барака нигарист. Ончунон тез буд нигоҳаш, ки ангор тани ӯро шикофтан мехост.

– Ту боз омадӣ? – пурсид Усмон Азиз.

Вале Зариф Барака суоли ӯро беҷавоб монд.

– Чӣ, тарсидӣ? Тарсидӣ, ки ман ин навмансаби дар чил-

лааш чароғ надидаро бирён карда... даррав мехӯрам? Пуштибон шуда омадӣ?

Зариф Барака ҳамчунон ҷавоб намегардонд.

– Хайр, ихтиёрат, – гуфт Усмон Азиз. – Марҳамат, мо агар ба тамошо меарзем, бемалол тамошо кун.

Ва риши базебашро молида, ба сукут рафт.

Юнус дар поини суфа меистод. Вай як марди тахмин сивупанҷсолаи батанутӯш буд. Чашмони сиёҳи гармнигоҳ ва муйлаби ғулии низ сиёҳи ӯ ба чеҳраи гирдааш ҷозиба мебахшиданд. Дар тан кӯҳнаҷомаи алачаи тар, курта-эзори карбос, ба сар тоқии гулдӯзии рангпарида ва дар пой муғиёнии то нисф лойолуд дошт. Миёнашро ба фӯта маҳкам баста буд. Вай хотирҷамъ ва лоқайд хеле истод. Аммо аз Усмон Азиз садое набаромад, ӯ ҳатто ба сӯяш назар ҳам намеафканд. Бинобар ин Юнус пурсид:

– Расми одамиро фаромӯш кардӣ, бой?

– Кадомашро, *раис?* – ғиҷинаш омада, ба тамасхури ошкоро гуфт Усмон Азиз.

– Ба саломам алейк намегирӣ...

– Саг худаш чист, ки саломаш бошад!

– Сахтгап шудаӣ. Пас дар азобӣ...

– Чӣ будани азобро ҳоло ба ду чашми тангат мебинӣ.

– Гумон доштам ману ту бамаънӣ гуфтугӯ мекунем. Ҳамдигарро мефаҳмем... Афсӯс!

– Мо ҳеҷ гоҳ якдигарро намефаҳмем.

– Сабаб?

– Боз сабаб мепурсӣ, лаънатӣ? Ба он ду мазҳабфурӯши худобехабар язнаамро қулоқ карда, хоҳараму ана ин бачаҳои бегуноҳро ба кӯи хориву зорӣ андохтан кам аст?

– Аввало, на хоҳарат, на фарзандонаш хору зор нашуданд. Сониян, гуноҳи Саидназар вазнин буд, айни номусулмонӣ буд. Вай моли резаву барзагавҳояшро кушта, ғалладонаашро оташ зад. Болои ин дар гӯши чор камбағали гумроҳ мехонд, ки аз гушнагӣ муранд ҳам, ба калхоз надароянд... Аз талаби ҳукумати шӯро сар мепечид, андоз намедод, дар байни мардум иғво меангехт.

– Хуб кардааст. Боз чӣ мегӯӣ?

– Ту одами бааќлӣ... Барои ҳамин гуфтан мехостам, ки

хуш омадӣ! Лекин ба зӯроварӣ нагарав, хун нарез. Рафта аз ҳукумат узр пурс, тиру туфангатро ба хубӣ супор... Шояд аз гуноҳат гузаранд. Саидназар ҳам се-чор сол пас бармегардад. Охир, ин Нилу деҳаи худат, зодгоҳат! Тифоқ шуда, якҷоя кор мекунем; ҳаёти нав месозем... Агар қабул дорӣ, гапи мегуфтагии ман ҳамин буд.

– Ту ба чӣ, ба кадом дастмоя ҳаёти нав сохтанӣ? – нохост қаҳқаҳ хандид Усмон Азиз.

– Ба заҳмат, ба араҳи ҷабин, – сари синаашро баландтар бардошта, гуфт Юнус. – Ва албатта ба самимияту рафоқат!

– Ба самимияту рафоқати ҳамин се пойлуче ки хода барин шах шуда, дар паҳлуят истодаанд?

– Бале! Ба ҳамин се пойлуч, боз пойлучони дигар...

– Ту як хомхаёлӣ!

– Барои чӣ? Чор кас агар ошноӣ кунанд, кӯҳро зада талқон месозанд. Ҳафт кас агар душманӣ кунанд, ҳатто дастархони худро ба яғмо медиҳанд.

– Дар ин чанд соле ки ман набудам, хеле доно шудаӣ. Аммо замин сухани ҳикматнокро шунида, ҳеҷ вақт ҳосил надодааст. Чорво ҳам аз гапи хушку холӣ наафзудааст.

– Рост, – гуфт Юнус, – ба ҳамааш заҳмат лозим. – Ва як дам сукут варзида, илова намуд: – Ривояте ҳаст...

– Сухан аз даҳони Луқмон хуш аст, – ӯро бадтар масхара кард Усмон Азиз. – Ҳа-а, шунавем, панд гирем.

Бо вуҷуди он ки гуфтаҳои заҳрдори вай аз ҷавшани ҷонаш мегузаштанд, Юнус дандон ба дандон монда, худро ба нофаҳмӣ зад ва дар тамкин ба нақл даромад:

– Ривояте ҳаст, ки дар замонаш ман барин як деҳқони сода ба маслиҳати ҳо ана он кас барин як вуҷуди донишманд, – ба ишораи сар мулло Салимро нишон дод ӯ, – фирефта шуда, шабу рӯз тоату ибодат мекард ва аз парвардигор самари фаровон мехост. Лекин сол аз паи сол гузашта, заминаш торафт хароб мегардиду аз ҳосил дарак набуд. Пас аз қадре фикру хаёл деҳқон ба марҳамати худованд дигар интизор нашуда, миёнашро аз ҳафт ҷояш маҳкам мебандаду рӯ ба ҳафт қабати осмон оварда, бе ягон тарсу бим мегӯяд: агар ту, офаридгори ҳаждаҳ ҳазор олам, имсол ҳам самар надиҳӣ, ман онро худам мегирам! Аз шаккокии вай парвар-

дигор дарғазаб шуда, ба Замин мефармояд, ки *беимонро* аз кулли неъмати дунё маҳрум созад. Вале деҳқон мебинем гуфта, ба ҷои тоату ибодат шабу рӯз заҳмат мекашад – ҷуфт меронад, дона мепошад, об мемонад, дарав мекунад, дарза мебандад, хирман мекӯбад ва оқибат… ҳосили фаровон мебардарад. Худованд аз ин зафари деҳқон ҳайрон шуда, Заминро ба истинтоқ мегирад, ки чӣ тавр хости ӯро ба ҷо наоварда, дар гуноҳ ғӯтида, ба он хокпоши мағрур ҳосили бисёр додааст. Замин дар пеши парвардигор муддате хомӯш монда, вазнин ба хаёл меравад ва ниҳоят... худро сафед карда, дар эътимод мегӯяд: ҳисоби шабу рӯзро надониста, чунон заҳмат мекашид, киштаашро чунон нашъу намо медод, ки ман ба ин марди деҳқон дигар тазйиқ оварда натавонистам. Ҳаққо, ки вай ғолиб баромад... Аз ҳамон рӯз эътиборан, бой, худованд тарафдори инсони заҳматкаш аст.

– Офарин, шунидем, ақламон ҳам даромад, – нешханд кард Усмон Азиз ва чашмони барқнигоҳаш бадтар ғазаболуд шуда, дар шиддат илова намуд: – Лекин ту акнун дар он дунё заҳмат мекашӣ!

– Бисёр аз худат нарав, – дар ҳолате ки ваҷоҳаташ ҳамчунон ором буд, гуфт филҳол Юнус.

– Ман аз худ нарафтаам, ман ба фармудаи шариат амал кардан мехоҳам, – гуфт Усмон Азиз ва мисли он ки ногаҳон чизе дар хотираш омада бошад, ба писарбачаҳо нигарист. – Шумо, шаҳбозҳо, хезед, ба ҷои ин хел ҳайрон нишастан аз ташвиши хонаатон хабар гиред – ғами об будагист, дарди алав будагист... Хезед, ба гуфтугӯи мо халал нарасонед. Ҳоло ману шумо боз вомехӯрем.

Баъде ки онҳо итоат оварда, хомӯш бархостанд, Усмон Азиз ба мулло Салим муроҷиат намуд:

– Имом!

– Лаббай, тақсирам!

– Шумо кӣ будани ин мардакро медонед?

– Медонам: як муртади худозада.

– Оё кори вай аз рӯи шариат аст?

– Ҳаргиз, тақсирам! Чӣ тавр аз рӯи шариат мешудааст? Гаву гӯсфанди бандаҳои мӯъминро гирифта, зӯран ба ҳисоби калхоз гузаронд...

– Дурӯғ назанед, мулло! – гуфт Юнус, пеши даҳони ӯро баста. – Зинҳор дурӯғ назанед, ки ба қавли худатон гӯри одами дурӯғбоф месӯзад. Мо ягон касро маҷбур накардаем, молашро ҳам зӯран нагирифтаем.

– Рост, ба ихтиёри худамон калхоз шудем, – гуфт Зариф Барака.

– Нон занад, ки рост, – фавран сухани ӯро қувват дод деҳқони дуюм.

– Шумо ихтиёран аъзои калхоз шуда бошед, дигарон албатта маҷбурӣ... – хандид Усмон Азиз.

– Не, ба ин тартиб не, – гуфт деҳқони сеюм.

– Боз ҳам дурӯғ! – як қадам пеш партофта, гуфт Юнус.

Аммо Усмон Азиз ба вай эътибор накарда, аз нав ба мулло Салим рӯй овард.

– Гапатонро давом диҳед, имом.

– ...Хӯш ки бошад, – риши тунукашро ба ангуштони дарози худ *шона* зада, аз нав ба сухан омад мулло Салим, – ин муртад дар байни мардум ташвиқот мебарад, ки ҳама ба калхоз дароянд, бачаҳояшонро ба мактаби кофирӣ фиристанд, занону духтарон нифа барзада, баробари мардҳо дар даст белу каланд гиранд, ҷуфт ронанд...

– Пас ин қабил одам, ки аз камари бандаи мусулмон ба дунёи равшан омада, имрӯз косалеси куффор шуда, ба дини поки ислом хиёнат кардааст, ба кадом ҷазо лоиқ?

– Ҳаққаш – бе гумон куштан! – гуфт қатъӣ мулло Салим.

Усмон Азиз ба Ҳомид нигарист.

– Шумо чӣ фикр доред?

– Ман ба хулосаи имом розӣ. Ин гушнапурзӯрҳо маро ҳам хеле азоб доданд.

– Дар ду дунё рӯят сип-сиёҳ мешавад, Ҳомид, – гуфт Юнус, дандон совида.

– Рӯи ту кофир сиёҳ нашавад, кифоя! – гуфт ӯ, нигоҳашро гурезонда.

– Ҷоҳил ту. Ҷоҳил будӣ ва ҳамин тавр мемонӣ.

– Вай таҳтан аҳмақ аст, Юнус, фақат як рӯзашро фикр мекунад, – гуфт дар кароҳат Зариф Барака.

– Даматро гир! – аз ҷои нишастааш дӯғ зад Ҳомид.

– Хомӯш! – даст бардошт Усмон Азиз ва ба Ороста рӯй

оварддард. – Фикри ту чӣ, хоҳарам?

нунҳои шариат муайян шуд. Акнун хуш бош, раиси дурӯза, то саҳар зинда бош!

Чун дид, ки дигар илоҷ нест, Юнус дастонашро худаш ба пушт бурда:

– Банд, – гуфт ба Қурбон. – Ин хоҷаат туро то куҷо мерасонад, ягон рӯз ба ду чашми ботин дида, дилу ҷигарат об шуда, хун гиристанат бе гумон.

– Ту аз ман наранҷ. Қурбонро ҳам аз раҳ назан, – гуфт ба вай Усмон Азиз. – Танҳо аз қисмат дон. Ман аз фармудаи шариат берун рафта наметавонам.

– Агар ҳомиёни шариат ту ва ҳамин бузриши ҳаромхӯр бошед, туф кардам ба тапутези шумо! – дар ҳолате ки дастонашро сахт мебастанд, ба овози баланд гуфт Юнус.

– Баред! Баред ин саги дар меҳроб мезидаро! – аз ҷояш нимхез шуда, дод зад Усмон Азиз. – Баред, маҳкам кунед! Зудтар баред, ки дар даҳонаш поруи пӯсида, ҳайвон барин хоб равад дар он чордевори бадбӯ.

– Худат ҳайвон! – гуфт Юнус.

– За-абона-атро ка-аш! – гуфт Ғуломҳусайн ва ҳамроҳи Қурбон ӯро пеш андохта, ба ҷониби оғил бурд.

– Нағз нашуд, – дар таассуф калла ҷунбонд Зариф Барака, ки дар поини суфа зору ҳайрон меистод. – Дуруст фикр кунед, бой, шайтонро ҳай занед.

– Чӣ лозим буд? – гуфт деҳқони дуюм.

– Убол, гуноҳ... – ғурунгид деҳқони сеюм.

– Ҳама дафъ шавед, ки дигар набинам афти ҳароматонро! – гуфт Усмон Азиз, аз чашмони ғазаболудаш гӯё шарора парида. – Дар ин ҷо фақат туҳо намерасидед!

– Хуб, хуб, мо меравем, – гуфт Зариф Барака. – Лекин шумо фикр кунед.

– Набошад чӣ, фикр мекунам, ҳатман, – боз ба лабони Усмон Азиз табассуми ҷонфигор давид. – Ҳоло гум шавед, тезтар. Ёфтед ба кӣ маслиҳат доданро!

– Равед-э, равед... – гуфт Ҳомид ҳам, дар қаҳр ба сӯи дарвозахона ишора намуда.

Ва онҳо рафтанд; ба сари хаму дили пурғам рафтанд.

Қурбону Ғуломҳусайн омада, дуртар аз дастархон дар лаби суфа нишастанд.

Усмон Азиз дигар гап намезад. Такя ба болин дода, ба чор аспи зери соботу чор тути саҳни ҳавлӣ менигарист. На танҳо хашмолуд, балки боз пакар ва ғамгин ҳам метофт.

Осмон хеле сафед шуда, ба замин низ равшанӣ мебахшид. Аз пушти абрҳои хокистарранги тунук, хира бошад ҳам, гоҳ-гоҳ қурси офтоб ба назар мерасид. Ҳатто саҳле дидан мумкин буд, ки вай дар муҳити бекарони худ чӣ тарз оҳиста шино мекунад. Замини ҳоло аз оби раҳмат таъмин осуда нафас мегирифт. Насими серуни баҳорон суст ва гӯё ба дили хоҳам-нахоҳам вазида, шохаҳои дарахтонро базӯр меҷунбонд. Сабзаҳои рӯи ҳавлӣ тар, тоза ва хушрангтар мунамуданд. Кӯҳи Ҳафтсар, ҳафт қуллааш аз барф сап-сафед, чун ҳазорон сол муқаддам дар мақоми худ босалобат ва устувор меистод. Аз як гӯшаи шифти айвон мусичае «ку-ку...» мегуфт. Аз кучҳо тоқа-тоқа ё ду-ду, се-се… гунҷишкон парида омада, дар лаби боми хона менишастанд; чириқ-чириқ мекарданд, пату пар меафшонданд ва боз сабук ба ҳаво мехестанд. Аспҳои нимқантар баъзан сар бардоштаву бинӣ афшонда, аз нав ба охур хам мешуданд. Деҳа дигар ором буд. Ҳавои соф ва андак рутубатноки он ба тану ҷони кас ҳузуру ҳаловат мебахшид.

Вале ин ҳамаро Усмон Азиз қариб ҳис намекард. Вай дар қайди андешаҳои гарони худ буд. Дилу ҷигараш даргирифта, зану фарзандонашро ба хотир меовард. Инчунин дар пеши назар чеҳраи нуронии падару хандаҳои гарми модарашро медид; қомати паҳлавонона, рӯи зебо ва меҳрубониҳои додараш Сулаймонро низ равшан тасаввур менамуд.

Замоне буд, ки онҳо дар ҳамин ҳавлӣ, дар ҳамин хонаҳои барҳаво хушу хурсанд зиндагӣ мекарданд, аз ғаму ғуссаи дунё хабар надоштанд... Аммо баногаҳ чӣ шуд? Чӣ шуд, ки бахт якбора аз хонадони ҳоҷӣ Азиз Матин рӯй тофт? Рӯзгори осудаи онҳо ғафлатан зеру забар гардид, ба бунёди умеду орзуҳояшон футур рафт... Ва чаро, барои чӣ... тақдир ӯро нохост ба кӯи номуродӣ андохт?

Усмон Азиз сабаби инро хуб медонист.

Медонист, ки инқилоб шуд... лекин падараш, додараш Сулаймон ва худаш ҳам мароми мақсади онро сари вақт фаҳмида натавонистанд. Аз таноб-таноб замину рама-рама

гӯсфанд ва ҳирси пулу мол, ки ба монанди кирми дарахт рӯҳи инсонро оқибат ғирбол мекунад, ҷудо шудан нахостанд. Яке ба даст шамшер гирифта, дар ниҳояти кор муфт ҳалок гардид. Дуи дигар ба умеде ки он тӯфони ногаҳон ҳатман мегузарад, шабу рӯз фурсат мепоиданд.

Баъд падари Усмон Азиз вафот кард. Модараш ҳам...

Ва ӯ дар миёни аҳли оила танҳо монд. Боз фурсат поид, интизор шуд; ҷои нишаст наёфта, хуни ҷигар хӯрд; гаштаву баргашта ба андеша рафт. Вале ҳамааш барабас буд. Дарахти инқилоб рӯз то рӯз амиқтар реша медавонд. Ҷулғундипӯшони дина ба ними нон зор як-як соҳиби мулк, соҳиби ҳаққу ҳуқуқ мешуданд.

Усмон Азиз чӣ?

Вай ба ин муросо карда натавонист. Ниҳоят рӯ ба гурез овард. Гумон мебурд дар хоки бегона дили афсурдааш қарор мегирад, бахташ дубора механдад, осоишу салоҳ меёбад.

Ҳамин тавр, ӯ дидаву дониста, худро ба гирдоби азоби ҷонфарсо, ёди ҷигарсӯзи ватан ва бенасибиву номуродиҳо зад, ки сазои сараш!

«Одамизод, алҳақ, махлуқи надоматпеша; аз аксар қадамаш пушаймон мешавад. Вагарна чӣ лозим буд якбора ба хоки ғурбат рафтан? Чӣ натиҷа дод ба ман ин беақлӣ? Кучоям зиёд шуд? Беҳтар набуд, ки дар ҳамин Нилу, бад ё нағз, қатори ҳамдеҳагон рӯз гузаронам, ба ғаму шодии онҳо шарик бошам? Не-е, бори ғурур намонд, нахостам, рафтам... – Вай аз сиёҳмушкини худ, ки сабук ёл меафшонд, чашм наканда, як оҳ кашид. – Ба рафтан-ку рафтам, лекин чаро хомхаёлӣ карда, бозпас омадам? Чӣ лозим буд ин зайл оворагӣ?.. Дуруст аст, ки аз кушандаи додарам қасос гирифтам, қарз дар қиёмат намонд. Тақдири муаллимбача ҳам дар дастам. Қисмати Анвару Юнус ҳам... Барои он ки хонаву дарамро таки по кардаанд, язнаам бадарға шудааст, дар заминҳоям хотирҷамъ ғалла мекоранд... Ниҳоят барои ранҷу озори худам, барои ҳоли низори хоҳарам... метавонам ҳар сеи онҳоро низ ба асфалуссофилин фиристам. Аммо баъд чӣ? Баъд оё ин дили бечораи ман таскин меёбад?»

Усмон Азиз гашта оҳ кашид ва ҷуссаашро аз болин бардошта, ба мулло Салим нигарист.

– Як фотиҳа хонед, имом. Дастархонро ғундоранд...

– Илоҳӣ тақсирам ба мууроду мақсадашон расида, ғозии барҳақ шаванд. Шамшерашон бурро гардида, ба тухми куффор ва кулли онҳое ки аз фармудаи дини поки муҳаммадӣ сар тофтаанд, қирон орад. Худашон ҳаргиз камиву костӣ набинанд. Омин, оллоҳу акбар! – гуфт вай ба овози борики каме хиросӣ ва мағрур даст ба рӯй кашид.

Аз ин такаллуми мулло Салим ғашаш омадаву заҳрханд карда, Усмон Азиз баробари дигарон ба ӯ пайравӣ намуд ва даме хомӯш нишаста, боз ба андеша рафт. Боз дар пеши назари вай сурати ба дилу дида қарини падару модараш, додари меҳрубонаш ва зану фарзандонаш пайдо шуданд. Ҳамчунин хаёли ӯ беихтиёр ба Анвар низ пайваста, қалбашро чизе мехарошид. Ба вай гӯё раҳмаш меомад. Бале, яқин шафқат мекард... Чӣ тавр раҳм накунад? Усмон Азиз ба ҳар ҳол Анварро аз кӯдакӣ мешинохт. Гоҳ-гоҳ ҷуссаи хурд ва сабуки ӯро сари китф мегирифт, бозӣ медоронд. Баъдҳо, вақте ки Анвар калонтар шуд, онҳо якҷоя ба кӯҳу дашт рафта, хушу хурсанд асп метохтанд, аз паи рамаҳо мегаштанд; баъзан ташвиши боғу ҳавлиро низ баҳам медиданд.

Пас чаро ба вай шафқат накунад?

Инак дастархонро ғундошта буданд. Ороста чанд косатабақро бардошта:

– Аз ошхона хабар гирам, – гуфт ба сӯи бародараш.

– Ҳа-ҳа, албатта, – ба худ омад Усмон Азиз.

Ҳомид ҳам бархост.

– Шумо зиқ нашуда шинед, тақсир. Ман рафта молу ҳоламро бинам.

– Ихтиёр...

– Бегоҳ боз меоям.

– Марҳамат.

Усмон Азиз баъди кӯча баромадани Ҳомид фикр кард, ки лекин оё ӯ, Анвар, ба тараҳҳум меарзад. Язнаи вай магар ба ташаббуси ҳамин бача бадарға нашудааст? Магар ӯ ба ин тариқ... зери по ва касиф гардидани хонаву дари Усмон Азиз гуноҳ надорад? Оё барои дар Нилу калхоз сохта, зану мардро аз роҳ задан ҳам вай пешдаст набудааст? Ё магар дирӯз дар он авули партав қариб девона шуда, ба тарафи

Усмон Азиз паёпай тир намекушод? Бачаи бодбасар бешак тайёр буд, ки ӯро филҳол нобуд созад... Не-е, дар ҷамъи ин бесомониҳо Анвар низ гунаҳкор аст.

Пас чаро Усмон Азиз ба вай раҳм кунад?

Барои чӣ?

Кадом хизматашро ба назар гирифта?..

«Зани меҳнатӣ буд модараш. Ороста мегӯяд, ки ӯ ҳоло дар водӣ, дар кулбаи Анвар зиндагӣ дорад. Албатта пир шудагист. Эҳ, Анвар, бачаи беақл... Падарат ҳам одами ба ҳакки худ розӣ буд, дилсафед буд. Касеро озор намедод. Вале... гузарон аст дунё. Ту ҳанӯз ҷавонӣ. Аз куҷо медонӣ, ки инсон кисту қадри ҳаёт чист... Намедонӣ! Бинобар ин дар тасмаат тапонча овехта, савори аспи маст, дар қасди ҷони ман барин одамони тирабахт мегардӣ. Пагоҳатро фикр намекунӣ. Хомӣ ту ҳоло, хом! Захмҳои нештари зиндагӣ дар пешанд. Имрӯз чӣ? Тоз, без, куш гӯянд, куш; сӯз гӯянд, сӯз; соз гӯянд, соз... Эҳ, Анвар, бачаи сода! Намедонӣ, ки дар ин дунёи садранг мукофоти амал ном чизе низ ҳаст. Ва як рӯз не, як рӯз ту ҳам ба вай рӯбарӯ мешавӣ».

Ороста омад.

– Чой дам кунам?

– Лозим не, дилам намекашад, – гуфт Усмон Азиз.

– Барои бегоҳ чӣ пазам?

– Ҳеҷ чиз, хоҳарам. Дидорат бошад, бас аст.

– Кошкӣ ман ҳам аз дидори шумо сер мешудам, – боз дар чашмонаш ашк ҳалқа баста, гуфт Ороста ва қафо гашта, ба ошхона рафт.

Усмон Азиз чанд дақиқаи дигар дар банди хаёлҳои ногувор нишаста, ниҳоят:

– Қурбон! – гуфт.

– Лаббай...

– Дари оғилро ба навбат посбонӣ кунед.

– Албатта.

– Ба фикрам... дасту пояшошро бастан шарт набуд.

– Барои чӣ?

– Чунки агар хоҳанд, мекушоянд; ба дандон мекушоянд. Инаш ваяшро, ваяш инашро...

– Рафта бинам? Ҳамин хел карда бошанд, аз сари нав ме-

бандем. Кӯргиреҳ мезанем.

– Лозим не. Баръакс... кушоед. – Дар лабони базеби Усмон Азиз дардханди базӯр аён пайдо шуд. – Монед, то саҳар дасту пояшон ором гирад.

– Хуб...

– Ба Анвар азоб будагист?

– Ҳа-а, маҷрӯҳ вай...

– Кушоеду лекин ҳушёр бошед. Мабодо ягон ҳунар баровардa, осон гурезанд.

– Иншооллоҳ, наметавонанд, – гуфт Қурбон ва даст ба рӯи сина гузошта, зуд бархост.

Ғуломҳусайн ҳам аз паи ӯ рафт.

Усмон Азиз тахмин баъди ним соат, ки дар ин муддат ба мулло Салим аз ину он берағбат гап зада менишаст:

– Акнун ба қабристон рафта меоем, – гуфт. – Ба зиёрати хоки падару модарам...

– Ба чашм, тақсир, – тасбеҳи дарози донаҳояш сиёҳро, ки то ҳол гоҳ-гоҳ дар байни ангуштон мегардонд, ба кисаи ҷелакаш андохта, вай сабук ба по шуд. – То қабристон ду қадам... Меравем, ба арвоҳи он азизон фотиҳа мехонем. Хӯш ки бошад... иқдоми нек мекунед, тақсирам. Одамони биҳиштӣ буданд волидайни шумо.

Усмон Азиз ба ин сухани мулло Салим чизе нагуфта, оҳиста аз ҷой хест. Аммо дар паси болин шамшерашро дида, хам шуд ва онро гирифта, дар таки кӯрпача монд.

– Бахайр, ака? – аз дари ошхона намоён гардида, парешон пурсид Ороста.

– Ҳеҷ ташвиш не, хоҳарам, баръакс... ту осуда бош. Мо зуд меоем, – гуфт ӯ ва ҳамроҳи мулло Салим ба ҷониби ғуломгардиш солор қадам ниҳод.

Онҳо акнун ба ҳавлии берун дохил шуда, дуртар аз оғил... аз пеши Қурбону Ғуломҳусайн мегузаштанд, ки аз дарвозаи калони дутабақа, дар сари даст кӯдаки ширхора, хоҳари Анвар даромад.

Усмон Азиз ӯро дарҳол шинохта, беихтиёр истод. Зани хушсурат буд Сабоҳат; мисли додараш болобаланд буд. Чеҳраи афрӯхтаву қомати химча дошт...

Вай ҳам истод ва дар чашмони олувор сиёҳаш як қатъия-

ти ғазаболуд, фурсате рост ба рӯи Усмон Азиз нигарист. Баъд кӯдаки парпечашро ба сандуқи сина бештар пахш намуда, озод пурсид:

– Додари маро куҷо кардӣ? Канӣ шавҳарам? Ту аз онҳо чӣ мехоҳӣ?

Овозаш ҷарангос мезад.

– Аввал салом гуфтаанд, хоҳарам, он гаҳ калом, – ба ханда моил шуданд лабони Усмон Азиз.

– Саломи ман ҳоло қадр дорад. Қимат дорад... Дар кадом мулки бегона гашта-гашта, имрӯз балои осмонӣ барин ногаҳон пайдо шуда, ба одамони бегуноҳ ҷабр мекуниву ман ба ту боз салом диҳам?!

– Ҳай-ҳай, – аз рӯи одат оҳанаки асояшро дар замин кӯфта, гуфт мулло Салим ба маломат. – Ана беадабӣ, ана шаттоҳӣ. Шарм надошта, як мардаки баобрӯи синнаш ба ҷое расидаро *ту* мегӯяд. Ҳай-ҳай... Эҳтиёт шав, ки ба зан ҳолат ин хел кардан гирӣ, фардо – рӯзи қиёмат – дар оташи дӯзах гаштаву баргашта месӯзӣ.

– Шумо кордор набошед, имом. Ман ӯро аз овони кӯдакиаш медонам, аёли баақл аст. Вай худаш мефаҳмад; нағз мефаҳмад, ки...

– Чиро фаҳмам? – гуфт ба ситез Сабоҳат, ҳамоно сухани Усмон Азизро бурида. – Ту ягона додарам, шавҳарам, боз... он муаллимбачаи беозорро ба истинтоқ гирифта, мири ғазаб барин зада-зада, бандӣ мекуниву ман чиро фаҳмам?!

– Аз ҳаддат нагузар, – гуфт Усмон Азиз, якбора ваҷоҳаташ тағйир ёфта. – Агар обу нони ман намебуд, кайҳо ба таки ҳафт ман хок мерафтӣ.

– Ҳамон обу нони ҳароми туро намехӯрдам, сад маротиба беҳтар буд...

– Лабу даҳонатро ғундор, духтарам, нағз не, – гуфт мулло Салим, ки худро дошта наметавонист.

Вале Сабоҳат ба ӯ эътибор накарда, суханашро дар ҳасрат идома дод:

– ...миннат намекашидам. Аз ҳаддат нагузар будааст! Ту ҳам дониста гап зан, аз қаҳри худо тарс. Ба ёд ор, ки чӣ тавр падарам ба касофати ту нобуд шуд; додарам, ману модарам... – вай нохост гирист, – дар ин ҳавлӣ аз субҳ то шом чӣ

хел канизвор аз паи обу алават мегаштем. Кори намекардагиамон набуд. Як лаб нони туро хӯрда бошем, муфт не... ба ивази меҳнатамон мехӯрдем.

Гиряи Сабоҳат торафт баланд гардида, парпеч дар бағалаш мечунбид – кӯдак яқин бетоқат шуда, даступо мезад.

– Боз чӣ гап дорӣ? – хунсард пурсид Усмон Азиз.

– Гапам ҳамин ки, – гуфт ӯ канда-канда, – додарамро раҳо кун, шавҳарамро раҳо кун!

– Боз чӣ?

– Дигар ҳеҷ...

– Пас ҳоло ба хонаат рав. Фардо саҳар биё. – Вай лаҳзае хомӯш монда, қатъӣ илова намуд: – Бале, фардо ҳатман мебинӣ онҳоро!

– Барои чӣ, охир? Чаро акнун не? – ба як дарду алами ҷонсӯз фиғон кашид Сабоҳат. – Онҳо чӣ гуноҳ карданд? Ту худат чӣ муддао дорӣ? Ҷавоб деҳ...

Кӯдак гирист.

– Ба заифа-мардум ҷавоб додани ман шарт не. Рав, бисёр налақу рав, – гуфт Усмон Азиз, ки аз шӯру фиғони ин зани «мӯяш дарозу ақлаш... тавба!» номаълум дандон месовид.

– Аз авлиёву анбиё наметарсӣ?! – хориаш гирифта, ӯ бадтар ашк мерехт. – Ту ҳам бандаи мусулмон-ку... Ман чӣ хел равам? Аввал фаҳмон, ки аз онҳо чӣ мехоҳӣ. Фаҳмон! Мақсадат сиёҳкорӣ набошад, баъд ана... майлат, ман меравам.

– Ба ту чанд бор гӯям, ки саҳар биё?

– Охир...

– Сарамро гаранг накун, бас!

– Раҳми кӯдакамро хӯр. Ба мани муштипар осон не...

Ҳамин вақт, Сабоҳат ҳоло суханашро ба охир нарасонда, аз оғил фарёди пурхашми Юнус баланд гардид:

– Худатро паст назан дар назди он шағол! Садқаи оби дидаат шавад вай. Дар ин ҷо наист, рав, зудтар хона рав. Натарс, ба мо ҳеҷ ҳодиса рӯй намедиҳад. Вай аслан кист? – дайдуи кӯчаҳои чиркини Пешовар. Намедонад, ки давраи бедодгарӣ кайҳо гузаштааст аз бари ин диёр... Ту рав! Он мурғи посухта як тора мӯи моро кам карда наметавонад.

Баъд овози хастаи Анвар баромад:

– Рост мегӯяд, хоҳарам, рав!

– Шунидӣ? – пурсид Усмон Азиз, ҳамчунон аз Сабоҳат чашм наканда.

– Шунидам, – гуфт ӯ, дар сурате ки базӯр ашкашро фурӯ менишонд.

Аммо кӯдак...

Вай ғаш карда, сахттар мегирист.

– Шунида бошӣ, ба раҳи омадаат рав. На танҳо ман, балки *ягона* додарат... шавҳари *раисат* ҳам мехоҳанд, ки ту аз ин ҷо зуд дафъ шавӣ!

– Кӣ дафъ мешавад, кӣ не... ҳоло мебинем, – боз ба гӯш расид овози Анвар.

Усмон Азиз акнун хомӯш буд, ҳатто хотирҷамъ буд. Мулло Салим, хайр, маълум – кафши чӯбинаш дар пой, гӯё ба санг табдил ёфта, аз ҷой намеҷунбид.

Сабоҳат низ сукут меварзид. То қадре ором гирифтани кӯдакаш вай ҳамин гуна истод-истоду ниҳоят... дар як нафрати кушанда ба чашмони бераҳми Усмон Азиз нигарист.

– Илоҳӣ бекафан мурда, тӯъмаи зоғу заған шавӣ!

Сипас тоб хӯрда, оҳиста кӯча баромад.

Дар ҷавоб ба ин дуои бади зан Усмон Азиз лом нагуфт. Фақат хандаи талхе кард.

Инак дар ҳавлии берун хомӯшии мутлақ ҳукмфармо буд. Қурбону Ғуломҳусайн дар пеши дари оғил ҳайрон истода, гоҳо ба якдигар чашм медавонданд. Ва мешуд, ки ба андоми хоҷаи худ ҳам гаранг назар меандохтанд.

Усмон Азиз лаб газида, се-чор дақиқа наҷунбид, – ба пиндор пойҳояшро дар замин мехкӯб карда буданд. Мулло Салим, ки аз ин вазъи ӯ ба танг меомад, бардурӯғ сурфид. Ва Усмон Азиз:

– Ҳамин тавр, имом, – гӯён вазнин қадам бардошт.

– Ба дилатон нагиред: занак аст, ақл надорад.

– Ақл надорад мегӯед? – маҳзун пурсид вай, чуқур нафас кашида. – Не-е, аз ману шумо бааќлтар аст... Хуб, ҳоло меравем. То пагоҳ худо подшоҳ...

## 15

Баъде ки Юнуси раис, Зариф Барака ва ду деҳқони дигар як паллаи дарвозаро ба дарун тела дода, пасопеш ба ҳавлӣ

даромаданд, Таманно аз кӯчаи калон шитобон ба тангкӯча дохил гардида, пас аз фурсате се-чор қитъа токзорро гузашта, боз ба поини боғи Усмон Азиз расид. Вай, ки аз раҳи лой, пур аз кӯлмак, беодам, аз байни алафҳои баланд ва ҷӯяҳои ток тохта-тохта меомад, ниҳоят дар пушти девор таваққуф намуд. Ва ҳатто нафас рост накарда, аз рахнаи калони бороншуста ба саҳни ҳавлӣ нигарист. Дили дар қабзаи тарсу изтироб бенавои ӯ гуп-гуп тапида, садои он гӯё аз синааш берун меҷаст ва ларзида-ларзида, дар фазои боғоти саросар сабзу хуррам гум мешуд.

Таманно лабони аз кӯфти роҳ каме парсинбастаашро зери дандон гирифта, вазнашро бетоқат аз як пой ба пои дигар меандохт; даст ба рӯй мебурд; пичаҳои сунбулашро беихтиёр ба пушти гӯшҳояш мехобонд; дам ба дам тугмаи гиребонашро дошта, гӯё месанҷид – бастаанд ё не?.. Вале аз саҳни ҳавливу таки айвони дароз, ки он ҷо дар ҳалқаи чанд нафар Усмон Азиз менишаст, лаҳзае чашм намеканд.

Вай хунук мехӯрд.

Ягон соат пеш борон монда бошад ҳам, либосаш ҳанӯз хушк нашуда буд. Кафши кӯҳнааш битамом тар, гилолуд. Ба ҳар ҷо-ҳар ҷои пойҷомаву домани куртаи сафедаш низ лой чарахса кардааст...

Таманно ҳамчунон дар бари девор меистод. Гоҳо қомати ниҳолвор нозуки ӯро ларза мегирифт. Ва духтар ин эҳтизози ногуворро маҷбур дар худ фурӯ нишонда, ба даруни ҳавлӣ менигарист; ҳама тан гӯшу ҳуш мегардид.

Юнуси раис дар иҳотаи Зариф Барака ва ду ҳамроҳи дигараш дар пеши суфаи айвон ба по буд. Вай аз паст ва Усмон Азиз аз боло ба ҳам гуфтугӯ доштанд. Овози онҳо пахшхӯрда меомад. Таманно чизе фаҳмида наметавонист: масофа ба ҳар ҳол дур буд. Бар замми ин аз болои сараш гунҷишкон парида, ё дар рӯбарӯяш аз дами бод шохаҳои дарахти чормағз ҷунбида, ба сомеаи духтар халал мерасонданд; дар хаёли ӯ ҳатто гуп-гупи ноороми дили хунгардидааш низ душманӣ мекард.

Вай сухане намешунид.

Барои чӣ гуфтугӯи онҳо ин қадар дароз?..

Худаш бехабар, панҷаҳои гирои Таманно рахнаи девор-

ро дошта, дар лой олуда буданд. Аз чашмони сиёҳи ғамнокаш ришта-ришта ашк заҳида, ду рухсори аз ғояти ҳаяҷон суп-сурхашро якзайл тар мекарданд. Аммо ӯ ҳама вуҷудашро ба фаромӯшӣ дода, танҳо ба одамони таки айвону саҳни ҳавлӣ менигарист; дар сари гирдгардонаш саду як тасаввур, пайкари зебояш ларзида ва дили то ин саҳари шум пурорзуяш об шуда, ба ҳасрат менигарист.

Шахси аз ҷон азизтараш Анвар... куҷост вай? Чӣ ҳол дорад? Барои чӣ ӯро бандӣ кардаанд? Чӣ мехоҳанд аз вай?..

Ниҳоят гуфтугӯи раис ва Усмон Азиз ба охир расид магар, ки *он* барзангии ношиносу Қурбон аз канори суфа бархоста, назди Юнус рафтанд. Лекин боз гапгузаронӣ шуд. Баъд Юнус фӯтаашро кушода, ба тарафи Қурбону шарикаш партофт. Ва онҳо дастони раисро ба рӯймоли худаш дар пушт баста, ӯро зуд пеш андохта, ба ҳавлии берун бурданд.

Таманно инро дида, дарун-дарун месӯхт, аммо чӣ кор карданро намедонист. Дар рӯбарӯи Усмон Азиз акнун Зариф Барака ва ҳамон ду нафар деҳқоне ки вазъияти деҳаро фаҳмида, аз дашти Пойгаҳҷо ба Юнус якандеш омада буданд, паҳлу ба паҳлу истода, гоҳо гап мезаданд. Усмон Азиз такя ба болин оварда, низ чиҳое мегуфт.

Вале Таманно сухани онҳоро ҳамчунон фарқ карда наметавонист. Ӯ фақат як садоро баръало шунид:

– Дафъ шавед, ки дигар набинам афти ҳароматонро!

Ин овози Усмон Азиз буд.

Духтар, оби дидааш шашқатор, ҷонсарак қафо гашт... Вай чӣ кор кард? Аз паи акаи Юнус ба умед то дашти Пойгаҳҷо рафта, ӯро ба деҳа оварду ана – гӯё худаш ба дасти *онҳо* супурд. Бале, худаш... Маҳз ба гуноҳи ӯ, Таманно, ин хел осон гирифтор шуд акаи Юнус! Шумхабар будааст ӯ, шумтолеъ! Ситораи бахташ яқин тира гардидааст. Наход вай дигар ба рӯзҳои нек нарасад? Наход ба Анвар ягон ҳодисаи бад рӯй диҳад?.. Худоё, агар ҳастӣ дар ин дунёи равшан, нолаҳои дили афгори ӯро шунав, ба ҳолаш раҳм кун, ҳомӣ шав. Анварашро дар паноҳат нигаҳ дор! Ба Кароматi муаллиму акаи Юнус ҳам осебе нарасон...

Таманно худ ба худ чунин мегуфт ва бадтар дар азоб монда, аз миёни ҷӯяҳои ток, баъд... аз тангкӯчаи хилват ба сӯи

хонааш мешитофт.

Вай пагоҳӣ Анвар ва Кароматро дар пеши Усмон Азиз хору забун дида, то ба онҳо ёрӣ расонад, то ки онҳо аз чанги бой ва шариконаш раҳо гарданд, саркану покан ба ҳавлии Зариф Барака рафт. Вале ӯро наёфт. Кампираш, ки аз ногаҳон пайдо шудани Усмон Азиз хабар доштааст, дар таассуф ба вай фаҳмонд:

– Мардак камтар чӯб бурида меоям гуфта, баромада буд. Бисёр зарур бошад, ӯро аз боғи калхоз меёбӣ.

Таманно лаҳзае фикр карда истоду гашта ба кӯча тохт. Аз назди чанд дару дарвоза гузашта, боз ба як ҳавлича даромад. Аммо ҳайҳот! Соҳиби он ҳам набуд – аз паи кадом коре саҳари мардон ба водӣ рафтааст... Тавре ки пояш аз замину досташ аз осмон канда шуда бошад, вай ночору ноилоҷ монда, нав берун аз дарвоза қадам гузоштан мехост, ки дар кӯча Халил ва Аторо дида, ҳамоно худро пас кашид.

Онҳо, ба сари китф яктаӣ туфанг, хотирҷамъ аз боло омада, оҳиста-оҳиста поин мерафтанд. Мағрур ва босалобат мерафтанд, – мисле ки арбоби мутлақи деҳа буданд. Баъзан хандида, байни ҳам бемалол гап мезаданд.

Таманно дар пушти дарвоза гӯш ба қимор шуд.

Онҳо акнун аз пеши ҳавлича мегузаштанд. Ато гулӯ равшан карда:

– Тағйир ёфтааст Усмон Азиз, – гуфт.

– Ин қадар дур аз ватан гардӣ, ту ҳам бе гумон тағйир меёбӣ, – фориғбол ҷавоб гардонд Халил.

Вале Ато, чунон ки сухани ӯро нашунида бошад, хаёлманд идома дод:

– Гург барин ташнаи хун... Аз як худи нигоҳаш ба тани кас раъша медавад. Боз фармудаанд, ки то мусофир нашавӣ, мусулмон намешавӣ. Беҳуда...

Халил гуфт:

– Мусофирӣ, ҷӯра, ба ҳар кас ҳар навъ таъсир мекунад. Лекин омаданаш айни муддао... Худои карим оҳи маро шунид. Ҳа-а, нағз, ки омад. Бисёр нағз… Вай аз зоти Шермалик, аз он Анвари бедину бебунёд қасди маро ҳам мегирад.

– То ҳол аламат нагузаштааст? – пурсид Ато.

– Не, ҷӯра, ҳеҷ гоҳ аз дилам намеравад. Баъди маргам

ҳатто устухонам ёд мекунад.

Ҳамин тавр, ба якдигар гапзанон, бешитоб қадам монда, онҳо аз ҳавлича дур шуданд.

Таманно аз зӯри ҳаяҷон ва ноилоҷӣ дарақ-дарақ меларзид. Ин дуяш ҳам душмани Анвар будаанд. Боз туфанг бардоштаанд. Аз кӣ гирифта бошанд? Аз Усмон Азиз? Ё аз они худашон? Наход... Каждумони таки бӯрё! Кас дар ин замона намедонад дӯсташ кисту душманаш куҷост...

Таманно қарор дод, ки аз паи онҳо поида-поида меравад: ку бинад – чӣ кор карданианд, мақсадашои чист?

Вай оҳиста аз дарвоза баромад. Кӯча холӣ буд. Маълум, ки Халил ва Ато аз хамгашт гузаштаанд.

Қадамашро тезонда, ӯ ба хамгашт расид ва бармало дид: онҳо дар назди ҳавлии Раҷаб-бобо таваққуф карданд. Муйсафед, ки аз як тараф ба асо ва аз тарафи дигар ба китфи наберааш такя оварда, дар дами дарича меистод, чизе гуфт. Ва Халилу Ато ба вай ҷавоб гардонданд. Духтар сухани онҳоро намешунид. Фақат чашмаш гирифт – Халил ба қаҳр, ё ин ки тамасхуромез даст афшонд ва рафт. Ато ҳам аз раҳаш намонд.

Таманно дар андешаи онҳо ба қафо нигоҳ карда, мабодо ӯро шиносанд, як бари рӯяшро дар қарси пахтагини гулдор, ки Анвар аз хондан тӯҳфа оварда буд, каме пинҳон дошта, ба Раҷаб-бобо наздик шуд ва салом дод.

Мӯйсафед сар ҷунбонда, ба ҳамин саломи ӯро алейк гирифт. Сипас, дар ҳолате ки лабони аз ғояти пирӣ кабудтобаш сахт меларзиданд:

– Дидӣ он лаънатиҳоро? – гуфт. – Ба хизмати Усмон Азиз даромадаанд. Акнун ба туфанг сайру гашт мекунанд... Хонаатон сӯзад!

Таманно овоз набароварда, талх гирист.

– Ганда ҳеҷ гоҳ нағз намешавад, духтарам, – гуфт Раҷаб-бобо, ки як мӯйсафеди тахмин навадсола буда, дар паноҳи набераву асояш базӯр рост меистод. – Ту оби дида нарез. Нағзаш, раисро пайдо кун. Вай аз рӯи гап дар дашти Пойгаҳҷо. Ман ин хел бедасту по бошам... Дар хона ягон мардина нест, ҳама аз паи кор... Чӣ илоҷ, духтарам, раҳи дур бошад ҳам, рафтан лозим. Ту, охир, узви калхоз-ку! Аз

шасташон маълум, ки он худобехабарҳо қасди бад доранд.

Ашк бештар гулӯгираш карда:

– Хуб, – гуфт Таманно ва то даме ки Халилу Ато дар пушти хамгашти дигар аз назар ғоиб шуданд, дуру дароз ба сӯи онҳо чашм дӯхт. Маҳзун буд нигоҳаш, ниқорталаб буд.

– Ту аз паси ин ду мурдор нагард, духтарам, фоида надорад, – гуфт боз Раҷаб-бобо ба овози хаста. – Инҳо дидбонӣ рафтанд. Аз тарсу ваҳм канори деҳаро поида мешинанд, ки ягон кас баромада, ба ҳукумати шӯро хабар нарасонад. Ё нохост шербачаҳои мо пайдо шуда, хокашонро набезанд. Ту мӯл гиря накуну... агар тавонӣ, ҳоло зуд ба Пойгаҳҷо рафта, Юнуси раисро ёфта биё.

Таманно дубора:

– Хуб, – гуфт ва нӯки сарандозро ба чашмонаш бурда, даршаст қафо гашт.

Худи ҳамон лаҳза ба гӯшаш аз нав овози мӯйсафед расид, ки хаёлманд мегуфт:

– Илоҳӣ ҳазрати Хизр нигаҳбон гардад!

Вай дар дил аз Раҷаб-бобо миннатдор шуда, роҳашро шитобон давом дод. Ва қариб сад қадам пас ба се писарбачаи маъсум вохӯрд, ки аз ҳавлии Усмон Азиз меомаданд. Сархам ва ғамгин буданд бачаҳо. Таманно пурсид, ки дар *он ҷо* чӣ гап. Бачаҳо сухани ҳамдигарро бурида, ба оҳанги тараҳҳум гуфтанд:

– Ду мардаки камондор муаллим ва писари Соро-холаро дар оғил андохта, дасту пояшонро баста, аз болояшон қуфл заданд.

Ҳатто яке аз онҳо ҳик-ҳиқ гирист.

– Муаллим гуфт, ки шумо натарсед. Имрӯз дарс намешавад, рафта ба ҷӯраҳоятон хабар расонед. Лекин ман метарсам, дилам мекафад... Рӯи муаллим афгор буд, куртааш дарида. Акаи Анвар ҳам... вай мелангид.

Таманно сари ӯро сила кард.

– Рост гуфтааст муаллим: натарсед, пагоҳ боз дарс мехонед. Натарсед... ҳоло зуд хона ба хона равед.

Баъде ки онҳо дур шуданд, Таманно бештар ба доми азоб афтид. Ва ногаҳон ба вай чунин хоҳише даст дод, ки худи ҳозир зада ба ҳавлии Усмон Азиз дарояду ӯро тунд аз ри-

шаш гирифта, сар деҳ Анварро гӯяд, Кароматро ҳам сар деҳ... Вале хавф бурд; хавф бурд, ки ба ин кораш яқин зарар меораду фоида не.

Акнун ҳеҷ наметарсид вай. Ҳушу ёдаш танҳо ба Анвар банд буд, боз ба Каромати муаллим...

Аммо чӣ илоҷ ёбад?

Чӣ тавр ба онҳо мадад расонад?

Вай ба дарвозаи калон, дутабақа ва қуббадори Усмон Азиз як-ду дақиқа дар нафрат нигоҳ карда истоду тез-тез қадам монда, аз деҳа берун шуд.

Офтоб кам-кам гармӣ мебахшид. Лекин аз ҷониби кӯҳи Ҳафтсар боди барутубат вазида, бӯи барфро меовард.

Таманно, ки таки як куртаи суф буд, хунук мехӯрд. Анварро дар байни он туфангбадастон хору зор дида, камзӯлашро ҳам напӯшида, саросема ба кӯча тохт. Хайр, ҳеҷ қисса не, раҳ гашта-раҳ гашта, гарм мешавад. Ҳолиё аз ҳама муҳиммаш – ба Пойгаҳҷо расида, акаи Юнусро аз воқиа бохабар кардан. Дам нагирифта равад, камобеш дар се соат мерасад. Он тарафаш осон, ба раис меояд-ку...

Вай аз паҳлуи теппаҳои пасту баланд, ки ҳама сабзпӯш буданд, ба таъҷил масофа мепаймуд. Офтоби тобону олами равшан, алафҳои дар нумув ва каб-кабуд, гулҳои рангоранги қади пайроҳа ва парвози шабпаракҳо дигар ба ҳоли ӯ асаре надоштанд. Ҳамчунон мағмум, дилаш нооором ва дар изтироб буд Таманно. Вай хеле раҳ гашта, чандин пастиву баландиро пушти сар карда, ниҳоят пай бурд, ки кафшаш халал мерасонад. Аз ин рӯ пойлуч шуда, онро ба даст гирифту ҳалқаш ки акнун хушк мегардид, аз як ҷӯйчаи пешомада дусе каф оби лой нӯшида, гузарашро боз идома дод.

Хаёли ӯ ба сад кӯча сар мехалонд. Аз куҷо расид ин бало? Анвар ба чанголи *онҳо* чӣ хел афтид? Усмон Азиз чӣ мақсад дорад? Барои чӣ Анвару Кароматро дар оғил қуфл задааст?.. Эҳ, худоҷон, худо, Таманно чӣ кор кунад? Аз дасти вай чӣ меояд? Фақат метозад; ин тараф метозад, он тараф метозад... Бечора модараш духтарам куҷо рафт гуфта, дар он ҳавлича ҳоло як худаш хун хӯрда шиштагист. Бемор аст ӯ. Азбаски баҳор омадан баробар дардаш авҷ гирифта, нафасаш зудзуд мепечад, раис Таманноро аз кори калхоз озод карда, то

беҳбуд ёфтанаш дар пеши модарат мон гуфта буд.

Ҳамин гуна одам акаи Юнус. Таманно дар ин хусус ҳарфе назада бошад ҳам, филҳол вазъиятро фаҳмида, ӯро ҷавоб дод. Раҳмдил, бекина ва хоксор аст акаи Юнус...

Таманно ҳама тобу тавонашро истифода бурда, бо вуҷуди он ки сахт лакот шуда буд, ба ҷандала раҳ мепаймуд.

Вай боз чандин талу теппа ва ду-се қитъа замини суп-сурх тобаи бегиёҳро гузашта, ниҳоят ба сари дашти Пойгаҳҷо расид, ки он танҳо ба номаш дашт буд. Дар асл як ҳамвории калон... ба ҳар ҷониб тахмин ним фарсах ё бештар тӯл кашида, дар чор тараф ба талу кӯҳталҳои баъзе сабзу баъзеи дигараш сангин дакка мехӯрад. Ҳама вусъаташ ҳамин. Вале онро дашт гуфтаанд. Албатта... дар шароити кӯҳистон, ки ҳар қитъаи киштбоб баҳисоб аст, чунин ҳамворӣ аз дашт камтар нест. Васеъ, дилкаш, рӯзирасон...

Нисф зиёди Пойгаҳҷо шудгор шуда буд. Онро деҳқонон аз боло ҷуфт карда мерафтанд.

Таманно, дар даст кафшҳояш, аз байни шудгор калавида-калавида, рӯ ба одамон овард, ки се-чор ҷуфт барзагавро пеш андохта, ҳар ҷо-ҳар ҷо замин меронданд.

Пас аз чанд дақиқаи тӯлонӣ вай ниҳоят ба қӯшхона расид ва ба Юнуси раис, ки ӯро аз дур дида, ҳайрон ба сӯяш меомад, чашм ба чашм шуд. Ва ба раис фурсати даҳон кушодан надода, нафасаш гирифта-гирифта, ҳама гапро гуфту бемадор дар замин нишаст; сар ба зонувон гузошта, аввал оҳиста, баъд ҳунг-ҳунг гирист.

Дар ин муддат дигарон низ барзагавҳоро ба ихтиёри худ монда, дар қӯшхона гирд омаданд.

Касе ба Таманно дар як косаи чӯбин об дод, дуюмӣ ӯро дилбардорӣ кард... Духтар ором шуд. Ва дар атроф чунон сукунате барқарор гардид, ки ангор аз тарси он зоғҳои сатҳи шудгор филфавр ба ҳаво хестанд. Сипас:

– Меравем, – гуфт Юнус ва ҳафт нафарро дар сари замин гузошта, ба ӯ ва ду деҳқони нисбатан ҷавонтар зуд ба роҳ даромад.

Таманно акнун савори маркаб мерафт. Дигарон пиёда... Онҳо дар ҷадал қадам мезаданд; ҳама дар таҳлука буданд.

Баъди ягон соат ба рӯи осмон абрҳои сиёҳ дамида, раъду

барқ шуду борон борид, шохборон... Тундар гулдурос мезад. Гоҳ аз ин гӯшаву гоҳ аз он гӯшаи осмон ва гоҳ дар болои сар хаданги барқ ҷаҳида, замину замонро ба ранги тези кабудфом меомехт.

Маркаб метарсид; гӯшҳояшро хобонда, гашташро суст мекард. Баъзан таққӣ истода, умуман аз ҷой намеҷунбид.

Дар ҳамин гуна аҳвол масофа паймуда, онҳо пас аз нисфи рӯз ба деҳа расиданд – шояд пештар меомаданд, лекин шохборону раъду барқ халалгор шуданд – ва дар кӯча ба Зариф Барака вохӯрданд. Юнус аз ӯ вазъиятро фаҳмида, ба Таманно гуфт, ки зудтар хона равад, модараш танҳост.

Вай аз маркаб фуромад; баъде ки онҳо як паллаи дарвозаро ба дарун тела дода, пасопеш ба мактаб, ба собиқ ҳавлии Усмон Азиз даромаданд, Таманно ба ҷои он ки пеши модараш равад, худро ба тангкӯча зад. Ва ана, оқибати *бархӯрдро* ба чашмонаш дида, ҳоло боз қафо мегардад.

Ӯ чӣ кор кард?

Акаи Юнусро баумед аз Пойгаҳҷо ба деҳа оварду ин хел... муфт дар дасти он даранда супурд. Ба гуноҳи Таманно бандӣ шуд раис. Шумхабар будааст вай, шумтолеъ будааст! Барои чӣ худо нолаҳои зорашро намешунавад? Сабаб чист, ки зӯр ҳамеша камзӯрро азоб медиҳад? Чаро давлатманд ба камбағал забардастӣ мекунад?..

Духтар қариб тозон ба ҳавличаи нимфатароти аз раҳматӣ падараш мерос даромад. Сару нӯкаш гум, нафасаш печида, вай кам-кам меларзид.

Модараш як кӯҳнаҷомаро ба китф гирифта, дар айвон менишаст. Бечора модар! Ҳамеша синаи раҳм аст... Фарзандашро дидан баробар дар болои кӯрпача нимхез шуд. Аммо ёрои бархостан надошт.

– Шинед, очаҷон, наҷунбед, – гуфт Таманно ва худро дар оғӯши гарми ӯ андохта, ба ду дидаи ашкбор ҳама ҳодисаро баён кард.

Модар низ гирист.

– Дигар курта пӯш, духтарам, тар шудаӣ. Иншооллоҳ, ба Анвар осеб намерасад, ба он муаллимбачаву акаи Юнусат ҳам... Акнун худо мегӯем, дар паноҳат нигаҳ дор мегӯем. Аз дасти ману ту фақат ҳамин меояд.

Вале Таманно:

– Не, очаҷон, не, худо аз оҳу воҳи бандаҳои камбағалаш бехабар! Ман ба Дизак меравам. Вай деҳаи калон, дар он ҷо шӯрои ҷамоат ҳаст, акаи Шокир ҳаст. Ба ӯ хабар расондан лозим, – гӯён ба хона даромада, аз сари мех камзӯлашро чанг зада гирифту ба:

– Қафо гард, духтарам, зинҳор нарав, раҳаш дур, хавфнок... – гуфтанҳои модараш эътибор надода, чуст онро пӯшид ва ҳамон гуна дар шитоб аз дарвоза берун шуд; тез-тез қадам монда, ба канори деҳа расид.

Каме дуртар аз қади раҳ, дар сари як баландӣ Ато менишаст. Аз бағалаш мили тираи камон метофт.

Таманно худро ба чашми ӯ нанамуда, ду-се дақиқа дар пеши девори вайронае фикр карда истод.

Аз назари Ато пинҳон чӣ тавр ба дара нишеб шавад? Бояд илоҷе ёфт, ки вай набинад; ҳаргиз набинад. Дар акси ҳол мемураду ӯро аз деҳа берун рафтан намемонад.

Билохир ба як қарор омада, Таманно қафо гашт. Ва то интиҳои тангкӯча тохта, ба пушти девори сангин гузашт; аз миёни боғи калон гузашт. Сипас ёнаеро чап дода, аз байни чакалакҳои паст-пасти ҳанӯз ҷавон ва сабзаҳои бороншуста, ки то банди пояш мерасиданд, ҳамчунон саросема поин рафта, худро дар як обканд гирифт.

Гоҳ-гоҳ ба сангу харпуштаҳои дар таки алаф пинҳон пешпо хӯрда, вай хеле марҳила тай зад. Ва ягон даҳ дақиқа пас аз паҳлуи тали на чандон бузург, ки дар қафои он тали дигар воқеъ буд, ба эҳтиёт гузашта, аввал шав-шуви обро шунид ва баъд чашмаш нохост ба пайкари марде афтид, ки дар тан ҷомаи алача, дар фарози ҳамон тали дуюм рӯ ба ҷиҳати дара менишаст.

Таманно ӯро аз пушташ дид ва яқин кард, ки Халил аст. Халили бадсигол, дарундор, маккор; Халили аз рӯи гапи одамон ва имрӯза ҳарзаи худаш... ба Анвар, умуман ба зоти Шермалик душман...

Дар хаёли мабодо бинад, вай тарсида, дилаш беҳузур, каме ларзид. Сипас ҷонсарак қафо гашт. Ва боз ба обканд даромада, қариб тозон сад қадам барин боло рафту аз ҷои дигар баромада, ба рӯдаки деҳа наздик шуд, ки он аз қул-

лаҳои кӯҳи Ҳафтсар оғоз ёфта, ҳоло дар шӯру афғон ба сӯи дараи Оҳугузар ҷорӣ мегардид; обаш тез ва қадре лой буд.

Таманно гирду атрофро ҳаросон аз назар гузаронда, кафшашро зуд аз пой кашид ва онро ба ҳар ду дасташ гирифта, оҳиста ба рӯд даромад.

Об ғулғула бардоштаву печида, башаст меомад; сангҳои маҷро лағжонак буданд. Таманно аз зону баланд тар шуда, ҳамон тавр оҳиста-оҳиста то нисфи рӯд рафту ногаҳон сахт ғежид ва бо вуҷуди ҷандала мувозинаташро гум карда, якпаҳлу афтид. Кафшҳо аз дасташ хато хӯрданд. Рӯймолашро, ки низ аз сараш канда шуда буд, базӯр қапида, вай фавран ба по хест ва ҳама либосаш тар, калавида-калавида, оқибат аз рӯд гузашт. Дар лаби он даме истода, куртаву камзӯл ва пойҷомаашро аз ҳар ҷо-ҳар ҷо дошта, рост дар танаш ҷафид. Қарсашро ҳам ҷафида, ду-се бор афшонд; оби гесувонашро низ фишурд.

«Ҳеҷ гап не, раҳораҳ хушк мешавам», – гуфт ӯ ба худ ва рӯймолро ба сар кашида, пас аз чанд дақиқа як ёнаи сералафро қафо партофту аз баландӣ нишеб шуда, дар ҳолате ки аз бими Халил ба чор тараф назари эҳтиёт медавонд, боз муддате қадам зад.

Рӯдаки тезоб дар пушти баландӣ монд; вай рафта-рафта, аз назди Халил мегузарад ва баъд қад-қади раҳ тақрибан ним фарсах ё зиёдтар ҷорӣ гардида, дар саргаҳи дара ба Кофрун мепайвандад; дарё мешавад!

Ба Таманно лозим аст, ки онро дур аз чашми Халил боз як маротиба убур кунад. Ва мекунад; ҳар қадар азоб бошад ҳам, вай то бегоҳ ҳатман ба Дизак расида, Шокири раиси ҷамоатро ёфта, ҳама буду шудро баён медорад. Ба Анвараш зиён нарасад, бас! Ба акаи Юнусу он муаллимбача низ...

Таманно гоҳ аз рӯи сабзаву гоҳи дигар дар замини санглох чолок раҳ мепаймуд. Агарчи осмон аз абрҳо қариб орӣ гардида, офтоби гашти рӯз алоқадри ҳол нурпошӣ мекард, ӯ кам-кам хунук мехӯрд. Албатта... сарулибосаш тар, бар заммми ин кафшҳояш ба об рафтанд. Фурсате қабл як ангушти пояш ба санг зада, хуншор шуд.

Аммо боке не – вай ба Дизак меравад, модом ки меравам гуфт, пас бе чуну чаро меравад. Лозим ояд, аз он ҳам дуртар

меравад. Барои Анвар, ки чанд сол инҷониб кулли умеду орзуҳои ширинашро танҳо ба мавҷуди ӯ мебандад; хаёлашро ба сар овардан замон дили кабобаш гум мезанад... Бале, барои Анвар; барои яккаву ягонааш, шабҳои бехобиаш,ситораи бахташ...

Вале имрӯз *ҳамин* бахти вай дар зери хатар аст.

Охир, чӣ шуд ба Анвар? Чӣ тарз ӯ ба дасти он гургони беша афтид? Усмон Азиз ин тариқ ногаҳон аз куҷо пайдо шуд? Чаро раису Кароматӣ муаллимро низ бандӣ кард? Вай чӣ мехоҳад?..

Таманно дар қайди чунин суолҳои беохир, ки мағзашро гаштаву баргашта фишор медоданд, пас аз муддате ба канори рӯд расид ва ба ҳар ҷониб чашм андохта, боз поча барзад. Ва боз то зону дар об тар шуда, аммо ин дафъа нағалтида, оқибат ба гузаре даромад, ки он хеле нишеб рафта, ба дараи Оҳугузар мебурд.

Вай аввал як дам ба сӯи деҳа нигарист ва чун дид, ки касе – на Ато, на Халил... наменамояд, зуд қадам бардошт. Раҳ лой, пур аз сангу сангреза ва кӯлмак буд. Кафи пои Таманно ҳар лаҳза озор меёфт. Бо вуҷуди ин ӯ алалэҳтиёт гоҳ-гоҳ ба қафо нигоҳ карда, дар ҷадал пеш мерафт; мерафту ба сад дареғу надомат ба худ мегуфт, ки оё хуб набуд, ҷонсарак то дашти Пойгаҳҷо натохта, зиёда аз ним рӯзашро ба бод надода, он *аҳволро* дидан баробар рӯ ба Дизак орад. Агар ҳамин тавр мекард, шояд акаи Юнус гирифтор намешуд. Ва эҳтимол вай, Таманно, дар Дизак раиси ҷамоатро сари вақт ёфта, инак ба Нилу бармегашт. Акаи Шокир дар ихтиёраш одами бисёр дорад – Дизак деҳаи калон... Ӯ ҳатман ба ёрии Анвар мешитофт. Яқин дигаронро ҳам наҷот медод.

Беақлӣ кард Таманно, беҳуда ба гапи Раҷаб-бобо даромада, аз паи Юнус ба Пойгаҳҷо рафт. Якбора ба ин тараф омадан лозим буд. Охир, айнан босмачӣ барин *онҳо*, аз босмачӣ ҳам бадтар. Пас ҳар ноинсофӣ аз дасташон меояд. Дар вақташ ба падари ӯ чӣ карданд!.. Шаш сол мешавад ба он фоҷиаи пурдаҳшат. Вале Таманно то имрӯз… тифоқо ҳамон шаби охири баҳоронро ба ёд орад, аз ваҳшоният ва бераҳмии одамизод лол монда, дар танаш раъша медавад.

Акнун низ ба вай айни ҳамин ҳолат рух дод. Ва ӯ анде-

шид, ки чӣ тавр, ба чӣ дастур, бе ҳеҷ сабаб омада, як касро куштан мумкин бошад. Фақат барои «ман намеравам, ман ҷаллод не, деҳқони хокпошам. Ғайр аз ин, бародарҳо, хуни ноҳак рехтан убол аст» гуфтани *инсон*...

Таманно дарди пояшро қариб фаромӯш карда, дар гӯшаш шав-шуви рӯдаки беқарор, аз роҳи танге ки дар як бари он талҳои сабз ва баъзан шаххҳои сангини ҷо-ҷо баарча саф кашида буданд, ҳамчунон оҷил қадам партофта, шояд ҳоло ҳазорум маротиба чӣ навъ сурат гирифтани марги падаршро пеши назар меовард.

...Аввал дарвозаи ҳавлӣ таракосзанон кушода шуда, аз айвон шарфаи гурс-гурс пой мондан омад. Баъд дари хонаро вазнин кӯфтанд.

Таманно, ки бедор буд, тарсид.

Падару модараш ҳам «чӣ гап?» – гӯён аз болин ҳайрон сар бардоштанд.

Дарро боз, ин дафъа сахттар кӯфтанд.

– Кист? – пурсид дар торикӣ падари Таманно.

Ва ҷавобан як овози ғафс ба самъ расид:

– Одамони худӣ... Берун баро, гап ҳаст.

Падар пеши ҷогаҳро палмосида, ҷомаашро ёфту онро ба китф андохта, осема дарро кушод. Хона андак равшан гардид ва Таманно дар айвон суроби ду марди ришдорро дид. Онҳо ба падараш чизе гуфтанду дар ғиҷирос зада, ҳамоно пӯшида шуд.

Баъд як ғибир-ғибири нохуш омад; фурсате нагузашта, садои қадаммонӣ баланд гардид. Онҳо эҳтимол ба рӯи ҳавлӣ мефуромаданд.

Таманно ба ҳар хел гумонҳои бад рафта, пас аз чор-панҷ дақиқа аз бистар хесту дарро кушода, ҳамроҳи модараш, ки низ ҳоло рост меистод, ба берун нигарист. Моҳи нав дар сафҳаи осмони ҷо-ҷояш абролуд дами досро монда, аз байни ситораҳои кабудтоб ва парешон ба сари замини ғарқи хоб нури хира мерехт.

Дар дили нооромаш як даста оташ, Таманно гӯш ба қимор шуд. Акнун воқиан ҳам он ду мард ва падараш дуртар аз суфаи айвон, дар саҳни ҳавлӣ истода, паст-паст гап мезаданд. Мили камони дар китфи *бегонаҳо* овезон аз шуои маҳ-

тоб сард ва тарсовар ҷило медод. Дар нимторикӣ қиёфаи онҳоро баръало дидан душвор буд. Саллаву ҷома доштанд, қаторвазна доштанд, қадбаланд буданд...

«Босмачиҳо!» – аз ғояти ҳарос дилаш қариб рафта, гуфт ба худ Таманно.

Ва ҳамон дам яке аз он ду мард овозашро чандон баланд накарда, ба таҳдид пурсид:

– Яъне ту розӣ нестӣ?

– Гуфтам-ку: аз дастам намеояд...

– Маълум, ки дуруст хулоса набаровардаӣ.

– Ман ҷаллод не, деҳқони хокпошам. Ғайр аз ин, бародарҳо, хуни ноҳак рехтан убол аст.

– Мо дар вақташ ба ту фаҳмонда будем, ки агар бори сеюм ҳам розӣ нашавӣ, ба ҳеҷ ваҷҳ аз мо не, балки аз худат гила кун. Дар ёдат ҳаст? – гуфт дуюмӣ.

– Ёд дорам, лекин, охир... – забон хоид падар.

Ва онҳо худи ҳамон лаҳза ӯро тела дода, ба сӯи ягона дарахти чормағз бурданд, ки дар поинтари ҳавлӣ воқеъ буд.

Таманно инро дида:

– Нарасед! Додо, додоҷон... – гӯён аз дар берун тохт.

Аз пушти вай модараш низ давид.

Яке аз он ду мард тоб хӯрда, ба ҷониби овоз рӯй овард ва қамчинашро ба ҳаво бардошта:

– Қафо гард, мочахар! – гуфт дарғазаб.

Вале ӯ ва модараш қафо нагаштанд.

Бинобар ин мард дастонашро ба ду тараф ёзонда, гург барин пеши роҳи онҳоро баст. Дигарӣ *сайди* худро дар танаи чормағз пахш карда, гулӯяшро ба қабзаи тозиён мефишурд.

Таманно чирос зад.

Мард бадтар хашмин шуда, дар як ҷаҳидан ӯро ба чанг оварду даҳонашро ба кафи даст маҳкам пӯшид.

Модар ба сӯи дарахти чормағз тохт. Аммо ба чизе пешпо хӯрда, ғафлатан афтид; бархост ва боз тохт.

Таманно, ҳар ду чашм ба ҷониби падар, беист бардорузан карда, мекӯшид аз чанголи он даранда раҳо ёбад. Лекин ҳайҳот, ки зӯраш намерасид – ҳамагӣ як муштипар аст, охир... Ниҳоят нафасаш қариб гашта, ба азоб риши ӯро дар панҷа гирифт ва сахт кашид.

Ин дам модараш:

– Инсоф кун, номусулмон! Гуноҳи вай чист?.. – гӯён ба марди дуюм часпида буд.

Падар ба кушандаи худ дигар муқобилат нишон намедод: дастонаш суст шуда, яқин аз ҳол мерафт.

Таманно баъди аз риш гирифта, шаппотӣ хӯрдан ҳам бардорузан мекард. Модараш, ки акнун лоилоҷ фарёд мекашид, аз зарби ногаҳони лагад ба замин афтид.

Аз байн як-ду дақиқа гузашт ё не, – падараш низ аз пой даромад. Чунон оҳиста, ки гуё аз танаи чормағз шорида, то дами озод гирад, ба вай такя овард.

Мард зуд аз онҳо дур шуд ва ба назди шарикаш расида:

– Кораш тамом... рафтем, – гуфт.

Ва Таманно ба як тела додан се-чор қадам дур париду боз чирос зада, худро ба тарафи падар андохт.

Модараш:

– Куштанд, хонаам сӯхт... куштанд, – гӯён дар гирди чормағз давида, рӯю мӯй мекaнд.

Ҳамин зайл сурат гирифта буд марги падари камбағал, вале бисёр меҳрубони вай. Модом ки онҳо ба як одами бегуноҳ чунин дарандагӣ карданд, пас ба Анвар низ бешубҳа дандони заҳр доранд. Барои каммунист буданаш, барои он ки сарвари камсамолони музофот аст, барои он ки дар Нилу баумед калхоз сохт...

Таманно акнун қариб ду фарсах роҳ тай карда буд. Либосаш ҳама нам, пойҳояш хуншор, худаш бемадор. Бо вуҷуди ин пайваста пеш мерафт.

Рӯде ки аз қуллаҳои кӯҳи Ҳафтсар оғоз ёфта, баъд аз канори Нилу гузашта, даршаст поин меомад, кайҳо ба Кофрун омехта, дарё шуда буд.

Офтоб дигар наменамуд.

Абрҳои сиёҳи печон, ки ягон ним соат муқаддам ногаҳон аз мағриб сар бардошта, охирин шафақи онро дар худ ҳал карда буданд, инак дар сатҳи осмон аз нав паҳн гардида, бӯи боронро меоварданд.

Дараи Оҳугузар хилват ва ҳавлангез буд.

Таманно, то ҳадде метавонист, тарсу ваҳмро дар дили вайронаш фурӯ нишонда, ҳама қувваашро ба кор бурда, дар

ҷандала марҳила мепаймуд. Аз ду ҷониб шаххҳои баланди аксар урён, сард ва тира вазнин саф кашида, хаёлаш, ки ӯро ба замин пахш кардан мехостанд. Гув-гув садо баровarда, аз дасти чап рӯди Кофрун ҷорӣ мегардид. Хурӯшон, лой ва хунталаб буд вай.

Боди рутубатнок мевазид. Ҳаво торафт хунук мешуд. Таманно меларзид; реза-реза меларзиду дандон ба дандон монда, беист қадам мезад. Пояш олуда ба хун буд. Сангрезаҳои тез ӯро ҳар дақиқа бештар азоб медоданд... Худат мададгор бош, худоҷон, худо! Вай агар ба Дизак расида, Шокири раиси ҷамоатро ёбад, аз ту ҳазор бор розӣ мешавад. Азоби ин роҳи дароз ҳеҷ дарду бало не; муҳиммаш – Анвари ягонааш, банди ҷону ҷигараш зинда монад, муаллиму акаи Юнус ҳам аз дасти онҳо халос ёбанд.

Ба рӯи Таманно як қатра борон ғалтид, боз як қатра...

Ва ҳамоно дар болои сараш оташи барқ ҷаҳида, пардаи нимторики атрофро чок-чок кард. Сипас раъд ғурида, борони сел омад.

Таманно тарсидаву ларзида, гоҳ тозад, гоҳи дигар аз ҳол рафта, зуд-зуд мекалавид. Аз гуруснагӣ, бемадорӣ ва асабоният дилаш суст мешуд, балки мешӯрид. Ӯ саропо ғарқи оби борон буд. Тундар дам ба дам хурӯш карда, шаххҳои мазбути атрофро гӯё ба такон меовард. Баъзан дар миёни дара, ки онро тадриҷан торикӣ фаро мегирифт, лаҳзае зиё меафканд. Садои рӯди Кофрун аз гулдуроси раъд гоҳо фурӯ менишаст. Борони ҳамал, чунон ки аз ҳазорон сатил бошад, базарба ва муттасил мерехт.

Таманно ниҳоят хаста шуда буд. Банду буғумаш ба дард омада, ангуштон ва кафи пойҳояш ҷиз-ҷиз месӯхтанд. Вай дар оғӯши шаби бимнок раҳашро дуруст дида наметавонист. Аммо ба ин нигох накарда, таваккал қадам мемонд. Мекалавид, пешпо мехӯрд, ба сад хаёл мерафт, метарсид, лекин қадам мемонд. Аз барои Анвари ба ҷону дил баробараш, ба хотири ишқи ногуфтааш, орзуҳои духтариаш...

Дар чунин аҳвол Таманно боз қариб ним соат раҳ гашта, оқибат дар партави барқ чашмаш ба тахтапули болои дарё афтид. Ва ӯ ба як ҳисси шодмонӣ аз дил гузаронд: «ин тарафаш кам монд, ҳамин замон, иншооллоҳ, ба Дизак мерасам».

Сипас бештар ҷаҳд карда, қадамашро тезонд. Пеши пояшро санҷида-санҷида, дар гӯшаш фиғони рӯди пурталотум, ба эҳтиёт аз пули хароб гузашт. Боз каме масофа паймуд, вале баъд... якбора истод.

Аз рӯбарӯ ду нуқтаи хурд-хурди оташин дар таҳдид ба вай наздик мешуданд. Таманно сахт тарсид ва оҳиста-оҳиста паснокӣ рафта, гӯё беҳушу беёд аз роҳ баромада, ба харсанги сарде такя овард. Он ду нуқта рост ба сӯяш меомаданд. Ҳамин вақт дар осмон шамшери барқ аз нав ҷило дод. Ва ӯ дар равшании он як ҷондори бадҳайбатро дида, дар ҳолате ки аз тазйиқи даҳшат чӣ кор карданро намеденист, беихтиёр пичирос зад:

– Гу-ург!

Сипас хам хӯрд ва аз пеши пояш санге наёфта, ба тахмин филҳол кӯр шуда, даст ба сарандозаш бурд, ки он ягона тӯҳфаи Анвар буд.

Раъд меғурид, барқ меҷаҳид, борон мерехту дарё наъра мекашид; зулмоти шаб беэътибор ҳукм меронд.

Таманно... дар даст рӯймоли пахтагини ҳама тар, дар муқобили он ду чашми оташин зору танҳо меистод. «Гург-гург-гург...» – метапид дили бечорааш.

Аммо гург, возеҳаш модагург... хурсанд буд. Фалак ба оҳу нолаҳои пурсӯзи вай ахир гӯш дод. Дар ин ду рӯзи дароз, ду рӯзи ҷазои қадар... азоби бисёре кашида, болои дард думмал, аз пои чапаш тири сӯзон хӯрда бошад ҳам, вай акнун шикамашро пур карда, ба пеши се бачаи носерамаш дасти холӣ намеравад. Рӯҳи бохабари Ғазаби вафодораш низ безобита намешавад...

Модаргург ба таҳдид ғурид ва ҳама рагу пояшро таранг кашида, чун пайкон ба сари Таманно парид.

## 16

Аз байни як биёбони тафсону бегиёҳ ҷӯи дароз ва пуробе гузашта, дар зери офтоби тобистон нуқравор ҷило медиҳад. Анвар дар лаби он пойҳояшро кушод монда, дастонаш дар миён, ба охири биёбон менигарад. Аммо вай анҷом надорад; ҷӯй ҳам беинтиҳост.

Анвар аз шодӣ дар куртааш нагунҷида, фикр мекунад,

ки ӯ ба умед шабу рӯз каланд зада, араќи чабин рехта, ҳамин ҷӯи калонро танҳо худаш баровард. Ин биёбони асрҳо боз сӯхта акнун шодоб мешавад, гулистон мешавад. Вай ниҳоят ба мақсадаш расид, дигар ормон надорад. Лекин ҳаво чӣ андоза гарм! Танӯр барин замину замонро метафсонад. Дар чунин дӯзахи зишт ӯ палтои чармин пӯшидааст, дар пояш мӯза. Аҷаб, ки наган ҳам дар тасмааш. Гиребони гимнастёрка гулӯяшро фишурда, озод нафас гирифтан намемонад... Бо вуҷуди ин Анвар шод аст; шод аст, ки як биёбони ташналабро ба бозувони худаш обшор мекунад.

Баъд вай нигоҳашро аз вусъати ҳамвории урён ва беохир ғундошта, ба ҷӯй менигарад. Обаш лой шудааст. Барои чӣ? Ё ягон кас аз фарти бахилӣ дар он хок мерезад? Ба саргаҳаш рафта, хабар гирифтан лозим. Ҳамин ҳозир, зудтар… Вале дар осмони лоҷувардӣ ногаҳон раъд гулдурос зада, паёпай оташи барқ медавад. Ва Анвар...

Ӯ як қад парида, бедор шуд. Воқиан ҳам аз берун садои тундар омада, чароғакаш гоҳ-гоҳ аз роғи дар ба торикии даруни оғил рахна меандохт. Яқин борони сахт меборид, ки донаҳои он, мисли нахӯд дар пӯсти нақора, тасар-тусур ба фарқи бом бархӯрда, хаёли касро медуздиданд.

Анвар пайкари афсурдаашро бардошта, каме қафо лағжиду оҳиста ба девор такя кард. Бӯи хасу поруи хушк ва ҳавои ғализ, ки саҳар инҷониб нафасашро мебастанд, боз ҳам ба димоғаш печида, бори чандум аст... дар куҷо будани ӯро аз сари нав ба ёдаш оварданд. Дилаш беҳузур шуда:

– Хоб дидаам, – гуфт ба оҳанги таъкид Анвар.

– Чӣ хоб?.. – ҳамоно пурсид Юнус, ки низ такя ба девор дода, аз вай дуртар менишаст.

– Ба як биёбони сӯхта ҷӯй баровардаам.

– Равон?..

– Бале.

– Обаш соф буд?

– Лаболаб буд, мусаффо буд.

– Хобӣ нағз.

– Лекин баъд... Нохост лой шуд.

– Ҳеҷ гап не, ба ҳар ҳол хоби нағз. Ҷӯй – натиҷа аз заҳмати кашидаат. Махсусан ба биёбон ҷӯй баровардан… ин

яъне кори ниҳоят бафоида кардан. Оби лой, хайр, маълум...

– Чӣ вай?

– Шояд имрӯза аҳволамон.

– Шумо аз мулло Салим ҳам мегузаронед, – дар торикӣ беихтиёр лабханд кард Анвар.

– Рост мегӯям. Дар хобат боз чӣ буд?

– Масалан, раъду барқ.

– Раъду барқ?

– Бале, дар осмони тоза, каб-кабуд соф...

– Таъбири инашро намедонам.

– Мумкин ягон воқиаи ғайри чашмдошт рӯй диҳад, – гуфт аз як кунҷи оғил Каромат, ки савол-ҷавоби онҳоро шунида, дар болои хаси пӯсида мехобид.

– Боз кадом воқиа рӯй медиҳад? Ё ҳамин қадараш кифоя не? – гуфт Анвар дар банди алам.

– Кӣ медонад...

– Парво накун, додарам, хобат – хоби хеле нағз, – гашта ба сухан омад Юнус.

– Ман парво надорам. Даҳанялаҳо барин аз бекорӣ гуфтам. Дар омади гап…

Ба лабони парсинбастаи вай як табассуми талх дамид. «Аз бекорӣ... Дар омади гап…» Аммо оқибати ин аҳволи онҳо ба чӣ меанҷомад? Хатои ӯ, Анвар, дар куҷост? Сабаб чист, ки ба чунин бало дучор шуд? Дигаронро ҳам гирифтор кард... Кошкӣ як худи ҳамин мебуд. Рафиқонаш дар он авулгоҳи кӯҳна нобуд гардиданд. Панҷ нафар дар муқобили се дайду... Лекин аз дасташон ҳеҷ чиз наомад.

Ҳатто Мурод барин марди ҷангдида, марде ки дар муҳорибаҳои сахти зидди Иброҳимбек иштирок карда, дар байни халқ чун сарбози далер, чун қаҳрамони ҳакиқӣ ном бароварда буд, низ кушта шуд. Саид чӣ? Ҳасану Санҷар чӣ? Ҳар чорашон ҳам ба қатл расиданд. Ятим монданд фарзандони онҳо! Бева монданд занҳояшон. Бадбахт будаанд падару модари дӯстонаш... Марги онҳоро шунида, ба чӣ ҳол меафтанд? Бе писарони дилбанди худ, ки ҳар кадоме барояшон такягоҳ буд, нури чашму қуввати даст буд, соябони сар буд... чӣ кор мекунанд? Аз кӣ мадад меҷӯянд? Чаро Анвар ҳам тӯъмаи тир нагардид? Барои чӣ рафиқонаш ду рӯз боз дар

канори хоки тангу вай ин хел зинда?

Охир, кумитаи партиявии ноҳия ба Анвар эътимод дошт. Худи котиби он Мирзовалӣ Амонов ба ақлу тамизи ӯ, ба ғайрату ҷасорати ӯ бовар карда, ҳангоми сӯҳбаташ роҳу равиш нишон дода, пас «дараи Оҳугузар то деҳаи Нилу дар ихтиёри шумо», – гуфта буд. Боз гуфта буд, ки «ту он ҷойҳоро хуб медонӣ. Нилу зодгоҳат...» Вале дирӯз маълум шуд, ки Анвар ягон чизро намедонистааст, ноӯҳдабаро будааст, беақл будааст. Метавонистаанд ӯро аз дари макр осон ба доми зиллат андозанд. Вагарна аз дафъатан гурехтани Усмон Азизу шариконаш фиреб хӯрда, бача барин шоду бод гардида, «таваккал нару андеша мода», – гӯён... онҳоро филҳол пай намегирифт; дар сурате ки душман силоҳи хубу мавқеи созгор дошт, якҷоя ба дӯстонаш дар муқобили вай оташ намекушод; ниҳоят илоҷе ёфта, зинҳор намегузошт, ки Мурод ва дигарон *баногаҳ* ин дунёи равшанро тарк кунанду Усмон Азиз дастболо шавад.

Анвар, дар гӯшаш садои нохуши тундару шар-шари борон, ба торикии оғил менигарист. Ва дар пеши назари ӯ симои рафиқони ҷавонмаргаш ба навбат зинда мегардиданд. Чӣ марди тандеҳ буд Мурод! Саид ҳам дили соф дошт, як инсони ба ҳаққи худ розӣ буд. Ҳасану Санҷар чӣ? Онҳо низ одамони нағз буданд. Касеро беҳуда озор намедоданд. Ҷуфт ронда, кишт карда, ҳосил ғундошта, аз хоки замини рӯзирасон ба аҳли оилаи хеш хӯроку пӯшок меёфтанд; чашму дилашон ҳамеша сер буд. Ба мулк ободӣ ва ба халқ оромиву осудагӣ мехостанд. Бинобар ин дар даст боз силоҳ гирифта, аз паи босмачиҳо буданд. Аммо ба мақсад нарасида, аз он лаънатиҳо ягонтаашро ба ҷаҳаннам нафиристода, худ барҳадар нобуд шуданд, ҳайф шуданд.

Бале, нестанд онҳо дигар дар рӯи замин! Ва ба ин қабл аз ҳама Анвар гунаҳкор аст, танҳо Анвар...

Вай пои захминашро, ки зириқ-зириқ дард мекард, қадре пеш кашида, ба девор дурусттар такя овард. Банди дасти росташ низ месӯхт ва ҳатто, тир ба устухон нарасида бошад ҳам, мисли пояш варам дошт.

«Хатои ман чӣ буд? Чаро дӯстонам кушта шуданд? Барои чӣ инҳо... акаи Юнусу Каромат ҳам дар остонаи мар-

ганд?» – ба сад дареғу надомат гаштаву баргашта аз дил мегузаронд Анвар. Вале ҷавоби возеҳ ёфта наметавонист, ки ӯ дар куҷо ва чӣ тавр ба ғалат, ба кӯтоҳандешӣ ва оғози чунин фоҷиа раҳ дод. Таҷрибаи ҷанг надошт? Ё воқиан ҳам фиреб хӯрда, беҳуда онҳоро ба таъқиб гирифт? Балки дар Дизак албатта Шокирро мунтазир шуда, аввал ба вай маслиҳат карда, пас рӯ ба Нилу овардан лозим буд?.. Лекин, охир, дар он ҷо кушоду равшан гуфтанд, ки раис дар сафар аст, кай омаданаш номаълум.

Бинобар ин Анвар, баъде ки дар идораи ҷамоат якпиёлаӣ чой нӯшида, ба аспҳояшон кам-кам ҷав дода, сарулибоси худро дар назди оташ хушк карданд, баргаштани Шокирро дигар напоида, ба котиби ӯ, марди миёнсоли ланг, вазъиятро фаҳмонду ба дӯстонаш аз нав саворӣ шуд.

Онҳо тахмин якуним фарсах паймуда, дар пеш нохост Усмон Азизу шариконашро диданд.

Сипас чӣ ҳодиса рух дод, маълум...

Агар вай Усмон Азизро сари вақт мешинохт, шояд то охир таъқиб намекард; шояд меандешид, ки ӯ ин ҷойҳоро хуб медонад, бесабаб аз роҳи калон берун ҷаста, ба сӯи он авулгоҳи хилват асп тозонда нарафт; эҳтиёт шудан лозим... Не-е, вай ақалан гумон ҳам набурд, ки душман онҳоро фиреб дода, аз қафои худ ба ягон мавзеи мувофиқ кашида, баъд ҳадафи тир сохтан мехоҳад. Вай инро ҳатто ба гӯшаи хаёлаш овардa наметавонист.

Акнун чӣ мешавад? Ҳаёти ӯ, хайр... дар сурате ки дӯстонаш нобуд гардиданд, чандон қимат надорад. Аммо язнаашу Кароматӣ муаллим... Пагоҳ Усмон Азиз ба инҳо чӣ кор карданист? Наход ба қатл расонад? Шармандагӣ! Бача будааст Анвар, беақл будааст, хом будааст – аз дасташ ҳеҷ чиз наомад. Ва ана, муфт мурда меравад. Сазои сараш… Лекин, охир, инҳо низ ба касофати ӯ кушта мешаванд. Аз фарти аҳмақии ӯ...

Анвар, ки дар исканҷаи чунин андешаҳои шадид монда, дилу ҷигарашро мехӯрд, боз Мирзовалӣ Амоновро ба ёд овард; қиёфаи сардори милисаи ноҳия Аваз Каримов низ дар пеши назараш падид омад.

Нисфи шаб буд. Онҳо хомӯш менишастанд. Амонов, дар

китф палтои нимдошт, папирос кашида, ба шишаи даҳуми як тарафаш каме сиёҳшудаи чароғи карасин, ки дар гӯшаи чапи мизи худаш меистод, хаёлманд чашм медӯхт. Каримов ҳам дастони сермӯяшро ба манаҳи гирдаш такя гузошта, сукут меварзид. Анвар ба вай рӯбарӯ менишаст. Дар байни онҳо чароғи дигар месӯхт. Бо вуҷуди ин хона чандон равшан набуд. Қадре сард ва дилгиркунанда метофт коргоҳи котиб дар он ғояти шаб.

Ниҳоят Амонов дар бораи тохтутози Иброҳимбек, аз дасти аскарони сурху фидоиён чӣ тавр ба танг омадани *ҳомии* ислом ва дар хусуси ба ин тарафҳо низ гузаштани баъзе одамони ӯ чанд сухан гуфта, аз нав хомӯш монд. Акнун чеҳрааш андак кушода буд. Чашмони калон-калони вай дар зери абрувони сиёҳи ғафсаш равшан ва хеле зинда метофтанд. Партави чароғ ба рӯи сергӯшташ афтида, онро ба назар боз ҳам сафедтар менамуд.

Сипас Амонов муддате ба Анвар нигариста, дар тамкин гуфт, ки ӯ аз ҳисоби камсамолони ҷангдида як дастаи мусаллаҳ тартиб дода, ҳар чи зудтар ба роҳ дарояд; дараи Оҳугузар то худи деҳаи Нилу дар ихтиёри онҳо... Ва Анвар, ки аз симои гарм ва суханони бадарди котиби райком изҳори эътимоду меҳри бародарона мехонд, субҳ надамида ба тараддуд даромад. Сардори милиса ҳам ба вай умедвор менигарист. Ҳатто ӯро дар пеши Амонов таъриф карда, хушҳол гуфта буд, ки тираш бехато ба нишон мерасад.

Вале ин тавр нашуд. На тираш ба нишон расид, на дӯстонаш ҷон ба саломат бурданд. Ҳама кор ба расвоӣ анҷомид, худаш акнун асиру ҳақир...

– Ака! – гуфт Анвар дар торикӣ.

– Гӯшам ба ту, додарам, – овоз дод Юнус.

– Ягон воситаи халосӣ ҳаст?

– …

– Чаро хомӯшед?

– Чӣ гӯям, ки илоҷе намебинам. Оғил не ин, зиндон! Маҳсули дасти худи Усмон Азиз ё падари ӯ буданаш маълум... На деворашро сӯрох кардан мумкин, на аз бомаш раҳ меёбӣ. Ақалан ягон каҷкорд ҳам надорем, ки...

Юнус лаб фурӯ баст.

– Наход ҳамин хел мурда равем? – пурсид Анвар, тоқаташ тоқ шуда.

– …

– О гап занед, язна! Гап занед, ки сарам метаркад.

– Мард бош, додарам.

– То кай?

– Ҳоло дар пушти дар кӣ посбони мо? – ба ҷои ҷавоб гардондан пурсид Юнус. – Қурбон ё он барзангӣ?

– Намедонам.

– Қурбон, – фаҳмонд аз кунҷи худ Кароматт. – Нав ғибирғибираш омада буд. Ту рав, як-ду соат дам гир... мегуфт ба шарикаш.

– Ха-айр... – мад кашид Юнус.

Баъд дар оғил сукунати гарон ҳукмфармо гардид. Аз берун фақат шаросзанон рехтани борон шунида мешуд. Ба димоғи Анвар ҳамчунон бӯи рутубат ва хаси пӯсидаву поруи кӯҳна расида, дилашро беҳузур мекард. Чаро хомӯш аст Юнус, вай чӣ андеша дорад? Барои чӣ Қурбонро пурсиду дигар ҳарфе ба забон намеорад?

– Ака! – гуфт ӯ такроран, ки хаёлаш ба сад кӯча сар халонда, ҳеҷ василаи наҷот намедид.

– Бале...

– Чӣ кор кунем?

– Ҳоло ягона илоҷамон… агар шавад, Қурбонро ба гап даровардан.

– Аз дасти он гаранг чӣ меояд?

– Шояд ёрӣ диҳад. Дар вақташ одами бад набуд. Вай ҳам ману ту барин азоби камбағалӣ мекашид.

– Ба нафаре умед мебандед, ки ҳатто қадру қимати худашро намедонад, – заҳрханд кард Анвар.

– Ку аввал як озмуда бинем....

– Вай ба мо чӣ ёрӣ дода метавонад?

– Масалан, нохост дар пушти дар хобаш барад, ё худашро нодида гирад.. Чӣ, магар бад аст?

– Бад не, аммо чашмам намерасад, ки ӯро ба гап андохтан мумкин бошад, – гуфт Анвар, аз мақсади язнааш пай бурда. – Саги тозӣ аст ӯ дар рикоби Усмон Азиз. Аз хати кашидаи хоҷааш як қадам берун намеравад; мур гӯяд, ме-

мурад лаънатӣ, зӣ гӯяд, мезияд.

– Бо вуҷуди ин озмуда мебинем. Ягон бӯи умед ояд, айни муддао. Дар акси ҳол...

Юнус боз хомӯш монд.

– Ха-айр, – мад кашид Анвар, ки изтиробаш ҳеҷ паст намешуд.

Пас аз фурсате Юнус аз ҷой хест ва дар торикӣ пеши пояшро санҷида-санҷида, назди дар рафт. Борон шарос зада, муттасил мерехт. Аз кадом гӯшаи осмон раъд ғурида, садояш ба гирду атроф танин андохта, дар хаёли Анвар деворҳои сангини оғилро қадре ларзонд. Яқин барқ ҳам ҷаҳид. Вале ба роғи дар заррае равшанӣ нағалтид: тундар акнун эҳтимол дар дуриҳо мехурӯшид.

Юнус як дам ба берун гӯш дода, баъд Қурбонро ҷеғ зад. Мулоим буд овозаш, мудоро мехост. Лекин ҷавобе наомад.

– Қурбон! – гашта такрор кард Юнус.

– Чӣ мегӯӣ? – омехта ба шар-шари борон пурсид вай аз пушти дар.

– Худат танҳоӣ?

– Чӣ буд?

– Зиқ нашудӣ?

– Аз чӣ зиқ шавам?

– Аз танҳоӣ.

– Ман танҳо нестам...

– Чӣ хел танҳо нестӣ?! Шаш соли умрат дар ғарибӣ гузашт. То ҳол албатта зан ҳам нагирифтагистӣ. Ё чӣ, танҳоӣ аз ин зиёд мешавад?

– Ту ғами худатро хӯр.

– Хайр, – гуфт Юнус ва чӣ тартиб ба сари мақсад омаданро надониста, таваккал пурсид: – Барои чӣ намемонед, ки мо дар берун қазои ҳоҷат кунем? Шумо мусулмонед?

– Алҳамдулиллоҳ, мусулмонем... Аммо хӯҷаин ҳамин хел фармудааст.

– Ту аз дасти вай чӣ рӯзи равшан дидӣ, ки ба ҳар гапаш гӯш медиҳӣ?

– Дар ин хусус бисёр налақида, дарди дилатро кушоду равшан гуфтан гир.

– Итоат…

– Чӣ мехоҳӣ?

– Аввал ҷамолатро нишон деҳ, ки мани бандӣ рӯбарӯ истода, ба ту озод арзи дил кунам.

– Ёфтӣ одами *сирф* бефаҳматро, – ба тамасхур хандид Қурбон.

– Натарс. Ба худо қасам, ки мо ҳаргиз нияти бад надорем, – гуфт Юнус. – Як лаҳза кушо ин дари сабилро. Мақсадам – фақат ду даҳан гап задан ба ту.

– Кошкӣ аз лақидан ягон баҳра бошад!

– Ба ҳар ҳол кушо... Ҳамааш аз худат вобаста: хоҳӣ, баҳра мебарӣ, нахоҳӣ...

– Мағзамро афшонда, ба дастам додӣ, – дарқаҳр сухани ӯро бурид Қурбон ва танбаашро бардоштаву қуфлашро канда, дари оғилро боз кард; туфанг ба даст, дар остона амонат нишаста, ба ҳамон шаст илова намуд, балки лорайб фармон дод: – Гап зан!

– Ту ин гуна бадқаҳр набудӣ-ку...

– Зиндагӣ бадқаҳр кардааст маро.

– Зиндагӣ не, худат гунаҳкор.

– Чаро ман гунаҳкор будаам? – ба чеҳраи дар торикӣ базӯр намоёни Юнус теғ кашида нигарист Қурбон.

– Барои он ки камбағал бошӣ ҳам, дар ғами давлату савлат нагардӣ ҳам, фирефта шуда, ба як сари сахтат аз паи Усмон Азиз рафтӣ.

– Ба фикри ту куҷо равам буд?

– Ба ҳеҷ куҷо.

Қурбон ба маънии «аҷаб одами содаӣ ту» аламдор хандида, туфангро ба дасти дигараш гирифт.

– Чӣ, дар ҳамин деҳаи фалакзада монда, ба китфам тӯрба андохта, дар ба дар гардам, аҳволам беҳтар мешуд?

– Аввало ин ки Нилу ҳаргиз ҷои фалакзада не: зодгоҳат! Сониян, ба ту кӣ гуфт, ки тӯрба бардошта мегардӣ?

– Агар не, чӣ кор мекардам? Хонаву дарам набуд. Аз як парча замину ду-се сар чорво ҳам худо мани бадбахтро кам дид. Боз ҳазор раҳмат ба хӯҷаин, ки маро ҳамроҳаш бурд. Дар ҳар сурат шикамам сер, танам бутун...

– Наход инсон аз модар зоида шуда, фақат ғами шикамашро хӯрад!

– Дар ин дунёи бевафо шиками сер ҳам давлат аст.

– Лекин ту барин камбағалони дигар нагуфтанд, ки сер бошем, кифоя... басу барзиёд.

– Чунки онҳо ба сари худ, вайрона бошад ҳам, кулбаву коза доштанд; зану фарзанд доштанд. Ман чӣ... як хизматгори бечулу пӯстак.

– Дурӯғ мегӯӣ, Қурбон! Дар ин диёри ҷафодида мардуми бекулбаву коза, безану фарзанд, ба қавли худат... бечулу пӯстак бисёр буданд. Лекин онҳо ғайр аз шиками серу тани бутун боз ҳаққу ҳуқуқ мехостанд. Дар таки пои ду-се тавонгару амалдор ба хоки зиллат наҷӯлида, инсонвор зиндагӣ кардан мехостанд. Қадру қимати худро аз ҳама боло гузошта, сидқан мегуфтанд, ки мо одамем, бояд озод бошем...

– Хайр, баъд чӣ шуд?

– Магар намебинӣ? Ё кӯрӣ?

– Гапатро дониста зан. Ман *таҳтан* кӯр нестам. Дидаву шунида, ақлам фақат ҳаминро гирифт, ки пеш агар бандаи камбал ба даргоҳи одами доро хизмат кунад, акнун барои кофирон заҳмат мекашад.

– Ту инро дар куҷо дидӣ, аз кӣ шунидӣ?

– Як бор гуфтам, ки бисёр налақу ба сари мақсад биё.

– Ман ҳеҷ мақсад надорам.

– Пас барои чӣ илтимосу илтиҷо карда, дари ин оғили зормондаро яла кунонда, маро беист ба гап мекашӣ?

– Аз он ки ба ту раҳмам меояд.

– Яъне аҳволам хеле бад аст?

– Ман ин тавр нагуфтаам. Аммо ту беҳуда ба кӯи ғарибӣ рафтӣ; беҳуда тарки ватан кардӣ.

– Чӣ, агар тарки ватан намекардам, дар қатори шумо гашта, оқибат шох мебаровардам?

– Мо шох набаровардаем, лекин одам барин рӯз мегузаронем. Ниҳоят ба озодӣ расидем, соҳиби замин шудем...

– Ин ба ман дахл надорад.

– Барои чӣ?

Ҳамин дам аз дари боз ногаҳон ба оғил шуои тези кабудфом давида, сар то сари онро лаҳзае равшан кард ва... фавран гум шуд. Баъд рост дар болои бом раъд чунон гулӯла андохт, ки аз зарбаш осмон гӯё дукафон гардида, деворҳои

сангин ба ларза омаданд; болору вассаҳои мустаҳкам ба таҳдид ғиҷирос заданд.

Анвар ва Кароmat, ки то ҳол дам ба дарун гирифта, ба гуфтугӯи Юнусу Қурбон умедвор гӯш дода менишастанд, аз он нури шамшервор бурандаву аз ин гулдуроси даҳшатнок як қад парида, дар ҷои худ беихтиёр ғун шуданд.

Юнус ҳам ба ғафлат тарсид.

Фурсате нагузашта, боз барқ ҷаҳид. Боз оғил равшан гардида, раъд ғурид. Вале аз шасташ маълум буд, ки тундар акнун ба поини деҳа мекӯчад.

Сипас борони ҳамал, ки муддате қабл андак суст мушуд, аз нав қувват гирифт. Донаҳои вазнини он ба рӯи бом пуршиддат бархӯрда, намаш аз кадом ковокиҳо гузашта, ҷо-ҷо ба фарши мағорбаста мечакид. Бӯи нохуши хасу поруи пӯсида аз таъсири рутубат бештар боло зада, роҳи нафасро мебаст. Ва ҳавои оғил торафт ғализ мегардид.

– Таки ин осмон сӯрох шудагӣ барин, – овоз баровард Анвар, як оҳ кашидаву пои маҷрӯҳашро каме молида.

– Осмон... – гуфт андешаманд Каромат ва дақиқае хомӯш монда, илова намуд: – Хаёлам, ки вай талх мегиряд; ба ҳоли зори мо мегиряд.

– Бисёр ғам нахӯр, дӯстам. То реша дар об бошад, умеди самар ҳаст...

– Аз афти кор маълум, ки решаи маро ҳамин саҳар якбора аз об канданд.

– Танҳо ту дар ин аҳвол не-ку...

– Дуруст. Лекин ман он қадар дар ғами худ нестам. Ошиқ нашудаам, ки аз марги ишқ мотам гирам. Зану фарзанд надорам, ки бе ман чӣ гуна рӯз мегузаронанд гуфта, хуни ҷигар хӯрам... Ба шумо душвор. Акаи Юнус соҳиби зану фарзанд, ту ошиқ... Ман чӣ? Ман... фақат модарамро фикр мекунам, боз шогирдонамро... Бачаҳои хубанд, ба ман хуш меҳр баста буданд. Ман ҳам шавқу ҳаваси онҳоро дӯст медоштам.

– Тавре гап мезанӣ, ки ба гарданат корд мондаанду дигар илоҷи халосӣ нест.

– Эҳ, Анвар, Анвар! Дилам чунон месӯзад... Пагоҳ модари бечораи ман бе писараш чӣ кор мекунад?! Сари танҳояшро ба кадом девор мекӯбад?! Ҳама умеди зиндагиаш мани

бадбахт будам. Ягона фарзандаш...

– Заифнолӣ бас, – гуфт Юнус ва рӯ ба дар гардонда, омехта ба шав-шуви борон боз номи Қурбонро – вай акнун бархоста, яқин оғилро маҳкам кардан мехост – ба забон овард.

– Чӣ мегӯӣ? Ҳоло ҳам гапат тамом нашудааст? – бари доманашро афшонда, дағал ҷавоб гардонд ӯ.

– Тарсидӣ, а?

– Аз чӣ? – дар ҳайрат гуфт Қурбон.

– Аз тундар… – лабханд кард Юнус.

– Ҳа-а, сабил нохост тӯп паронд.

– Хайр, биё, акнун гуфтугӯямонро давом диҳем.

– Ту ягон *мақсад* дорӣ...

– Ман чандон мақсад надорам. Аммо ту сухани ноҳақ гуфтӣ, бародар.

– Чӣ гуфтам?

– Гуфтӣ, ки ба озодӣ расидани шумо, ё соҳиби замин шудани шумо ба худатон...

– Аз таки дилам гуфтам: албатта ба худатон!

– Сода будаӣ ту. Сода набошӣ, аз думи Усмон Азиз гашта, боз ин тариқ ёва намегуфтӣ. Аввалаш, зодгоҳатро тарк намекардӣ. Баъди тарк кардан ҳам... имрӯз ба ягон хулосаи солим меомадӣ.

– Ба чӣ хулоса оям? Аз думи Усмон Азиз гаштани ман чӣ бадӣ дорад?

– О ту-ку хӯҷаинат барин бадавлат нестӣ. Пас чаро ғами худатро нахӯрда, камон бардошта, боз дар хизмат мегардӣ?

– Чунки вай марди мусулмон аст. Ин як. Сониян, ман камон бардошта бошам ҳам, хеҷ гоҳ хун нарехтаам, – гуфт Қурбон ва аз ин дурӯғаш ҳамоно шарм дошт.

– Ба одам накуштанат бовар мекунам, – суханашро идома дод Юнус. – Ману ту, охир, чандин сол боз якдигарро мешиносем, ҳамдеҳаем. Ту инсони хубӣ: сидқат соф, дилу ниятат пок. Лекин ман ҳайронам, ки барои чӣ чашми ибрат кушода, ба атрофат дурусттар назар намеандозӣ. Ту ҳоло гуфтӣ, ки Усмон Азиз марди мусулмон. Ҳамин тавр?

– Бале.

– Мо чӣ, кофирем?

Қурбон аз ин суоли ӯ, ки барояш ногаҳон буд, шояд дас-

тупо хӯрда, муддате ба сукут рафт.

– Гап зан, – гуфт Юнус.

– Кофир набошед ҳам, кирдоратон кофирона, – сараш андак хам, ҷавоб гардонд Қурбон.

– Кадом кирдорамон?

– Калхоз сохтед. Шумо давлатманд гуфта, ба мардуми бегуноҳ ҷабр кардед. Занҳоро аз доираи шариат берун меандозед. Ба хурду калон аз як дег хӯрок доданиед. Мактабҳои ғайридинӣ кушодед. Боз мегӯянд, ки масҷидҳоро бастаниед, ҳатто сӯхтаниед...

– Рост, калхоз сохтем. Барои он ки мо, камбағалон, ҳама тифоқ шуда, дар замини давлат якҷоя заҳмат кашида, ба ивазаш хушу хурсанд рӯз гузарондан мехоҳем. Ғайр аз ин – ман гуфта будам – акнун худамон ҳам замин дорем. Онро ба мо бе ҳеҷ миннат ҳукумати шӯро додааст. Агар якта-нимта золими ҳамёнаш ғафс ҷазо дида бошад, сазои сараш! Ба кори мо халал нарасонад буд. Гап дар бораи мактаб бошад, дуруст... дабистонҳои нав кушодем, боз мекушоем. Мақсад – бачаҳоямон хонда, савод бароварда, аз чор тарафи дунё бохабар шаванд. Ба кӯр-кӯрона азёд кардани як худи Қуръон олам гулистон намешавад. Ана ҳамин тавр, мулло Қурбон. Дигар гапат ифтиро, афсона... Давлати мо ба дин, ба талаботи хуби вай кор надорад. Аз ин рӯ касе нагуфтааст, ки масҷидҳоро бандед, ё сӯзед... Аз дами гарми як дег тановул кардан ҳам намехоҳем. Занҳо низ бероҳа не, балки дар ҳаққу ҳуқуқ ба мардҳо баробар шуданд. Агар ин ба шумо нафорад, ихтиёратон. Лекин ба мо мефорад, ба мо маъқул, бисёр маъқул... Акнун фаҳмидӣ?

– Аз фаҳмидани ман ба ту ягон фоида мерасад?

– Ба ман не, ба худат...

– Ман насибаамро дидам, – гуфт ба маънии таассуф Қурбон. – Ҳамин қадараш кифоя.

– Ту дар умрат ба ғайр аз хориву зорӣ дигар чӣ дидӣ? Ҳоло ҳам фурсаташ, ақлатро кор фармо. Агар дар вақташ аз паи хӯҷаинат намерафтӣ, имрӯз соҳиби замин мешудӣ, ба сарат ягон кулба месохтӣ, эҳтимол зан ҳам мегирифтӣ. Баробари мо ба калхоз даромада, ҳалол заҳмат кашида, одам барин рӯз мегузарондӣ.

– Ту парво накун, ошно. Бе ин ҳам рӯзам хуб мегузарад, – қаҳролуд гуфт Қурбон. – Ман… ба замини шумо, ба калхози шумо мӯҳтоҷ нестам.

– Ягон рӯз чаро ба гапи Юнус гӯш надодам гуфта. пушаймон мешавӣ. Сад бор хуни ҷигар мехӯрӣ, аммо...

– Пушаймон шавам, ман мешавам, – зуд сухани ӯро бурид Қурбон. – Ба ту чӣ?!

– Аз гапат маълум, ки ба ҳоли мо дилат намесӯзад.

– Дилам сӯзад ҳам, ман чӣ кор карда метавонам?

– Эҳа, агар хоҳӣ, чунон мадад мерасонӣ, ки...

– Масалан?

– Мон, ки мо аз ин ҷо баромада равем.

Қурбон пайваста ба шар-шари борон қаҳқаҳ хандид.

– Шумо ҷон ба саломат бареду ман дар бало гирифтор шавам. Ҳамин тавр?

– Ту дар бало гирифтор намешавӣ – ҳазору як баҳона ёфтан мумкин. Ғайр аз ин... худат дуруст фикр кун: мо аслан чӣ гуноҳ дорем?

– Инашро хӯҷаин беҳтар медонад.

– Яъне ту ба мо ёрӣ намедиҳӣ?

– Не! – гуфт Қурбон қатъӣ. – Биё, дар ин бора дигар гап назанем.

– Мани сода гумон доштам, ки ту инсонӣ, башафқатӣ. Вазъияти моро хуб нафаҳмӣ ҳам, аз ноинсофиҳо дилат ба шӯр меояд. Лекин ту воқиан ҳам ғулом будаӣ, ғуломи ҳалқабаргӯшу тамғадарпой...

– Агар ин гапатро ба он пешоварӣ мегуфтӣ, забонатро аз пушти гарданат мекашид. Бахтат, ки ман нилуӣ.

– Рӯи ту барин нилуиро ҳатто дар рӯзи қиёмат набинам!

– Ман ҳам аз ҳафт маҳалли ту безор, – гуфт ба тамасхур Қурбон ва як қадам қафо рафтаву каме хомӯш истода, илова намуд: – Нағзаш, камтар хоб кун. Худо медонад, ки пагоҳ зинда мемонӣ ё не...

– Мурдаи мард аз зинда гаштани ту барин лӯхтак ҳазор маротиба беҳтар, – гуфт Юнус. – Афсӯс, ки дил ба пӯст дода, ман ба ту гап задам.

– Хайр, шуд, давомашро саҳар дар ҳузури хӯҷаин мегӯӣ, – даст афшонд Қурбон ва тахтаи дарро сахт баста, ба

пушташ боз танба гузошт. – *Раис, а!*

Аз ин сухани ӯ Юнус чунон ба ғазаб омад, ки чӣ кор карданро надониста, ба пеши пояш мушт кӯфт ва дар ҳолате ки дандонаш газ-газ меёзид, ба овози баланд:

– Ту кафтор будаӣ, аз кафтор ҳам бадтар будаӣ! – гӯён рафта тахминӣ дар ҷои худ нишаст.

Ҳеҷ аз шасташ нагашта, борон меборид. Дар оғил бӯи вазнин рутубату поруи кӯҳна ва зулмоти мутлақ ҳукм меронд. Ягон кас ҳарфе намегуфт.

Бад-ин минвол чанд дақиқа гузашт.

Анвар дар ҷояш як ҷунбида, зери лаб ғурунгид:

– Чӣ лозим буд...

– Хомиҳо дорад одамизод, додарам, – гуфт дар ҷавоб Юнус. – Ман ҳам то ҳол хом будаам, хом!

– Шумо бовар кардед, ки вай хун нарехтааст?

– Надида бошам...

– Дурӯғ мегӯяд лаънатӣ! Дирӯз яке аз шарикони ман маҳз ба тири он ноҷинс кушта шуд.

Юнус, сараш хам, хомӯш буд.

– Ин гуна одамони бефарқ аз душман ҳам бадтаранд. Хоҷаашон фармояд, кӯдакро дар гаҳвора буғӣ мекунанд.

– Худатро бисёр азоб надеҳ, додар, ҳар кас рафта-рафта аз дилу нияташ меёбад.

Онҳо боз сукут варзиданд. Борони шиддатноки авҷи баҳор дар боми оғил гур-гур ҳамла дошт. Тундар низ гоҳ аз дуру гоҳ аз наздик ба ҷавлон омада, ором намегирифт.

– Ака! – гуфт баъд аз муддате Анвар.

– Гӯшам ба ту, – гуфт Юнус.

– Дар ҳақиқат Таманно овард шуморо аз Пойгаҳҷо?

– Чӣ, бовар намекунӣ ба лафзи ман?

– Хафа нашавед... Фақат ҳайронам, ки вай чӣ тавр натарсида, дар зери боду борон ин қадар раҳ паймудааст.

– Барои он ки туро дӯст медорад.

– Ҳоло ғам мехӯрдагист. Модараш бемор...

– Духтари нағз Таманно. Шумо ба якдигар муносибед.

– Ниятам буд, ки сари тобистон хостгор мефиристам.

Юнус ба ин ҳасрати ӯ чизе нагуфт.

Анвар ҳам хомӯш монд. Вай як муддат ба садои борон

гӯш дода нишасту хаёлаш боз ба аҳволи худашу язнааш ва Каромати муаллим пайваст. Фардо кадом пешомад интизор аст онҳоро? Находи илоҷи раҳоӣ набошад?

– Ака!

– Бале, – ҷавоб гардонд Юнус.

– Шумо гуфтед, ки Зариф Барака ба маркази ноҳия меравад...

– Рост, вай бояд таъхир накарда, ба раҳ медаромад.

– Харсавор албатта.

– Асп набуд; надорем асп. Худат медонӣ...

– Гуфтед, ки ба ағба рав?

– Бале.

– Дур аст масофаи ағба.То мерасад, ки камобеш як шабу як рӯз мегузарад.

– Дигар чӣ илоҷ?

– Ба дара рафтан лозим буд.

– Ман ба ту фаҳмондам-ку: он каждумони таки бӯрё гузари поинро банд кардаанд.

– Халилу Ато?

– Ҳа-а, Халилу Ато... Ранги саги сайд касеро аз деҳа баромадан намемонанд.

– Барои чӣ онҳо ин хел, якбора... ба хизмати Усмон Азиз камар бастаанд?

– Намедонӣ?

– Тахмин мекунам, лекин аниқ намедонам.

– Дар ёд дорӣ – вақте ки калхоз месохтем, Ҳомид чӣ ҳунар нишон дода буд?

– Ёд дорам: ҷанҷол хезонд, ману Каримовро дар пеши мардум беобрӯ кардан мехост.

– Ато чӣ?

– Вай хомӯш буд. Аммо ба калхоз дохил нашуд.

– Чунки ҳар ду як одаманд, то ҳадде бадавлатанд...

– Инашро медонам.

– Агар донӣ, боз дониста мон – ҳар ду не, ҳар се ҳам ба ману ту баринҳо мухолифанд, душмананд...

– Сабаб? – оҳ кашид Анвар. – Гуфтем, ки Ҳомиду Ато соҳиби молу ҳоланд. Лекин Халил чандон доро не.

Юнус низ оҳ кашид. Гӯё ба ин гуфтан мехост, ки бачаӣ ту

ҳанӯз, нопухтаӣ... аз макру фиреби як тоифа одамизод, аз пастиҳои вуҷуди он бехабарӣ; намедонӣ, ки вай дар талаби нафъи худ, барои тасаллои дили торики худ дар бисёр мавридҳо аз ягон разолат рӯй наметобад.

– Дуруст, Халил миёнаҳол...

– Хайр?

– Аммо ба ту душманӣ дорад.

– Мо ба ҳамдигар душман нестем. Фақат ин ки вай камтар... кина мепарварад.

– Барои чӣ, албатта медонӣ?

– Медонам – барои хоҳарам. Ин ба худатон маълум...

– Ӯ на танҳо ба ту, балки ба ман ҳам кина дорад.

– Кина дошта бошад, ихтиёраш. Лекин, охир, кина дорам гуфта, ба чунин кӯи ботил рафтан... Ман ҳайронам, – даме хомӯш монд Анвар. – Оё вай фикр намекунад, ки инсон бояд баору номус бошад, қадру қиматашро паст назанад, дар байни мардум хандасор нашавад?

– Модом ки имрӯз туро хору забун дида, ба васвасаи қасду никор печидааст, пас ӯ аз боди бурут... дар ин бора ҳаргиз фикр намекунад.

– Хайр, аз дилу нияташ ёбад, – гуфт Анвар, ки захми पояш беш аз пеш ба дард омада, ҳамвора азоб медод.

Юнус дигар лаб накушод.

Борон ҳеҷ аз дамаш намегашт. Оғил, бомаш беист чакида, пур аз рутубати дамгир мешуд. Ва ин газанд, болои сӯхта намакоб, бӯи хасу поруи кӯҳнаро торафт ғализтар мекард.

Ба тани Анвар арақи сард ва часпак давида, нафас задан душвор меомад.

– Маълум, ки Шокир аз вазъи мо бехабар, – гуфт ӯ пас аз чанд дақиқа сукут.

Вале ба ин гапаш касе ҷавоб нагардонд.

– Агар мешунид, ки мо дар Нилу, ҳатман меомад, – гуфт боз Анвар. – Ҳеҷ илоҷ надошта бошад ҳам, меомад...

– Рост, – аз ҷои худ овоз баровард Кароматʼ. – Ман ӯро аз бачагӣ мешиносам. Марди яклухт аст.

– Ман ҳам хуб мешиносам. Лекин наомад; модом ки наомад, пас ҳоло аз сафар барнагаштааст.

– Кӣ медонад, шояд баргашта, ин дам дар қасди Нилу

бошад, – гуфт хаёлманд Юнус.

– Кошкӣ... кошкӣ ҳамин тавр мебуду то саҳар меомад.

– Дар ҳар сурат ғам нахӯр, додарам. Далер бош.

– Алам мекунад, язна; алам мекунад, ки *онҳо* хуни бисёр рехта, боз беҷазо мемонанд.

– Не, ҷазояшонро мебинанд. Дар ин хокдони аблақӣ ягон бадкирдор беҷазо намондааст. Дер бошад ҳам, рӯзе мерасад, ки мо чӣ кор карда будем гуфта, сад бор пушти даст мегазанд.

– Эҳтимол, – гуфт Анвар.

Ва аз нав хомӯшӣ ба миён омад.

Даруни оғил зулмот буд.

Анвар бетоқат мешуд. Якзайл аз шифт гузашта, чак-чак ба фарш бархӯрдани оби борон ба торҳои асабаш чанг андохта, ӯро лаҳза ба лаҳза дилтанг мекард. Ба чӣ андешаҳое ки мерафт! Ва барои ҳодисаи дирӯзу имрӯз худашро, танҳо худашро гунаҳкор меҳисобид; асли худро бад медид. Гаштаву баргашта «бачаӣ ту, бача, – мегуфт хаёлан, – бачаи беақлӣ...» Аммо дарду аламаш ба ин ҳама тамом намешуд. Дарун-дарун печутоб мехӯрд Анвар. Аз эҳсоси ноилоҷӣ чашмонаш об гирифта, симои каме ғамгини модари меҳрубонашро пайваста пеши назар меовард; рӯю мӯи зебо ва хандаҳои беғаши Таманноро дар худ тасаввур намуда, «куҷост вай ин дам, чӣ ҳол дорад?» – мегуфт дар дили вайрон ва ба саропояш як раъшаи ҷонкоҳ давида, намедонист чӣ кор кунад, аз куҷо, ниҳоят... аз кӣ мадад ҷӯяд.

Ғайр аз ин Анвар тафсилоти марги дӯстонашро низ ба хуни ҷигар дар ёд оварда, сидқан афсӯс мехӯрд, ки барои чӣ кушта нашуд вай, чаро ба мисли онҳо дар ҳамон авулгоҳи хилват хоки тарро ба оғӯш гирифта, аз чунин зиллат, аз ин тариқ шармандагӣ раҳо наёфт.

Баъд Анвар, то ки як-ду соат хоб карда, аз доми андешаҳои гарон берун равад, дар палтои чармини худ печида, сар ба девори сард монд. Вале хаёлаш беихтиёр ба он айёме пайваст, ки дар мактаби партиявии Самарқанд мехонд.

Камбағал буд; нимгуруснаву нимбараҳна мегашт. Яке аз муаллимонаш, марди тахмин чилсолаи газгӯшт, ки Шафқат Рамазонов ном дошт, ҳангоми дарс ба вай ҷиддӣ ва дар айни

замон ба меҳри падарона менигарист. Чеҳраи зардинаву чашмони кабуди ӯ аҷаб гарм метофтанд. Боре муаллим, ки ба онҳо таърихи ҳизби каммунистиро меомӯхт, Анварро маҷбур ба хонааш бурда, ҳамин палтои чармини астараш гарм, лекин оҳараш паридаро ба вай дароз карда, гуфта буд:

– Шарм надор, гир! Ин рӯзҳо ҳам мегузаранд, ҳатто фаромӯш мешаванд.

Ва ҳоло ана, хаёлаш, ки Анвар овози муаллимро баръало шунида, ҳар як хати чеҳраашро равшан мебинад; мебинад, ки ӯ чӣ гуна наздиктар омада, чӣ тавр палторо худаш оҳиста ба китфи шогирди камбағалаш мепартояд. Пас каме ба сукут рафта ва мӯйсари кӯтоҳ қайчизадаи хурмоиашро аз боло ба поин сила карда, боз мегӯяд:

– Фақат ин ки нағз хон. Зеҳни тез дорӣ ту. Агар ба гапам гӯш диҳӣ, ҳатман ба мақсад мерасӣ.

Баъд механдад. Чашмони ба ранги осмони беғубор кабуд ва банураш танг мешаванд.

– Акнун бишин, – нарм таклиф мекунад ӯ, – чой менӯшем. – Ва кафҳои фарохашро хушҳол ба ҳам совида, пеши миз мераваду ба дари кушодаи ошхона нигариста, баландтар овоз мебарорад: – Ҳой, Амина, ба мо чои гарм бидеҳ! Қандчой!

Амина – ҳамсараш. Дар китобхонаи мактаби партиявӣ кор мекунад Амина Рамазонова. Вай ҳам ба монанди муаллим аз тоторҳои Қазон буда, ба тоҷикӣ озод ҳарф мезанад.

– Мо ин забони шарифро дар Бухоро омӯхтаем, – гуфта буд як дафъа муаллим. – Бинед, ки имрӯз чӣ хел кор медиҳад. Ҳазл не, забони Фирдавсӣ аст ин забон!

Амина-апа чой оварда, ба Анвар табассум мекунад. Ва Анвар, аз мавҷи табассуми ӯ шармаш андак шикаста, палторо дар кунҷи хона ба пуштаки курсӣ мемонаду омада, аз рӯбарӯи муаллим оҳиста дар бари миз менишинад. Чиллаи зимистон – дар берун барф меборад, боди сард он зарраҳои сафедро тунд печутоб медиҳад. Хонан муаллим гарму бароҳат аст. Чой ҳам гарм, ширин...

Анвар пилки чашмонашро, ки торафт вазнин мешуд, фурсате дар торикӣ молида, ба азоб фикр кард, ки муаллими азизаш Шафқат Рамазонов «агар ба гапам гӯш диҳӣ, ҳатман ба

мақсад мерасӣ», – гуфта буд. Аммо ҳайҳот... Вай на танҳо ба мақсад нарасид, балки асири душмани маккор гардида, то ин дараҷа хорӣ мекашад. Ва намедонад, ки рӯзи фардояш ба чӣ меанҷомад.

...Борон мебориду меборид. Юнуси раис ва Кароматӣ муаллим сухане намегуфтанд; онҳо гӯё дар назди Анвар асло ҳузур надоштанд. Дар кӯчаҳо раъд бахашм гулдурос зада, барқ синаи абрҳоро чок мекард. Ҳавои оғил вазнин, ғализ ва тоқатфарсо буд.

Анвар дар зери обу арақ монда, беҳолу мадор менишаст. Собунаки тирхӯрдаи пояш дарди сӯзон дошт; андаруни он гӯё пораи алмос ҷой гирифта буд, ки беҳад озор медод. Дар чашмони хастааш гармии хобу дар ҷони афсурдааш бори гарони ҳасрат, вай дар қабзаи зулмот…

Чун дар олами рӯъё симои ҷаззоби одамони ба дилу дидааш азизро медид.

Аммо аз ин чӣ суд?

Муаллими воқиан ҳам мушфиқи ӯ Шафқат Рамазонов беҳуда намегуфтааст, ки ҳушёр бошед, дӯстони ҷавонам, инқилоби мо ҳанӯз душмани бисёр дорад...

## 17

Офтоб ҳоло сар назада, Усмон Азиз хаставу шалпар аз хоб хест. Даме ба саҳни ҳавлӣ чашм давонда, дуру дароз хамёза кашид ва ба димоғи сӯхта, дар як эҳсоси нохуш, ки худ аз он дар ҳайрат буд, ҷомаашро ба китф партофту аз лаби суфа офтобаи пуробро гирифта, ба ҷониби мабраз рафт; дастурӯй шуст, бафурсат таҳорат кард. Ва ба айвон баргашта, зарфи акнун нимаро дар ҷояш монду аввал хост, ки намоз гузорад. Вале ҳамоно ин корро беҳуда донист. Модом ки дар тӯли қариб як моҳ ибодат накардааст, имрӯз ҳам намоз нахонад, осмон омада ба замин намечаспад. Парвардигор аҳволи ӯро медонистагист; дар дилаш чӣ ғаму аламҳо хона гузоштаанд, пай мебурдагист. Ва фардо, рӯзи қиёмат, аз ин гуноҳаш сарфи назар ҳам мекардагист.

Вай зери лаб хандид; талх хандиду сарулибос пӯшида, аз зинаҳои сангини айвони дароз ба рӯи ҳавлӣ фуромад.

Осмон беабр, кабудфом ва ҳаво софу серун буд. Аз боро-

не ки тамоми шаб меборид, дар гирду атроф гӯё асаре наменамуд. Замин ҳама оби раҳматро дар мағз-мағзи хеш фурӯ бурда, инак ба ҷилваи саҳарии дарахтони яке пургулу дигаре акнун баргкушода ва сабзаҳои зумуррадгуни ҳаёт аҷаб шукуҳу шаҳомат дошт. Ва ба назар чунон сокин, бурдбор ва батамкин метофт, ки Усмон Азиз ҳастии худро дар нисбати он ба мисли зарра хурд, нотавон ва аз ҳама бадаш, як унсури дар ин муҳити беғиллу ғаш зиёдатӣ пиндошт.

Вай боз ба паҳнои боғ ва дару девори хонаи падариаш нигариста, табъи дил нафас рост кард. Сипас ба гӯшаш фириқ-фириқ бинӣ афшондани асп расиду беихтиёр тоб хӯрд. Тоб хӯрда, чашмаш дар зери собот ба сиёҳмушкин афтид. Ҷонвар дар бари ҷирани Анвар истода, бетоқат ба охур сар мезад. Онтарафтар ду аспи дигар ёл афшонда, гоҳ-гоҳ пой мекӯфтанд. Чунин менамуд, ки гушнаанд, дарғазабанд... Қурбон охури онҳоро аз нешхӯрд тоза мекард. Баъд вай ба пеши ҷонварон даста-даста гулбеда партофт. Кафали якеро сила карда, ба ёли дигаре панҷаи навозиш бурд. Дар хаёли Усмон Азиз ба лабони беҳисси ӯ ҳатто як ифодаи монанд ба табассум давид; гӯё аз фараҳ давид...

– Қурбон!

– Лаббай, ака.

– Ғуломҳусайн куҷо рафт?

– Ҳолӣ меояд. Вай дар назди оғил, навбаташ буд...

– Фармудаи ман чӣ шуд?

– Ҳамааш тайёр, – гуфт дар ҷавоб Қурбон, ки ба сари китф туфанг, акнун дар рӯбарӯи хоҷааш алиф барин қад кашида меистод. – Карасин ана, дар поини суфа. Дигараш ҳам... – ангор иҷборан овоз бароварда, ба яке аз чор тути қатор ишора намуд вай.

Усмон Азиз баргашта, дар се шохи паҳлу ба паҳлуи наздиктарин тути бузурги балхӣ се арғамчини нӯкашон ҳалқаро дид. Онҳо ба пиндор гӯё се мори афъӣ буданд, ки аз баландии дарахт оҳиста ба поин хамбида, дар интизори тӯъмае гардан каҷ мекарданд. Дар замин, дар таки ҳар ресмон – ё мор! – яктаӣ кундаи ғафс меистод.

Аз ин манзара дилаш таҳ кашида, Усмон Азиз саропо қадре ларзид. Аммо фавран худро ба даст гирифта, боз ба

Қурбон нигарист; чашмони калони сиёҳаш дар сояи мижгони зич ғамгин ва дар айни замон бетараҳҳум буданд.

– Рав, Ғуломҳусайнро ҷеғ зан.

– Хуб, ҳозир… – гуфт Қурбон.

Вай акнун тоб хӯрда, ба сӯи дарвозахона қадам мепартофт, ки аз ғуломгардиш Ато ва Халил намоён шуданд. Онҳо аввал ба Қурбон, ки аз паҳлу гузашта, ба ҳавлии берун мерафт, ва баъд пештар омада, ба Усмон Азиз салом-алейк карданд. Ҳар ду ҳам камон доштанд; хаста менамуданд.

– Чӣ гапи нав? – пурсид Усмон Азиз.

– Ҳеҷ... – гуфт Халил.

– Деҳа дар чӣ ҳол?

– Осуда барин, – гуфт Ато.

Усмон Азиз аз болои китфи онҳо каме ба қуллаҳои пурбарфи кӯҳи Ҳафтсар назар дӯхта истоду:

– Хайр, – гуфт хаёлманд, – тиру туфангро бозпас ба Қурбон диҳед.

Ато аз кисаи ҷелакаш чанд дона тирро зуд ба каф гирифта, дар дасти дигараш камон, чобук қафо гашт.

Аммо Халил аз ҷой наҷунбид.

– Ба ман ягон гап дорӣ? – пурсид Усмон Азиз, ба чашмони сабзгуни яхча барин сард ва беқарори ӯ ба диққат нигоҳ карда. – Шунавем, бемалол...

– Гапам... – каме забон хоид Халил, – гапам ин ки, тақсир, шумо имрӯз меравед, а?

– Бале.

– Тамоман?

– Чӣ буд?

– Маро ҳамроҳ намегиред?

– Ақлат дар ҷояш?

– Ман хуб фикр карда, ба ин қарор омадам.

– Ҳоло ҳам зан надорӣ?

Халил, каллаи ғафсаш хам:

– Не-е, – гуфт ба суоли ӯ, ки дар таки он бешубҳа як олам маънӣ пинҳон буд.

– Модарат чӣ? – нешханд зад Усмон Азиз. – Ту агар баромада равӣ, вай танҳо мемонад-ку...

– Нест модарам, – гуфт Халил бадард. – Чор сол инҷониб

манзилаш се газ замин. Ба як сари шӯридаам ман акнун дар ин деҳаи нимгурусна чӣ кор мекунам?!

– Гумонат, ки дар дигар ҷойҳо ҳама серу пуранд?

– Ба ҳар ҳол рафтаниам.

Усмон Азиз ба мӯйлаби тунуки тор-тор овезони Халил, ки андоми ӯро дар чашм боз ҳам безебтар менамуд, лаҳзае назар андохта:

– Ихтиёрат, – гуфт ба оҳанги таассуф.

Сипас оҳиста даст афшонду як-як қадам партофта, ба тарафи айвон рафт. Уфуқ дар машриқ қирмизӣ гардида, субҳи фасли баҳор беш аз пеш равшан мешуд. Аз куҷоҳо тоқа-тоқаву села-села гунҷишкон падид омада, дар бомгӯшаи иморат ва шохи дарахтон нишаста, беранҷу ғам чириқ-чириқ мекарданд. Аспҳои ҷулпӯш дар таки собот курт-курт гулбеда мехоиданд. Аз кӯча ва ҳавлиҳои деҳа гоҳ-гоҳ маоси бузу гӯсфанд, бараву бузғола, овози пасти одамон ва мешуд, ки ҳангоси баланди маркаб ба гӯш мерасид.

Усмон Азиз дар бари сутуни айвон менишаст. Сараш андак дард оварда, хаёлаш парешону дилаш мағшуш мегардид; ба чӣ андешаҳое ки мерафт ӯ! Анварро ба гап андохта натавонист. Вай аз ин ҷойҳо як қадам берун мондан намехоҳад. Бачаи қайсар, ҷавонаки ба *мансаб* расида... Агар ба раъйаш медаромад, Усмон Азиз, каме бошад ҳам, дар ғарибиҳо таскин меёфт; таскин меёфт, ки на фақат худаш барин якта-нимта мардуми бадавлат ё фуқарои раҳгумзада, балки ана... *одами* ҳукумати шӯро низ аз дасти куффор тарки ватан карда, ахир ҳамроҳи вай омад.

Усмон Азиз, гӯё дар ин соат ҷигарбандаш фавтида бошад, оҳи хунин кашида, аз дил гузаронд, ки шояд ҳамин нарафтани Анвар хуб аст... Ва пас ба худ ҷавоб гардонд: бале, нағз, бисёр нағз! Аз он ки дар мулки бегона овора шуда, ба монанди ӯ аз баъзе одамони беандеша, хусусан аз фирқаи мағрури таҳҷоӣ таъна шунидаву ҷавоби муносиб гардонда натавониста, ҳар лаҳза заҳри ғарибӣ чашида мегардад, ниҳоят чӣ суд?

Чаро вай, Усмон Азиз, ки то кадом андоза гарон будани ёди ватанро медонад, ба дирӯза ятими дари хонааш ҳам бадӣ мехоҳад?.. Аз ноилоҷӣ? Ё аз раҳи қасос? Эҳтимол... мегӯяд

бигузор дигарон низ мисли ман азоб кашанд? Ё ин майли ӯ аз тақозои раҳму шафқат буд? Аз дари мурувват буд?

Вай дастонашро беихтиёр мушт карда, оҳиста ба сари ҳар ду зону зад. Беҳуда... Аз ҳар чӣ бошад, ботил, зоеъ, ҳамааш беҳуда! Ба хусус, ки ҳоло сирф намедонад – фардо ва ҳатто имрӯз аҳволи худаш чӣ мешавад. Ба дидори зану фарзандонаш мерасад ё не...

Усмон Азиз, чунон ки нафасаш тангӣ мекарда бошад, оби даҳонашро базӯр фурӯ бурда, ба сиёҳмушкин нигарист. Аспи ҷавон, зебо ва тезтаки вай, ҷонаш дар баданаш нагунҷида, гоҳо беда хояд, гоҳи дигар сар афрохта, гӯшҳои хурд-хурди ҳассосаш сих, бетоқат пой мекӯфт.

– Хумори раҳ гирифтааст туро, – аз сиёҳмушкин чашм наканда, гуфт ӯ зери лаб. – Меравем, ҳамин замон меравем...

Пас нигоҳи Усмон Азиз ба рӯи Халил кӯчид. Вай дар саҳни ҳавлӣ ҳамон рост истода, хаёлманд ба пеши пояш назар медӯхт. Муғиёниаш кӯҳна ва ҷо-ҷо дарида буд. Гарданаш саҳле каҷ... Чӣ андеша мекунад? Анварро ҳатто зӯран ба кӯи ғарибӣ бурда намешаваду ин махлуқи дар чиллааш чароғ надида талабгори аз дарё гузаштан... Охир, чаро, ба чӣ сабаб? Ӯ аз Анвар чӣ фарқ дорад? Ҳар ду ҳам гӯё камбағаланд, ба сахтиҳо калон шудаанд. Не-е, вай камбизоат не; ҳарис вай – шабушкашро кушта, хунашро лесида мегардад... Лекин муҷиб чист, ки дар дили яке меҳри ватан ҷӯш мезанаду дигаре ба ихтиёри худ зодгоҳашро тарк карданист? Беақл набошад... Маълум, ки туфангро ҳам баргардондан намехоҳад; кана барин часпидааст ба он.

Қурбону Ғуломҳусайн омаданд.

– Аспҳоро зин зан, – гуфт Усмон Азиз ба хизматгораш.

Баъде ки Қурбон дар итоат ба самти собот рафт, вай ба сар то пои Ғуломҳусайн чашм давонд.

– Бишин...

Ӯ дар лаби суфа ҷой гирифта, суоломез ба *калон* нигоҳ кард. Аммо Усмон Азиз сукут меварзид, ба илова хеле ғамгин менамуд. Ба вай чӣ шудааст? Дирӯз ин хел набуд. Ҳоло тамоман афтодарӯҳ метобад, уқоби паршикаста барин...

– Мо чӣ шарт доштем? – ба сухан омад Усмон Азиз.

– Ка-адом ша-арт? – нафаҳмид Ғуломҳусайн.

– Ман ба ту чӣ ваъда карда будам?

– Ҳа-ааа, – гуфт ӯ, чашмони лағжонаш аз хурсандӣ барқ зада. – Пу-ул... Са-ад сӯми тил-лоо...

– Агар аз гапам набароӣ, рӯзе ки ба манзил мерасем, дусад сӯми тилло мегирӣ. Ин кам не, кордат дар болои равған мешавад, бурутатро табар намебурад.

– Ко-ошкӣ, – гуфт Ғуломҳусайн ва аз ғояти шодиву асари ҳаяҷон тохта ба по хест.

– Он ресмонҳоро мебинӣ? – пурсид Усмон Азиз, ба чор тути қатори балхӣ ишора карда.

– Бале, – ҷавоб гардонд зархариди пешоварӣ, ки акнун, гӯё нохост, се арғамчини дар се шохи дарахт чун мор овезонро дида, чашмонаш пир-пир мепариданд.

– Пас ту розӣ? – пурсид Усмон Азиз, хоҳишашро ошкоро, ба сухан баён накарда.

Ғуломҳусайн, ки мақсади ӯро зуд фаҳмида буд, як дам хомӯш монд.

– Розӣ ҳастӣ ё не? – такроран пурсид хоҷааш.

Аммо вай хаёлолуд ба дуриҳо нигариста, ҷавобе надод.

– Маълум, ки розӣ нестӣ, – гуфт ба оҳанги дареғ Усмон Азиз ва оҳиста бархост.

– Ма-ан ро-озӣ...

Усмон Азиз гашта дар ҷои худ нишаст. Ғуломҳусайн беихтиёр фикр кард, ки ба лабони дар қатъият ба ҳам фишурдаи ӯ ифодаи як тамасхур, балки айни муғамбирӣ омехта ба табассуми сард соя андохт.

– Хуб, ҳоло аз корат намон, – гуфт хоҷааш.

Ва Ғуломҳусайн, каллаи дегча барин калонаш хам, аз паи Қурбон ба ҷониби собот рафт.

Аз гиребони машриқ курси лолагуни офтоб сар берун оварда, деҳаро пур аз нурҳои зарҳалӣ кард. Ранги дар ин субҳгоҳон андак тираи сабзаву барги дарахтони саҳни ҳавлӣ равшан ва дилчаспитар шуд. Осмони болои деҳа низ аз будаш кабудтар тофта, ҳоло гӯё механдид; ба пешвози офтоби дурахшон шодмонӣ мекард.

Ба сандуқи синаи Усмон Азиз ҳам, ки тамоми вуҷудаш аз тазйиқи кадом ранҷи дардовар месӯхту месӯхт, равшанӣ раҳ ёфт. Вай аз ҷой хеста, чунон ки дар рашши нурҳои абре-

шимвор нарми он сипари заррин дастурӯй мешуста бошад, дуру дароз ба уфуқ назар дӯхт.

Зебо ва ҳаяҷонбахш буд тулӯи офтоби ватан, оғози рӯзи баҳорони меҳан...

– Ассалому алайкум, тақсир!

Ӯ аз ин овози ногаҳон қариб як қад парида, ба қафо тоб хӯрд ва гӯё дигар гап наёфта, дар ҳолате ки чашмонаш эҳтимол аз таъсири офтоб нам мегирифтанд:

– Омадед? – гуфт ба мулло Салим.

– Омадем, ана... – ҷавоб дод вай, ба тасбеҳи саддона, ки аз байни ангуштони хушк ва печонаш овезон буд, ба Ҳомид ишора намуда.

– Хуб кардед, ман раҳи *шуморо* мепоидам.

– Мо ба хизмат тайёр, – гуфт Ҳомид, ки даст ба сари сина гузошта, аз ӯ андак дуртар меистод.

– Ман бояд ҳар чи зудтар саворӣ шавам, – ба замин нигариста, гуфт баъд аз фасле сукут Усмон Азиз.

– Медонам, – ба оҳанги ҳасрат овоз баровард Ҳомид.

– Ҳайфо! – риши зардчатоби дарозашро ларзонда, тасбеҳ гардонд мулло Салим.

Ин дам Халил ба онҳо наздик омада, гӯш ба қимор шуд.

– Имом! – гуфт Усмон Азиз.

– Лаббай, тақсирам.

– Ба он раиси беэзору муаллимбачаи худобезор ва боз... ба Анвари раҳгумзадаи Шермалик чӣ кор кунем?

– Дина гуфтем-ку: ҳаққи ҳар сеяш ҳам куштан.

– Фикри шумо чӣ бошад? – ба Ҳомид муроҷиат намуд Усмон Азиз.

– Фикри ман? – пойҳояшро монугир карда, гаранг забон хоид ӯ. – Фикри ман… ихтиёр ба худатон.

– Шаб ҳукми дигар баровардa будед...

– Раҳми кас меояд. Ба ҳар ҳол фарзанди мардуми мусулмонанд, – гуфт Ҳомид ва назараш ба ресмонҳои дар шохи тут овезон афтида, дам ба дарун зад.

– Мусулмон, фарзанди мардуми мусулмон, – сухани ӯро дуранг такрор кард Усмон Азиз. – Лекин... гаҳвораашон аз осмон омада бошад ҳам, ман мехоҳам, ки онҳо мувофиқи гуноҳи худ ҷазо гиранд. Аз рӯи шариат...

– Ихтиёр доред, тақсир, – гуфт базӯр Ҳомид, чашмонашро аз теғи нигоҳи вай гурезонда.

Баъд Усмон Азиз ба Халил назар андохт.

– Фикри ту чӣ?

– Бе ҳеҷ мулоҳиза ба дор кашидан лозим он лаънатиҳоро! – гуфт ӯ фарфар ва камони дар дасташ бударо маҳкамтар қапида, ҷои холии як дандони пешашро намоиш дода, хунук табассум кард.

Ҳомид ин гапи Халилро шунида, аз ҳайрат аввал даҳонаш каме воз шуд. Пас тири нигоҳашро ба сӯи вай андохта, киноя зад:

– Гурбаи мискин агар пар доштӣ, тухми гунҷишк аз замин бардоштӣ. Беҳуда намегуфтаанд...

– Ту мӯл аз ҳаддат нагузар, – якбора шӯрида, сухани ӯро бурид Халил.

– Ақидаи ман ҳам – одам ҳаддашро шиносад, хуб аст.

– Ман ҳадношинос! Лекин...

– Чӣ лекин?

– Лекинаш – бо вуҷуди ҳадношиносӣ мисли ту тарсуи Бобул... иғвогар нестам.

Ҳамин вақт ба ду писари калонаш Ороста омад. Аз қафои онҳо Ато ва боз се нафар деҳқони дигар пайдо шуданд. Аз ин рӯ гапгузаронии Ҳомиду Халил худ аз худ қатъ гардид.

– Ту барои чӣ омадӣ? – овозаш нарм, пурсид Усмон Азиз, ба хоҳараш рӯй оварда.

– Шуморо бинем гуфта... – Ороста, чеҳрааш бадтар ғамандуд, давоми суханашро чун заҳр фурӯ бурд.

– Ту рав, хоҳарам, рав! Бачаҳоятро ҳам бар. Шаб бафурсат гапамонро гуфта… шунида будем; хайрухуш карда будем. Рав, ба ту озоре намерасад. Дар ин ҷо ҳар чӣ шавад, ба гуноҳи ман мешавад. Ту рав... Раву зинҳор ғам нахӯр. Иншооллоҳ, дидори якдигарро боз мебинем.

Ороста гирист, писаронаш низ оби дида рехтанд.

– Рав! – фармуд Усмон Азиз, ин дафъа сахт карда. Сипас ба бачаҳо нигарист. – Шумо ҳам равед. Чанд бор гӯям?!

Онҳо дилкашол аз ҳавлӣ берун шуданд.

Ва ӯ ба Қурбону Ғуломҳусайн чашм партофта, чунон ки ба замин туф мекарда бошад, дар як беэътиноӣ ва нафрати

ошкоро:

– Биёред! – гуфт. – Дастони макрӯҳашонро ба пушт баста, зада-зада биёред!

Ҳангоме ҳар ду пасопеш ба сӯи дарвозахона рафтанд, Усмон Азиз ба он се нафар деҳқон, ки дар гирди Ато меистоданд, хашмин наздик шуд.

– Ба шумо чӣ даркор?

– Аввал салом, бой... – гуфт яке.

– Бе саломи шумо ҳам рӯзам мегузарад. Зудтар гап занед: дар ин ҷо чӣ гум кардед?

– Мо омадем, ки... – гуфт дигаре ва ба нигоҳи чун дами ханҷар тези Усмон Азиз тоб оварда натавониста, ҳамоно хомӯш гардид.

– Ба *онҳо* раҳм кун, марди худо, – гуфт сеюмӣ, ки ба риши кулӯтааш сафедӣ дамида, дар байни шариконаш аз ҳама калонсол менамуд.

– Ту Комрон нестӣ? – пурсид Усмон Азиз.

– Дуруст, ман Комрон, – озод ҷавоб гардонд ӯ.

– Ҳамон Комрони ба пуштораи ҳезумаш аз кӯҳ ғелида, ҷонашро қариб ба ҷаббор супурда?

– Худи худаш.

– Ҳамон Комрони баъди аз кӯҳ ғелидан ақли *шарифаш* қариб коҳида?

– Бале.

– Пас ба ман кор ёд надода, дар раҳат раву аз компрониат намон. Вагарна сахт пушаймон мешавӣ.

– Лутфат ба ман хуш омад, марди майдон, – гуфт он деҳқон ба як тамкини фитрӣ. – Аммо зиндагӣ бе раҳму шафқат, бе оличанобиву банданавозӣ барин хислатҳои неки инсонӣ ҳеҷ маънӣ надорад.

– Аҷаб... Раҳму шафқат мегӯӣ?! Оличанобиву банданавозӣ мегӯӣ?! – ногаҳон ба сари ӯ дод зад Усмон Азиз. – Магар *онҳо* ба ман раҳм карданд? Ё заррае бошад ҳам, мардонагӣ ба кор бурданд? Додари маро кӣ кушт? Хонаву дари маро кӣ ин тариқ ба зери по гирифт? Язнаи маро кӣ ба Сибир фиристод? Ниҳоят худи маро кӣ ба марзи ғурбат андохт? Гап зан – кӣ? Сукут мекунӣ, а? Ҷавоб гардондан намехоҳӣ, а? Ё умуман наметавонӣ, а? Ана ҳамин тавр!

– Ором шав, бой. Дар ин дунёи пурмоҷаро ҳар як ҳодиса сабаб дорад...

– Ту чӣ гуфтанӣ? – ғазаболуд тозиёна бардошт Усмон Азиз. – Ба чӣ ишора мекунӣ?!

– Худат нағз медонӣ.

– Ман агар донам, ту ҳам дониста мон, – гуфт ӯ ва ба чӣ хаёле рафта, қаҳрашро каме фурӯ нишонд; дасти қамчиндораш оҳиста поин шуд. – Дониста мон, ки имрӯза иқдоми ман ҳам бесабаб нест!

– Бо вуҷуди ин аз шастат гард, назарбаланд бош. Худову расулро ба ёд ор, авлиёву анбиёро фикр кун. Оқибати беандешагӣ ҳамеша вой аст.

– Агар хоҳӣ, ки ба худат ягон ҳодиса нашавад, баро аз ин ҳавлӣ. Тез баро, – гуфт Усмон Азиз ва ба ҳамроҳони ӯ низ рӯй овард. – Шумо ҳам равед. Зудтар!

Вале онҳо аз ҷой наҷунбиданд.

– Барои чӣ мерафтаем? Мо намеравем, бой! Ҳоло боз дигарон меоянд. Мардум аз нияти ту хабар ёфта, норозигӣ доранд...

– Хайр, ку бинем – омада чӣ кор мекунанд, – маҷбур хандид Усмон Азиз ва пас гашта, ба тарафи мулло Салим қадам партофт.

Фурсате нагузашта, *онҳоро* пеш андохта оварданд. Дасти ҳар се ҳам ба пушт баста буд.

Анвар вазнашро ба пои сиҳаташ дода, сарлуч меистод. Ба мӯи ғулии сиёҳаш, ки дар он чангу гард нишаста, яктанимта каҳпораҳои тира часпида буданд, боди сабуки кӯҳистон бозӣ мекард. Дар зери анвори офтоб чеҳраи марғуби ӯ ба назар заъфаронӣ менамуд; ришаш расида, чашмони мешии маҳзунаш хаста метофтанд. Гиребони гимнастёрка ва тугмаҳои палтои чарминаш кушода... Вай дар ин ду рӯз аз дарди ҷароҳату ғами пайваста гӯё лоғар ҳам шуда буд. Бо вуҷуди ин мекӯшид худро ба даст гирифта, дар пеши Усмон Азиз далер, озод ва бениёз ба по истад.

Каромат низ дар муқобили бой ва одамони ӯ ба ғурур сар бардошта меистод. Ва ҳатто ба онҳо дар як ҳисси нафрат менигарист. Мӯяш парешон, гиребонаш канда ва пояш луч буданд. Паи тозиёнаи Усмон Азиз дар бари рӯяш инак

кабуд шуда, аммо варамаш нагаштааст...

Юнус ҳам ором менамуд. Чашмони андешаманду мӯйлаби ғафсаш ба чеҳраи гандумгуни ӯ аҷаб таносуб доштанд. Дар тан кӯҳнаҷомаи алача, курта-эзори карбос, ба сар тоқии тахҷоӣ ва дар пой муғиёнии бақувват, – вай бештар ба дарахтони саҳни ҳавлӣ нигоҳ мекард.

Усмон Азиз ба ҳар сеи онҳо тунд назар дӯхта, истод-истоду якбора пеш омад ва дастаи қамчинро ба зери манаҳи Юнус бурда:

– Хӯш... гап зан! – гуфт ба ҳавои тамасхур.

– Дирӯз ҳамаашро шунида будӣ, – ҷавоб гардонд ӯ, худро дар кароҳат қадре пас кашидаву чонаашро аз дастаи тозиёна ҷудо карда.

– Дигар ҳасрат надорӣ?

– Не!

– Яъне ки гуноҳатро ба гардан мегирӣ?

– Кадом гуноҳамро?

Усмон Азиз дарғазаб хандид.

– Ҳа-а, албатта... мусичаи бегуноҳ ту! Сӯфии соф ту! Шояд ин шариконат ҳам ягон гуноҳ надоранд...

– Ман сӯфӣ нестам, лекин дилу ниятам аз кирдори ту сад маротиба софтар.

– Аз кадом кирдорам?

– Аз одамкушиат, зӯровариат, бераҳмиат... Чӣ, худат намедонӣ?

– Медонам, нағз медонам. Инашро ҳам медонам, ки ҳар як корам дар қолаби шариат аст.

– Ман дина гуфта будам: агар ҳомиёни шариат ту ва ана он бузриши тамаъгар бошед, туф кардам ба тапутези шумо!

– Кофир, муртад! – на танҳо нӯки асо, балки пошнаи кафши чӯбинашро низ ба замин кӯфта, дод зад мулло Салим.

– Забонатро каш, ҳаромӣ! – гуфт Усмон Азиз ва дар тамоми қувва ба сари рақибаш қамчин фуровард.

Юнус, аз таки тоқиаш ҳамоно хун таровида, як калавиду дандон ба дандон монда:

– Худат ҳаромӣ! – гуфт.

Усмон Азиз боз қамчин бардошт; ин дафъа зарбаи он ба китфи ӯ расид.

– Аз ҳаддат нагузар, номард! – гуфт Анвар ва қадаме ба пеш партофту қариб буд дар замин афтида, мувозинаташро базӯр нигоҳ дошт.

Усмон Азиз, аз ғояти ғазаб як дасташ гиреҳ шудав ва дасти дигараш тозиёнаро сахт фишурда, лаҳзае ба рӯи вай чашм дӯхт. Нигоҳаш чунон оташбор буд, ки гӯё мехост пайкари Анварро саропо сӯхта, хокистарашро бод диҳад.

– Мард кисту номард чист, ҳоло ба хубӣ мебинем, *паҳлавон,* – гуфт ӯ сипас. – Лекин ту... кӯрнамак ту!

– Кӯрнамак будан аз ватанфурӯшӣ беҳтар аст.

– Чӣ? Чӣ гуфтӣ?!

– Ватанфурӯш гуфтам!

Усмон Азиз дар қайди ғазаб ба қиёфаи вай боз каме вазнин нигоҳ карда:

– Ту ҳанӯз беақлӣ, – гуфт то ҳадде мулоим, – бачаӣ... Аз куҷо медонӣ, ки ватан чисту меҳраш кадом аст.

– Аммо ман як чизро нек медонам; медонам, ки ҳазор ҷон канӣ ҳам, ватанро дар қоши зин бурда наметавонӣ. Вай анбони тилло не...

– Даматро гир! – наъра кашид Усмон Азиз, ки аз ин сухани ӯ дунё дар назараш торик мешуд.

– Ту ҳам бас кун, марди худо, – гуфт Комрони деққон. – Ба инсоф биё, шайтонро ҳай зан...

– Не, амак, маълум, ки вай аз нияти ифлосаш гаштан намехохад, – гуфт Анвар дар табассуми талх. – Вай, охир, аслан одам не, даранда аст.

– Даматро гир гуфтам ман ба ту косалеси дирӯза!

– Алам мекунад, а?..

Дар болои ҳамин гап ба ҳавлӣ як тӯда зану мард даромаданд. Ҳама дар ҳаяҷон буданд. Анвар, дили шӯридааш таптап зада, ба онҳо умедвор рӯй овард. Вале нигоҳи беқарораш, ки аз байни одамон Таманноро меҷуст, ба ҷои ӯ Сабоҳатро дарёфт. Хоҳари меҳрубонаш ҳоло бе кӯдак омада буд. Вай гаранг-гаранг гоҳ ба сӯи шавҳараш ва гоҳ ба симои Анвару Каромат чашм давонда, дар бари як кампири нуронӣ каме истоду нохост:

– Ту ба онҳо чӣ кор кардӣ, ҷаллод? Чаро додари ман ин қадар афгор? Барои чӣ сару рӯи шавҳарам хунолуд? Саги

девона барин дар кучаҳо гашта-гашта, акнун пайдо шудиву боз дор сохтӣ, манор сохтӣ?.. – гӯён худро ба тарафи Усмон Азиз андохт.

Аммо ҳамон кампири нуронӣ ва ду-се зани дигар ӯро маҳкам дошта, пеш рафтан намонданд. Сабоҳат, қарсаш ба пушти гардан лағжидаву мӯяш парешон гардида, даступо мезад, мегирист. Зор-зор гириста, дилхарош мегуфт:

– Сар диҳед маро! Сар диҳед... Бигузор дар қатори онҳо маро ҳам овезад ин босмачӣ! Маро ҳам ба хун оғушта кунад, маро ҳам пӯст канад...

Усмон Азиз хомӯш буд. Қамчинашро дар байни панҷа бозӣ доронда, дар миёнаш аз як паҳлу шамшеру аз паҳлуи дигар маузер, ба табассуми заҳррез, балки ҳақоратомез бардорузани Сабоҳатро зери назар мегирифт. Вай чунон лоқайд менамуд, ки гӯё аз ҳоли забуни зан хоса ҳаловат мебурд. Сабоҳат инро яқин ҳис мекард ва аламаш зиёда гардида, аз дилу ҷигар фарёд мекашид:

– Лаънати худо бод ба ту беимон! Илоҳӣ дар гӯрат чаппаву роста шав ту золим! Дар оташи дӯзах сӯхта-сӯхта, ҳеҷ намур ту гурги хуношом!

– Ором бош, духтарам, худатро бой надеҳ, қадратро паст назан. Вагарна, болои сӯхта намакоб, шират мегурезад, бемор мешавӣ, – низ оби дида рехтаву оринҷи ӯро сар надода, илоҷи хайр меҷуст пиразан.

– Бас, Сабоҳатҷон, бас, – мегуфтанд занони дигар ҳам.

Аммо вай ба овози баланд гириста:

– Не, не-е, ҷаллод инҳо, аз ҷаллод бадтар... – гӯён пайваста мекӯшид аз панҷаи онҳо раҳо ёбад.

Ҳоли табоҳи занашро дида, Юнус дарун-дарун месӯхт. Лекин намедонист чӣ кор кунад. Дастонаш маҳкам баста буданд. Бар замми дард думмал, дилаш беҳузур шуда, сараш кам-кам чарх мезад.

Вай аввал ба ҷониби Анвар ва сипас ғазаболуд ба рӯи Усмон Азиз як назар афканду хуни ба кунҷи лабонаш таровидаро лесида, ба замин туф кард. Ва тамоми қувваашро истифода бурда:

– Сабоҳат! – гуфт.

Овозаш таъсирнок ва дар айни замон ба дараҷае илтиҷо-

омез буд, ки одамон ҳама дам ба дарун гирифтанд.

– Сабоҳат! – такрор кард Юнус, аз чашмони сурх ва ашкрези занаш чашм наканда. – Агар ба ман як зарра ҳурмат дорӣ, дар пеши ин ғаддор гиря накун! Садқаи оби дидаат шавад ин гурезаи беномус!

– Рост, хоҳарам, – гуфт Анвар низ. – Худатро кам нагир, сарбаланд бош. Мо дар амри ҳақ ҷон медиҳем. Гумон набар, ки умрамон ройгон меравад. Не-е, хоҳарам... халқ ҳаргиз фаромӯш намекунад моро! Инҳо чӣ? – Ӯ дар як заҳрханди кушанда ба Усмон Азиз нигарист ва боз ба Сабоҳату ҳамдеҳагони худ рӯй оварда, дар айни тамкин идома дод: – Инҳо... агар зинда монанд, гави пир барин дар хобашон кунҷора дида, хору зор гаштан мегиранд.

Сабоҳат, ки сахт-сахт нафас мекашид, нӯки сарандозашро ба кунҷи чашм бурда, якбора сукут варзид.

Усмон Азиз пештар омада, мисле ки гуфтаҳои Юнус ва Анварро нашунида бошад, ҳатто мижааш хам нахӯрда, дар муқобили анбӯҳи мардум орому ғурурманд қарор гирифт. Нигоҳаш вазнин ва лабони саҳл ғафсаш ба қатъият фишурда буданд. Дасташ дар болои ғилофи чӯбини маузер, вай якду дақиқа ба одамони дар ҳаяҷону ҳама кӯҳнапӯш чунин назар дӯхта, пас оҳиста пурсид:

– Шумо чӣ мехохед?

Вале онҳо хомӯш буданд.

– Чаро ба ин ҷо омадед? – гашта пурсид ӯ.

Ниҳоят мардум ҷунбида, аз байнашон як ғибир-ғибир бархост. Ва баъд аз пушти ду-се нафар Раҷаб-бобо, муйсафеди синнаш наздик ба навад ва худаш бемор, ки дар дасти ларзонаш асо дошт, дар ҳимои набераааш, бачаи тахмин даҳдувоздаҳсолаи рангпарида, базӯр пеш баромад.

– Маро шинохтӣ, Усмон?

– Шинохтам, – гуфт вай бе тоқат.

– Ман на танҳо раҳматӣ падарат, балки бобоятро ҳам нағз медонистам...

– Хайр?

– Ту албатта хабар дорӣ, ки дар зери дасти онҳо чорякорӣ мекардам.

– Дуруст.

– Падарат, бобоят ҳам... ба ҳар ҳол *инсон* буданд.

– Боз чӣ?

– Боз мегӯӣ?.. – риши чун барфҳои кӯҳи Ҳафтсар сапсафедашро ба қабза гирифт мӯйсафед. – Боз ин ки ақлатро дуруст кор фармо. Ба инҳо нарас, осеб нарасон. Рафтан хоҳӣ, хуни ноҳақ нарехта, хапу дам баромада рав.

Одамон дар пушти ӯ аз нав ба ҷунбиш омаданд.

– Рост.

– Баинсоф бош.

– Мусулмонӣ куҷо шуд?..

– Нағз не, бой, – мегуфтанд онҳо.

– Хомӯш истед! – даст бардошта, ба шиддат фармон дод Усмон Азиз. – Хомӯш... – Ва пас, баъде ки ҳозирон сукут карданд, рост ба Раҷаб-бобо нигариста, ба оҳанги шикоят пурсид: – Шумо мехоҳед, ки ман ба ин кофирони миллатфурӯш чор тарафатон қибла гӯям?

– Чор тарафатон қибла гуфтан шарт не, Усмон... Ман ба ту аз номи халқи Нилу мефаҳмонам: ба ҷони ҷавони онҳо ҷабр накун. Чӣ тавре гумон мебарӣ, ҳаргиз кофир нестанд ин бандаҳои худо, миллатфурӯш ҳам нестанд.

– Пас кистанд?

– Се каси бегуноҳ, се камбағал. Се нафаре ки рӯзи равшан мехоҳанд, тани солиму шиками сер мехоҳанд, нафаси озод мехоҳанд. На фақат барои худ, балки ғолибан барои мо, ҷафодидагон...

– Дурӯғ! – гуфт бе эътибор Усмон Азиз. – Камбағал бошанд, будагистанд. Лекин онҳо саропо ба гуноҳ ғӯтидаанд. Ин ҳақиқатро ана… мулло Салим ҳам тасдиқ мекунад. Вай аз дину оин бохабар аст, қонунҳои шариатро хуб медонад. Ба фарқи сиёҳу сафед рафта, бе ҳеҷ ғараз гуфта метавонад, ки кадоме аз мо кофир шудаасту кӣ ҳоло мусулмон.

– Ӯ худаш як махлуқи беимон, – гуфт Раҷаб-бобо, ба ишораи чашму абрувон мулло Салимро нишон дода.

– Номаъқул кардӣ! – ба овози борики хиросӣ фарёд кашид имоми масҷиди Нилу. – Ту пири мафлуки худобезор куҷову мани се соли дароз ба азобу уқубат дар Бухорои шариф таҳсилкарда кӣ!

– Хайр, шуд, – гуфт Усмон Азиз ба мулло Салим ва ба

қамчини дастааш пур аз нақшу нигор як-ду бор соқи мӯзаашро кӯфта, ба Раҷаб-бобо ва одамони гирду атрофи ӯ муроҷиат намуд: – Ману шумо ҳамдигарро нағз мешиносем. Пас эҳтимол медонед, ки аҷдод-аҷдоди ман ба касе бадӣ накардаанд...

– Барои чӣ? – тоқаташ тоқ гардида, ба сухани вай лат дод Комрон. – Бадӣ ҳам карда буданд. Агар не, ин қадар тавонгар намешуданд.

Вале Усмон Азиз гӯшашро ба карӣ зад.

– Ба ҳар ҳол ман дар пеши шумо гуноҳ надорам. Ман молу маноламро аз падару бобоёнам мерос гирифта будам. Аз сарвати дунё ҳамеша бениёз будам. Шояд бинобар ин, чашму дилам сер, ба хизматгору чоряккор ё ягон чӯпони худ ҷабр намекардам, ба ҳаққашон зомин намешудам. Мехостам доим шарики тӯю сури шумо бошам, аз ғаму андӯҳи шумо нагурезам. Зимнан ҳамин сурат ҳам буд...

– Сафсата, – гуфт боз Комрон.

– Мумкин... – тамасхур кард Усмон Азиз ва ором суханашро идома дод: – Баъд ногаҳон тӯфони бало хесту тақдир маро ба кӯи ғарибӣ андохт, ба қафаси номуродӣ кашид. Лекин аз паи хости худо ба ин ҷойҳо баргашта, ошкоро дидам, ки се нафар *бегуноҳи* шумо хонаву дари покизаи маро чӣ гуна таки по кардаанд. Аз ҳама бадаш, ғуломвор ба рикоби куффор часпида, ба тазйиқу таҳдид калхоз сохта, Нилуи мусулмонободро низ ба гандагӣ олудаанд...

– Ту ҳамон гандагиро дар куҷо дидӣ? – мутаҳайир пурсид Раҷаб-бобо.

– Дар даҳони ту! – гуфт филҳол Усмон Азиз, ғазабаш дуболо гардида.

– Беадаб, – ноилоҷ монда, хандид мӯйсафед.

Аммо Усмон Азиз ба ҷониби ӯ як чашм песонду:

– Ман ба шумо дигар чуну чаро намекунам, – гуфт ва тоб хӯрда, ба қафо, ба мулло Салим рӯй овард. – Имом!

– Лаббай, тақсирам!

– Гап занед ба ин фуқарои бефаҳм.

– Чӣ гап занам? – қадре даступо хӯрд вай.

– Фаҳмонед, ки ҷазои ана онҳо чист?

– Ман дирӯз ба шумо гуфта будам, тақсир. Имрӯз ҳам

гуфтам. Модом ки аз нав хостед, ба такрор мегӯям: сазои махлуқи аз дин гашта – фақат куштан!

– Шунидед? – пурсид Усмон Азиз, бештар ба Комрону Раҷаб-бобо нигариста.

– Шунидем, лекин... – гуфт мӯйсафед.

– Чӣ лекин? Чӣ?! – тамоми овозашро сар дода, сухани ӯро бурид Усмон Азиз.

Ба ин нигоҳ накарда, одамон боз ба ҷунбиш омаданд. Онҳо як-ду қадам пеш партофта, дар ҳаяҷон мегуфтанд:

– Бераҳм.

– Ин корат аз рӯи шариат не!

– Ку инсоф?

– Кадом фарзанди мусулмон ба сари мардуми бегуноҳ теғ кашидааст?!

– Худову расулро фаромӯш кардаӣ.

– Намемонем...

– Намемонед? – дар даст тозиёна, бонг барзад Усмон Азиз ва ба як имои вай аввал Ғуломҳусайн, баъд Халил – Қурбон дуртар меистод – дар пеши пой ва болои сари онҳо паёпай чор-панҷ тир андохтанд.

Издиҳом чун гӯсфандоне ки аз ҳуҷуми ногаҳони гург ларзида, ба ҳамдигар ҷафс мешаванд, дам ба дарун гирифт.

– Намемонед, а? – такрор кард ғолибона Усмон Азиз ва аз Халил рӯй гардонда, даршаст ба Қурбону Ғуломҳусайн нигарист. – Баред!

Онҳо ҳар серо зуд пеш андохта, ба таки яке аз чор тути калони балхӣ бурданд.

Кароматӣ муаллим, вақте ки Ғуломҳусайн:

– Би-ига-ард! – гуфта, ӯро тела медод, чашмаш ба одамон, дар ин саҳари офтобӣ нахустин маротиба лаб кушод:

– Ба модарам гӯед, ки ман аз *лаънатиҳо* наметарсидам.

– Албатта наметарсӣ – ту, охир, қаҳрамонӣ! – гуфт ба масхара Усмон Азиз.

– Боз ба вай расонед, ки маро бубахшад...

...Халил, бо вуҷуди он ки худро дар назари Усмон Азиз беэътибор ангошта буд, камонаш тайёр ба оташкушоӣ, дар рӯбарӯи издиҳом мағрур меистод. Зану мард чӣ кор карданро надониста, дар банди сукут метапиданд. Аз байни онҳо

фақат нолаи Сабоҳат ба осмон мепечид.

– Вой дод, сад дод... Додарам, додараки хушрӯям, хушгапам; шавҳари меҳнаткашам, хонаободам... Дод, сад дод аз дасти босмачӣ... Додарам, додараки нокомам; шавҳарам, шавҳари содаам... Дод, вой дод... – мегуфт ӯ, девонавор калла ҷунбондаву дақиқа ба дақиқа карахт шуда.

Вале Усмон Азиз фарёди ҷонситон ва дар айни ҳол рӯҳбахши дили афсурдаи ин зани меҳрпарварро гӯё намешунид. Дандон ба дандон монда, ба қурбониёни худ ва ресмонҳои нӯкашон ҳалқа менигарист. Чашмони барроқаш хун гирифта, ҷонаш дар бадан намегунҷид.

Қурбону Ғуломҳусайн *асиронро* якта-якта инак болои кундаҳо бароварда буданд.

Анвар ва Юнус лаб газида, ба қурси оташгуни офтоб нигоҳ мекарданд, ки қади ду найза баланд шуда, деҳаро дар ихтиёри анвори зарҳалии хеш месупурд. Каромат андак пакар буд; мегирист.

Дар тори сари онҳо се ресмони ала, чун се мори дар васвасаи қасос, ба печутоб хамбида, дар дидаҳо бисёр хунук ва даҳшатзо метофтанд.

Усмон Азиз, нигоҳаш ба нигоҳи фармонбари Ғуломҳусайн пайваста, даст афшонд.

Ва ӯ, лаганбардори зархаридаш, пеш аз ҳама ба Юнус наздик шуд; дар қафои вай ба нӯки по истода, дастонашро ба ҳаво бардошт – Қурбон ин дам ба сӯи собот рафта буд – ва ҳалқадаваки ресмонро қапида, чолокона ба гардани он шӯрбахт андохту кундаро аз такаш тела дода, шитобон ба ресмони дуюм даст дароз кард. Агарчи аз фарёди Сабоҳат гӯшаш ба қомат меомад, ӯ ҳатто одаму оламро ба ёд наоварда, гардани муаллими ҷавонро низ бепарво ба ҳалқадавак гирифт.

Аспҳо дар қафаси зину лаҷом безобита шуда, сумкӯбон шиҳа кашиданд: мехостанд, ки аз банд ҳар чи зудтар берун раванд. Аммо меххои якгазиву полҳангҳои бақуввати пашмин онҳоро сар намедоданд. Ва ҷонварон боз гарданак зада, шиҳакашон қариб чароғпоя мешуданд.

Махсусан ҷирани Анвар сахт бетоқат буд. Ба гирди худашу Қурбони акнун осема давида ва ба ҳаво шатта партоф-

та, чандала мекард, ки аз қайди асорат раҳо ёбад...

Дар ин ҳангом Ғуломҳусайн аз таки пои Кароматӣ муаллим ба як зарба кундаи ғафси зардолуро чаппа карда, ба ресмони сеюм расида буд.

– Вой, э войе-ее... вой! – мегуфт Сабоҳат, дар ҳалқаи мустаҳками дасти занҳо сад бор мурдаву аз нав зинда гардида.

Дигарон ҳам, ки ваҳмидаву ларзида, ёрои ҷунбидан надоштанд:

– Ин чӣ гап?

– Чӣ бедодӣ!

– Хонаат сӯзад, босмачӣ!.. – гӯён чун сел ногаҳон аз ҷои худ кӯчиданд.

Вале ҳамоно дар гирду пеш такроран садои тир баланд шуд, ки онро Халил, Халили дар пиндор оқибат ба мақсад расида... паронда буд. Ва одамон тарсида, ногузир боз таваққуф карданд; ҳатто даме хомӯш гардиданд.

Ғуломҳусайн охирин ҳалқадавакро кашида, ба гардани Анвар андохт. Бардорузани Сабоҳат бештару фарёдаш баландтар шуд. Издиҳом низ ғирев дошт.

– Наҷунбед! Наҷунбед гуфтам ман ба шумо ҳайвонҳои бемағз! – туфангашро ба сӯи одамон рост кард Халил.

Ва онҳо намеҷунбиданд; гӯё нафас ҳам намегирифтанд. Танҳо лобаву шевани Сабоҳат ба гӯш мерасид. Ва боз...

Шиҳаи ҷонварон...

Ҳангоме ки Ғуломҳусайн мехост ба кундан таки пои Анвар лагад кӯбад, Усмон Азиз қамчини дуқатро ба зери тасмааш хаста:

– Ист, – гуфт.

Ғуломҳусайн дар ҳайрат худро пас кашид. Ва Усмон Азиз ба қадамҳои устувор пеш рафта, дар рӯбарӯи Анвар, ки аз паҳлуи ҷасади дар ресмон овезони Юнус ва Кароматӣ муаллим… дар болои як кундаи калон ҷасурона рост истода, ба офтоби тобону уфуқи покиза хаёлолуд ва мағмум чашм медӯхт, таваққуф кард. Лаҳзае ба чеҳраи ӯ нигариста, пас ба тани беҷони рақибонаш рӯй овард, ки ҳар ду ҳам дигар наметапиданд. Ва дубора ба Анвар назар афканда:

– Ҳай-ҳай, бача... – гуфт. – Шояд дар дами марг ба худ омада, узр мепурсӣ?

– Аз ту?

– Набошад аз кӣ?

– Хестӣ, ки хобат...

– Ба ҳар ҳол нағзакак фикр кун. Ман ба ту боз каме фурсат медиҳам.

– Сабаби меҳрубонӣ дар чист?

– Сабаб мегӯӣ? – дастонаш ба пушт, андешаманд пурсид Усмон Азиз. – Сабаб ин ки ту ба ман аз кӯдакиат мақбул будӣ. Мисли фарзандам...

– Дурӯғ… Шумо, одамони доро, ҳама ба фиребу найранг рӯз мебинед.

– Хайр, бигузор фиреб бошад, найранг бошад. Лекин ман ҳоло ба ту чизи дигар гуфтан мехоҳам.

– Марҳамат, агар бисёр дилтангӣ, гап зан.

– Чанд дақиқа пеш аз даҳонат кафк мепарид, ки ман номардам...

– Чӣ, ба номардиат бовар надорӣ?

– Ин суолат ба ҷавоб гардондан намеарзад.

– Чунки аз сухани ҳақ метарсӣ.

– Шояд... – гуфт Усмон Азиз ба тааммул. – Аммо боз як бор мепурсам, ки ба ман меравӣ ё не?

– Ту, охир, кӯдак нестӣ-ку. Парерӯз гуфта будам, дирӯз ҳам фаҳмондам – не, не, не!

– Аблаҳӣ ту, аблаҳ, – чанд тора мӯйлаби сиёҳашро зери дандон гирифта, гуфт ба алам Усмон Азиз. – Бо вуҷуди ин ман аз гуноҳат мегузарам.

– Боз номардӣ мекунӣ?

– Мардиро аз ту диданиам, – писханд зад ӯ ва даме сукут варзида, идома дод: – Шоир хуб гуфтааст…

– Чӣ гуфтааст?

– Гуфтааст, ки

Гар тоқати ҳақтузориат кам бошад,
Зинҳор зи кас қабули эҳсон накунӣ.

– Ҳамон эҳсон ба худат бошад! – дар нафрат ба пеши пояш туф кард Анвар.

– Аблаҳ... – гашта такрор намуд Усмон Азиз. Пас ба Ғуломҳусайни гӯш ба қимор нигариста: – Гир ин ресмонро аз

гарданаш, – гуфт ва баъде ки ӯ фармонашро ба ҷо овард, шаш-ҳафт қадам қафо рафта, ба заҳр илова кард: – Зинда мон, бача; зинда монда, гӯр ёбу дар наёб!

– Не-е! – дод зад Анвар. – Не-е... Овез маро, овез! Агар мардӣ, аз қавлат нагард! Маро дар нимароҳ напарто!

– Роҳи ту акнун дароз аст, пуразоб аст...

– Як корро дуруст анҷом додан – ҳунар!

– Иншооллоҳ, рӯзе мерасаду худат анҷом медиҳӣ.

Одамон ҳамчунон карахту беҳаракат меистоданд.

Метарсиданд аз тиру туфанг!

Сабоҳат низ ҳоло хомӯш буд. Чашмони беифодааш гӯё аз косахонаи худ ҷаста, вай ба тани дар ҳалқаи банд овезони шавҳарашу муаллими ҷавон менигарист.

– Куш, куш маро, гург! Номардӣ накун... – аз мағзи ҷигар фарёд мекашид Анвар.

Усмон Азиз ба ҷониби ӯ беэътино даст афшонда:

– Рав, оташ мон, – гуфт ба Қурбон.

Хизматгораш, ки се аспи зинзадаи нооромро ба миёнаҷои ҳавлӣ оварда – ҷирани Анвар дар паҳлуи охури баланд танҳо истода, шиҳакашон чароғпоя мешуд; мекӯшид ресмонашро канда, ба ҷавлон ояд, аммо... – эҳтимол аз бим, ё аз туғёни ҳаяҷон ва асли нодонӣ чун мурғи посӯхта ба атроф назари имдод медавонд, қариб тозон ба сӯи айвон рафта, аз пеши суфа чобаи пур аз карасинро сари даст гирифту аз дар ба тиреза, аз хона ба хона ва аз бари як сутун то ба сутуни дигар тохта, ниҳоят гӯгирд зад.

Аввал фағонаи дуду забонаҳои сурхи оташ намоён шуданд. Пас дар айвон ва шифти он аланга бархост.

– Аз паи ту шумқадам *ҳамин* мемонад, – гуфт Анвар, ки дастонаш ба пушт дардовар баста буданд, дар азоб аз болои кунда фуромада.

Вале Усмон Азиз ин гапи ӯро нашунид: ҳоло вай савори сиёҳмушкини худ буд. Қурбону Ғуломҳусайн низ саросема пой ба рикоби аспҳои беқарор мебурданд. Одамон – дар байни онҳо махсусан Сабоҳат, Раҷаб-бобову Комрон ва боз чанд нафари дигар – аз нав ба ҷунбиш омада:

– Разилон!

– Худо мезанад шуморо...

– Гарданатро шикаста, шабу рӯз хун парто, Усмон Азиз!

– Дар тақдири шумо ҳам ягон бало будагист... – гӯён ба саворон наздик мешуданд.

Анвар низ базӯр қадам мондаву аз ғояти дард дандон ба дандон гузошта, ба сӯи Усмон Азиз мерафт. Рангаш парида ва чашмонаш пурғазаб буданд.

– Лаин, – пичирос мезад ӯ, – лаин...

Ҳамин вақт дар болои сари издиҳом боз тир кушоданд. Аввал Ғуломҳусайн, баъд Халил... Ва одамон тарсида, боз ноилоҷ таваққуф карданд. Фақат Анвару Сабоҳат наистоданд. Онҳо, додару хоҳар, аз ду тараф ба Усмон Азиз нигариста, дар хашм пеш мерафтанд.

– Маро ҳам овез, хунхор, овез! – мегуфт Анвар.

– Илоҳӣ зану фарзандонат ба ҳоли ман афтанд! – мегуфт Сабоҳат.

Аммо Усмон Азиз лаҷоми сиёҳмушкинро сахт тоб дода, баъде ки ҷонвар як гирд гашт, ба ҳаво тозиёна бардошт ва ба ҳамин онҳоро наздик шудан намонда:

– Забонатро каш, кӯрнамак! – гуфт ба Анвар.

Сипас ба мулло Салим рӯй овард.

– Ха-айр...

Ва ба дандаи аспаш сабук пошна зада, сари онро ба тарафи дарвозахона гардонд.

Қурбону Ғуломҳусайн ҳам:

– Чу-у! – гуфта, аз пушти ӯ ба ҳаракат омаданд.

Мулло Салим, ки ба назар моту мабҳут гардида, дар паҳлуи Ҳомид рост меистод, ба тасбеҳи саддонаву асои дар байни ангуштони хушкаш овезон даст ба рӯй бурд...

Фиғони Сабоҳат ба осмон печид.

Анвар чӣ кор карданро надониста:

– Куҷо меравӣ, номард?! Ист, охир, ист! Овез маро дар қатори инҳо! Овез, куш, сӯзон... Ист, охир! – гӯён лаҳза ба лаҳза овозаш дар гулӯ печида, фарёд мекашид.

Вай лангон-лангон чанд қадам пеш партофту ба ғуломгардиш нарасида, дар замини ҳамвор пешпо хӯрд ва азбаски дастонаш ҳамчунон маҳкам баста буданд, ҷароҳаташ низ бисёр дард мекард, мувозинаташро дошта натавониста, ба даҳон афтид; сахт афтид. Як дандонаш шикаста, ба лабони пар-

синбастааш риштаи хун давид... Анвар зӯр зада, мехост аз ҷой хезад. Вале ин осон набуд. Собунаки зонуяш чун дар кӯраи оташ сӯхта, дилаш беҳузур мешуд.

Мулло Салим ноҷунбон меистод. Гӯё акнун мефаҳмид, ки ба чӣ фоҷиаи хунин фотиҳа додааст.

Хонаи Усмон Азиз дакиқа ба дақиқа аланга мегирифт. Дару тиреза ва болору вассаҳои он чарс-чарс садо бароварда, дуди сиёҳаш печутоб хӯрда, гирдбодвор ба осмон мерафт.

Одамон боз ба худ омада, ҳама якҷоя ба ҷониби Анвар тохтанд. Касе дасти ӯро кушояд, дигаре аз зери бағалаш гирифта, мадад мекард, ки ба по хезад. Сабоҳат мегирист, рӯю мӯй меканд. Ва:

– Додарам, додаракам... – гӯён дар гирди Анвар парвонаи сӯхта мешуд.

Мулло Салим аз назди онҳо гузашта, балки хазида, чун дузд номаълум кӯча баромад.

Ҳангоме ки Анвар бархоста, дандони шикастаашро омехта ба хуни даҳан туф карда партофт, дар бари вай ногаҳон Халил пайдо шуда, ба пеши пои издиҳом тир кушод ва чашмони оташгирифтаашро бозӣ доронда:

– Яклаба истед! – гуфт.

Дар даст туфанг, ӯ савори асп буд.

Савори ҷирани Анвар...

Одамон гаранг худро каме пас кашиданд.

– Ақлашро бой додааст ин хирасар, – овоз баровард кадоме аз ҳозирон.

– Зоташ паст буд... – гуфт оҳиста дуюмӣ.

Сабоҳат, дилаш қариб кафида, ранги рӯяш пахта барин сафед, дар ҷояш шах шуда меистод.

Анвар базӯр қомат афрохта, аввал ба ҷиранаш, ки даҳана хоида, шиҳакашон бетоқатӣ мекард, ва пас ҳайрон ба Халил нигарист.

– Ту ҳам ягон мақсад дорӣ?

– Набошад чӣ? – ҳатто мижааш хам нахӯрда, гуфт ӯ ба тамасхури ҷонгудоз.

– Аҷа-аб... – лаб газид Анвар.

– Фаромӯш накардаӣ албатта?

– Чиро?

– Боз худатро ба нофаҳмӣ мезанӣ, а... сагбача! – гуфт Халил ва дар тамоми қувва ба сари ӯ қамчин фуровард.

Анвар сахт калавиду нағалтид.

– Мардум! – ҷигараш гӯё рехта, беҳол фарёд кашид Сабоҳат. – Дар ин дунё инсоф ҳаст ё не? Вай лаънатӣ чӣ кор мекунад? Чӣ кор мекунад ба додари ман...

– Даматро гир, ки... – ба тарафи ӯ асп ронда, дод зад Халил ва боз ба сари Анвар омад. – Дар вақташ ту қатӣ модарат маро ба як пули сиёҳ нахаридед. Вай чилдурӯғ, беҷогард, ҷулғундипӯш гуфта, ана *он* қанчиқро ба ман зан шудан намондед. Ана *он* барзагави акнун дар ҳалқаи дор овезонро аз ман авло донистед... Рост мегӯям?

– Рост, – ба нафрат ҷавоб гардонд Анвар, ки дар бари рӯяш се хат хун метаровид. – Чунки ту воқиан ҳам чилдурӯғӣ, ба ҳеҷ чиз эътиқод надорӣ, як махлуқи бемазҳабӣ!

– Шояд ман ба одаму олам эътиқод надошта бошам. Лекин ту... – Халил мили камонро ба сари синаи ӯ рост карда, даст ба куланг бурд. – Ту имрӯз аз дасти *ҳамин* махлуқ ба ҷаҳаннам меравӣ!

– Ёфтӣ вақту соати интиқом гирифтанро, тарсу, – гуфт Анвар ба заҳрханд ва ҳамоно дар саҳни ҳавлӣ садои тир танин андохта, ӯ сандуқи дилашро қапиду як-ду бор калавида, оҳиста ба замин афтид.

Ҷиран сахт шиҳа кашид, чароғпоя шуд, вале савори бегона ва дарғазабашро аз хонаи зин канда натавониста, чун бод ба кӯча тохт.

Одамон ғирев бардошта, боз ба ҷунбиш омаданд.

Сабоҳат худро дар болои ҷасади беҷони додараш партофта, аз зӯри дарду алам ва ноилоҷӣ ба ҳама вуҷудн дунё лаънатҳо хонда, ҳой-ҳой мегирист.

...Ин дам Усмон Азиз аз Нилу берун шуда, дар ҷадал асп меронд; раҳи ағбаро дид карда мерафт ӯ. Қурбону Ғуломҳусайн аз дунболаш буданд. Аммо ҳар се намедонистанд, ки айнан дар ҳамин лаҳза Анвар, рост ба сари дилаш тири сӯзон расида, аз пой даромад. Ва кушандааш ба кафали аспи вай беист қамчин зада, аз паи *онҳо* низ деҳаро тарк намуд...

Офтоб хеле баланд шуда, ба замину замон гармӣ мебахшид. Осмон мусаффо, нилобӣ ва дастнорас буд. Аз сабзаи

навхези баҳорон гирду атроф кабудфом метофт. Дар пеш кӯҳи Ҳафтсар мағрур қад афрохта, барфи қуллаҳояш дар партави меҳри чоштгоҳӣ хуш ҷило медод. Олам дар оғӯши сукунат буд. Ва ин сукунатро танҳо садои на чандон муназзами суми аспҳо халалдор мекард.

Усмон Азиз дар болои зин устувор нишаста, сараш андак хам, ба як ҳаво асп меронд. Ва дилаш ғарқоби хун шуда, дар банди азият меандешид, ки пас аз шаш соли ғурбат орзуи ватан карда, имрӯз ана… умедаш билкул барбод рафта, бозпас аз Нилу баромад; лекин чӣ тавр, ба кадом насақ, аз кадомин рахнаи сарҳадди ин диёр гузашта, ба дидори зану фарзандаш мерасад... Ва мерасад магар?

Вай оҳ кашид; оҳ кашиду чашмони хастааш дар сабзаи атроф, аранге бӯи бараҳои навзод ва ширу қаймоқи авулро шунид. Ва ин роиҳаи аз кӯдакӣ шинос димоғашро тарк накард, балки тезтар шуд.

Усмон Азиз, тамоми вуҷудаш гӯё даргирифта, дида пӯшид ва ҳамон дам ба сари мижаҳояш ашк давид. Баъд дар пеши назари ӯ авуле пайдо гашт, ки Барвеш ном дошта, дар як ҳамвории пошнаи талҳои қатор воқеъ буд.

– Саворон! – гуфт дар таҳлука Қурбон.

Аз ин нидои ногаҳон Усмон Азиз ба худ омада, чашм кушод. Дар рӯбарӯ майдони хурде тӯл кашида, охираш ба ду тали калон мепайваст, ки аз байни онҳо ягона пайроҳа мегузашт. Ва ҳоло аз ҳамон мавзеъ панҷ нафар савора берун шуда, дар арсаи пур аз сабзаву лолахасак паҳлу ба паҳлу асп меронданд. Дар дасти ҳар кадоме туфанг, осуда ва ба эътимод меомаданд онҳо!

«Кӣ бошанд?»

Усмон Азиз лаҷоми сиёҳмушкинро як таранҷид. Аммо баъд саворонро шинохтаву қариб буд аз ақл бегона шуда, маузерро дарғазаб аз ғилоф кашид. Асп, лаҷомаш аз нав суст гардида, чорхез гирифт.

Ҷонвар акнун ба тақозои соҳибаш аз пайроҳа баромада, рӯ-рӯи алафу лолахасакҳои шукуфон медавид. Майдони таки пояш қолини бузурги сабзро мемонд, ки фақат ба гулҳои сурх оро ёфтааст...

Усмон Азиз аз панҷ нафар саворе ки парерӯз онҳоро дар

болои деҳаи Сияҳбед хона ба хона ҷавоб дода буд, ҳамчунон чашм наканда, дар қаҳру заҳр асп метохту мутаҳайир ба худ мегуфт, ки ин чӣ савдо, ин чӣ сарнавишт!

Вақте ба ҳамдигар наздик шуданд:

– Ист, бой! – гуфт яке аз он панҷ тан, ки ҳоло аз байни ёронаш каме пеш баромада, аспашро нигоҳ медошт.

– Аброр?! – наъра кашид Усмон Азиз.

– Бале, худатон нағз медонед, Аброр номам. Ман дар хизмати шумо, тақсир, – бемалол неш зад ӯ.

– Аз рӯзи аввал ба ту саг бовар намекардам.

– Ман ҳам...

– Туро сиҳат-саломат ҷавоб доданам кам буд?

– Албатта!

– Пас чӣ мехоҳӣ боз?

– Мехоҳам, ки бисёр налақида, таслим шавӣ.

– Ин орзуи як сифлаи ноасл!

– Не-е, бой, ин ҳукми қазову қадар...

– Шушкихӯр! – ҳама рагу пояш таранг гардида, боз дар фиғон омад Усмон Азиз.

– Парто силоҳатро, – гуфт ором Аброр.

– Ана ба ту силоҳ! – дод зад ӯ ва акнун оташ кушодан мехост, ки банди дасташ сӯхта, маузер ба пеши пои сиёҳмушкин афтид.

Асп тарсида, чароғпоя шуд.

Ва дар ин лаҳза Ғуломҳусайн оқибати худро ниҳоят фаҳмида, камон бардошту пушти гардани Усмон Азизро ба нишон гирифта:

– Фи-иреб ка-ардӣ ма-аро, ба-андӣ ка-ардӣ... – гӯён дар як нафас тир андохт...

...Он *воқиа* дар ҳамин гуна рӯзи равшани баҳорон рух дода буд. Рама нав аз чаро баргашта, атроф пур аз маоси мешу бараҳои ширмак мешуд. Дар оташдонҳо алав даргирифта, бӯи дуди ҳезуми арча меомад. Сагҳои калон-калони гӯшу думашон бурида, ки он бегоҳ низ дар қатори чӯпонҳо рамаро бе осеб ба авул расонда буданд, пас аз хизмати бардавоми рӯзона ҳар ҷо-ҳар ҷо лоқайд дароз кашида, ба чашмони нимпӯш ғанаб мерафтанд. Аҳли авул ҳама машғули кори худ метофтанд, – ҷунбуҷӯл доштанд.

Нохост атроф хомӯш гардид. Ба дараҷае хомӯш гардид, ки гӯё бод ҳам дигар намевазид. Усмони хурдсол, дар даст чанд бучул, намедонад аз ин сукунати вазнин тарсида, ё ҳайрон шуда, аввал ба кӯдакони пойлуч нигарист, ки то ҳол ҳамроҳаш бозӣ мекарданд. Аммо дар чашми онҳо ба як ваҳму таҳлука дучор омада, гаранг... ба гирду пеш назар андохт. Нигоҳи вай падарашро меҷуст – куҷост ӯ, чӣ воқиа рӯй дод?

Лекин Усмон ба ҷои падар ду ҷондори барояш ношиносро дид; ду ҷондори яке хурду дигаре бузург... Онҳо дар ёлаи тали сабз қариб ба ҳам часпида, паҳлу ба паҳлу меистоданд ва мағрур сар афрохта, авулу авулакиҳоро ба муоина мегирифтанд. Ранги ала-була доштанд; аз ҷой намеҷунбиданд. Нигоҳашон вазнин, сер ва фориғбол буд.

Баъд ҷонварҳо тоб хӯрда, оҳиста қафо гаштанд.

Пӯсти раҳ-раҳ зарду сиёҳи онҳо дар муҳити талҳои сабзу осмони нилобӣ зарандуд метофт...

Усмон дар тори сараш як дасти гарм ва навозишкорро эҳсос карда, боз машғули бозӣ шуд.

– Паланг!

Аҷабо, овози падараш...

Ва акнун ин манзара дар пеши чашмонаш аз нав зинда гардида, ӯ дар болои асп печутоб мехӯрд. Сиёҳмушкин ҳеҷ чизро нафаҳмида, пойкӯбон дар гирди худ чарх мезад. Саворон аз ҳар ду ҷониб хомӯшу беҳаракат меистоданд.

Усмон Азиз, дар машомаш бӯи сабзаву бараҳои навзод ва ширу қаймоқи авули Барвеш, ҳама вуҷудаш аз ёди кӯдакиву зарби ҳалоҳили тир тапида, фикр мекард, ки он ду паланги оча-бача аз вай бисёр не, як қадам...

Танҳо *як* қадам дуранд.

Ниҳоят Усмон Азиз:

– Ман бе гумон ангушти зиёди панҷаи тақдир будаам дар ин дунё! – гуфт зери лаб.

Ва аз хонаи гарми зин канда шуда, оҳиста ба замин, ба рӯи майсаву лолахасакҳои саросар шукуфон ғалтид.

*1983–1984*

# ОБДОРӢ,
## ё худ Кавкабони кабуд
Қисса



# 1

Ба сар то сари кӯчаи дар ин субҳгоҳон хилват боди якзайли форам мевазид. Аз пошнаи тали Тобазор, ки дар самти офтобшинами деҳа чун кӯҳпорае қад афрохта, ҳоло ба назар тира ва қадре ҳавлангез менамуд, шуввоси бардавоми об меомад. Омехта ба он бонги паёпай ва мутантани хурӯсон осмони деҳаро гӯё кафондан мехост.

«Аҷаб тифоқанд ин ҷонварҳо! Ҳамин ки яктааш ҷеғ зад, дигараш ҳам фавран ҷӯр шуда, ба шавқ гулӯ медаронад», – аз дил гузаронд усто Қамчин, ки бел дар китф, дар пеши дарвозаи худ меистод.

Вай ба садоҳои муассири сапедадам фурсате гӯш ниҳода, зери лаб табассум кард. Чӣ давлати бузург! Вақте ки кас дамидани субҳро истиқбол гирифта, ба лаҳни он нек эътибор медиҳад, гӯё бардамтар мешавад, покизатар мешавад ва ҳатто баинсофтар...

Дар сатҳи осмон ситораҳои парешон акнун ранг бохта, яке аз паи дигаре нопадид мегардиданд. Ва аз он ҷо, аз қаъри гунбади лоҷувардӣ, равшании лухт, фарогир ва аҷаб муқтадир ноаён ба замин фуруд омада, деҳаро дар оғӯши нарми худ мекашид.

Усто Қамчин, рӯҳаш болида, ба қадамҳои устувор тарафи дарвозаи хурде рафт, ки ҳавлии ӯ солҳо боз дар муқобили он воқеъ буд. Вай кӯчаро рост бурида гузашт ва дар назди ҳамон дарвозаи фарсуда таваққуф кард. Дар нияти паллаашро ба дарун тела додан нав даст мебардошт, ки овози пурхашми саге баромад ва дарҳол фурӯ нишаст. Усто Қамчин як қад парида, худро андак пас кашид.

«Хадича-ку саг надошт...»

Ҷонвар, ки яқин ба роҳаташ халал мерасид, аз аввала баландтар фиғон зад. Ва усто Қамчин дарёфт, ки саг на аз ҳавлии Хадича, балки як боғ поинтар, аз ҳавлии Холназару Акрами муаллим меҷакад. Вай аз он ки ғафлатан тарсида,

худро беихтиёр қафо кашид, ногузир шарм дошт ва ҳис кард, ки нармаи гӯшҳояш метафсанд.

«Дилам суст шудааст магар…»

Эҳтимол шаллоқ хӯрда, саг ин дафъа сахт иринҷид, нолид; баъд якбора сукут кард, – гӯё дамаш ба дарун гашт.

Усто Қамчин паллаи дарвозаро тела дод, аммо вай кушода нашуд. Аз роғи он мушкил даст андохта, акнун занҷирро аз зулфин бардоштан мехост, ки ба гӯшаш овози каме хастаи Хадича расид:

– Ҳозир...

«Интизор барин, а!» – гуфт ба худ усто Қамчин.

Шарфаи пои Хадича то пушти дарвоза омада, зуд қатъ гардид.

– Ҳозир...

Сипас як паллаи дарвоза ғиҷиросзанон боз шуда, нигоҳи ҳолпурси усто Қамчин ба рӯи Хадича давид. Ва аз чашмони чӯкидаву ранги коҳидаи ӯ дилаш фишор хӯрд.

«Пир шудааст, болои ин ғами Наврӯз...»

Ба вай нохост чунин намуд, ки сараш сабук гирд гашта, ҳама аъзои баданаш гӯё дар дами оташ месӯзад. Ва ӯ ситораҳои бағоят дурахшони бешуморро мебинад, нафаси гарми Хадичаро қариб ҷисман эҳсос мекунад; айнан мисли он ки бисту панҷ сол муқаддам, дар як шаби нарми тобистон, дар зери осмони баланд рух дода буд.

Усто Қамчин чашмонашро зич пӯшид.

«Ҳамин замон мегузарад...»

Аз чӣ бошад, ҳар боре ки вай ба Хадича рӯбарӯ шавад, он шаби тобистон лоҷарам дар пеши назараш зинда мегардад. Ва кулли мавҷудот як ҷилои аҷиби кабудфом мегирад. Ҳоло ҳам аҳвол чунин буд – хаёлаш, ки ба ҳар чӣ нигарад, аз ҷумла пайкари наҳифи Хадича низ… бе гумон дурахши нилгун дорад.

Баъди як нафас ӯ чашм кушода, белро ба китфи дигараш гузаронд. Ва аз паи Хадича, ки ҷониби кулбааш мерафт, оҳиста қадам бардошт. Сараш дигар чарх намезад. Атроф инак ба ранги асли худ даромада буд.

– То ҳол ғам мехӯрӣ? – пурсид усто Қамчин.

Онҳо дар танҳоӣ ҳамдигарро *ту* мегуфтанд. Хадича

ҷавоб надод. Вай бешитоб пой монда, ба кулбае ки аз ду хонаи пастак ва як айвончаи назарногир ба ҳам меомад, сархам наздик мешуд.

– Гумон мебарӣ, ки дили ман намесӯзад? Чунон месӯзад, ки… Эҳа-а! Лекин ғам хӯрдан ҳад доштагист. Дар ин аҳвол то омадани Наврӯз худатро обу адо мекунӣ...

Хадича ҳамчунон хомӯш буд.

– Ду сол чист, – ҳа нагуфта мегузарад. Наврӯз сиҳат-саломат меояд...

Онҳо акнун дар пеши суфаи айвонча рӯбарӯ меистоданд. Бонги хурӯсон қатъ мегардид. Ҳаво чун шишаи нафис равшан ва беғубор буд.

Усто Қамчин белро аз китфаш фуроварда, ба маънии аз паи кор шудан лозим риши кӯтоҳ қайчӣ задаашро хаёлманд сила кард.

Хадича дар канори суфа нишаста, оҳи бадард кашид. Сипас нигоҳи ғамнокаш ба чанд ҷӯя токе ки аз муҳити сабзи онҳо як пардаи сабуки туманосо хоҳам-нахоҳам рафъ мегардид, андармон шуд.

– Наврӯзҷон нияти хона сохтан дошт. Мани бадбахт арӯсашро оварда, оқибат хотирамро ҷамъ кардан мехостам... Уф-ф! – Вай даме ба сукут рафт. – Писаракам дар чӣ ҳол бошад? Хаташ ҳам намеояд...

Хадича лаб фурӯ баст.

Усто Қамчин, ки ба ин намуд ҳасрат кардани ӯро на як бору ду бор шунида буд, табъаш боз ҳам хиратар шуд. Вай барои тасаллӣ додани Хадича сухани муносиб наёфта, нигоҳашро ба як ғарам чӯбу тахта шикаст, ки чанд қадам дуртар, дар таки девори сархораш ғалтида ва нимфатарот, чанг баста мехобид.

– Бел бардошта омадаӣ? – гуфт ниҳоят Хадича, вазнин бархоста. – Маълум, ки обдорӣ кардан мехоҳӣ… Ахир навбатат расид?

– Ҳа-а... аз боғат хабар гирам, мабодо ягон даҳана маҳкам бошад...

Хадича ба рӯи вай мулоим назар афканд ва дар як ҳисси дардомез аз дил гузаронд, ки пирӣ ба гиребони Қамчин ҳам чанг задааст, ришаш кайҳо мошубиринҷ... Бисту панҷ сол

қабл чусту чобук буд вай, бақувват буд; ришашро ҳама вақт тоза тарошида мегашт; чунин менамуд, ки синаи барҷаставу китфони гирдаи ӯ дар куртаи аскарӣ ҳаргиз намегунҷанд.

– Тайёр шав, Хадича, имрӯз об мехӯрем.

– Ман тайёр...

– Якта-нимта даҳана маҳкам бошад, кушода монам. Ташвишат камтар мешавад.

– Ҳамааш кушода.

– Хайр, рафта бинам, – лабханд кард усто Қамчин, белро ба сари китфаш гирифта, – гуфта намешавад...

– Ихтиёрат... – Хадича аз дунболи ӯ оҳиста қадам партофт. – Ҳамааш вобаста ба об... Об бошад, обдорӣ кардан ҳоло аз дастам меояд.

– Об мешавад, ҳатман мешавад. Ман дирӯз ба мироб гап зада будам. Навбати ту баъди Тоҳир...

Онҳо лаблаби ҷӯйчае ки то обмӯрӣ тӯл мекашид, ба саргаҳи боғ расиданд. Вале дар он ҷо барои усто Қамчин коре намонда буд. Вай аз сурати Хадича пай бурд, ки ҷӯйчаро аз хасу хошок ва баргҳои хушкидаи дарахтон тоза карда, гузаргоҳи обро ҳам ба пои токҳо худаш кушодааст; навдаҳои хамбидаро аз так ҳачча монда бардоштааст, ки ҳангоми обдорӣ хӯшаҳои ангур тар нашаванд. Хулоса, тавре кардааст, ки об агар ҳатто ба нохост меомад, ҳеҷ кас набошад ҳам, боғ бемалол об мехӯрд.

– Ту пухтакор, Хадича, – гуфт усто Қамчин ва як лаҳза, фақат як лаҳза рӯзҳоеро ба ёд овард, ки чӣ тарз ҳамроҳи ӯ дар боғоти калхоз ба шавқ побел мекард, банд-банд алаф медаравид, сабад-сабад ангур меканд... Хадича дар он айёми дур ҷавон буд. Кори якрӯзаи баъзе мардҳоро дар бадали ду-се соат анҷом медод.

– Шояд ба ман ҳам об расад гуфта, дина камтар ҷунбидам. Наврӯзҷонам набошад...

– Кори нашуданӣ шуд, – сухани Хадичаро нарм бурид усто Қамчин. Зеро метарсид: мабодо инони гиряро сар диҳад. – Ба гузашта салавот гуфтан даркор. Ин тартиб ғусса хӯрдан гирӣ, ниҳояташ... Эҳ! Аз худат гап намемонад, ғами сабил сӯҳони умр аст. Нағз не... Ду сол аслан ду ҳафта барин мегузараду меравад! Наврӯз ҳам меояд, хона ҳам месо-

зад, арӯсашро ҳам меорад.

– Кошкӣ ба гуфтат мешуд...

– Мешавад, ҳамааш айни муддао мешавад. – Вай Хадичаро тасаллӣ медоду фикр мекард, ки худаш чӣ – баъзан... дилаш вайрон, аз барои Наврӯз ба танг намеояд магар? Инку зан, модар... – Хайр, ман акнун равам. Гап ҳамин: ҳушёр бош, баъди Тоҳир об аз они ту. Даррав баста гир...

## 2

Хадича дастони лоғарашро ба сари зонувон гузошта, дар канори суфа менишаст. Ва ба худ мегуфт, ки хеста ҳавлиро рӯфтан лозим, рафта аз ҳавзи гузар об овардан даркор; хона то ҳол нағундошта, ба мурғҳо дон надодаам; боз ният доштам, ки дег мемонам – ҳама сарулибоси Наврӯзҷонро нағзакак шустан лозим...

Аҷаб ҳолате дошт ӯ. Ин гапҳоро ба гуфтан мегуфту бархоста наметавонист. Сараш вазнинӣ мекард. Чунон ки аъзои баданаш шах шуда бошанд, наҷунбида ва ҳатто мижа назада, ба боғи дар ин моҳи асад обталаб менигарист. Вале дар вусъати сабзи току дарахтон ғайр аз симои гарми Наврӯз дигар чизеро намедид; ғайр аз овози ширадори ӯ дигар садоеро намешунид.

Рӯзе ки писараш ба фалокат гирифтор шуд...

Чӣ наҳс будааст он вақту соат!

Қарибі офтобшинам Хадича корашро ғундошта – вай аз чанд газ пойандози арзон, ки аввали баҳор писараш оварда буд, гилем медӯхт, – ҳамин замон Наврӯзҷон меояд гуфта, ба сари отащдон рафт, ки зудтар аз дег хабар гирад. Табъаш равшан буд. Ният дошт, ки ба далели «пагоҳ-фардо гуфтан бас будагист, писарам, кори хайрро қафо намепартоянд...» ин бегоҳ писарашро албатта ба гап медарорад. Баъд ду-се зани хушзабонро пеш андохта, ба духтари Саидмӯъмин хостгорӣ мекунад. Умраш дароз шавад, Маҳбону пошикастаи арзанда, даҳ дасташ ҳунар, ҳуснаш ҳам ҳеҷ камӣ надорад. Лекин Саидмӯъмин... Вай барин одами гарданшах, вай барин калондимоғ ками дар кам аст. Як *не* гӯяд, кор расво мешавад... Наход не гӯяд? Писари Хадича аз кӣ кам! Ҳаргиз, ҳоло замона дигар... Худо хоҳад, ӯ ҳатман ба орзуяш мерасад.

Чаро ки дили Маҳбону ба Наврӯз моил – вай, Хадича, инро нек медонад. Дар ҳар сурат сарриштаи масъала дар дасти духтар. Маҳбону ки розӣ шуд, Саидмӯъмин ҳам маҷбур гардан мефурорад.

Хадича дар ҳамин андеша тез-тез картошка тоза мекард, ки Райҳон, духтари мактабхони усто Қамчин, тохта ба ҳавлӣ даромад.

– Наврӯз-ака ба мошинашон... – гуфт вай ҷонсарак ва фавран хомӯш монд; чашмони маъсумаш ҳаросон буданд. Дар даст ҷувздон, сахт-сахт нафас мекашид – маълум, ки хеле давидааст.

Хадича аввал гапи Райҳонро дуруст нафаҳмид, аммо пас ранги ӯро дида, дилаш душманӣ кард; ҳатто гаранг шуд.

– Чӣ гап? Чӣ воқиа рӯй дод? – Дар як даст картошкаву дар дасти дигараш корд, вай базӯр аз ҷой хест. – Ба Наврӯз чӣ шуд? – Гӯё аз ҳуш мерафта бошад, ба сар то пояш ларза давид. – Гап зан, охир...

– Ман аз мактаб меомадам, – дар ҳолате ки нафасаш ҳамчунон ноҳамвор буд, Райҳон боз ба гап даромад. – Бинам, дар пеши магазин одам мӯл, ғалоғула... Як мошин ҳам истодааст, вай мошини Наврӯз-ака буд...

– Ҷонам баромад-ку! Тезтар гап занӣ, намешавад?! Наврӯз куҷо мерафт?

– Ҳамон ҷо буданд, – гирист Райҳон. – Карим-бобо дар таки мошинашон мондааст…

Корду картошка аз дасти ӯ баробар ҷудо шуда, ба лаган бархӯрданд.

– Як одам аз гиребони Наврӯз-ака гирифта...

Давоми гапи Райҳон ба гӯши Хадича надаромад.

– Наврӯзҷон! Писаракам! – гӯён вай рӯ ба кӯча тохт.

...Ногаҳон аз ҳавлии Акрами муаллим овози додари ӯ Холназар баромад – онҳо, бародарон, дар як ҳавлӣ мезистанд – ва Хадича аз ин нидои бисёр дағали омирона як қад парида, зуд ба худ омад. Сурати Наврӯз аз пеши назараш ғайб зад. Ба гӯшаш аз катаки назди зардолуи пир, ки мевааш кайҳо тамом шуда буд, қут-қути мурғони яқин гурусна ва аз кӯча маоси шикваомези гавони пода расид, ки дил ба бачаҳои дар ҳавлиҳо танҳомондаи худ кашол, ноилоҷ ба

чарогоҳ мерафтанд.

Хадича ҳушу ёдашро ғундошта, аз ҷой хест. Ва ҳамон лаҳза, такроран ба садоҳои ноҷӯри атроф рахна андохта, овози Холназар баланд шуд.

– Шумо ҳам оби ишкаматонро ҷунбонда, як бор то сари ҷӯи калон рафта биёед, осмон омада ба замин намечаспад! – мегуфт Холназар. – Ё гумон доред, ки ману бачаҳоям шабу рӯз хизматгори ҳалқа дар гӯшем?!

«Чаро ба он бебаҳра раҳм намекунад? Вай, охир, бародараш-ку! Акрами маҳрум, забонбаста... Ҳурматаш намондааст, таки по шудааст. Холназар ҳамин қабил гапҳои пасту баланд гуфта, ӯро тез-тез меранҷонад», – аз дил гузаронд Хадича, ки инак дар бари катак музтар истода, ба мурғони беқарор обу дона медод.

– Не-е, додар, шумоён хизматгор не. Лекин мани номурод чӣ кор кунам? Дарди поям вазнин бошад...

Ин овози паст ва имдодталаб, ки Хадича базӯр мешунид, овози Акрами муаллим буд.

– Шумо мудом баҳона меёбед. Дарди шумо мудом сахт, вазнин, беамон... – гуфт дар ҷавоб Холназар.

– Ҳамин дилсиёҳӣ чӣ лозим, додо! Ҳеҷ қисса не, ману Раҳим сари об меравем, шумо дар хона истед. Навбатамон расад, хотирҷамъ обдорӣ мекунед; амакам ҳам, тавонанд, кам-кам ёрӣ медиҳанд.

Инаш овози Ҳалим – писари калони Холназар. Аммо падар сухани ӯро гардонда ба даҳонаш зад:

– Ту беадаб ба ман пур ақл нашав! Гапашро бинанд, а!.. Модом ки аз кор монда, ба додарат то сари об мерафта бошӣ, амакат ҳам аз худаш дониста, камтар тараддуд кунад. Ноинсофӣ то чанд?! Солҳо инҷониб қариб кулли ташвишаш дар зиммаи мо...

– Э додар-э! Агар фарзандам мебуд... Ҳаққо, ки шаби торик аст безурётӣ. Хайр, дигар чӣ илоҷ... Чанд ҷӯя токи ман об нахӯрад – нахӯрдааст...

Боз овози Акрами муаллим. Ба ин шикваи ҳамчунон паст, ки дили Хадичаро нохост вайрон кард, овози бами Холназар филҳол ҷавоб гардонд:

– Ҳаминаш намерасид, ки дар касофати ду ҷӯя боғи шумо

ба лаънати мардум гирифтор шавем!

– Ин қадар дод зада, маро хуноба накунед, додар. Гуфтам-ку: майлатон… токи ман об нахӯрад. Агар хоҳед, баромада ба мардум ҳам мефаҳмонам, ки ҳуда аст, ё беҳуда... ғайбат накунанд.

– Хафа нашавед, амак. Одати додомро худатон нағз медонед – хас барин вағғӣ дармегиранду баъди ним соат афсӯс, ман кач рафтам гуфта, пушти даст мегазанд, – дили ӯро мебардошт Ҳалим. – Шумо хафа нашавед, иншооллоҳ, ҳамаамон об мехӯрем.

Ва Холназар ниҳоят аз дамаш гашт магар, ки аз ҳавлии онҳо дигар садое наомад.

Хадича аз сатил ба таки айвончаву пеши суфа як панҷаяк панҷа об зада, ҷорӯбро ба даст гирифт ва сурати афгори Акрами муаллимро, ки чор-панҷ сол боз ба ранҷи ҷонкоҳи устухон мубтало буд, аламангез тасаввур намуда, дар тазйиқи ҳасрат фикр кард, ки дарди вай ҷигарсӯз аст, бедавост… дарди вай фарзанд надидан... Сипас хаёлаш ба он айёме рафт, ки худ яккаву ягонаи падару модар буд, аз ғаму ташвиши рӯзгор хабар надошт; гумон мебурд, ки офтоб ҳамвора дар болои сараш тобон ва зиндагӣ...

Пайваста дар назараш басомон мемонад.

Сабаб чӣ бошад… аммо Хадича аз он солҳои дур, аз он даврони дилдузди мозӣ, ки дар паноҳи меҳри падару модар буд, фақат ангораҳои мунаварро дар ёд дорад. Вай дар хотир дорад, ки ҳатто ҳангоми вафоти падар ва баъди ду сол, рӯзи марги модараш низ офтоб ба гирду атроф бедареғ нур мепошид, Хадича оби дида мерехту ба димоғаш бӯи гулу сабза, бӯи замини андак намкашида мерасид. Ва ӯ гаронии мусибати ба сараш омадаро чандон идрок накарда, дар ҳайрат аз худ мепурсид: падараш-ку даргузашт, вале барои чӣ модараш ҳам дар ин гуна рӯзи равшан аз дунё чашм пӯшид? Чаро?.. Вай акнун бе онҳо чӣ мебинад, куҷо меравад?

Хадичаро холааш ба тарбияи худ гирифт ва пас аз ҳафт сол, баъде ки ӯ синни шонздаҳро пур кард, ба шавҳар дод. Хадича зани ҳамин Акрам шуда, ба ҳамин манзили имрӯзааш қадам гузошт – он вақтҳо ин кулба беҳтарин иморати деҳа ба ҳисоб мерафт... Вай дар иҳотаи занону духтарони

хушҳол буд. Суруди дилнишини базм умеду орзуҳояшро ба ҷӯш меовард; сараш чун аз оғӯши гарми модар, чун аз накҳати гулу гиёҳ, чун аз дурахши офтоби ҷонбахш ширин чарх мезад; гӯё зарбу оҳанги *ёр-ёр* олами кӯдакии ӯро аз нав зинда месохт... Лекин ҳоло Хадича арӯс буд ва дар остони дунёи хеле ношинос меистод.

Он вақтҳо Акрам низ ҷавон буд, бистсола буд. Мисли дирӯз... ё имрӯз дар мактаби деҳа муаллимӣ мекард. Табиати мулоим дошт вай. Хадича ба ёд оварда наметавонад, ки дар тӯли даҳ соли ҳамхонагӣ Акрам ягон маротиба ӯро ранҷонда бошад. Рӯзгорашон обод буд. Аммо як чиз зану шавҳарро азоб медод: бефарзандӣ! Онҳо аз ин хусус ба ҳамдигар гап намезаданд. Вале… ҳарчанд рӯбарӯ ханданд, ҳазлу шӯхӣ кунанд, ботинан мудом ғусса мехӯрданд.

Акрам рӯз то рӯз рангашро бохта, беморнамо ва ҳатто дамдузд мешуд. Ва аз ин ҳоли ӯ машаққати Хадича торафт афзун мегардид. Вай ба фарзанд надидан худаш, фақат худашро гунаҳкор дониста, дар дил мегуфт, ки бигузор шавҳараш аз нав хонадор шавад, бахташро ёбад... Инро мегуфту агар танҳо бошад, зор-зор мегирист.

Баъде ки ҷанг ба охир расид – бачаҳо бе муаллим намонанд гуфта, Акрамро ба аскарӣ нагирифта буданд – ва мардум ҳам то андозае осуда гаштанд, Хадича дар як шаби тобистон, дар ҳолате ки аз гуп-гупи дили бадарди худ гӯшаш гӯё кар мешуд, кулли зӯру тавонашро дар азоб ҷамъ оварда, ба шавҳар гуфт:

– Шумо ҳам акнун рӯзатонро бинед. Ҷавон ҳастед, зан гиред. Аз дунё бефарзанд гузаштани мард нағз не...

То ки нагиряд, Хадича лаб ба зери дандон гузошта мехобид. Ва ӯ нагирист.

– Аҷаб… Лекин ту чӣ кор мекунӣ? – оҳ кашид Акрам пас аз хомӯшии дуру дароз. – Куҷо меравӣ?

– Дунё кушод… ягон сарпаноҳ меёфтагистам. Шукри худо, холаам ҳаст...

– Не, ин тавр намешавад. Ту аз ин ҳавлӣ намебарой, ту дар ҳамин хона мемонӣ, – гуфт Акрам ва якбора аз ҷогаҳ хесту ҷомаашро сари китф партофта, ба торикии ҷониби кӯча рафт.

Пагоҳаш, чоштгаҳ, вай аз поини боғ дувоздаҳ ҷӯя току

ду пал юнучқаро ба Хадича нишон дод ва нигоҳи хастаашро маҷбур гурезонда:

– Инҳо аз они ман, – гуфт ба дард. – Дигараш ҳаққи ту. Аз имрӯз эътиборан хона ҳам дар ихтиёрат.

Хадича мехост ҷавоб гардонад, ки вай *як зан* аст, ба манзили Акрам ҳақ надорад… Аммо наметавонист, забонаш намегашт; дар сандуқи синааш гӯё санги вазнине ҷой гирифта, бераҳмона фишор меовард.

Худи ҳамон рӯз Акрам сарулибос ва чанд дафтару китобашро ғундошта, ба хонаи додараш Холназар гузашт, ки ҳамсояи девордармиён буд. Баъд тавора бардошта, он дувоздаҳ ҷӯя току ду пал юнучқаро низ ба ҳавлии ӯ пайваст.

Ҳамин тариқ Хадича бисту ҳашт сол муқаддам бева монд, бекас монд.

Акрам дар юнучқазор хона сохта, дубора зан гирифт. Лекин то ҳол фарзанд надидааст. Гоҳ аст, ё ногаҳ... ҳар боре ки ба Хадича рӯбарӯ шавад, вай намедонад чашмони гунаҳкорашро куҷо барад. Ҳатто салом-алейк… ё баъзан аҳвол пурсиданаш нимғурма омада, баръало даступо мехӯрад. Ва Хадича мехоҳад ҳаргиз ба назари Акрам натобад. Вале кӯшишҳои ӯ аксар барабас мераванд – ҳамсоя ки ҳастанд, онҳо хоҳ-нохоҳ вомехӯранд.

...Хадича ба шитоб ҳавлӣ мерӯфт. Ва акнун дар пеши чашмонаш як вақт чеҳраи ба дилу дида қарини Наврӯз падид ояд, лаҳзаи дигар сурати ғамандуд ва аз зиндагӣ дар шикояти Акрами муаллим намудор мегардид.

Ҳоло қурси офтоб қади арғамчин баланд шуда, тамоми деҳаро дар панҷаи гарми худ мегирифт.

– Гуноҳ аз ман, оча. Агар ҳушёрӣ мекардам, ин фалокат рӯй намедод. Гуноҳ аз ман... – гаштаву баргашта мегуфт Наврӯз, ки ду қадам дуртар аз милиса ноҳинҷор истода, дастони Хадичаро, ки талх мегирист, ба эҳтиёт аз гардани худ ҷудо кардан мехост.

– Аз тақдир ҷои гурез набудааст… – андак шарм дошта, сархам мегуфт Акрами муаллим.

Дар димоғ бӯи хокрӯбаи намзадаву дар даст ҷорӯб, Хадича беихтиёр калла меҷунбонд. Аммо возеҳ намедонист, ки ба тасдиқи чӣ, ё ба аҳволи кӣ...

## 3

Ҳафт шабу ҳафт рӯз боз дар деҳа об меомад. Ҳафт шабу ҳафт рӯз боз мардум ба навбат обдорӣ мекарданд.

Мироб марде буд батану тӯш ва чаққон. Вай ҳамеша, дар ҳар кучо бошад, баланд-баланд гап мезад; то ҳадде ки агар ягон одами бегона нохост овози ғафсашро шунавад, ҳатман гумон мебурд – мироб ба касе талош дорад. Чунон ки ин одаташ камӣ мекарда бошад, ӯ дар тундхӯӣ низ – нисбат ба одамони бад албатта – ҷои аввалро мегирифт. Вале дар кораш пухта ва аз кинаву кудурат фарсахҳо дур буд. Ба мардуми каҷсифат зинҳор созиш намекард; дар ҳар вазъият одами ҳақро мукаррам дониста, рафтору кирдори бад ё некро зуд мешинохт... Ба хотири чунин ҷиҳатҳои хубаш бисёриҳо аз пардадаронии вай чашм мепӯшиданд. Ва мироб дар деҳа боиси муҳокимаву маломат ҳам намешуд.

Инак ҳамин мард, дар панҷаи фарохаш нӯки лаҷом, ба даҳ-дувоздаҳ нафаре ки ҷумла бел доштанду дар қади кӯча ба гирди ӯ ва аспи салташ ҳалқа андохта меистоданд, овози гулдуросии худро бемалол сар дода, гап маъқул мекард. Холназар ва ду писари вай – Ҳалиму Раҳим низ ҳозир буданд.

Усто Қамчин ба онҳо наздик шуд.

– Ана, усто ҳам омаданд, – гуфт мироб, ба оҳанге ки маҳз ӯро интизоранд. Сипас бештар ба усто Қамчин нигариста, суханашро давом дод: – Ҳоло навбати Алиқулу Расули гург. Ҳар ду шаби дароз аз рафти об хабар мегирифтанд; акнун ҳалолашон бод!.. Ман гуфтанӣ, ки ғайр аз шумо дигар ҳама об хӯрданд ҳисоб. Боз фақат як рӯз дорем. Яъне то бегоҳ... Ҳаракат кардан лозим, ки дар офтобшинам дигар ҳаққатон намонад. Аз касе домангир нашавед…

– Барои чӣ то офтобшинам? – сухани ӯро бурид Холназар. – Мо, охир, даҳ хоҷагӣ, даҳ боғ...

– Ёздаҳта гӯед, – луқма дод усто Қамчин.

Холназар баргашта, суоломез ва бетоқат ба ҷониби вай чашм давонд.

– Хадича чӣ? – фаҳмонд усто Қамчин.

– Хайр, ана, ёздаҳта! – калла ҷунбонд ӯ ва боз ба мироб муроҷиат намуд: – То офтобшинаме ки шумо мегӯед, задаву

кӯфта шаш, зиёдаш ҳафт боғро аз даст баровардан мумкин. Алиқулу Расули гург аз ин ҳисоб берун. Ҳамин тавр ки бошад, барои чӣ, масалан, то нисфи шаб нею то офтобшинам мегӯед?!

– Аввало барои он ки гашти рӯз, аз рӯи ваъда – худатон ҳам нағз медонед, – навбати работиҳо... Сониян, агар ғирромӣ накарда, ба чашми кас хок напошида, ҳалолу покиза танҳо ба токамон об гирем, ман бовар дорам, ки ягон боғи деҳа хушк намемонад.

– Работиҳо мӯли мӯлаш... то саҳар интизор шаванд, дунё намекӯчидагист, – гуфт Холназар.

– Чӣ, боғи шумо боғу аз они работиҳо не?

– Даррав неш мезанед, а!

– Ҳамин об кушт моро, – зери лаб ғур-ғур кард Тоҳир, ки то ҳол мӯйлаби ғулиашро тоб дода, вазнин ба сукут мерафт. – Юнучқаамон-ку маълум – заб-зард... Се-чор ҷӯя памидор дорам, ҳеҷ не ки пазад.

– Оби сабил кам бошад, аз дасти ман чӣ меояд! Агар юнучқаи як шумо зард мешуд, ё памидори як шумо напухта мемонд, ба гап меарзид, – гуфт дар иллат мироб, қамчинашро аз соқи мӯза берун оварда. – Худатон медонед, ки ду санг оби ин атроф сад тақсим мешавад.

– Рост мегӯянд мироб. Ҳар чиз аз рӯи будаш, – ба гап даромад Саидмӯъмини пакана. – Юнучқа худаш чист?! Памидор чӣ?! Ин дафъа ангурамонро бе ҷанҷол об диҳем, давлати калон. Худо хоҳад, дафъаи дигар...

– Барои шумо юнучқа ҳеҷ чиз не, – сухани ӯро бурид Тоҳир, нохост қаҳраш омада. – Памидор ҳам. Чунки шумо боғбони калхоз шудан боз аз ин чизҳо мудом таъминед.

– Аввал ба фаровези даҳонатон нигоҳ карда, баъд гап занед, мулло Тоҳир!

– Сухани ҳақ намефорад, а?

– Хайр, шуд, дилозорӣ фоида надорад – азоби об ба ҳама аён, – гуфт усто Қамчин, худро дар мобайни онҳо гирифта. Пас ба мироб нигарист. – Аз паи кор шудан лозим. Ба ҳар кас ҷояшро таъин кунед, баромада равем.

– Ман пеш аз омадани шумо сиҳат фаҳмондам. Ҷои ҳама таъин, – гуфт мироб ва пушти гардан хорида, мулоим аф-

зуд: – Аз ҷумла ҷои худатон... Аз тали Тобазор то Кӯшкак шумо ҷавоб медиҳед. Ба деҳа наздиктар. Чӣ гуфтед?

– Чӣ мегуфтам?! Ба ман фарқ надорад. Куҷое ки фиристед, рафтан мегирам.

– Кошкӣ Холназар-ака дониста, аз шумо ибрат мегирифтанд, – гуфт мироб ва аспашро савор шуда, ба Ҳалиму Раҳим рӯй ниҳод: – Ҳар ду Авлод меравед, аз паи ман...

– Ин саҳар чашми шумо фақат ҳаминҳоро дид, – ба ғаш омад Холназар.

– Равем, барои худамон меравем, додо... – гуфт Раҳим, ки дар паҳлуи бародараш меистод.

– Дигарон ҳам раванд! Агар як мо об мехӯрдем, дарди бахайр буд.

Мироб аз қаҳр суп-сурх шуд.

– Ҳеҷ қисса не, Холназар, инҳо ҷавон, бақувват, – лабханд кард Саидмӯъмин.

– Шумо чӣ, кай боз ба пирӣ тан додаед?

– Ҳой, мардак! – ногаҳон бонг зад мироб. – Аз айбу шарм хабар доред ё не? Бемаънигӣ ҳам ба эбаш будагист. Ё мехоҳед, ки Қодир-амаки мӯйсафедро ба сари об барам? Шояд гардед ба ман гуфта, усто Қамчинро пеш андозам? Эҳ-ҳ! Додари Расули гург дина боз дар Авлод шиштааст...

– Форад, шиштан гарад, ба ман чӣ?!

Холназар низ дармегирифт.

– Бас кунед, – даст ба китфи ӯ бурд Қодир-амак. – Аз саҳарӣ ҷанҷол хезондан хосияти нохуб дорад.

– Ҷанҷол мегӯед, а! Ин кас якбора дуяшро мебаранду ман ҷим истам?!

Лекин мироб аз лафзаш нагашт ва Ҳалиму Раҳимро, ки дар воқеъ аз ҳама ҷавон буданд, ба худ гирифта, дар шитоб тарафи Авлод рафт.

Қисса кӯтоҳ, аз ёздаҳ хонавода даҳ нафар – Холназар дар ҳавлиаш монд – обронӣ баромаданд. Аз ҳар оила яккасӣ; чанд соли охир дар деҳа шарт ҳамин аст. Танҳо аз ҷониби Хадича одам набуд...

Фурсате пас усто Қамчин ба Қодир-амак паҳлу дар паҳлу қадам зада – Тоҳиру Саидмӯъмин ва боз чор нафари дигар пеш-пеш мерафтанд, – як қадар маҳзун фикр мекард, ки

ҳар дафъа, ҳангоме ба деҳаи онҳо навбат мерасид, Наврӯз ҳам бел бардошта, дар қатори мардум обронӣ мебаромад. Ва то даме вай, усто Қамчин, боғашро аз таҳти дил об надиҳад, ором намегирифт. «Аввал шумо, амак, баъд мо...» – мегуфт дар лаб табассуми нарм. Дидадаро буд. Барои усто Қамчин ҷонашро дареғ намедошт. Модарашро-ку рӯи даст карда мегашт. Вале ин дафъа ҷои ӯ ана – холӣ...

«Эҳ, Наврӯз, Наврӯз! Нағз, ки Карим-бобо зинда монд, толеат баланд омад. Вагарна умри ҷавонат ҳайф мешуд».

– Ҳамин бача мисли як фарзанд ба шумо хизмат мекунад, усто, – мегуфтанд баъзе мардуми аз пасу пеши дунё бохабар. – Дуруст не?

Дар чунин лаҳзаҳо усто Қамчин мехост ба онҳо дар ифтихор ҷавоб гардонад: «Дуруст, чунки вай дар ҳақиқат фарзанди ман аст…» Аммо ин талвосаро дар дил зуд фурӯ нишонда, гӯшашро ба карӣ мезад ва дар изтироб ба худ мегуфт, ки бе шубҳа *медонанд*, бисёрашон медонанд, надонанд ҳам, тахмин мекунанд... Ва албатта, аз кунҷковии одамон хотираш озурда, муддате парешон мешуд вай. Хаёлаш эҳа-а... то куҷоҳо мерафт! Он рӯзҳоеро низ ба хотир меовард, ки Хадича гирифтори таънаву маломат буд.

Ниҳоят усто Қамчин, ба ҳоли худ хандааш омада, даст меафшонд. Чаро ин қадар асабӣ мешавад? Дар дунё кадом сир пӯшида мондааст, ки оқибат сирри онҳо низ фош нагардад?! Пас бигузор донанд; аз як ҷиҳат *донистан* хуб аст. Фақат ин ки Наврӯз... Модоме баъзеҳо дар ғайбату бадгӯӣ устухон надоранд, ҳеҷ ҷои аҷаб нест, агар Наврӯз ҳам аз асли масъала гумон бурда бошад, ё як рӯз не, як рӯз аз ҳақиқати ҳол хабар ёбад. Ба хусус ки Хадича бисту панҷ сол муқаддам ба нигоҳи суоломези усто Қамчин ин тавр ҷавоб дода буд: «Ту ғам нахӯр. Ман ба *вай* кӣ будани падарашро мегӯям. Ҳеҷ набошад, дар охири умрам мегӯям...» Ҳақиқатро донистан бад нест албатта… Лекин чунин ҳақиқат оё ба Наврӯз гарон намеояд? Ҷароҳати дили ӯро аз нав тоза намекунад? Вай, охир, дар муддати ин солҳо аз нанги бепадарӣ яқин ғам мехӯрд. Омада-омада фаҳмад, ки падари ӯ на каси дигар, балки усто Қамчин будааст, дар чӣ ҳол меафтад? Пас аз ин ҳам Хадича ба рӯи писараш озод нигариста метавонад

ё не? Ва боз... дар муносибати онҳо, усто Қамчин ва Наврӯз, сардӣ ё баръакс – такаллуф ба вуҷуд намеояд?

Рӯзҳое мешуданд усто Қамчин дар бораи сирри худашу Хадича ва ҳаёти Наврӯзи ҷавон дар хонаи як меҳри ниҳон, ки омехта ба дарду гудоз буд, қариб ҳамин тариқ андеша меронд. Вале ҳар қадар ба хаёл равад, ҳамон андоза сару нӯкашро гум мекард. Ин вақт низ вай ба Қодир-амак паҳлу ба паҳлу қадам мезаду дар банди чунин изтироб монда, буттае намеёфт, ки умедвор даст гирад.

## 4

Тоҳиру Саидмӯъмин ва боз чор нафари дигар лаблаби ҷӯйбор боло рафтанд: мебоист аз саргаҳи об – аз худи Авлод то Кӯшкак обронӣ кунанд. Обраҳаи он ҷойҳо, азбаски даҳанаву мағок ва пастиву баландиҳои зиёд дорад, ниҳоят серташвиш аст.

– Понздаҳ-бист сол пеш мардум аз Ширинсой ҳатто дар саратон харакиву аспакӣ мегузаштанд, – хаёлманд изҳор намуд Қодир-амак. – Тавба…

– Рост мегӯед, ака, он замонҳо соле дувоздаҳ моҳ аз об таъмин будем, – фикри ӯро тасдиқ кард усто Қамчин. – Ин қадар ташвиш намекашидем.

Ҳар ду дар пошнаи тали Тобазор рӯ ба офтоб менишастанд. Ба сари онҳо беди ҷавоне соя меафканд. Аз пеши чашмашон як даҳана оби зулол ҷорӣ мегардид. Ва тахмин чил қадам поинтар ба шӯру ғавғо дар нишеби сангин ғел зада, баъд боз каме ҳамвор рафта, ба обмӯрии наздиктарин хонавода медаромад – сарҷӯи деҳа дар бисёр маврид аз байни ҳавлиҳо мегузашт.

– Ман ҳайрон, усто, – пас аз қадре хомӯшӣ аз нав сухан ангехт Қодир-амак. – Об таҳтан кам бошад, хайр, худаш кам аст мегӯему мемонем. Лекин гап дар он ки сол то сол танқис мешавад. Шумо ҳам қиёс кардагистед – имсол вай аз порсола дида хеле кам.

– Аввало ин ки солҳои охир зимистонамон ба ном зимистон – борад, як-ду бор барф мебораду ба ҳамин тамом. Соният, аҳолӣ зиёд шудааст; аҳолӣ ки афзуд, оби ҷонвар чӣ… рафтан мегирад, – низ мулоҳиза ронд усто Қамчин. – Баъди

ҷанг, худатон медонед, агар дошта бошад, деҳа бисту панҷ-сӣ оила дошт. Замини калхоз ҳам мӯл набуд. Акнун чӣ? Одами бисёр, ҳавлии бисёр, боғи бисёр...

– Бисёр буданаш нағз... Аммо ҳамин дастур давом ёбад, метарсам, ки минбаъд ҳатто ба оби хӯрданӣ зор шавем...

– Воҳима кардед, ака, – хандид усто Қамчнн, – худо хоҳад, то ин дараҷа намерасем. Ҳукумат ҳам чора меҷӯяд. Об мебарорем гуфта, аз Душанбе даҳ-дувоздаҳ кас асбобу анҷом бардошта омадаанд. Ҳоло дар домани кӯҳ хайма зада, замин парма мукунанд. Ё шумо аз ин бехабар?

– Гӯшам садо гирифта буд... – Қодир-амак лаҳзае ба сукут рафт. – Хайр, корашон дар барор?

– Ҳафтаи гузашта ман ба як нафари онҳо сӯҳбат доштам. Мегӯяд, ки аз чанд ҷой хеле парма кардем, аммо натиҷа нест. Аз кӯҳистон об баровардан душвор будааст.

– Гапаш ҷон дорад, кӯҳистон водӣ набошад, ки кофтан баробар ана ман гуфта, дарров об бароядӣ… Вақтҳое ки мо ҷавон будем, дар бағали кӯҳамон эҳа-а... чашма ҳисоб надошт. Ҳоло чӣ? Панҷта ҳам намондагист. Куҷо шуданд онҳо? – Дар таассуф калла ҷунбонда, Қодир-амак ба пеши пояш, ба ҷӯи пур аз об нигарист. – Бе зинҳор нобуд кардем, ба дасти худамон нобуд кардем.

– Чӣ хел?

– Ҳамин хел… Арчазорҳои пештара дар хотиратон ҳаст? Акнун куҷо рафтаанд онҳо? Нестанд, а? Ҳусни ин кӯҳҳои баланд чӣ – гум шудааст, а?

– Ҳа-а... арча қариб намонд. Бурида-бурида, шабу рӯз кашондем. Ба хонаҳоямон болор кардем, васса кардем, ҳезум карда сӯхтем... Ҳатто баъзеҳо як муддат ба чӯбҷаллобӣ ном бароварда, аз болои арча давлату ҳашмат ёфтанд.

– Бар падаратон раҳмат, усто! Ҳамин корамон буд, ки дидаву дониста, чашмаҳоро аз байн бурдем. Чунки дар кӯҳ арча намонад, чашма ҳатман хушк мешавад.

– Сабаб?

– Намедонед? – даме ҳайрон лаб фурӯ баст Қодир-амак. Пас хандид. – Сабаб – решаи арча дар гирдаш об ғун мекунад. Об ки ғун шудан гирифт, хоҳу-нохоҳ аз як ҷо-ним ҷо зада мебарояд. Модоме акнун худи дарахти арча қариб на-

мондааст, чашма аз куҷо ҷорӣ гардад?

– Мегӯянд, ки *вай* дар сад сол ба воя мерасад...

– Дуруст, дар вақташ агар инсоф мекардем, ҳоло кӯҳу камарамон ин қадар бенур наметофтанд. Ба кам шудани об ҳам худамон гунаҳкор.

Қодир-амак хомӯш монд, усто Қамчин низ чизе намегуфт. Инак нигоҳи андешаманди онҳо ба деҳа андармон буд. Боғоту иморатҳои шиферпӯши бисёре аз пошнаи тали Тобазор то худи Ширинсой, дар масофаи қариб ним фарсах, яке аз пушти дигаре тӯл мекашиданд. Аз он самти сой ҳамвории сафедфоми хушку холӣ оғоз меёфт ва рафта-рафта ба сафи талҳои пасту баланде мепайваст, ки низ сафедтоб буда, китф ба китф садди устуворро мемонданд. Дар домани ҳамворӣ, дар наздики ҳамон теппаҳо деҳаи Работ воқеъ буд, ки аз ин ҷо, аз пошнаи тали Тобазор, дар муҳити беранги худ як гилеми бузурги сабзро ба хотир меовард.

«Ба работиҳо-ку аз мо сад бор душвортар! – гуфт дар дил усто Қамчин. – То аз ҳамин қадар роҳ меоянд, то оби гирифтаашонро аз Авлод барин дурӣ ба манзил мерасонанд, ки эҳа-а... Нисфи ҳаққи онҳоро раҳораҳ худи Ширинсой медуздад. Дар воқеъ ҳам азоби обронӣ беҳад вазнин!»

– Ҳавзҳоро пур карданд? – пурсид Қодир-амак, се ҳавзи калони деҳаро дар назар дошта.

– Дутааш пур. Фақат ҳавзи Холназар об надорад. Вай имрӯз намемонад албатта, худаш бадаста пур мекунад...

– Ба ҳаминаш сад шукр. Миробамон одами батадбир баромад. Дар ҳар сурат ҳавзамон холӣ намемонад, боғамон, иншооллоҳ, ҳосил медиҳад. Агар дар ин моҳи асад беобӣ мекашидем, кор расво мешуд.

– Ҳа, одати токи ҷонвар аз аввал ҳамин... Дар моҳи асад серӣ об хӯрад, ангураш нағз мепазад, нахӯрад – не! Беҳуда нагуфтаанд: асад – ё расад, ё нарасад.

Қодир-амак калла ҷунбонда, ду-се дақиқа дар банди сукут нишасту пас оҳиста бархост.

– Хайр, усто, сӯҳбат боқӣ, ман аз поинҳо як хабар гирам. Мабодо ягон касиф обдуздӣ карда бошад.

– Ман ҳам меравам, то худи боло… Ба гап овора шуда, қариб буд аз ёд барам, – гуфт усто Қамчин, низ аз ҷой хеста.

Қодир-амак белашро бардошта, сарнишеб раҳ гирифт. Вай то гашти рӯз дар ҳамин атроф – аз даруни деҳа то тали Тобазор – обронӣ мекунад. Ранҷ мебараду об мехӯрад, дар акси ҳол – не! Даҳ-понздаҳ сол инҷониб ҳар карат, ҳамин ки вақту соати боғҳоро об додан фаро расид, деҳа… гӯё ногаҳон кӯч мебаста бошад, сахт ба ҷунбиш меояд. Мардони хона ташвиши обдориро ба зиммаи зану фарзандон гузошта, то худи Авлод… шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта, лаблаби ҷӯйбор тор метананд. Ва мешавад, ки дар миёни ин гуна тапутез баъзе одамони шумнафас дили якдигарро сиёҳ мекунанд, ё боз ҳам бадтар – бемуҳобо гиребони якдигарро канда, муддатҳо ногап мегарданд. Гоҳо ҷамоати бачаҳо низ аз қатор берун намемонанд: байни ҳам хархаша карда, лозим донанд, ҳатто сангу кулӯхро ба кор мебаранд... (Чӣ хуб, ки ду-се дафъаи охир касе ба касе сурху сафед нашудааст! Мироби нав одами пухта баромад.) Вале онҳо ҳаргиз намеандешанд, ки чӣ ҳоҷат ба ҷанҷол. Аздусар-ку ягон хонавода бебаҳра намемонад, ҳама об мехӯранд, – дуруст аст, ки яке ба душворӣ, дигаре ба осонӣ, вобаста ба дастёраш... Ҳар касе мададгор дошта бошад, чандон азоб намекашад. Лекин ба Қодир-амак барин одамони дасттанҳо бори обдориву обронӣ албатта зӯр меояд... Зӯр омаданаш ҳам, хайр, ҳеҷ қисса не. Бадии кор дар он ки об, оби мавҷуд сол то сол кам мешавад. Ва ин вазъият касро ба ташвиш меандозад, рӯзи сахт аст ин! Болои сӯхта намакоб, баъзе зотҳои *шариф* ба ҷои он ки андешаи обро кунанд, аввал худам шавам гуфта, дигаронро беибо меранҷонанд...

Усто Қамчин аз қафои мӯйсафед, ки оҳиста-оҳиста қадам монда мерафт, фурсате чашм дӯхта истод. Баъд, ҳангоме қомати хамидаи ӯ дар пушти пахсадевори нахустин ҳавлӣ нопадид гардид, миёнашро маҳкамтар баста, рӯ ба ҷониби Кӯшкак ниҳод.

Ин деҳаи сернуфус камобеш дар ним фарсах дурӣ воқеъ буд. Аммо кас агар аз обраҳа рафтан хоҳад, масофа печутоб хӯрда, хеле меафзуд.

Усто Қамчин аз обраҳа мерафт.

Вай гармии офтобро, ки аз дирӯза баландтар буд, дар пушти гарданаш эҳсос намуда, ба худ мегуфт: ҳамин Қодир

се писари паҳлавон дорад, лекин аксар вақт танҳоӣ мекашад. Чунки онҳо, фарзандонаш, дар ин ҷо нестанд; қабили бисёр ҷавонони кӯҳистон дар водӣ, дар хоҷагиҳои пахтакор зиндагӣ мекунанд. Соҳиби хонаву даранд, ба аҳли аёли худ осуда рӯз мегузаронанд… Дар водиҳо об фаровон, мардуми водӣ аз барои ин атои худованд зиёда тараддуд намебинанд… Писарони Қодир, чашми бад нагирад, оқибатандешанд; тез-тез омада, аз ҳоли падару модар, ки умрашон ба ҷое расидааст, воқиф мегарданд. Фурсат ёбанд, ба кору бори онҳо бе ягон иллату миннат мадад ҳам мерасонанд. Бо вуҷуди ин мӯйсафед дасттанҳост, дарди вай дар чунин айём – ҳангоми обдорӣ, захира кардани хасу хошок... ё дигар машғалаи душвори рӯзгор – ташвиши зиндагӣ кам нест! – бештар ба назар меояд, домангир мешавад.

Дар шароити кӯҳистон аҳволи касе ки ёригар надорад, вазнин аст. Вай, усто Қамчин, ба панҷ фарзанд – чор духтару як писар – худашро низ дасттанҳо гӯяд, хилофи ҳақиқат нест. Чаро ки писараш Маҳмуд се сол боз дар Душанбе мехонад, аз пеши чашми ӯ дур… Хайр, хонад бача, хонданаш мемонад! Аслан номаш фарзанд то кай дар бари падару модар рост меистад? Хизмати вай то куҷо мекашад? Аз ин рӯ ду духтари калони усто Қамчин ҳам ба шавҳар расида, мисли писарони Қодир акнун дар водӣ умр ба сар мебаранд. Дуи дигараш мактабхон… Дар ҳар ҳолат аз дасти духтармардум чӣ меояд? Ба кӯҳу камар рафта, ҳезум ҷамъ карда натавонанд; ба обу гил даромада натавонанд, ғами каҳу бедаро хӯрда натавонанд. Ғайр аз ин нигоҳубини боғу полез ҳаст; охири ҳар тобистон аз як санг раҳ хоки сафед оварда, боми хонаҳоро андудан лозим. Шикастурехти дару девор чӣ? Ташвиши молу ҳолро кӣ мебинад?.. Хулоса, ҳамин ки кореро ба сомон расондӣ, ана ман гуфта, зуд дигараш падид меояд. Яъне ҷунбуҷӯли одами рӯзгордор афзун гардад, мегардаду ҳаргиз кам намешавад. Боз меҳнати калхоз! Ку вазифаатро як-ду сафар иҷро накун… Талху тунд гуфта, касро ҳатман ба доираи шармсорӣ мекашанд.

Баъд усто Қамчин маҳзун Хадичаро ба ёд овард. Вай ҳам имсол дасттанҳо монд. То алҳол ҳезуму ангишт надорад, боми хонааш интизори андова, дару девораш фатарот... То

баргаштани Наврӯз бояд усто Қамчин аз рӯзгори Хадича низ бохабар шуда истад, ташвиши ӯро низ ҳатталимкон ба гардан гирад. Ҳамаи ин ба як худи вай осон не албатта. Лекин дигар чӣ илоҷ? Агар писараш ранги порсолу парерсол ба таътил меомад, то ҳадде дасти ӯро сабук мекард. Вале Маҳмуд ин тобистон наомад. Вай ҳоло дар Қазоқистон, дар кадом савхози ғаллакор. Гӯё дар он ҷо қатори ҳамсабақон ба мардуми даравгар ёрӣ мерасонааст...

## 5

Ягон соат пас тали Тобазор хеле қафо монд. Ҳаво дам ба дам метафсид. Усто Қамчин, сару гарданаш дар зери офтоб арақшор бошад ҳам, худро бардам ҳис мекард. Вай аз рӯи одат якта-нимта чӯбу чахс ё сангу кулӯхи обраҳаро аз пеши пояш дур андохта ва гоҳо ба садои ҷӯйбор, ки аз домани теппаҳои на чандон баланди урён тоб хӯрда мегузашт, ба шавқ гӯш дода, ҳамчунон дар таҳаммул пеш мерафт. Ва баъзан ин ду мисраи ба завқаш муносибро беихтиёр замзама мекард:

Дунё ба мисоли кӯзаи заррин аст,
Гаҳ об дар он талху гаҳе ширин аст...

Боз каме раҳ паймуда, ниҳоят усто Қамчин ба Кӯшкак расид. Ду-се дақиқа рост истода, ба ҳар ҷониб чашм давонд; нафаси озод гирифт. Пас дар сояи як чанори бузург, ки дуртар аз он мактаби деҳа воқеъ буд, вазнин нишаста, белро дар паҳлуяш гузошт. Аз ин баландӣ чор-панҷ деҳаи гирду атроф ва боғоту заминҳои обчакории калхоз чун дар кафи даст метофтанд. Усто Қамчин хурсанд буд – агарчи ҷӯйбор аз даруни чандин ҳавлии кӯшкакиҳо мегузарад, ягон кас, тавре ки баъзан рӯй медод, беинсофӣ накардааст. Ва дар дил мегуфт: сокинони Кӯшкак низ ин дафъа ғайр аз ангур ба дигар чиз об нагирифтааанд. Зеро ба ниҳоли помидор ва юнучқа барин кабудиҳо навбат дертар расад ҳам, давлати калон. Аммо ангур гапи дигар, ангур бояд ҳатман дар моҳи асад об хӯрад. Вагарна аз ҳосили хуб бӯи умед нест.

Таки чанор салқин буд.

Усто Қамчин, баъде арақи баданаш тамоман шикаст, дастурӯй шуст. Ва аз ноне ки дар миёнбанди худ ҳамроҳ овар-

да буд, нимтаашро ба чанд қулт оби равон ошомид. Шамоли ҷӯйбор ба тану ҷони вай ҳаловат мебахшид, чашмонаш хӯи хоб мекарданд...

– Ассалому алайкум, амак!

Аз ин овозе ки пайваста ба шилдироси об ногаҳон ба гӯшаш расид, усто Қамчин зуд чашм кушода, рӯбарӯ як ҷавони навчаро дид, ки дар даст рубоб, лоқайд рост меистод.

– Ғанаб бурдааст-ку, – дида молида, гуфт ӯ зери лаб ва китф аз танаи чанор канда, сабук хамёза кашид. – Ваалайкум ассалом...

Равшании офтобу куртаи норанҷии ҷавон чашмони хоболуди усто Қамчинро лаҳзае хира карданд.

– Маро нашинохтед, а?

– Не-ку...

– Ман ба писаратон мехонам, ба Маҳмуд... Порсол, вақти таътил, як бор дар хонаатон будам.

Бо вуҷуди чунин *маълумот* усто Қамчин ҷавонро нашинохт – ба хонааш рафтани ӯро умуман дар хотир надошт – ва пурсид, ки вай аз кадом деҳа.

– Аз Такоб, – гуфт ҷавон.

– Писари кӣ мешавӣ?

– Писари Ҷаббор.

– Кадом Ҷаббор? Ҷаббори мусича?

– Не-е... – табассум кард ҷавон.

Ба симои гандумгуни усто Қамчин низ табассум дамид. Ӯ хушнуд аз дил гузаронд, ки дар ин гирду атроф қатори аксарият қариб ҳамаи ҷабборҳо лақаб доранд. Ҷаббор... Кадом Ҷаббор? Камаш вай даҳ Ҷаборро медонад. Агар хато накунад, дар Такоб фақат ду Ҷаббор ҳастанд – Ҷаббори куҷо монам ва Ҷаббора мусича.

– Додот нағз?

– Бад не, ҷунбида гаштаанд.

– Кору бораш *куҷо монам* будагист...

Ҷавон аз усто Қамчин чашм гурезонд, гӯё ранҷид.

– Ту хафа нашав, мани калону гарон ҳам лақаб дорам. Медонӣ албатта…

– Медонам, – хандид ӯ ба оҳанги шарм.

– Пас шунавем, лақаби ман чӣ? – Усто Қамчин дар як

шавқи зиёда ба чеҳраи гарми ҷавон менигарист. Аммо вай дудила буд: гӯяд ё не? – Натарс, бемалол ба забон гир. Ман намеранҷам, баръакс...

– Ха-айр, ана... гулдаст.

– Кам нашав, писар! Лақаби ман *гулдаст*, усто Гулдаст. Ин унвонро дар пешонии ман бисту панҷ қабл додои куҷо монамат часпонда буд, – гуфт ба содагӣ усто Қамчин ва нигоҳаш ба созе ки дар дасти ҷавон буд, кунҷков қарор гирифт. – Рубоб бардоштаӣ? Аз они худат?

– Не, аз як ҷӯраам, вай аз ҳамин Кӯшкак. Гуфтам… камтар машқ кунам.

– Дуруст мекунӣ... навозандагӣ ҳунари баланд. Кас агар навозанда бошад, дилаш доимо ҷавон мемонад.

– Лекин кори мушкил.

– Чӣ, ҷавон мондани дил?

– Не-е, умуман… ин касбро нағз ёд гирифтан.

– Ҳама кори дунё меҳнат мехоҳад, машаққат мехоҳад. Ба хусус ҳунар, ҳунари олӣ…

– Мумкин, – хаёлаш андак парешон, мутаҳайир китф барҳам кашид ҷавон.

– Ин ҳақиқат ҷои ягон баҳс… ё гумон надорад, – хандид усто Қамчин.

– Аз Маҳмуд хабар ҳаст?

– Аз Маҳмуд? – қадре саросема шуд ӯ. – Бале, хабар ҳаст. Вай ҳоло дар Қазоқистон, ғалла медаравидааст.

– Медонам.

– Исто, ки ба Маҳмуд мехонам гуфтӣ, а?

– Ҳа-а...

– О ин хел бошад, барои чӣ Қазоқистон нарафтӣ?

– Рафтан ихтиёрӣ буд.

– Яъне ки Маҳмуди мо ба иродаи худаш рафт?

– Фақат вай не, ҳама...

– Ту чӣ? Ту рафтан нахостӣ?

– Азоб кашида гаштан чӣ лозим?! Аслан як дашти батафту тоб бошад...

– Ана ин корат хуб нашудааст, – гуфт усто Қамчин, ки аз охирин сухани ҷавон табъаш хира гардида, ҳатто ба вуҷуди ӯ, ба қаду қомати устувори ӯ ҳайфаш меомад. – Ба мардуми

ғаллакор ҳамдастӣ кардан савоб дорад.

Ҷавон эҳимол хиҷолат кашида, акнун ба дарознои ҷӯйбор менигарист.

Баргҳои чанори солхӯрда, ки ба сари усто Қамчин беминнат соя меафканд, инак аз дами боди ногаҳон беқарор шуда, шибир-шибир садо меоварданд.

Оби ҷӯйбор дар шилдироси рӯҳнавози хеш сония мешумурд. Усто Қамчин ба нағмаи он гӯш дода, дар дил мегуфт, ки пас Маҳмуд, писари вай, ба ихтиёри худаш Қазоқистон рафтааст. Агар ҳамин тавр карда бошад, кори хуб кардааст... Баъд дар пеши назари ӯ як нафас сурати Маҳмуд падид омад – вай савори камбайн буд, дар дашти тиллоранги беохир ғалла медаравид; ғалла медаравиду дар лабони базебаш пайваста табассум мешукуфт. Чунин менамуд, ки дандонҳои сап-сафед ва зичи Маҳмуд ба чеҳраи дар зери офтоб қадре тира гардидаи ӯ нуру сафо мебахшанд.

«Ҳеҷ гап не, – хаёлан ба фарзандаш мурочиат кард усто Қамчин, – ҳарчанд душвор аст, ман худам ғами зимистонро мехӯрам. Ту парешон нашав, хотиратро ҷамъ дор. Ба ман ҳаминаш кифоя, ки коргурез нестӣ. Чунки одам агар меҳнатӣ бошад, мушкилкушо бошад, ба қадри зиндагӣ низ расида метавонад. Ин давлати калон, писарам...»

– Хайр, амак, ман рафтам.

Хаёли усто Қамчин халал ёфт.

– Майлат, – калла ҷунбонд ӯ ва аз самими қалб илова намуд: – Ба додот салом расон. Усто Қамчини гулдаст шуморо пурсид гӯй... Додот, ман ба ту фаҳмондам, як одами хушдил, беғаш... Хулоса, одами бисёр нағз.

Ҷавон ба сухани вай чандон эътибор надода, боз:

– Хайр... – гуфт ва лаванд ба роҳи Такоб даромад.

Такоб қариб ним санг дуртар, дар худи домани кӯҳ, дар наздики деҳаи Авлод воқеъ буд.

Усто Қамчин дар чӣ вазъе менишаст, ҳамон тавр як муддат аз қафои ҷавон чашм дӯхт. Сипас ба қуллаҳои пӯлодранги кӯҳе ки дар муқобил, ба канори осмон дакка хӯрда, сокит ва мустаҳкам меистод, сабук назар афканду беихтиёр андешид – вай ҳам замоне дар Такоб зиндагӣ мекард, дар ҳавлии хоҳараш Гуландом...

«Аҳволаш чӣ навъ бошад? Кам-кам бетоб аст... Охири баҳор боз ӯро надидаам».

...Аз қазо ҷанг сар шуду Қамчин, ки он вақтҳо номашро бе ифодаи *усто* ба забон меоварданд, ҳамроҳи падараш дар як рӯз ба камиссариати ҳарбӣ ариза дода, зуд ба майдони муҳориба рафт. Онҳо, падару писар, дар як полки артиллерӣ хизмат мекарданд, ҳар ду ҳам тӯпандоз буданд. Аммо аҷаб, ки агарчанд панҷ-шаш карат дар набардҳои шадид ҷон ба кафи даст мегирифтанд, то ба соҳили Днепр расидан ягон маротиба ҷароҳат набардошта буданд.

Аскарони полк аз паҳлу ба паҳлу ҷангидани падару писар завқ бурда ва аз осебе надидани онҳо хурсанд шуда, дар соатҳои оромӣ ё истироҳат шӯхиомез мегуфтанд: шуморо кадом азизу авлиё дар паноҳи худ нигоҳ медоранд... Падари Қамчин, ки синнаш дар таки панҷоҳ буд, гарм механдид. Баъд хаёлолуд ҷавоб мегардонд: азизу авлиё-ку, хайр, маълум – зоти поканд... Ба ман монад, бигузор шайтон бошаду мо ҳамаро дастгирӣ кунад! Рост мегӯӣ, бародар, – розӣ мешуданд аскарон ва оҳ кашида, афсӯс мехӯрданд, ки имрӯз боз чанд нафарро талаф додаанд...

Лекин ба падару писар на кадом азизу авлиё мадад карда тавонистанд, на шайтон – соли сеюми ҷанг гӯё дар як вақту соат ба онҳо *чашм расид*. Қамчин захмӣ шуд. Падараш бешубҳа дар тасодуф ҳалок гардид. Вай, охир, метавонист худро аз тири сӯзон эмин дорад, вале... Меҳри падарӣ нобуд кард ӯро, маҳз меҳри падарӣ! Агар дар он дақиқаҳои пурдаҳшат тарсу ваҳм аз барои фарзанд дар вуҷуди вай боло намегирифт, агар на ғами ҷони Қамчин, балки ғами ҷони худашро мехӯрд, яқин аз болои сал чаппа намешуд ва сари синаашро қапида, ба қаъри дарё ҳам намерафт.

Чӣ рӯзи ваҳшатангез буд он рӯз! Полки падару писар баробари чанд фавҷи дигар дар зери тири тӯпу пулемётҳои душман аз як ҷои бисёр носози Днепр убур мекард. Вусъати дарё, ки аз таркиши паёпаи гулӯлаҳо *ба дод омада*, девонавор печутоб дошт, пур аз салу заврақ буд. Дар он салу заврақҳо аскарон буданд, тӯпҳо буданд, қуттиҳои моломол аз тиру гулӯла буданд. Гоҳо сале ё заврақе аз зарби тири тӯп поракпора шуда, ба мисли як банд ҳезум дар рӯи об паҳну паре-

шон мегардид; тӯпҳо зери дарё мерафтанд; аскарон ё мурда, ё зинда ба зинда ғарқ мешуданд...

Сали мустаҳкаме ки Қамчин ва боз ҳафт нафар савор буданд, бораш гарон бошад ҳам – дар болои он, муҳиммаш, ду адад тӯпи зидди танк низ меистод, – тез шино мекард. Зеро Қамчину ёронаш дар пушти тӯпҳо хам шуда – мабодо тири душман расад! – ва ходаҳои хушки дарозро, ки дар ихтиёр доштанд, беист ба кор андохта, то метавонистанд, онро дар ҷадал пеш меронданд. Аз қафо сали дигаре меомад; дар вай ҳамроҳи камандири баталйон ва чанд аскари қаторӣ падари Қамчин савор буд. Аз паҳлуи рост, тахмин бист газ дуртар, дар як завраќи калон беш аз даҳ нафар, автаматҳо дар сари китф ё дар гардан ҳамоил – дар пеши онҳо як пулемёти тайёр ба оташкушоӣ низ меистод, – амонат нишаста, ба тамоми қувва бел мезаданд. Аз ваҷоҳати ин ҷанговарони тахмин пиёдагард баръало хонда мешуд, ки ба соҳил агар саломат расанд, *кӣ* будани худро ба душман нишон надода намемонанд. Ҳоло чӣ, ҳоло… мақсад якта, фақат якта – кулли имконият ва ҷамъи зӯру тавонро ба кор бурда, бе зиёну зарар аз дарё зинда гузаштан...

Қамчин ҳам ҷандала дошт. Вай ҳам қатори ёронаш ҳар чи зудтар ба соҳил пайвастан мехост. Ногаҳон гулӯлае завраќи *баумедро*, ки ин дам аз сали онҳо қадре пеш гузашта буд, дар як нафас зеру забар кард. Қамчин, гумбуроси таркиш дар гӯш, асири ваҳму ҳайрат – наход!.. – ба гирдоби ҷӯшоне нигарист, ки ҳамон замон дар ҷои завраќи шиновар пайдо шуда, кафкзанон… пора-пора тахтаҳои шикастаро аз доираи худ берун меовард. Лаҳзае ба назари ӯ тани афгори се-чор нафар аскар низ расид, – онҳо дар ҳалқаи гирдоб як намоён гардида, филҳол фурӯ рафтанд.

Омехта ба шав-шуви дарё ва садои тири пулемётҳо Қамчин нохост фарёди падарашро шунид, ки танҳо иборат аз тарсу даҳшат буд: Қамчин! Қамчин!.. Боз як гулӯла таркид; дар паҳлуи чапи сал, дур ва бегазанд таркид. Қамчин, дилаш таҳ кашида, ба ҷониби падар нигарист, ки ҳамон дардолуд садо медод: Қамчин! Эҳтиёт шав мегӯям, Қамчин!.. Вай дар канори сал, мисли он ки қомати баланди худро ҳадафи тир кардааст, озод рост меистод. Дар як даст хода, дасти

дигараш дар ҳаво... Ҳар боре ки ба буди овоз *Қамчин!* – гӯён фарёд мезад, панҷаи дар ҳаво муаллақашро сахт меафшонд, яъне хам шав! Дар пушти тӯп ист!.. Шумо ҳам, додо, шумо ҳам... – Қамчин низ ба сар ва дасти холиаш ҷонгазо имову ишора мекард. Аммо бефоида буд. Аз ин рӯ, то падараш хотирҷамъ гардида, ниҳоят худро эмин дорад, акнун пушти тӯп гузаштан мехост, ки баногоҳ...

Вай аз он чӣ дид, аввал гаранг шуд – падараш, чунон ки зарбаи шадид расида бошад, як қадам қафо партофту оҳиста даст ба сандуқи сина бурд – сипас, ҳангоме ходаи панҷаашро раҳо накарда, ҳамон ист аз болои сал мисли пайкари сангин сарнагун гардид, *додо-оо!* – гӯён аз мағзи ҷигар фарёд оварда, худро ба тарафи об андохт. Вале дар рӯи сал ҳатто ду қадам намонда, ранги одаме ки пешпо хӯрдааст, сахт афтид. Бари китфу соқи чапаш сӯзиш мекарданд, гӯшҳояш вазнин руст мешуданд. Ва аз чӣ бошад, ӯро камандири даста ва боз як нафар ба *сар диҳед! Сар…* – гуфтанаш эътибор надода, ба қафои тӯпҳо мекашиданд, ки дар он қиёмати қоим ягона гӯшаи паноҳидан буд. Бо вуҷуди ин Қамчин муқобилат мекард – вай, охир, гумон дошт падараш зинда ба дарё рафт, наҷот мехоҳад ӯ! Наҷот… Ҳаргиз намедонист, ки қиблагоҳаш ҳалок гардид, ҳайф шуд, ба несту нобуд пайваст. Ҳамчунин намедонист худаш низ ду тир хӯрдааст...

– Монда набошед!

Усто Қамчин аз ин овози баланд як қад парида, чашм бардошт ва чор-панҷ қадам дуртар назараш ба Саидмӯъмин афтид, ки бел дар китф, ба вай наздик мешуд.

– Саломат бошед! – бе шитоб бархоста, гуфт усто Қамчин. – Поин меравед… Ба хайр?

– Тобам гурехт, ака. Тахмин ду соат боз... аъзои баданам ланҷ, сарам ҳай дард мекунад...

«Вақти обронӣ ҳатман тоби шумо мегурезад, вақти ҳашар ё ягон кори дигар ҳам... Ганда муғамбир шумо!»

– ...Мегӯям хона равам, шояд амон диҳад. Ин гуна... хаёлманд метобед?

– Хаёли кучо... – мад кашида, ором даст афшонд усто Қамчин. – Хайр, дар Авлод чӣ гап?

– Тинҷӣ-ку, – хандид Саидмӯъмин. – Ғайр аз ташвиши об

дигар чӣ мешуд?!

– Беадабӣ намекунанд?

– Чаро накунанд?! Зеби ҳар маврид…

– Мебофед, а!

– Рост мегӯям. Бе ин хислати нозанин ягон маъракаи мо маза надорад.

– Кашталгирӣ набуд?

– Дина боз надидаам. Иншооллоҳ, боз мешудагист.

– Тавба гӯед…

– Одат кардаем, ака. Кашокаши мо-мардум масхарабозӣ барин… Мефорад.

– Обе ки ҳаст, то ҳол чор тақсим?

– Набошад чӣ? Нисф зиёдаш имрӯз ҳам дар ихтиёри калхоз. Ба ками камаш ана, худамону боз ду деҳа андармон.

– Ношукрӣ нашавад...

– Албатта шукру лекин... азобамон айнан азоби гӯри торик... – Саидмӯъмин белашро, ки ба он такя оварда меистод, сари китф гирифта, даме хомӯш монд. Пас: – Ман акнун равам, устухонам бисёр вазнин, – гуён ба пайроҳае даромад, ки ҷониби боғоту заминҳои обчакории калхоз мебурд.

То зудтар ба хонааш расад, вай яқин мулки ҷамоатро миёнабур карда гузаштан мехост. Усто Қамчин ба қади пасту китфони фарох ва гашти бардами Саидмӯъмин зеҳн монда, дар ҳайрат пичирос зад:

– Ганда муғамбир ин мардак!

Ва сабук як хандиду баъде ки ӯ хеле дур рафт, низ белашро бардошта, рӯ ба тали Тобазор ниҳод – аз даҳанаву обкандҳо дурусттар хабар гирифта омадан лозим. Рӯз пешин мешавад, андаки дигар монд.

Ҳамин андеша дар сар, усто Қамчин оҳиста қадам мепартофт. Лаблаби ҷӯйбор қадам мепартофт; ва ба шилдироси об гӯш андохта, беихтиёр фикр мекард, ки ба ҳар ҳол вай аз он ҷанги безинҳор зинда баргашт. Аммо падараш... қиблагоҳи содаву дилсафедаш абадӣ дар қаъри Днепр рафт. Кӣ медонад? – шояд ӯро мавҷҳои дарё рӯи даст гирифта, ба соҳил баровarда бошанд; шояд мардуми савобталаб ҷасади ӯро дар ягон манзил ба хок дода бошанд...

Ба ин суоле ки сӣ сол боз дар мағзи вуҷуди вай хона гу-

зошта, гоҳо тану ҷонашро чун дар хумдон месӯзад, ҷавоб гуфтан чандон саҳл набуд. Ва усто Қамчин саросема нашуда, яксон масофа мепаймуду дар пеши назараш ҳамон соате таҷассум мегардид, ки борхалта дар китф, пас аз чор моҳи ба охир расидани ҷанг – қисми онҳоро муддате дар Берлин нигоҳ доштанд... – ниҳоят ба зодгоҳи худ қадам монда, ҳавлии падарро бекасу валангор дарёфт.

## 6

...Офтоб ғуруб мекард. Аз дару девори кулбаи нимфатарот ва холӣ ба тахтапушти ӯ як нафаси бисёр хунук мерасид. Ангор вай кулба не, балки яхдон буд. Саҳни ҳавлӣ пур аз аҷирик, хори кабуд ва алафи хушк...

Қамчин дар лаби суфаи заҳ, ки эҳтимол як-ду сол инҷониб ҷорӯб надидааст, сарашро ба кафи даст гирифта, ҳайрон менишаст. Ва дар ин ҳолат бандаи кулфатгазида ва бағоят музтарро мемонд. Куҷост модараш? Наход...

Вай ба худ гуфта наметавонист, ки наход аз волидаи меҳрубонаш ҳам ҷудо шуда бошад? Вай аз тасдиқи ин фикри ногаҳон сахт метарсид... Пас ӯ куҷост? Чаро ҳавлии онҳо ин қадар бенигоҳубин? Барои чӣ кулбаи як вақтҳо гарми онҳо ин қадар сард?

Атроф хомӯш, дар банди сукут... Дар қайди хомӯшии чунон вазнину ногувор, ки гӯшҳои Қамчин ҷарангос мезаданд, дилаш такурӯ мешуд.

Дар ин сукунати сангин, ки хомӯшиҳои наҳси пеш аз набардро ба хотир меовард, хаёлаш ба саду як кӯю барзан рафта, вай хеле нишаст. Сипас нохост шарфаи пойро шунид ва ба умеде ки ниҳоят модарашро мебинад, зуд ва дар ҳаяҷон сар аз кафи даст бардошт.

– Хадича?!

Қурси офтоб пинҳон шуда буд. Лекин як қисмати осмони фарқи кӯҳ лолагун метофт.

– Қамчин!..

Дар саҳни ҳавлӣ тадриҷан сояи тунуки бегоҳирӯз паҳн мегардид. Ва Қамчин ҳамин замон ё баъдтар фаро расидани шабро қариб ҷисман эҳсос намуда, ба чеҳраи бисёр зебо, вале андак коҳидаи Хадича менигарист, ки ба вай рӯбарӯ истода,

чашмони бодомаш тоза, хушҳол табассум мекард. Дар остинаш чанд дона себи сурх дошт.

– Болои бом баромада, себ мекандам, ки *ту*... танҳо нишастаӣ. Тохта омадам... Камтар себ овардам.

Қамчин бархост. Вай ҳоло ҳам парешон буд, ҳайрон буд. Хадича, ки якзайл ва покиза табассум менамуд, остинашро ба ӯ наздик овард.

– Себ...

– Чӣ гап? – гуфт базӯр Қамчин. – Барои чӣ ин гуна... Чӣ шуд ба модарам?

– Ҳеҷ... Он кас ду сол боз дар Такоб, ба хоҳарат, – гуфт фавран Хадича, ки хотири ӯро ҷамъ кардан мехост.

– Баъзан мактуб мегирифтам. Аз номашон… Лекин дар ин бора асло хабар надоштам.

– Шояд парешон нашавад гуфта...

– Мумкин...

– Ҳавлиро бекас дида, ба ягон гумони бад рафтӣ?

– Ҳа-а, нағз, ки омадӣ, Хадича...

– Гуфтам пакар менамоӣ... Модарат сиҳат-саломат. Беҷо зиқ шудӣ... Себ гир.

– Аҳволи худат чӣ хел? – Вай аз остини ӯ як дона себ гирифт, – Акрам чӣ? Дарс дода гаштааст?

– Акрам?.. – ба абрувони пайванди Хадича гиреҳ афтид. Пас зуд: – Бад не, – гуфт ӯ ва чеҳрааш мисли аввала боз кушода шуд, дар лабонаш боз табассум гул кард. – Себ гир.

– Ташаккур, ҳаминаш кифоя.

– Гир, охир, то Такоб меравӣ, ки эҳа-а... Ширин-ширин хӯрда меравӣ.

– Ту зебо шудаӣ, Хадича. Бисёр зебо…

– Пеш чӣ, дигар будам?

– Пеш ҳам… – забон хоид Қамчин. – Воқиан, хабари хуш расондӣ. Аз ҳоли модарам…

– Ман ӯро аз бачагӣ дӯст медорам, – гуфт ҷиддӣ Хадича.

– Ту дили соф дорӣ.

– Аз куҷо медонӣ?

– Аз зуд омаданат. Аз себ оварданат.

– О намегирӣ…

– Илоҳӣ ба *ин* ҳусни дилситонат чашм нарасад!

– Аввал гир. Баъд ана... намерасад.

– Хайр, – хандид Қамчин ва боз се дона себ гирифта, миннатдор ба киса андохту ҳамроҳи Хадича, борхалта дар китф, мамнун кӯча баромад.

Вай дар Такоб, дар хонаи фақиронаи хоҳараш – Гуландом низ, шавҳараш дар ҷанг ҳалок гардида, мисли модари худ бева монда буд – қариб се сол истиқомат кард. Дар ин муддат аз ҳамон деҳа хонадор шуд. Хоҳараш ба вай ниҳоят меҳрубон буд. Онҳо якҷоя ба кори калхоз мебаромаданд ва бад ё нек... дар ҳар сурат қатори мардум рӯз мегузаронданд. Зиндагӣ торафт ба як маҷрои созгор медаромад, лекин захми ҷанг фаромӯш намешуд. Вай қариб дар ҳар хонадон ба забони ҳол омада, гӯё нолаҳо мекард, ки маро ба фаромӯшӣ додан осон нест, ман дар дилу дидаи шумо солҳо бемори ниммурда хоҳам монд. Дар ҳақиқат асари он ҷанги беназир ҳоло ҳам аз байн нарафтааст. Аз байн нарафтаасту дунё боз ин қадар ноором...

Қамчин аз нахустин рӯзҳое ки ба зодгоҳи худ баргашт, мехост ҳар чи зудтар волидаашро ба ҳавлии падарӣ кӯчонда барад ва то метавонад, он манзили акнун меросро обод кунад. Вале модар розӣ намешуд. «Хоҳаратро танҳо партофта рафтан нағз не, – мегуфт ӯ. – Ҳавлиамон намегурезад. Ҳоло дар ҳамин ҷо зиндагӣ карда истем. Ба он тарафаш худо подшоҳ, кӯчидан лозим бошад, ягон рӯз мекӯчем...» Ва Қамчин, агарчи ботинан аз фикраш намегашт, маҷбур мешуд гардан фурорад. Чунки медонист: танҳоии Гуландом барои модараш як баҳона. Дар асл вай худаш нияти кӯчидан надорад – дар он ҳавлӣ, ки аз соҳиби сараш хотироти зиёде мондааст, зиндагӣ кардан мушкил. Бинобар ин пас аз хабари марги шавҳар тобу тавонаш рафта, дар хонаи Гуландом ором мегирад. Хулоса, то дарди дилаш ниҳоят фурӯ нашинад, ӯ аз дарвозаи он ҳавлӣ сар халондан намехоҳад.

Дар умеди волидааш имрӯз набошад, фардо ба кӯч бастан розӣ мешавад, Қамчин наздики се сол интизорӣ кашид. Оқибат, фақат баъде ки сари ӯро ҷуфт карданд, модар рухсат дод. Ва Қамчин охирҳои баҳор:

– Аввал, оча, дару девори хонаро ба тартиб овардан лозим, – гуфта, ҷогаҳ-пӯстакашро бардошта, танҳо худаш ба

он манзили аз овони кӯдакӣ азиз омад.

Ҳавлӣ вайрона буд. Вай дид, ки ба шикастурехт кор буд намешавад. Аз ин рӯ миёнашро маҳкам баста, аҳд кард пеш аз ҳама кулбаи ҳоло харобро ғалтонда, дар ҷояш, хурдтар бошад ҳам, хонаи нав месозад; ба дасту бозуи худаш месозад. Синнаш ба сӣ дакка мехӯраду наход як сарпаноҳи муносиб сохта натавонад!

Қамчин ба ҳамин ният дар кунҷи ҳавлӣ қӯш партофт.

Вай ҳар рӯз баробари субҳ бедор шуда, лой мехобонд ва қатори мардум ба кори калхоз рафта, ҳангоми офтобшинам бармегашту лои саҳар шӯридаашро зуд аз лойхона баровар-да, камтар дам медод. Пас шикамашро сер карда – хоҳари Қамчин ё занаш ҳар пагоҳ, вақте ки ба *меҳнати* заминҳои калхоз меомаданд, барои вай хӯрданӣ меоварданд, – дар зери маҳтоб ва агар маҳтоб набошад, дар равшании фонус то як поси шаб хишт мерехт. Ҳаваси хона сохтан дар дили ӯ сахт ҷой гирифта буд. Бинобар ин Қамчин чӣ қадар кор кунад, ҳамон қадар рӯҳаш болида, монда шуданро намедонист.

Як бегоҳ, ҳини гавгум, лойро аз лойхона баровард ва қолаби хиштрезиро ба кӯлоб партофта, нав дар тараддуди чой нӯшидан буд, ки суробе аз рахнаи девор гузашта, ба сӯи вай раҳ кашид.

«Кӣ бошад?»

Даме ки суроб наздиктар омад, Қамчин ӯро шинохта, ба пешвозаш қадам андохт.

– Хадича?!

– Ман…

– Салом…

– Камтар дами гарм овардам.

Вай косаи дасташро ба рӯи шолча гузошт.

– Чӣ лозим буд?!

– Ту ҳеҷ гумон надоштӣ, ки дар ин бемаҳал хӯрок бардошта мегардам...

– Рост, Хадича, ҳатто дар гӯшаи хаёлам набуд, – гуворо хандид Қамчин.

Онҳо рӯбарӯ меистоданд. Дар байнашон камобеш як газ фосила буд. Сари синаи Хадича, ки рост ба чашмони Қамчин менигарист, дар зери куртаи чит пасту баланд мешуд.

Нафаси гармаш мегуфт, ки сӯзонам ӯро. Дар дидаи то ҳадде равшанаш аҷаб сирре нуҳуфта, Қамчинро ба ҳаяҷон меовард. Вай намедонист чӣ кор кунад – худро дуртар гирад, ё дар нимторикӣ ҳамин тавр истад.

– Гузар, Қамчин, гармогарм хӯр... Агар не, хунук мешавад, – гуфт ниҳоят Хадича ва амиқ як нафас гирифта, дар канори шолча нишаст.

Қамчин аввал ба таки чойҷӯш алав даргиронд. Сипас дар лаби кӯлоб даст шуста, мутаҳайир – шӯрбо бардошта омадааст, а! – ба шолча наздик рафт.

– Нон дорӣ? – пурсид Хадича.

– Дорам... Ана, дар рӯймол.

Хадича миёнбандро пештар кашида, дар бари кӯрпа паҳн кард, нон шикаст...

...Қамчин ба иштиҳо шӯрбои хушмаза мехӯрд ва гоҳо, дар бехи гӯш нолаи чирчиракҳо, номаълум ба тарафи Хадича – вай ҳоло зонувонашро дар оғӯш гирифта, чашми хаёл ба як тӯда хишт медӯхт – назар давонда, шодмон меандешид, ки ӯ дар дил ягон гапи муҳим дорад. Вагарна... омадан замон ба *он тарз* нигоҳ намекард. Чашмони фаттонаш чунон навозишгар буданд...

Умуман порсол боз Қамчин пай мебурд, ки Хадича ба вай меҳрубон аст. Ҳар гоҳ ки дар кори калхоз бошанд, ба гаппаронии якта-нимта бадгумон дар ханда ҷавоб гардонда, илоҷе меёфт аз Қамчин дур наафтад. Пас ба хоҳиши худи ӯ дар миёни онҳо *амале* ба монанди мусобиқа оғоз меёфт – ку бинед, кӣ чанд бағал алаф медаравад, кӣ чӣ қадар бел мезанад, кӣ чанд сатил ангур меканад... Хадича девкор буд. Рӯзҳое мешуданд, ки Қамчин аз вай қафо мемонд, ба хусус дар алафдаравӣ... Аз ин сабаб ҳамрадифии ӯро чандон хуш намекард, вале мекӯшид сир бой надиҳад.

Хадича чӣ... парвои одаму олам надошт ва дар назари аввал чунин менамуд, ки аз шарму ҳаё низ огаҳ нест. Вай, дасташ муттасил ба кор, занонро – баъзан аз миёни мардон танҳо Қамчинро – ба ҳазлу шӯхӣ кашида, сидқан меболид, аз хурсандӣ қад-қад мепарид, ширин механдид. Гоҳи дигар ягонтаи онҳоро маҷбур месохт, ки ба вай гӯштин гирад ва то *рақибашро* мағлуб накунад, дилаш хунук намешуд. Шояд аз

ҳамин ҷиҳат «харакиро аз хар меғалтонад, аспакиро – аз асп...», – мегуфтанд дар ҳаққи Хадича.

Қамчин албатта хуб медонист, ки ӯ на фақат акнун, балки даҳ-дувоздаҳ сол қабл низ *обу оташ* буд. Аз ин боис *бешармиҳои* зан – ба қавли баъзеҳо – Қамчинро ҳаргиз дар тааҷҷуб намеоварданд. Ӯро вазъи дигаре ки аҳён-аҳён дар ҳайати Хадича рух менамуд, ногузир ҳайрон мекард: соатҳое мешуданд, ки вай дафъатан ба худ ваҷоҳати ҷиддӣ мегирифт, ҳатто сахт ғамгин метофт. Агар дар қариби Қамчин бошад, ба чашмони ӯ ногаҳон як назар меафканд... Пурдард, ҳасратнок, дар айни замон гарму гиро! Ва ба ҳамин, аз нав машғули кор, дуру дароз сар намебардошт...

– Як чиз пурсам, мумкин? – гуфт нохост Хадича.

Дар лабони Қамчин, ки косаро инак холӣ карда буд, табассум дамид.

– Кошкӣ!

– Барои чӣ механдӣ?

– Нахандидаам... – ҷавоб дод Қамчин ва боз дар чеҳрааш мавҷи табассум давид.

«Воқиан, чаро ман механдам?»

Хадича фурсате хомӯш монд. Баъд нигоҳашро аз вай гурезонда, мағмум пурсид:

– Ту аз бахтат розӣ?

– Аз кадом бахтам?

– Зан гирифтанатро мегӯям...

– Сирф намедонам, Хадича... – «Ин суолаш чӣ маънӣ дорад?!» – Рости гап, дар ин бора фикр накардаам.

– Пас хушбахтӣ!

Қамчин аз чунин таъкиди сарбаста бештар ҳайрон шуд.

– Аҷаб…

Хадича дигар чизе нагуфт, такроран хомӯш монд. Ва акнун ба похсадевори пур аз рахнаи самти кӯча нигарист, ки дар зери пардаи шабонгаҳ сип-сиёҳ менамуд.

– Чой дам кунам... – гуфт Қамчин.

Вай сабук бархоста – барои чӣ Хадича ин қадар ғамгин? Парешон... – назди оташдон рафт. Аз чойхалтаи даруни сатил ба кафаш чои хушк гирифта, дар чойҷӯш андохт, ки обаш ҷӯшида, қариб нисф монда буд. Баъд, азбаски шаб дам ба

дам ториктар мешуд, фонусро даргиронда, дар як даст чой-ҷўшу дар дасти дигараш фонус, хушҳол қафо гашт.

– Ёд дорӣ... – гуфт ахир Хадича, ки ҳанўз аз девор чашм намеканд, – солҳое раҳматӣ модарам зинда буданд, ман дар ҳамин кўча ба ҳар гуна бозии шумо мечаспидам. Чиликзанӣ, сангчаандозӣ, буҷулбозӣ...

– Ёд дорам, кўдак будем... Ман зуд-зуд ба ту бой медодам.

– Рост, бача будем. Айёми дилнавози кас тез мегузаштаast, хобу хаёл барин.

– Хобу хаёл... – ҳарфи ўро андешаманд ба забон овард Қамчин. – Ман дар ҷанг кўдакиамро чунон пазмон мешудам, ки баъзе шабҳо ҳатто дар хобам медаромад.

– Бодбарак ҳам сар медодем… – оҳ кашид Хадича.

– Чой гир, – гуфт Қамчин, ба вай пиёла дароз карда.

– Худат хўр… Дилам намебардорад.

– Ту барои чӣ ин хел…

– Чӣ хел?

– Як вақт парешон, ғамгин… Як вақт баръакс…

– Намедонам.

Хадича боз ба сукут рафт. Нолаи чирчиракҳо, ки аввал паст ва аҳён-аҳён ба самъ мерасид, ҳоло торафт баланд шуда, ба хомўшии шаб рахна мезад. Қамчин дигар чизе нагуфта, ором чой менўшид ва андак дар ҳайрат аз дил мегузаронд: имрўз-ку Хадича, ҳангоме дар боғи калхоз ҷўй меканданд, хурсанд буд, шўхиҳо мекард. Пас чаро акнун ошуфта метобад? Сабаб чист, ки гоҳо ба ғафлат гирифтори ҳамин тартиб як вазъи ноҷўр мешавад? Ва ниҳоят, аз барои чӣ баъзан рост ба чашмони ў чашм медўзад? Такдор назар меандозад, баасрор; яқин чизе гуфтан мехоҳаду забонаш намегардад...

Қамчин ба худ чунин суолҳо медод, аммо ҷавоби дуруст ёфта наметавонист.

«Аз паи кор шудан лозим...»

– Барои шўрбо раҳмат, Хадича, – гуфт вай, пиёлаву чой-ҷўшро аз пеши худ дуртар гузошта. – Бамаза буд. Хеле…

Хадича лаҳзае ба рўи Қамчин нигоҳ карда, банохост шукуфт, гунаҳояш тафсид.

– Кўр будаӣ ту, кўр!

Ў инро ба чунон лутфу лабханди ширин гуфт, ки саропои

Қамчинро ҳамоно як гармии шадид фаро гирифт.

– Наход ту...

Хадича давоми суханашро фурӯ бурда, фонусро, ки дар мобайн меистод, зуд хомӯш кард ва худро... Ба оғӯши Қамчин андохт. Ин кори Хадича то дараҷае ногаҳон буд, ки вай нахуст як лаҳза гаранг шуд – пистонҳои сахту даҳони ташнаи зан аз қафаси синаи фарох ва миёни лабони парсинбастаи Қамчин, ки аъзои баданаш инак чун дар дами оташ месӯхт, шафқату муҳаббат меҷустанд.

– Қамчин! Азизам...

– Хадича…

...Баъд аз соате онҳо рӯболо хобида, ба вусъатободи баланд менигаристанд. Дар бадали ин дақиқаҳо дунё дар назари Қамчин маҳин гирд гашта, ниҳоят зебо ва моломол аз шодмонӣ менамуд. Ҳатто торикии атроф мулоим ва бисёр дилнишин буд. Кавкабони бешумор дар сатҳи осмон саросар гул мекарданд. Ва дар партави якранги онҳо кулли мавҷудот ба худ ҷилои аҷиби кабудтоб мегирифт. Гӯё ситораҳо аз рӯзи азал фақат чунин медурахшиданд. Чеҳраи гулнори Хадича, ки бегумон дар банди хаёл буд ва Қамчин нафаси гарми ӯро дар бари гарданаш пайваста форам меёфт, низ кабудфом метофт. Ва ин ранги бағоят нафис дар масал сиришти зиндагӣ буд, ниҳоди меҳр буд, суруди муҳаббат буд, ки дили Қамчинро ба ҷӯш оварда, нарм мегуфт: «Хушбахтӣ чист?.. Ҷавобаш мушкил? Бале… Шояд тамоман намедонӣ? Хушбахтӣ… пеш аз ҳама ба қадри *ман* расидан...»

– Хадича!

– Ҷо-он…

– Дар чӣ андешаӣ?

– Фикр мекунам, ки зан агар бесаробон бошад, тани танҳо бошад, рӯзаш сиёҳ...

– Ҳар шаб саҳар дорад.

– Ту мардӣ, ту дарди маро аз куҷо медонӣ…

– Медонам.

– Зани бесоҳиб ҳеҷ аст…

– Муҳиммаш – бисёр ғам нахӯр, Хадича, ҳама корҳо хуб мешаванд.

– ...Болои ин безурёт бошад...

Чашмонаш ғарқи ашк, вай боз Қамчинро ба оғӯш кашид.
– Гиря накун, дунё ба умед. Ту ҳоло дар кӯча намондаӣ...

## 7

Аз қафо садои суми асп омад. Усто Қамчин баргашта, миробро ҳамчунон савора дид, ки қаноатманд наздик мешуд.

– Ҳа, усто, – хандид вай, – қаламраватон осуда?

– Алҳол осуда... Аз худатон шурсам?

– Мо ҳам бад не, болоҳо беҷанҷол. Писари Ҷаббори такобиро ба ҳисоб нагирем, ягон кас қасдан об надуздид.

– Кадом Ҷаббор?

– Ҷаббори куҷо монам. Як писари рубобнавоз доштааст...

– Ҳа-а, вай ба Маҳмуди мо мехонад. Дар пойтахт... – гуфт усто Қамчин. – Тавба! Ҳайрон будам, ки барои чӣ об як муддат кам шуд... Писари ман ҳоло дар дашти қазоқ, аммо *вай* дар ин ҷо... медуздад. Замона аҷоиб, мироб...

– Аслан, усто, гуноҳи Саидмӯъмин. Агар он муғамбир худашро ба касалӣ зада, хонааш намерафт, шояд бача обдуздӣ намекард.

– Саидмӯъмин рафта бошад, Тоҳир дар ҳамон ҷо-ку!

– Тоҳир як бепарво... фақат аз даҳанаву обкандҳо хабар гирифтааст. Хайр, ҳеҷ қисса не... Ман рафтам.

– То куҷо, мироб?

– То идораи калхоз. Камтар кор дорам, буд мекунаму ҳамон дам пас мегардам.

Ба сағрии аспаш сабук тозиёна зада, ӯ дар шитоб тарафи деҳа рафт.

Усто Қамчин гашташро аз сари нав идома дода, сурати Ҷаббори такобиро, ки як вақтҳо дар кадом меҳмонхона, дар ҳузури одамони зиёд, ба ҷои «куҷо шинам?» беихтиёр «куҷо монам?» – гуфта, оқибат Ҷаббори *куҷо монам* шудааст, пеши назар меовард. Ва фикр мекард вай, Қамчин, бисту панҷ сол муқаддам ба нафаси хунуки ҳамин Ҷаббор *усто Гулдаст* лақаб гирифта буд.

...Рӯзе, қарибиҳои офтобшинам, Қамчин дар ҳалқаи дусе бачаи деҳа, ки соате қабл дар кӯча хеле бозӣ карда, ҳоло ба ихтиёри худ тавонам-натавонам ба вай ёрӣ мерасонданд, аз сари шавқ хишт мечид, ки ваҷоҳаташ ҷиддӣ, нохост Ҷаб-

бори куҷо монам пайдо шуд.

– Муборак бошад, Қамчинбек!

– Худо муборак донад, ҷӯраҷон!

Қамчин ба ӯ дар Такоб унс гирифта буд – онҳо, ки ду сол дар як ҷабҳа меҷангидаанд, омада-омада дар ҳамин ҷо шинос шуданд. Ҷаббор ҷавонмарди якмизоҷ, дилсоф ва ҳазлкаш буд, ки аз ин ҷиҳат ба Қамчин бисёр хуш меомад.

– Иморат месозеду мо бехабар.

– Чӣ, тамошо кунед, мардум... ман хона месозам гуфта, ҷор андозам? – хандид Қамчин.

– Ин қадар нею ба ҳар ҳол ёру ҷӯраҳо донанд, ҳеҷ ҷои бадӣ надошт. Ман, масалан, то аз модаратон гап нагирам, пай намебурдам, – гуфт Ҷаббор ва ба деворе ки дар рӯи таҳкурсӣ қариб як газ боло шуда буд, камтар зеҳн монда, дар таассуф калла ҷунбонд. – Тамоман каҷу килеб-ку?!

– Ҳар чӣ аз дастам меояд… – ғур-ғур кард Қамчин.

– Беҳуда заҳмат кашидед, ҷӯра. Ҳайфи хишт, ҳайфи обу гил... Девори оғилро ҳам ин тариқ намебардоранд, – боз калла ҷунбонд ӯ. – Қоил ман! Аз имрӯз эътиборан шуморо усто Қамчини гулдаст гӯем, айни инсоф мешавад. – Сипас ба ҷонибi бачаҳо, ки ҳайрон ба вай чашм медӯхтанд, ҳалим рӯй овarду: – Ба шумо ҷавоб, – гуфт. – Ба ин одами гулдаст ман худам ёрӣ мерасонам.

– Гулдасташ чӣ, амак? – пурсид яке аз онҳо, радаи дандонҳои биринҷвор майдаашро намоиш дода.

Қамчину Ҷаббори куҷо монам ба завқ хандиданд. Бачаҳо низ ба даҳони онҳо нигариста, гур-гур механдиданд.

– Хайр, кифоя, равед. Гуфтам-ку: ба шумо ҷавоб!

Баъде ки бачаҳо дар кӯча парешон гардиданд, Ҷаббор дасту остин барзада, хитоб кард:

– Меканем!

– Чиро меканем? – дар тааҷҷуб омад Қамчин.

– Ҳамин деворатонро, – ҷавоб гардонд ӯ ва боз: – Ин *хел* хона сохтан айб, – гуфта, дар баҳсу талош Қамчинро ба раъйи худ гардонд.

Онҳо то нисфи шаб деворро, ки дар воқеъ каҷ буд, битамом канда, хишташро аз гил тоза карданд.

Сипас Ҷаббор:

– Пагоҳ ман гилкор ёфта меоям, – гӯён шабошаб ба манзилаш рафта, рӯзи дигар ҳамроҳи як марди тирарӯй баргашт.

Ва Қамчин ба шарофати Ҷаббори куҷо монам девори имораташро, ки аз ду хонаи ҳафтболораву як даҳлез иборат буд, дар байни якуним-ду ҳафта аз даст баровард. Инчунин дар сояи касофати вай мардум ӯро аз ҳамон тобистон эътиборан... ба ҷои он ки мисли пештара Қамчин ё Қамчинбек ном баранд, усто Қамчин ё усто Гулдаст мегуфтанд. Зеро дар куҷое бошад, Ҷаббор хиштчинии ӯро достон мекард...

Қисса кӯтоҳ, усто Қамчин сари тирамоҳ занашу модарашро аз Такоб, аз хонаи Гуландом, ба мулки падарӣ кӯчонд. Ҳавлӣ то андозае ободу ороста буд. Мебоист вай минбаъд як қадар хотирҷамъ гардад.

Аммо хотирҷамъ набуд Қамчин. Рӯзҳои дароз ғусса хӯрда, парешон фикр мекард – барои чӣ Хадича, Хадичаи диловез, хушгап ва меҳрубон, ки дар ду-се моҳи саодат баъзе шабҳо ҳамдами ӯ шуда, ба тану ҷонаш ҳаловат мебахшид, акнун, пас аз он ки Қамчин занашу модарашро кӯчонда овард, худро аз вай канора мегирад. Вақти кори калхоз низ аҳвол ҳамин – то қадри имкон кӯшиш мекунад ба Қамчин наздик набошад. Тифоқо рӯбарӯ ояд, оҳиста салом медиҳаду зуд гузашта меравад ва Қамчин ҳатто фурсати даҳон кушодан намеёбад, Ҳама медонанд, ки Хадича тағйир ёфтааст – камгап, ҷиддӣ ва то ҳадде… одамгурез! Чунин метобад, ки дар замири поки худ ҳасрате дорад, ё аз кадом пешомади нохуш дар тарсу таҳлука монда, ин ҳолати нопидромро ба қатъияту камгапӣ пӯшидан мехоҳад. Аз ин рӯ мардум, алалхусус занон, саду як гумону тахмин бурда, сабаби дигаргуниеро, ки дар вуҷуди вай рух додааст, ба кунҷковӣ пай мегиранд.

– Хадичаи мо ягон касро нағз мебинад, – боре ба ӯ шунавонда, нимшӯхиву нимҷиддӣ гуфта буд ҳамсари Қодир-амак, ки дар сафи зану марди зиёд ангур меканд.

Аз ин нидои ногаҳон ба маънии *шояд* ҳама хандиданд. Танҳо Қамчин нахандид ва номаълум ба сӯи Хадича нигарист, ки дуртар аз вай, сар аз болои ток набардошта, даст ба хӯшаҳои ангур мебурд.

«Ку чӣ кор мекунад?..»

Хадича мисли он ки тарсида бошад, дар даст ангур, як қад парида, маҷбур қомат афрохт. Ва ҳамоно дар оразаш сурхӣ дамида, ба зани Қодир-амак дуру дароз чашм дӯхт. Нигоҳаш ба дараҷае имдодталаб ва ҳайрон буд, ки ҳозирон филҳол хомӯш монданд.

– Хайр, ягон касро нағз дидан кори ганда не-ку... – гуфт узрхоҳона занак.

Вале Хадича дигар ба вай нигоҳ накард, гӯшашро ба карӣ зад ва сатилашро, ки ҳанӯз пур нашуда буд, бидуни ирода бардошта, рӯ ба поини боғ рафт...

Қамчин аз ҳолати носози ӯ тез-тез ба риққат омада, инак кулли дидору сӯҳбатеро, ки тобистон дар байни онҳо ба вуқӯъ мепайваст, паиҳам ба таҳлил мегирифт. Мабодо ягон дафъа боиси озори хотираш гардида бошад!

Не-е, ӯ ҳеҷ гоҳ Хадичаро наранҷондааст. Пас чаро аз меҳрубонии ин зани оташдил осоре нест?

Қамчин рӯз ба рӯз бештар эҳсос мекард – аз эҳтимол дур нест, ки Хадичаро дӯст медорад ва то ба вай вохӯрда, дарду доғашро возеҳ нафаҳмад, таскин намеёбад.

Ин буд, ки як шаб хеле бетоқат шуда, кӯча баромаду рост ба таки дарвозаи Хадича рафт. Дарвоза аз дарун маҳкам буд. Қамчин дар миёни торикии ғализ се-чор дақиқа ноҷунбон истод.

«Тақ-тақ кардан нағз не. Фақат аз девор гузаштан мумкин. Гузарам ё боз сабр...»

Азбаски айёми тирамоҳ ба охир мерасид, резаборони сард ва нофорам меборид.

Ниҳоят, гуп-гупи дили тангашро фурӯ нишонда, кафи дасту баъзе ҷои либосашро дар лой олонда, вай аз болои девор ба саҳни ҳавлӣ фуромад.

Дар хона чароғ дармегирифт.

Қамчин дасташро ба танаи дарахте пок карда, назди тиреза рафт. Тиреза пардаи ғафс дошт. Ӯ даруни хонаро дуруст дида натавониста, табақи дарро, ки аз пушти он садое намебаромад, оҳиста кӯфт.

– Кист?

– Ман, Хадича...

– Дар кушода.

Қамчин ба хона даромад. Хадича шитобон бархост ва як дам чеҳраи ӯро ба нигоҳи гарми худ навозиш кард... Вай боз *ҳамон* Хадичаи бамеҳр буд.

Аммо пас аз соате ба забон овард:

– Дигар набиё, Қамчин.

– Барои чӣ?

– Гуфтам-ку: занат ҳаст.

– Тобистон ҳам зан доштам. Медонистӣ...

– Вай он вақт дар пешат набуд.

– Ман ба ту дил бастаам, Хадича. Туро бинам… ё ба ёдам расӣ, сару нӯкам гум мешавад.

– Ман ҳам... Лекин набиё.

– Ин осон не.

– Худатро маҷбур кун.

– Наметавонам…

– Метавонӣ!

– Ту ба ман нагуфтӣ, ки аз чӣ сабаб, ба кадом алам ду-се моҳ боз хафа мегардӣ.

– Ман хафа нестам, Қамчин, баръакс...

– Яъне чӣ?..

– Яъне бисёр хурсандам; оқибат хурсандам, ки мани сарсахт ҳам *зан* будаам.

– Ин гапат чӣ маънӣ дорад?

– …

– Хадича!

– Наход нафаҳмӣ?

– Охир…

– Поям вазнин.

– Чӣ?!

– Рост, Қамчин, ман ҳомила.

– Аҷаб!

– Метарсӣ?

– Ба ҳар ҳол…

– Натарс.

– Аммо…

– Чӣ аммо?

– Мардум фаҳманд…

– Мардум?.. Ман ҳам мардум гуфта, ғам мехӯрам.

– Ин хел бошад, ягон илоҷ...
– Не, Қамчин, ман чора намеҷӯям.
– Азоб мекашӣ.
– Бигузор сангсор кунанд, лекин мезоям.
– Гапи бисёр мешавад.
– Шавад… Сездаҳ сол боз дар орзуи фарзанд будам!
– Гиря накун, Хадича.
– Ин гиря не...
– Пас чӣ?
– Шодӣ мекунам, Қамчин...
– Ман боз меоям.
– Не, дигар набиё. Зинҳор… Дониста мон, ки биёӣ ҳам, аз дар даромадан намемонам. Ман, охир, қариб ҳар рӯз ба занат рӯбарӯ мешавам...

## 8

Усто Қамчин аз Тобазор бармегашт. Вай имрӯз бори сеюм ба он ҷо рафта меомад. Ва ҳоло дар обраҳа қадам монда, беихтиёр ҳис мекард, ки мадораш канда, хаставу лакот шудааст. Болои сӯхта намакоб, банди пои чапаш зириқ-зириқ дард дорад. Ин ҷароҳати ҳарина, ки аз ҷанг *мерос* оварда буд, пеш чандон азоб намедод ва ӯ ҳар қадар хоҳад, бемалол масофа мепаймуд. Вале аз чӣ бошад, ки чор-панҷ сол боз, рафту афзун раҳ гардад, ҷои захмаш ногаҳон дар сӯхтан омада, ба ҳамин як-ду рӯз сар намедиҳад.

«Хайр, ҳеҷ қисса не, мегузарад...»

Пояш дард кунад ҳам, нағз, ки дар қитъаи вобаста ба ӯ то алҳол ягон кас чизе надуздидааст. Шояд дар бади мардум зад кашокаши беҳуда… Боз ин ки боғи худаш ҳам бе изтироб об хӯрдагист. Хулоса, агарчи саҳар вай ба ҳар гуна ташвиш тайёр шуда, ихчам обронӣ баромад, имрӯз серташвиш набуд кораш. Бегоҳ хона рафта, дар ҳалқаи аҳли оила ду-се пиёла чои талх нӯшад, хастагӣ низ ҳатман бартараф мегардад. Дарди пояш ҳам, иншоаллоҳ, амон медиҳад…

«Хадича боғашро аз об бароварда бошад? Ҳоло дар бараш агар Наврӯз мебуд...»

Усто Қамчин баъд аз *он* шаби сард ва боронии тирамоҳ ба Хадича дигар қаробат наҷуст. Вай хуб медонист, ки қавли

ӯ қатъист. Модоме «биёӣ ҳам, аз дар даромадан намемонам», – гуфт, пас намемонад. Ғайр аз ин усто Қамчин бе гумон Хадичаро ҳурмат мекард, ҳатто дӯст медошт. Ва хоҳнохоҳ мекӯшид, ки хотири ӯ ҳаргиз наранҷад, ихтиёраш дар дасту дили худаш бошад.

Баъд мӯҳлаташ расида, як рӯзи баҳорон Хадича фарзанд ёфт. Сиҳат-саломат фарзанд ёфту ба чӣ таънаву маломатҳое ки монд! Ба мардуми наммом ва ғайбатчӣ худо дода буд. Соли дароз фаразу тахмин мерафт, ки кӯдак аз кист, Хадича ба кӣ метавонист пинҳон вохӯрад...

Баъзан усто Қамчин аз чунин гапу калочаҳо дарғазаб шуда, мехост ба ҳар забондароз *фаҳмонад,* ки «бача аз ман аст. Даҳони бефаровезатро боз як бор кушоӣ, сиву ду дандони бадбӯятро ба ҳалқат мефиристам». Аммо вай, дигар тобу тоқаташ намонад ҳам, ин ҳақиқатро ҳаргиз ба миён намеовард. Чаро ки Хадича гаштаву баргашта мегуфт: агар ба ман як қатра ҳурмат дорӣ, сир бой надеҳ... Ва ҳарчанд мушкил буд, усто Қамчин дандон ба дандон гузошта, сир бой намедод.

Хадича аз ҳама бадгӯиҳо худро дур гирифта, писарашро танҳо калон мекард. Шиквае надошт, баръакс – беҳад хушбахт метофт аз насибаи зиндагӣ. Чунин менамуд, ки ҳеҷ як модари олам ба фарзандаш мисли ӯ меҳрубон нест.

Наврӯз дар пеши назари усто Қамчин тадриҷан ба воя расида, дастёри Хадича мешуд.

Вай гӯё дирӯз мактабхон буд; гӯё дирӯз ба аскарӣ рафта омада буд; гӯё дирӯз мошини калхозро ҳай карда мегашт... Нияти хона сохтан дошт. Ва агар Карим-бобо, бештар ба айби худаш, дар таки мошини ӯ ғалтида, аз як пояш ҷудо намешуд, шояд имрӯз ба вай, ба усто Қамчин, лаблаби ин ҷӯйбори дароз обронӣ ҳам мекард.

Бале, Наврӯз ба бисту чор даромад. Лекин то кунун дар деҳа аз бепадарии ӯ гоҳ-гоҳ гап мебарояд.

«Аз бандаҳои кунҷковат гардам, худо...»

Банохост усто Қамчин пай бурд, ки оби ҷӯй аз будаш кам мешавад.

«Ягон беимон баста гирифт, чӣ?..»

Вай пои дарднокашро кашола карда, аз обраҳаи ноҳам-

вор ба ҷониби Кӯшкак метохт ва нафас дар гулӯяш гиреҳ баста, аламовар медид, ки чӣ тавр об торафт гум мегардад.

«Ноинсофҳо...»

Ҳангоме усто Камчин дар зери арақ монда, ба Кӯшкак расид, чашмаш ба Тоҳир афтид, ки як-як қадам партофта, рӯбарӯ меомад. Вай хурсанд буд, хотирҷамъ менамуд.

Усто Қамчин, ки ҳалқаш аз ғояти ҷаҳд месӯхт, дар ҳайрат таваққуф кард.

– Ин ҷо истодаед? – гуфт Тоҳир, яқин давидани ӯро надида.

– Об намонд-ку...

– Офтоб дар кучо – дурусттар нигоҳ кунед, ака.. Рӯз бегоҳ шуд, – бел дар сари китф, хандид Тоҳир. – Обамонро акнун ба работиҳо додем... Навбаташон.

Усто Қамчин ҳам хандид, албатта нахуст ба ҳоли худаш хандид. «Мироб, охир, саҳарӣ гуфта буд-ку: гашти рӯз навбати работиҳо...»

## 9

Вай ба ҳар ҷӯя ток зеҳн монда, боғро чарх зада омаду мамнун ба занаш нигарист.

– Офарин, кампир! Табъи дил об хӯрдааст.

– Секаса ҷон коҳондем, – гуфт ӯ, духтаронашро, ки яке суфа мерӯфту дигаре ба таки дег алав мемонд, хушнуд дар назар дошта.

– Нағз об хӯрда бошад, иншооллоҳ, ангураш ҳам нағз мешавад, – овоз баровард модари усто Қамчин, ки солҳои охир дарди пирӣ мекашид ва дар ин бегоҳирӯз ба болиште такя карда, дар тахтакати саҳни ҳавлӣ менишаст.

Усто Қамчин каме лангида, сӯи кат рафт.

– Боз дарди поятон гирифт? – пурсид аз қафо занаш.

– Эътибор надеҳ, – даст афшонд ӯ ва оҳиста ба лаби кӯрпача нишаст.

– Монда шудӣ? – гуфт модараш.

– Чандон не, – мулоим ҷавоб дод вай. – Худатон бардам?

– Ман ана… шиштаам. Устухонам имрӯз сабуктар.

– Дилатон ягон чиз меҷӯяд?

– Ту таҳтан сода, писарам. Дилам ҳар чӣ ҷӯяд, беибо мепурсам. Келин ҳаст, набераҳо ҳастанд... Худат медонӣ, ки

инҳо, илоҳӣ давлати пирӣ бинанд, куҷо мешинеду чӣ мехӯред гуфта, шабу рӯз дар хизмат...

Ҳамин дам аз кӯча як ғирев баромад.

– Чӣ гап? – парешон бархост усто Қамчин,

– Ба Хадича-апа об нарасид, – гуфт занаш ба оҳанги таассуф. – Баҳси ҳамон моҷаро будагист.

– Об нарасид? Ба Хадича?!

Вай ҷонсарак рӯ ба ҷониби дарвоза ниҳод.

– Нарав, писарам, – гуфт модараш. – Ба ҷанҷоли мардум ҳамроҳ нашав.

Вале усто Қамчин, ки сахт ба ҳаяҷон омада, ҳатто дарди пояшро фаромӯш мекард, қафо нагашт.

Дар кӯча, дар назди ҳавлии Тоҳир, панҷ-шаш нафар сухани якдигарро бурида, ба Холназар, ки аз онҳо дуртар меистод, сурху сафед мешуданд.

Нигоҳи усто Қамчин ҳузури Хадичаро меҷуст.

«Нест вай... Куҷо бошад? Барои чӣ наменамояд?..»

Ҳар ду писари Холназар – Ҳалиму Раҳим низ дар ҳамон ҳалқа буданд.

– Шарм надоштӣ? – мегуфт Қодир-амак, ба Холназар нигариста.

– Худобехабар аст! – мешӯрид Тоҳир.

– Чӣ, барои Хадича боғамро об надиҳам буд? – парраи дасташ шоф, баланд меомад Холназар. – Агар ба ин ҳақ надошта бошам, мардона гӯй, ки ҳақ надорӣ!

– Магар занона фаҳмондам ба ту?!

– Лӯнда намефаҳмонӣ. Сустниҳодӣ…

– Бас, додо, бас, – гуфт қадре беҷуръат Ҳалим.

– Забонатро каш-э, ҷавонмарг! – инак ба тарафи писараш арбада кард Холназар.

Ҳалим дафъатан ҳаросида, худро қафо гирифт.

Холназар пештар рафта, боз ба Тоҳир рӯй овард. Довталаб буд дар ваҷоҳат.

– Ку гап зан, ман ба об хӯрдан ҳақ дорам ё не?

Дар байни ҳозирон махсусан Тоҳир ва мироб, ки аспаш дар канори кӯча истода, ба назар аз ин ғавғо ҳайрон, бетоқат пой мекӯфт, ниҳоят қаҳролуд буданд.

– Ҳой, қалтабон! – гуфт Тоҳир, дасташро ба таки манаҳи

ӯ бурда. – Гап дар ҳақ доштан ё надоштани ту не. Гап дар сари ноодамии ту. Агар заррае инсон мебудӣ, навбати як зани дасттанҳоро гирифта, боз ин қадар пештозӣ намекардӣ.

– Пештозӣ кардам ё не – сирф кори ман! – дӯғ зад Холназар. – Ту ба ман ақл нашав! Пештозӣ, а! Ду писари ман баромада, рӯзи дароз лаблаби ҷӯйбор гаштанд. Об даркор бошад, аз ҷониби *вай* ҳам ягон кас бароянд буд.

– Хадича кӣ дорад, ки...

– Ҳеҷ касаш набошад, миён баста, худаш барояд! – ба сухани Тоҳир бепарво латма зад Холназар. – Вай ҳам дар ҳисоби як хоҷагӣ...

– Э дафъ шав-э! – ба овози гулдуросии худ кӯчаро пур кард мироб.

– Дафъ нашавам, аз дастат чӣ меояд? Ба дор меовезӣ? Аз манор мепартоӣ?

Усто Қамчин як ҷӯшид, ки тохта раваду аз гиребони ӯ гирифта, чор даҳан гапи *равганин* гуфта, аламашро андак фурӯ нишонад. Аммо ба андешаи ҳамсоя ҳастанд, зуд-зуд рӯбарӯ мешаванд, ғайр аз ин вай ана, ба ҳар ҳол... аз ӯ набошад, аз дигарон зиёда талху тунд мешунавад, дар азобе ғазабашро бартараф сохт.

– Бисёр калон нарав, Холназар, – гуфт Қодир-амак. – Мо фитрати туро нағз медонем. Агар писари Хадича ҳозир мебуд, ту асло ин корро намекардӣ. Мисли буз меларзидӣ.

– Шумо як одами бемаънӣ баромадед-ку! – Холназар аз мироб рӯй тофта, ба Қодир-амак нигарист. – Ҳурмати риши сафедатонро пос дорем, ба сари кас метозед, а!

– Аввало ин ки сарат ба худат насиб кунад! Сониян, бемаънӣ ман не, бемаънӣ ту!

– Монед, ака, садқаи сухан шавад вай, – гуфт мироб, даст ба китфи мӯйсафед ниҳода. – Ҳоло боз навбати обдорӣ мерасад... Баъд мебинем, ки алами бенасиб мондан ба кӣ… ва чӣ қадар вазнин будааст.

– Мебинем! Шояд хоб дида, худатро соҳиби мамлакат меҳисобӣ?! Беҳуда, хаёли хом...

– Бас кунед, додо, нағз не...

Ҳалим, ки аз шарм суп-сурх шуда, намедонист ба куҷо сар занад, оҳиста даст ба оринҷи падар бурд. Вале Холназар

дасти ӯро сахт афшонд.

– Нарас!

– Гардед, охир, хона равем.

– Нарас гуфтам ман ба ту бемағз!

– О гуноҳи худатону боз ин тартиб...

Холназар баногоҳ:

– Нохалаф! Кадом писар падарашро гунаҳкор донистааст, ки ту донӣ?! – гӯён кашидаву кушода, ба буни гӯши вай як шаппотии обдор фуровард.

Ҳалим бари рӯяшро қапида, маҷбур аз ӯ дур шуд.

– Беандеша! – гуфт ба заҳрханд Қодир-амак.

Дар болои ҳамин гап, ба даст асо, лангон-лангон Акрами муаллим омад. Омаду рост ба чашмони Холназар нигарист ва дона-дона баён намуд:

– Шумо, додар, аз айбу шарм хабар доред ё не? Оби вай занакро-ку бенавбат баста бурдед. Гуфтем, ки хайр, ин коратон чандон гуноҳи вазнин не. Лекин мани сода имрӯз сад бор аз шумо илтимос кардам: ангурамон об хӯрд – бас, ҳавзамон пур шуд – кифоя; ниҳоят *вай* ҳам боғашро об диҳад, савоб мегиред.... Шумо чӣ? – на пал-пал юнучқа монд, на ягон дарахт монд, на замини партав монд – ҳамаашро аз даст баровардед. Ҳатто ба лойхонаи холӣ об сар додед. Агар инсоф мекардед, ду ҷӯя токи он занак бебаҳра намемонд... Оқибат ғавғо ҳам намехест.

– Ман аз куҷо медонистам, ки ин оби сабил даррав хушк мешавад!

– Медонистед, додар, нағз медонистед.

– Намедонистам.

– Худо худаш шоҳид…

– Як шоҳиди дигар шумо!

– Мани берӯзӣ…

Мироб аспашро савор шуд. Тоҳиру Қодир-амак низ дар тараддуди хона ба хона рафтан буданд. Аммо бародарон гапгузаронӣ мекарданд.

Усто Қамчин ба онҳо дигар эътибор надода, ба ҳавлии Хадича даромад.

...Хадича дастони лоғарашро рӯи зонувон гузошта, ғамгин менишаст. Нигоҳи беифодааш ба чанд ҷӯя токе ки ҳоло

ранги сабзи онҳо тира гардида, ба пиндор «об, об!» – мегуфтанд, ноилоҷ андармон буд. Вай намеҷунбид, гуё дар ҷои худ шах шуда буд.

– Хадича...

– Чӣ гап дорӣ? – аз вусъати боғ чашм наканд ӯ.

– Ғам нахӯр…

– Тарона хонам?!

– Барои чӣ навбатро ба Холназар додӣ?

– Чӣ кор кунам буд? То бел бардошта рафтам, ки маҳкам баста гирифтааст.

– Ту ҳам баста гир буд. Аз дасташ чӣ меомад?!

– Баробар шудан нахостам. Додаршӯй буд як вақтҳо...

– Додаршӯй не, ҳайвон!

– Ғайр аз ин фикр кардам, ки акнун чӣ илоҷ, вай боғашро об диҳад, баъд осуда мебандам.

– Ман саҳар ба ту гуфта будам: ҳушёр ист...

Хадича ҷавобе нагардонд. Ва усто Қамчин дар зери дасти ӯ баногоҳ як лифофаро дид.

– Мактуб?

– Ҳа, аз Наврӯз...

– Ку ба ман деҳ.

– Чӣ мекунӣ?.. Навиштааст, ки сиҳат-саломат, хонасозиро ёд мегирад.

– Хайр, хонда бинам... – «Вай ба ту писар бошад, ба ман ҳам писар!» – Намехӯрам…

Хадича, ки мактубро нишон додан намехост:

– Ҳоло вақташ не, дафъаи дигар мехонӣ, – гуфт ва хаёлманд бархоста, илова намуд: – Ба ту ҳам салом мерасонад.

– Оббо! Бинам...

– Хайр, ана, бин, – ниҳоят розӣ шуд Хадича. – Ягон гапи хушбор надорад.

Пас аз пурсуҷӯи саломатии модар ва изҳори аҳволи хеш Наврӯз қисман навишта буд: «...Ман медонам, ки агар ҳама корро худам мекунам гӯед, бе гумон азоб мекашед: ҳезуму ангишт надоред, боми хонаамон андова мехоҳад, боз ҳоло шабу рӯзи боғобдиҳӣ... Ба додом фаҳмонед, ки баъзе мушкилатонро ба зимма гиранд. Ташвиши тирамоҳ низ албатта кам не… Ҳарчанд бовар дорам – шумо забон накушоед ҳам, аз

каму костамон хабар меёбанд. Бо вуҷуди ин дилам нотинҷ. Афсӯс мехӯрам, ки чаро сари вақт ба он кас чизе нагуфтам. Илтимос, оча, шумо вазъиятро фаҳмонед: ҳеҷ набошад, аз номи ман гап занед. Рӯзгори додом калон, ташвиши бисёр доранд. Метарсам, ки ба кору бори худ овора шуда, мабодо шуморо фаромӯш кунанд... Ман сиҳат-саломат, фақат дар фикри хона каме парешонам...»

Мактуб дар дасти усто Қамчин меларзид.

– Сухани хушбор надорад мегӯӣ?

– …

– Дорад, Хадича, дорад!

– Хайр, нағз…

– Вай *инро* кай боз медонад?

– Панҷ сол шуд...

– Худо акнун меҳрубон бошад!

– ...Аз рӯзе ки ба аскарӣ мерафт.

– Мани гаранг бехабар...

Усто Қамчин мактубро баргардонда, саросема ҷониби дарвоза рафт. Аммо даҳ қадам напартофта, қафо гашт ва аз Хадича бел пурсид.

– Бел чӣ даркор? Ана бел...

– Даркор, бисёр даркор!

Усто Қамчин аз пеши суфа чобук белро гирифт…

Ва дам назада, кӯча баромад.

«Панҷ сол боз медонистааст, ки *ман* падараш... зиндаам. Панҷ соли дароз, а!..»

Вай ба дарди пояш тоб оварда ва гоҳо ба саломи яктанимта раҳгузару бачаҳои деҳа, ки ҷо-ҷо бозӣ доштанд, ҷавоб гардонда, шитобон қадам мемонд ва ба худ мегуфт: саҳар ба саркор ваъда карда буд – имрӯз боғашро аз об мебарораду субҳи фардо бе таъхир ба дашт меравад ва ду-се ҳафта дар он саҳро истода, қатори шаш нафаре ки ӯ ном бурд, барои чорвои калхоз хасу хошок мегундорад.

«Ҳеҷ гап не, як рӯз дер монам, осмон фурӯ омада, ба замин намечаспад. Саркор агар ғур-ғур кунад, буду шуди воқиаро ба миён мегузорам. Вай ҳам одам, мефаҳмидагист...»

Усто Қамчин ба Авлод, ба саргаҳи об мерафт.

Деҳа қафо монда буд.

Ӯ дар тали Тобазор ногаҳон ба хотир овард, ки қади кӯча аз хонааш фонус гирифтан мехост… фаромӯш кардааст. Бе рӯшноӣ шабошаб об баста омадан душвор. Ҳатто азоби алим… Кошкӣ даҳанаву мағокҳо камтар мебуданд! Бозпас рафта, фонусро биёрад, хуб мешуд. Вале қафо гаштан хосият надорад. Хайр, қадам кушодан гирад, канӣ... Чароғаш набошад ҳам, як тоқа об диҳанд, кифоя. Надиҳанд чӣ?.. Не, модом ки ният карда баромад, пас вай об меорад, ҳатман меорад. Зеро хуб медонад – агар ба Авлод расида, ба касе ки дар саргаҳи ҷӯйбор нишастааст, ҳақиқати ҳолро дуруст фаҳмонад, он бандаи худо, дилаш аз санг бошад ҳам, ба як тоқа об додан розӣ мешавад.

Усто Қамчин тали Тобазорро гузашта, ба раҳи Кӯшкак даромад. Вай акнун ба истиқболи кӯҳи бузурге ки девори баланди тирафашро мемонд, лангон пой мениҳод. Дар ин дақиқаҳо атрофу акноф вазнин ба сукут рафта, сар то сари осмони фарқи кӯҳ дар ҳукми шафақ буд.

Ба усто Қамчин фурсате чунин намуд, ки дар муҳити лолагуни ғуруби офтоб беихтиёр ҷавонии Хадичаро мебинад. Ва кулли мавҷудот дар пеши назараш... айнан мисли он ки бисту панҷ сол муқаддам, шаби нарми тобистон, дар зери осмони пурситора рух дода буд, як ҷилои аҷаб латифи кабудфом мегирад. Сараш лоҷарам қадре гирд гашта, аъзои баданаш гӯё дар дами оташ ҳамвора месӯзад.

*1976–1977*

# УМРИ ДАРОЗИ АРЧА

Ҳикояҳо



## ПАДАР

Барфи реза қариб ду шабу ду рӯз шиддат карда, ин саҳар якбора аз дамаш гашта буд. Ва ҳоло, чоштгоҳ, агарчи офтоб аз пушти абрҳои сафед хира-хира рух менамуд, ҳаво бадтар хунук шуда, устухони пирамардро мекоҳонд.

«Ин сармо... ҳа нагӯед, санга мекафонаду вай маҳмаддоно надонам ба кӣ ситеза карда, ҷонаша дар азоб мемонад. Аслан ба номаш фарзанд гап фаҳмондан осон не. Махсусан имрӯз, ки ҳамааш хондагӣ, қонундон, аз чор тарафи дунё бохабар. Ба ивази як даҳан насиҳат... сад даҳан талху тунд мешунавӣ. Эҳа-аа! Се моҳ инҷониб идора ба идора давודаву арзу дод карда, ду ҷувол ангишту як дарза ҳезум рӯёнда наметавонад... Боз мудири китобхона будааст!»

Дар даст ду сатил ангишту зери каш чанд параха пешдаргирон, пирамард кӯчаро сарнишеб шуда, оҳиста-оҳиста назди духтараш мерафт. Ӯ дар тан ҷомаи рангпаридаи сатини сиёҳ ва дар пой мӯзаи намадини бакалӯш дошт; миёнашро ба фӯта маҳкам баста буд. Боди сард фаши саллаву бари ҷомаашро алвонҷ медод; ба риши сафедаш панҷа зада, гӯшу биниашро занбӯр барин мегазид.

«Ҳа-а, зимистон сахт омад, аҷали моли реза шуд...»

Ҳар чизе ки ин дам ба назари пирамард мерасид – ҳам кӯчаи хилвати деҳа, ҳам боми хонаҳои ду бари он, ҳам сари девори ҳавлиҳо, ҳам шохи дарахтон, – ҳама сап-сафед буданд. Вай чашмони камнурашро, ки аз муҳити пурҷилои барф об мегирифтанд, нимпӯш карда, ба эҳтиёт мерафт. Қадамҳояш ноустувор ва қомати баландаш хамхӯрда буд. Ба ӯ нигариста, кас гумон мебурд, ки синнаш аз ҳаштод кам нест. Дар асл пирамард на ҳаштод сол дошт, на ҳафтод... Ва ба гуфти худаш, агар нӯҳ моҳу нӯҳ рӯзи дар шиками модар буданашро аз ҳисоб берун напартоянд, акнун ба шасту се қадам мегузошт. Вале чӣ илоҷ, ки тарбодӣ сабил ӯро бемаҳал пир кардааст.

«...Ҳамин мӯза ҳузури ҷон шуд. Ин зимистон дарди поям

ранги порсола не; тоб овардан мумкин – хеле сар дод ахир! Илоҳӣ Муродам ба дили беғам гардад... умраш дароз бошад. Падарам азоб накашад гуфта, ҳамин мӯзая махсус харида, аз роҳи дур бардошта омаданаш барои ман ҳазор тилло. Давлати пирӣ аз ин зиёд намешудагист...»

Дар пеши дари китобхона, ки дуртар аз магазини деҳа назарногир метофт, пирамард сатилҳоро ба замин монду аз зери каш пешдаргиронро ба даст гирифта, вазнин дарун даромад. Ва маънидор гулӯ афшонда, аввал ба рафҳои китоб, ба мизи дарози алвонпӯш, ки болояш пур аз маҷаллаву рӯзномаҳои гуногун буд, ва баъд ба духтараш, ки дар пушти мизи хурд ва пастаки назди тиреза нишаста, сараш хам... китоб мехонд, чашм давонд.

– Ларзида шиштаӣ?

Духтар китобро як сӯ гузошта, сабук бархост. Тарҳи рӯяш ба чеҳраи пирамард шабоҳат дошта, худ чаққону ситорагарм менамуд. Вай тобистон, пас аз хатми мактаби миёна, ҳамин китобхонаро, ки пештар як рӯз кушода бошад, се-чор рӯз баста мешуд, аз собиқ мудири он – зани ранҷури серфарзанде қабул карда буд.

– Дирӯз гуфтанд, ки пагоҳ мефиристем... Шояд биёранд.

– Шояд... – зери лаб ғурунгид пирамард ва парахаҳоро дар пои бухорӣ монда, оҳиста берун баромад.

– Ташвиш кашидан чӣ лозим буд, додо? – гуфт духтар, вақте ки ӯ, дар даст ду сатили пур аз ангишт, гашта ба китобхона ворид шуд. – Ҳамин қадар беалав шиштам, боз як рӯз тоқат мекардам.

– Як рӯз мегӯӣ? Ҳа-а, духтарам, ту ҳоло хом, беақл... Зӯъмия авло дониста, хунука ба ҳисоб намегирӣ. Баъди понздаҳ-бист сол мефаҳмӣ, ки ҳамин зӯъмӣ бар зарари тану ҷонат будааст. Лекин дер мешавад.

Пирамард сари по нишаст; аз бағалкисаи ҷомааш як қуттӣ гӯгирд бароварда, болои пешдаргирон гузошт. Ва даст ба даричаи бухорӣ бурд.

– Лозим не, додо, худам дармегиронам.

– Агар то ҳол ба гапи ман гӯш дода, аз хона ҳезуму ангишт оварда, хотирҷамъ алав мекардӣ, ин қадар азоб намекашидӣ, – гуфт пирамард ва аз ҷой хеста, бешитоб сӯи

дар рафт.

Духтар гунаҳкорона сар хам карда, хомӯш монд. Ин кори падараш ба ӯ аз сад гапи талх сахттар расида, дилашро такон медод. Ба вай, ки духтарам хунук нахӯрад гуфта, дар ҳамин хел аёс кашола шуда, ангишт ва ҳатто… пешдаргирон овардааст, раҳмаш омад.

...Пирамард рӯ ба ҷониби ҳавлиаш ниҳод; чил-панҷоҳ қадам тай зад. Вале ногаҳон қафо гашт – кампираш таъин карда буд, ки сари роҳ ягон кило чой харида биёрад. Аз ин рӯ ба магазини деҳа даромада, ба фурӯшанда, ҷавони хомфарбеҳи зардина, салому алейк кард.

– Хизмат, амак?

– Чои кабуд дорӣ?

– Ҳаст, аз нағзаш. Чӣ қадар диҳам?

– Як кило...

Ҷавон аз чойқуттӣ башумор бист лӯнда чой гирифта, дар коғазе печондан мехост, ки пирамард:

– Ташвиш накаш, писар, – гуфт ва бари ҷомаашро бардошта, аз кисаи шими пахталаганда рӯймол баровард. Чойро ба он баста, пулашро дароз кард. – Раҳмат.

– Акаи Мурод хат менависанд? Саломатанд?

Пирамард лаҳзае саросема шуд, – гӯё ҳеҷ чиз нафаҳмида бошад, ба рӯи ҷавон нигарист: ҳамчунон чеҳрааш кушода, ӯ даст ба пеши бар гирифта меистод.

– Ҳа, менависад. Сиҳат-саломат...

Вай дурӯғ гуфт ва ҳамон дам аз кораш пушаймон шуда, зуд кӯча баромад. Хаёлаш, ки ҷавон ба чашмони нармнигоҳи худ «ман кӣ будани Муродро медонам, амак. Ин гапатон дурӯғ. Вай ба шумо мактуб наменависад. Падар чӣ лозим ба вай!» – гӯён таъна зад.

Дар ҳақиқат ҳам писараш баъди он ки институтро хатм карда, дар шаҳр ба кор даромад, ягон бор ба ӯ мактуб нанавиштааст. Се сол боз пирамард аз номи вай як парча коғаз интизор; як парча коғазе ки дар он ду даҳан гапи нарм сабт шуда бошад... Мурод дар тӯли ҳамин се сол фақат ду маротиба омада, падарашро хабар гирифт. Аммо пирамард ҳар сол панҷ-шаш карат писарбинӣ наравад, беқарор гардида, ҳатто хобу хӯрро гум мекунад.

«Хайр, ҳеҷ қисса не, ягон рӯз менависад. Ҳоло кораш вазнин – инжинери як заводи калон будан ҳазл не албатта. Дар зери дасти ӯ камаш панҷсад кас кор мекардагист. Ба онҳо роҳу равиш нишон додан лозим. Худаш як дафъа шикоят дошт, ки ба сархорӣ ҳам дасташ намерасад. Ба мани пир хат менависам гуфта, ҳушаша парешон кунад, нағз намешавад. Тору пуди кораша дурусттар ёбад, баъд ана… пештара барин навиштан мегирад... Муродҷонам, шукри худо, фарзанди баоқибат. Баоқибат набошад, ғами мана хӯрда, ҳамин хел мӯзаи намадини олиҷаноб меовард?! О ин ҷо ба ҷо ба дардам даво-ку...»

Вақте ки пирамард қариб ба ҳавлиаш мерасид, аз қафо як газик омада, дар баробари ӯ таққӣ истод. Ва дари он сабук кушода шуда, раиси калхоз, марди аспрӯи батанутӯш, ки дар бар пӯстину дар сар телпаки гӯшакҳояш фуроварда дошт, ба вай салом дод.

– Ваалайкум ассалом, раис. Мондаҳо?

– Як навъ, амак. Аз худатон пурсам...

– Аҳволи ман бад не... Лекин пӯсткандаи гапа гӯям, аз шумо камтар гила дорам.

– Чӣ шуд? – хандид раис. – Шояд аз ҷониби мо ягон кӯтоҳӣ сар зад?

– О ҳамон китобхонаи аслан заҳ зимистони дароз рӯи алава надидааст...

– Ман фармудам, амак, духтаратон худи ҳамин рӯз ангишту ҳезум мегирад. Тобистон ба умеди идораи ҷамоат шуда, китобхонаро аз ҳисоб берун мондаем. Ин гуноҳи мо.

– Идораи ҷамоат ба умеди калхоз... – даст афшонд пирамард. – Хайр, аз кор гап занед.

– Корамон ба таъриф намеарзад. Ҳамин барф моро хеле бесаришта кард.

– Ҳа-а, барфи калон ғалтид. Аёсаша намегӯед! Чорво дар чӣ ҳол? Хӯрок ҳаст?

– Беда дорему казоӣ не. Се мошин як ҳафта боз аз Хайробод сабӯсу кунҷора мекашад. Шофирҳо хуб ҷон канда, ҳар шабонарӯз ба азоб ду бор рафта меоянд; раҳ дур, ҳаво хунук, яхбандӣ...

– Сахт истед, раис. Ҳа нагуфта баҳор мерасад. Азоби зи-

мистон сабақ шуда, минбаъд ғами хасу хошока дурусттар мехӯред. Китобхона ҳам аз ҳисоб берун намемондагист.

– Албатта, – боз хандид раис ва дарҳол, чунон ки нохост ба сараш фикре омада бошад, илова намуд: – Нағз, ки вохӯрдем. Шаб писаратон Мурод занг зада буд. Саҳар ба шумо мерасонам гуфта, фаромӯш кардаам. Ташвиши бисёр...

– Мурод занг зад?! – ҳайрон шуд пирамард. – Чӣ гуфт?

– Падарам зуд биёянд...

– Э-эъ! Чӣ кораш будааст, напурсидед?

– Ҳамдигарро дуруст шунида натавонистем. Ҳамин таъинашро базӯр фаҳмидам.

– Тавба... Мабодо ягон воқиаи нохуш рӯй дода бошад!

– Тинҷӣ будагист. Фарзанд-дия, эҳтимол шуморо пазмон шудааст...

– Не-е, – гуфт пирамард ошуфта ва акнун худ ба худ суханашро давом дод: – Ягон гап набошад, дар ин сармо барои чӣ чеғ мезанад? Ё тобаш гурехт...

– Парешон нашавед, амак. Аввал обро дида, баъд мӯза кашед. Хайр, ман аз паи кор... Узр, ки саҳар инро ба шумо расонда натавонистам.

Раис дари мошинро пӯшид.

– Илоҳӣ офият бошад, – зери лаб пичирос зад пирамард ва хиратабъ ба ҳавлиаш даромад.

Вай дар хона ба кӯрпачаи назди бухорӣ нишаста, хеле ба андеша рафт. Дилаш торик мешуд, хаёлаш ба саду як кӯча сар мехалонд.

Ба Мурод чӣ воқиа рӯй дода бошад? Барои чӣ дар ин зимистони қаҳратун ногаҳон ӯро дидан мехоҳад? Вай чунин одат надошт. Дар муддати ҳашт соле ки аз назараш дур аст, ягон маротиба ба телефон, ё худ нома навишта... ӯро даъват накарда буд. Дуруст аст, ки вақте мехонд, гоҳ-гоҳ, ҳамон ҳам агар бепул монад, хату хабар мефиристод. Вале таҳсилашро дар институт ба охир расонду аз вай дигар мактуб наомад... Кораш нағз буд, рӯзгораш ҳам осуда. Боз чӣ гап шуданаш мумкин?

Фикр карда шиштан фоида надорад. Ҳар чӣ бошад, илоҷе ёфта, ба раҳ даромадан лозим. Агар ин гапро саҳар мефаҳмид, беташвиш ба автобус савор шуда, то худи Хайробод

мерафт; он тарафаш осон, ҳатто поезд ҳаст. Акнун, баъди нисфи рӯз, автобус намегардад. Чӣ кор кунад? То Хайробод ҳафтоду панҷ километр! Бахташ тофта, ягон мошини раҳгузар рост ояд, айни муддао мебуд.

Пирамард «се мошин як ҳафта боз аз Хайробод сабӯсу кунҷора мекашад», – гуфтани раисро ба хотир оварду аз ҷой хеста, ба айвон баромад. Ҳамсараш, зани тахмин панҷоҳсолаи ситорагарм, ки ба пичаҳояш сафедӣ дамида буд, дар як гӯша ҷомашӯӣ мекард. Вай ба ин зан, ки шавҳараш дар ҷанг ҳалок гардида, новақт бева монда, маҷбур дар хонаи падараш мезист, бист сол муқаддам, баъде ки модари Мурод аз варами шуш баногаҳ вафот кард, хонадор шуда буд. Мурод он маҳал нав ба ҳашт қадам мегузошт. Ӯро ҳамин зан кам надид ва чун ба фарзанди худаш меҳр баста, бе ягон иллату миннат ба воя расонд.

– Хез, очааш, ба ман либоси тоза деҳ. Душанбе меравам...

– Кӯча баромада, гапи ёфтаатон ҳамин? Дар ин яхбандӣ Душанбе рафта… чӣ кора буд мекунед?

– Писарат шаб ба хонаи раис занг задааст, ки падарам зуд биёяд...

– Хайрият?

– Намедонам, занак. Хотирам парешон шуд, ба саду як гумон рафтам, – гуфт пирамард ва беихтиёр ба хавозаи токи пеши айвону дарахтони себи рӯи ҳавлӣ нигарист, ки дар зери барф монда, мисли одамони кулфатгазида маҳзун метофтанд. – Хез, зуд бош! Ман камтар мева гирам.

Зан дастонашро пок карда, ба хона даромад.

Пирамард сабадча бардошта, сӯи анбор рафт. Он ҷо дар се чойқуттӣ хеле себи тирамоҳиро ба реги бехта гӯр карда, дар ду бари як болор шаст-ҳафтод сар ангури тоифиро ба мехчаҳо овехта монда буд. Барои ҳар эҳтимол... Чандин сол боз одаташ ҳамин – як қисм себу ангури боғашро то охири зимистон нигоҳ медорад.

Вай ба таки сабадча каме хас партофта, реги аввалин қуттиро ба замин рехт. Ва аз он ду рада себи сурхи бенуқсро якта-якта дар кафи даст пок карда, ба сабадча андохт. Сипас қуттии холиеро чаппа гузошт ва болояш баромада, аз болор чанд сар ангур ҳам гирифт... Сабадча пур шуд. Аз

ошхона як дастархони пашмин оварда, ба рӯи сабадча партофт ва гирдогирди онро ба эҳтиёт, то ки ангур осеб набинад, ба дарун хаст. Ҳамин дам ба димоғаш лаҳзае бӯи харбуза расиду сар бардошта, ба чор ҳадди сақфи анбори нимторик чашм давонд.

«Шояд ягонта монда бошад, фақат бӯяш не... Ана, якта будааст».

Ӯ қуттии холиро ба кунҷи анбор бурд. Боз болояш баромада, банди лухро, ки харбуза дар он овезон буд, аз мехи болор ҷудо кард ва назди дар оварда, дар равшанӣ ба ин тарафу он тарафаш нигарист. Харбуза аз пеши думчааш ба қадри ангушт вайрон шуда буд.

«Ҳеҷ қисса не, мебарам. Дар ин чиллаи зимистон харбузаи сиҳат дар куҷо?!»

Пирамард сабадчаву харбузаро, ки бардоштанаш осон шавад гуфта, лухашро накушода буд, аз анбор бароварда, дар таки айвон гузошт. Баъд сарулибоси тоза пӯшида, ба умеди мошин кӯча баромад.

Вай то нисфи рӯз дар дами дарвозаи ҳавлиаш истода, вазнашро гоҳ ба як пой ва гоҳ ба пои дигар андохта, бетоқат раҳ поид. Аммо қасд кардагӣ барин ягонта ҳам мошин намегузашт...

Пирамард умедашро канда, ба табъи ноҷӯр акнун хона даромадан мехост, ки аз дур як мошини боркаш намуд.

«Худо хоҳад, корам омад мекунад», – чеҳрааш равшан гардида, аз дил гузаронд ӯ ва зуд даст бардошт.

Мошин омада истод. Чархҳои ақибаш занҷирпеч буданд. Дари кабина, ки болояш як ваҷаб барф дошт, кушода шуда, шофир берун баромад. Вай хеши дури пирамард буд.

– Бахайр, Абдурашид?

– То Хайробод, амак, боркашӣ. Саҳар рафта натавонистам, мошин вайрон шуд нохост...

– Мана ҳамроҳ намегирӣ? Акаи Муродат чеғ задааст.

– Ҷо банд-ку, амак. – Рашид ба ишораи сар кабинаро нишон дод. – Ҳамсояамон... Писараш дар Хайробод зиндагӣ мекунад, тӯй доштааст.

Пирамард инак дар кабина як пиразанро дид, ки аввал аз паси оинаҳои каме тира чашмаш нагирифта буд. Лаҳзае муз-

тар монд, баъд катъӣ гуфт:

– Хайр, дар болояш меравам.

Рашид лабханд намуд.

– Шамоли мошин ганда, хунук мехӯред.

– Ту розӣ бошӣ, коре карда... то Хайробод мерасам.

– Майлатон, амак. Лекин азоб мекашед.

– Дигар чӣ илоҷ, рафтан лозим.

Пирамард ба ҳавлӣ даромада, каме пас сабадчаву харбузаро бардошта омад.

– Боратон ҳам вазнин будааст.

Рашид аз дасти ӯ харбузаро гирифта, ба даруни кабина, назди суръатбардор монд. Баъд боло баромад. Сарпӯши қуттии чӯбинро, ки дар пешгаҳ ба борти мошин ҷафс шуда меистод, осон кушод; аз дохилаш як чодари брезентиро берун оварда, ба ҷои он сабадчаи пирамардро андохт. Ва сарпӯши қуттиро гашта маҳкам кард.

Пирамард ба мошин савор шуд.

– Аз боло шинед, – гуфт Рашид, ба чашм қуттиро нишон дода. – Шамолпанаҳ. Агар хунук хӯред, брезента ба саратон кашед. Нағз, ки мӯзаи гарм доред.

Вай ҷаҳида фуромад.

Мошин пеш рафт ва тақрибан пас аз даҳ дақиқа, баъде ки раҳи каҷмакаҷи тали Шерон оғоз ёфт, ҳаракаташро хеле суст кард.

«Ин ҷойҳо хавфнок, махсусан дар зимистон, – мулоҳиза меронд пирамард, ба гашти мошин зеҳн монда. – Шерони дарди сара сиҳат-саломат гузарем, он тарафаш душвор не. Рафторафт дара бошад ҳам, раҳаш ҳамвортар... Азоби шофирҳо ҳисоб надорад. Мудом дар сафаранд – ҳам дар сармову ҳам дар гармо. Рафту дар ягон нимароҳи хилват мошинашон вайрон шавад, азоби сага мебинанд».

Мошин оҳиста-оҳиста, гӯё хазида, ба фарози Шерон мебаромад. Ба гӯши пирамард, ки ҷуссаи наҳифаш дар ҳавои гашти он такон мехӯрд, ғуриши гӯшхароши матору садои якнавохти занҷири чархҳо мерасиданд. Дар поин, дар домани тал, хонаву ҳавлиҳо ва боғоту майдонҳои барфпӯши деҳа тӯл кашида буданд. Худи он дар иҳотаи адирҳои баланд тасмаи бузурги нуқрафомро ба хотир меовард. Аз ҳар ҷо-ҳар

ҷои ду бари раҳ пуштаву харсангҳои сап-сафед, ё ҷариву камарҳои сангини қисман аз барф орӣ ба чашм мерасиданд.

Пирамард ба манзараи якрангу дилгиркунандаи атроф назар андохта, ба хаёл рафт. Охирин бор ӯро хабаргирӣ омадани писарашро ба ёд овард; ба ёд овард, ки вай ду моҳ қабл аз ин, дар тангии тирамоҳ, ҳамроҳи занаш омада буд.

Сим-сим борон меборид он рӯз. Ҳаво андак хунук буд. Пирамард, ки қариб як моҳ боз – баробари намӣ фуромадан – дарди пояш аз нав боло гирифта, ночор азоб мекашид, дандон ба дандон монда, дар ошхона ҳезум мешикасту Муродро фикр мекард. Фикр мекард, ки вай аслан бачаи баақлу ҳуш... Лекин чаро дар мусофират мегардад? Барои чӣ кӯчида намеояд? Агар ҳозир мебуд, ба кору бораш ҳамдастӣ карда, қуввати дил мешуд... Ғайр аз ин, ягон рӯз пирамард ҷон ба ҷаббор диҳад, то даме писараш хабар ёфта, аз Душанбе барин шаҳри дур расида меояд, эҳа... мардум ӯро ба қабристон мебаранд ва *нури* дидааш наметавонад пеш-пеши тобуташ равад. Магар вай ба ҳамин ният фарзанд калон кард? Вақте ки Мурод мехонд, пирамард умед дошт – фардо писараш одам мешаваду орзуҳои дар ҷавонӣ, дар солҳои нотинҷ ба бод додаи ӯро аз нав зинда мегардонад; ниҳоят, дар аснои пирӣ, каме бошад ҳам, вай аз ташвишу тараддуди рӯзгор фориғ мешавад, дар сояи фарзанд роҳат мекунад...

– Акаам омаданд, акаам! – гӯён хушҳол ба ошхона қадам мондани духтараш хаёли пирамардро бурид.

Вай саросема ба рӯи ҳавлӣ баромад ва писару келинашро дида, мутаассир шуд; ба чашмонаш ашк давид. Вале ба зудӣ рӯҳаш сабукӣ ёфт, гӯё ҳаргиз пояш дард намекард. Ба чеҳраи хандон, ба қаду қомати мутаносиб ва либосҳои зебову гаронмояи онҳо нигариста, ҳай болид. Ба хусус ҷомадонро кушода, чанд кило қанду набот ва ҳамин мӯзаи намадинро бароварда додани Мурод сари ӯро ба осмон расонд.

Он бегоҳ бисёр касон писарашро диданӣ омаданд. Пирамард дар меҳмонхона дастархон густурда, лаълӣ-лаълӣ обу мева ва ширавор гузошт. Ва баъди он ки фурсате ба Мурод ва ҳозирон сӯҳбат карда нишаст, духтарашро як тараф ҷеғ зада, оҳиста фармуд:

– Зуд рафта Мӯҳсин-қассоба гирифта биё. Акаам омада-

анд, як гӯсфанд дорем, кушта диҳед гӯй.

Духтар, ки аз дидори бародар чеҳрааш шукуфта, чашмонаш барқ мезаданд, давида ба хонаи қассоб рафт.

Пирамард лаган бардошта, поини боғ фуромад ва болои як ток ангури дороиро, ки «писарам агар биёяд, чашида меравад», – гуфта, аз барои хунук нагирад хаспӯш карда, ба рӯяш чодар партофта монда буд, ба эҳтиёт кушод. Ангурашро дудаста канда, ба лаган андохт. Охирин боғбонро, ки аз таки панҷа барин барги зардчатоб базӯр намуда меистод, низ беозор гирифта, махсус чашида дид.

«Нағз, хунук асар накардааст. Ризқи Муродҷонам бутун будааст».

Вай аз лаган ба ду лаълии калон ангур кашид.

– Ман ба шумо шаҳрама додам, – гуфт пирамарди ҳамсоя, як шингил ангур хӯрда. – То ҳол дар ток нигоҳ доштаед, а! Обаш ҳам баҷо.

– Набераатон агар биёяд, аз ток канда хӯрад гуфта, эҳтиёт карда будам. Мана, хости худо будааст, имрӯз даҳанаш расид, – гуфт ӯ ва ба оҳанги ифтихор аз паҳлуи писараш масрур нишаст.

Пас аз каме қассоб омада, гӯсфандро сар зад.

Ва то як поси шаб пои хешу табор, дӯстону ҳамсояҳо аз хонаи пирамард канда нашуд. То метавонист, вай ҳамаро хуш қабул кард. Шӯрбову палав фармуда, иззату эътиборашонро ба ҷо овард.

Рӯзи дигар Мурод ҳамроҳи занаш ба кучаое меҳмонӣ рафт ва бегоҳ, ҳангоме офтоб ғуруб мекард, ширакайф баргашта, ба пирамард гуфт, ки дар маркази шаҳрак як ошнои калоншаванда дорад; ӯ мошин ваъда кард; онҳо худи ҳамин шаб ба роҳ мебароянд...

– Алавгирӣ омада будӣ? – пурсид пирамард, аз ин қарори писараш озурда.

– Вақтам танг, додо. Фардо ба истироҳат меравам, канори Баҳри Сиёҳ... Пешакӣ билет харида будам.

– Ман ба ту гап доштам. Фурсат нашуд, ки...

– Гапатонро бемалол гӯед. То омадани мошин ҳоло вақтамон ҳаст.

Он бегоҳ пирамард ба андешаи «гӯям ё нагӯям?» – хеле

фикр карда нишасту ниҳоят, чунон ки бори гаронеро аз китф партофта бошад, як нафаси чуқур кашида:

– Писарам, – гуфт, – қариб ҳашт сол мешавад, ки ту аз ман дур... Панҷ соли дароз хондӣ, аз рӯи ёфтам каму беш ёрдам додам. Баъд дар шаҳр монда, ҳамин қадар кор кардӣ... Бас будагист.

– Ин гапатон чӣ маънӣ дорад?

– Маъниаш – кӯчида биё, ба мо саробон шав. Ту писари яккаву ягона... Ман акнун пир шудаам, офтоби сари кӯҳ барин. На дар дастам зӯр мондааст, на дар чашмам нур.

– Хоҳарам ана... калон шудааст, алоқадри ҳол ба ташвиши рӯзгоратон шарик... Маишататон ҳам баҷо, нафақа мегиред... Боз чӣ камӣ доред? Худатон медонед, ки ба ман аз ҷигари шаҳр хона доданд, вазифаам нағз. Пас... ин ҷо омада, чӣ кор мекунам?

– Дар калхоз кор мӯл. Дилат калхоза нахоҳад, дар ягон идораи дигар кор кун. Ғайр аз ин... магар кора нағзу бадаш ҳаст? Гап агар дар сари манзил бошад, дар ин ҳавлӣ ду-се оила бемалол мегунҷад. Хонаи бисёр...

– Не, додо, ин фикратон хом. Мардум орзу доранд, ки дар шаҳр ҷойгир шаванд... Ман хонаву дари тайёрро пушти по зада, чӣ хел ба ин сангистон кӯчида биёям? Дар ин ҷо чӣ хушвақтӣ ҳаст?!

Пирамард оташин шуда, хост «аввал андеша, писарам, баъд гуфтор... Ту аз осмон наафтидаӣ. Ту дар ҳамин ҷо зоида шудӣ, дар ҳамин сангистон ба воя расидӣ», – гӯён мазаммат кунад ӯро. Вале аз чӣ бошад, чанд тора мӯйлабашро зери дандон гирифта, фақат ба сукут рафт.

– Шумо ғам нахӯред, ман аз ҳолатон бохабар шуда меистам, – гуфт Мурод ва аз кисааш як биступанҷсӯма бароварда, ба вай дароз кард.

Пирамард ҳарчанд:

– Лозим не... Истироҳат рафтанӣ бошӣ, албатта серхарҷ мешавӣ. Барои ман аз сад молу маноли дунё дар наздам буданат авло, – гуфт, писараш онро зӯран ба дасти ӯ қапонд.

– Кам аст, лекин хафа нашавед. Дар пеш сафар дорам...

Ин дам ҳамсари пирамард, ки ба гуфтугӯи онҳо ҳайрон гӯш дода меистод, ба китфи Мурод як ҷомаи беқасаб андохт.

– Ният карда дӯхта будам. Дар рӯзҳои нек пӯшед.

Вай ба пеши келинаш ҳам, ки вақти аз киса пул баровардани Мурод номаълум рӯй турш карда, нигоҳашро асабиёна мегурезонд, як либосвор атласи тоза монд.

Аз байн ним соат нагузашта, мошини ваъдагӣ омад...

Ва онҳо рафтанд; рафтанду пирамард, мисле ки нохост ягон чизи бағоят пурмояро аз даст дода бошад, дилаш сиёҳ шуда, дар бадали чанд рӯз ҳушу ёдашро дигар ғундошта натавонист.

...Мошин тали Шеронро қафо гузошта, ба дара дохил шуду гашташро тезтар кард. Деҳа дар пушти баландиҳо аз назар нопадид гардид. Шақароси занҷири чарххо ва ғуриши матор паст рафтанд. Шаххои алаи ду тарафи дара ба чашми пирамард ҳавлангез менамуданд. Шамоли раҳ гӯшҳояшро лесида, дар болои сараш ғуввос мезад.

Вай хунук хӯрд. Миён, сари шона ва буғумҳои дасту пояш зириқ-зириқ ба дард омаданд.

«Агар ин мӯза намебуд, корам мепухт», – аз дил гузаронд ӯ ва ҳамон лаҳза дар пеши назараш сурати Мурод падидор гашт. Ба пирамард чунин намуд, ки чашмони калон-калони равшан, абрувони пайваст, мӯйсари ба диққат шонахӯрдаи қатронӣ, бозувони бақувват, ранги гарданбанд ва ҳатто аз ҷомадон ҳамин мӯзаи намадини бакалӯшро берун оварда, чӣ тавр ба дасти ӯ додани писарашро баръало мебинад.

«Умраш дарозу ризқаш фарох бошад. Ба мани мӯйсафед дигар чӣ лозим? Доғи фарзанда надида равам, давлати калон... Одам пир шуда, ба хотири ҷамъ аз дунё чашм пӯшад, ҳеҷ қисса не. Ин дар зиндагӣ мисли ҳар саҳар аз хоб хеста, ором дастурӯй шустан, ё худ ҳар рӯз се маротиба таом хӯрдан як чизи муқаррарӣ. Мазмун – одам ба ин дунёи домангир аз як дарвоза даромада меояду аз дигараш баромада меравад. Лекин рафтан то рафтан фарқ дорад. Вақте ки каси пешомада пеш меравад, аламаш камтар. Пири фартут бошиву гул барин фарзандат туро партофта равад, аз ин рӯзи сахттар нест. Шояд аз ҳамин сабаб доғи падару модар мерос, доғи фарзанд теғи алмос мегӯянд».

Вай саллаашро кушод ва ду печи онро аз болои гӯшҳояш гузаронда, аз нав баст. Ангуштони карахташро ба нафас гарм

карда, кафҳои дурушташро муддате ба ҳам совид. Бо вуҷуди ин бештар хунук мехӯрд. Вале шукр, ки пойҳояш ҳанӯз қадре гарм буданд.

«Ҳеҷ гап не, ҳамин замон ба Хайробод мерасем...»

Пирамард агар аз чашм дур будани писарашро, ки аз ин ваҷҳ гоҳо ғусса мехӯрад, истисно кунад, аз ӯ шиквае надорад. Баръакс хурсанд аст, ки Мурод ҳамин сурат як фарзанди кордону дидадаро ва чор кас ҳавас мекардагӣ... Аммо келинаш гапи дигар. Вай аз қабили нафаронест, ки қадру қимати инсонро ба як пули пуч намегиранд. Барои ӯ аз дидори пирамард дида даҳ тин ғанимат аст. Рафту ба хонааш меҳмонояду аз ҳарвақта зиёдтар дегу табақ кунад, мӯлтар ташвиш кашад, дилаш ҳатман сиёҳ мешавад. Лекин рӯяш хандон метобад, ботинашро ҳаргиз намекушояд... Чӣ ҷои гап? Фарзанд дар ҳар кор пеш аз ҳама ба падару модар тақлид мекунад. Падару модараш ки латтапарастанду ба зоти одам рӯихуш намедиҳанд, вай ҳам айнан ҳамин хел... Омада-омада Мурод ин гуна ҷуфти ҳаринаро аз куҷо ёфт? Тавба! Дар як муддати кӯтоҳ дили касро фаҳмидан осон набудааст. Пирамард то порсол гумон дошт, ки бахти писараш хандид – ба зани оқилаву басаришта ҳамхона шуд. Аммо баъдтар пай бурд, ки хато кардааст...

Мошин хамгаштеро гузашта, дар роҳи танги байни ду шахи баланди ситеғ, ки дар болои сар гӯё овезон буданд, ногаҳон истод. Рашид ҷаҳида аз кабина фуромад ва сарпӯши маторро бардошта, каллааш хам, як дам ба коре машғул шуд. Сипас онро сахт пӯшиду гирди мошин гашта, ба нӯки мӯзааш чархҳоро тарс-тарс кӯфта, қаноатманд табассум намуд. Ва ниҳоят болои поймонак баромада, аз паҳлуи кабина ба пирамард нигарист.

– Хунук хӯрдед, амак?

– Ҳа, писар...

– Шамоли мошин камтар шавад гуфта, оҳиста рондам. Акнун тоқат лозим, баъди ягон соат мерасем, – гуфт Рашид ва пӯстинашро аз тан бароварда, ба ӯ дароз кард. – Ба китфатон партоед.

– Худат чӣ?

– Кабина шамолпанаҳ... Сари вақт додан даркор буд. Чӣ

шуд, ки фаросат накардаам.

– Умрат дароз бошад...

Вай пӯстинро ба китф партофт ва дастонашро дар остини ҷомааш даруntар кашида, вазнин нишаст.

Матор ғурида, мошин ба ҳаракат омад.

Пирамард дар хотир овард, ки порсол як сатил ангури чилагиву чор харбуза гирифта, ба хонаи писараш рафт. Ду рӯз истода, бозору магазинҳои шаҳрро тамошо кард. Рост аст, ки дар ин муддат келинаш «амакҷон, ин ҷо шинед, амакҷон, он ҷо шинед», – гуфта, дар гирдаш парвона шуд; меҳрубониҳо карда, иззаташро ба ҷо овард. Пирамард аз ин адаби вай курта-курта гӯшт мегирифт. Аммо… ҳар чӣ хӯрда бошад, рӯзи сеюм аз даҳону биниаш омад.

Баъди субҳона ӯ ҷома пӯшида, дар даҳлез келину писарашро, ки ба хонаи дигар гузашта буданд, мунтазир меистод. Ҳамин вақт ногаҳон ба ёд овард, ки кордчаашро дар лаби тирезаи меҳмонхона фаромӯш кардааст.

Пирамард вориди меҳмонхона шуд ва онро гирифта, бозпас баромаданӣ буд, ки аз хонаи хоб беихтиёр овози келинашро шунид.

– Ҳар боре ки мебиёянд, аз гирди дегу табақ дур намешавам, – менолид вай. – Аз хӯреду нӯшед гуфтан даҳонам мӯй мебарорад. Боз чӣ кор кунам?

– Гуфтам-ку: ташаккур, ҳазор раҳмат... Ҳоло сари маро пеши дор набурда, сӣ сӯм деҳ. Мӯйсафед интизор, – ба овози ларзон ҷавоб гардонд Мурод.

– Бори дигар медиҳед. Бе ин ҳам ба гарнитур намерасад. Падарам як моҳ пеш ба мудири база аҳду паймон бастаанду шумо ҳеҷ не ки пулашро бурда...

– Гарнитур гуфта, устухонамро сафед кардӣ! Ту кай аз чизи дунё сер мешавӣ?!

Кайфаш тамоман парида, пирамард кордчаро ба кисаи камзӯлаш андохт ва лаб газида, оҳиста ба саҳни ҳавлӣ баромад.

Пас аз чанд дақиқа онҳо – зану шавҳар – ӯро то истгоҳи траллейбус гусел карданд. Мурод карахт буд, вале дар чеҳраи занаш табассум мешукуфт...

Ҳар гоҳе ки пирамард ин воқиаро ба хотир орад, дарун-

дарун ғам хӯрда, дилаш ба Мурод месӯзад. Фикр мекунад, ки ба вай пулу моли писараш не, балки умри ӯ даркор. Наход келинаш ҳаминро нафаҳмад? Наход пирамардро дастнигар гумон барад?.. Ва ҳарчанд худро тасаллӣ медиҳад, ки гапи он заифа кирои ранҷидан надорад, вай ҳоло хом... шояд ба дарди рӯзгор шуда, ин гуна хато рафта буд, – тану ҷонашро як ҳисси мағшуш, ки онро озурдахотирӣ ё гиламандӣ гуфтан ҳам душвор аст, зуд-зуд ба исканҷа мегирад.

...Мошин дараро ақиб партофта, сарозер шуд ва рӯдхонаи на чандон калонро, ки аз сабаби обаш шӯр будан Шӯрсой меномиданд, дартоз гузашта, ба дашти фарох баромад. Оби сой дар ҳамин хел аёс ҳам ях набаста, барфи соҳилҳояшро шуста, ором ҷорӣ мегардид.

Пирамард дар ҷояш нимхез шуда, аз паҳлуи кабина як дам ба пеш нигарист. Ва тақрибан дар масофаи се километр дуртар аз мошин чанд бинои хурду бузурги нимистгоҳи Хайрободро дид, ки ҳама дар васати дашти барфпӯш дарбеҳи ночаспонро мемонданд.

Аз рӯбарӯ боди сард вазида, чеҳраи пирамардро сӯзонд. Ва ӯ… ба чашмонаш об давида, худро дар пӯстини Рашид дурусттар печонду ғунча шуда, боз дар ҷояш нишаст. Манзараи якранги атроф, ки аз гашти мошин гӯё гирд мегашт, сарашро андак ба чарх овард.

Пирамард ба ангуштонаш пуф карда-пуф карда, дастонашро хеле молиш дод. Сипас нигоҳи хирааш ба Шӯрсой бархӯрд – вай торафт аз мошин қафо монда, дар муҳити қанди сафед барин барфи тоза ресмони дарози хокистаррангро ба хотир меовард. Ҳамзамон дар пошнаи шаххҳои дара муносиб афтида, онҳоро аз паҳнои даште ки охираш ба уфуқи дур ва туманолуд мепайваст, баръало ҷудо карда меистод...

*

Пирамард дар назди иморати бисёрошёна, ки дар канори яке аз кӯчаҳои васеъ ва чароғони шаҳр қад афрохта буд, фурсате таваққуф намуда, озод нафас гирифт. Баъд сар бардошта, ба тирезаҳои хонаи писараш чашм партофт: онҳо ҳама тира метофтанд.

«Наход дар хона набошанд», – аз дил гузаронд ӯ ва шитобон ба иморат даромада, аз зинаҳои сангин пойҳои бемадорашро базӯр кашола кардаву нафастанг шуда, ба ошёнаи сеюм баромад. Сабадчаву харбузаро ба замин гузошта, тугмаи зангро, ки дар паҳлуи даревоси дари чармбаст мисли садаф менамуд, оҳиста пахш кард. Аз дарун ба гӯшаш садои пасти занг расид. Як дам мунтазир шуд. Дигар на садое омад, на шарфаи пой.

Тугмаро боз пахш кард. Бефоида...

«Куҷо рафтаанд? Шояд ҳамсоя медонад».

Вай тоб хӯрда, ба дари дуюм, ки дар муқобили дари писараш воқеъ буд, наздик шуд ва ангушти ишораташро ба тугмаи занг бурд. Вале худи ҳамон лаҳза дар дил «рафту хоб бошанд, ташвиш додан хуб не», – гуфта, даст кашид. Ва чӣ кор карданро надониста, музтару мутаҳайир каме рост истод. Пас андешаманд аз бағалкисаи ҷома соаташро бароварда дид, ки ёздаҳ шудааст.

«Ин чӣ сарсонӣ? – пичирос зад ӯ, соатро гашта ба кисааш андохта. – Падарам зуд биёянд гуфта, тилфон кардаасту худаш дар хона нест... Эҳ-ҳ, фарзанд, фарзанд! Илоҳӣ офият бошад, а...»

Пирамард поин фуромадан хоста, ба сӯи зинапояҳо қадам партофт. Аммо ҳамин дам аз хонаи ҳамсоя баланд-баланд ҳарф задани занеро шунида, ба маънии «хоб набудаанд-ку» абру барҳам кашид; пас тугмаи зангро пахш кард.

Дар фавран боз шуда, дар остона як зани лоғарандоми малламӯй, ки ба гирди чашмони хурд-хурди беқарораш ранги кабуд молида, дар бар куртаи сурхи чархи гиребонаш кушод ва доманаш аз зонувон як ваҷаб боло дошт, густох намоён гардид. Ва сар то пои пирамардро ба нигоҳи шубҳаомез чен карда, дағалона пурсид:

– Ба шумо кӣ даркор?

– Духтарам, ман падари Мурод...

– Муродатон кӣ?

– Ҳамсоят...

– Хайр?

– Аз дур омадам. Лекин хонааш маҳкам. Намедонӣ…

– Ман аз куҷо донам?! Аҷаб одами беандеша будаед.

– Духтарам, ман пурсиданӣ, ки...

– Гуфтам-ку: намедонам! Аз ман дигар ҳеҷ чиз напурсед! Дар ин нисфишабӣ беҳуда занг зада, ба асаби кас сӯзан халондан нағз не!

Зан лабонашро каҷу абрувонашро чин карда, дарро ба рӯи вай сахт пӯшид.

Пирамард аз чунин муомила, ки болои сӯхта намакоб буд, ниҳоят ошуфта шуд ва ба ду даст рӯймоли миёнбандашро дошта, зери лаб «тавба, тавба!» – гӯён карахт берун баромад. Ва дар он ҷо, дуртар аз дари дутабақаи вурудгоҳ, ки ба дами шамоли сард тоб наоварда, беист пасу пеш мерафту гӯё ба ҳоли ӯ раҳмаш омада, оҳиста ғиҷирос мезад, як хараки пастро дид; ба остини ҷомааш барфи онро рӯфта нишаст. Ва аз зӯри сармо гарданашро даруни гиребон кашида, ба он тарафи кӯчаи ҳанӯз сермошин, ба иморатҳои азиме ки дар лаби бом ё дар пештоқашон ифодаҳои калон-калони таблиғоти неонӣ ба ҳар ранг фурӯзон буданд, дер гоҳ хаёломез чашм дӯхт. Пас ҳарфҳоро ба ҳам ҷанг андохта, чанд рекламаро як-як хонд: гӯшт, шир, равған... Гӯгирдбозии кӯдак боиси сӯхтор мешавад... Молҳои сантӣ...

«Сантиаш чӣ бошад? – гуфт ӯ ба худ ва хеле фикр карда, оқибат ҷавоб ёфт: – Саноатӣ будагист... Беҳазл саноатӣ, «о» қатӣ «а» дарнагирифтаанд».

Ҳамин вақт аз куҷое як таксӣ омада, каме дуртар истод; нури тези чароғҳояш ба чеҳраи пирамард афтид ва пас ба таксинҷу девори иморат лағжида, дарҳол хомӯш шуд.

Пирамард ҳушашро ғундошта, ба таксӣ нигарист. Дари қафои он боз гардида, писару келинаш баромаданд ва дар ҳолате ки байни ҳам чизе мегуфтанд, хандон ба ҷониби вай қадам монданд.

Пирамард бархост.

Онҳо ӯро диданд ва ба якдигар маънидор чашм партофта, маҷбур гашти худро тезонданд.

– То бегоҳ раҳ поидем, наомадед, – забон кушод Мурод ба оҳанги узр. – Баъд... акнун намеомадагистанд гуфта, ба хонаи як рафиқамон рафтем. Таклиф карда буд...

Аз даҳони ӯ ба димоғи пирамард бӯи ғализи арақу тамоку нишаст.

– Аз хона кай баромадед?

– Нисфи рӯз, писарам, нисфи рӯз, – гуфт пирамард, ба андоми фарзандаш даме зеҳн монда. – Тилфон карданата шунида, саросема баромадам. Хотирам парешон шуда, ба чӣ гумонҳое ки рафтам...

– Хунук хӯрдед, додо... дароем.

Аммо пирамард, ки ҳамчунон карахт ба вай менигарист, аз ҷой наҷунбид.

– Чӣ гап? Барои чӣ мана ин қадар таъҷилӣ даъват кардӣ?

– Ҳеҷ гап не. Фақат... камтар пазмон шудем, – табассум намуд Мурод.

– Ин кас аз тарафи корашон семоҳа Маскав мераванд. Хондани... Пеш аз сафар шуморо бинам гуфта, баумед занг заданд, – асли масъаларо бе тоқат фаҳмонд келинаш ва андак хомӯш монда, аз авзои пирамард ба таври худ хулоса баровард магар, ки ба Мурод назар тофт. – Ман чанд бор таъкид доштам: дар ин ҳавои нобоб амакамро овора накунед...

– Хайрият! – гуфт пирамард хаёлманд. – Илоҳӣ ҳама вақт осуда бошед.

– Биёед, хона дароем, – гашта ба сухан омад Мурод, ин дафъа мулоим аз оринҷи ӯ гирифта.

Пирамард, ки ба димоғаш боз бӯи арақу тамоку менишаст, сараш хам, ҳамроҳи онҳо ба ҷониби дар рафт.

Вай дар зинаҳои сарди сангин оҳиста қадам гузошта, ба кулли рагу пайвандаш эҳсос мекард: бағоят хаставу бемадор шудааст ва аз чӣ бошад, ки ҳоло мехоҳад писарашро нигоҳ дошта, «Муродҷон, – гӯяд, – мана диданӣ бошӣ, як рӯзата ҳеҷ дониста… дар хонаам рафта бинӣ, аз мартаба намеғалтидӣ. Дуо мекардам. Тилло магир, дуо гир, дуо магар тилло нест! – гуфтаанд машоих. Ман, охир, падарат! Ку шарм? Куҷост инсоф?.. Дар ин зимистони қаҳратун мани мӯйсафеда ба ташвиш андохтан айни бераҳмӣ. Азоби гӯра кашидам. Сиҳат бошам, гапи дигар буд. Худат медонӣ, ки тарбоди сабил даҳ сол боз умрама сӯҳон мекунад...»

Вале пирамард инро гуфта натавонист, – забонаш нагашт. Вай базӯр ғалаёни дилашро фурӯ нишонда, ба як хушнудии сохта хандид.

– Хайрият, писарам, хайрият... Илоҳӣ ҳама вақт шоду бе-

ғам бошед. – Ва баъд, ҳангоме ба ошёнаи сеюм баромаданду Мурод аз киса калид гирифта, дарро кушодан хост, чунон ки аз дуриҳо садо мекарда бошад, ба овози ларзон илова намуд: – Хондан меравам гуфтӣ, а?.. Нағз, бисёр нағз – хондан кори савоб, писарам. То метавонӣ... хон!

*1972*

## НАВДА

Аз нав озор ёфтам!

...Дарахти гелос модари ман. Дарахти танҳо, зебо ва бисёр ҷавон. Имсол нахустин маротиба ҳосил баст. Ҳосил басту эҳа-а...

Аз хурсандӣ қад-қад мепарид.

Об мехӯрду шукр мегуфт; дар дами боди серуни баҳорон баргҳояш каф зада, навдаҳояш маҳин-маҳин ба рақс меомаданду шукр мегуфт. Аз қатраҳои софи борон зуд-зуд баҳра бурда, ҳай механдид; аз чангу гард тоза шуда, қомати нозукашро саропо афшонда, ҳай мешукуфт; анвори гарму нарми офтобро ба мағз-мағзи шоху баргҳояш ҷой медоду кӯдаквор меболид. Ва шабу рӯз мекӯшид, ки ман ва навдаҳои дигараш зинда бошем, сарсабз бошем. Меваҳои худро тадриҷан пазонда...

Хотири соҳиби ӯро, ки пирамарди пояш маҷрӯҳ аст, шод гардонем...

Боз лат хӯрдам!

...Модарам дар пушти яке аз тирезаҳои бинои чорошёна реша медавонд. Ду соли дароз оҳиста-оҳиста қад кашида, сараш ниҳоят ба қабати дуюм расида буд. Албатта ба нигоҳубин ва навозишҳои мӯйсафеди меҳрубон, ки дар ҳамон ошёна мезист...

Э вой, боз як мошини вазнин гузашт аз болоям!

...Ду сол пеш аз ин ниҳол буд модарам, ниҳолаки хурд, ҳайрон, беқувват. Аммо ман... Ҳоло ёд надорам, ки ман он вақт дар тани батаровату суфтаи вай будам ё не.

Шояд будам, балки набудам...

Фақат ҳаминаш дар хотирам мондааст, ки модарам ба-

робари худаш барин чандин ниҳоли гелос дар як боғи калон месабзид. Соҳиби он боғи шамолрав марде буд гандумгун, қадбаланд, бақувват. Аз аҳволи ниҳолон пайваста хабар мегирифт; сари вақт об мемонд, ба меҳр хок медод...

Ана, аз болои мани бадбахт боз мошин гузашт. Ҷисмамро ба асфалт совида, як барги серобамро нақши замин карда, ба суръати баланд гузашт. Ҳоло фиғонамро бароварда, даҳум... ё садумаш мегузарад. Боз ва боз. Ҳисоб надоранд ин махлуқони оҳантан! Яке ниҳоят вазнин, дигаре сабуктар. Яке бисёр калон, дигаре майдатар... Атрофро пур аз бӯи ғализ карда, мегузаранду мегузаранд.

Ва қариб ҳар бор мани бепаноҳро озор дода, аз ҷоям беҷо гардонда, охирин ширai танаму баргҳои сабзамро ба асфалти сиёҳ молида, даршасту бепарво мегузаранд!

...Заҳматкаш буд марди бақуввати гандумгун ва қадбаланд. Модарам дар қатори худаш барин ниҳолони нозук ҳаёти осуда дошт дар боғи ӯ. Лекин фурсаташ расиду як рӯз он мард…

Модари ман ва чанд ниҳоли дигарро беозор канда, решаҳояшонро ба эҳтиёт латтапеч кард. Сипас онҳоро ба халта андохта, роҳи бозорро пеш гирифт...

Дар сари сутуни оҳанини қади гузаргоҳ боз чароғи сурх фурӯзон гардида, мошинҳо таққӣ истоданд. Акнун... бори даҳум ё бистум аст, ки қатор шуда, аз болои ман одамон мегузаранд. Баъзе аз онҳо ҷисми афгори маро ба пойафзорҳои худ пахш мекунанд, ё қадре тела медиҳанд. Одамон – марду зан, хурду бузург – ҳама шитоб доранд.

Ниҳоят ҷои чароғи сурхро лаҳзае зардаш мегирад; фақат як лаҳза. Ва аз нав чароғи сабз фурӯзон шуда, ба мошинҳои беқарор ва бадбӯй раҳ мекушояд. Ва ман боз дар зери чархи онҳо лат ёфта…

Печутоб меҳӯрам, менолам!

...Марди гандумгуни қадбаланд дар як канори бозор нишаста, ниҳолонро ба фурӯш монд. Модараки ман насиби мӯйсафеди пояш маҷрӯҳ гардид, ки дар даст асо дошт.

Вай онро аз байни дигар ниҳолон ҷудо карда, решаашро дар рӯймоли худ печонд ва пулашро ба мард додаву боз...

«Ҳазор раҳмат, додарам», – гуфта, ба хонааш бурд. Дар

миёни як пора замини хокаш нарм, ки дар пушти тирезаи ҳамсояаш воқеъ буд, чуқур кофта, модари маро ба муҳаббат дар он ҷо шинонд. Ва «акнун калон шав, азизам», – гуфта, чеҳрааш аз фараҳ дурахшид.

Ҳамсоя, марди тоссари шикамкалон, ба зану ягона писараки худ аз тиреза ба кори мӯйсафед нигариста, «нағз кардед, сара кардед...» – мегуфт. Дар лабони борикаш табассуми сард падидор мегардид ва ҳар замон – маълум набуд, ки дар таассуф ё шодмонӣ – калла меҷунбонд.

Ҳамин тавр модари ман аз деҳа, аз боғи калони шамолрав ба ҷои дигар... ба шаҳр кӯчида, дар парастории пирамард рӯз то рӯз қад меафрохт, нашъу намо мекард.

Баъд дар тани вай *ман* пайдо шудам.

Ё аз аввал вуҷуд доштам?

Инашро намедонам.

Боз одамон гузашта...

Навбатро ба мошинҳо медиҳанд.

Воҳ, миёнам!

Шикаст миёнакам. Лекин сад шукр, ки ҳанӯз ду тақсим нагардидаам. Намурдаам ҳанӯз.

...Писараки марди тоссар – ҳамсояи мӯйсафед – мактабхон ва бисёр шӯх аст.

Вай, писарак...

Пас аз он ки модарам нахустин маротиба ҳосил баста, меваҳояш каме ранг оварда, соҳиби худро хурсанд кард, ба мо – шоху навдаҳо... зуд-зуд даст мезад Азоби ман мӯл набуд. Зеро дар пушти хоҳаронам – навдаҳои дигар – дур аз тиреза месабзидам.

Лекин хоҳаронам...

Рӯзи сахт доштанд онҳо!

Писарак баъзан чашми мӯйсафедро хато карда, паллаи тирезаро мекушоду ба як сими ғафси нӯкаш баргашта шохчаеро ба тарафи худ кашида, меваҳои бо вуҷуди андак сурх будан... ҳанӯз хоми онро канда-канда, ҳарисона ба даҳон мебурд.

Ва мешуд, ки пирамард вақте асозанон аз пеши модарам мегузашт, сар бардошта, ба мо менигарист.

Ба диққат менигаристу…

Аз ҷониби тирезаи ҳамсоя кам гардидани меваамонро дида, дар ҳайрат китф барҳам мекашид. Аз шоху баргҳои модарам чашм наканда, фурсате ноҷунбон меистод. Ва баъд...

Асо ба даст, оҳиста қадам мепартофт.

Ё ба хонааш медаромад, ё кӯча мерафт...

Ҳоламро хароб карданд мошинҳо! Ягонта баргам намонд. Гоҳо танамро ба асфалт совида, гоҳи дигар нарасида, аммо дар чанги шамоли худ маро ба ҳар сӯ афканда, чун сел басуръат мегузаранд онҳо. Инак дар зери чархи мошинҳову пойафзори одамон луччак шудам, хору забун гардидам. Ва ана, дар мобайни ин кӯчаи калон лоилоҷам...

...Ниҳоят навбати ман ҳам расид.

Писарак ба сими ғафси нӯкаш баргашта боз қадре сим илова карда, ин саҳар онро чобук ба гарданам андохту…

Сахт кашид.

Вале ман ба ҷои хамбидан ҳамоно шикастам, ба замин афтидам.

Модарам…

Модаракам «о-оҳ!» – гуфта, такон хӯрд, дар худ ларзид.

Сахт ларзид...

Ман дар сояи ӯ ҳайрон мехобидам. Дастам ба дасташ намерасид. Бечора модарам низ илоҷи хам шуда, ҷисми афгори маро бардоштан надошт.

Хоҳаронам бесадо ва талх мегиристанд.

Пас аз фурсате писарак, дар катфаш китобдон, тохта аз хона баромаду мани музтарро аз пеши пои модаракам чанг зада гирифт ва панҷ дона меваамро раҳораҳ хӯрда, худамро дар ин ҷо партофт.

Партофту аз болоям сабук ҷаҳида, ҳуштаккашон ба мактаб рафт...

Боз чархи мошин! Бадтар маҷақ карда, дарди миёнамро афзуд. Аз ҳам ҷудо мешавам, ҷудо!

...Писарак рафту ман дар миёни ин раҳи васеъ тани танҳо мондам.

Офтоб месӯзондам, мошинҳо пахшам мекарданд, одамон пешпо мезаданд...

То ҳол дар чунин вазъам.

Офтоб нишасту пои одамон канда намешавад.

Гашти мошинҳо қатъ намегардад.

Шӯх аст писараки ҳамсоя. Ба илова бераҳм ва ҳарис аст...

Э вой! Мурдам – аз ҳам ҷудо шудам! Мошини дигаре даршаст аз болоям гузашту маро ду ҳис карда, нисфамро ба канори роҳ афканд. Аз модари меҳрубонам, аз хоҳарони мушфиқам дур афтида, оқибат аз худ низ бегона гардидам.

...Шаб фаро расид. Чароғҳои сари кӯча якбора даргирифта, атрофро равшан карданд.

Азоби ман ҳад надорад. Чунон ки буд... аз болоям гоҳ мошин мегузарад, гоҳ одам. Ё калонаш, ё хурдтараш; ё вазнинаш, ё сабуктараш.

Одаму мошин...

Мошину одам!

Ин дам эҳтимол модарам дар пушти тирезаи бинои чорошёна дарун-дарун месӯзад. Модарам, модаракам...

Хоҳаронам чӣ?

Боз як мошин гузашта, дар шамоли худ маро аз ҷоям лағжонд. Нағз, ки пахш накард...

Нисфи ман дар он канори раҳ чӣ ҳол дорад? Вай ҳам дар асфалти сиёҳ совиш хӯрда, зор-зор менолад? Торафт маҷақ мешавад?

Бале!

Тақдири мо ҳамин будааст.

Лекин афсӯс, ки ҳосиламро пазонда, коми пирамарди пояш маҷрӯҳу чеҳрааш ҳамеша равшанро ширин карда натавонистам.

Ман, охир...

Агар дар бари модарам мебудам,

Агар дар паноҳи хоҳаронам мемондам,

На танҳо имсол...

Балки боз чанд соли дигар меваҳои хушрангу балаззат медодам!

...Шӯх аст писараки ҳамсоя. Чобук ва бераҳм аст. Мабодо ки хоҳаронамро низ ба ҳоли ман андозад...

Гашти мошинҳо тамоман қатъ гардид.

Акнун одамон ҳам наменамоянд.

Ман дар рӯи асфалт як муддат беҳаракат хобида, то ку-

нун зинда будаам магар, ки андак хунук хӯрдам.

Баъд...

Дар тан камзӯли норанҷиву дар китф ҷорӯби дароз, фаррошзане пайдо шуда, кӯчаро тоза рӯфт. Ва аз байни ҳар гуна партобидаи дар гӯшае ҷамъкардааш ману нисфи ман – ӯро зуд шинохтам! – ва мо барин шоху навда ва чӯбу чахсҳои шикастаро дар як халтаи чиркин андохта, ба хонааш бурд.

...Субҳ медамид.

Занаки фаррош аввал хуб дастурӯй шуста, сипас дар айвон суфра паҳн кард. Орд бехт, хамир гирифт.

Ва ниҳоят…

Хокистари танӯрро кашида, аз ману нисфи ман ва дигар чӯбу чахси ҳамроҳ овардааш пешдаргирон сохта, гӯгирд зад.

Вақте ки мо дар миёни чӯбчаҳои хушк дуд карда месӯхтем, модари зебо, бисёр ҷавон ва дар пушти тирезаи писараки *шӯху* падари шикамғафси вай танҳомондаи худро як лаҳза пеши назар оварда, дар дил мегуфтем, –

Хайрият... дар болои асфалт гард-гард нашуда, ҳоло барои тафсидани ана ин танӯр, заррае бошад ҳам, ҳисса мегузорем.

То ки фаррошзан нон пухта, фарзандонашро сер кунад...

Дар байни забонаҳои оташ печутоб хӯрда, боз мегуфтем – чӣ хуш, ки ҳоло дар як дам сӯхта, оқибат ба хокистар табдил меёбем.

Ва шояд рӯзе,

Баъд аз сад ё ҳазор сол...

Дар сурати гули хандон, сабзаи тар ё ниҳолаки баумеди гелос дубора аз қалби хок сар мекашем!

*1985*

## САРФАИ САРИ ОТАШДОН

Зани ҷавони миёнақад, ки дар тан хилъати сурхи баланд дорад, мӯи қиргунаш ба сари китф парешон, камари андак ғафсаш дар ҳалқаи танги тасма, ба шитоб аз ошхона баргашта, мехохад боқимонда асбоби рӯи мизро ғундорад. Чойники қирмизӣ, чанд пиёла, табақчаи бамавиз, қанддон... Ду писарак, синну солашон на бештар аз шаш-ҳафт, каме дуртар дар болои

қолини баоҳар нишаста, чормағз меғелонанд, хушнуданд, ба тавре бозӣ мекунанд. Ваҷоҳати зан гирифта метобад. Усмаи абрувони хеле дароз – аз ин рӯ як қадар хунук – ва зиёда сурмаи чашмонаш низ наметавонанд табъи носози ӯро, ки эҳтимол аз чизе, ё аз касе сахт ранҷидааст, бартараф созанд.

Равшан ба назар мерасад, ки ин манзили иборат аз се хонаи пурҷиҳозро нағз таъмир кардаанд. Ва яқин ба қарибӣ... Ҳама озода, батартиб. Ҷевони баланди оинабанд саршор аз зарфҳои гаронбаҳо. Дар пешгаҳ, мақомашон нимдоира, дивани фарох, ду креслои ба вай ҳамранг ва дар мобайни онҳо мизи пастаки хушҷило гузоштаанд, ки дар болояш гулдони калони булӯрин аз анвори қандили низ булӯрини шифти меҳмонхона гӯё ҷон мегирад. Вале гул надорад гулдон; ғариб аст, холист...

Зан дар гирди дастархон тоб хӯрда, як курсиро қадре тела дода, акнун ба табақчаи мавиз даст бурдан мехост, ки ба гӯшаш садои занги дар нишаст. Шояд аз тарс... вай ҳамон лаҳза ҷуссаашро аз канори миз қафо кашида, чӣ тарзе қаҳролуд буд, бедимоғ зарда мерезад:

– Боз суммоти киро медида бошам? Тавба, нафас рост кардан намемонанд!

Ва ба итоб рафта, азбаски даҳлез нимторик аст, чароғро дармегиронад. Аввал аз чашмакаш ба берун нигариста, пас табақи дарро мекушояд. Инак аз чеҳраи ӯ, ки бар асари беҳад сафедӣ молидан дар муқоиса ба гардани сабзинааш айни фағфурро мемонд, пардаи табъи хира тамоман рафъ мегардад. Ва дарро аз пушти худ бесадо пӯшида, дар китф сумкаи ҷигарранги шинам, ба даҳлез зане қадам мегузорад болобаланд, гунаҳояш батароват, лабонаш хушоб, мӯи ба хурмоӣ моили ғафсаш маҳин шоназада, чашмони шӯхаш зиндаву зебо... Вай ба табассуми ширин салом дода, аҳвол мепурсад. Ва зуд қуфлаки сумкаашро кушода, ба писаракон, ки ҳоло дар бари модар алиф барин рост меистоданд, дутаӣ қанди коғазпеч медиҳад. Баъд сари онҳоро сила карда, аз рӯяшон нарм-нарм мебӯсад.

– Хуш омадӣ, апа! Қариб як ҳафта боз надидамат. Ин чӣ ҳамсоягӣ?.. Ку бигзар, бароҳат шинем. Чои тайёр ҳаст... Кам не, ғам не, як ҳафта мешавад, а! – ба оҳанги таассуф калла

мечунбонад соҳиби хона.

– Рост мегӯӣ, Ситорачон. Аз рӯзе ки уту мепурсидӣ, ман ҳам сояатро дигар надидаам, – механдад зани болобаланд.

– Худо гирад ин ҳуши парешони маро! Фаромӯш кардаам. Аз рафтуомади гуна-гуна меҳмон... Шумо намедонед утуи холаатонро куҷо мондам? – ба ҳар ду писаракаш менигарад Ситора. Ва ҷавобе нашунида, беихтиёр тасмаи хилъаташро мекушояд – гуё фишор меоварда ба миёнаш, – аз сари нав мебандад. – Биё, апаи Шаҳзода, ҳоло як дам шинем, баъд ёфта медиҳам... Худат медонӣ, ки утуи наппа-нав дорам. Олмонӣ... Лекин, сабил монад, мабодо ягон ҷояшро сӯзонам гуфта, аз кор фармудан метарсам.

Шаҳзода, аз ифодаи чеҳраи гармаш маълум, ин гуна ҳарфҳои беҷоро аз даҳони ӯ бисёр шунидааст магар, дупӯста карда, гапро ба дигар тараф мабарад:

– Боз меҳмон омад? – ва борониашро чаққон аз тан кашида, болоиҳам ба сумкааш дар кашак меовезад. – Гуфтам, ҳарчанд дандон сафед мекунӣ, хотират ҷамъ нест... Хайр, ман розӣ, камтар мелақем. Чунки то аз кор омадани акаат ним соат барин вақт меёбам. Зиёд не... Ту албатта меҳмон доштӣ. Вагарна табъат хира намебуд.

– Меҳмон, а! – ба оҳанги нафрат даст меафшонад Ситора. – Хешу табори Икром – амакбачааш, ду тағояш. Се рӯз боз безор кардаанд – мераванду меоянд, мераванду меоянд... Кошкӣ одам мебуданд он гадотабъон!

– Гиребонатро дошта, баэҳтиёт гап зан, Ситора, – мегӯяд Шаҳзода, ба яке аз курсиҳои мулоими гирди миз нишаста. – Одатан номаш зан дар ҳаққи пайвандони шавҳараш ин хел суханҳои пасту баландро раво намебинад.

– Безорам... Ҳам аз худаш, ҳам аз хешу табораш. Ба худо, ки сер шудаам аз ҷонаки ширинам. Ту бовар намекунӣ, апа...

– Ҳай-ҳай, дониста дурӯғ мегӯӣ, а! – аз табақча як дона мавиз гирифта, хандон ба даҳон мебарад Шаҳзода. Пас ба фарзандони ӯ менигарад, ки ҳоло саропо гӯшу ҳуш гардида, кунҷковона дар курсиҳои дигар менишастанд. – Шумо акнун мардак шудаед; хезед, рафта дур-дур бозӣ кунед. Ба гапи мо, занҳо, ҳавас мондан шарт нест. Хезед, ҳа-а... зудтар!

Писаракон хоҳам-нахоҳам ба хонаи шафат мегузаранд.

Ситора чойникро пештар гирифта, як пиёла чой мерезад.

– Ширгарм...

– Ташвиш накаш, дилам чизе намехоҳад, – мегӯяд Шаҳзода, маънидор табассум карда. – Ана, мавиз чашидам... Исто, ки ин навъашро аз куҷо ёфтӣ?

– Пур аст бозор. Қоидааш, ман барои қишлоқиҳо алоҳида харид мекунам. Арзон бошад... Ҳозир аз баширааш меорам, аз нағзи нағзаш, – зуд аз ҷой хестан мехоҳад Ситора. – Аслан ҳамин кифоя буд ба онҳо. Гаҳвораашон аз осмон наомадааст.

– Лозим не, наҷунб. Гуфтам-ку: дилам ҳеҷ чиз намекашад. Дар мактаб каме асабӣ шудам. Ҳоло, чӣ тавре худат гоҳо ба забон меорӣ, як *разбор* карданиам.

– Ба ман?!

– Бале, ба ту.

– Кошкӣ... Аз рӯзе ки панҷ сол пеш ҳамсоя шудем, туро ба ҷои апаам медонам, шавҳарат – ба ҷои акаам. Шумо, охир, аз ман калонтаред, батаҷрибаед. Боз ин ки аз тарзу тариқи ҳаёти мо бохабаред. Махсусан худат. Пас кошкӣ...

– Рост, ман аз ту қариб даҳ сол калонам. Барои ҳамин, хешу тобори шавҳарат баҳона, бар замми он ки – албатта дар хотир дорӣ – ду-се бор мулоим фаҳмонда будам, боз таъкид карданиам: ба соҳиби сарат, ба фарзандонат, ба ҳама пайвандон... умуман ба хурду калон меҳрубон бош. Аз ту чӣ меравад? – танҳо рӯи хушу пиндори нек... Аслан дили одами меҳрубон ҳамеша кушод аст, нарм аст. Чунки реша ба реша аз шодӣ об мехӯрад. Аз шодии дӯст, хешу табор, ҳамсоя, ҳамнишин... Ниҳоят аз хотири ҷамъи худаш.

– Ман таҳтан ба касе кор надорам. Ташвиши хонаву дарам, тарбияи ана он фарзандонам басу барзиёд.

– Дар зиндагӣ ҳама ташвиш мекашанд. Лекин кордор будан, чӣ гӯям... бисёр лозим баъзан. Беҳуда наовардаанд: одам ба одам зинда аст. Як ҷаҳон маънӣ дорад ин гап.

– Эҳа-а-а, аз он ки ба хешу тобори Икром зинда бошӣ, зинда набудан беҳтар.

– Яъне? – ҳайрон мешавад Шаҳзода.

– Яънеаш – ҳайвонанд онҳо. Аз кӯчаи одамгарӣ нагузаштаанд. Чунон нодидаанд, ки омадан замон дастархон бошад,

кифоя – дар як мижа задан холӣ мекунанд. Ҳатто ҳамин мавизи пучакро каф-каф ба думчааш мехӯранд... Сару танашон доимо чиркин, чашм гурусна, ришҳо расидагӣ, пойафзор ҷӯлида ба хоку лой... То ҳол бӯи бадашон аз хона намеравад.

– Росташро гӯй, – ширин ва дар айни замон ба оҳанги таассуф механдад Шаҳзода, – чӣ шуд? Кадом пишак гузашт аз байни шумо?

– На пишак гузаштааст, на кучук, – механдад Ситора низ. – Аммо шон намефоранд ба ман. Аз аввалин рӯзҳое ки оиладор шудем, аҳвол ҳамин. Мақбул нестанд онҳо... вассалом!

– Барои чӣ?

– Гуфтам-ку, – боз механдад вай.

– Сабабҳое ки овардӣ, чандон поя надоранд. Чунки одамизод пайвандонашро интихоб намекунад. Хешу табор, падару модар, писару духтар... – камбизоатанд ё бадавлат, камақланд ё баақл, чиркинанд ё олуфта, – чӣ хеле ки бошанд, аз хати тақдиранд. Ниҳоят ба ҳар кас худи худо медиҳад онҳоро. Дар ин хусус ягон маротиба фикр кардаӣ?

– Бекор намондаам. Ва албатта не-е... – баиллат мегӯяд Ситора.

– Шавҳарат-ку инсони хуб – шабу рӯз дар ғами шумо ҷон мекоҳонад. Фарзандонашро дӯст медорад, ба ту ҳам меҳрубон. Хонаву дарат обод. То ҷое ки ақида мекунам, аз калон-калон хӯрдану нағз-нағз пӯшидан низ таъминед. Пас боз чӣ мехоҳӣ?

– Камтар бинам хешу таборашро...

– Хуб, ҳоло рафтанд онҳо?

– Бале, ахир дафъи мӯъминон шуданд. Ахир ҷонам як муддат халос хӯрд.

– Кай омада буданд?

– Се рӯз пеш.

– Икром албатта ҳар рӯз то нисфи шаб дар корхонааш?

– Ҳамин тавр... Қишлоқиҳои носерами ӯро хуш омадед гуфта, меҳмондорӣ кардан – фақат бори ман. Кошкӣ кам мебуданд! Ба худо, ки аҷириқи тайёр...

– Хайр, ана... ҳоло рафтаанд бечораҳо. Боз ба чӣ сабаб ин қадар асабӣ мешавӣ?

– Аламам мегирад, апа.

– Аз он ки шояд дармонда, ба кадом ташвиши худ Душанбе омадаанд. Ва аз ғояти дасттангӣ ба ягон меҳмонсаро нарафта, сар ба хонаи ҷиянашон задаанд... Дуруст мегӯям?

– Не, охир! Биёянд, раванд. Лекин... тарошаи хушк барин, ду даст дар бинӣ, аз дари касе даромадан айб нест магар?

– Аввал ин ки онҳо аз дари одами бегона не, аз дари хеши наздик даромадаанд. Сониян, як кас метавонад дастовез дошта бошад, дигар кас наметавонад... Вобаста ба илоҷаш. Худат медонӣ – ҳоло бисёре аз мардумон ба душворӣ рӯз мегузаронанд.

– Дар ҳар сурат баъзан фикр мекунам, ки падару модар надорад, дар сағирхона калон шудааст, пас агар тақдирамро ба вай пайвандам, бе дарди сар зиндагӣ мекунам гуфта, оқибат фиреб хӯрдам. Ба ягон шаҳрии худамон мерасидам, сад бор беҳтар буд.

– Аҷаб, дар пешат ду писарчаи нозанин, боз ин хел гапҳои бемаъниро ба забои меорӣ... Айб аст.

– Барои чӣ? Одамон ҳатто ба се-чор фарзанд аз ҳам ҷудо мешаванду...

– Барои он ки вақте ҳаёти кас хуш мегузарад, ман инро ношукрӣ медонам.

– Росташро гӯям, апа... дӯст намедорам.

– Шавҳаратро? – мутаҳайир суол мекунад Шаҳзода.

– Агар не, киро, кадом олимақомро? – андак сурх шуда, қир-қир механдад Ситора.

– Гапи нав-ку! Шояд хешу тобори ӯро аз ҳамин сабаб бад мебинӣ. Сониян, модоме дӯст намедоштӣ, чаро дар вақташ саросема издивоҷ кардӣ?

– Намедонам... Бачаи нағз менамуд.

– Ҳоло чӣ, ганда шудааст?

– Не-е, ҳамон хел ки буд... Мулоим, сараш мудом паст.

– Аммо сари ту мудом баланд, – бори чандум аст, ки сабук механдад Шаҳзода. Ва ин ханда бо вуҷуди садои форамаш як навъ маломати пинҳон дорад.

– Ман муттаҳам нестам...

– Икром чӣ?

– Муттаҳам набошад ҳам, вай бояд хиҷолат мекашид. Нисфи пули ҳамин хонаро раҳматӣ модарам дода буд. Хар-

ҷи дирӯза таъмираш низ аз кисаи бародарам, хоҳарам...

– Ҳеҷ қисса не, инро хешутаборӣ мегӯянд. Шавҳарат ягон вақт бармегардонад. Намегурехтагист.

– Барнагардонад. Зор нестанд онҳо ба пули вай.

– Пас чӣ кор кунад?

– Оби шикамашро ҷунбонад.

– Мегуфтӣ, ки ҳар моҳ камаш сесад-чорсад сомонӣ меёбад. Боз чӣ хел оби шикам ҷунбонад?

– Мошин харад...

– Бе мошин рӯзатон намегузарад?

– Мегузараду шавҳари ҳама дугонаҳоям мошин доранд. Ман аз онҳо кам набошам...

– Бисёранд?

– Киҳо? – намефаҳмад Ситора.

– Номашон дугона... – мегӯяд Шаҳзода.

– Худоро шукр, ҳастанд даҳ-дувоздаҳта.

– Ваҳ! Чандон фоли хуб нест ин. Боз кӣ медонад?!

– Чаро хуб набошад? Худо аз дугона диҳад, – дафъатан механдад Ситора.

– Худат мегуфтӣ, ки ҳоло бародарат пули бисёр дорад...

– Хайр?

– Агар ниҳоят зарур медонӣ, пас миён баста, ба шумо ягон мошин тӯҳфа кунад.

– Вай рестаран харидани.

– Ҳай-ҳай, давлаташ калон будааст!

– Аммо ҳимматаш майда.

– Ин тавр бошад, ташвиши як паллаи хӯрҷини зиндагиро ба гардан гир, кор ёб. Баъд мебинӣ – Икром ҳам аз даромадаш кам-кам пасандоз мекунад. Худат мегуфтӣ, ки касбат бухгалтери иқтисоддон, дипломат сурх...

– Ҳа-аъ, дипломи сурх дорам, – даст меафшонад Ситора. – Лекин осон нест дар ин замонаи бераҳм кори нағз ёфтан. Як азоби алим.

– Барои чӣ? Дар ҳама ҷо бухгалтер лозим. Рӯзномаҳо саҳифа-саҳифа пури эълон...

– Рост, талабгор бисёр. Аммо маошатро пурсӣ, қариб миннат карда мегӯянд, ки чил сомонӣ, панҷоҳ сомонӣ, зиёдаш сад сомонӣ... Ба ин маблағ кадом каҷи кас рост мешавад?

– Ту худат чанд мехоҳӣ?

– Ақалан баробари дусад доллар бошад, ки дипломи сурхи одам ҳайф нашавад.

– Ман ин хел маошро ҳатто дар хоби шабам намебинам. Агарчи дар ихтисос муаллимаи дараҷаи олиам, ба дастам фақат шаст сомонӣ мерасад. Боз шукр мегӯям, ки аҳволамон беҳтар шудааст.

– Куҷояш беҳ? Гӯри торик... Хулоса, то дар ягон созмони байналхалқӣ кор наёбам, ба чил сомониву панҷоҳ сомонӣ қадрамро паст заданӣ нестам.

– Инаш дар ихтиёри худат.

– Баъд... вай, охир, мард аст! Дигарон аз куҷо қатор-қатор хона мехаранд, ҳавлӣ месозанд, мошинҳои нағз-нағзи хориҷӣ доранд? Вай ҳам тозад, безад, ёбад... Намемурдагист.

– Ҳар чӣ бошад, иттифоқ кунед. Беҳтарин давлат аст якдигарро наранҷонда, орому осуда умр ба сар бурдан. Ё нодуруст мегӯям?

– Ман ӯро наранҷондаам. Фақат мехоҳам, ки шарманда шуда нагардем дар байни мардум. Ҳеҷ натавонад, зудтар дасти бачаҳояшро ҳалол кунад; баъд ана... ягонта мошин харад. Шон кай пули калон меёбад гуфта, ду чашмам чор, ҳамин хел даҳанвоз шинам?! Ғайр аз ин оё бад аст, одам агар дар пеши дӯсту душманаш сарбаланд бошад, ба забони дароз гардад?

– Надонистам... – мегӯяд Шаҳзода хаёлманд ва ба рӯи вай маънидор назар давонда, даме сукут меварзад. Пас хушнуд ба забон меорад: – Воқиан, дирӯз Ратмир омада буд.

– Ратмираш кӣ? – мепурсад Ситора ба оҳанге ки гӯё як қад парида, аз хоби бисмил бедор шудааст.

– Акнун фаромӯш кардӣ?

– Рост мегӯям, охир, – намедонам...

– Ҳамон Ратмир Александрович, ки хонаашро зуд харидед, – дастони зебо ва беғубори то соидҳо урёнашро кушода, ба чор тараф хандон ишора мекунад Шаҳзода.

– О дар вақташ он майор кӯчида, Русия рафта буд. Панҷ сол мешавад, балки зиёдтар...

– Ҳоло палковник. Чанд рӯз пеш ба сафари хидматӣ омада, дилаш кашидааст, ки фурсат ёфта, моро низ бинад, кам-

тар сӯҳбат кунад. Беш аз даҳ сол ба вай ҳамсоя будем.

– Баъд як даҳан хабар надодӣ? – хотираш қадре озурда, гилаомез мегӯяд Ситора.

– Дукаса даратро задем. Аммо садое набаромад аз дарун... – банамак табассум мекунад Шаҳзода.

– Кай?

– Ҳамин дирӯз, шомгаҳ.

– Аз лиқои хешу табори Икром сер шуда, ахир бачаҳоро гирифта, хонаи бародарам рафта будам... Афсӯс, надидамаш.

– Киро? – гӯё таҳтан нафаҳмида бошад, бардурӯғ мепурсад Шаҳзода.

– Ҳамон мардаки русро... – механдад Ситора.

– Ҳа-а-а, – мад мекашад Шаҳзода. – Ба ту салом гуфт.

– Ташаккур. Зиндагии онҳо албатта нағз. Мо барин шабу рӯз мӯҳтоҷи пул нестанд.

– Чаро? Ману акаат ба вай хеле сӯҳбат доштем. Дар сари як пиёла чой гуна-гуна мисолҳо оварда, таъкид мекард, ки ба одамони ҳалол дар Русия низ серу пур рӯз гузарондан мушкил аст. Боз ҳамон сарфаву саришта лозим.

– Хайр, ба ту ягон чиз овард? Лекин росташро гӯй, апа...

– Овард. Ё шарт пинҳон кардан?

Ситора суоли ӯро беҷавоб гузошта, ҷиддан мепурсад:

– Хайр, чӣ будааст вай?

– Хаёлат дур наравад, – ҳамчунон ба лабханди ширин мегӯяд Шаҳзода. – Китоб...

– Чӣ?! – гӯё мот мешавад Ситора.

– Як китоби оли-ҷа-ноб.

– Хуб ҳиммати баланд доштааст!

– Ҳар чӣ бошад, барои ман беҳтарин тӯҳфа китоб аст.

– Тавба! Баъзе мулоҳизаатро шунида, ҳайрон мешавам.

– Чӣ ҷои ҳайрат?

– Наход китоб оварданд гуфта, одам ин қадар дар пӯсти худ нагунҷад! Хонаат-ку пур-пури китоб.

– Чӣ илоҷ? Инсон, зан аст ё мард, бояд якумр хонад, омӯзад. То метавонад, на танҳо аз зисти мӯрчагон, балки аз асрори кайҳон низ ҳатталимкон хабардор бошад. Бинобар ин тӯҳфаи ӯро дар рафи алоҳида ҷой додам. Ба як олам сурур...

– Лекин ман ба китоб қарин нестам. Агарчи худамро маҷ-

бур карда, мавридаш ояд, баъзе устодонро хӯрондаву пӯшонда, ниҳоят донишгоҳро ба дипломи сурх хатм намудаам, ҳоло аз ду варақ бештар хонам, сарамро дард мегирад.

– Чунки хаёлат ба кӯчаҳои дигар меравад?

– Чандон нею... – рабти суханашро андак гум мекунад Ситора. – Умуман безорам аз китоб. Азоби бисёр кашида, панҷ сол сабақ омӯхтам... басу барзиёд.

– Барои ҳамин баъд аз таъмири манзилат як олам китоби нағзро, ки маълумоти олӣ доштаед, ба илова забони русиро хуб медонистаед, минбаъд кам-кам мутолиа мекунед гуфта, Ратмир ба ҳар дуи шумо монда рафт, бепарво бароварда партофтӣ.

– Аз куҷо донистӣ, апа? – ба гунаҳояш сурхӣ дамида, пас аз лаҳзае сукут мепурсад Ситора.

– Нағз, ки дина вонахӯрдед, – боз механдад Шаҳзода.

– Вохӯрем, чӣ мешуд? – низ маҷбур радаи дандон метобад Ситора.

– Фикр мекунам... рафту вай аз ҳоли китобҳояш пурсад, чӣ ҷавоб медодӣ... Балки шарм медоштӣ.

– Аҷаб хазина будааст! – гуё кадом магасро нишон гирифта, даст меафшонад Ситора. – Аҷаб дафина... Воқиан, чӣ хел фаҳмидӣ, ки ман онҳоро партофтаам?

– Ду-сета ба худам шиносашро чанд рӯз пеш дар дасти бачаи ҳамсоя дида, пурсидам, ки аз куҷо ёфтӣ. Аз ахлотхона... гуфт вай шоду бод. Якта-нимта расмҳояшонро тамошо карда, даҳонаш аз ханда кач, варақ-варақ медаронд аҳмақ.

– Хайр акнун, он тарафаш дарзаи китоб, ҳезум барин... Ҷони одам не-ку! – ин дафъа муй меафшонад Ситора.

– Тахмин бист рӯз пештар ман ба ғарами чангзадаи онҳо нохост дар пушти ошхонаат бархӯрда, ба андешаи мабодо партоӣ, мехостам аз назар гузаронам. Гуфтӣ, ки баъд – ҳоло шитоб дорам, апа, хонаи хоҳарам рафтаниам. Боз ҷавобан ба гумони ман мегуфтӣ: фурӯхтан мумкин, аммо ҳаргиз намепартоям... Дуруст?

– Бале, ҳамчунин исрор кардӣ, ки бояд дар байни онҳо ба ту мақбулаш бошад. Агар ҳаст, ман худам мехарам гуфтӣ... – нигоҳашро қадре мегурезонад Ситора.

– Пас чаро ақалан хабар надода, зуд дар ахлотхона пар-

тофтӣ? Ё ҳеҷ раҳмат наомад ба хел-хел моҷарои ҳаёти одамон, ки шояд дар он китобҳо тасвир шудаанд?

– Лӯндаи гап – харидор наёфтам, апа.

– О ман ба ту гуфта будам-ку...

– Хаёлам, як зани каппа-калон шуда, китобро дар сарат мезанӣ. Хаёлам, ҳазл мекунӣ, ҳатто мазоҳ мегирӣ.

– Барои ҳамин аз рӯзи аввал намондӣ, ки якта-якта кушода бинам?

– Росташро гӯям, намедонам барои чӣ...

– Хайр, ба гузашта салавот, – дар лабони хушобаш табассуми малеҳ дамида, аз табақча боз як дона мавиз мегирад Шаҳзода. – Ман акнун равам... Исто, ки утуи маро намедиҳӣ? Чанд куртаи акаатро шуста будам... Дирӯз каме ғурғур кард.

– Ку бинам, – мегӯяд Ситора ва ба хонаи дигар гузашта, ду-се дақиқа баъд дасти холӣ删 бармегардад. – Ҳушу ёдам ба ақрабои Икром… куҷо мондаам, ки наёфтам, апа. Ҳоло пасу пешамро дурусттар дида, худам дароварда медиҳам.

– Ин тавр бошад... – лаҳзае хаёлманд лаб мегазад Шаҳзода. – Хуб, ман рафтам.

– Омада ист, охир!

– Метарсам, ки мабодо аз гуфтаҳои ман хафа шавӣ.

– Наход, апа...

Ситора беихтиёр тасмаи хилъаташро дубора кушодаву аз сари нав баста, аз пушти ҳамсояи болобаланд ва зебояш, ки сабук бархоста, ҳамчунон сабук ба даҳлези нимторик мебарояд, лоқайд қадам мемонад. Ва гӯё ланҷ шуда бошад, ҳолаташро чандон тағйир надода, чароғи он ҷоро дармегиронад. Шаҳзода боронӣ ва сумкаашро аз чанги кашак чаққон ба даст оварда, мехоҳад равад. Вале худи ҳамон лаҳза писараконы дӯстрӯи Ситора – акаву додар дар назди вай ҳозир мешаванд. Чашмони маъсумашон аҷаб интизор... Шаҳзода боз қуфлаки сумкаашро мекушояд; ба онҳо боз дутаӣ қанди коғазпеч медиҳад. Ва сарашонро ба меҳр сила мекунад.

– Воқиан... пул дорӣ? – баногоҳ мепурсад Ситора.

Шаҳзода аввал ҳайрон шуда, суоли ӯ ба чӣ маънист, ҳатто нафаҳмида, пас ҷиддан мегӯяд:

– Ҳамин ҳозир? Ба худам?

– Ҳа-а... – ба хоса истиғно мад мекашад Ситора.

– Доштагистам як-ду сомонӣ, – гӯё даступо хӯрда, акнун механдад Шаҳзода.

– Ба ман зиёдтар лозим. Зарур шуд... Агар не, ҳаргиз намепурсидам.

– Мақсад – пинҳонӣ аз Икром боз ягон чиз харидан?

– Мабодо шавҳарат... яъне акаам фаҳмад, а! Ҳамҷигар ки ҳастем, чӣ тавре мегӯянд... сиррамон пӯшида беҳ.

– Ман ҳеҷ сир надорам.

– Аммо ман дорам. Кам-кам... – абрувони зиёда дарозашро боло мекашад Ситора. Ва андомаш якбора ба назар хунук мерасад.

– Лекин ҳай латтапарастӣ! – беозор мегӯяд Шаҳзода.

– Майлам ин дафъа латта не, апа. Худои меҳрубон агар хоҳад, ангуштарӣ!

– Боз аз чӣ хелаш? Кадом рӯз меболидӣ, ки дорам даҳдувоздаҳта...

– Э инаш беҳамто. Майдаи гиро, чашмакаш каб-кабуд, банури банур. Як шиносам фурӯхтанӣ, – дармондааст бечора. Коре кардам, ки оқибат ба ҳафтод сомонӣ розӣ шуд. Арзони хоки сиёҳ... Майда бошад ҳам, тиллои ҷаъфарӣ, а!

– Аҷаб, – гаранг даст ба даруни сумкааш мебарад Шаҳзода. – Ҳар чӣ дорам, ана... се панҷсомонӣ.

– Ниятам билкул соф будааст, апа: айнан ҳамин қадар намерасид.

– Хуб, ҳоло бигир.

– Ягон ҳафта пас бармегардонам. Ҳатман... – мегӯяд Ситора, пулро зуд ба кисаи хилъаташ андохта.

– Албатта, соҳиби сарат Икроми заҳматӣ ки ҳаст, дилпурӣ.

– Сабил монад, охир... ноёб метобад он қабил ангуштарӣ! Аслан хеле пул дорам. Лекин... ҳар бор ба худат мегӯям-ку: ҳамааш саддолларӣ. Ягонтаашро майда кунам, баъд ана... меравад об барин, гум мешавад дар кафи дастам, несту нобуд мешавад.

– Рост, ҳар боре ки пул лозим бошад, гӯё дар омади гап мегуфтӣ – чанд саддолларӣ дораму аз майда кардан сахт метарсам.

– Чӣ илоҷ, қисмати мо ҳамин. Ҳушу ёдамон мудом ба каму кости оила, ба сарфаву саришта.

– Бечиз нагуфтаанд, ки вобаста ба зан аст баракати ҳар хонадон, – сараш андак хам, қуфлаки сумкаро маҳкам мекунад Шаҳзода.

– Равшании чароғаш ҳам! – сухани ӯро аз даҳон гирифта, масрур ба забон меорад Ситора.

– Баъзе одамон маҳз аз сарфаи сари оташдон ба ҷое расидаанд. Ва баръакс – нафс агар бад бошад, балои ғафс бошад, хонаи обод ҳам вайрон мешавад. Дониста мон, а!

– Ман инро медонам.

– Хуб, кӯтоҳаш – оташдон дар дасти кист?

– Дар дасти худам! – баланд механдад Ситора.

– Минбаъд баандеша кор бандӣ, Икроми ту ҳам ягон рӯз ба молу манол мерасад. Пас табъи дил ҳавлӣ месозед, мошин мехаред... Яъне агар зану шавҳар дониста аз кӯи вафо гузаранд, мушкиле нест, ки осон нагардад. Муҳиммаш – садоқат, сабру таҳаммул.

– Чӣ, ман ба вай содиқ нестам?

– Осуда бош, ту *содиқӣ*, бисёр содиқӣ, – фарох табассум мекунад Шаҳзода. – Аммо як қадар сабукӣ дорӣ, кори дунёро саҳл мегирӣ. Фурсати муносиб даст диҳад, чӣ хеле ки худат гоҳо мегӯӣ, ба ту боз… ин карат дурусттар *разбор* карданиам.

– Кошкӣ!

– Ба шарте аз он чи гуфтам, наранҷида бошӣ.

– Туро ба ҷои апаам медонаму...

– Ташаккур. Ҳоло ман рафтам.

– Боз биё, апаҷон, хонаи худат. Воқиан, утуро кофта ёбам, зуд дароварда медиҳам.

– Кори хуб мешуд, – чеҳрааш ҳамчунон оинаи табассум, нарм мегӯяд Шаҳзода ва дарро бесадо кушода, бесадо аз пушти худ мепӯшад. – Бале, айни муддао мешуд.

Мисли он ки сараш ногаҳон ба дард омада бошад, Ситора даст ба пешонӣ бурда, дар даҳлези равшан даме ноҷунбон меистад. Баъд чароғро қаҳролуд хомӯш карда, ҳар ду писаракаш аз қафо, қариб тозон ба меҳмонхона медарояд. Чойники қирмизӣ, чанд пиёла, қанддон ва табақчаи бамавизро аз болои миз гирифта, ҳамон тавр дар ситез ба ошхона

мебарад. Ва даррав баргашта, дар назди диван хаёлманд каме таваққуф мекунад. Дафъатан даст ба пешонӣ мениҳад, чакчакҳояшро як-дуборӣ мемолад. Гаранг метобад ба назар. Писараконаш дар рӯи қолини серпат нишаста, аз нав чормағз меғелонанд. Ба тарзе машғули бозианд, лекин хомӯш, бе ҳеҷ садо... Вай ба онҳо эътибор надода, ақалан нигоҳ ҳам накарда, аз кисаи хилъаташ гуё беихтиёр пулти хурдаки телевизори калонро, ки дар пешгаҳи манзил меистод, берун меорад. Ва ба як пахши сарангушташ оинаи бавусъати *ҷаҳоннамо* равшан гардида, духтаре, балки зане лӯнда ва танноз – мӯйҳои рах-рах сафеду сиёҳаш парешон, дар даст баландгӯяк, сад печутоб хӯрда, чашмони махмурашро гоҳ пӯшидаву гоҳи дигар кушода, чоки бари доманаш то сари рон, аз саҳнаи бузурги ба ҳафт ранг музайян лакнатдор мехонад:

Доим мекунам садоят,
Да-аа-лӣ, Ҷа-аа-лӣ.
Доим мекунӣ садоям,
Да-аа-лӣ, Ҷа-аа-лӣ...

Чеҳраи гирифтааш якбора боз шуда, Ситора пултро беозор дар рӯи мизи пастаки хушҷило, дар пеши гулдони барқади булӯрин мегузорад. (Гул надорад гулдон; ғариб аст, холист...) Ва овоз баровара, худ ба худ мегӯяд:

– Хон, азизам Парвин, хон! Безор шудам аз насиҳати дуҳӯраи он беваи китобмаст! Аввал хонаву дарашро ба тартиб андозад... Тавба!

Писаракон – акаву додар – як қад парида, мутаҳайир ба ҷониби модар менигаранд.

Вале Ситора парво надорад. Вай тасмаи хилъаташро кушода, ҷуссаи ба ҳар ҳол вазнинашро ҳамоно болои диван мепартояд. Пас дар як савқи табиӣ болинаки мулоими онро ба таки сар кашида, омехта ба садоҳои гӯшхарош ва номафҳуми «Да-аа-лӣ, Ҷа-аа-лӣ...» дуру дароз механдад. Ба дараҷае ки аз ҳалқаи чашмони дар ин лаҳза тангаш ришта-ришта ашки гарм заҳида, сурмаи ғафси бехи мижгон ва зиёда сафедии рухсораҳояшро хат-хат шуста, андоми ӯ дар партави қандили мунаввари шифт бағоят сард, берӯҳ ва ҳатто... бимангез метобад.

*2004*

## ТАШНАГӢ

Вай ташна буд.

Аз ин рӯ боз чанд километр роҳ паймуда, як силсила талу теппаҳои сабзро қафо гузошту ба нахустин шаҳрак расидан замон...

Дар паноҳи дарахте мататсиклро нигоҳ дошт. Ва як нафаси чуқур кашида, чолок аз он фуромад. Сипас кулоҳашро аз сар гирифта, ба пушти даст араќи пешониашро пок карду ба дигар самти кӯча гузашта, аз се зинаи сангин боло шуд; дари дутабақаи рангаш эҳтимол аз боду борон паридаро оҳиста кушод.

Ошхона холӣ буд. Фақат дар пушти як миз духтараке нишаста, чой ва кулчаи қандин мехӯрд. Ӯ сар бардошта, ҷавонро ба диққат аз назар гузаронд. Чеҳрааш афрӯхта, мӯи буридааш қиргун ва...

Кӯдаквор маъсум метофт духтарак.

Дар пеши пояш анбоне меистод.

– Об диҳед, – гуфт ҷавон, ба пештахтаи буфет такя оварда.

– Як шиша?

– Бале.

Занаки буфетдор китоби фарсудаеро, ки аз бекорӣ варақ гардонда менишаст, як тараф монд. Ва аз қуттӣ шишаи об гирифту даҳонашро кушод; стакан овард. Аммо вай чандон тоза набуд. Ҷавон рӯй турш кард, бо вуҷуди ин ба худ об рехт. Оби зулол, ки андаруни зарф биҷирос мезад.

Баъд онро қулт-қулт нӯшид.

Ҷавон ташнагӣ мешикасту духтарак аз вай чашм намеканд. Нигоҳаш кунҷков буд; ҳамчунон моломоли *чизе* ки маҳз чӣ будани онро фарқ кардан мушкил...

Ҷавон низ ба ӯ назар давонд. Духтарак бештар сурх шуда, нигоҳашро қадре гурезонд. Чашмони сиёҳи калонаш аҷаб зебо буданд, аҷаб гарму гиро метофтанд.

Ногаҳон ҷавонро хоҳише даст дод, ки дар ин шаҳрак як муддат зиндагӣ кунад. Дилаш гум зада, аз чӣ сабаб ба чунин хаёл рафт, – худ намедонист. Вай аз буфетдор боз як шиша об пурсида, кулоҳи сурхи ялақосиро ба сар монд. Баъд зери лаб табассум карда, онро аз нав ба даст гирифту...

Як қуттӣ сигарета ҳам хост.

Ҷавон оринҷашро аз пештахтаи тиреза наканда, акнун сигарета мекашид. Ва сандуқи синааш равшан, аз хусуси духтарак андеша меронд. Кист ӯ, куҷо меравад? Ҳамроҳ гирадаш, чӣ?.. Розӣ мешуда бошад? Шармин аст яқин, ҳатто сур метобад.

Ҳмм... одам барин баадабона таклиф кунад, не намегуфтагист. Шояд раҳашон як... Пурсад, чӣ? Лекин...

Бегоҳ вай бояд дар Душанбе бошад. Ба рафиқонаш ваъда карда буд, ки ба ҳам вомехӯранд; дар қаҳвахонаи «Сиёвуш» нишаста, як-ду соат дами беғам мезананд – мусиқӣ мешунаванд, айёми таҳсили худро дар мактаби кафшергарӣ ба ёд меоранд; кадоме чӣ ҳол дорад, ниҳоят пурсон мешаванд.

Духтарак... мумкин ӯ ба дигар тараф равад. Хайр... лекин чаро напурсад? Барои ин кораш носазо намешунидагист. Пурсидан айб нест гуфтаанд. Вале рафиқонаш...

Агар фаҳманд, ки вай ба кадом духтари ношинос овора гардида, ба Душанбе, ба мулоқоти пешакӣ таъин дер кардаast, вақташро бебаҳра гузарондааст, барбод додааст, – аз ханда рӯдакан мешаванд.

Ҷавон боз сигарета даргиронд. Вай мекӯшид аз ҳузури он духтараки нигоҳаш нарм, дар айни ҳол сӯзон, ки мӯи қиргуни буридааш андак парешон...

Дар пушти миз танҳо нишаста, гоҳо ба ҷониби ӯ назар меафканд, дигар фикр накунад.

– Боз борон меборидагӣ барин, – гуфт занаки буфетдор. Ва китоби фарсударо, ки як тараф монда буд, гашта ба даст гирифт. – Тамоми шаб раъду барқ шуд, борон гӯё аз сатил мерехт. То саҳар хобам набурд.

– Ҳа-а... – ба худ ғурунгид ҷавон.

– Шумо аз тундар наметарсед?

– Не-е, – ҳамчунон ғурунгид ӯ.

– Ман чунон метарсам, ки... – гуфт занаки буфетдор ва табассум карда, дандонҳои тиллоиашро намоиш дод. Тавре менамуд, ки куртаи шоҳии хушранг ба сари синаҳои баланди вай тангӣ мекунад. – Солҳое ки дар як деҳаи кӯҳпора зиндагӣ доштем, вақти хурӯши раъду барқ... аз ғояти тарс намедонистам худамро ба куҷо занам; қариб дилам мекафид. Аммо дар ин ҷо...

– ...Тарсатон камтар, – ба андак табассум давоми сухани ӯро аз даҳонаш гирифт ҷавон. – Ҳамин тавр?

– Ёфтед, – хандид зан.

– Албатта... дар шаҳрҳои калон, дар ин шаҳраки шумо ҳам… – дастонашро ба ду тараф кушод ҷавон, – умуман дар ҷойҳои серодам касро барқ намезанад.

– Сабаб чӣ бошад?

– Намедонам.

Тундар наздик омада, гулдуроси он тирезаҳои ошхонаро ларзонд.

– Шумо то мондани борон… беҳтараш дар ҳамин ҷо баҳузур шинед, – гуфт занаки буфетдор, чашмонаш хумор, абрувони қаламкашидаашро тоб дода. – Чанд рӯз пеш як одамро дар сари замини пахта барқ зад. Дуртар аз шипанги калхоз... Ман худам надидааму гапаш мӯл шуд.

– Аҷаб, – китф барҳам кашид ҷавон.

– Шипанг ҳам месӯзад. Вай дар қади раҳ... ҳоло мебинед.

– Аҷаб, – хаёлманд такрор кард ҷавон. – Ин хел ҳодиса бисёр кам рӯй медиҳад.

– Воқиан, – гуфт зан ба истиғно ва аз чӣ буд, ки ҳамоно хомӯш монд.

– Чӣ воқиан? – нафаҳмид ҷавон.

– Воқианаш ин ки... то куҷо сафар доред?

– Раҳам дур, – хандид ҷавон.

– То Душанбе?

– Бале.

– Агар медонистед, ки ба сайри шумо чӣ қадар ҳасад мебарам! – оҳ кашид зан. – Мани бечора аз саҳар то бегоҳ дар ҳамин ошхонаи бадбӯ. Ягон ҷо баромада наметавонам.

Дар димоғаш шамими атр, ҷавон ба синаҳои баланд ва дастони сафеди то соид урёни ӯ нигарист. Пас гӯё нохост духтаракро ба хотир оварда, якбора тоб хӯрд. Аммо...

Вай дар ошхона набуд.

Рафта буд вай.

– Ҳисоб кунед, – саросема гуфт ҷавон.

– Чиро? – аввал нафаҳмид буфетдор.

– Об, сигарета...

Ҷавон аз киса пул бароварда, болои пештахта партофт

ва зуд кулоҳашро ба сар кашид.

– Меравед? Андак истед... раъду барқ гузарад, – акнун бархоставу ба гунаҳояш сурхӣ дамида, маънидор мегуфт зан. – Тар мешавед. Боз ин ки...

– Саломат бошед!

Вай тохта аз ошхона баромаду...

Дар мобайни раҳ истода, ба чор тараф чашм давонд. Духтарак наменамуд; гӯё гум гашта буд, тамоман... Ба сари шаҳрак чодари тираи шаб фуромада, гоҳ-гоҳ аз шамшери оташини барқ пора мешуд.

Ҷавон боз як маротиба атрофро аз назар гузаронд. Вале беҳуда – шаҳрак дар зери шохборон монда...

Ба худ фурӯ рафта буд.

Гӯё мурда буд!

Вай дасткаши сиёҳи дарозро пӯшида, ба як зарби пой маторро ба кор даровард ва савори мататсикл...

Худро ба оғӯши тундар андохт.

Барқ паёпай оташ афрӯхта, дар оинаи чашмони мешиаш акс меёфт; ба кулоҳи сурхи ялақосиаш равшанӣ меафканд.

Ва ҷавон...

Дар ҳолате ки аз раҳи хилват ба суръати баланд мататсикл меронд, он духтараки нигоҳаш нарму маъсумро боз дар хотир оварда, ба як ҳисси ноошно, вале дар айни замон бисёр гарм аз дил мегузаронд: оё бори дигар сурати ӯро *медида* бошад?

Не, аз афти кор... намебинадаш.

Ҳаргиз!

Дар болои сари ӯ канда-канда раъд гулдурос мезад, барқ меҷаҳид. Ва муттасил борон мерехт.

*1986*

## ОХИРИН РӮЗИ ТИРАМОҲ

– Ҳушат куҷо рафт?

– Борон меборад, борони тирамоҳ.

– Хунук хӯрдӣ? Тиреза кушода...

– Не. Падарамро ба ёд овардам. Бӯи бодиринг меояд.

– Чӣ?
– Бӯи бодиринг мегӯям...
– Ту сиҳатӣ?
– Не. Фардо бояд дар бемористон хоб кунам.
– Чӣ дард дорӣ?
– Намедонам.
– Тирезаро пӯшам?
– Лозим не – борони нағз, мулоим...
– Рост, резаборон. Аммо ҳаво сард.
– Ту кай омадӣ?
– Ҳамин саҳар. Ба идораат занг задам. Гуфтанд, ки панҷ моҳ боз дар он ҷо кор намекунӣ.
– Баъд ин ҷо омадӣ...
– Бале, аммо дар *ин ҷо* ҳам туро наёфтам. Ман тамоман бехабар будам. Ҳамсояат гуфт... Чӣ хел шуд?
– Одамон чӣ хел мемиранд?
– Ту ҳеҷ аз талху пичингат намемонӣ!
– Бегоҳ аз кор омадам, ки аҳволаш бад...
– Гуландом куҷо буд?
– Ҳамин ҷо. Ӯро аз боғча гирифта, оҳиста-оҳиста ба хона меояду дилаш якбора беҳол мешавад...
– Гуландом натарсид?
– ...Зуд кӯча баромада, духтур ҷеғ задам. Лекин...
– Гуландом натарсид?
– ...Лекин дер шуд. Гап дар бораи Гуландом бошад... не-е, вай натарсидааст.
– Ту аз ман наранҷ. Медонӣ, ман...
– Медонам; медонам, ки ту ҳамон одами сангдил. Аз ин ҷиҳат асло дигар нашудаӣ.
– Чӣ, магар аз аҳволи фарзанди худ пурсидан сангдилист?
– Ман гумон доштам ту ӯро фаромӯш кардаӣ.
– Гумони беҳуда! Мактуб нанавиштаам, пул нафиристодаам; фиристода ҳам наметавонам. Инаш рост. Аммо фаромӯш кардан...
– Хайр, мон, аз дигар ҷо гап зан.
– Масалан?
– Масалан, аз Маскав.
– Маскав дар мақомаш. Ободӣ, амонӣ, арзонӣ...

– Корат чӣ тавр?

– Бад не, ягон сол пас ҳимоя мекунам.

– Бисёр хуб. Орзуят ҷомаи амал мепӯшад, ниҳоят орому осуда мешавӣ.

– Боз талху пичинг... Ё ҳасад мебарӣ?

– Аз чӣ ҳасад барам?

– Ба ҳар ҳол дар Маскав хона дорам. Номзади илм шуда, ҳамон ҷо мемонам...

– Ман ҳеҷ гоҳ бахил набудам, дар оянда ҳам ба касе бахилӣ намекунам. Вале... якумаш ин ки ту аввал олим шав, олими нағз шав, баъд гап зан. Сониян, дар Маскав хона дорам мегӯӣ...

– Сахт расид?

– Не, сахт нарасидааст. Чунки ба ин ҷо, ба манзили раҳматӣ модарам, ман худам бозпас омада будам. Ва ниҳоят... вақте ки ба воситаи суд ҷудо мешудем, ту ҳазор илтимосу илтиҷо кардӣ: аз хона даҳан накушо, нафақа ҳам напурс, вазъияти ман бисёр вазнин, ҳамин ки корам ривоҷ гирифт, баъд ихтиёрат... Гапам дуруст?

– Дуруст. Ман ҳоло ҳам аз фикрам нагаштаам. Корам барор ёбад, пулдор шавам, пас ана...

– Пас барои чӣ хонаро иваз кардӣ?

– Аввало ин ки ману ту дар ин хусус ягон маротиба гап назадаем. Сониян, ман гуфта будам – Гуландом духтарам, модом ки Гуландом духтарам, хона ҳам оқибат аз они вай мешавад.

– Дар Маскав?

– Аз ду хонаи ин ҷо як хонаи Маскав беҳтар нест? Ту ҳатто тасаввур карда наметавонӣ, ки дар *чунин* шаҳр ба сар бурдан чӣ бартариҳо дорад. Маркази илм, маданият...

– Кас агар хоҳад, дар ҳама ҷо илм меомӯзад. Ба маданият расидан ҳам аз худи одам вобаста.

– Рост, вале муҳит чӣ? Барои чӣ муҳити созгорро ба инобат намегирӣ?

– Муғамбир ту! Боз механдӣ...

– Хайр, дар ин бора баъдтар гап мезанем. Ҳоло дуруст фаҳмон, ки кай...

– Чӣ кай?

– Модаратро дар назар дорам.
– Ним сол шуд.
– Нағз гӯрондед?
– Аҷаб…
– Барои чӣ заҳрханд мекунӣ?
– Вай *худаш* ғами дафнашро хӯрда буд. Боз... ҳама аз вай розӣ буданд. Бале, муҳиммаш ин ки ҳама аз вай *розӣ* буданд. Ба фарзанди инсон некӣ кунад... мекард, аммо ҳаргиз бадиро раво намедид. Осуда ҷон дод. Бе ҳеҷ талвоса, ором, батаҳаммул...
– Тирезаро пӯшам, хунук хӯрдӣ...
– Лозим не. Бӯи бодиринг меояд.
– Чӣ?!
– Бӯи бодиринг мегӯям. Бӯи борон...
– Ҳоло ҳам ту ҳамон духтари даҳ сол пешина. Қариб дигар нашудаӣ.
– Аммо ту ҳар рӯз дигар мешудӣ.
– Чӣ хел?
– Худат нағз медонӣ. Боз ҳайрон монда, гаранг китф барҳам мекашӣ...
– Чӣ илоҷ, зиндагӣ! Одам дар пасту баланди зиндагӣ хоҳнохоҳ дигар мешавад.
– На ин ки зиндагӣ одамро, балки одам бояд зиндагиро дигар кунад.
– Ба гуфтан осон.
– Ту падари маро мешинохтӣ?
– Аҷаб саволе!
– Не-е, ту ӯро ҳаргиз намешинохтӣ.
– Ду соли дароз ҳамроҳ зиндагӣ карда...
– Чӣ *инсон* буданашро намедонистӣ.
– Шояд.
– Шояд не, рост! Лекин вай одамшинос буд. Вай туро бисёр бад медид.
– Наход?
– Тамасхур накун. Ман ба ту ягон бор дар ин хусус гап назадаам. Чунки баъд аз ҷудо шудан ҳам… ба ҳар ҳол раҳматро мехӯрдам, кам ё беш... ба ту бовар доштам. Аммо пас аз ин корат...

– Кадом корам?

– Рӯзе ки шунидам хонаро иваз карда, Маскав рафтаӣ, дилам тамоман аз ту монд. Як даҳан нагуфта, як зарра нафаҳмонда...

– Иваз карда бошам, чӣ зарар дорад? Духтарат калон шуда, эҳтимол хондан равад. Дар Маскав барин шаҳри бузург сарпаноҳи беминнат...

– ...Ман он рӯз гашта ба ёд овардам, ки падарам нахустин моҳи хонадории мо дар ҳаққи ту гуфта буд: аз вай одамгарӣ намебарояд! Фақат як маротиба... вале сахт гуфта буд.

– Ҳар кӣ бошам, ман ҳам падар ном дорам. Ёфту тофтам фардо ба Гуландом насиб мекунад, на ба каси дигар.

– Ҳамон фардо кай?

– Аввал ҳимоя кунам...

– Беинсоф ту! Агар инсоф медоштӣ... Се сол боз ба вай ҳатто як куртача нахаридаӣ. Ман аз хонаат ғайр аз сарулибосам хас нагирифта будам.

– Гуфтам-ку: аввал рисолаамро ҳимоя кунам, корам ривоҷ ёбад, пулдор шавам.

– Ту аз ин гапҳои ман гумон набар, ки мо ягон тамаъ дорем. Не, ба мо аз ту ҳеҷ чиз лозим не! Тану ҷонамон сиҳат бошад, кифоя...

– Воқиан, вай дар куҷо?

– Кӣ?

– Гуландом.

– Дар хонаи амакам.

– Барои чӣ?

– Барои он ки ман фардо дар бемористон хоб мекунам.

– Ғам нахӯр, ҳамааш дуруст мешавад. Ҳоло илми тиб хеле пеш рафтааст. Дардат ҷиддӣ?

– Гуфтам-ку: намедонам.

– Хайр... Тирезаро пӯшам?

– Боз тиреза!

– О хунук мехӯрӣ. Рангатро бин…

– Ту *ин* хонаро дар ёд дорӣ?

– Фаромӯш накардаам.

– Ману ту қариб ду сол дар ҳамин ҷо зиндагӣ доштем. Гуландом дар ҳамин хонаҳо пой баровард.

– Рост. Ман ба вай нигариста, аз хурсандӣ курта-курта гӯшт мегирифтам.

– Мо дар куҷо шинос шуда будем?

– Дар хобгоҳи институти палитехникӣ.

– Бале, ман он рӯз ба назди дугонаҳои ҳамдарсам рафта будам. Баъд ту омадӣ, ба як рафиқат. Харбуза бардошта омадед...

– Ёд дорам. Ту аз шарм намедонистӣ чӣ кор кунӣ.

– Духтарҳо шуморо нағз пешвоз гирифтанд. Онҳо ба шумо шинос будаанд. Рафиқат харбуза кушта, маро ҳам муроот кард. Аммо ман шарм дошта, ба табақ даст бурда наметавонистам. Ту шояд мепурсӣ – *аз кӣ...*

– Бале, аз кӣ?

– Аз ту... Нигоҳат тез буд. Зоҳиран сода, вале дар айни замон бисёр зирак менамудӣ. Хаёлам, ки аз дилам чӣ мегузарад, ҳамаашро мефаҳмӣ.

– Ту дар ин бора ба ман ягон маротиба гап назадаӣ.

– Рост. Гап задан ҳам намехостам. Лекин ҳоло... Сарулибосат озода буд; худат чаққон, чашмонат равшан, чеҳраат кушода... Аз чӣ бошад, ман ба ту боз як бор назар давонда, фикр кардам, ки яқин дар деҳа калон шудаӣ, аммо ҳамсолони шаҳриат ба ту баробар омада наметавонанд.

– Сабаб?

– Намедонам. Баъзан мешавад, ки одам дар фаҳмондани фикраш, ин ё он ҳиссиёташ оҷизӣ мекашад.

– Хоҳад, мефаҳмонад. Аз худи одам вобаста...

– Хулоса, ман шарм медоштам. Баъд ту дастатро пок карда, ба табассум гуфтӣ, ки то шумо нагиред, мо намегирем. Ҳаяҷонам бештар гардида, ман аввал ба табақ, пас ба ту нигаристам ва чӣ ҷавоб доданро надониста, беихтиёр гуфтам, ки ман харбуза намехӯрам. Чӣ мехӯред... пурсидӣ ба ҳамон чеҳраи кушода, ба ҳамон чашмони равшан.

– Аҷаб, дар ёд надорам.

– Тарбуз гуфтам ман, агарчи он лаҳза дилам танҳо харбуза мехост....

– Пас маро фиреб додӣ?

– ...Ту зуд аз ҷой хестӣ ва ҳозир гӯён берун рафтӣ. Духтарҳо хандиданд. Рафиқат ҳам механдид. Баъд аз рафтани ту

ман худро озод ҳис карда, ду-се карч харбуза хӯрдам. Ниҳоят, аз байн ним соат нагузашта, дар бағал як тарбузи калон, гашта омадӣ. Хурсанд будӣ. Аҷаб, ки ман ҳам дарун-дарун шодӣ мекардам.

– Инашро умуман дар хотир надорам.

– Бале, ту дар хотир надорӣ. Чунки рафторат тасодуфӣ буд. Ман инро пас аз хонадор шудан донистам; донистам, ки чунин содагӣ ба табиати ту ҳеҷ мувофиқ нест... Лекин ман аз ҳамон рӯз ба ту дил бастам.

– Ман ҳам...

– Баъд ту маро дар ғояти адаб то ин бино гусел кардӣ. Раҳорах фаҳмидам, ки дар университет мехонӣ. Аз ман як курс боло... Чой гир.

– Ташаккур, бисёр нӯшидам.

– Пас аз ду сол хонадор шудем. Ман ҳис мекардам, ки падарам ба ин издивоҷ розӣ нест. Аммо вай дардашро фурӯ бурда, маро ба ихтиёри худам гузошт. Чунки ман ягона фарзандаш будам; ҳам ба ҷои писар, ҳам ба ҷои духтар...

– Ту гуфтӣ, ки вай маро бисёр бад медид.

– Сабр кун... Падарам одами касалманд буд. Вай дар ҷавониаш ба мухолифони сохти шӯравӣ ҷангида, чанд бор захмӣ мешавад. Баъде ки онҳо торумор мегарданд, дар завод кор мекунад. Аз рӯи гапи дӯстонаш нағз кор мекардааст, мардуми ҳаромхӯрро чашми дидан надоштааст... Вақте ки ҷанг сар мешавад, зуд ариза дода, дар қатори аввалинҳо ба майдон меравад ва ба ҳамин рафтан соли чилу шаш бармегардад.

– Ман инро медонам.

– Вале ту намедонӣ, ки вай то охири умр чӣ тавр азоб мекашид!

– Ба назарам одами бақувват буд...

– Баъзан модарам оби дида рехта, дар алам мегуфт, ки танаш мисли ғирбол... Вай ӯро бисёр дӯст медошт. Чунон дӯст медошт, ки... Вақти ба дунё омадани ман падарам чилудусола будааст. Модарам аз вай понздаҳ сол хурд буд. Онҳо дер хонадор мешаванд... Ту медонӣ мо аввал дар куҷо зиндагӣ мекардем?

– Мегуфтӣ, ки ҳавлӣ доштед...

– Рост, ман ба ту бисёр мегуфтам. Аммо ҳар чӣ аз кӯда-

киам ё дар бораи падарам мегуфтам, ба як гӯшат даромада, аз гӯши дигарат мебаромад.

– Ҳама гапи оламро дар хотир дошта намешавад.

– Дар канори шаҳр буд ҳавлиамон. Ҳавлии хурд, озода... Падарам ба як парча замини он ҳар хел сабзавот кишт мекард: пиёз, гашнич, райҳон, ду-се ҷӯя бодиринг, ду-се ҷӯя памидор... Мани кӯдак бодирингро бисёр нағз медидам. Ҳоло хаёл мекунам, ки аз он ҳавличаамон, аз ҳавои хонаамон... аз дасти падарам, аз домани модарам ҳамеша бӯи бодиринг меомад, ҳатто дар фасли зимистон... Ёд дорам – тобистонҳо, лаҳзаҳое ки аз хоб намехестам, падарам аксар вақт дар чогаҳ ба пеши биниам як-ду бодиринги нав аз палак кандаашро оварда мемонд. Ман дарҳол мехестаму шитобон дастурӯй шуста, ба завқ бодиринг мехӯрдам. Чӣ лозим... Аслан чӣ лозим ин хотираҳои ман!

– Не, гап зан, гӯшам ба ту. Ман фаҳмидан мехоҳам, ки барои чӣ падарат маро бад медид.

– Падарам, берӯзӣ падарам... Соле ки ба синфи якум рафтам, ҳавлиамонро вайрон карда, ба мо аз ҳамин бино хона доданд. Дар ҷои ҳавлии мо ва ҳамсояҳоямон мактаб сохтанд; мактаби калон, зебо... Мо се нафар дар ин ду хонаи хиштӣ хуш рӯз мегузарондем. Баъд ту пайдо шудӣ. Ҳафтаҳои аввал падарам мекӯшид дилатро ёфта, ба ту қарин гардад. Аммо муомилаи ту ба вай сидқан набуд. Ту ӯро аз худ дур медоштӣ, дар омади гап чизе пурсад, базӯр ҷавоб медодӣ, ҳатто аз сӯҳбатҳои кам дар ками ӯ дилтанг шуда, ба хонаи дигар мегузаштӣ, ё кӯча мебаромадӣ... Тахмин пас аз як моҳи оиладории мо хабар расонданд, ки модарат бемор. Рӯзи дигар, ҳангоме ӯро диданӣ ба деҳа мерафтӣ, аҳволаш вазнин бошад, зуд биёред... гуфт падарам, духтурҳои ин ҷо ба ҳар ҳол беҳтар... Вай падару модаратро эҳтиром мекард, бародаратро ҳам. Лекин ту дар ҷавоб гуфтӣ, ки ба ман ташвиши беҳуда чӣ лозим, аздусар умраш кам мондааст... Ҳамон рӯз, баъди рафтанат, падарам соатҳо хомӯш буд. Ниҳоят дар болои дастархон як оҳ кашида, дуру дароз ба ман чашм дӯхт ва маънидор карда, дар ҳолате ки овозаш меларзид, гуфт: аз *вай* одамгарӣ намебарояд! Ман чӣ?.. Ман ба ошхона гузаштам ва танҳо монда, хуб гиристам.

– Агар инро дар вақташ мегуфтӣ, эҳтимол фоида мекард. Ё ҳамон шабу рӯз ҷудо мешудем, ё ман...

– Ман, ман... Туро чизпарастӣ, ғурури беҷо, худнамоӣ ва ман-мании пуч ба ин ҳол расонд.

– Ба ҳолам чӣ шудааст?

– То имрӯз нафаҳмида бошӣ, дар оянда мефаҳмӣ. Бечора падарам муддати ду соле ки ҳамроҳаш зиндагӣ мекардӣ, дандон ба дандон монда мегашт. Боз шарм надошта, барои чӣ мегӯӣ... Ту ягон бор ба андеша рафтаӣ, ки агар дар хона бошӣ, чаро вай ба наздат намедаромад? Ҳатто дар паҳлуят нишаста, озод таом намехӯрд.

– Ҳамин қадар гап будаасту ба ту панҷ сол зиндагӣ карда, тамоман бехабар...

– Барои он бехабар будӣ, ки ман умед мебастам, шавҳарам мегуфтам. Гумон доштам як рӯз не, як рӯз ба инсоф меоӣ. Аз раҳи фиребу найранг нагашта, одам барин ҳалол зиндагӣ мекунӣ; аз паи пулу мол натохта, ба китобу дафтарат машғул мешавӣ. Падарам ҳам хайр, дигар чӣ илоҷ, ҳар кӣ бошад, шавҳари ягона духтарам гуфта, умедвор ба мо хона гирифта дода буд.

– Чӣ хел? Ман, охир, хонаро аз ҳисоботи университет гирифтам! Худам...

– Дар як сол, а?

– Ҳа, дар як сол.

– Агар падарам намебуд, дар даҳ сол ҳам намегирифтӣ. Вай дар умраш аввалин бор хизматҳояшро пеш андохта, идора ба идора гашта... Эҳ, чӣ гӯям! Аммо ту рӯзи маргаш ба ҷои ду қатра ашк рехтан бегоҳ арақ хӯрда омадӣ.

– Худат медонӣ, ки ман гириста наметавонам...

– Рост. Дили ту аз санг. Рӯзи вафоти модарат ҳам чашмат нам нагирифта буд. Ба ту пул бошад, сарулибоси гаронбаҳо бошад, вазифаи баланд бошад... Инсон чӣ? Инсон барои ту чени хас қадр надорад.

– Хайр, мон акнун ин гапҳоро. Кӣ ҳақ, кӣ ноҳак баъд маълум мешавад.

– Бубахш, сахт расидам. Ман асло намехостам, лекин...

– Гуландом чӣ хел?

– Нағз, қад кашидааст. Соли оянда мактаб меравад. Пеш-

тар гоҳо ба суратат нигариста, зиқу зор мегуфт, ки падарам дар куҷо, кай меояд. Аммо вақтҳои охир намепурсад.

– Дар хонаи амакам гуфтӣ…

– Аз ноилоҷӣ.

– Ту фардо воқиан дар бемористон хоб карданӣ?

– Бале.

– Афсӯс, фурсат надорам, ки рафта Гуландомро бинам. Аз деҳа баргардам, пас ана...

– Ба падарат салом расон. Мӯйсафед одами нағз, дилсоф... Бародаратро ҳам пурс.

– Албатта.

– Баъзан онҳоро ба ёд оварда, худ аз худ шарм медорам.

– Ҳоло дар куҷо кор мекунӣ?

– Касбам ҳамон касб – меъморӣ. Вале дар муассисаи дигар, ба хона наздиктар. Барои Гуландом шуда... маҷбур аз институт рафтам.

– Борон ганда гирифт.

– Нағз, меҳри падарамро ба хотир меорад, навозиши модарамро, айёми кӯдакиамро...

– Хунук хӯрдӣ?

– Не.

– Ман хунук хӯрдам.

– Чой нӯш.

– Дер шуд. Вақти хобат расидагист.

– Хобам парид.

– Ман ба як илтимос омадам. Аз худи Маскав...

– Хайр?

– Ба ман пул лозим.

– Пул?!

– Бале, ниҳоят зарур. Вагарна...

– Чанд сӯм?

– Чанд сӯме ки дода тавонӣ. Ҳазор сӯм, ду ҳазор сӯм...

– Ин қадар пулро чӣ мекунӣ?

– Мошин мехарам.

– Мошин? Гумон бурдам, ки шояд қарздор шудаӣ, ё рӯзат намегузарад.

– Як ҳамкорам дармонда, арзон фурӯхтанӣ; мошини нав, хушранг, бақувват. Кӣ медонад, ки боз кай ин хел фурсати

муносиб даст медиҳад!

– Ман пули бисёр надорам. Ҳар чӣ аз раҳматӣ модарам мондааст...

– Чӣ қадаре ки бошад... Аз хирс мӯе гуфтаанд.

– Ақалан мегуфтӣ, ки аз оҳу!

– Бубахш, дар омади гап... Ягон рӯз бахтам тобад, ҳамаашро бармегардонам. Бе каму кост.

– Ғам нахӯр, баргардондан ҳатмӣ не. Аммо... фақат ба як шарт медиҳам.

– Хуб, шартатро гӯй.

– Ту маро осуда мегузорӣ.

– Яне... чӣ *тавр* осуда?

– Дигар ба ман рӯбарӯ намешавӣ.

– Чӣ илоҷ... Пас ба воситаи почта мефиристам.

– Гуфтам-ку: зарур не. Ҳисоб кун, ки пули худат. Ҳозир... ана, ҳаштсад сӯм. Буду шудаш ҳамин. Агар боз медоштам, мошинатро ҳам худам харида медодам.

– Ташаккур! Лекин неш заданат...

– Бовар кун, неш назадаам. Аз таҳти дил гуфтам.

– Хайр, раҳмат... Ман акнун равам. Ту хаста шудӣ.

– Ҷои хоб дорӣ?

– Ҳа, як рафиқам дар хонааш интизор. Меоям гуфта будам. Алваъдаву дайн...

– Шартамонро фаромӯш намекунӣ?

– Фаромӯш кардан душвор. Вале... модом ки хоҳишат ҳамин аст...

– Шояд аввал чой менӯшӣ? Ҳавои берун сард.

– Ташаккур, дер шуд.

– Ба падарат ҳатман салом расон.

– Мерасонам… Шарфи ман канӣ? Воқиан, дуруст мегӯӣ: берун хунук... Ташвиш накаш, ана… ёфтам. Дар остини палто будааст... Имрӯз ба ҳар ҳол охирин рӯзи тирамоҳ.

– Бале, охирин рӯзи тирамоҳ! Эҳтимол барф борида, дунёро сафед мекунад.

– Ҳа-а, хосияти барф нағз... Хайр, саломат бош!

– Ҳозир, як дақиқа, ҳозир... Ана инро ҳам бигир. Рафту барои мошин пулат нарасад, лозим мешавад.

– Ин чӣ? Охир...

– Намебинӣ? Ангуштарин, ҳамон ангуштарини рӯзи ақди никоҳ...
– Ташаккур!
– Намеарзад.
– Саломат бош!
– Ту ҳам...

*1983*

## ФАРЗАНД

Онҳо, писарбачаи дувоздаҳсолаву марди чилсола, дар боғи истироҳати шаҳр, дар зери як соябони нақшини монанд ба қорчи бузурге…

Рӯбарӯ нишаста, яхмос мехӯрданд.

Охири баҳорон буд.

Боғи сарсабз лабрези анвори офтоб, лабрези гуфтугузор ва ханда...

Кӯдакони масрур аз дасти падару модар ё бародару хоҳарони худ гирифта, сайру гашт мекарданд; ба чархофалак савор мешуданд; меҷаҳиданду мепариданд.

Баъзе аз онҳо, чун писарбачаи дувоздаҳсолаву марди чилсола, дар зери соябонҳои дигар нишаста, низ яхмос мехӯрданд; шоду беғам буданд.

Хуллас, боғи истироҳат дар он гашти рӯз як қасри сурурро мемонд. Қасре ки буттаҳои хушгул дорад, фаввораву дарахтони раъно ва осмони тозаву офтоби тобон дорад.

Аммо дар чунин рӯзи пок писарбачаи дувоздаҳсола ва марди чилсола гӯё ба ҳам бегона буданд; побанди хаёл ва ҳар кадоме ба таври худ танҳо...

Тамоман танҳо буданд.

Сари ҳар ду низ андак хам, онҳо ба якдигар сухане нагуфта, аз ду зарфаки поядори филизӣ ва сард, ки дар рӯи мизи гирда меистод, яхмоси сард мехӯрданд.

Писарбача ангуштони дароз-дарози базеб дошт, сиёҳчарда ва ситорагарм буд. Мӯйсараш ғулӣ... ба чашмони калон-калони мешӣ ва андак мағмуми ӯ мижаҳои зичаш соя меандохтанд. Кас ба як дидан пай мебурд, – ин бачаи дар назар

ҳассос эҳтимол фарзанди ҳамин мард аст, ки ҳоло ба вай рӯбарӯ нишаста, аҳён-аҳён, гӯё қадре тарсида, ба сӯяш чашм медавонад.

Вале...

Чунин менамояд, ки писарбача инро ҳис намекунад, ё ҳис кунад ҳам, эътибор намедиҳад.

...Бале, падару писар буданд онҳо!

Ҳафтае як маротиба вомехӯрданд. Дар пеши боғ ё қади кӯча, дар назди корхонаи мард, дар мактаби писарбача...

Имрӯз шояд бори сиюм ё чилум буд, ки онҳо боз якдигарро медиданд.

Мард ба ин вохӯриҳо қариб ҳамеша сархам ва дар қайди андеша меомад.

Писарбача низ...

Ва онҳо қариб ҳамеша аз якдигар ғамгин ҷудо мешуданд.

...Писарбача яхмосашро то охир хӯрда, беихтиёр ба нуқтае чашм дӯхт.

Мард ҳам чумчаро даруни зарф гузошта, мулоим сар бардошт. Нигоҳаш чеҳраи ботаровати писарбачаро навозиш мекард. Сухане гуфтан мехосту наметавонист…

Ва изтироби дилаш шадид мешуд.

– Мехезем? – ниҳоят пурсид ӯ.

– Ихтиёр... – ҳамчунон нигоҳашро гурезонда, гуфт писарбача.

Мард боз ба сукут рафт.

Писарбача низ хомӯш буд.

Ба гӯш бештар хандаи кӯдакон мерасид. Насими серуни баҳорон мевазид...

– Ту барои чӣ ин қадар озурда менамоӣ? – пас аз муддате як оҳ кашида, ба меҳр пурсид мард.

Овозаш меларзид.

– Ман озурда не… – гуфт дар ҷавоб писарбача.

Овози вай ҳам каме меларзид.

– Хонданат чӣ хел? – боз пурсид мард.

– Нағз, – гуфт писарбача.

– Модарат чӣ?

– Нағз...

– Ягон чиз мехоҳӣ?

– Чӣ... ягон чиз?

– Масалан, китоб, либос, пойафзор... ё боз ягон муҳимми дигар.

– Не, ҳама чиз дорам.

– Саломатиат дуруст?

– Бад не.

– Пас барои чӣ ин тавр ғамгин метобӣ?

– Ман ғамгин нестам. Лекин...

– Чӣ лекин?

– Ҳеҷ... – гуфт писарбача ва нигоҳашро ба зарфаки сарди филизӣ шикаст; аз нав хомӯш монд.

– Мехезем? – пурсид мард.

– Ха-айр, – гуфт писарбача.

Ва онҳо бархостанд.

Мард ба фарқи сари ӯ дасти навозиш бурда, чун гунаҳкор бе ҷуръат табассум кард.

– Баадаб шав, писарам. Ба кору бори модарат мадад расон… Хуб?

Писарбача ҳарфе нагуфт, фақат китф барҳам кашид. Ва онҳо аз боғи истироҳат берун шуда, ба хиёбони маркази шаҳр дохил гардиданд. Бешитоб қадам монда, гоҳо дар байни худ як-ду калима радду бадал мекарданд.

Ниҳоят онҳо дар пеши иморати баланде қарор гирифтанд.

– Меравӣ? – пурсид мард, дар ҳолате ки аз қомати химчаи писарбача чашм канда наметавонист.

– Ҳа-а, меравам.

– Таъини маро фаромӯш накун: баадаб шав… То метавонӣ, бештар китоб хон.

– Ман инро фаромӯш намекунам, – сухани ӯро бурид писарбача. – Лекин...

– Чӣ лекин? – ба ҳаяҷон омад мард.

– Хонданам нағз. Ба кору бори модарам ҳам мадад мерасонам. Лекин баъзан...

Дили мард сахт ва ноором метапид.

– ...Баъзан хаёл мекунам, ки барои чӣ дар хона нестед. Истода-истода... баъзан мехоҳам ҳамроҳ сари дастархон шинем, телевизор бинем, кӯча бароем...

Писарбачаи дувоздаҳсола инро гуфту дар чашмони зе-

бояш ашк давида, суханаш нотамом, тозон ба дарвозаи иморати баланд рафт.

Марди чилсола дар хиёбони калон ва серодами шаҳр танҳо монд. Ва чун ҳайратзада фурсате ноҷунбон истода, аламнок аз дил гузаронд, ки...

*Писараш*, писараки ҳар дафъа ғамгинаш, ҳоло асрори аз ҳам ҷудо шудани ӯ ва модари худро аз куҷо медонад.

*1985*

## ДУМБУРА

*Ба ёди Маҳмуд Воҳидов*

Мӯйсафед дар қариби дарвозаи бозор такя ба девор дода, беҳаракат менишаст. Дастони дароз-дарози серрагупаи ӯ дар сари зонувонаш ором мегирифтанд. Ангуштонаш низ дароз, сиёҳтоб ва сахле каҷ буданд, – мисли радаи навниҳолон, ки аз андак фишори бод ҳама баробар ба як тараф хам мехӯранд. Пешониаш фарохи пурчин. Нигоҳаш, ки одамони дар рафтуоро – вай бештар ба пои онҳо менигарист – лоҷарам муоина мекард, то андозае бефарқ ва ҳатто маҳзун метофт. Дар наздаш, дар болои як газ матои осмонранг, се адад думбура ҳайрон мехобид.

Пас аз чанд дақиқа мӯйсафед, дар машом бӯи ғализи меваҷоти растаҳо, нигоҳашро аз мардуми даргузар ғундошта, ба созҳо кӯчонд. Ва муддате ба онҳо зеҳн монда, чун дирӯзу парерӯз боз хулоса баровард, – дар ҳақиқат асбоби Мирзокарим хушранг, ҷаззоб, мисли инҳо не; меарзад, ки думбура ё дутор гуфта, ба даст гирӣ. Лекин...

Ӯ вақти азон савори як мошини раҳгузар шуда, соате қабл ба Кӯлоб расида буд. Ва ҳоло дар шолчаи ҳамроҳ овардааш нишаста, вазнин ҳис мекард, ки шалпар аст, банду буғумҳои дасту пояш ба дард меоянд. Болои ин хунук мехӯрад, ғалмағали бозор ҳам дар гӯшаш ноҳорам мерасад.

Ба умеде ки шояд ҳаво кушода шавад, мӯйсафед ба осмони абролуд як назар афканду «меборидагӣ барин», – гуфт зери лаб ва аз бағалаш рӯймоли сафеди каме ғиҷимро сабук берун кашида, номаълум бинӣ афшонд; бурут ва гирди даҳо-

нашро пок кард. Сипас онро дар таки миёнбандаш хаста, даст ба хӯрҷини фарсудае бурд, ки дар паҳлуяш меистод. Вай аз паллаи бордон як термоси хурди хитоӣ – набераааш Саидакрам аз хизмати ҳарбӣ ҳадя оварда буд, – пиёлаи низ хурди пахтагул ва бастаеро гирифта, дар пешаш, назди думбураҳо гузошт. Ва он бастаро кушода, аз ду ноне ки кампираш «тӯшаи раҳат», – гуфта, ба хӯрҷин андохта буд, якеро пора кард. Даҳони термосро ҳам кушода, дар пиёла чой рехт. Ва акнун пиёларо ба лаб бурдан мехост, ки:

– Салом, усто! – гӯён касе аз болои сараш овоз дод.

Ним қадам дуртар аз созҳо мӯйсафед аввал як ҷуфт мӯзаи хиром ва баъд чашм бардошта, соҳиби овозро низ диду дарҳол шинохт. Ин марди қаддароз, ки дар таки бинӣ чени ганбуск мӯйлаб монда мегашт, дар ҳамин ҷо аз вай ду-се маротиба коса-табақ харида буд; моли ӯро сидқан таъриф мекард. Умуман… ношукрӣ нашавад, мӯйсафед дар бозори Кӯлоб баъзе миҷозҳои баинсоф дошт.

– Салом... – Вай пиёларо гашта дар ҷояш гузошт. – Ҳарчи саломатӣ? Кӯдакот сиҳатанд?

– Шукр, падар, шукр, – гуфт марди ганбускмӯйлаб, дастони ба сӯяш дарозшудаи мӯйсафедро ба даст гирифта. – Аз худат пурсам? Чанд моҳ боз наменамоӣ... Мабодо бетоб-ку набудӣ?

– Не, додар, бетоб набудам. Лекин... пир шудаам. Худи ҳамин баробари сад бетобӣ.

– Шикоят накун, ту ҳоло чандон пир нестӣ, – гуфт мард ва даме сукут варзида, ба думбураҳои пеши рояш назар давонд. – Инҳо аз худат?

– Ҳо, – гуфт мӯйсафед, бидуни ихтиёр нигоҳашро андак гурезонда.

– Ха-айр... Чумча надорӣ?

– Не, додар, қариб як сол мешавад, ки ҳеҷ чиз натарошидаам, – кифоя. Танҳо ҳамин...

– Ба ман чумча даркор. Аммо дар наздат фақат асбоби тараб мебинам. Ту ба хаёлам думбура намесохтӣ-ку?!

– Қиссаи дароз ин, – гуфт муйсафед ва дар лабханд гоҳ ба симои марду гоҳ ба созҳои худ нигариста, илова намуд: – Ягонтааш форида бошад, бигир, арзон медиҳам.

– Раҳмат, падар, ба ман чумча даркор буд.

Марди ганбускмӯйилаб хайрухуш кард ва калон-калон қадам партофта, аз дарвозаи бозор берун рафт.

Мӯйсафед оҳиста дар ҷояш нишаст.

«Мақбул нашуд. Ақалан ба дасташ нагирифт, – аз дил гузаронд ӯ қадре малул. – Эҳтимол *инҳо* ягон иллат доранд, аммо ман намедонам...»

Баъди фурсате муйсафед чою нон мехӯрду пай мебурд, ки табъаш хира мегардад. Боиси ин ҳолаташро аниқ дарёфтан ҳам душвор буд. Вай намефаҳмид аз кӣ домангир шавад – аз худаш, ё аз он марди шинос, ки ба асбоби ӯ ҳатто эътибор накарда рафт? Шояд айб на дар мӯйсафед ва на дар он мард – вай, охир, думбура не, чумча мехост! – балки маҳз дар ҳамин думбураҳо бошад... Не-е, ба инҳо чӣ шудааст? Овози нағз доранд, ҳар се низ аз дили ҷӯби зардолу баромадаанд. Ба мардуми навошинос боз чӣ лозим? Дуруст аст, ки рангашон назаргир не, «дар алав тоб надодаам, аз дастам наомад». Лекин... хушрӯй набошанд ҳам, то ба инҳо думбура ном гузоштан... вай, мӯйсафед... эҳ-ҳ! Ҳаминҳоро набиёрад, кори хуб мешуд, аслан овардан намехост. Гуноҳи кампираш: «бурда фурӯш, мардак. Сари зимистон, иншоаллоҳ, набераат зан мегирад. Мо ҳам камтар харҷ накашем, айб мешавад. Ба ин сад сӯме ки кайҳо боз эҳтиёт карда мегардӣ, ягон чизи арзанда харидан даргумон», – гуфта, орому қарори ӯро барҳам зад аёли бемаънӣ.

– Монда набош, ҳамном!

– Саломат бош!

– Аз рӯи гапи мардум имсол дар Ховалинг алаф бисёр шудааст...

– Рост, фаровон буд.

– Коса-табақат намонд?

– Наовардаам коса-табақ... Бас кардам.

– Афсӯс. Ният доштам, ки табақ оварда бошӣ, бе чуну чаро мехарам. Аз маҳсули дасти худат қурутоб хӯрдан аҷаб кайфият дорад.

Боз як шиноси мӯйсафед инро гуфта, бешитоб дур шуд. Ба думбураҳои вай дуруст нигоҳ ҳам накарда, даст ба пушт вазнин қадам монда, шояд аз паи муҳиммаш рафт. Ва дар

пешгаҳи бозор ба анбӯҳи одамон омехта, дар як дам аз назар нопадид гардид.

Мӯйсафед, чунон ки пояш аз замину дасташ аз осмон канда шуда бошад, дуру дароз ба моли худ чашм дӯхта нишаст. Пакар буд вай, озурда буд... Барои чӣ касе думбураашро намепурсад? Наход ҳамин қадар масофа тай карда, дар ниҳояти кор ноумед баргардад? Наход дар ин бозори калон, дар ин шаҳри сернуфус, дар байни ин мардуми санъатдӯст… ягон одами созталаб пайдо нашавад?

Аслан соғутарош буд мӯйсафед. Дар давоми қариб чил сол, соатҳое ки аз кори калхоз фориғ мегардид, табақу коса, кафлесу чумча, тираку тахта ва ғайра лавозими рӯзгор тарошида, ба аксар мардуми Ховалинг ҳоҷатбарор мешуд. Гоҳо, дар ду-се моҳ як ё ду карат, баъзе ҳосили дасташро ба ин ҷо, ба бозори Кӯлоб меовард. Ва ҳаргиз «нархаш фалон сӯм», – намегуфт. Ҳар кас ҳар чӣ диҳад, қаноатманд мегирифту ба ивази он каму кости оилаашро буд мекард.

Бале, мӯйсафед соғутарош буд. Боз... думбура менавохт; хуб менавохт, ҳоло ҳам менавозад. Ин ҳунарро чун соғутарошӣ аз раҳматӣ падараш мерос гирифтааст. Аммо дар бадали кулли он солҳое ки аз дарахти бед асбоби рӯзгор метарошид, вай дар дил гарм орзу мепарварид, – худо хоҳад, барои худаш ҳатман як думбура месозад. Асбобе ки зинда бошад; оқибат ба қалбаш ҳамсадову ба андешаҳояш ҳамсафар гардад; албатта месозад!

– Коса надорӣ?

– Не, писар...

Муйсафед чанд сол муқаддам аз Мирзокарими ҳамсояаш баумед якта думбура харида буд. Вале ҳамон низ ӯро қонеъ карда наметавонист – овозаш чандон равшан не, ба ғалаёни дили мӯйсафед қудрати ҷӯр шудан надорад, – ҳарчанд Мирзокарим мегӯяд:

– Ин беҳтарин олатест, ки дар умрам сохтаам.

Хулоса, мӯйсафед дар орзуи думбураи *нагз* буд; думбурае ки дар дасти кас ҷон гирад, аз самими сина ба гуфтор ояд... Лекин солҳо мегузаштанду вай ҷуръат намекард ба сохтани чунин асбоб миён бандад. Метарсид: рафту аз ӯҳдааш наброяд? Рафту аз орзуи ширинаш ҳам ҷудо гардад?

Бо вуҷуди ин калвиданҳо мӯйсафед бовар дошт, ки дар вақту соаташ ҳатман ба мурод мерасад. Аз ин рӯ баъзан фурсат ёфта, ба саргармии Мирзокарим зеҳн мемонд, ҳар як ҳаракати ӯро азхуд кардан мехост. Зеро тартиби думбура сохтанро ба хубӣ донад ҳам, гумон мебурд шояд дар ин пеша боз ягон сирри дигар бошад; сирре ки танҳо ба устоҳои гулдаст аён аст. Аммо ҳар қадар дақиқ назар мекард, аз корбандии ҳамсояаш мушкиле намеёфт, гӯё тамоми ин ҳунар ба вай ошно буд.

Гоҳо, махсусан ҳангоми аз назди Мирзокарим баромада, ба ҳавлиаш мерасид, мӯйсафед ба худ мегуфт: фардо албатта ба кор сар мекунам. Вале... рӯзи нав оғоз мегардиду вай боз дудила мешуд – охир, барои думбура гуфта дар умраш, ягон маротиба чӯб натарошидааст. Пас чӣ тавр табар гирифта, зардолуи боғашро меғалтонад?

Бад-ин минвол солҳо паиҳам сипарӣ мешуданду мӯйсафед ба орзуяш расида наметавонист.

Ниҳоят порсол, аввали зимистон, ӯ дар ҳамин бозор, дар худи ҳамин ҷое ки ҳоло нишастааст, чанд косаву табақро дар байни ним соат фурӯхта, аз нахустин магазини сари кӯча каме ширинӣ ва як кило чой харида, ба Ховалинг баргашт. Вай тамоми раҳ, дар ҳолате ки тани коркӯфтааш дар болои мошини боркаш такон мехӯрд, аз хусуси рӯзгори хеш ба ҳар навъ андеша мерафт. Фикр мекард, ки бемадор шудааст, синну соли ҳамсараш низ ба ҷое расидааст; ҳафт сол боз онҳо, пиру кампир, нафақа мехӯранд. Чӣ илоҷ, умри одамизод оби ҷӯй барин – мегузараду меравад. Худо акнун ба ягона духтараш, ба наберахояш ҳаёти осуда диҳад, бахти бедор диҳад.

Агар ба як фарзанд мондани худро ҳисоб накунад, мӯйсафед аз зиндагӣ шиква надорад. Сад афсӯс, ки занаш дар ҷавонӣ ногаҳон бемор шуду дигар кӯдак наёфт... Наберааш, нахустфарзанди духтараш, порсол ба аскарӣ рафт. Аз сурате ки дар ҳамин қарибӣ фиристод, баръало маълум – қад ёзондааст, паҳлавон шудааст. Вай ҳоло дар куҷо бошад, чӣ кор мекунад? Кошкӣ даҳ моҳи дигараш низ тезтар мегузашту «бобо!» – гӯён Саидакрам оғӯш кушода... аз дар медаромад!

Мӯйсафед инчунин андеша меронд, ки ҳамон думбураи солҳои дароз орзу кардаашро кай месозад. Пагоҳ-фардо гуф-

тан бас будагист. Як пояш инак ба лаби гӯр расидааст. Кӣ медонад боз ду-се сол умр мебинад ё не...

Бегоҳ, вақте ки дар хонааш пойҳои бемадори худро ба кодоки сандалӣ андохта, чои гарм менӯшид, муйсафед ба кампираш рӯй оварда, қатъӣ гуфт:

– Ман дигар соғутарошӣ намекунам.

Кампир, ки дуртар аз сандалӣ менишаст ва кадом суруди ҳазинро зери лаб замзама намуда, барои вай нимтана медӯхт, оҳиста чашм бардошт. Ва лаҳзае ба чеҳраи мӯйсафед нигариста, ба оҳанги ҳайрат:

– Худат медонӣ, – гуфту гашта сар хам кард.

Рӯзи дигар мӯйсафед субҳ надамида... аз хоб хест. Берун баромада, дар ҳаловат дастурӯй шуст. Ҳавои андак сарди зимистон ба тану ҷонаш мадори тоза мебахшид. Чор-панҷ соли охир вай ҳеҷ гоҳ худашро то ин дараҷа бардам ҳис накарда буд – устухонаш чунон сабук, ки гӯё аз нав ҷавон шудааст. Дилаш низ равшан, гарми гарм…

«Ҳамин рӯз айни вақташ. Бале... Худо хоҳад, корам барор мегирад».

Мӯйсафед аз дӯконаш, ки дар паҳлуи ҳезумхона воқеъ буд, аз байни асбобҳои чӯбтарошии батартиб як табари дастадарозу як сӯҳони калонро гирифта, бозпас ба таки айвон омад. Ва дар болои қуттие нишаста, онҳоро аввал ба пеши пояш гузошт, чанд дақиқа ба хаёл рафт...

Ҳангоме кампираш бедор шуда, ӯро дар айвон дид, субҳ акнун сафедӣ мезад.

– Дар ин бемаҳал табар чӣ лозим, ки ин қадар ғиҷир-ғиҷир дорӣ?!

– Корат набошад, занак, – гуфт мӯйсафед ва табарро табъи дил тез карда, аз қафои вай ба хона даромад.

Баъди наҳорӣ аз сари дастархон сабук бархост. Пас ба кампираш, ки андоми ӯро суоломез аз назар мегузаронд:

– Ту имрӯз ба ман халал нарасон. Корам мушкил. – гӯён тарафи дар рафт.

Даме ки мӯйсафед ба поини боғаш расида, дар танаи ғафсу бақуввати яке аз чор зардолуи қатор табар монд, аз канори деҳа, аз фарози талҳои баланд қурси офтоб лолагун рух намуд. Вай инро фоли нек дониста, дучанд рӯҳ гирифт,

дасту бозувонаш зӯртар шуданд. Хаёлаш, ки кӯҳро занад, талқон месохт...

Мӯйсафед зардолуро ғалтонда, шоху навдаҳои ба назар ношоями онро бурида партофт ва танаашу ду шохи ғафсашро ба арраи дандонаҳояш саросар тези худ чанд ғӯла карда, якта-якта ба таки айвон бурд.

– Инҳо чӣ лозим, мардак? Барои чӣ зардолуро буридӣ? Охир, мева медод! – гуфт кампираш, ки яқин аз кори ӯ норозӣ буд.

– Думбура месозам, занак, думбура, – гуфт дар ҷавоб мӯйсафед, муддате нигоҳи андешамандашро аз ғӯлаҳо набардошта. – Думбураи нағз ҳам *мева* медиҳад.

– Пириву хартозӣ! Омада-омада... дар куҳансолӣ касбатро дигар кардан мехоҳӣ?

Мӯйсафед эроди ӯро беэътибор монд.

«Ба зан-мардум ягон чиз фаҳмонда намешавад...»

Айёми зимистон гузашта, баҳор омад.

Мавсими боронгарӣ низ анҷом ёфт.

Акнун осмони деҳа бетак ва каб-кабуд метофт. Ҳаво соф, офтоб рӯзи дароз нурпошӣ мекард. Ба димоғ бӯи замини бедор, бӯи гулу сабза мерасид.

Мӯйсафед инак ғӯлаҳои зардолуро, то ки дар офтоб хушк шаванд, аз айвон ба саҳни ҳавлӣ фуроварда буд. Баъзан соат аз паи соат мегузашту вай аз назди онҳо дур намерафт, – пӯстлохашонро меканд, чаппа мекард, рафту дар болояшон соя афтад, ба офтобрӯя мекашид. Ё дар гӯшае нишаста, дуру дароз ба сӯи онҳо чашм медӯхт.

Дар ин гуна лаҳзаҳо мӯйсафед ҷисман ҳис менамуд, ки чӣ тавр гармии ҷонбахши офтоб ба мағз андар мағзи ғӯлаҳо, чун ба тани худи вай, раҳ меёбад. Басо мешуд онҳоро, ангор фарзанди инсон бошанд, навозиш ҳам мекард.

– Ба худо, ки ақлатро хӯрдаӣ, – мегуфт кампираш, аз ин кирдори ӯ дар тааҷҷуб монда.

Мӯйсафед ҷавоб намегардонд. Фақат механдид; механдиду боз машғули ғӯлаҳо мешуд...

Тобистон даромад.

Мӯйсафед дар ин муддат як бузашро баумед кушта, рӯдаҳояшро аз чарбу тоза кардаву махсус хушконда, «барои дум-

бура», – гӯён аз онҳо ба дасти худаш чанд газ тори бақувват бофта монд.

Ғӯлаҳо низ ба тоб омада буданд.

Вале мӯйсафед саросема намешуд.

«Боз камтари дигар, – мегуфт дар дил, каҷкорду теша-ашро ба сӯҳону фасон тез карда. – Боз ду-се ҳафтаи дигар...»

Ниҳоят вай дар пеши ҷӯи равон, ки ҳавлиро қадре бурида мегузашт, аз сангу чим банд партофт. Ва об кӯл шудан пас... аз ғӯлаҳои зардолу якеро оварда, ба он кӯл андохт. Ғӯлачӯб оби худашро гурезонда буд; акнун, то ки тарошиданаш осон гардад, мебоист оби бегона гирад. Бинобар ин се рӯз даруни кӯл хобид.

Рӯзи чорум мӯйсафед онро аз об баровварда, ба дӯконаш бурд ва остин барзада, ба кор шурӯъ намуд. Парвои оламу одам надошт. Аз субҳ то шом дар равшании пеши дар нишаста нишаста, дар даст гоҳ каҷкорду гоҳ теша, он ғӯлаи дуруштро тадриҷан ба шакли думбура меандохт. Аз ҳаракати баэҳтиёту чашмони нурбораш равшан бармеомад, ки мӯйсафед як асбоби маъмулӣ не, балки мӯъҷиза меофарад. Ва он мӯъҷиза худи ҳозир аз гармии дилу қудрати дасту панҷаи ӯ ҷон гирифта, ба ҷунбиш меояд, табассум мекунад...

– Ҳама думбураат ҳамин?

Хаёлаш парешон гардида, мӯйсафед дар муқобил ду нафарро дид. Ҳар ду низ ҷавон – яке зардинаи дароз; дуюмӣ, ки дар даст магнитафон дошт, миёнақади мӯяш ҷингила. Кадоме аз онҳо суол дод, вай нафаҳмид.

– Мегӯям, ки ҳама думбураат ҳамин? – пурсид ҷавони зардина.

– Ҳо, бачам...

– Ин қадар безеб?

Мӯйсафед озурда шуд.

– Чандсӯмианд?

– Худат пурс.

– Даҳ сӯм...

– Ба даҳ сӯм чӯбашро намеёбӣ.

– Ман ба чӯбаш чӣ кор дорам? Ба ман думбура лозим.

– Асбоби хуб лозим бошад, ана... бигир.

– Моли хуб будааст, а! Афташон дар чӣ ҳол – намебинӣ?

Дигар думбураҳо ялақос мезананд. Инҳо чӯби хушк барин...

– Ту аввал навохта бин.

– Ба навохтан менавозам. Лекин аз сози рангаш хунук чӣ фоида? Гап ҳамин, мӯйсафед: даҳ сӯмак медиҳаму яктаашро мегирам, розӣ набошӣ – ихтиёрат.

– Не-е, бачам, – калла ҷунбонд ӯ, – арзон пурсидӣ.

Зардина хам шуда, аз думбураҳо якеро бардоштан мехост, ки ҳамроҳаш аз остини вай кашид.

– Мон, аввал бозорро дурусттар чарх занем.

Ба рӯи мӯйсафед қатрае борони сард расид. Боз як қатра ва боз... «Борон омад», – гуфт ӯ ба худ ва дарҳол миёнбандашро кушода, майл намуд болои думбураҳоро пӯшад. Аммо дид, ки чаппаву роста шамол вазида, қатраҳои кам дар ками ғалтонро парешон мекунад; диду осуда гардид, – шояд абрҳо бартараф шаванд.

Он ду нафар рафта буданд.

Мӯйсафед дар ин ҷои ҳанӯз серодам ва пур аз ғалоғула ба фикру хаёлҳои худ боз танҳо монд. Вай акнун меандешид, ки дар ҳар сурат гапи кампираш дуруст, ба тӯи набераашон ягон тӯҳфаи арзанда баранд, кори хуб мешавад. Агар имрӯз асбобаш ба фурӯш рафта, ҳеҷ набошад, сад сӯм меёфт, ҳамроҳи он сад сӯме ки дар хонааш эҳтиёт карда мондааст, соҳиби дусад сӯми накд мегардид. Ба дусад сӯм ягон қолини кирой харидан мумкин будагист.

Лекин ҳамон қолинро аз куҷо меёбад? Камчин вай. Ба ҷои қолин гилеми қоқма харад, чӣ? Бештар лақайҳо мебофанд – пашмин, бақувват, рангаш ҳам диданӣ…

Баъд фикри мӯйсафед ба наберааш Саидакрам банд шуд. Аҷаб писари бакитфу бозу, адабаш ба адаби даҳ духтар басӣ мекунад. Чӣ дили ҳассос дорад ӯ! Чӣ сон думбура менавозад! Эҳ-ҳ, даме ки ангуштони Саидакрам ба рӯи торҳои соз мелағжанд, мӯйсафед кӯдакиашро дар хотир меорад, пойлучиашро... Он рӯзҳоеро ба лавҳи ёд меорад, ки бе падар монда, дар остони Табарбой аз субҳ то шом хизмат мекарду шикамаш нони серӣ намедид.

Саидакрам акнун тракторчӣ. Мегӯянд, ки дар касбаш бисёр муносиб аст. Аммо мӯйсафед, танҳо мӯйсафед яқин медонад – вай на фақат тракторчии нағз, балки дар навохтан

низ санъати баланд дорад. Баъзан, дар он дақиқаҳое ки наберааш аз косахонаву торҳои думбура ягон нағмаро берун меорад, мӯйсафед гаранг монда, намефаҳмад ин оҳангро кӣ мезанад – худаш ё наберааш?..

Рӯзе ки Саидакрам аз хизмати ҳарбӣ баргашт, оғози тирамоҳ буд; дар боғҳо себу ангур ғарқ пухта буданд. Аз ҳар тараф бӯи офтоб, бӯи хуши меваҷот меомад. Мӯйсафед тамоми тобистон аз дӯконаш қариб берун нарафта, ба ҷои як думбурае ки дар орзуяш мегашт, шашта сохта буд. Зеро ҳар дафъа, хангоме асбоби оғоз намудаашро аз даст мебаровард, ба вай чунин метофт, ки не-е... марҳами дарду аламҳояшро ҳоло насохтааст. Дили ӯ талаботи дигар дорад, думбураи беҳамто мехоҳад дилаш. Ва иншооллоҳ, мӯйсафед ба орзуи дерини худ мерасад.

Вақте думбураҳо асосан тайёр шуданд, ба нияте ки ранги зарди онҳоро сурх мекунад, вай дар саҳни ҳавлӣ оташ афрӯхт. Агарчи Мирзокарими ҳамсояаш «ин касби ту нест, ту дар ин ҳунар нобаладӣ... ман тоб медиҳам», – гуфт, мӯйсафед гардан нафуровард. Ва дар назди ӯ бисёр шарм дошт: паиҳам ҳар ҷо-ҳар ҷои ду адад думбураро сӯзонда, аз ношудии худ ба ғазаб омад ва ҳар дуро ҳам дар сари зонуяш зада шикасту ба оташ андохт.

– Чӣ лозим буд! – дареғ хӯрд Мирзокарим.

Вале мӯйсафед, ки аз хирмани алав чашм намеканд, ба вай ҳатто нигоҳ накард. Ба кампираш ҳам – ӯ дуртар аз онҳо маҳзун рост меистод – назаре наафканд. Оташ аланга мегирифт, думбураҳо часаросзанон месӯхтанд. Вай ба забонаҳои тези гулгун нигариста, аламнок меандешид: шояд аз *он* ду асбоб яктааш ҳамоне буд, ки солҳо боз дар орзуяш зиндагӣ дошт.

Аз ин фикр аъзои бадани мӯйсафед метафсид; гӯё оташ ба тани созҳо не... балки дар ҷони худаш давида буд.

– Ҳеҷ қисса не, ғам нахӯр, – мегуфт Мирзокарим, акнун ӯро тасаллӣ дода.

Мӯйсафед сар намебардошт.

Баъд дар ҷои оташ як тӯда хокистар монду вай дар азоб бархост. Ва мисли марде ки қоматаш аз кадом мусибати вазнин камон гардидааст, оҳиста-оҳиста қадам партофта, рӯ ба интиҳои боғи хомӯш рафт.

Ӯ чор-панҷ рӯз ба ягон кас ҳамгап нашуд. Кулли он ғайрату ҳарорате ки зардолуро буридан инҷониб вуҷуди мӯйсафедро тарк намекарданд, банохост гум гашта буданд. Пакару бедимоғ мезист вай. Хаёлаш, ки дили ҳамеша гармашро ба як пора санги сард иваз намудаанд.

– Ноумед нашав, – мегуфт кампираш, бешубҳа ба ҳоли ӯ раҳмаш омада. – Боз чорта думбура дорӣ. Мирзокарим барин ду-се бор равғани зағир молида, дар офтоб монӣ, ранги оина ялақос мезананд.

«Ту куҷову маслиҳат...» – бадтар хуноба мешуд мӯйсафед.

Аз байн чанд рӯзи дигар гузашту вай кам-кам ба худ омад. Ва як чоштгаҳ ду пора равғани дунба гирифта, ба дӯконаш рафт; думбураҳоро ба рӯи ҳавлӣ баровард. Ба «равғани зағир нағз нест, мардак?» – гуфтани кампираш эътибор надода, ҳамон ду пора дунбаро ба ҳар чор асбоб табъи дил молид ва онҳоро дар офтобрав гузошт. Сипас то бегоҳ хапу дам аз паи кори хона шуд.

Субҳи рӯзи дигар рӯймоли миёнбандашро кушода, думбураҳоро ба вай хуб пок кард. Баъде ки ҳама лайс шуданд – лекин рангашон тағйир наёфта буд, – ба онҳо тор гузаронду худ ба худ «мабодо овозашон носоз барояд?» – гуфта, дар ҳаяҷон ва тарсида-тарсида, ҷӯр намуд, ки эҳа-а... садои дилбаре доранд, дар ин ҷиҳат ҳатто аз асбоби ҳамсояаш як сару гардан болотаранд...

– Ҳа-а, маълум, ки аз чӯби зардолу, – мегуфт Мирзокарим, ба тори онҳо панҷа зада. Аммо вай инро ба мӯйсафед нигоҳ накарда ба забон меовард; чунин менамуд, ки – одамизод аст! – ҳасад мебараду намедонад ғубори шояд дар чашмонаш аксгардидаро чӣ тавр пинҳон дорад.

Бинобар ин мӯйсафед таскин намеёфт: дар байни созҳо асбоби дилхоҳаш нест. Эҳтимол он думбураро, ки ормони кулли умраш буд, болои қаҳр худаш дар оташ андохта, бераҳмона сӯзонд. Сазои сараш! Дигар ҳеҷ гоҳ ба даст каҷкорду теша намегирад, гирифта ҳам наметавонад. Барои он наметавонад, ки дониста ё надониста орзуи ширинашро, ниҳоли умедашро сӯзонд, хокистар кард. Бе орзу, бе дарду ҳасрат...

– Чашм нарасад, овози баҷо доранд, – гуфта буд Мирзокарим, ҳангоме аз дарвоза баромада, хаёлманд ба тарафи хона-

аш мерафт. – Лекин, ҳамсоя... рости гап, рангашон назаргир не – паст, ҳатто хунук.

Муйсафед ба ин сухани ӯ дар сукут ҷавоб гардонд ва думбураҳоро ғундошта, бозпас ба коргоҳаш бурда монд.

Акнун дари дӯкон ҳамеша қуфл буд.

Вай онро рӯзе кушод, ки хабари аз хизмати ҳарбӣ баргаштани набераашро оварданд.

...Думбура ба Саидакрам хуш омад.

– Рангаш ҳам бисёр табиӣ, мулоим, – гуфт ӯ ба шавқ.

Ва муддате гӯшакҳояшро тоб додаву ҷӯр карда, баъд сидқан навохт. Онҷунон навохт, ки мӯйсафед, аз фарёди торҳо рӯҳаш болида, беихтиёр меандешид: не-е, заҳматаш барбод нарафтааст, ба худаш набошад ҳам... барои набераааш сози муносиб сохтааст!

Дар рӯбарӯи вай боз ҳамон ду нафар пайдо шуданд.

– Ку бигир, мӯйсафед, як навохта бинам, – гуфт ҷавони зардина, ба олатҳо ишора намуда.

Магнитафони ҷавони ҷингиламӯй, ки дар паҳлуи шарикаш лоқайд меистод, баланд мехонд:

Занҷири сари зулфи ту маҷнунам кард,
Нодидани рӯи ту ҷигархунам кард.
Ногаҳ назарам фитод бар холи лабат,
Холи лаби ту зи шаҳр берунам кард...

Мӯйсафед нахустин асбоби ба дасташ омадаро бардошт ва Зардина онро зуд ба оғӯш гирифт. Ҳоло қатраҳои сарди борон дигар ба рӯи кас намерасиданд. Вале осмон ҳамчунон абролуд буд. Шамол зӯртар шуда, ба доману гиребони мардуми дар рафтуо печ мехӯрд.

– Паст кун, – гуфт Зардина, ба ҳамроҳаш нигариста.

Баъде ки Ҷингиламӯй овози магнитафонро фуровард, вай он думбурароро тавонам-натавонам каме навохту:

– Маза надорад, афсӯс, – гӯён ба мӯйсафед баргардонд ва сози дигарро гирифта, аз сари нав ба «тинг-тинг»-и гӯшхарош шурӯъ намуд.

Ин дам чашми мӯйсафед нохост ба як ҷавонмарди нозукандом афтид, ки дар даст тӯрхалта, назди Ҷингиламӯй истода, ба думбура задани Зардина зеҳн мемонд. Қади балан-

ди химча дошт ӯ. Дар тӯрхалтааш чор дона – аз чӣ бошад, ки мӯйсафед ҳатто шумурд, – фақат чор дона себ буд! Ранги рӯяш пухта, мӯяш сип-сиёҳи дароз – он қадар дароз, ки пушти гиребони борониашро пурра пинҳон мекард. Куртааш сурхи назаррабо, пиҷакаш кабуд; гарданбанди ҳафтрангаш тиру камонро мемонд. Саропо равшанӣ буд вай, аммо нигоҳаш...

Мӯйсафед, дилаш андак таҳ кашида, пай бурд, ки ба нигоҳи якгуна ором, баҳаё ва бисёр ғамноки ӯ на ҳар кас метавонад тоб орад.

– Ақалан овозаш мебуд, – гуфт Зардина.

– Афсӯс мехӯрӣ? – пурсид мӯйсафед.

– Не-е, – гуфт Зардина.

– Ту худат аз кадом манзилӣ? – боз пурсид мӯйсафед.

– Аз Ховалинг, – гуфт Зардина ба лабханд ва думбурароро гашта дар ҷояш монду кафи дастонашро мағрур совид.

– Дурӯғ...

– Барои чӣ дурӯғ мезадаам?

– Барои он ки ягон ховалингӣ ранги ту беҳунар не...

– Ин думбураҳо соз ҷӯр нашаванд, гуноҳи ман?

– ...Ховалингӣ, кӯдакаш бошад ҳам, каму беш менавозад. Ту боз шарм надошта, аз Ховалинг мегӯӣ...

– Биё, муйсафед, сергапӣ накарда, дуруст фаҳмон: чанд сӯм мехоҳӣ?

– Ман ба ту *хас* намефурӯшам, бачам.

Ҷингиламӯй овози магнитафонашро баландтар кард.

Ҷингилак мӯй дорӣ,
Нозанин гулворӣ.
Садқаи номат шавам,
Номи ширин дорӣ...

Хандааш омада, мӯйсафед лаб газид.

– Дувоздаҳ сӯм бас аст? – пурсид Зардина.

– Не, – гуфт мӯйсафед.

– Хайр, ана... понздаҳ сӯм.

– Тавба...

– Нархаш аз понздаҳ сӯм як тин зиёд не.

– Рав ба раҳат, бачам.

– Розӣ шав...

Зардина инро гуфтан баробар ҷавонмард, ки то ҳол ба сукут рафта, ноҷунбон меистод, дар як ҳаракати тез тӯрхалтаашро ба дасти Ҷингиламӯй қапонда, рӯ ба мӯйсафед овард.

– Ман барои харидан пул надорам. Лекин... агар иҷозат диҳед, ягон чиз менавозам.

Мӯйсафед дар ризоият сар ҷунбонд.

Ва ҷавонмард яке аз думбураҳоро гирифта, ба Зардина чашм давонд.

– Ку бинем, айб дар соз аст, ё дар худи ту...

Зардина гӯшашро ба карӣ зад.

Ҷингиламӯй, дар чеҳрааш ифодаҳои кунҷковии тамасхуромез падид омада, магнитафонро хомӯш кард.

Мӯйсафед дар тамоми ҳайаташ ба як аломати суол табдил ёфта буд. Вай гӯё дар таҳайюр аз худ мепурсид: *инаш* чӣ менавохта бошад?

Ҷавонмард дар бадали ду-се дақиқа думбураро ба ҷӯр оварду чашмонаш нур гирифта, ба навохтани оҳанге шурӯъ намуд, ки аз зери ангуштони борики ӯ сабук, форам ва чун рӯдҳо дар баҳорон пурхурӯш мерехт. Оҳиста-оҳиста ба рагу пояш гармӣ давида ва мафтуни ҷавонмард шуда, муйсафед дар дил мегуфт: аҷаб нағмаи шӯх, аммо... ҳам шиносу ҳам не, ҳам ба мисли дунё куҳану ҳам нав.

Кадом оҳанг аст вай, аз куҷост?

Овози думбура дам ба дам муассир мегардид ва мӯйсафедро аз ин бозори сермағал ба рӯи болҳои худ гирифта, то даштҳои сабзу лолазорон мебурд; ба он ёнаву ёлаҳое мебурд, ки рӯзи дароз ҷуфт ронда, аз бӯи замини бедор сер намешуд. Ба фарози кӯҳҳои баланд низ мебурд ва дар он ҷо аз абрҳои пахтавор сафеди мулоим барои вай болин сохта, суруди гарми муҳаббат мехонд...

Мӯйсафед дид, ки дар назди ҷавонмард панҷ-шаш нафари дигар ҷамъ омадаанду аз навои сурурангези думбура ҳаловат бурда, ба завқ калла меҷунбонанд. Зардина ва Ҷингиламӯй ҳам, чеҳраҳо кушода, ба чанги серҳаракати ҷавонмард, ки мӯи дарозашро боди сард парешон мекард, дар шавқи зиёда чашм дӯхтаанд. Ва боз... аҷаб, ки қурси офтоб – гӯё маҳз ба ҳурмати *инсони* думбуранавоз – аз кодоки абре мулоим ба саҳни бозор менигарад.

«Дасташ дард набинад, мисли Саидакрам менавохтааст, худи набераам...»

Ӯ дар ҳаяҷон бархост.

Пас аз фурсате ҷавонмард нағмаи оғознамудаашро ба анҷом расонда, думбураро нарм дар ҷояш гузошту ба қиёфаи мӯйсафед, ки лабонаш моили табассум буданд, дар эҳтиром назар андохт.

– Ташаккур, падар.

– Умрат дароз шавад, додар!

Мӯйсафед ба вай асбоби дуюмро дароз кард. Ҷавонмард ҳам чизе нагуфта, онро ба даст гирифт.

...Нолаи думбура мавҷзанон ба чор тараф паҳн шуда, бисёр касонро аз раҳ бозмедошт ва ҳатто дар растаҳои наздик қисме аз одамонро, ки ҳар гуна мева ё сабзавот мефурӯхтанд, гӯё афсун намуда, як-як, ду-ду ба сӯи худ мекашид.

«Не-е, ин ҷавонмард аз Саидакрами ман боло», – мегуфт дар дил мӯйсафед, ба оҳанги вазнине ки аз торҳои соз парвозӣ мешуд, мусаххар гӯш дода.

Офтоб боз дар пушти абрҳои тира монда буд. Шамол сахттар вазида, бӯи барфро меовард. Анбӯҳи мардум дар гирди ҷавонмард, ки ҳамчунон менавохт, торафт афзун мегардид; гоҳ-гоҳе нидои таҳсину офарин шунида мешуд.

Мӯйсафед аз болои сари одамон ба канори осмони абрнок чашм медӯхт. Вале дар он ҷо ба назараш осмон не, балки як биёбони беҳадду ҳудуди тафсон метофт, ки пур аз реги равон буд. Дар он паҳнои бераҳм ҷавони ғарибе, ҳушу ёдаш ба хони ватан, афтону хезон масофа мепаймуд. Танҳо... пояш бараҳна, бемадор, жӯлидамӯй. Вай хуб медонад, ки ба дидори ёру диёр намерасад. Бо вуҷуди ин аз дарди ғарибӣ нолаҳо карда, дар банди азоб қадам мезанад...

Садои думбура фурӯ нишаст.

Мӯйсафед акнун ба ҷои биёбон издиҳоми мардумро медид, ки дар ҷунбиш омада, мегуфт:

– Бар падарат раҳмат!

– Ҳунарманд будаӣ...

– Кам нашав, писар!

– Аз дилу ҷигар мегирифтаӣ...

– Кошкӣ боз ягон чиз менавохт!

– Ана дасту панҷа...

– Ту худат чикораӣ, ҷӯра?

– Ман?.. – гуфт дар табассум ҷавонмард ва асбоби сеюмро аз пеши пои мӯйсафед оҳиста бардошт. – Бухгалтер ман. Касбам ҳисобу китоб…

Мардум аз нав хомӯш шуданд.

Оҳанги дигаре ки мақомҳоро мемонд, дар фазои бозор танинандоз гардида, ба дилҳо фишор меовард.

Мӯйсафед рӯҳу равони тоза гирифта, як ба думбурааш ва як ба ангуштони печони ҷавонмард менигаристу дар ҳавои он нағма фикр мекард: дастони падараш низ ҳамин гуна печон буданд. Раҳматӣ ин қабил оҳангҳоро дӯст медошт ва бисёрҳо мешуд, ки рӯзгори ноободи худро ба чунин навоҳои тасаллибахш обод месохт.

Ниҳоят ҷавонмард думбураро ба вай баргардонд; дар ҳолате ки мардум таҳсин мехонданд, овозашро каме баланд карда, то мӯйсафед шунавад, хушвақт гуфт:

– Ҳар сеяш ҳам аъло, падар.

– Бале, зӯр будаанд, – фикри ӯро қувват дод нафаре.

– Навозандааш чӣ? – гуфт дигаре.

Ҷавонмард ба рӯи Зардина, ки дар паҳлуяш ҳамон рост истода, инак нигоҳашро аз вай қадре мегурезонд, ба маънии «ту, ошно, ин *азизонро* беҳуда наҳ задӣ» як назар афканду аз дасти Ҷингиламӯй тӯрхалтаашро гирифт...

– Ба хаёлам... санъаткор буд.

– Санъаткор? Не-е, худаш гуфт-ку: бухгалтер!

– Наход?

– Ҳар кӣ бошад, хушбахт аст.

– Эҳ, ман агар вай барин навохта метавонистам...

– Ба мӯйсафед чӣ гуфт, шунидӣ?

– Не...

– Дар ҳақиқат думбурашинос будааст.

– Беҳуда нагуфтаанд: қадри зар заргар бидонад, қадри гавҳар – гавҳарӣ...

– Рости гап, агар овозашонро намешунидам, ин намуд созҳо ба ман асло мақбул намешуданд.

– Ба ту думбура чӣ даркор! Картошка бошад...

– Ба худо, ки ҳаловат бурдам.

– Даҳ тин фоида гуфта, дар ҳамин бозор мелухсем.

– Боз чӣ хел хоксор...

Мӯйсафед, ки аз ғояти шодӣ даступо хӯрда, то ҳол намедонист чӣ кор кунад, ҳушу ёдашро ғундошта, хост ба ҷавонмард дурусттар шинос шавад. Вале акнун ӯро дар ҷои истодааш надида, ба онҳое рӯй овард, ки мисли дигар одамон низ пароканда мегардиданд.

– Канӣ вай?

– Бирафт, – гуфт Зардина.

– Чӣ хел?!

– *Ҳамин* хел! – хандид Зардина.

Ҷингиламӯй мурвати магнитафонро тоб дод.

Садқаи номат шавам,
Номи ширин дорӣ...

– О вай...

Чунон ки хонааш сӯхта бошад, мӯйсафед термосу шолча ва думбураҳоро ҷонсарак дар хӯрҷин андохта… хӯрҷинро ба китф партофт.

– Ҳой, куҷо меравӣ? Як дам ист... Мани сода асбобатро хариданӣ, – гуфт Зардина.

Аммо мӯйсафед ӯро нашунид.

– Аслан думбура ба ту чӣ даркор? – гуфт Ҷингиламӯй ба Зардина. – Навохта натавонӣ... Чанд бор фаҳмондам, ки ранги ман... магнитафон гирифта гард. Пас ҳар чӣ хоҳӣ, мешунавӣ – суруд аст, нағма аст...

Аз ин гап ғашаш омада, Зардина рӯй турш кард. Ва нохост дар ҷои мӯйсафед ва созҳои ӯ чашмаш ба як пиёлаи хурди пахтагулу як газ матои осмонранг афтид, ки ғарибу бекас мехобиданд.

– Фаромӯш кардааст гаранг!

– Сазои сараш, – гуфт Ҷингиламӯй ва Зардинаро аз оринҷаш дошта, ба тарафи дӯконҳои сайёр кашид.

Ин дам мӯйсафед аз дарвозаи бозор баромада, ҳамон тарзе ки бордонашро ба китф партофта буд, шитобон, баъзе роҳгузарҳоро беихтиёр дакка дода ва шояд ранҷонда, ба кӯчаи калон наздик мешуд. Нигоҳи беқарораш ба ҳар сӯ давида,

аз байни мошинҳои рангорангу одамони бисёр пайваста он ҷавонмардро меҷуст.

Лекин ӯ наменамуд.

«Наход ки наёбам? Вай, охир, *ман* барои харидан пул надорам гуфта буд. Пул, а! Ҳамон пуле ки мо ин қадар азиз медонем, худаш чист?»

Мӯйсафед, дар китфи лоғараш хӯрҷин, дар хӯрҷинаш термосу шолча ва се адад думбура… ба чор тараф чашм андохта, дар кӯчаи сермағали шаҳр ҳамчунон саросема, вале ба умед ва ҳатто хушнуд қадам мемонд.

*1977*

## ПАНҶ ҲОЛАТ

### 1

Ҳаво ниҳоят гарм буд. Баъди кор... сари раҳ ба бозор даромада, вай як тарбузи калон харид, ки хона бурда, соате дар ҷӯи обаш сард нигоҳ дошта, бегоҳ ба зану бачааш кушта хӯраду...

Тафси дилашро паст кунад.

Вақте ки аз дарвозаи бозор берун мешуд, нохост чанд калимаи дар хаёлаш борҳо шунидаашро боз...

Гӯё аз дуриҳо шунида, лоҷарам истод.

– Ман бисёр хоб мебинам, – риши сафедашро хилол карда, андешаманд мегуфт мӯйсафеди лоғаре ба мӯйсафеди дигар. – Лекин аҷаб, ки ҳамеша кӯдакиамро хоб мебинам...

Вай даступо хӯрд. Ва аз он ду нафар чашм канда, зуд қадам бардошт.

Охир, ғалат карда буд!

Вай ин чанд калимаи шиносро ҳеҷ гоҳ нашунидааст, балки аз дил мегузаронд. Худаш...

Ва ана, дар ҳавои гарм хаёлаш аз нав парешон гардид.

...Ҳавлии онҳо дар канори деҳа воқеъ буд. Падараш деҳқонӣ мекард, – аз ин рӯ боғи сарсабзе доштанд.

Вай дар оила бачаи беқарор, гарданшах ва бисёр шум ҳисоб меёфт. Қариб ҳар рӯз ягон «кори нораво» карда, аз димоғи падару модар дуд мебаровард. Махсусан хоҳараш-

ро, ки аз ӯ ҳафт сол калон буд, сахт азоб медод. Ҳафтае набуд... «нахустфарзанди модар»-ро ранҷонда, сабабгори оби дидааш нашавад. Онҳо ба ҳам то андозае *душманӣ* доштанд, ки пас аз талошу пархош рӯзҳои дароз ногап мегаштанд. Ва ҳар бор онҳоро падару модар ба сад азоб оштӣ медоданд.

Вай, ки ҳоло чилсола аст, нағз дар хотир дорад: ду сутуни пешайвони хонаашон каҷ буд. Ҳангоме хоҳарашро меранҷонд, ӯ бештар ба яке аз ҳамон ду сутуни дағал такя оварда, талх мегирист.

Хоҳараш инак гирифтори шавҳари бадмасту фарзандони бемор аст; мӯяш сафед, рӯяш пурожанг...

Ва ниҳоят бадбахт аст.

Худи вай ҳам дар зиндагӣ чандон наосуд.

...Солҳост, ки дар як шаҳри калон умр ба сар мебарад. Ва зуд-зуд хоҳарашро ба ёд оварда, дилаш фишурда мешавад. Ба ёд оварда, дардаш гарон, муттасил фикр мекунад: онҳое ки якдигарро ба ҳар ҳол дӯст медоранд, оё ҳамеша якдигарро азоб медиҳанд?

Вале ба ин суоли доимӣ, ки ҳар дафъа чун нештар ба дили пур аз захмаш фурӯ меравад, ҷавоб ёфта наметавонист.

Дирӯз ҳам вай дар пешайвони хонаи худ нишаста, тарбузи хунук мехӯрду беихтиёр хонаи падарро ба ёд меовард; гиряҳои талхи хоҳарашро мешунид; мӯи сафеду рӯи ожанггирифтаи ӯро пеши назар медид. Ва ҳамон суоли ҳарина боз ба тору пуди мағзаш печида, *ягона* ҷавоби солим мехост.

Аммо...

Ногаҳон ба вай чунин намуд, ки во аҷаб –

Сутунҳои хонаву дари худаш низ саросар каҷ шудаанд.

## 2

Дар пушти тиреза як бутта гули садбарг мешукуфт.

Қариб ҳар рӯз борон меборид.

Баъди борон гоҳ офтоб мебаромад, гоҳи дигар – не... Вале он гирдаи заррин хоҳ рух намояд, хоҳ пинҳон бошад, пас аз борони баҳор хонаи хурд ва камбағалонаи ӯро накҳати гулу гиёҳ фаро мегирифт.

Дар димоғаш бӯи хуши набототт...

Вай аз тирезаи кушода дақиқаҳои тӯлонӣ ба берун мени-

гарист. Нигоҳи батаассуфаш рӯ-рӯи гулҳои сурхи шукуфону баргҳои сабзи ҳамон ягона бутта вазнин мелағжид.

Дар кафи баргу дили гулбаргҳо чун марворид қатраҳои софи борон ҷило медоданд.

Вай намедонист, ки ин буттаро кадоме аз ҳамсояҳо шинондааст; ва кай шинондааст.

Панҷ сол боз дар ҳамин бинои мавҳум зиндагӣ мекунаду намедонад.

Бале...

Инчунин намедонад, ки чӣ тавр аз зану фарзандаш овора гардида, ҳоло, дар айёми пиронсолӣ, чӣ тавр гирифтори ғаму андӯҳ шудааст.

...Қариб ҳар рӯз борон меборид. Баъди борон қариб ҳар рӯз офтоб ё мебаромад, ё не...

Ва ӯ қариб ҳар рӯз аз тирезаи хонаи хурд ва камбағалонааш, ки моломол аз бӯи атрогини гулу гиёҳ мегардид, андешаманд ба берун нигариста, аз он буттаи шукуфон ва тару тозаи садбарг чашм намеканд; дақиқаҳои тӯлонӣ аз баргу гулбаргҳои ҷавон чашм намеканду...

Ба ҳар гуна хаёлҳо мерафт.

Ин ҳолат чандин рӯз давом ёфт.

Пас...

Вай оҳиста-оҳиста буттаи садбарги пушти тирезаро фаромӯш кард.

Хонааш дигар аз накҳати гулу гиёҳ муаттар намешуд.

Вале сабаби инро намедонист. Ҳатто ба сараш ягон фикр ҳам намеомад. Чунки басо рӯзҳое буданд, ки гӯё дар торикистон мезист; гӯё вақту фазо барояш ҳаргиз вуҷуд надошт. Ба мағзи дардмандаш хаёлҳои ҳама гарон, ботил ва тарсовар мепечиданд.

Як бегоҳ вай пеши тиреза рафта, онро калон кушод, – дастони лоғар, қадре кабудтоб ва бемадораш меларзиданд...

Ба хона боди сард зада даромад.

Вай, ки дар зери як куртаи чиркин буд, хунук хӯрд. Бо вуҷуди ин аз тиреза дур нашуда, ба берун менигарист.

Ҳоло буттаи садбарг саропо урён буд. Дар он на гуле ба назар мерасид, на барге...

Офтоб наменамуд.

Замин тира, рутубатнок.

Ва... долу дарахтони дигар низ ҳама луччак буданд.

Вай гӯё шах шуда, нафасаш гиреҳ баста, дар муқобили боди сард ноҷунбон меистод.

Сараш тос ва ришаш сап-сафед расида буд. Қафаси синаи як вақтҳо фарох ва барҷастааш акнун фурӯ нишастааст.

Нохост ба чашмони хираи ӯ ашк давид.

Ва ларзиду...

Балки дар худ печиду тирезаро напӯшида, қафо гашт.

Раҳорах ба кадом як шишаи холӣ пешпо хӯрда, сахт тарсид, – онро зери лаб ҳақорат кард. Сипас, баъде ки шиша рӯ-рӯи фарши тахтабанди ифлос ғелида, ба девор расид ва садои гӯшхарош баровард...

Худро болои кат партофт. Ба пушт хобида, муддати мадиде ба шифти нимторик чашм дӯхт.

Нигоҳаш ҳамчунон хира ва ашколуд буд.

Аз тирезаи ҳар ду паллааш низ кушода ба хона боди сард медавид.

Вай аз ҷой намеҷунбид, – гуё мурда буд; аз ҷой намеҷунбиду зӯр зада, номи раҳматӣ модарашро ба ёд овардан мехост. Аммо наметавонист...

Баъд вай як оҳи чуқур кашида, вазнин паҳлу гашт ва хаёлаш, ки аз фазои сарди хона ба димоғаш саҳле бӯи гули садбарг нишаст.

Ва ҳамоно гум шуд.

Баъд ӯро хоб бурд, хоби сангин...

Ҳар ду паллаи тирезаашро шаби дароз боди сард мекӯфт.

...Вай он шаб дар хобаш ҳам ба сад азоб номи модарашро меҷусту қатъан намеёфт.

## 3

Ин саҳар ҳам вай ба мӯяш шона мекашид.

Аз шишаҳои тиреза равшании офтоби баҳорон даромада, ба ҳар тора мӯи хушбӯяш ҷило бахшида, монанди риштаҳои бағоят борики нуқрафом оҳиста поин мелағжид.

Вай ба мӯяш шона мекашид.

Баргҳои тару тозаи дарахти зардолу, зардолуи қандаки нав ғӯрабаста...

Дар пушти тиреза шибир-шибир ҷунбида, балки рақсида, нурҳои зарандуди офтобро аз як шиша ба шишаи дигар меандохтанд.

Сабаб чист, ки аз садои паст ва гӯшнавози баргҳо...

Ҳарчанд хуш меомад, хаёлаш рахна ёфт.

Ба мӯяш торафт сусттар шона зада, билохир вай гӯё шах шуд, ба санг табдил ёфт.

Пас шонаро як сӯ гузошт.

Ба ҳар ду оринҷ дар канори миз такя овард.

Мӯи сунбулаш парешон гардида, ба сари китфони нозукаш афтид; пуштаки курсии роҳатро мисли абрешим нарм пӯшид. Чунин менамуд, ки мӯй не... обшор аст. Ва ин обшор ба худ нафис раҳ кушода, ҳоло баёзи гардани ӯро мешуст.

Булӯрин буд гӯё гарданаш.

– Инак авҷи баҳорон... Шумо, баргҳои нозанин, эҳтимол пичирос мезанед, ки *вай* дигар ба ман меҳр надорад? Шояд гуфтаниед: гапи одамон ҳақ – ба доми вай беҳуда гирифтор шудӣ, фиреб хӯрдӣ? Аз беақлӣ?.. Ё ба ман фикри ӯро расондан мехоҳед, ки сол то сол пир мешавам ва акнун маро дӯст доштан амрест мушкил?.. Бигӯед, охир, баргҳои нозанин, бигӯед: аз чӣ ин қадар пичирос мезанед шумо?

Вай сар ба сӯи дастони сафедаш хам кард. Миллаи маҳине аз мӯяш...

Поин афтида, рагу рагчаҳои кабуд ва қадре дамидаи пушти он дастонро... маҳрамона пӯшид.

– Бигӯ, бигӯ, дарахти зардолу!

Вай талх гирист.

– Ту ҳам гап зан, азизам! Азизи дилам... Чаро хомӯшӣ?

Китфонаш меларзиданд. Донаҳои ашк...

Чун қатраҳое ки аз обшори мӯяш ҷудо шудаанд, ба рӯи дастонаш, ба ангуштони дароз-дарози ҳанӯз зебояш мечакиданд.

Дар пушти тиреза баргҳои дарахти зардолу, зардолуи қандаки нав ғӯрабаста...

Беист пичирос зада, меҳрандуд мегуфтанд:

– Ба мӯят шона каш! Бале, шона... Ӯ баробари ҷонаш медонад туро!

Аммо вай инро намешунид. Ва ҷигараш хун шуда, мӯяш парешон... аз мағз-мағзи дил мегирист.

## 4

Ин майдон чунон фарох, ки ба назар ҳадду канор надорад. Сап-сафед аст. Кас агар дарозтар нигоҳ кунад, чашм мебарад рангаш.

Нӯки ниҳолон...

Ғарқи анвори офтоб, аз нафаси боди сабуксайр оҳиста меҷунбанд.

Ҳавои саҳаргоҳон сард...

Ҳоло, дар ин нимарӯз, гарм аст.

Дар сари ҷӯяке, дар пояи чанд ниҳоли аз заҳри кимиё баргрехта, аммо кукаҳояш ҳама шукуфон...

Дар болои пешдомани карбос як кӯдаки тахмин дусола мехобад.

Дар наздаш пораи нон, бодиринги газида, чумча, косаи чӯбини холӣ.

Замин рутубатнок.

Ба димоғ бӯи *ҳамон* заҳр меояд, ки дирӯз қарибӣ бегоҳ ба сар то сари ин майдон...

Аз ҳавопаймо пошида буданд.

Зиллаи сиёҳе ба пои урёни кӯдак менишинаду фавран ҷаста, худро ба дигар ҷӯяк мезанад. Дуртар аз вай, дар шохаки ниҳол, малахи танҳое беист меҷунбад. Як ганбуски виз-визак аз болои шиками кӯдак...

Рӯ-рӯи куртаи чиркин шитобон гузашта меравад. Ду-се пашша парзанон ғинг-ғинг доранд.

Кӯдак бедор шуда, мегиряд. Вале гиряашро...

Хишир-хишири ниҳолон пахш мекунад.

Ана... ӯ бармехезад. Вале пояш дар банди пешдоман печида, рӯ ба ҷӯяк меғалтад.

Баргҳои хазону хоки намро ба дандон газида, паҳлу гашта натавониста, нафасаш мегирад; дасту по мезанад. Вале...

Дигар аз ҳолу мадор рафта, ранги рӯяш батадриҷ кабуд мегардад.

Аз вай хеле дур, дар миёни майдон, модараш бағоят хаста шуда, беихтиёр ғанаб кардааст. Дар пеши пояш як ҷуфт калӯши кӯҳна. Дастонаш харошида; куртаи чити майдагулаш ҷо-ҷо дарида... Намеҷунбад – сангро мемонад. Гӯё ба

ду гесуи сиёҳаш ӯро то охири умр дар нофи замин бастаанд.

Қурси офтоб бисёр мехоҳад, ки тамоми нурҳояшро ба чеҳраи бетаровати ин зан рехта...

Аз барои кӯдак бедораш кунад.

Ба сари майдон як зоғи сиёҳ пар кашида, «қар-қар» овоз медиҳад. Овозаш чунон гӯшхарош, ки...

Аз қар-қари зоғи наҳс, ё аз чизи дигар... дар ҳар сурат зан чашм мекушояд.

– Худам бедарак... хобам бурдааст, – ба оҳанги коҳиш пичирос мезанад ӯ ва пешдоманро, ки ҳанӯз пур нашудааст, дар миёнаш маҳкамтар баста, сараш хам, боз ба кор шурӯъ мекунад.

– Нағз, ки *хоб* аст, – дубора пичирос мезанад ӯ. – Ҳам ба ман азоб, ҳам ба вай. Лекин чӣ илоҷ, – бе пул рӯз гузарондан мушкил. Имрӯз агар шаст кило чинам... Ҳар килояш панҷ тин. Чанд сӯм мешавад?..

Аз ришта-ришта ашки ба гунаҳои зардаш таровида бехабар, дарди устухонҳояшро ба зӯри иродат фурӯ нишонда, зан кӯшиш дорад ба қафо, ба сари замин нигоҳ накунад.

Дар он ҷо писарчааш хобидааст...

Кош то офтобшинам бедор намешуд!

## 5

Вай ба сиву ҳафт қадам мемонд. Дардаш сахт буд ва аз ин боис қариб ду моҳ боз дар бемористон мехобид.

Як рӯз, дар ҳолате ки сараш кам-кам чарх зада, дилаш беҳузур мешуд, ба ранги заъфарон дар рӯи кат нишаста, аз тирезаи барқад ба саҳни бемористон менигарист. Ҳампалатаҳо дар атрофи миз гирд омада, чой менӯшиданд. Онҳо акнун сиҳат ёфта буданд...

Ва медонистанд, ки фардо ё пасфардо ҳатман ба хонаҳои худ – назди зану фарзандонашон меравroutand. Аз ин рӯ хурсандӣ мекарданд; ҳар гуна латифаҳо гуфта, ба қавле занги дил мебароварданд.

Дар берун авҷи баҳорон буд.

Борони найсон меборид...

Вай аз шохаҳои сабзи дарахтон, ки дар саҳни бемористон ба шукӯҳ қад кашида, дар дилу дида гӯё нуру сафо ме-

бахшиданд, чашм канда наметавонист. Хаёли дардолудаш ба ҳар кӯй сар мехалонд; ҳама умеду орзуяшро барбодрафта мепиндошт. Ва қалби пурэҳсосаш афсурда... беихтиёр кӯдакии худро пеши назар меовард, – он айёмеро, ки дар паноҳи навозиши модару меҳрубониҳои падар буд. Аз ғами дунё дар канор мегашт, тани сиҳату дили беғам дошт. Осмон барояш ҳама рӯз мусаффо буд, замин дар зери пояш парниёни ҳафтрангро мемонд. Офтоб...

Пайваста ба рӯяш механдид. Гӯё бачагиаш гулбарге буд, ки дар оғӯши боди атрбези баҳорон сабук шино карда, аз сари боғоту талҳои сабз мегузашт.

Ҳоло чӣ?

Сиву ҳафт сол дорад ҳоло! Ва намедонад, ки дар ин бемористони моломол аз бӯи дору боз чанд муддат хоб мекунад. Умуман аз ин ҷо зинда мебарояд ё...

...Ҳампалатаҳо баланд хандиданд.

Латифа мегӯянд онҳо.

– Як бача ҳар рӯз ба тамошои филми «Чапаев» метохтааст, – бори чандум буд, ки ҷавони тахмин биступанҷсолаи рафидарӯй боз ба ҳикоят оғоз намуд.

– Хайр? – гуфтанд дигарон.

Ҷавон ба худ қиёфаи ҷиддитар гирифта, суханашро беғам идома дод:

– Падараш аз ин кори ӯ ҳайрон шуда, пурсидааст: ту он филми пурмағалро чанд бор мебинӣ? То даме ки Чапаев аз дарё зинда нагузарад... гуфтааст бача дар ҷавоб.

– Ҳа-ҳа-ҳа... – хандиданд дигарон.

– Беақл! – латифаашро ҷамъбаст кард ҷавони рафидарӯй ва низ қаҳқаҳ зад.

Дар берун авҷи баҳорон буд...

Бемори сивуҳафтсола талх табассум кард. Ва чашм ба саҳни бемористон – ба дарахтони сабзу рез-рези борони найсон дӯхта, дар як ҳисси ҷонсӯз аз дил гузаронд, ки вай ҳам бача буд. Дар зодгоҳи вай ҳам филми «Чапаев»-ро чанд шаб намоиш дода буданд. Вай ҳам пас аз он ки кору бори хонаашонро – аз қабили алаф даравидан, об овардан, ҳезум шикастан, мева чидан, каҳ кашондан ва ғайра саранҷом мекард...

Ҳар бегоҳ аз падараш ба зориву тавалло пули майда ги-

рифта, тозон ба тамошои филми «Чапаев» мерафт. Падараш ҳайрон шуда, аз вай ҳам пурсида буд:

«Ту он филмро чанд бор мебинӣ?»

«То даме ки Чапаев аз дарё нагузарад», – ба чашмонаш ашк давида, гуфта буд вай ҳам дар ҷавоб.

...Боз ягон латифаи намакин шуниданд магар, ки ҳампалатаҳо баланд хандиданд.

Вай беихтиёр табассум кард; табассуми тунук, беҳол...

Дар пушти тирезаи барқад авҷи баҳорон буд. Ба сари сабзи дарахтон борони найсон мерехт.

*1987*

## БОРОН

Донистан мехоҳед, ки барои чӣ вақтҳои охир табъи ман хуш нест? Ва чаро бештар дар банди хаёл мегардам?

Бале, ёфтам – ман зуд фаҳмидам, ки шумо сабаби ҳаминро пурсиданӣ. Лекин чизе нагӯед; хомӯш будан беҳтар. Чунки дарди диламро худам ҳам намедонам.

Масалан, имрӯз...

Чаро ман боз парешонам? Барои чӣ ҳушамро ғундошта наметавонам?

Аҷаб ҳолате дорам. Ба ҳар хел фикрҳо рафта, худ аз худ зиқ мешавам. Эҳтимол шумо бигӯед, ки сабабаш маълум – дирӯз аз сармуҳаррир гап шунидӣ. Барои аз кор дер мондан, барои тундӣ, гарданшахӣ... Не, тахминатон нодуруст. Сабаби ин дигар аст. Зеро сардорамон пӯстини маро *дирӯз* афшонда буд. Парерӯз не, як ҳафта ё як моҳ пеш ҳам не. Аммо мани меҳнатӣ...

Қариб ду моҳ боз дар чунин ҳоли парешонам. Хаёлам, ки ягон чизи бароям бисёр азизро гум кардааму вай худаш чист, ҳеҷ намефаҳмам. Рӯзҳои дароз ғарқи андеша мегардам, шабҳо дуруст хоб рафта наметавонам.

Ин саҳар, масалан, чӣ шуд?

Ягон воқиаи фавқулодда рӯй нadодааст.

Лекин табъам хира.

Бегоҳ аз кор баргашта, як пиёла чой нӯшида-нанӯшида,

фавран ба сари миз нишастам, ки ҳамон мақолаи фармудаашонро (шумо медонед – дар бораи вазъияти ҳаммомҳои шаҳр) ниҳоят шах карда, имрӯз ба мудири шӯъба супораму гӯшам камтар ором гирад. Вале... ҳарчанд зӯр задам, нашуд. Дар пешам санади бисёр, як таҳ коғази сафед, худам танҳо – касе халал намерасонад, ба дастам қалам…

Дар курсӣ баста мондагӣ барин камаш ду-се соат начунбида нишастам. Ҳамин қадар нишастаму ақалан ним саҳифа навишта натавонистам.

Ин мағзи сабил ба ман ҳеҷ итоат намекард. Ба ҷои ҳаммомҳое ки дар муддати панҷ рӯз аз яктааш ба дигараш рафта, дар чӣ аҳвол будани онҳоро ба чашмам дида, гоҳо хурсанд шудаву баъзан ғазабам омада, аз таҳти дил ягон чизи хонданбоб навиштан мехостам...

Аз чӣ бошад, дар пеши назарам фақат мардуму манзараҳои деҳа метофтанд.

Деҳаи худамон, зодгоҳам...

Аз барор нагирифтани корам ботинан азоб кашида, масалан, чеҳраи мудири ҳаммоми рақами чор ё нӯҳро тасаввур карданӣ мешудам. Лекин… эҳа-а! – ба ҷои онҳо рӯи касони дигарро медидам: ягон кампири аз кӯдакиам шинос, ягон бачаи шӯх, ягон марди бадлафз ё хушгап... Аз ҳама бештар Иноят Шамсиддини чӯпонро ба ёд меовардам.

Вай дар деҳаи мо одами бисёр машҳур аст. Ба содагиаш. Аз оғози ҷанг то рӯзи Ғалаба ба фашистон мубориза карда, дар бари синааш ду ордени Шараф... ба деҳа баргашта, ҳамон боз дар калхоз рама мепояд.

Мефаҳмед – чил сол инҷониб чӯпон аст он мард. Дилаш соф, нияташ пок. Ба ҳама некӣ мехоҳад, ба ҳама бовар мекунад; аз ғами касе гиряаш меояд, аз хурсандии дигаре… ҳа-ҳа нагӯед, ба ракс медарояд. Як ҳафта пеш шунавам, ба ҳамин одам боз ордени Шараф супурдаанд. Сеюмашро. Вай онро бояд чил сол муқаддам мегирифт.

Тасаввур кунед, ки мукофоти қаҳрамониҳо дар бадали чил сол соҳибашро кофта-кофта, оқибат ёфтааст! Пас хаёли ман ба Иноят Шамсиддин нарафта, ба кӣ равад? Ба мудири ҳаммоми рақами ду, ки бо вуҷуди ҷавони сисола будан… деги маърака барин шикам монда, аз ҳар қадамаш заминро

миннатдор кардан мехоҳад?

Не-е, ин хелаш намешавад...

Хулоса, он мақоларо навишта натавониста, аз худ норозӣ як ҳабро фурӯ бурда, нисфи шаб ба ҷогаҳ даромадам. Аввал чандин маротиба паҳлу гашта, сонӣ...

Хоб дидам.

Марям-холаро.

Дар деҳаи мо ба ҳамин ном як пиразани бадбахт зиндагӣ мекунад. Солҳои ҷанг ҳам аз шавҳараш ва ҳам аз ду писараш хати сиёҳ гирифта, тадриҷан хаёлинамо шуда, вай то ҳол тани танҳо рӯз мегузаронад. Тобистон, ҳангоми мураххасиам, то ки падару модар ва хешу таборро зиёрат кунам, ба деҳа рафта, ӯро низ дар кулбаи факиронааш хабар гирифта будам.

Марям-хола дар айёми кӯдакии ман…

Баъд ҳам – солҳое ки мактаб мехондам, тез-тез ба ҳавлиамон омада, чусту чолок ба кору бори модарам ёрӣ мерасонд. Ва гоҳо мешуд, ки шабона ҳамроҳи ману додарам дар айвони хонаамон хоб карда, дар равшании маҳтоб соатҳои дароз ба мо афсона мегуфт.

Аз он афсонаҳо баъзе... масалан, «Ҳафт додарон», «Маликаи чилгазамӯй», «Кали Боқӣ», «Лаку Пак» ва ғайра то ҳол аз хотирам нарафтаанд. Инак, баъди қариб бист сол, ман метавонам онҳоро ҳарф ба ҳарф такрор кунам.

...Марям-холаи пир шаб дар хобам бисёр ҷавон буд; зебо буд. Саропо дар либоси сафед, ба даст китоб... дар соҳили як рӯди пуроб қад кашида, ба ман, ки аз ҳусни беҳамтои ӯ шах шуда, дар соҳили дигар меистодам, ба овози баланд, вале ниҳоят форамаш ғул-ғули дарёро пахш карда, эҳтиёт бош, писарам, муракаб аст кори ин дунёи фано мегуфт.

Боз мегуфт, ки ана ба ту мисолаш: дар азал Офтобу Маҳтоб ду хоҳарон буданд. Лекин ба ҳусни якдигар рашк мебурданд. Рӯзе ба кадом баҳона гапи онҳо гурехт. Дар байни ҷанҷол Маҳтоб ҳар замон ба Офтоб мегуфт, ки ман аз ту сад бор хушрӯйтар. Офтоб ҳам аз ҷаҳлаш нафуромада, такрор ба такрор дурӯғ, ман хушрӯй мегуфт. Қисса кӯтоҳ, инаш «ман хушруй», ваяш «не, ман хушрӯй, ман...» – гӯён ҷанҷоли онҳо сахттар шуда, дар ниҳояти кор Офтоб ба ин гапгузаронӣ дигар тоб оварда натавонисту ханҷари худро аз наём кашида,

ба рӯи хоҳараш чанд зарба зад ва саркану покан гурехт. Чеҳраи зебояш хуншор гардида, Маҳтоб дар ғазаб аз пушти Офтоб давид; хеле давиду ӯро дошта натавонист… Аз ҳамон рӯз онҳо якдигарро таъқиб мекунанд, аммо – бефоида! То алҳол рӯи Маҳтоб доғдор аст. Аз паи ханҷари хоҳараш Офтоб... Акнун фаҳмидӣ? Ҳа-а, эҳтиёт бош, писарам. Дунё мураккаб, асли одамро шинохтан душвор.

Боз...

Ногаҳон пир шуда ва китоби дасташро аз болои рӯди тезоб ба сӯям дароз карда...

Вай дар илтиҷо мегуфт, ки инро бигиру ба ман писарони ҷавонамро ёфта деҳ, шавҳари заҳматкашамро ёфта деҳ. Бигир... Бигир, ки дар ин китоб сарнавишти ғамангези онҳо сабт гардадааст.

Лекин дастам ба китоб нарасид – ман аз рӯи санге ғелида, ба дарё афтидаму…

Сахт тарсида, ғарқи обу арақ, бедор шудам. Аз радиои девори ошхона ҳофизе ба сӯзу гудоз «Муноҷот»-ро мехонд. Ин суруди дилхарош, ки субҳи содиқ гӯё аз дуриҳо ба гӯшам паст ва мавзун мерасид, маро бештар мутаассир кард.

Аз хоби дидаам ҳайрон, дар мадди назарам андоми кулфатгазидаи Марям-холаву хаёли ошуфтаам ба деҳа... аз ҷогаҳи худ базӯр хеста, дастурӯй шустам; риш гирифтам.

Сипас хоҳам-нахоҳам чою нон хӯрда, тохта кӯча баромадам, ки аз дигар ҳамкасбонам пештар ба кор расам…

Шумо албатта медонед – як соат қабл аз ин ҳаво соф буд, борон ҳам намеборид.

Хулоса, акнун ба истгоҳи автобус расида будам, ки ногаҳон раъду барқ шуда, шатар-шутур борон рехт.

Шамолаш тунд. Бинам – борониамро напӯшида баромадаам, ҳатто чатр нагирифтам. Барои то ин дараҷа фаромӯшхотирӣ, андешамандӣ ва он мақолаи сабилро нанавиштан худро маломат карда, ҷонсарак қафо гаштам. Дар хона боронӣ пӯшида, алалэҳтиёт чатрро ҳам гирифта, бозпас ба истгоҳи автобус омадам.

Дар зери шипанг одам бисёр буд.

Охир, ҳавои баҳор – шохборон мезад!

Автобус кам мегузашт.

Аз ҳафтумаш-ку қасд кардагӣ барин умуман дарак набуд.

Ман одатан ба ҳамон автобус меоям. Нағз мегардад, лекин баъзан... аз чӣ бошад, то як соат интизор мешавед.

Имрӯз низ айни чунин ҳолат рӯй дод. Дигар автобусҳо зуд-зуд гузашта, паёпай одам гирифта мерафтанду ҳафтумаш наменамуд...

Аз интизорӣ тоқатам тоқ гардида, дар гӯшаи харак аз паҳлуи як писарбачаи хушсурати ба назарам мактабхон оҳиста нишастам.

Раъд гулдурос задаву ҳаданги барқ синаи абрҳоро чок карда, борон аз шасташ намегашт.

Ман аз роҳи ғарқи об чашм намекандам. Дар баробари рез-рези борон хаёлам ба ҳар кӯй сар мехалонд. Фикр мекардам, ки аз мани гаранг рӯзноманигор мебарояд ё не. Фикр мекардам, ки Иноят Шамсиддини даҳмарда барои ҷонбозиҳо дар набарди зидди фашизм пас аз чил сол сеюмин ордени худро гирифта, шояд сахт ба ҳаяҷон омада бошад; аз ғояти хурсандӣ ба ҳаққу ҳамсояҳо эҳтимол зиёфат ҳам дода бошад. Одами дасткушод вай, дастархондор...

Боз фикр мекардам, ки ин хоби шаб дидаам... Аҷаб, таъбираш чӣ бошад?

Ниҳоят барои чӣ дигар кас неву маҳз Марям-хола даромад ба хобам? Ҳоло вай сиҳат-саломат аст, ё ҳодисае...

Нохост назарам ба як аробаи чорчарха афтид, ки онро аспи кабуди лоғар аз канори раҳ кашола карда мегузашт. Марди кӯзапуште, дар даст лаҷом, либосаш ҳама тар, ба курсии пеши ароба нишаста, чунон ки дар зери борони сахт побанди ғаму андӯҳ бошад, сархам ва гӯё аз кулли ташвиши дунё бехабар мерафт.

Яқин пир буд аспи кабуд. Дар тани пӯсту устухонаш ҷоҷо холҳои сафед дошт, ки нахустин зарраҳои ба рӯи замин рехтаи барфро мемонданд. Бо вуҷуди ин ҷонвар, ёли дарозаш аз дами тези шамол парешон гардида, аробаи чархҳояш резинӣ ва пур аз қуттиҳои гуногунро ба ҳама зӯри худ оҳиста-оҳиста кашида мебурд.

Корзада буд аспи пир!

Ман ба қадаммонии душвори вай нигариста, беихтиёр аспи дигарро ба хотир овардам, ки низ кабуди холдор буд.

Аспи падарам...

Дурусташ, аспи давлату лекин падарам...

Азбаски солҳои сол ҷангалбонӣ мекард, онро аз ҳисоби кадом идора савор шуда мегашт.

Як рӯз падарам аз кӯҳ омада, зуд оши бурида хӯрду дар болои кӯрпача дароз кашида, гарму нарм гуфт, ки рав, писарам, аспро ба дарё бурда, об дода биё. Мани он вақт даҳдувоздаҳсола аз ин хоҳиши вай ниҳоят хурсанд шуда, савори асп филҳол ба лаби дарё расидам.

Мепурсед, ки дар ҳамон син аспсаворӣ мекардӣ?

Албатта!

Аз падарам омӯхта будам…

Хулоса, дар поини деҳа ба лаби дарё расида, ҷонварро аз об хуб сер кардаму дар бозгашт – аз кӯҳтал гузаштан баробар тозондам. Падарам пеш чандин маротиба исрор ба исрор гуфта буд, ки номаш аспро… баъд аз об хӯрданаш –

Тозондан гуноҳ!

Аммо шавқи кӯдакиам боло гирифту ба сағрии ҷонвар қамчин зада, онро дар кӯчаи деҳа беибо тозондам. Ман хабар надоштам, ки падарам ба хона омада, зертанги аспро қадре суст кардааст. Аз ин рӯ...

Вақте ҷонвар дар шаст ба дарвозаи ҳавлиамон мерасид, нохост аз болои вай чаппа шуда, якҷоя ба зертанги кушода ва зину арақчинаш дар ҷӯи канори раҳ ғалтидам. Ва дар замини сахт шонаам зарб хӯрда, ҳамоно фарёд кашидам.

Охир, ҷӯи сабил об надошт – хушк буд, қоқи қоқ буд!

То даме ки фиғони маро шунида, падарам тохта аз хона баромад, асп гунаҳкорона шиҳа кашида, нарм пой кӯфта, аз барам дур намешуд; ба нигоҳи чашмони равшан ва калон-калони худ гӯё узр мехост. Чунин менамуд, ки вай аз ман дида бештар азоб мекашад; агар он лаҳза фақат шонаи ман дард кунад, пас...

Аз ғояти раҳму шафқат ҳама вуҷуди ҷонвар метапад, таранг мешавад.

...Ба аспи пир ва соҳиби кӯзапушту сархами вай нигариста, дар истгоҳи автобус ба як дарди ширин беихтиёр ҳамон воқиаро ба ёд овардам. Ва ҳангоме ки аробаи пурбор рафта-рафта, дар пушти хамгашт нопадид гардид, худ ба худ:

– Чӣ бало зад ҳафтумро?! – гӯён асабонӣ бархостам.

– Ҳозир гузашт-ку, амак, – фаҳмонд писарбачаи хушсурати аз афташ мактабхон, ки чанд дақиқа дар паҳлуи ӯ хомӯш нишаста будам.

– Наход! – гуфтам ман дар ҳайрат ва аз парешонии худ каме шарм дошта, дубора дар лаби харак ҷой гирифта, боз ба ҳар гуна хаёлҳо рафтам.

Раъду барқ ҳамон хурӯшида, беист борон мерехт.

Ман...

Чашмам ба раҳ...

Мошинҳои дар ҳаракатро гоҳ медидам, гоҳ не. Зеро дар лавҳи хотирам манзараҳои деҳа пайдо шуда, кӯчаи асфалтпӯши шаҳрро аз пеши назарам мебардоштанд. Ва ман чун дар овони беғами кӯдакӣ талҳои як ба як сабзи дилнавозро баръало дида, дар зери борони баҳор гӯё аз сари нав пойлуч метохтам...

Бад-ин минвол аз байн чӣ қадар вақт гузашт, – намедонам. Фақат ҳаминашро медонам, ки:

– Омад, амак, ана... – гуфт ба табассуми ширин писарбача.

Ман аз дунёи дерини худ раҳо ёфта, чашмам ба автобуси ҳафтум афтид, ки дар он паиҳам одамон савор мешуданд.

Даме ки саросема ба дари автобус расидам, писарбача:

– Амак, о ин... – гӯён аз остини борониам оҳиста кашид.

Бинам – дар дастам партфел!

Хаёлам, ки кӯдаки мактабхон бошам, партфели он писарбачаро беихтиёр аз болои харак гирифта, худро ба сӯи автобус задаам.

Мефаҳмед?

Замин накафид, ки аз чашмони дар ҳайрати вай пинҳон гардам. Хайрият, автобус буд...

Ҳозир ана, давида ба идора меравам.

Мақолаи фармудаашонро навишта натавонистам.

Аз кор ҳам дер мондам.

Аввал аз мудири шӯъба, баъд аз котиби масъул, баъд аз муовини сармуҳаррир ва баъд аз худи ӯ бе муҳобот гап ҳам мешунавам.

Хайр, ҳеҷ қисса не. Одат кардаам ба талху тунд…

Бадии кор дар он ки ман сабаби ин ҳолатамро, решаи дар-

ди диламро равшан дарк карда наметавонам.

Ана ҳамин хел…

Шояд хаёли маро фасли баҳору боронҳои паёпай парешон месозанд?

Эҳтимол...

Лекин як чизро нек медонам – солҳои охир ман дар ин фасл гӯё тағйир меёбам. Тобу тавонро аз даст дода, зуд-зуд ҳис мекунам, ки ба ҷои мақолаҳо дар хусуси ҳаммом, сартарошхона, дӯкони таъмири пойафзор ё аҳволи бозор...

Чӣ гӯям?

Раман навиштан мехоҳам!

Бале, бале...

Механдед, а?

Беҳуда. Чунки ягон рӯз рамани маро ба чашми худатон мебинед. Ҳатман... Он гоҳ ба ҷои хандидан ҳайрон мешавед, лол мемонед. Ҳоло чӣ? – яқин бовар надоред; ҳазён мепиндоред. Шояд фикр ҳам мекунед, ки ман ақламро бохтаам. Аз беҳунарӣ, аз васвасаи қаламкашӣ, аз орзуҳои ботил...

Ё нодуруст мегӯям?

Дуруст албатта...

Эъ, ин борони сабил боз гирифт-ку! Ганда гирифт. Касро дигар ба ҳоли худ намемондагӣ барин... Хуб, ҳар чӣ бодо бод! Таваккал ба худо гуфтаанд. Ҳоло ман рафтам, бале, шумо саломат бошед. То боздид; то ҳамон рӯзе ки рамани маро хонда, аз боби он ҳатман қисса хоҳед кушод.

*1985*

## КАТАРИН

Гашт мекунад рӯзи аввали зимистон. Ва боз... мегузарад соате аз ҳаёти муқаррарии инсон. Чанд лаҳза инҷониб майда-майда борони сард борида, шояд аз камари кӯҳҳои дур нафаси тези барфро меорад. Як марди биниаш барҷастаи газгӯшт, ки ба назар тахмин панҷоҳсола метобад, сараш ба рӯймоли гардӣ маҳкам бастагӣ, кӯрпаи баҷилди вазнинро қариб то таки манаҳаш кашида, дар кати пастаки пеши тиреза хобидааст. Гунаҳои суп-сурхи ӯ ба чашмони кабуди ан-

дак чуқураш гӯё бозӣ мекунанд. Яқин ҳарорат дорад мард. Хона чандон гарм не, – дар кунҷи дуртар аз паҳлуи дари дутабақа, дудкашаш берун аз шифт рафта, бухории оҳанин... ба вай фурсате қабл алав мондаанд магар, акнун тафс мегирад.

Мард аз оинаи тиреза, ки домани ҳар ду пардаашро барзадаанд, хаёлманд ба саҳни ҳавлӣ, ба нам-нами якнавохти борон менигарад. Баъд оҳиста паҳлу мегардад. Ва аз байн дақиқае нагузашта, болини таки сарашро болотар тела медиҳад. Бетоқат аст вай – гӯё аз риши тунуки малла, аммо як қадар дамидаи худ ғашаш меояд. Балки дар бадаш задааст чор рӯз интараф мурда барин дароз хобидан? Ҳар чӣ бошад, ранги рӯяш бегона, дилаш зиқ ва хотираш парешон метобад... Инак боз паҳлу мегардад ӯ. Пас баиллат як калла афшонда, аз нав ба саҳни ҳавлӣ менигарад. Ва худи ҳамон дам чашмонаш дурахшида:

– Ваҳ! – гӯён саросема кӯрпаро аз қафаси синааш дур меандозад. – Ҷӯраам, а! Ҷӯраам...

Марди бемор пойҳои лоғарашро аз кат фуроварда, зуд ҷуробашро мепӯшад. Бархоста, ҷомаашро низ чаққон ба китф мегирад.

...Ва дар кушода шуда, ба мушояати ҳамсари вай дӯсти бачагиаш Нозилҷон медарояд. Онҳо якдигарро гарм ба оғӯш кашида, салом-алейк мекунанд, самимона аҳвол мепурсанд. Пас дар болои кӯрпачаҳо ба ҳам рӯбарӯ нишаста, аз дари таомул даст ба фотиҳа мебардоранд.

– Қадам расид, бало нарасад!

– Намерасад...

– Илоҳӣ омин! Гуфтам... аз ту як хабар гирам.

– Хуш омадӣ, дӯстам! Ҳар қадамат болои дида... Ту, охир, тоҷи сарӣ!

– Воҳима нашавад, Ҳотамбек... – мегӯяд Нозилҷон. Ва баъди лаҳзае сукут, лабони андак ғафсаш моил ба табассум, маънидор мепурсад: – Аслан чӣ гап? Аз нақли як кас-ним кас ман туро бемори лоҳис тасаввур кунам... дурустӣ-ку! Ҳеҷ тағйир наёфтаӣ, ҳамон Дами Гарми қадимаӣ.

– Ҳоло лақаби ман дигар, – нигоҳашро гурезонда, қариб ғамгин ба забон меорад Ҳотамбек.

– Аз инаш ҳам хабар дорам, – механдад Нозилҷон.

– Хабарат бошад... – гуё ногаҳон ба хаёл рафта, идомаи суханашро фурӯ мебарад ӯ. Ва ба ҷониби ҳамсараш, ки низ пиққӣ хандида, ин дам аз хона баромадан мехост, дар як итоби омехта ба меҳр чашм медавонад. – Бисёр наханду аз паи дастархон шав!

– Албатта... – хушнуд берун меравад зан.

Ва лаҳзае хомӯшӣ ба миён меояд.

– Хайр, гап деҳ, – айни вақт онро шикаста, нарм мегӯяд Нозилҷон.

– Чӣ гап диҳам? Ранг бину ҳол пурс... – рӯймоли гардиро аз гирди сараш кушода, ба табассум тоқӣ мепӯшад Ҳотамбек. – Кам-кам таб дорам. Боз ин ки месурфам. Сурфаи хушк... Вараҷа барин нохост гирифт сабил! Чор рӯз пеш... Хуб, аз худат пурсам – чӣ ҳол дорӣ, Душанбе чӣ хел? Зану бачаҳоят сиҳат-саломатанд?

– Шукр, ҳама осудаанд. Душанбе низ тинҷ. Ҳоло ки ман дар он ҷо нестам, тамоман тинҷ будагист.

Ҳотамбек аз мағзи дил механдад.

– Худо мегӯем, ки аз паи қадами ту акнун деҳа нотинҷ нашавад.

– Ахир бас кардӣ нӯшиданро? – ҷиддан мепурсад Нозилҷон, ба *ҷигари* сухани вай зиёда эътибор надода.

– Худат чӣ?

– Ман ҳамон Аҳмади порина. Як хел...

– Аммо қиссаи акаат пур аз пастиву баландӣ.

Ҳамсари Ҳотамбек нону суфра меорад. Аз пушти ӯ, дар даст чойники калону чанд пиёлаи хушгул, ба хона нахустписараш медарояд. Онҳо ду-себорӣ аз нав берун рафтаву ҳамоно баргашта, рӯи дастархонро зуд мамлуи гуна-гуна нозу неъмат мекунанд. Дар охир як шишаи гардандарози арақаш нимабаланд низ пайдо мешавад.

– О будааст-ку! – барқ мезананд чашмони Ҳотамбек.

– Ин фақат барои акаам, – ширин механдад ҳамсари ӯ, зани кушодачеҳраи яқин содадил.

– Ҳа-а-аъ... – ночор абрувонашро боло мекашад Ҳотамбек. – Хуб, ҳоло ба шумо ҷавоб. То палав тайёр нашавад, ба сӯҳбати мо дигар халал нарасонед.

Модару писар мераванд.

Ва дӯстон боз танҳо мемонанд.

Ҳотамбек нон мешиканад.

– Кай омадӣ?

– Дина бегоҳӣ... – мегӯяд Нозилҷон.

– Зану фарзандонатро ҳам овардӣ?

– Не, танҳо омадам. Вақтам танг буд – худо хоҳад, фардо баргаштаниам.

– Аз дидори модарат сер нашуда?

– Чӣ илоҷ! Кору бор, ташвиши рӯзгор...

– Тобистон, баъде ки як ҳафта барин дар деҳа истода, бозпас рафтӣ, – пешонии фарохашро ба ангушти ишорат тук-тук мезанад Ҳотамбек, – ин *акаат* қариб мемурд.

– Узр мехоҳам, ҷӯраҷон, ман дер шунидам. Лекин пурсида, аз ёру бародарон фаҳмидам, ки ҳарчи сиҳат ёфтаӣ. Пас осуда шудам.

– Як мӯъҷиза буд ба по хестани ман. То ҳол боварам намеояд...

– Аввал аз шафоати худо донистан лозим. Баъд аз тоқати ҷону ҷигари худат…

– Гуфтанд ту ҳамон рӯзҳо сафари хидматӣ доштаӣ.

– Бале, Кобул рафта будам.

– Дар ин муддат ягон чиз менавиштӣ, ё фақат кору бори давлат?..

– Кам-кам... Ку бинем, оқибат чӣ меояд ба кафлес.

– Агар менависӣ, иншооллоҳ, ҳосилаш хуб аст. Ту истеъдоди баланд дорӣ, дӯстам. Росташро гӯям, вақтҳои охир туро бисёр пазмон шудаам. Зуд-зуд аз модарат пурсида меистам, ки чӣ хату хабар ҳаст, занг мезанад ё не...

– Хуб, акнун ҳикоят кун, – чӣ тавр афтидӣ ба ин аҳвол?

– Баъд ту маро ба масхара нависӣ, а!

– Муносиб бошад, чаро не?!

Ҳотамбек, чеҳраи зардинааш шукуфон, даме сукут варзида, чунон ки нохост ба ягон амали хавфнок тасмим гирифтааст, айёрона мегӯяд:

– Майлат, ба ту ҳамаашро нақл мекунам. Лекин... аввал табъи дил адаби ин занакро додан лозим.

– Яъне? – ҳайрон мешавад Нозилҷон.

– Ҳоло мефаҳмӣ, – хандон аз ҷой мехезад Ҳотамбек ва аз

пушти кат як шиша араќи накушода оварда, масрур дар паҳлуяш мегузорад. – Ҳаминакро дукаса фурӯ мебарем.

– О ин бисёр. Баъд... оё мумкин аст ба ту? Ҳарорат дорӣ...

– Аз рӯзе ки ба он фалокат гирифтор шудам, занак нӯшиданро қатъиян манъ кард. Вай ҳатто аз гапгузаронӣ намегардад. Аммо акаат, рафту харҷаш аз кисаи дигарон бошад, баъзан менӯшад кам-кам.

– Аз янга пинҳонӣ албатта?

– Чӣ илоҷ! – сараш андак хам, сард оҳ мекашад Ҳотамбек. – Агар не, дар бало мемонам.

– Ҳар чӣ бошад, зиёд аст вай. Ана ҳаминаш кифоя, – шишаи кушодаро нишон медиҳад Нозилҷон.

– Не, дӯстам. Модоме менӯшем, аз табаррукаш менӯшем. Худат-ку нағз медонӣ: аз Исматулло дар зимистон ҳатто барф рӯёнда намешавад. Эҳа-аа...

– Воқиан, чӣ ҳол дорад шон?

– Гаштааст бе дарду ғам. Дунёро об барад ҳам, мижааш хам намехӯрад. Саҳар як сари қадам омада буд. Ин Шералӣ, – ногаҳон лақаби навъи шиша, ки онро аз номи ҳофизи гарданаш бисёр дарози Ӯзбакистон гирифтаанд, ба ёдаш расида, механдад Ҳотамбек, – аз ҳиммати Исматуллоҷон, аз пули бедардимиёни дӯсти бачагии худамон. Яъне табаррук!

– Беморбинии баарақ, а? – низ механдад Нозилҷон.

– Ҳа-а, бачамард дар кисаи даруни борониаш овард. Чашми янгаатро, ки қаравул меистод, намедонам чӣ хел реб дода, сари вақт дар пушти кат монда рафт. Ё чӣ бало, аз омадани ту хабар дошт?! Дар ҳар сурат одам аз насибааш рӯй намегардонад...

– Хабар дошт албатта. Саҳарӣ, зоғи сиёҳ нулашро наолуда, ба ман занг зада буд... Хайр, кушо акнун, – маҷбур гардан мефурорад Нозилҷон.

– Ҳай муғамбир аст ин ҷӯраамон. Як даҳан нагуфт-э!

...Ниҳоят, баъде ки хӯрдаву нӯшида, шишаро холӣ карданд, Ҳотамбек даҳони онро маҳкам мепӯшад ва бурда ба эҳтиёт боз дар ҷояш, дар пушти ҳамон кати пастак мемонад. Пас дангал мепурсад:

– Ту қиссаи аз нав зинда шудани маро дар ҳақиқат шунидан мехоҳӣ, ё аз раҳи адаб... яъне дар омади гап гуфтӣ?

– Биллоҳ, ки сидқан шунидан мехостам!

– Ин хел бошад, гӯш фаро деҳ. Лекин суханамро намебурӣ. То охир... Хуб?

– Қабул, – табассум мекунад Нозилҷон.

– Лӯндаи гап, ман ҳамон саҳар аввал ба анбори хоҷагӣ рафта, аз кали Анвар дар як зарфи дулитрӣ катарин харидам.

– Катарин не, которан, – мӯйсари мошубиринҷи базебашро ба ангуштони дарози худ шона мезанад Нозилҷон.

– Ана, суханамро буридӣ!

– Шуд, ҷӯраҷон, дигар овоз намебарорам.

– Овозат ки намебаромада бошад, – каме сурфида, оринҷашро ба болин такя медиҳад Ҳотамбек, – буду шуди қисса ҳамин: аввал рафта аз кали Анвар ду литр кота... като... Э фарқаш чӣ? Катарин мегӯем, вассалом... Мазмун – аввал дар як зарфи оби маъдан аз ҳамон тухми анқо харида, даҳанашро нағзакак бастам. Ва аз гарданаш гирифта, кали Анварро *хурсанд* карда, бозпас ба раҳ даромадам. Қад-қади кӯча гоҳ ба инаш, гоҳ ба ваяш вохӯрда – таомул, охир! – салом-алейк шудаву кам-кам лақида, хотирам аз чор ҳадди дунё ҷамъ, оҳиста меомадам. Бепарво будам. Азбаски он рӯз ҳеҷ кори зарур надоштам, шояд аз шарофати фориғӣ... худ ба худ рӯҳам меболид. Кӯкнориҳо барин ба ҳар гуна хаёлҳои ширин рафта, озод, беташвиш, саллона... ва аз чӣ буд, ки ҳатто бисёр хурсанд қадам мемондам. Ҳамин хел то дари магазинамон расида, чашмам нохост ба Исматулло афтид. Вай ба ду нафар улфатамон – ту онҳоро хуб мешиносӣ, доимианд онҳо, – каме дуртар, дар кати баланди зери дарахт бемалол чорзону зада, ба қавли худаш маишати канори ҳавзи Кавсар дошт. Аввал хостам, ки номаълум гузашта равам. Аммо Исматулло ҳам маро дида, ба ишораи даст даъват карду филҳол аз раъям гаштам. Сабил монад, табиатам беҳад мулоим, – ба ягон кас не гуфта наметавонам... Аз ин рӯ қанатак бароварда, зуд дар назди вай ҳозир шудам. Ва мо, чор тан паҳлавони гарданшикан, то нисфи рӯз аз ҳамон кати пешорӯи магазин нахеста, гардани панҷ шишаро бехато шикастем. Газакамон чӣ? – шакароб, нон, камтар мева... Худат медонӣ, ки одам агар ба дӯстони бачагиаш давра гирад, ҳар касу нокас пашша нашуда, бар замми ин сӯҳбат табъи дил

чараён ёбад, асло хестанаш намеояд. Аз шаш дари олам гап зада, занги дил мешӯӣ, гузаштаро ба ёд мериӣ, имрӯзаро ба муҳокима мекашӣ... Хулоса, роҳат мекунӣ. Мо ҳам лақида-лақида, ба тавре роҳат карда, нимарӯз, баъде ки шишаҳо бил-кул холӣ шуданд, аз дари магазин ғайб задем. Яъне гаранг будем ё ҳушёр, ба ҳар ҳол, ҳар кадом ба роҳи худ рафтем. Ҳамон рӯз офтоб аз саҳар башаст омада, гармо тадриҷан боло гирифта, оқибаташ – ҳаво ба мисли танӯр метафсид. Боз ин ки ғуборогин буд сабил, вазнин буд. Ҳамвор нафас кашидан як азоб... Дар дастам зарфи пур аз катарин, ман рӯ ба хона лаб-лаби канал оҳиста пой монда, базӯр меомадам. Раҳораҳ аҳволам ба дараҷае танг шуд, ки як-ду бор истода, то метавонистам, чуқур дам задам. Бинам, дар ҳақиқат фоида доштааст – ҳушам дар ҷояш қарор гирифта, оҳиста-оҳиста сабукӣ ёфтам. Бо вуҷуди ин аз дил гузарондам, ки биё, ранги рӯямро ҳоло дар хона нишон надода, аввал ҳамин катаринро ба сари замин бурда монам... Акаат, охир, дар он ҷо як каппача дорад! Худат медонӣ-ку: ман чор сол боз иҷоракор. Се гектарро ӯҳда карда, ба илова ҳосили айни муддао гирифтан аз дасти ҳар кас намеояд. Дар як муддати кӯтоҳ ман он замини партавро чунон ба тоб овардам, ки эҳа-а! – тонна-тонна бор медиҳад. Соли дароз на фақат оилаи худам, балки хешу табор низ таъминанд аз пиёзу картошка. Боз хеле мефурӯшам... Исто, ки ту ҳам якхалтаӣ барӣ, намешавад?

– Мани бехабар сари тирамоҳ захира карда будам, – нарм механдад Нозилҷон.

– Гапамро набур... Аҷаб бетоқатӣ!

– Модоме батаъкид мепурсӣ, ҷавоб нагардонам?

– Майлат, набар... Лекин ба миёни суханам лагад назан, – мегӯяд хушҳолона Ҳотамбек ва идома медиҳад: – Хулоса, аз дил гузарондам, ки дар ин аҳвол хона намеравам. Ва бешитоб самти заминамро пеш гирифтам. Агарчи кайфам ҳоло ҳам баланд буд, дар ҳавои бисёр гарми чанголуд беш аз ним соат қадам зада, ҳалқам аз ғояти ташнагӣ қоқ, нохост ба боҷаам рӯбарӯ омадам. Ба Саидвалӣ... Вай сари вот истода, дар китфаш каланд, ба ҷӯякҳои пахта менигарист. Замини мо аз бари якдигар... Воқиан, ман ҳам мувофиқи шартнома ӯҳдадорам, ки дар баробари ғайра зироат пахта низ

мекорам. Ҳар сол... Медонӣ, а? Қилу қол надорад ин масъала!

– Медонам, – беихтиёр мегӯяд Нозилҷон.

– Хайр, – даме ба сукут рафта, фарох механдад Ҳотамбек. – Тарки одат – амри муҳол. Буридан гир... Ту аз кӯдакиат ҳамин тартиб бетоқат будӣ.

– Ёд надорам.

– Албатта, кадом одами ту барин ҳушёр гуноҳашро зуд ба гардан гирифтааст? – як қулт чой менӯшад ӯ ва боз қадре хомӯш монда, аз сари нав ба сухан меояд: – Давоми қисса – Саидвалӣ маро дида, хушу хурсанд вохӯрдӣ кард. Гуфт, ки имрӯз бояд намеомадӣ, аз куҷо пайдо шудӣ. Яқин ҳамсӯҳбат мехост вай – аз афташ... тани танҳо ҷунбида, зиқ монда буд рӯзи дароз... Бемадор даст афшонда, чои хунук пурсидам. Надорам гуфт. Баногоҳ қаҳрам омада, худро якбора аз даст дода, қариб беҳуш шудам. Даруни сарам ваҷарос мезад. Дасту поям вазнин, ҳатто ба ларза печида, зуд нишастам, балки афтидам. Хуллас, одаму оламро фаромӯш карда, фақат ёд дорам, ки – намедонам кай – ана чой гуфтам. Ана... ниҳоят ташнагӣ мешиканам. Баъд хоб меравам, хоб... Ва он зарфи пур аз катаринро, ки яқин дар паҳлуям ғелида буд, худам бехабар чанг зада гирифтаму ҳамоно ба лаб бурдам. Тамом, дигар чизе дар хотирам намондааст. Маълум шуд, ки наздики як ҳафта...

– Тавба! – ба оҳанги таассуф калла меҷунбонад Нозилҷон. – Ҳамин қадар беҳуш будӣ, а?!

– Беҳушӣ ҳам гап? Мурда будаам, мурдаи ғассол... – оринҷашро аз болин гирифта, боз чорзону мезанад Ҳотамбек.

– Нағз, ки дар он ҷо ба Саидвалӣ вохӯрдаӣ...

– Рост мегӯӣ, – сухани Нозилҷонро бурида, вай худаш идома медиҳад: – Агар не, ҳаром мемурдам.

– Баъд чӣ?

– Чӣ мешуд баъд? Ҳоло пӯсида, аз ҳам мерехтам дар гӯри торик.

– Ман ин *оқибати* вазнинро дар назар надоштам, – табассум мекунад Нозилҷон. – Фақат донистан мехостам, ки ба кадом насақ раҳо ёфтӣ аз ҳалокат.

– Тафсилоташро аз Саидвалӣ пурс, – лоқайд мегӯяд Ҳотамбек. – Аз рӯи шунидам ҳамин қадар медонам, ки вай

маро саросема ба гаҳвораи мататсиклаш андохта, дартоз хона меорад. Нохост ин аҳволро дида, бачаҳо аввал сахт метарсанд. Пас ана... ба гиряву нола медароянд. Янгаат рӯю мӯй канда, гумон мебарад, ки тамом, мурдааст соҳиби сараш. Охир, латта будаам, беҳушу беёд... Саидвалӣ дар як азоби алим ба вай мефаҳмонад, ки бисёр овоз баланд накунад, ман ҳоло зиндаам; нағзаш – чӣ қадаре бошад, шир ёфта биёрад. Боз эҳтиёт шавад, ки ҳамсояҳо аз ҳақиқати ҳол пай набаранд...

– Девор агар афтад, дарун афтад гуфта, хостааст қиссаи туро пинҳон дорад.

– Албатта, олуда дар он бӯи бад ҷон ба ҷаббор диҳам, оқибаташ чӣ мешуд?! Ба зоту зурётам исноде меовардам, ки якумр аз ёди мардум намерафт.

– Ҳар чӣ бошад, муҳиммаш – зинда мондӣ.

– Хулоса, онҳо ба даҳанам паёпай шир рехта, муддате интизор меистанд, ки банда беҳбудӣ меёбам, ё не...

– Ту ягон чизро дар хотир надорӣ?

– Ку-учо! – гардан ёзонда, мад мекашад Ҳотамбек. – Гуфтам-ку: мурда будаам, мурдаи ғассол... Баъд мебинанд, ки не-е, баданам ғарқи арақи сард, шири хӯрондаашон аз даҳану биниам омада, хона пур аз бӯи катарин, ба дами назъ расидаам, ҳамин ҳозир ҷон медиҳам. Бечораҳо ноилоҷ монда, *табобатро* дигар бас мекунанду ҷасади ин акаатро кӯдак барин боз дар гаҳвораи ҳамон мататсикл андохта, саркану покан ба беморхона мебаранд.

– Нағз, ки ақлашон гирифтааст.

– Янгаат тақозо мекунад. Овоза нашавад, иншооллоҳ, ба худ меояд гуфта, боҷаам аввал бурдан намехостааст.

– Бечора Саидвалӣ...

– Ҷони одам аст, – хушҳол мегӯяд Ҳотамбек. – Вагарна дидори ману ту дар қиёмат мемонд.

– Якумр бояд аз вай минатдор бошӣ, – мутаассир ба забон меорад Нозилҷон.

– Саидвалӣ дар беморхона ҳам хизмати бисёр кард. То сари по нахестам, дар гирдам парвона буд хонаобод.

– Чанд рӯз хобондаанд?

– Зиёда аз бист рӯз! – ба оҳанги ифтихор ҷавоб мегардо-

над Ҳотамбек. – Се-чор рӯзи аввалро тамоман дар хотир надорам. Баъд кам-кам дарёфтам, ки ҳанӯз ҷони зиндаам. Чӣ хел аз кали Анвар катарин харидам, чӣ хел дар пеши магазинамон дар ҳузури Исматулло арақ хӯрдам, чӣ хел дар сари замин ба Саидвалӣ дучор омада, қаҳролуд даст ба зарфи пур аз чой бурдам... низ тадриҷан пора-пора ба ёдам расид. Гоҳо чашмонам кушода буданд, лекин гап зада наметавонистам, мадори ҷунбидан ҳам надоштам. Дар конаки биниам рӯдаи борик, ҳозирон чӣ мегӯянд, – баръало мешунидам, идрок мекардам, аммо худам гунг будам. Зуд-зуд гӯшҳоям ҳуштак кашида, хаёлам, ки аз тазйиқи дард косахонаи сарам метаркид. Бо вуҷуди ин зӯр зада, мехостам аз ягон чиз бехабар намонам, дар айни замон фаҳмонам, ки ман зиндаам, умедашонро накананд – дилам, охир, бақувват! Духтур ҳам возеҳ гуфт-ку: дилаш агар тоб оварда тавонад, зинда мемонад, дар акси ҳол... афсӯс, мо дигар илоҷ надорем. Чунин буд хулосаи духтур. Яъне ин тарафаш аз худам вобаста. Пас тоб меорад дили ман! Худо хоҳад, ба ҳар бало тоб меорад...

– Офарин! – беихтиёр хитоб мекунад Нозилҷон. – Ту ҳамеша сахтҷон будӣ. Ҳатто аз баландтарин дарахт афтида, ҳеҷ воқиа рӯй надодагӣ барин тохта ба по мехестӣ. Аслан аз ту ҳаракат, аз ман баракат гуфтаанд. Часпу талошатро дида, худои карим яқин раҳматро хӯрдааст. Вагарна имрӯз мо, ҷӯраҳо, бе ҳазлу шӯхиҳои ту чӣ кор мекардем!

– Илоҷатонро меёфтед. Дар ин дунёи пурғавғо ҷои ягон кас холӣ намондааст.

– Ба ҳар ҳол...

– Бисёр тахмин назада, давоми қиссаро шунав.

– Ба чашм!

– Ана ҳамин хел хушомад карда ист, – қаноатманд мегӯяд Ҳотамбек ва як сурфида, ҳикояташро идома медиҳад: – Ҳангоме камтар ба ҳуш омада, нахустин бор пай бурдам, ки банда ҳоло зиндаам, нохост ба гӯшам сураи ёсин расид. Чашмонамро базӯр нимкоф карда, дуртар аз худ хира-хира як шабаҳро дидам – яқин аз доираи ҳамон сиёҳӣ меомад овоз. Аҳволам бисёр бад будааст, ки бечораҳо мулло овардаанд, – омехта ба ноумедии шадид аз дил гузарондам ман. Баъд фаҳмам, дар воқеъ мемурад гуфта, хонаро ҳам ба тар-

тиб андохтаанд. Мазмун – янгаат ба мадади хешу табор аз ҳар ҷиҳат барои гӯрондани соҳиби сараш тайёр шудааст. Сад фоиз... То даме як зарра мадор ёфта, ба имову ишора нафаҳмондам, ки бас кунед акнун, ҳай ёсин мехонданд. Овози борики мулло беҳад хунук мерасид ба гӯшам. Мурдан намехостам, охир! Умуман аҷоиб буд бемории акаат, харро хандаву бузро гиря буд, саропо як масхара буд, мазоҳ буд... Ҳама – чи аҳли оила, чи ёру рафиқ, чи духтур, чи хоҳари шафқат ё фаррош... – хуллас, лозим донанд, ҳудаву беҳуда ҳама гап мезаданду ман не. Чунки ҳатто лаб кушода наметавонистам, гунг будам, тароша барин шах будам. Дигар бӯи умед нест, – мегуфт яке, хости худо, – мегуфт дуюмӣ, ба сабру тоқат даъват менамуд сеюмӣ... Онҳоро шунида-шунида, маро асосан хоб мебурд. Вақти бедорӣ медидам, ки зуд-зуд тирезаро кушода мемонанд. Ва палата пури магас мешуд. Янгаат, берӯзӣ, даҳану биниашро ҳар замон ба рӯймолча маҳкам карда, дар сари болинам музтар менишаст.

– Шояд аз бӯи доруву дармон... – суоломез ба Ҳотамбек менигарад Нозилҷон.

– Э не-е-е... Аз бӯи катарин!

– Чӣ тавр? Оё баъди чанд рӯз ҳам... – гаранг мемонад вай.

– Бале, – дар виқор калла меҷунбонад Ҳотамбек. – Аз ҳар нафасам меомад сабил. Агарчи духтурҳо гаштаву баргашта дарунамро шустаанд, он бӯи бад як ҳафта зиёдтар аз даҳану биниам берун шуда, номаш магасро қир мекард. Ба чашми худ медидам, ки ҷонварҳо аввал дар ҳавои палата каме пар зада, баъд чӣ хел сарозер меғалтанд. Рафту ба ман наздик шаванд, ё ба ягон ҷои рӯям ё дастам шинанд, тамом – филҳол меғелиданд. Саидвалӣ хандон мегуфт, ки ба шарофати катарини ту аз шилки магас дигар парво надорем... Ҳамин тавр, беш аз бист рӯз дар беморхона дароз хоб кардам. Аммо ҳанӯз ҷавоб нашуда, тамоми ноҳия аз қиссаи ман дарак ёфтааст. Майлат, инашро як дарди бахайр медонем. Аз ҳама бадаш, табибони ҳозиқи мо ҳар чӣ фармоянд, янгаат бебаркаш сарф карда, ба сари чорсад долларе ки алалэҳтиёт дар хона нигоҳ медоштам, ҳалолу покиза об рехтааст. Дар ниҳояти кор ҳам бепул мондем, ҳам саломатиамро бой дода, дар байни мардум аҷаб афсона шудам. Акнун ҳатто

кӯдаки қади раҳ маро амаки Катарин мегӯяд.

– Ту фақат аз хӯрдан меёбӣ, – беихтиёр гап мепартояд Нозилҷон.

– Чӣ хел? – мутаҳайир ба вай чашм медӯзад Ҳотамбек.

– Лақаби аввалаат ҳам ҳосили баднафсӣ буд. Ё фаромӯш кардӣ?

– Мани сода он вақт аз куҷо медонистам, ки Исматулло, ҷӯраи ҷонамон, як карсон атолаи махсус сӯзонро оварда, барқасд дар пешам мондааст! Ба хизмат тӯҳмат...

– Охир, дилам дами гарм мехоҳад гуфта, ҳамаро безор карда будӣ.

– Хайр, чӣ? Аз саҳар дар рӯи ҳавлиаш каланд заниву вай ақалан дегашро натафсонад, мебоист ҷим истӣ?!

– Не албатта! Одам фақат ҷим истад, дигар ба чӣ раҳ лақаб мегирад?

– Лекин рост. Баъде ки он атолаи сабилро, бехабар аз найранги шумо, осема дам кашида, дилу ҷигарамро муфт сӯзондам, ба ҷои раҳм маро дар як муддати кӯтоҳ ба Дами Гарм машҳур кардед. Гӯё таҳтан ном надошта бошам, омада-омада... дар ин сину сол ана, Катарин ҳам шудам.

– Ғам нахӯр... – пушти сар мехорад Нозилҷон.

– Ман ғам нахӯрдаам, – ҷиддӣ мегӯяд дӯсти бачагии ӯ. – Бигузор номамро нагиранд. Ҳаргиз... Ниҳоят чӣ фарқ дорад, ки банда Ҳотамбекам ё Катарин?!

– Ҳар кӣ бошӣ, ту бе ягон муҳобот одами хубӣ, ҷӯраҷон. Чӣ тавре дар ёдам мондааст, аз худи овони кӯдакиат баинсоф будӣ. Яъне модарзод... Худои карим ҳам маҳз инро яқин ба назар гирифта, умри дубора додааст ба ту. Эҳтиёт шав акнун. Воқиан, духтурҳо чӣ мегӯянд – нӯшидан мумкин ё...

– Манъ карда буданд.

– Аммо ту эътибор намедиҳӣ?

– Чаро? Фақат гоҳ-гоҳ... аз ҳисоби дӯстони беғараз...

– Аз ҳисоби Афлотун бошад ҳам, дигар нанӯш. Тамоман... Кӣ медонад, боз нохост ба ягон фалокат печида, мабодо чандинсола номи некатро бой диҳӣ. Олами ҳодис гуфтаанд.

– Номи нек, а! – бепарво даст меафшонад Ҳотамбек.

– Ношукрӣ накун, – ба худ ваҷоҳати ҷиддӣ мегирад Нозилҷон. – Мардум ба ту эҳтироми зиёд доранд. Хурду ка-

лон... Чунки нағз медонанд – як инсони ҳақталошӣ, дасткушодӣ, дилу ниятат покиза, чашмат ҳалол, ба ёру ошно садоқат дорӣ, муҳимбарорӣ. Боре нашудааст, ки аз қавлат гашта бошӣ; ҳаққи ягон бева ё бечораро ҳам нахӯрдаӣ, ба амонат хиёнат накардаӣ. Дар ҳар сурат мардум инро на дидаанд, на шунидаанд. Аз ҷумла худи ман... Боз чӣ лозим ба як марди мусулмон!

– Мо ҳамин хел одам гуфта, ҷор занам?

– Не, ту ҷор назан. Ту саломатиатро эҳтиёт кун.

– Дар ин дунё худои карим ҳар чӣ фармуда бошад, ҳамонро мебинӣ.

– Вай арақ нӯш нагуфтааст-ку...

– Исматулло мегӯяд, – маҷбур механдад Ҳотамбек. – Дигар улфатҳо мегӯянд... Онҳо чӣ қадар шилқинанд, худат нағз медонӣ.

– Бо вуҷуди ин нанӯш, – аз гапаш намегардад Нозилҷон. – Як-ду сол гузаштан баъд мефаҳмӣ, ки эшон то кадом андоза ба ту садоқат доранд. Яъне вай дигар *намегирад* гуфта, пояшонро аз дари хонаат кананд, ё аввала барин туро ба дастархони худ даъват накунанд, пас бешубҳа дӯстони хасакӣ будаанд.

– Ҳар кор шуданаш мумкин...

– Мумкин ҳам гап! Ин дарсе ки аз қазо гирифтӣ, бояд якумр ба ту кифоя бошад. Аслан чӣ фоида аз ошнобозии барзиёд?!

– Лекин рост мегӯӣ, – андак ба хаёл меравад Ҳотамбек.

– Ақалан оқибати шаш фарзандатро фикр кун. Ҳоло аксарияти онҳо хурданд, мактабхонанд...

– Бале, – калла меҷунбонад ӯ. – Баракат ёбад устодашон Исматулло. Чӣ будани забону адабиётро *мефаҳмонад* бачамард...

– Худо нагирад ҷони ин хел муаллимро! Аз раҳаш нагашт, ки нагашт.

– Арақхӯриашро дар назар дорӣ?

– Агар не, боз чиро?! Ба он лабу даҳан намедонам вай ба хонандаҳо аз чӣ дарс медода бошад... Балки шарму ҳаё чист, умуман фаромӯш кардааст?

– Биё, мон, – як дам сар мехорад Ҳотамбек. – Нағзаш, аз

худат пурсам. Дар муддате ки ҳамдигарро надидаем, чиҳо навиштӣ?

– Ба ин суоли ҳарина, ҷаноби бемор, банда кайҳо ҷавоб додам, – мегӯяд Нозилҷон.

– Яъне кам-кам менависӣ? Ҳоло дар дег, ҳоло ба кафлес наомадааст?

– Ҳамин тавр. Садқаи аҳли фаҳм шавам...

– Хайр, аз нияту нақшаҳоят гап зан.

– Чӣ гап занам? – ҷиддӣ мепурсад Нозилҷон. – Хирадманде фармудааст, ки худоро хандондан хоҳӣ, дар пеши вай минбаъда нақшаи худро ба забон биёр.

– Таслим! – мегӯяд Ҳотамбек, пас аз лаҳзае дандон сафед карда.

– Мағзи ин ҳикматро албатта дуруст фаҳмидӣ?

– То ҷое пай бурдам, ки мазмун... бача дар сафар бошад, номашро Музаффар намегузоранд.

– Дониста мон...

Ҳотамбек акнун ба сухани дӯсти худ қариб эътибор надода, аз таки кӯрпача як носкадуи хушранги ҳалқа-ҳалқа нуқракӯбро, ки ба назар хеле ҷаззоб менамуд, оҳиста берун меорад. Баъд онро дар партави чароғи шифт фурсате тоб додаву тамошо карда, ба сари зонуяш тиқ-тиқ мекӯбад. Гӯё нос кашидан мехоҳад. Вале аз чӣ бошад, чунон ки Нозилҷон интизор буд, даҳони шилшиладори он кадучаи зеборо накушода, ногаҳон ба лӯлаболин такя мезанад. Пас ба дӯсташ як чашм давонда, боз ба носкаду менигарад. Гашта ба дӯсташ... Хомӯш аст Ҳотамбек, хаёлманд аст. Ба назар чунин метобад, ки ҳушу ёди ӯ дар дуриҳои дур парвоз доранд. Ниҳоят собунаки பояш аз сари нав тиқ-тиқ садо медиҳад. Маълум нест, ки вай нос кашиданист, ё он мояи ифтихори худро намоиш дода, ҳамин тавр бозӣ кардан мехоҳад.

– Шинохтӣ, а? – оқибат мепурсад Ҳотамбек.

– Албатта, нишона аз бобои човандозат, – дарҳол ҷавоб мегардонад Нозилҷон. – Инро кӣ намедонад?!

– Аммо ту фаромӯш кардаӣ.

– Чӣ хел? Шинохтам-ку...

– Ман гуфтаниам, ки ба ваъдаат устувор набудаӣ.

– Боз кадом ваъда?

– Дар вақташ қавл дода, қиссаи ин носкадуро кӣ навиштан мехост?

– Ман албатта...

– Ниҳоят, бобои маро кӣ машҳур карданӣ буд?

– Боз ҳам ман.

– Пас сабаб чист, ки наменависӣ? – он кадучаи зебо дар кафи даст, оринҷашро хандон аз лӯлаболин канда, чорзону мезанад Ҳотамбек.

– Ҳоло фурсаташ нарасидааст, – мулоим мегӯяд Нозилҷон.

– Ба ҳикоя карданам ягон даҳ сол шудагист...

– Шояд, лекин тафсилоташро нағз дар хотир надорам. Мавридаш ояд, як бори дигар аз худат пурсиданӣ будам.

– Пурс, охир! – баланд механдад Ҳотамбек. – Ё ҳанӯз вақту соаташ не?

– Чаро? – андак хиҷил мешавад Нозилҷон. – Бемалол бошад, камтар ба ёдам меовардӣ...

– Агар сидқан шунидан хоҳӣ, ман он қиссаро, ҷӯраҷон, камтар не, пурра нақл мекунам.

– Кошкӣ...

– Ба шарте ки ваъдагиатро зудтар менависӣ.

– Гап якта – худо хоҳад, ин дафъа аз ёд намебарам, – диққаташро аз тахти дил ҷамъ меорад Нозилҷон.

– Хуб, одаму лафз гуфтаанд, – ҷиддан даст ба дӯсти бачагии худ медиҳад Ҳотамбек.

Баъд чор ҳадди хонаро хаёлманд аз назар гузаронда, муддате сукут меварзад. Ҳатто як қадар парешон метобад. Нозилҷон гоҳ-гоҳ ба чеҳраи инак саҳле тирафоми ӯ нигариста, ботинан худро маломат мекунад, ки воқиан ҳам чаро он ҳодисаи вобаста ба бобои рафиқи шафиқашро сари вақт ба қалам наовард. Охир, аз айёми кӯдакӣ онҳо ғалтидаву хеста, баъзан аз фарти беақлӣ гиребони ҳамдигарро канда, вале бо вуҷуди ин ҳаргиз кина нагирифта, гӯё баногоҳ якҷоя калон шуданд. Мактаби деҳаро низ ҳар ду дар як рӯз ба итмом расонданд. Хулоса, дӯстии онҳо бе ҳеҷ аҳду паймон, бе махсус зиёфату ҷомапӯшонӣ, бе ғаразу тамаъ, аммо бисёр гарм ва ҳамвор идома дорад. Инчунин бояд иқрор кард, ки Нозилҷон ба инсонгарии Ҳотамбек, ба хайрхоҳиву хуштабиатӣ, ниҳоят ба дили софу лафзи поки ӯ пайваста эҳтиром мегузо-

рад. Пас вай ба кадом муҷиб дар пеши дӯсташ ваъдахилоф шуд? Ба ташвиши зиндагӣ, ба фаромӯшхотирӣ, балки аз беэътиборӣ? Ҳар чӣ ҳам бошад, мусаллам аст, ки ӯ, Нозилҷон, худаш бехабар, эҳтимол оби дари хонаро беқадр медонист. Мазмун – ба нафаси зодгоҳаш, ба пасту баланди рӯзгори мардуми он, ба гуна-гуна воқеоти ин гирду гӯша хеле кам аҳамият медод. Ба пиндораш мавзӯъҳои навиштанӣ бояд дар ҷойҳои дигар, дар миёни одамони ғайр, дар муҳити обу хоки ноошно тавлид мееёфтанд. Бале, рост гуфтаанд, рост – яқин аз худи рӯзи азал қадр надорад оби дари хона, бегумон тира метобад он...

– Чӣ фикр мекунӣ?

– Ман ҳам аз ту инро пурсиданӣ будам, – мулоҳизааш қатъ гардида, ба Ҳотамбек чашм медӯзад Нозилҷон.

– Зуд-зуд дареғ мехӯрам, ки рӯи бобоямро надидаам, – каме мағмум мегӯяд вай. – Аҷаб бераҳм аст фалаки ҷомакабуд.

– Аз кори фалак ё не, таърихи дуру дарози инсоният хунрезиҳои шадидро низ дар бар мегирад. Ман гоҳо фикр мекунам... онҳое ки гӯё дар дирӯза ҷанг ба фашистон ҳалок шуданд, ҳама қаҳрамон буданд.

– Дар муҳорибаи Сталинград ҷон медиҳад бобои банда. Як марди расо чилсола...

– Медонам, аз раҳматӣ падарам шунидаам.

– Одами бисёр нотарс, лекин ба ҳақиқати ҳол тандеҳ будааст ӯ. Дар чавандозӣ, гӯштин, лозим ояд, ҳатто дар занозанӣ ҳамто надоштааст.

– Боз падарам мегуфт, ки ба шарофати амаки Талбак номаш ноҳаққӣ дар ин музофот ками дар кам рӯй медод.

– Бале, ягона фарзанди падару модар будааст бобои ман. Талбида будааст...

– Чӣ илоҷ, дар он солҳо ҷанги Олмон тану ҷони миллионҳо нафарро ба коми бетаки худ фурӯ бурд. Гӯё хушку тар баробар месӯхтанд.

– Ҳамин тавр – месӯхтанд, хокистар мешуданд... – хаёлолуд манаҳ мехорад Ҳотамбек. – Мегӯянд... одами беҳад якрав будааст Талбак-чавандоз, аз дами шамшер ҳам руй намегардондааст.

– Якрав набошад, дар вуҷудаш зӯъмӣ боло нагирад, оё

чанд шабонарӯз аз паи Иброҳимбек барин саркардаи бедод мегашт?! – чойникро пештар кашида, ба худаш чой мерезад Нозилҷон.

– Хунук нашудааст?

– Ширгарм, айни муддао...

– Пас гӯш фаро деҳ, – аз сари нав ба лӯлаболин такя меандозад Ҳотамбак. Ва як сурфидаву гулӯ равшан карда, носкадуи нуқракӯб дар даст, ниҳоят ба қиссаи ҷадди худ мегузарад, ки замоне паҳлавони номвар буда, дар чавандозӣ низ шӯҳрати босазо доштааст. – Бобову бобокалонҳои мо, пушт ба пушт мардуми хокпош, ризқу рӯзиашонро аз раҳи деҳқонӣ меёфтаанд. Ба мисли ин бандаи гаправ.

– Бобоят якрав, худат гаправ... – бино монда, нохост ба забон меорад Нозилҷон.

– Ту ҳам дар тамасхур устухон надорӣ, а! – офтоби аз пушти абр берун ҷастагӣ барин филҳол чеҳрааш кушода шуда, дар табассуми фарох ба чашмони мешии дӯсти бачагиаш менигарад Ҳотамбек. Баъд хушнуд идома медиҳад: – Хӯш ки бошад, илоҳӣ фардо пули сиротро дав-давон гузашта, аз пешгаҳи ҷаннат ҷой ёбад, раҳматӣ падар баъзан ҳикоят мекард, ки вақте қиблагоҳаш, яъне бобои ман... ба воя мерасад ва гоҳо гӯштин гирифта, гоҳи дигар ба аспи як касним каси доро буз кашида, дар гирду атроф кам-кам ном мебарорад, рӯзе... шояд ба хости худо аз қади раҳаш анбоне меёбад хурдакак, аз чарми пухтаи ҷигарранг, даҳанаш маҳкам бастагӣ. Аслан ӯ дар кадом ҷои дур корафтода шуда, ҳамон ҳин харсавор меомадааст, тани танҳо... Бобои мо аввал ҳайрон мемонад – дар он қарибиҳо касе нест, ки ҳақиқати ҳолро баён дорад. Зеро ин ҳатман аз ягон раҳгузар, аз ягон одами сафаракӣ. Ҳар кӣ ҳам бошад, худаш бехабар, яқин аз улоғаш ғалтондааст бандаи бепарво. Аслашро боз худо медонад... Ба чунин андеша пас анбончаро оҳиста кушода мебинад, ки эҳа-аа-а! – дарунаш пур аз ашёи гаронбаҳо: ханҷари бағилофи дастааш мурассаъ, чанд қуфлаки гиребону гарданбанди беҳамто, ҷуфт-ҷуфт гӯшвораву ангуштаринҳои банигин, се адад соғараки заррин, чор-панҷ шадда марвориду марҷони сурх, шаш-ҳафт сархораву ҳатто як дона хилоли низ тиллоӣ, ба илова расо сад ашрафии аъло! Ҷӯраи ҷони

ман бошӣ, акнун ёбу гир... Камина агар дар ҷои бобоям мебудам, ин қадар сарватро дида, биллоҳ, ки аз ҳуш мерафтам. Воқиан, аҷибаш – аз байни он зару зевар ҳамин noскадуи азизу авлиё ҳам мебарояд. Ҳоло гапам чӣ буд? Ҳа-а, эҳтимол ман аз ҳуш мерафтам. Вале бобои қаҳрамони банда ақлашро бой намедиҳад; анбон дар паллаи хӯрҷин, шабонгаҳ ба манзил мерасаду онро дар пеши падараш гузошта, буду шуди ҳодисаро нақл мекунад. Ниҳоят ҳар ду аввал хеле музтар монда, баъд аз рӯи инсоф маслиҳат ороста, ба хулоса меоянд – ягон одами зинда, бахусус калонтари деҳа, ки пиракии табиатан бисёр фитна будааст, бояд аз ин кор дар ҳеҷ сурат хабар наёбад. Бахташ тофта, он раҳгузари давлатӣ дур нарафта бошад, аз гум шудани анбонаш ҳатман воқиф гардида, ба такудав меояд, аз як кас-ним кас пурсуҷӯ мекунад. Ва албатта дар байни мардум гап хеста, ба гӯши падару писар низ мерасад, ки вай кӣ будааст. Пас онҳо ин анбончаро бурда, бе ягон каму кост ба дасти соҳибаш месупоранд. Ба расми мусулмонӣ рахна назада, дар гуноҳ нағӯтида, танҳо савоб хоста... Лекин аҷаб, ки бе овозаву дарвоза шаби дигар ногаҳон дари бобокалони маро мекӯбанд. Баромада бинанд, як аспакии паҳлавонҳайат, банур...

– Яъне ҳамон нафаре ки анбонашро ғалтондааст? – каме бетоқат шуда, мепурсад Нозилҷон.

– Худи худаш, – суоли ӯро тасдиқ мекунад Ҳотамбек. – Хулласи калом, маълум мегардад, ки вай як тоҷири қубодиёнӣ буда, пурсон-пурсон фалон вақт аз фалон раҳ киҳо гузашта, то куҷо рафтани аксарияти онҳоро камобеш муайян намуда, бобои каминаро низ ҷуста меояд. Ва оқибати кораш бахайр, ҳамон шаб хушу хурсанд дар кулбаи бобокалони мо меҳмон мешавад. Дар ҳаққи бобои навҷавони мо таҳсину офаринҳо мехонад. Баъд ана, пагоҳаш... анбонро дар пеши ӯ кушода, аз таҳти дил мегӯяд, ки ҳар чӣ мехоҳӣ, бигир. Човандоз ба андешаи сухани мардак нашиканад, он зару зевари ҳар кадоме то ин дам шиносро боз як маротиба аз назар гузаронда, фақат ҳамин носкадуи ҷононро интихоб мекунад.

– Пас вай худат барин носкаши чор кас медидагӣ будааст, – беғаш механдад Нозилҷон.

– Мегуфтанд, ки раҳматӣ ҳаргиз намекашид, – ба там-

кин ҷавоб мегардонад Ҳотамбек.

– Қиссаи бобои парҳезгори ту сирф афсонаро мемонад. Бе ягон муҳобот.

– Ҳар чӣ бошад, дар замонаш ин фирқа одамон вомехӯрданд. Сода, шояд баинсоф. Боз кӣ медонад...

– Хуб, баъд чӣ мешавад?

– Тоҷир, – ба ҳикояташ давом медиҳад Ҳотамбек, – аз рафтори вай ангушти ҳайрат газида, ба бобокалони банда ҳазор раҳмат мегӯяд, ки ягона фарзандаш ба чунин чашму дили сер ба воя расидааст. Ҳатто оби дида мекунад он марди хушбахт. Ва аз бозёфти худ, яъне аз анбонча чил ашрафии башумур гирифта, ин ҳаққи ҳалолат, писар, илоҳӣ насиб кунад гуфта, маҷбур ба дасти бобоям меқапонад.

– Эҳа-аа-а... Чил ашрафӣ давлати бисёр калон буд, – овоз баровардa, гӯё худ ба худ меандешад Нозилҷон.

– Яқин кам набудааст, ки онҳо дар як муддати кӯтоҳ кулбаашонро ғалтонда, ба ҷояш се дар хонаи барҳаво месозанд. Гави ҷӯшоӣ ҳам мехаранд, чор-панҷ моли майдаашон ба рама табдил меёбад. Муҳиммаш – бобои човандози ман ниҳоят соҳиби асп мешавад. Аспи таърифӣ, аспи тозӣ...

– Худо агар диҳад, намепурсад, ки писари кистӣ.

– Ҳақ асту рост, дӯстам, – мад кашида, хушҳол мегӯяд Ҳотамбек. – Қисса кӯтоҳ, падараш зуд аз доми камбағалӣ раҳо ёфта, removeбобоҷони мо акнун ба аспи номдори худаш буз мегирифтааст. Дар гӯштин ҳам рӯз то рӯз месабзидааст. Яъне ки дигар дасткӯтоҳ набудаанд онҳо. Аммо ин айёми хуш дер нарафта, як-ду сол пас инқилоб мешавад, амир Олимхон мегурезад, ба ҷояш аскарони сурх меоянд. Паёпай, даста-даста, беҳисоб... Ба қавли раҳматӣ қиблагоҳ – вай ҳам албатта аз падараш шунидагист, – балои қазо барин як гирудори шадид бархоста, саг соҳибашро намешинохтааст.

– Воқиаи он солҳо аз таърих маълум, – мегӯяд ба тамкин Нозилҷон. – Ту дар бораи носкаду гап зан.

– Кашола кардам? – механдад Ҳотамбек. – Пӯстканда-ашро шунидан хоҳӣ, амир гурехтан пас ҳаракати босмачигарӣ, ё чӣ тавре имрӯз мегӯянд, дар раҳи дифоъ аз ватан мубориза оғоз гардида, дар ин арсаи хунин Иброҳимбеки лақай саркардаи муносиб шинохта мешавад. Вай рӯзе ба тараф-

ҳои мо ҳам омада, дар пеши масҷиди ҷомеъ ба мардум муроҷиат мекунад, ки ҳар каси баномус агар хонаву дарашро азиз дониста, диёри мусулмонободи худро аз тасарруфи кофирон берун овардан хоҳад, ё мувофиқи синну сол ба сафи мо дарояд, ё ба нияти ғалабаи лашкари ислом алоқадри ҳол нақдина супорад, аспу улав диҳад. Аз байн фурсати зиёд нагузашта, се-чор сарҳуй ба аскарӣ розӣ мешаванд. Баъзе одамони доро хоста ё нахоста, пул мебиёранд, шаш-ҳафт аспи базину лаҷом низ тақдим мекунанд. Аз ҷумла бобои содаи мо ҳам ҳисса дар кори хайр гуфта, он ёри на камтар аз Шабдези худро шахсан ба ихтиёри Иброҳимбек мегузорад.

– Аҷаб саховате!

– Ман бошам, ягон санги шашпарра бурда медодам, ки ба сараш занад.

– Сабаб?

– Ба ақли кӯтоҳи банда... вай барин мубориз҃о асосан дар кӯи нафси бади худ мубориза мекарданд.

– Гапат ҷон дорад.

– Лаънатӣ он рӯз аспи бидави бобои маро дида, чашмонаш барқ зада, аз ғояти хурсандӣ магар, боз мегӯяд, ки носи нағз ёфт мешавад? Бале, – филҳол ҷавоб мегардонад човандоз, ҳамин носкадуи зеборо аз бағалаш берун оварда.

– Пас ӯ мекашидааст...

– Ман, охир, нав ба ту фаҳмондам, ки не! – хитоб мекунад Ҳотамбек. – Худаш ҳеҷ гоҳ накашида, барои якта-нимта носӣ гирифта мегаштааст.

– Яъне бубинед, ки ман чӣ хел носкадуи нестдарҷаҳон дорам? – ба завқ меояд Нозилҷон.

– Шояд. Балки савоб гуфта...

– Баъд?

– Сталинград рафта, аз худаш пурсӣ намешавад?

– Ман давоми қиссаро шуниданӣ, гаранг!

– Давомаш ҳамин ки Иброҳимбек носро мекашаду носкадуро гардонда намедиҳад. Зеби мо будааст мегӯяд хандон. Човандоз ҳарчанд молашро бозпас мехоҳад, бефоида... Лақай дигар парво накарда, пеш-пеши саворони худ шоду бод ба раҳ медарояд. Бобои паҳлавони мо чӣ? То носкадуямро аз дасти вай гардонда нагирам, ин деҳаи аҷдодиро акнун

пушти сарам мебинад гуфта, аз паи Иброҳимбек таваккал қадам мебардорад. Лекин осон аст ба савора расидани пиёда? Албатта не... Бо вуҷуди ин чавандоз аз қасдаш намегардад – манзил ба манзил чандин рӯз таъқиб карда, ду-се маротиба ӯро мебинад. Ҷасурона мегӯяд, ки амонатамро баргардон. Аммо ҳар дафъа Иброҳимбек ба як сухани «ту аҷаб одамӣ...» фақат хандида, носкадуро гашта намедиҳад. Гӯё паҳлавонро ба бозӣ андохта, масхара кардан мехоҳад.

– Ҳамон вақт бобоят чандсола будааст?

– Камобеш бистсола, муҷаррад...

– Аспи бидавашро ба ду дасти адаб супурда, аз паи як носкаду ин қадар овора шудан... – лаҳзае ба хаёл меравад Нозилҷон. – Ростӣ, кас дар ҳайрат мемонад.

– Ман ҳам то ҳол ҳайронам, – андешаи ӯро тасдиқ намуда, аз сари нав чорзону менишинад Ҳотамбек. – Вале зуд-зуд фикр мекунам, ки дар воқеъ инсони якрав будааст бобои човандози ман, истодагари баору номус будааст. Агар не, ба гуфти ту азоби алим кашида, марҳилаи дуру дарозро тай зада, баъзе шабҳояшро дар ҳар гуна фарозу нишеб рӯз карда, падару модараш ахир ноумед, оқибат то худи Деҳнав мерасад? Нотарсиро бин...

– Деҳнави имрӯза Ӯзбакистон?

– Бале. Аммо дар он ҷо ҳам Иброҳимбек ӯро дидан замон хуб механдад, ки ин бандаи худо эҳтимол сиҳат нест. Ҳатто чашмашро сахт тарсондан мехоҳаду аз чӣ бошад, дарҳол мулоим шуда, баъд ана... мегӯяд: ман ба ту қоил, бачамард, ҳақиқатан дар иқдоми худ устувор будаӣ... Ва як муддат ӯро аз ҳар дар ба гап гирифта, боз ҳам мурданивор қаҳқаҳ зада, ниҳоят ин кадучаи нозанинро бармегардонад. Бобои мо аз ғояти шодӣ тоқиашро албатта ба осмон меандозад.

...Банохост дари хона кушода шуда, дар остона андоми Исматуллои муаллим намоён мегардад. Ва Ҳотамбек:

– Давомаш ба вақти дигар, – гӯён зуд аз болои кӯрпача мехезад. – Ку биё, дӯстам...

– Ана, омадам. Хабар накунед ҳам, омадам, – гулдурос мезанад овози меҳмон.

– Чӣ бало, мастӣ? – низ бархоста, ҳазломез мепурсад Нозилҷон.

– Маст ё не, ду-се кас шуда, ба ёди шумо кам-кам нӯшидем, – борониву кулоҳи фарсудаашро як сӯ партофта, ходавор хушки дароз, норозиёна ғур-ғур мекунад ӯ.

– Ҳушат дар ҷояш? – мегӯяд Ҳотамбеки дар ҳар сурат бемор. – Мо ҳоло намурдаем.

– Зинда бошӣ, ба суроғи муаллими камбағалат одам мемондӣ...

– Ту ғам нахӯр, Ҳотамбек, ин ҷӯраи мо ба ёди худаш нӯшида, андак малул шудааст, – ба Исматулло оғӯш мекушояд Нозилҷон.

– Лекин ҳай обсофкунакӣ! – бардурӯғ ҷигот меандозад *меҳмон*, ки низ дӯсти бачагии ӯст.

Баъд аз вохӯрдии гарму самимӣ онҳо дар гирди дастархон нишаста, аввал даст ба фотиҳа мебардоранд. Пас ба ҳамдигар дубора, инак батафсил пурсупос мекунанд.

– Саҳарӣ аз аҳволи шон хабар гирифта будам, – соҳибхонаро дар назар дошта, ниҳоят танҳо ба Нозилҷон рӯй меорад Исматулло. – Худат чӣ хелӣ – тану ҷонат сиҳат? Вақтҳои охир ками дар кам меоӣ, пазмон шудаем.

– Мо дукаса, иншооллоҳ, пазмониатро мешиканем, – нарм мегӯяд дар ҷавоб Нозилҷон.

– Ба чӣ? – гӯшу ҳуш мегардад Ҳотамбек. – Ба амонаташку хиёнат кардем...

– Ана, нисф зиёд мондааст, – ба шишаи болои дастархон нигариста, қир-қир механдад Исматулло.

– Ин аз толоби дигар.

– Фарқаш чӣ? Кайфаш бошад, шуд...

– Кайф медодагисту афсӯс, ки дар зери назорат, – маънидор табассум карда, беозор мегӯяд Нозилҷон.

– Шии-шаа?! – мутаҳайир як ба вай, як ба Ҳотамбек чашм медавонад Исматулло.

Ҳамин дам дари хона аз нав боз гардида, нахустписари Ҳотамбек дар рӯи лаълӣ чои гарм ва ҳар навъ газак меорад. Ва чойники холиро гирифта, берун мераваду баъд аз лаҳзае модари ӯ як лангарӣ оши палав медарорад. Омехта ба ҳаври он дар димоғҳо бӯи иштиҳоангез менишинад. Табақро дар мобайни дастархон мондан пас... занак эҳтимол шишаи гардандарози арақаш ҳамчунон нимабаландро махсус аз назар

гузаронда, табъаш хеле хуш, ба Нозилҷон гарм муроҷиат мекунад:

– Нанӯшидаед-ку...

– Аз дасти ту нӯшида мешавад, чӣ! – ба ҷои дӯсти худ фавран ҷавоб мегардонад Ҳотамбек.

– Ман аз акаам пурсидам...

– Ана, Исматулло омад, ҳоло менӯшем, – аз шарми ногаҳон ба гунаҳояш як қадар хун давида, дар тавозӯъ мегӯяд Нозилҷон.

– Ош шавад! – дари хонаро оҳиста кушода, занак аз паи кори худ меравад.

– Ин Шералӣ дар зери назари кӣ будааст, акнун фаҳмидӣ? – ба Исматулло чашм медӯзад Ҳотамбек.

– Дар зери назари худо бошад ҳам, менӯшем, – хотирҷамъ мегӯяд вай. – Охир, ҷӯраи ҷонамон омадааст! Кайҳо боз ба дидораш зор мегаштем.

– Ман дигар намегирам, – қатъӣ садо медиҳад овози Нозилҷон. – Бе ин ҳам ба одами бемор нӯшида, гуноҳ кардам. Ҳатто шарманда шудам.

– Дар пеши кӣ? – гӯё ҳайрон монда, ба ҷид мепурсад Исматулло.

– Ҳеҷ набошад, дар пеши худам.

– Ҳотамбек касал не, беҳуда ғам мехӯрӣ.

– Чӣ хел, аз як мурдан гаштаасту...

– Худо хоҳад, боз аз сад мурдан мегардад!

– Ту, нағзаш... дигар ба вай чаққа нашав. Воқиан ҳам дӯст бошӣ, зинҳор аз ёдат набар, ки духтур чӣ фармудааст.

– Хуб, ба ин касали лоҳис намерезам. Дуямон менӯшем, пеш аз ош, кам-кам...

– Гуфтам-ку: не!

– Дилат мекашида бошад, худат нӯш. Бемалол... – ба Исматулло рӯй меорад Ҳотамбек.

– Ҳамин қадар кайфаш бас будагист, – коҳишнок механдад Нозилҷон.

Исматулло, ки чолок шишаро гирифта, ба пиёлаҳо арақ рехтан мехост, сараш андак хам, онро дуртар аз худ дар як гӯшаи дастархон монда:

– Лекин рост, – мегӯяд. – То ин ҷо омадан ман хеле гулӯ

тар кардам. Шумо дар ҳақиқат нахоҳед, пас банда ҳам дигар наменӯшам.

– Ҳар ду ихтиёр доред, аммо ман дар воқеъ ҷиддан... – гӯшти инак майдаро аз болои тахтача ба рӯи ош мегузорад Ҳотамбек.

– Ту аввал кӯча баро, Катарин. Баъд ана... дида арз мекунем, ки то чӣ андоза ҷиддан не мегӯӣ.

– Шунидӣ? – мепурсад Ҳотамбек аз Нозилҷон. – Таҳдидро шунидӣ? Аз доми алоиқи *инҳо* халосӣ нест. Боз ту ба гӯшам мехонӣ, ки аз худат эҳтиёт бош...

– Хуб, гиред, палави кадбону маътал шуд, – ба арзи ҳоли ӯ чандон эътибор надода, даст ба лангарӣ мебарад Нозилҷон.

Ва ба ҳамин хомӯшӣ дар миён омада, ёрони куҳан як муддат ош мехӯранд, газак мегиранд. Пас, ҳангоми чои гарм, даричаи гуфтугӯро аз дигар тараф кушода, ҳар кадоме аз он чи огаҳ аст, бе ҳеҷ тааннут ягон соат барин сӯҳбат мекунанд. Аз вазъи пойтахт, ҳолати таълиму тарбия дар мактаб, баъзе воқеоти хушу нохуши деҳа, инчунин аз рӯзгори шахси худ, ҳаёти собиқ ҳамсинфон, ниҳоят аз боби имону инсоф... Исматулло акнун Ҳотамбекро бе лақаби наваш ном мегирад. Соҳиби хона низ хеле меҳрубон – маълум, ки сидқан меболад аз ҳузури дӯстони айёми дур. Нозилҷон ҳам хурсанд аст; тану ҷонаш хоса ҳаловат бурда, гӯё дар олами сабзи кӯдакӣ масрур ба гардиш меоянд. Билохир вай пиёлаи холиро оҳиста дар рӯи дастархон монда, ба оҳанги шукру сипос мегуяд:

– Инак ба ман иҷозат.

– Ба камина ҳам, – зуд ӯро пайравӣ мекунад Исматулло.

– Боз камтар шинем, чӣ? Охир, шабҳои зимистон дароз! – далел меронад Ҳотамбек.

– Ҳоло аз дидори модар сер нашудаам. Саҳар баргаштан лозим, – низ асос меорад Нозилҷон.

– Чӣ илоҷ, ҷӯраҷон, майлат... Дар куҷое бошӣ, зинда бош. Ба аҳли оилаат салом расон. Садқаи ҳар қадамат...

Дӯстон ба дастархон фотиҳа хонда, қаноатманд аз ҷой мехезанд. Ҳотамбек ҷомаашро чаққон ба китф андохта, чашмони кабудаш равшан, хушнуд нидо мекунад:

– Ман худам шуморо то таки дарвоза мебарам!

– Мабодо, ки гашта биёем, а? – нешханд мезанад Исматулло.

– Ёфтӣ, – мегӯяд ӯ. – Нозилҷон-ку, хайр, маълум – инсоф дорад, вале аз одати *нагзи* ту метарсам.

– Ҳай зихнаӣ, Катарин...

– Боз ҳамон гапи бӯйнок!

– Пушти хамидаро гӯр рост мекунад.

– Ту албатта дар худат санҷидаӣ...

Онҳо ба чунин суханон хандида-хандида, аз дарвозаи ҳавлӣ берун меоянд. Ва беихтиёр таваққуф намуда, фурсате сукут меварзанд. Гӯё баногоҳ худро дар як олами ноошно мебинанд. Гӯё намедонанд дар ин нимторикии шабоҳанг ба ҳам боз чӣ гӯянд, дигар аз кадом боб ҳарф зананд... Маҳин мерасад садои борони майда, борони сарди шоми зимистон. Дар кӯчаи ҳоло хилват, ки ба ду тараф вазнин тӯл кашидааст, аз симчӯби пеши баъзе ҳавлиҳо ҷо-ҷо равшанӣ медавад. Деҳа хомӯш, ба ҷуз гиряи аламноки борон ғайра овозе намепечад дар он. Аз чӣ бошад, Нозилҷон модари куҳансолашро нохост ба худ тассавур намуда, қомати наҳифи ӯро дар пушти тиреза мебинад – чашмаш чор, яқин раҳ мепояд кампир, раҳи ягона писар... Ҳотамбек тар шуда, эҳтимол хунук хӯрда, дастонашро ба остинҳои ҷома меандозад. Исматулло як сурфида, пойҳояшро монугир мекунад. Ва дӯстон, дӯстони айёми беғаши бачагӣ, ба чанд сухани дар ин гуна мавридҳои хайрухуш зарурӣ ба се ҷониб рӯй оварда... аз ҳам ҷудо, ҳар кадом ба хилвати худ мераванд.

*2005*

## ОҚИБАТ

Вақте... дар хаёлаш асло дам нагирифта, заррае ҳам роҳат набурда ва аз гуна-гуна хобҳои шаби дароз дидааш, ки ғолибан даҳшат доштанд, ҳатто порае дар ёдаш намонда, гӯё маҷбур чашм кушод,

Хонаи бисту панҷ сол инҷониб барояш шинос ғарқи анвори офтоб буд.

«Чоштгаҳ шудааст», – хамёза кашида, лоқайд аз дил гу-

заронд зан. Сипас ба девори аз шинухези тӯлонии магасҳо чиркини рӯбарӯяш ва кочоли гирду атроф – ҷевони хеле кӯҳнаи либос, оинаи барқади низ кӯҳна, қолинаки рангаш паридаву паташ қариб рафтаи назди кати чӯбин, –

Кати чӯбини фарсуда, ки худ ҳоло дар болои он беҳаракат мехобид...

Ниҳоят, ба тӯрпардаи кайҳо боз нашустаи тиреза ғайри ихтиёр ва як-як назар давонда, зуд паҳлу гашт; ин ҳамаро гӯё тобу тоқати дидан надошту аз рӯи одати доимӣ нигарист; ноилоҷ ва сарсарӣ чашм андохт ба онҳо! Имрӯз душанбе – тавонад, боз каме ғанаб мекунад; фардо аз худи саҳар ҷунбуҷӯл, азоби алим...

Фардо аз саҳар то бегоҳ дар хоначаи мартуб ва бадбӯи пушти ошхона,

Ҳамон ошхонае ки дар як гӯшаи бозори шаҳр воқеъ гардида, одамон ба он ҷо аз субҳ то шом барои лағмон ё манту хӯрдан медароянд...

Медароянду мебароянд,

Миёнаш дуқат, вай боз зарф мешӯяд;

Тал-тал мешӯяд!

Бас будагист андешаҳои беҳуда. Ҳоло соате бошад ҳам, зӯр зада... хоб кардан лозим.

Лекин дақиқаҳо паёпай мегузаштанду ба чашмони зан дигар хоб намеомад. Имрӯз дилашро вай аз ҳаррӯза бештар захмину ғамгин медид. Ба назараш деворҳои хона, ки як тирезаи хурд дошт ва дараш маҳкам пӯшида буд, бадани то динаҳо тароватноку барги гул барин хушранги ӯро чун дасту панҷаҳои оҳанин сахт ба тазйиқ мегирифтанд. Рӯйҷои сафед, шояд аз он ки вақтҳои охир ҳеҷ ором хобида наметавонад ва борҳо аз мағзи ҷигар оҳ кашида, дам ба дам паҳлу мегардад, –

Рӯйҷои сафеди андак тиратоб дар такаш ғиҷим шуда, ба монанди як чизи кареҳ ғашашро меоварад.

Мижагони зан – вай худ аз ин бехабар монд – баногоҳ тар шуданд. Ба гунаҳояш ришта-ришта ранги сиёҳ давид; ранги сурма...

«Аҷаб, – гуфт ӯ дар дил, – ҳатто аз нури офтоб бадам меояд. Ман чӣ тавр ба ин варта афтидам? Чӣ шуд ба ман?..

Магар намедонам сабабашро? Хуб медонам! Кай шуд, чӣ шуд ва чӣ тавр шуд – медонаму боз ҳам... Аҷаб!»

Оби дидаашро пок карда, зан ба шаст аз ҷогаҳ хест ва мӯи кӯтоҳ буридаи дар болин патакшудаашро ба сари ангуштон *шона* зада, беихтиёр пеши оина рафт.

Хушқаду қомат буд ҳанӯз; чашмони калон-калони бодомиаш фаттон буданд ҳанӯз! Аммо пӯсти ҷо-ҷо аз ашки сурмаолуд сиёҳгардидаи рӯяш хушк, илова бар ин реза-реза ожанг дорад ва ҳатто қадре заҳиру пажмурда метобад.

Вай дар муқобили оина фурсате карахту беҳаракат истод. Баъд, чунон ки ба костани ҳусну тароваташ маҳз ҳамин оинаи намедонад бисту панҷ...

Ё садсола гунаҳкор бошад, ба қаҳру заҳр аз вай рӯй тофта, бе ягон мақсад ба хонаи дигар гузашт.

Ҷиҳози он хонаи калонтар ҳам кӯҳна ва бетартиб буд; фарши чиркини тахтагинаш-ку қариб як моҳ боз латтаи тарро надидааст.

Зан ба абрувони думи мор барин борикаш бадтар гиреҳ андохта, дари он хонаро пӯшид ва рафта...

Ба ташнав об сар дод.

Тахмин ним соат пас чой монда, ба як пора нону панир – дигар чизе намеҷуст дилаш – наҳорӣ кард. Болои мизро ғундошт. Ва наҷунбида, муддате дар курсӣ нишасту боз ба хонаи хоб ворид шуд. Аз пеши оина...

Акнун ба вай ҳатто назар ҳам наафканда,

Шитобон гузашт. Ва филҳол пардаро кушода, аз тиреза ба саҳни ҳавлӣ нигарист.

Оғози тирамоҳ буд. Барги дарахтонро гӯё бештар чанг гирифтааст. Омехта ба бӯи газу бензини мошин аз куҷоҳо саҳле бӯи себ ва ангур меояд. Бачаҳои шинос – қариб ҳамагӣ – ҳоло аз хонаҳои ин бинои чорошёна баромада, дар таки дарахтон машғули бозӣ буданд. Ба чашмони зан баъзе калонсолҳо низ менамуданд.

Ё сайру гашт мекарданд онҳо...

Ё дар сари даст кӯдаке доштанд.

Як замон вай ҳам фарзанд дошт, зани башавҳар буд. Аммо баъд...

Хайр, гуноҳи худаш ин, оқибати ҳавову ҳавасҳои беҳо-

силаш – ҳаққо, ки даво нест худкардаро!

Нигоҳаш карахт… зан дар пеши тиреза истод-истоду либоси тоза пӯшида, дар даст сумкачаи базеб, кӯча баромад. Ва савори автобус то маркази шаҳр расид. Беихтиёр ба чанд магазин сар халонда, пас дар беҳтарин кинотеатр паиҳам ду филм тамошо кард. Яке ҳаёти мураккаби кадом оилаи ҷавонро ба тасвир мекашид, дигаре мазҳакаи сервоқиа ва молomол аз мусиқӣ буд.

Зан аз ду филм ҳам қариб чизе нафаҳмида, ба хотири парешон раҳи Боғи истироҳатро пеш гирифт.

...Инак дар гӯшаш садои якнавохти дарё, вай гӯё шах шуда, ҳеҷ наҷунбида, дар зери чанори азиме ба рӯи харак менишаст; ғарқи хаёл буд. Ҳисоби вақт барояш вуҷуд ки надошт, дар ин боғи ороми салқин кай боз нишастааст, – пок намедонист. Нигоҳи беифодааш дар банди як пора осмони кабуд,

Осмони дур…

Зан ҳатто одамони дар рафтуоро намедид, шарфаи поймониву овозашонро ҳам гӯё намешунид.

Ниҳоят ӯ як ҷунбида, аз дуродур, аз пораи осмони сари дарахтон,

Дарахтони соҳили дигари дарё...

Оҳиста чашм канда, даст ба анбончааш бурд. Ва аз он мактуберо берун оварда, ба хондан шурӯъ намуд. Дар охири мактуб чунин сатрҳо буданд: «...субҳи содиқ гузашт аз дунё додари меҳрубонам. Азбаски дӯстат медошт, ту нопокро тамоми умр аз ёд набурда, сарашро дубора ҷуфт ҳам накарда, дар панҷаи дарду алами зиёд рафт ба дори бақо. Ҳоло таскини дили афгори ман ин аст, ки дар ҳар сурат номи нек монд аз ӯ, писари бамаънӣ монд, гул барин набера монд. Лекин ту ба он қадар худкомиҳо чӣ дорӣ имрӯз дар бисотат? Аминам, ки ҳеҷ...» Дар бадали беш аз як моҳ ин сатрҳоро маротибаи чандум мехонад, – зан намедонист. Бале... вай фақат ҳаминашро медонист, ки зуд-зуд ба онҳо чашм давонда, гӯё саропо дармегирифт, сӯхта хокистар мешуд.

Ва оби дидааш шашқатор, ба худ қатъӣ мегуфт: дигар намехонам!

Вале боз...

Мактуб аз хоҳари собиқ шавҳараш буд.

Аз хоҳари ҳамон шавҳараш, ки бист сол муқаддам ба ризоят ва ҳатто исрори ӯ... писарчаи сесолаашонро ҳамроҳ гирифта, рӯи ифлосатро дубора набинам гуфта, ба як шаҳри дур кӯчида рафт. Ва зан танҳо монда, аз чунин *танҳоӣ* шодӣ карда, худро комилан ба айшу нӯш бахшид. Дар хонаи вай қариб ҳар шаб каси дилхоҳаш буд…

Май буд, суруду мусиқӣ буд, рақсу бозӣ буд.

«Акнун ҳеҷ чиз надорам ман, рост гуфтааст хоҳараш, – он мактубро дар кафи даст фишурд зан. – Аслан ҳам чизе надоштам... Сазои сари бемағзам!»

Дар ин дақиқаҳои тезгузар низ, чун рӯзҳои охир, фақат як ормон ӯро сахт ба шиканҷа мегирифт, – ба дидори писараш мехост расидан. Бигузор лаҳзае... Чӣ хел шуда бошад вай? Бист сол боз надидааст.

Бист сол...

– Нозанин дар ин ҷо нишастаасту мо ташналабон мегардем.

Зан каме ларзида, сар бардошт.

– Зиқ метобӣ? – даҳонаш то баногӯш ёзида, хандон гуфт мард. Пас ҷуссаи вазнинашро дар паҳлуи ӯ ба харак партофт. – Се сол мешавад, ки туро надидаам. Хубӣ?

– Бихез...

– Чӣ?! Ё нашинохтӣ маро?

– ...Рав ба раҳат.

Мард мутаҳайир ба чеҳраи вай назар давонда, ҳамчунон ба ханда гуфт:

– Медонам, ту баринҳо сернозанд.

– Палид...

– Худат чӣ?

Зан тохта аз ҷой хесту доман афшонда, шитобон рӯ ба ҷониби соҳил овард.

– Нозанин, ман ба ту гап дорам. Ист, охир... – гуфт аз қафо мард.

Аммо зан наистод ва дар ситез қадам монда, нафастанг то лаби дарё расид.

Офтоб ғуруб мекард.

Аз чойхонаи барҳавои соҳил ба атроф садои мусиқӣ паҳн

мегардид...

Зан акнун аз раҳи регпӯш ва об пошида, тоза рӯфтаи таки дарахтони чанор ба қади дарё мерафт. Оҳиста ва гӯё беҳушу беёд пой мемонд. Баъзан аз баробараш ду-ду, се-се...

Одамон мегузаштанд.

Сайру гашт доштанд одамон.

Вай онҳоро ҳам медид…

Ҳам намедид.

Бад-ин минвол хеле қадам зад. Раҳаш батадриҷ танг шуд, ноҳамвор шуд. Пас...

Кӯр шуд!

Ва ӯ аз болои чимзор боз як муддат пеш рафта, дуртар аз ниҳолаки хушкидаи гелос қарор гирифт. Хилват буд он ҷо; ғайр аз хурӯши дарё дигар садое ба гӯш намерасид.

Ягон кас нест дар гирду атроф...

Зан рӯи сабза нишаста, ба маҷрои пурталотум нигарист...

То чашмонашро об бурдан нигарист.

Сипас ангуштони дасти фишурдаашро кушода:

– Лекин ту ба он қадар худкомиҳо чӣ дорӣ имрӯз дар бисотат? Аминам, ки ҳеҷ... – гуфт зери лаб ва мактубро оҳиста болои анбонча монду сарандози хушгулро аз бари китфаш гирифт.

...Шаб фаро расида, соат аз паи соат мегузашт. Аммо зан аз дарё берун намеомад.

Воқиан, шино карда ҳам наметавонист зан!

Бодаки серуни соҳил як пора коғази ғиҷимро дар миёни анбончаи сурху кафши сиёҳи оҳараш нашикастаи ӯ хиширхишир бозӣ медоронд.

*1986*

## ДУШМАНОН

Соате боз ин ду нафар дар хонаи хурди озода ва аз чароғи барқ равшан батамкин сӯҳбат доштанд. Ҳар ду ҳам пир буданд. Яке дар болои кати симин мехобид, дигаре дуртар аз вай... ба рӯи се қабат кӯрпачаи таки девор менишаст. Номи яке Замон, номи дуюмӣ Амон... Агарчи солҳо инҷониб, аз

худи айёми ҷавонӣ, ба ҳам душмани қаттол буданд, расми деҳа, умуман одамгарӣ тақозо мекард – ҳангоми беморӣ, мусибат ва ғайра нохушӣ аз ҳоли якдигар хабардор бошанд.

Пас дилашон мехост ё не, онҳо ба ин расму оин гардан мефуроварданд. Махсусан солҳои охир, дар дами пирӣ...

Ҳавлии Амон дар пойгаҳи деҳа воқеъ буд.

Замон дар саргаҳи он зиндагӣ дошт. Ва ана, дар тӯли умри дарозаш соҳиби духтару писар ва набераву абераҳои зиёде шуда, синнаш ба ҳаштоду панҷ расида, ниҳоят...

Се моҳ боз аз бистари беморӣ хеста наметавонад.

Амон аз ӯ калонтар – ба домани навад расидааст. Вай ҳам баъзан касал мешавад. Лекин...

– ...устухони ту сабук, – гуфт Замон. – Ту ҳоло бардам.

– Баландтар гап зан, – ба ҷониби ӯ саҳл гардан ёзонд Амон. – Нашунидам.

– Мегӯям, ки гӯшат кар бошад ҳам, ту ҳанӯз бақувватӣ, бардамӣ.

– Албатта, устухони ман ба меҳнат шах шудааст, – ларзаи сарашро базӯр нигоҳ дошта, ба овози баланд гуфт Амон.

– Мо чӣ, меҳнат накардаем?! – аз гапи ӯ қаҳраш омада, дар бистари худ як ҷунбид Замон.

– Не-е, ту ҳам меҳнат мекардӣ. Аммо баробари ман не...

– Замин муфт бошад, дунбаи гӯсфанди парвоӣ барин фарбеҳ бошад, каланд задан осон... ҳатто роҳати ҷон!

– Боз каҳи кӯҳнаро бод медиҳад *ин*, – даст ба риши сафедаш бурд Амон.

– Хайр, чӣ гӯям дигар?

– Ҳеҷ чиз нагӯй, фақат тан деҳ: мардона иқрор кун, ки ман ҳар чӣ ёфтам, аз зӯри дасту бозувонам ёфтам, аз меҳнатам ёфтам.

– Зӯри ҳамон дасту бозувонатро дар куҷо харҷ мекардӣ? – ба нешханд пеши даҳони Амонро гирифт Замон.

– Ба замини калхоз, ба замини худам... – пилки чашмони камбинаш пир-пир парида, гуфт дар ҷавоб Амон.

– Ту замини калхозро ба миён наандоз. Аз замини таки бинаат гап зан, – рагҳои чаккааш бештар дамида, дастони лоғар ва кабудтобашро аз зери кӯрпа баровард Замон.

– Ба замини ман чӣ шудааст?! – низ қаҳраш омада, рост

ба гунаҳои заҳир... ба чашмони чӯкида, мӯйлаби пахтавор сафеди тунук ва манаҳи тоза тарошидаи бемор нигарист Амон.

– Ҳеҷ чиз нашудааст, лекин... Вай аслан замини ту набуд!

– Медонам.

– Донӣ... барои чӣ аз даҳанат асал рехта, зӯри дасту бозувонатро ин қадар тавсиф мекунӣ?

– Барои он ки аз замини раҳматӣ падарат як порааш баъди инқилоб замини ман шуду то метавонистам, арақи ҷабин рехтам.

– Чӣ, замини раҳматӣ падарам ба ман ҳам тааллуқ надошт?

– Инашро худат нағзтар медонӣ.

– Дошт, – гуфт дар оҳанги таассуф Замон ва ба ду ангушти ларзон нӯки бинии дарозашро хорида, илова намуд: – Аммо дар коми ту шуд.

– Чӣ қадараш? – аз ӯ чашм наканда, бардурӯғ пурсид Амон.

– Масхарабозӣ накун, – хаёлолуд гуфт Замон. – Кӯдак нестӣ!

– Хайр...

Амон хомӯш монд.

Замон ҳам дигар гап назад.

Акнун хона ғарқи сукунат шуда, чиқ-чиқи соате ки дар пеши тиреза меистод, гӯё баландтар гардид.

Амон қашшоқиву пойлучиҳои худро ба ёд меовард. Ба хотир меовард, ки чӣ тавр бечора падараш корзада шуда, ба чил ҳам надаромада, оқибат аз дунё гузашт. Ва ӯ, Амон, дар он рӯзи зимистон гириста-гириста, дар қатори панҷ-шаш марди савобҷӯй... аз паи тобути падар дар чӣ азоби алим ба қабристони дур аз деҳа расид. Пас аз солҳо чӣ тавр ба гардиши айём соҳиби як миқдор замин шуд...

Хаёли Замон ҳам ба рӯзҳои гузашта мерафт.

Вай фикр мекард, ки падараш дар ин музофот чӣ одами бадавлат ҳисоб меёфт! Ҳукмаш чӣ хел ба мардуми деҳа раво буд; чӣ хел онҳо аз оташи ғазабаш метарсиданд, шабу рӯз дар хизматаш буданд. Ва ӯ, Замон, чӣ тавр дар сояи давлати падар хушу хурсанд давр меронд, аз ғами дунё парво надошт. Сипас амир гурехту...

Чӣ тавр ба хонадони онҳо, чунон ки раҳматӣ бобояш мегуфт, чашми кадом бедиёнат расид...

– Ташна мондам.

– Чӣ? – як қад паридагӣ барин зуд сар бардошт Амон. – Нафаҳмидам.

Замон ба тарафи ӯ беҳол даст афшонд ва овозашро баландтар карда:

– Гуландом, – гӯён набераашро ҷеғ зад.

Фурсате нагузашта, аз хонаи дигар як духтараки қадрас дар назди вай ҳозир шуд.

– Камтар чои хунук рез.

Духтарак аз чойники калони қирмизӣ, ки дар пеши Амон...

Дар рӯи дастархон меистод,

Ба пиёла чой рехт. Ва баъде ки бобояш ташнагии худро шикаста, кунҷи лабони бехунашро пок карда:

– Ташаккур, духтарам, – гуфт, оҳиста аз хона баромад.

Амон як лаҳза ба кати бемор назар давонда, лаб ба сухан кушод:

– Агар медонистам, ки дилат чой мехоҳад, худам медодам. Нафаҳмондӣ…

– Ту?! – абру барҳам кашид Замон.

– Чӣ ту? – боз пилки чашмонаш пир-пир парида, бетоқат шуд Амон.

– Ҳамин *ту* ба ман чой медодӣ?

– Набошад чӣ?

– Ба ҷои чой захр медодӣ, заҳри зақум… Чой, а!

– Ман ба ту ҳайрон.

– Сабаб? – фавран ба ҷониби Амон рӯй овард Замон.

– Сабабаш – як поят дар лаби гӯру... аз бадгапиат намемонӣ, – ҷавоб гардонд Амон.

– Поям дар худи гӯр бошад ҳам, ту барин душманамро ба шакар куштанӣ нестам.

– Бас будагист.

– Боз албатта… ман ба ту ҳеҷ бадӣ надорам мегуфтагистӣ?

– Мегӯям! Чунки дар ҳақиқат ягон нияти ганда надоштам. То ҳоли ҳозир дилам соф. Ҳамаашро худат сар кардӣ.

– Хаёлат, ки ҷим шинам буд?

– Надонам, – нигоҳашро аз ӯ гурезонда, маҳзун гуфт Амон.

– Оқибати дунёро наандешида, ба замини ман муфт соҳиб шудӣ...

– Вай замини ту набуд, – сухани Замонро бурида, аз нав ба рӯяш нигарист Амон.

– Аз кӣ буд? – нешханд кард Замон.

– Аз падарат.

– Аз падарам ки бошад, ба *ман* мерос мемонд.

– Беҳуда худатро азоб надеҳ...

– Аз гап нагурез!

– О ту чаро ин қадар ба ман мечаспӣ?

– Барои он ки гуноҳатро ба гардан намегирӣ.

– Ман гуноҳ надорам.

– Аз ёдат рафт? Падарат хизматгори падарам буд. Устухони худат ҳам ба *меҳнат* не, ба нони мо шах шуд. Лекин инқилоб омаду дар намакдон туф кардӣ. Дар пеши гушнапурзӯрҳо дум ликонда, аз хурсандӣ бача барин дар эзорат сар дода, зуд ба замини мо даромадӣ; давр акнун даври ман гуфта, гулу райҳон коридӣ.

– Замини шуморо пора-пора... ба бисёр камбағалҳо дода буданд. Ҳоло ҳам ана… нисф зиёдаш дар ихтиёри калхоз. Лекин ту фақат ба ман заҳр мезанӣ. Шаст сол қабл аз ин-ку дар кӯҳи Фарҳод ба сӯям тир андохта, қариб кушта будӣ. Баъд ҳам чандин бор ба ҷонам қасд кардӣ. Боз чӣ мехоҳӣ?

– Калхоз, камбағалҳо... дарду бало гуфта, сари маро мӯл гаранг накун. Ҳа-а, калхоз ба раҳи худаш, камбағалҳои мегуфтагиат ҳам... Алами ман аз дигар чиз.

– Шунавем, канӣ...

– Чанд бор мешунавӣ? Ба ту хапгир чӣ қадар фаҳмонам, ки дигарон ба ҳар ҳол хизматгори дари хонаи падарам набуданд; бегона буданд. Аз онҳо гила кардан беақлӣ. Ғайр аз ин... аксарият оҳиста-оҳиста мурданд. Аммо ту...

– Чӣ, ман пештар мурам буд? Аз безаминӣ мурам буд?!

– Безамин монда, сад бор мурӣ ҳам, ба қадри нону намаки мо расида, ин замин ба ман лозим не гӯӣ, ягон кас туро зада намекушт. Ман ҳам то имрӯз аз ту домангир намешудам. Ҳар дуямон, охир, чун бародарони ризоӣ будем; айёми

кӯдакӣ дар як ҳавлӣ бозӣ карда мегаштем. Ё гапам дурӯғ?

– Аз бозиҳои кӯдакиамон – рост. Лекин дигараш...

– Чӣ дигараш? – теғ кашида, ба Амон нигарист Замон.

– Дигараш ин ки, – гуфт дар тамкин Амон, – ҷафои падарат ба ман кам набуд; баъд аз овони кӯдакиамон ҷафои худат ҳам... Азоби раҳматӣ қиблагоҳам-ку ҳисоб надошт.

– Пас ту аз мо қасос гирифтан мехостӣ?

– Не! Дар ин умри дарозам сад бор гуфтам, ки не!

– Не бошад, барои чӣ бе пӯшт-пӯшт замини моро соҳибӣ кардӣ?

– Инашро ҳам медонӣ.

– Ба он ғазале ки солҳо боз мехонӣ, ақли ман намерасад.

– Мағзи саратро дурусттар кор фармо. Пас шояд...

– Лозим не акнун, – ба чӣ хаёле рафта, ногаҳон ором шуд Замон. – Ҳамааш гузашт, дигар барнамегардад.

– Рост, ҳар чиз аввалу охир дорад, – хулоса кард Амон.

– Боз ҳамон гапи кӯҳна, – дастони бемадорашро ба таки кӯрпа гирифта, зери лаб гуфт Замон.

Ва хонаи озодаву ба чароғи барқ равшан...

Аз нав дар оғӯши сукунат монд.

Аммо пас аз лаҳзае дар кушода шуда, ба он ҷо ду каси дигар даромаданд, – писари хурдии Амон ва аз қафои вай...

Набераи калони Замон.

Баъде ки писари Амон дар паҳлуи падараш нишаста, аз ҳоли бемор пурсон шуд ва ба чанд сухани гарм ӯро дилбардорӣ кард, Замон ба набераааш рӯй овард.

– Куҷо будӣ?

– Аз гаву гӯсола хабар гирифтам, – гуфт ҷавони танумандн хушсурат, ки пас аз хатми донишгоҳ чор сол инҷониб дар калхоз аграномӣ мекард.

– Падарат наметобад?

– Хонаи ҳамсоя гузаштанд – меҳмон доштааст. Ҳамин замон меоянд.

– Хайр...

Ин дам Амон ба писараш ишора намуда:

– Шабҳангом... Омадааст, ки маро гирифта барад, – гуфт ба Замон, – туро бинад... Акнун ба мо иҷозат.

– Майлат.

Амон ба ҳимои писараш аз ҷой хеста, ба сӯи дар қадам андохт

– Хуш бош!

– Ту ҳам... – гуфт дар ҷавоб Замон ва аз болин андак сар бардошта, мулоим илова кард: – Ду-се бор кашола шуда омадӣ... раҳмат.

– Чӣ? – гапи Замонро нашунида, бозистод Амон.

– Мегӯям, ки ба ҳар ҳол ту одами бад нестӣ.

– Ҳа-а-а... – хушдимоғ мад кашид Амон.

*

Баъди чанд дақиқа вай аз паҳлуи писараш дар курсии бароҳати «Жигулӣ» нишаста, ба пойгаҳи деҳа – тарафи хонааш мерафт. Зарраҳои барфи нахустин дар партави чароғи мошин печутоб хӯрда, бепарво ба рӯи раҳ мефуромаданд. Кӯча дар ин шабонгаҳ хилват буд. Аз ҷониби кӯҳ боди сард мевазид.

– Зимистон ҳам омад, – гуфт худ ба худ Амон ва ба сар ҷунбондани писараш эътибор накарда, дар як ҳисси ҷиргарсӯз аз дил гузаронд, ки пири фартут шудаанд онҳо! –

Ҳам худаш, ҳам Замон...

Дар аввал, агарчи канда-канда давом меёфт, сӯҳбаташон нағз буд. Вале... чун дар аксар маврид боз гапи *ҳамон* замин баромаду кайфи Амон парид. Замон, хайр, маълум – то душмании худро зери хок набарад, дигар осуда намешавад. Ӯ дар вақташ як таҳамтан буд, ки эҳа-а! – думи филро меканд. Дар сухан ҳам устухон надошт. Амонро бештар ба гап мулзам мекард. Инак саломатиаш бад, гумон аст, ки ба по хезад. Акнун вай, Амон, то метавонад, зуд-зуд рафта...

Аз ҳоли Замон бояд хабар гирад; қарзи инсонии худро ба ҷо гузорад... Он зӯъми худо ҳар чӣ гӯяд, ихтиёраш – минбаъд гӯш дода, Амон ҷим мешинад. Охир, рӯзҳое буданд, ки Замон ҳам, сараш ба болин расидани ӯро шунида, зуд ба аёдаташ меомад. Ҳоло ана, бистарӣ шудааст, мадори ҷунбидан надорад, чароғи умраш мемурдагӣ барин.

Амон дар банди чунин хаёлҳо мутаассир ба хонааш расида, нохост – аз ғояти ҳаяҷон ҳатто дар саҳни ҳавлӣ муддате истода, асо ба даст, дар ҳайрат дарк намуд, ки бе Замон,

Бе он душмани ҷонаш…

Фақат боз ками дигар бошад ҳам, дар рӯи ин дунёи равшан зиндагӣ кардани вай бисёр мушкил аст.

*1986*

## РОҲИ ПАСТ, БАЛАНД...

...Ҳамроҳи дӯсти маскавиаш Мансур дар тараддуди бозгашт буд.

Зодгоҳи ин ҷавони содадили ҳоло сисола, ки баъд аз хатми мактаби миёна дар институти палитехникии Шаҳр хонда ва ба ризояти падар ҳамон ҷо монда, зан гирифта, ҳашт сол боз дар муассисае меъмор шуда кор мекард, ба дӯсташ ниҳоят хуш омад.

Онҳо қариб як ҳафта дар деҳаи на чандон калони обу ҳавояш тоза, пур аз дарахтони сарсабз, боғҳояш серҳосил ва меваҳояш шаҳдбор, ки дар қади дарёчаи шӯхи кӯҳистон воқеъ буд, табъи дил истироҳат карда, ранги рӯяшон тозатару ҷисмашон гӯё солимтар гардида, акнун дар нияти бозгашт ба Шаҳр буданд.

– Ба мо иҷозат, додо... дигар вақт надорем, – шаби гузашта ба падари мӯйсафедаш фаҳмонда буд Мансур. – Андрей фардо ба Маскав мепарад, билет дорад. Ғайр аз ин... дар идора кори худам ҳам бисёр. Панҷрӯза рухсатии гирифтаам ана... тамом шуд.

– Майлат, писарам, – ба оҳанги каме риққат гуфта буд дар ҷавоб падар. – Ин дафъа мӯлтар истодӣ, моро хеле хурсанд кардӣ... Ба аҳли оилаат салом расон. Тану ҷонат сиҳату сарат баланд бошад, корат ҳамеша ривоҷ ёбад, – хотири мо ҷамъ!

– Ягон ҳафта пас боз меоям. Ба келину набераатон...

– Кошкӣ! Мо ҳама ба дидорат зор... Худат мебинӣ, ки ман пир шудаам, умрам кам мондааст: мӯйсафед-мардум офтоби лаби бом барин.

– Ин хел нагӯед.

– Ту хафа нашав, писарам. Кори дунё ҳамин – омадану рафтан дорад. Ҳоло ки зинда ҳастем, якдигарро зуд-зуд дида

истодан баробари ҳазор тилло.

– Рост, додо...

– Рафиқат инсони нағз будааст – хоксор, хушфеъл, меҳрубон. Ба вай фаҳмон, ки моро фаромӯш накунад. Фурсат ёфта боз биёяд, ин дафъа ба зану фарзандаш...

– Соли дигар ҳатман меояд. Мо дар ин хусус аҳду паймон бастем, – гуфт Мансур ва ба дӯсташ Андрей, ки дар сари дастархони пур... аз паҳлуи мӯйсафед тавонам-натавонам чорзону зада, дар як табассуми гарм ба сӯҳбати падару писар гӯш медод, оҳиста рӯй оварда, ба забони русӣ мулоим пурсид: – Ҳамин тавр не?

– Дар бораи ман ҳарф мезанед?

– Албатта... Падарам мегӯянд, ки ба рафиқат фаҳмон – зану фарзандашро ҳам гирифта биёяд, моро аз хотир набарад; дар ин боғи салқини мани мӯйсафед ҳар қадаре хоҳад, истироҳат кунад… мева хӯрад, нафаси озод гирад.

– Ташаккур. Ман акнун падари туро сидқан ба худ падар хондаам. Насиб бошад, ҳоло ҳамдигарро боз мебинем, бисёр мебинем.

Ин сухани самимии дӯсташро, ки дар деҳа чанд калимаи тоҷикӣ ёд гирифта, аз таҳти дил хурсанд шуда, баъзе аз онҳоро хандаовар талаффуз мекард, Мансур ба падараш шарҳ дода, такроран гуфта буд:

– Андрей соли дигар ҳам меояд, додо, ҳатман меояд.

– Айни муддао, писарам. Деҳа ба вай форида бошад, рафту ягон камбудиамонро дида, аз мо наранҷида бошад, – олам гулистон!

– Баръакс... беҳад хурсанд, ки ниҳоят ба расму оин, хулқу хӯ ва рӯзгордории мардуми кӯҳистон ошно шуд.

– Мо ҳам хурсанд. Лекин афсӯс... дуруст сӯҳбат карда натавонистем. Айби худам – забонашро намефаҳмам. Бо вуҷуди ин аз шишту хезаш донистам, ки ҷавонмард аст, дилаш оина барин соф. Рӯи камиро набинад, умраш дарозу ризқаш фарох бошад.

Шаби гузашта дар сари дастархон ҳамин гуна гуфтугӯ доштанд онҳо. Мӯйсафед гоҳ ба писарашу меҳмони ӯ ва гоҳ ба кӯлбори тахту даҳанбаста, ки дар як кунҷи айвон каҷ шуда меистод, беихтиёр назар давонда, батамкин сухан меронд.

Вай умуман одами вазнин, дурандеш ва хушгап буд. Тамоми умр деҳқонӣ карда, ҳафт фарзандашро беминнат хонондаву ба воя расонда, чор-панҷ соли охир дар сояи онҳо давлати пирӣ меронд. Ва чунин менамуд, ки тамкину тааммули ӯ дар ин муддат аз будаш бештар гардида, ба кас асари нек ҳам мегузорад.

Хуллас, шаби гузашта онҳо аз ҳар дар сӯҳбат ороста, хеле дер, аммо хушу хурсанд ба хоби роҳат рафтанд.

Имрӯз...

Ду хоҳари калониву бародар ва додарони Мансур барои гусели ӯ ва дӯсти маскавиаш, ки дар ин чанд рӯз ба дидадароӣ, покдилӣ ва гуфтори нарми худ ба ҳамаи онҳо писанд омада буд, дар ҳавлии мӯйсафед барвақт ҳозир шуданд.

Ва ҳоло, саҳаргоҳ... интизорӣ мекашанд, ки мошини ваъдагӣ кай меояд.

Вале он баъди ним соат, як соат, якуним соат ҳам наомад.

Мансур асабӣ мешуд. Дӯсташ низ, агарчи худро осуда вонамуд мекард, ботинан бетоқатӣ дошт – мабодо ки аз ҳавопаймо дер монад!

Мансур инро мефаҳмид ва хиҷолат кашида, мегуфт:

– Шояд ба *вай* ягон ҳодиса рӯй дод.

Аммо дар лабони Андрей табассум мешукуфт.

– Парво накун, дар ҳар сурат меравем. Мошини раҳгузар ҳаст, боз... автобус будагист.

– Аз автобус ҳоло дер мондем. Барои мошини раҳгузар...

– То маркази ноҳия пиёда рафтан лозим?

– Ёфтӣ! – бадтар асабӣ мешуд Мансур.

– Ҳеҷ қисса не, пиёда меравем. Бинем, ки ба ҳавопаймо расидан мушкил, – фавран ягон таксӣ мегирем. Пул дорам...

– Ман ҳам дорам!

– Пас... рафтем, – ҳамчунон механдид Андрей.

– Меравем, нарафта чӣ... Лекин, охир, ту шоҳидӣ, вай *худаш* ваъда карда буд.

– Ба оилаи мо як мошини доимӣ даркор барин, – гуфт зери лаб мӯйсафед, ки низ дилтанг мешуд.

– Мехарем, – овоз баровард писари калони ӯ, ки то ҳол гӯё дар банди хаёл монда, хомӯш менишаст.

– Худаш ваъда карда буд, а! – дар қаҳр даст афшонда,

байни лабу дандон гуфт Мансур. – Ҳеҷ набошад, хабар медод, ки рафта наметавонад.

– Бача нашав. Ҳоло вақти муҳокимаи вай не...

Андрей суханашро ба охир нарасонда, ҳамон писари калони мӯйсафед ба рӯи Мансур маънидор як назар афканду тохта аз ҷой хест.

– Рост мегӯяд, нағзаш… зудтар раҳакӣ шавед.

Ҳамин дам аз кӯча овози мошин баромад ва пас аз фурсате дар пушти дарвоза моторaш хомӯш гардид.

Лекин ба ҳавлӣ каси дигар...

Собиқ ҳамсояи мӯйсафед Зафарбек даромада, ба ҳама ҳолпурсӣ кард.

Ӯ ҷавони тахмин биступанҷсола буда, қатори аксарият дар савхоз тамоку мепарварид, коргари пешқадам ҳисоб меёфт. Дастони бақувваташ шахшӯл; худаш на бадафт, на зебо, фурӯтан, қоматаш баланд...

– Ба як муҳим наздатон омадам, бобо, – фаҳмонд вай ба мӯйсафед.

– Хуш омадӣ!

– Токамон...

Инро гуфту ҳамоно хомӯш монд.

Аз оҳиста хам шуда, кӯлборашро бардоштани Андрей хомӯш монд.

Ва дар ҳайрат ба Мансур рӯй овард.

– Меравед?

– Ҳа-а...

– Ин қадар тез?

– Ташвиши зиндагӣ, кору бор...

– Ба чӣ меравед?

– Пиёда... Аз маркази ноҳия ягон мошин мегирем.

– Шумо, шаҳриҳо, аҷаб одамони мураккаб. Ё баръакс...

– Барои чӣ ин хел фикр мекунед?

– Барои он ки мағрур гӯям, мағрур нестед, сода ё сахт шармин ҳам нестед. Умуман шуморо фаҳмидан душвор.

– То ин дараҷа набудагист.

– Пас чаро як даҳан нафаҳмондед, ки мошин лозим?

– Дигар кас моро дилпур карда буд. Ҳоло бинед, аз афти кор... дер мондем.

– Кӣ ҳамон дигар кас?

– Фарқаш чӣ, – гӯё ба вай одат шуда бошад, Мансур аввал даст афшонда, баъд тӯрхалтаи пур аз себҳои калон-калони сурх ва ҷомаи падараш ба Андрей пӯшондаро бардошта, аз поғундаҳои сангини айвони баланд поин фуромад.

Аз қафои ӯ ва дӯсташ ҳама аҳли оила қатор шуда, сӯи дарвоза рафтанд.

Собиқ ҳамсояи муйсафед Зафарбек низ...

– Шуморо ман бурда мемонам, – гуфт вай ба забони русӣ.

Андрей, дар китф кӯлбор, сари андак каммӯяш луч, ба чеҳраи дар офтоб қариб ҷигаррангшудаи ӯ сабук назар афканда, ба маънии «ихтиёр...» абрувони пайвасташро қадре боло кашид.

– Лекин... ба шарте ки шарм надоред. Мошини ман фасон не – «Запарожетс»!

– Медонам, – якбора хурсанд шуда, сухани ӯро аз даҳонаш гирифт Мансур. – Мо, шаҳриҳо, ба қавли шумо одамони мураккаб бошем ҳам, ба мошини *фасон* сахт одат накардаем.

– Боз беҳтар! Ана... марҳамат, рафтем.

Вай бори онҳоро дар боғоҷмонак гузошта, дари мошинашро, ки наппа-нав ва озода буд, ба эҳтиром ва бисёр хоксорона аз ду тараф кушод.

Ба ҳама гарму нарм хайрухуш карда, аввал дӯсташ ва пас Мансур аз нишастгоҳи қафо ҷой гирифтанд.

– Ҳамон муҳиммат чӣ буд? – пурсид мӯйсафед, вақте ки Зафарбек мошинро ба кор андохта, даст ба чанбари фармон мебурд.

– Имсол, чашм расидагӣ барин, ангури боғамон маза надорад, бобо, – хок задааст.

– Мӯл об монда будӣ?

– Мӯл ҳам нею намедонам барои чӣ... Хайр, бегоҳ омада маслиҳат мегирам, ё пагоҳ... Аввал инҳоро ба манзил расонам.

– Ҳазор раҳмат ба ту! Асло мӯҳтоҷӣ набинӣ, – дар ҳаяҷон гуфт мӯйсафед,

Ва ба онҳо сафари бехатар хоста, дуои нек кард; сидқан даст ба рӯй кашид...

Мошин дар ҳаракат омад.

Ҳангоме ки деҳа қафо монд:

– Моро то Шаҳр бурдан шарт не, – гуфт Мансур ба собиқ ҳамсояи падараш Зафарбек. – Аз ҳудуди ноҳия баровarda, то Раҳи калон расонед, кифоя. Ба он тарафаш автобус бисёр, таксӣ ҳам.

– Хуб...

– Ҳаққатонро медиҳем.

– Чӣ хел ҳаққам?

– Ҳаққи хизмат! Дар чунин гармо... барои сарфи бензин, сарфи вақт.

– Дар ин хусус ҳатто даҳан кушодан ба ману шумо намезебад, – гуфт Зафарбек, ки чашм аз раҳ наканда, ба эҳтиёт мошин меронд. Сипас хандида, илова намуд: – Шумо дар синну сол аз ман калон бошед ҳам, ба ҳар ҳол... дар як кӯча тохта мегаштем, дар як деҳа ба воя расидем. Ғайр аз ин, агар инсон барои ҳар кори некаш пул ё чизи дигар талабад, одаму одамгарӣ куҷо мешавад!

– Бубахшед. Ман аз саҳар каме асабӣ будам, фикр накарда гуфтам. Нохост...

– Ҳеҷ гап не, вазъияти шуморо мефаҳмам; махсусан ки ин хел... аз ҷои дур меҳмон доред.

Вай хомӯш монд.

Мошин баъзан такон хӯрда, чархҳояш дар гузари шағалпӯши байни деҳа ва маркази ноҳия баланд садо баровarda, дар як маром пеш мерафт.

Мансур низ сукут варзида, дар бораи худ ва дигарон фикр мекард; фикр мекард, ки рост, панҷ ангушт баробар не. Мисли ин одамон ҳам ҳар хел мешаванд. Яке ҳақгӯй, дуюмӣ ваъдабоз, сеюмӣ бахил...

Аммо вай...

Аввало мардуми дурӯғзанро бад мебинад. Ӯро аз ҳама бештар *фиреб* ба ғазаб меорад; маҳз фиреб!

Гуноҳи худаш – зудбовар аст.

Дониста-надониста, ба касе бовар мекунаду баъд фиғонаш баромада, муддатҳо озурдахотир мегардад.

Мансур қадре ошуфта ба дӯсташ нигарист. Вай аз воқиаи ин саҳар руйдода малул шудааст, ё не?

Вале Андрей... чеҳрааш равшан, ба манзараҳои қади раҳ – ба талу теппаҳои сӯхта, ба кӯҳҳои на чандон баланди

дур аз онҳо қадафрохта лоқайд назар давонда, лабони каме ғафсаш моил ба табассум, орому осуда менишаст.

Мансур аз вазъи дӯсташ як андоза хурсанд шуд.

Вай инак мекӯшид он *беамалро*, ки аввал бароишон гӯё хизмат карда, аз Шаҳр ба деҳа оварду дар ниҳояти кор фиреб дод – ё шояд ягон ташвишаш баромада, хабар расонда натавонист, – фаромӯш созад.

Бо вуҷуди ин дилаш хиҷил буд.

Дар як меҳру ихлоси мардона ба хотир меовард, ки ҳар дафъа, вақте аз паи ин ё он супориши идора ба Маскав мерафт, Андрей ё ягон рафиқи вай, агар бохабар бошанд, чӣ тавр ӯро ба мошини худ ҳатман пешвоз мегирифтанд...

– Кӣ шуморо бурданӣ буд? – андак ба қафо тоб хӯрда, ногаҳон пурсид Зафарбек.

– Фарқаш чӣ? – чун дар хонаи падар, аммо ин навбат мулоим гуфт Мансур.

– Дар ҳар сурат... фаҳмем. Ба тариқи ғайбат не, аз дари сӯҳбат… Ҳамдеҳаи худамон будагист албатта?

– Ёфтед!

– Кӣ?

– Хаскаш.

– Ана-а! – ба оҳанги тамасхур хандид ӯ. – Шумо ба ҳамон чилдурӯғ бовар кардед?

– Аз куҷо донам? Одам гуфтем, инсоф дорад гуфтем... Ба қавлаш устувор менамуд.

– Вай қавл надорад. Як чоплуси аз худо гашта. Дар деҳа ҳатто кӯдак кӣ будани ӯро медонаду шумо...

– Чӣ илоҷ, одамро шинохтан душвор.

– Лекин зарур!

– Рост... Фиреб хӯрдем. Агар ин гуна ваъдахилофиашро медонистем, саҳари мардон дар маркази ноҳия ба автобус савор шуда, ҳоло нисф зиёди раҳамонро тай мекардем. Автобуси дуюм баъди пешин...

– Фаҳмидам, дӯстатон ба Маскав билет доштааст; ба автобуси дуюм равед, дер мемонед. Дар ноҳияи мо, сабил, таксӣ ҳам нест. Аз ягон ҷо одам биёрад... доштан мумкин. Агар не, соатҳо дар сари кӯча мошин поида мешинед.

– Ҳама гап дар ҳамин.

– Истед, ки вай ба шумо кай ваъда кард?
– Як ҳафта пеш, боз дина...
– Хонаи падар рафта буд?
– Ҳа-а...
– Худаш? Хабаргирӣ?
– Не. Як ҳафта қабл аз ин мо дар Шаҳр тараддуди ба деҳа омадан доштем, ки суроғ карда, ба ҷои корам рафт. Ман аввал ӯро нашинохтам. Охир... дар бадали ҳафт-ҳашт сол надидаам.
– Баъд гуфт, ки ман фалонӣ, дур бошем ҳам, хешатон?
– Бале.
– Вай *хеши* ҳама. Ба шарте ки кораш афтад, – боз хандид Зафарбек. – Хайр, давомашро гап занед.
– Давомаш... чун фаҳмид, ки мо ба деҳа омаданӣ, мошини нозанин дорам, ман худам шуморо мебарам гуфт. Дар ин ҳавои гарм ба автобус савор шуда, меҳмонатонро азоб надиҳед гуфт. Масофаи кам не, дусаду бист километр гуфт...
– Хуллас, ки овард.
– Ҳа, тамоми раҳ ниҳоят меҳрубон буд. Латифаҳои намакин гуфта, моро механдонд.
– Шайтони бекафшу маҳсӣ вай! Ба гап ҳам чунон ҷома мепӯшонад, ки даҳани кас воз мемонад.
– Баъд ваъда кард, ки моро бозпас худаш ба Шаҳр мебарад; дар деҳа бемалол дам гирем; ба ҳурмати хешигарӣ, ҳамдеҳагӣ – хизмат аз вай.
– Бепул оварда буд?
– Тин нагирифтааст. Баръакс... меҳмон будааст гуфта, ба ин дӯстам як корди нағз тӯҳфа кард. Аз кордҳои таърифии Фарғона.
– Аҷаб-ку!
– Чияш аҷаб?
– Пас аз ин қадар меҳрубонӣ шуморо қариб дар сари раҳ монданаш.
– Эҳтимол ягон кору ҳол рӯй дода бошад, ё мошинаш вайрон шуда бошад. Лекин хабар нарасондан...
– Ӯро ҳеҷ бало назадааст. Вақте ки назди падаратон мерафтам, ман дида будам. Ба мошинаш тарафи марказ тоб мехӯрд. Маркази ноҳия...

– Наход! Охир, вай дина ҳам... бегоҳ, дар хона ҳамроҳи мо хеле нишаста, аз одаму олам сӯҳбат карда, гап якта, саҳар ман худам шуморо бурда мемонам гуфта буд. Пас чӣ тавр...

– Надонам, – китф барҳам кашид Зафарбек ва ду-се дақиқа сукут варзида, чунон ки ба қароре омада бошад, ногаҳон пурсид:

– Вай дар Шаҳр аз шумо ягон илтимос карда буд?

– Не.

– Дирӯз чӣ?

– Дирӯз ҳам. Фақат... дар рафти сӯҳбат гуфт, ки имсол нахустфарзандаш ба институт дохил шуданӣ. Агар тавонам, ба якта-нимта ёру ошноҳо гап зада, ба вай ёрӣ расонам.

– Шумо чӣ гуфтед?

– Гуфтам, ки ин хел корҳо аз дастам намеоянд. Аз дастам оянд ҳам, ман дар ин бора ба касе даҳан намекушоям. Писаратон... дар мактаб нағз хонда бошад, бе ҳеҷ восита худаш дохил мешавад. Умуман ин гуна давуғеҷ, яъне дарро монда, аз тиреза даромадан кори хуб не...

– Акнун фаҳмидам.

– Чиро?

– Сабаби ваъдахилофии ӯро.

– Аммо ман нафаҳмидам.

– Сода будаед!

– Мумкин.

– Вай аслан дар ғами дохилшавии писараш ба ҷустуҷӯи шумо меравад...

– Мумкин.

– Мумкин не, аниқ...

– Пас чаро дар ҳамон ҷо, дар Шаҳр, гапашро нагуфт? – сухани ӯро бурида, дар ҳайрат пурсид Мансур.

– Чунки шумо нияти сафар доштед, ба деҳа меомадед. Илтимосамро раҳорах... ё баъдтар, дар арафаи бозгашти онҳо... гӯшрас мекунам гуфта, хушу хурсанд шуморо меораду дирӯз, дар хонаатон, бархадар рафтани хизматашро донис-та, латтааш ба об меғалтад. Акнун фаҳмидед?

– Қариб... Лекин ташвиши писараш ба муносибати инсонӣ, ниҳоят ба ваъдаи ӯ чӣ дахл дорад?

– Дорад, барои ин қабил одамон дахл дорад.

– Хайр, акнун эҳтиёт мешавем. Кӯр асояшро як бор гум мекунад...

– Пеш ҳам вай шуморо хабар мегирифт?

– Гуфтам-ку: дар ҳафт-ҳашт соли охир аввалин бор рӯяшро дидам.

– Ана, ҳол он ки нисфи умраш дар Шаҳр мегузарад.

– Яъне ман ба ӯ даркор будам? Барои ҳамин маро кофта... оқибат ёфт; азизу авлиё карда, ба деҳа овард?

– Бале. Аммо вақте фаҳмид, ки шумо харашро аз лой намебароред, рафту ягон рӯз вохӯрем, дар дунё чӣ пур – баҳона гуфта, ваъдаашро... чун носи даҳан ба кӯча партофт.

– Хайр, раҳаш ба худаш, сояаш ба девор!

– Лекин муҳиммаш, шумо аз вай хафа нашавед. Чунки он бӯқаламун ба ин ҳатто намеарзад.

– Воқиан, касбаш чӣ?

– Намедонед?

– Не, напурсидаам.

– Дар як ошхонаи шаҳрак кор мекунад, дар маркази ноҳия. Пивафурӯш! Ҳама дабдабааш аз болои ду-се тини мардум.

– Фаҳмо, – гуфт андешаманд Мансур ва дигар ҳарфе назад.

Мошин ба ҳудуди шаҳрак наздик шуда, акнун дар раҳи асфалт мерафт.

Андрей ҳамчунон хомӯш буд. Аз тирезаҳои кушода бодаки нарм даромада, мӯйсари хурмоӣ ва каме тунукашро парешон мекард. Ва ӯ ҳар замон даст ба сараш мебурд, онро ба тартиб меовард.

Ҳангоме ки аз маркази ноҳия мегузаштанд, Зафарбек ба қади кӯча ишора намуда:

– Ана вай! – гуфт.

– Кӣ? – чизе нафаҳмида, мутаҳайир ба пасу пеш назар давонд Мансур.

– Хаскаш...

– Канӣ?

– Ба дасти чап нигоҳ кунед, ба истгоҳи автобус...

Мошин ки ҳоло аз он ҷо гузашта буд, Мансур фавран ба қафо рӯй оварда, аз тиреза...

Дар ҳақиқат Хаскашро дид.

Вай дар канори майдончаи асфалтпӯш, ки як хонаи

хурд – кассаи билетфурӯшӣ – ва шипанги чор тарафаш кушода дошт, дар назди «Волга»-и осмонранги худ рост меистод. Ҷисми лоғараш дучанд лоғар метофт. Дар гирдаш даҳдувоздаҳ нафар зану мард... Ғайр аз «Волга» дигар мошине ба назар наменамуд.

– Савдо мекунад, – гуфт ба заҳрханд Зафарбек.

– Чӣ хел савдо?.. – гаранг шуд Мансур.

– Кӣ бисёртар пул диҳад, ҳамонро то Раҳи калон бурда мемонад. Аз он тараф ҳам холӣ намеояд.

– Пас ӯ маро фиреб дод?

– Бешубҳа! Аз шумо дигар чӣ фоида?!

– То Раҳи калон тахмин ҳафтод километр...

– Бале, ҳафтод! Дар ҳамин масофа вай аз ҳар кас даҳ сӯм мегирад. Чор карат даҳ чанд мешавад?

– Чил...

– Ана ба шумо пул! Аз ин тараф чил сӯм, аз он тараф ҳам чил сӯм. Рӯзе ду маротиба рафта баргардад, яксаду шаст сӯми накд меёбад.

– Қариб баробари маоши ман.

– Вай ин корашро ҳар вакт намекунад. Мавридашро шинохта, дар ҷои худ ағлаб писараш ё ягон хеши баэътимодашро монда, ана ҳамин тавр… гӯё тасодуфан кӯча мебарояд. Ноҳияамон дар кӯҳистон, аз Раҳи калон дур. Мардуми сафаракӣ бисёр... Аз ин рӯ кордаш болои дунба!

– Агар ҳозир ба мо вомехӯрд, чӣ мекард?

– Шумо аввал гӯед, ки имрӯз билет доштани дӯстатонро вай медонист ё не?

– Медонист.

– Пас гумонаш... шумо илоҷе ёфта, ҳоло рафтаед. Сониян, тифоқо рӯбарӯ ғалтад ҳам, ба саду як росту дурӯғ узр мепурсид; ғубори дилатонро мебаровард.

– Ин хел буданашро ҳеҷ намедонистам. Маро, хайр, масхара карду ба ҳар ҳол нағз шуд, ки чӣ одам аст ӯ, – шинохтам. Барои оянда...

Мошин басуръат ва ҳамвор мерафт.

Дар ду бари раҳ талу теппаҳои пасту баланд, баъзан қарта-қарта заминҳои гандумаш даравидаи урён, гоҳо подаи гаву рамаи гӯсфандон паёпай қафо мемонданд.

Кайфаш каме ноҷӯр, Мансур акнун хомӯш менишаст. Андрей низ, агар аҳён-аҳёнягон чиз пурсидани ӯро ба ҳисоб нагирад, чашм ба дуриҳо дӯхта, сукут мекард.

Тахмин пас аз ним соат Зафарбек дар диққат ба оинаи пеши мошин нигариста – то метавонист, вай ҳатто гардан ёзонд, – мисли он ки ба худаш гап мезада бошад:

– Хаскаш... – гуфт.

– Чӣ? – нафаҳмид Мансур.

– Мегӯям, ки Хаскаш меояд. Ҳозир аз мо мегузарад. «Волга» мошини бақувват.

Мансур ба шонаи дӯсташ беозор нихта кард. Ва онҳо... ҳар ду баробар тоб хӯрда, аз тирезаи пушт ба қафо назар андохтанд.

Воқиан ҳам як «Волга»-и осмонранг ба мошини Зафарбек наздик мешуд.

– Шинохтӣ?

– Бале, – дандонҳои сап-сафед ва бақувваташ намоён, хандид Андрей. – Хаскаш...

– Ту хафа нестӣ? – пурсид Мансур.

– Гумонат, ки ман кӯдакам, намефаҳмам? – гуфт мулоим Андрей ва баргашта, боз ба қади раҳ чашм давонд. – Ҳамаашро мефаҳмам. Аслан... чӣ ҳодиса рух дод? Ба хаёлам ҳеҷ... Гап дар бораи Хаскаш бошад, ман ӯро дар маркази ноҳия аз шумо пештар дидам; чандпула одам буданашро ҳам дина... аз ту зудтар пай бурдам.

– Аммо эътибор накардӣ?

– Албатта. Чунки аз рӯи ваъда наомаданаш... Сабаби ин маълум: дирӯз ту ба вай гуфтӣ, ки дар масъалаи ба институт дохил шудани писараш мадад расонда наметавонӣ.

– Дуруст гуфтам.

– Дуруст ки бошад, вай... эҳтимол қаҳраш хеста, аз вохӯрӣ ба ту пушаймон гардида, моро ба ихтиёри худамон гузошт; ваъда карду барқасд наомад. Шояд барои заҳмати бефоидааш моро ҷазо додан мехост.

– О ин номардӣ-ку! Ба умеди вай... ту аз ҳавопаймо монӣ, чӣ мешуд?

– Ҳеҷ чиз намешуд.

Ҳамин дам «Волга» лангар хӯрда, ба суръати баланд аз

паҳлуи онҳо гузашт.

– Дидед, пур... – гуфт Зафарбек.

– Сарашу равғанаш! – тамасхур кард Мансур. – Пур меравад ё холӣ, ман ба вай дигар кор надорам.

– Баъзан кор доштан лозим. Вагарна Хаскаш барин одамони гургтабиат, ба илова рӯбаҳи маккор дунёро меолонанд; безеб мекунанд дунёро!

Ин суханони Зафарбек дар як эътирози омехта ба таассуфу дард гӯё аз қаъри дили ӯ берун омада, Мансурро даме ба андеша бурданд.

Рост мегӯяд, рост...

Имрӯз фиреб хӯрдани вай, яқин зиқ шудани дӯсташ низ – ҳеҷ қисса не, фаромӯш мегарданд.

Лекин аз даҳ, ё аз сад нафар якта бошанд ҳам, дар рӯи замин беҷазо мондани хаскашҳо хавфнок аст.

Оре, хавф доранд чунин тоифа! Барои ҷамъият, барои ҳар навҷавони ҳанӯз хом, ки рафтору кирдори онҳоро ба ду чашми сар дида, эҳтимол ҳаваси пулу моли муфт ҳам мекунанд...

– Вай ҳоло тахмин зад, ки ман шуморо то Шаҳр мебарам, – гуфт Зафарбек.

– Аз куҷо медонед? – пурсид Мансур.

– Медонам. Сабаб чист, ки ман мағзи ҳар нағмаи ӯро, ҳар нимкосаи таки косаашро қариб ҳамеша ҳис мекунам. Вай ҳам хислати маро хуб медонад; медонад, ки агар ман касеро ба мошинам шинонам, ҳаргиз дар нимароҳ намемонам.

– Пас моро то Шаҳр мебаред?

– Набошад чӣ! Ман дар худи деҳа якбора ба ин қарор омада будам.

– Ташаккур.

– Бигузор ин дафъа ҳам тахмини Хаскаши мо рост барояд, – хандид ӯ. – Вале аз Раҳи калон гузашта меравем. Масофаи байни Пулихокӣ то Шаҳр наздику... қисми бисёраш шағалпӯш, баъзан ҳатто вайрон.

– Аз куҷое ки рондан хоҳед, ихтиёр ба худатон. Сиҳатсаломат ба Шаҳр расем, кифоя.

– Мерасем, нарасида чӣ...

Вай баъд аз даҳ-дувоздаҳ дақиқа як хамгаштро гузашта, ба дуроҳае расиду мошинро ба дасти рост гардонд.

«Запарожетс» чаққон мерафт.

Зафарбек хурсанд буд; зери лаб кадом оҳанги шӯхро замзама мекард.

Андрей ба вай дар рағбат гӯш дода, чеҳрааш шукуфон, гоҳо дар ҳавои банизоми он оҳанг калла мечунбонд.

Ягон даҳ дақиқаи дигар гузашту...

Ба Раҳи калон расиданд ва Зафарбек:

– Ана, боз Хаскаш! – гуфт.

Дӯстон ба пеш нигариста, дар як тарафи раҳ, дуртар аз ошхонаи пастаки назарногир, дар байни ду-се мошини ҳархелаву қариб бист нафар одам...

«Волга»-и Хаскашро диданд.

Вай акнун рӯ ба маркази ноҳия меистод.

Худаш ба чор-панҷ нафар зану мард, ки дар гирди ӯ ҷамъ омада буданд, чизе мегуфт. Лоғар, қадаш дароз, гарданаш борик...

– Истем? – чашмак зад Зафарбек.

Мансур ба дӯсташ нигарист.

– Ба *вай* пурсупос карда гузарем. Агар не, айб мешавад.

– Ихтиёр...

Ва онҳо истоданд.

Дар тарафи дигари раҳ...

Хаскаш худро ба нодонӣ андохта, андак рӯй гардонд; аз байни одамон ба як марди мӯйлабдори ғафс ва деҳқонҳайат гуфтугӯяшро бепарво давом дод.

– Акаи Хаскаш! – нидо кард Мансур.

Ӯ нашунид, ё худ...

– Ҳой, акаи Хаскаш! – ин навбат ба овози баланд чеғ зад Мансур.

Ниҳоят вай баргашта, аввал ҳайрон-ҳайрон ба онҳо нигарист ва пас, вақте ки Мансур баدасташ имои «ин ҷо биёед» кард, зуд омад. Омаду:

– Эъ, ассалому алайкум! Шумоён то ҳол нарафтед? – гӯён, дар сурате ки нигоҳи чашмони беқарорашро мегурезонд, аз тиреза сар халонд.

– Ана, меравем, – дастонашро ба ҳам совида, маънидор ба Зафарбек ишора намуд Мансур.

– Ҳа-а, нағз. Мошинашон майда бошад ҳам, ин кас ҷудо баҳамият.

– Шумо чӣ?

– Ман... Худо ҷонамро гирад, дурӯғчӣ шудам, – гуфт Ҳаскаш, пичинги ӯро ҳамоно фурӯ бурда. – Шаб, зор монад, чархи мошин кафид. То дуруст кардам, ки...

– О шаб дар хонаи мо будед-ку?

– Рост, ҳақ... Лекин баъд як корафтодаро ба Деҳи Боло бурдам. Кадом хешаш мурдааст. Дар бозгашт...

– Чӣ тавр кафид чархатон?

– Ҳамту... кафиду монд, – пушти сар хоридаву як абруяш боло ва абруи дигараш поин рафта, гуфт Хаскаш. – Раҳи сабил ҳар хел мешудааст – паст, баланд, каҷ, килеб...

– То шаби гузашта инро намедонистед?

– Медонистаму... – гапашро гум карда, лаб газид ӯ.

– Бар падаратон раҳмат! Воқиан, ҳар хел мешавад раҳ. На танҳо раҳи мошин, балки аз номаш инсон ҳам.

– Ба ҳар навъ... росту ҳамвораш беҳтар, – хандид Зафарбек. – На чарх мекафад, на гардан мешиканад... Хулоса, роҳати ҷон!

– Ту ҷим шин! Ту ҳоло бача, аз даҳанат бӯи шир меояд, – сахт карда, гуфт ба вай Хаскаш ва боз ба Мансуру дӯсташ рӯй оварда, акнун ба забони шикастаи русӣ суханашро давом дод: – Шумо аз ман наранҷед. Ман гуноҳ надорам, гуноҳи ана он чорчарха.

– Мо асло наранҷидаем. Сониян, барои чӣ ранҷем? Шумо ягон вақт аз мо қарз нагирифта бошед...

– Ҳа-аъ... бале! Аммо ман... нон занад, ки рости гапро мегӯям. Ваъдаамон – худатон медонед – соати ҳафт буд. Мани шӯрпешонӣ зери обу арақ монда, чархи мошинро то соати нӯҳ базӯр дуруст карда, гумон бурдам шумо бешубҳа рафтаед. Охир, билети самалёт доштед! Агар ҳанӯз дар хона будани шуморо медонистам, эҳа! – санги сиёҳ барин... дар дилам ормон намемонд.

– Хайр, дар ин ҷойҳо чӣ кор мекунед? – пурсид Мансур.

– Як ҳамсояамон хона рафта, зор-зор гирист, ки то Раҳи калон оварда партоям: дар Шаҳр кадом хешаш мурдааст.

– Аҷаб, муромурӣ бисёр-ку!

– Ҳа, муромурӣ... Раҳмам омад, не гуфта натавонистам. Чӣ илоҷ, рӯи одамизод аз алмос ҳам тезтар.

– Боз як пурсиш...

– Марҳамат.

– Барои чӣ моро дар раҳ дида, аз паҳлуямон гузаштеду ҳатто назар наафкандед?

– Надидаам... Азизу авлиё зада кӯр кунанд, ки надидаам!

– Пас чаро дар сари фармон хам шуда, гӯё пинҳон шуда, махсус рӯй метофтед?

– Ба ягон хаёл рафтагистам. Одати мани гаранг ҳамин... Ана ин кас медонанд.

– Ман намедонам, – гуфт Зафарбек.

– Надонӣ, садқаи сарам! – чашмонаш бештар ба бозӣ даромада, якбора шӯрид вай.

– Ҳаддатонро шиносед! – дар байни панҷаҳои бақувваташ чанбари фармонро сахт фишурда, гуфт Зафарбек.

Вале Хаскаш ин дам ба Андрей гап мезад.

– ...корд маъқул?

– Бале, ниҳоят...

– Албатта, корди фармуда буд.

– Бисёр маъқул, – такрор кард ӯ ва аз чӣ бошад, ки филҳол сурх шуду нишастгоҳи холии пешро тела дода: – Дарро кушо, ман мебароям, – гуфт ба Мансур.

Ва онҳо пасопеш аз мошин фуромаданд.

Андрей боғоҷмонакро чаққон кушода, аз кӯлбори худ як корди бағилофи гулбандаш ҷозиброро берун овард ва ба сӯи Хаскаш ёзонда:

– Гиред, – гуфт. Сипас лаҳзае хомӯш монду гашта такрор намуд: – Корди нағз, ҳатто оличаноб. Ба соҳибаш насиб кунад.

Хаскаш ноҷунбон рост меистод, гӯё шах шуда буд.

– Гиред!

– Охир, барои чӣ? Тӯҳфа...

– Гиред гуфтам ба шумо! Аз ҳисоби ин гуна кирокашиҳо ба ман тӯҳфа лозим не. Боз махсусан... агар аз *шумо* хотира бошад!

Хаскаш ба дастони каме ларзон кордро гирифт.

Гирифту...

Онҳо аз нав ба мошин нишастанд.

Ва Хаскаш дар мобайни раҳ танҳо монд.

Ҳайрон монд.

– Бемазҳаб, – гуфт оҳиста Зафарбек ва маторро ба кор андохт.

Дӯстон, ҳар кадом дар қайди андешаи худ, беш аз ним соат хомӯш буданд.

Баъде ки хеле масофаро тай карданд, Андрей ба Зафарбек нигариста, нохост, вале дар тамкин гуфт:

– Ман, додар, аз деҳаи шумо ба таассурати нек меравам. Орзу доштам, ки ба падари ана ин дӯсти азизам шинос шавам. Ниҳоят... ба орзуям расидам. Инсони бузург будааст падари дӯсти ман! Ғайр аз ин... боз хеле одамони хубро дидам. Беҳад хурсандам, ки ба шумо ҳам вохӯрдам. Ман ҳоло бисёр мехоҳам бароятон аз худ хотирае гузорам. Лекин... узр, ки ҳамроҳам бисоти арзанда надорам...

– Ба ман ҳеҷ чиз лозим не, – гуфт Зафарбек, қадре даступо хӯрда.

– ...Лозим буд! Хайр, боз ҳамдигарро мебинем. Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад... Касби ману ин ҳамдеҳаи шумо як – меъморем мо. Рӯзе агар хона сохтан хоҳед, баъд... агар розӣ бошед, тарҳи он хонаро ман худам мекашам. Фақат мактубе навишта, дар ин бора хабар расонед, кифоя...

– Менависам, ҳатман менависам.

– Ташаккур аз шумо; барои хизмати беминнат, барои нияти покизаву чеҳраи кушода.

– Ҳамин ҳам хизмат шуд? – ба ҳаяҷон омада, аз самими қалб гуфт Зафарбек. Ва фурсате ба сукут рафта, гӯё худ аз худ пурсид: – Бахт чист?

– Инро ҳар кас ҳар хел мефаҳмад, – гуфт Мансур.

Дӯсти маскавиаш хаёлманд сар ҷунбонд.

– Рост...

– Ба назари ман бахт, бахти аз ҳама бузург… – ба номаш инсон хурсандӣ бахшида, дар дили ӯ тухми накукорӣ, тухми муҳаббат киштан аст, – гуфт оҳиста ҷавони биступанҷсола Зафарбек ва суръати мошинро бардошт.

Раҳ ба сӯи Шаҳр тӯл мекашид.

Ба пастӣ, баландӣ, каҷӣ ва килебиҳои худ тӯл мекашид...

*1985*

## ХОҶАМАСТ

Тақ-тақи ногаҳони дарвоза сӯҳбати гарми онҳоро бурид. Ба маънии «кӣ бошад...» Музаффар ба рӯи падараш суоломез як нигоҳ карду аз сари дастархон хеста, ҷониби кӯча рафт. Азбаски пеши пояш торик буд, вай аввал чароғ даргиронда, пас дарвозаро кушод. Ва дар партави равшанӣ мудири анбори калхоз Хоҷа Сайфиддиноврo шинохта, акнун салом додан мехост, ки худи ӯ беқарор сухан ангехт:

– Эъ, эъ!.. Кай омадед, додар? Ана, дидори шумо муяссар шуд... Саломатӣ дуруст? Кору бор?.. Шунидам, ки дар Душанбе муаллими калон будаед. Баиззату эҳтиромед... Нағз, бисёр нағз. Дар қатори дӯстон мо ҳам хурсанд.

Музаффар хоҳам-нахоҳам ӯро ба хона таклиф кард.

– Не, додар, вақтам танг. Ба падаратон як кори зарур дорам. Агар бошанд, Хоҷа-амакам шуморо пурсида омадаанд мегуфтед...

– Дароед, падарам дар хона.

Пас аз қадре дудилагӣ Сайфиддинов, ки мардуми деҳа барои даҳанкалониву бадавлатӣ ӯро Хоҷамаст ном мебурданд:

– Ха-йр, бафурҷа гап занам, боз беҳтар, – гӯён аз қафои Музаффар вориди ҳавлӣ гардид.

Насим-амак *меҳмонро* ба чеҳраи кушода пешвоз гирифта, дар канори дастархон шинонд; аҳвол пурсид. Ва ба вай як пиёла чой дароз карда, мулоим гуфт:

– Шамоли куҷо паронд, Хоҷабой? Ин хел… ба кулбаи мо ҳам қадам мегузоштаед?!

– Тақозои зиндагӣ, ака...

– Ҳа, албатта.

Ба ҳамин ҳар ду хомӯш монданд.

Музаффар низ сукут мекард.

Насим-амак риши мошубиринҷи худро панҷа зада, ба гӯшаи айвон назар медӯхт.

Сайфиддинов пиёлаи чояш ҳоло ширгармро, чунон ки хиҷолат мекашида бошад, музтариб ба лаб мебурд.

– Гап занед, Хоҷабой, – гуфт ниҳоят Насим-амак, хомӯширо барҳам дода.

Музаффар аз ин рағбати падар дар ҷояш як ҷунбида, ба

ҳайати Сайфиддинов нигоҳи маънидор афканд.

– Дардамро шунидан хоҳед, ака, – гуфт *меҳмони* онҳо бе муқаддима, – мӯҳточам... Аз анбор... камомад ёфтанд. Пул лозим. Агар ёрдам накунед, хонаам месӯзад.

– Наход аз мани мӯйсафед мадад пурсед?! Дар бисоти *мо* пули зиёдатӣ аз куҷо...

Бо вуҷуди он ки Насим-амак махсус ба оҳанги «аҷаб аст кори дунё!» сухан меронд, Сайфиддинов ё чизе нафаҳмид, ё худро ба нофаҳмӣ зад.

– Ба чанд нафар вохӯрдам, ака... нарӯид. Баъд хуб мағзамро об карда, пай бурдам, ки ғайр аз шумо дигар ҳеҷ кас ба дардам даво намешавад.

– Ин гапҳоро як тараф монед, – гуфт Насим-амак ва каме ба андеша рафта, мухтасар пурсид: – Чанд сӯм лозим?

– Ду ҳазор... Ҳамин ки ба пуштам офтоб расид, бе каму кост оварда медиҳам.

– Ду ҳазор, – такрор намуд Насим-амак, пешониашро молида. – Хайр, канӣ... ба дастархон нигаред.

Музаффар ба торикии вусъати боғ чашм медӯхт ва фикр мекард, ки *ҳамон* сол низ шабҳо мисли алҳол дилкаш буданд. Вале ғами гуруснагӣ намегузошт, ки аз сукути баасрори онҳо ибрат гирӣ, дишаба барин аз насими серун ҳаловат бурда, рӯболо дароз кашиву чашм аз ситораҳои соҳири осмони мусаффо наканӣ...

Вохӯрӣ ба Сайфиддинов дар хаёли Музаффар зиллатеро таҷассум сохт, ки пас аз ҷанг ба вуқӯъ пайваста буд.

«Ана чӣ маънӣ доштааст гардиши айём, – аз дил мегузаронд вай. – Рост мегуфтаанд, ки кори садаспа ба якаспа ҳам меафтад. Агар он ҳодиса каме пештар ба ёдам мерасид, ӯро аз дарвоза даромадан намемондам. Наход падарам фаромӯш карда бошанд?..»

Музаффар гоҳ-гоҳ дар хотир меовард, ки баъди ду рӯзи аз ҷанг баргаштани *марди хона* раиси калхоз ба ҳимои асобағал – ранги рӯяш низ захир метофт – дар саҳни *ҳамин* ҳавлӣ пайдо шуд. Он вақт Музаффар бача буд; бачаи ҳаштсола буд... Раис ба падари вай самимона вохӯрдӣ карда, оҳиста дар лаби суфа нишаст ва дамашро андак рост гирифта:

– Додарам Насим, – гуфт, – худоро ҳазор бор шукр, ки

сиҳат-саломат гашта омадӣ. Дар чор соли ҷанг мардум азоби бисёр диданд. Аз худат гап намемонад... Акнун рӯзе расидааст, ки поямонро аз лой берун кашем. Барои ин меҳнат лозим, ҷон коҳондан лозим. Аммо дар деҳа одами коршоям қариб нест. Аксарияти мардҳо ё ман барин маъюб, ё пири фартут, хонашин... Гапи бисёр як хара бор гуфтаанд. Мақсадамро албатта фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам, раис. Лекин... аҳволи оилаамро дида, ҷигарам хун мегардад. Ҳатто ним каф орд намеёбем, ки ордоба кунем. Боз шикастурехти ҳавлӣ...

– Медонам, Насимҷон. Ин рӯзи сахт ба сари ҳама омад. Ғам нахӯр – худо хоҳад, об ба лаби ҷӯй баробар мешавад. Фақат заҳмат кашидан лозим.

– Чӣ илоҷ?! Одаму машаққат...

– Зинда бош, додар! Тавонӣ, аз пагоҳ ба сари замин баро... Боғи Боло дар ихтиёри худат.

Раис вазнашро ба асобағал андохта, аз ҷой хест ва хайрухуш карда, лангон-лангон чанд қадам пеш рафт. Баъд, мисли он ки ногаҳон чизе ба хотираш омада бошад, бозистода, дар азоб ба забон овард:

– Воқиан, аҳвол бад гуфтӣ, а? Хайр, бегоҳ писаратро ба идора фирист. Шояд мудири анборро ба гап андохта, ду-се кило орд ёфта диҳам...

...Музаффар баробари ғуруби офтоб аз ҳисоби калхоз панҷ кило орди ҷав гирифта омад.

Рӯзи дигар падару писар Боғи Боло мерафтанд. Дар самти шарқи осмон ранги арғувонӣ медавид. Аз кӯҳи наздик, ки дар назар тимсоли ҳайбат менамуд, насими фараҳафзои субҳгоҳон вазида, ба тану ҷони кас мадори тоза мебахшид.

Музаффар аз паҳлуи падар қадам монда, баъзан дар як ғурури кӯдакона ба қаду қомати расо, китфони барҷаста ва чеҳраи ҷаззоби ӯ менигарист. Ана ҳамин марди паҳлавон падараш... Вай чанд сол боз набуд. Дар куҷое ба фашистони *бадтол* майдон мегирифт.

«Модарам мегуфт, ки додот ба туфанг ҷанг мекунад. Канӣ туфанги ӯ? Чаро ба худаш наовард?..»

Он рӯз падараш дар тан шиму куртаи хокаранги аскарӣ ва дар пой мӯзаи бақувват дошт. Остинҳояш то оринҷ барза-

да буданд. Дар китфиросташ як каланди калон, бардам қадам мениҳод...

Музаффар то ангурпазӣ ҳар саҳар ҳамроҳи ӯ Боғи Боло рафта, ҳини гавгум бозпас хона меомад. Вай дар он ҷо, дар боғоти калхоз, соатҳои дароз ба дастони печони падар, ки мудом ба коре банд буданд, дар ҳавас чашм медӯхт... Ва медид, ки чӣ тавр *шахси* ба дилу ҷонаш аз ҳама азиз замини чор-панҷ сол инҷониб партави сахтро нарм мекунад; араҳи сару рӯяш дар зери анвори сӯзони офтоб мисли донаҳои хурди марворид чӣ сон ҷило медиҳад. Ҳангоме вай «ҳаҳ! ҳаҳ!» – гӯён каланд мезад, ба Музаффар чунин менамуд, ки дар дунё аз падараш каси тавонотар нест. Дар ин гуна лаҳзаҳо, то пуштибони камгапаш ташнагии худро шиканад, ӯ лаби чашма рафта, зуд-зуд оби зулол меовард.

Ҳоло ҳам Музаффар дар ёд дорад, ки *вай* чӣ хел алаф медаравид – эҳа! Пойдосаш ҷарангосзанон садо бароварда, мунтазам пасу пеш медавид ва анбӯҳи алафро ширт-ширт бурида, якмаром ба замин мехобонд. Бисёрҳо шудааст, ки гӯё афсунаш карда бошанд, Музаффар аз пойдоси ялақосии падар чашм канда наметавонист...

Ангур ала шуду ташвиши онҳо зиёдтар гардид: бачаҳои деҳа дар ҳаваси duздӣ меомаданд. Аксар вақт падари Музаффар аз ягон канор липпӣ берун омада, онҳоро ба даст меафтонд. Аммо ҳаргиз намезад, дашном ҳам намедод; фақат ин ки гӯшашонро оҳиста мекашид ва ба дасти ҳар кадоме яксарӣ ангур қапонда, мегуфт:

– Минбаъд агар мева хоҳед, аз худам пурсед. Мабодо боз дуздӣ кунед, ба чанг оварда, дар пеши ана *он* коза баста мемонам – офтоб хӯрда, бемалол хоб меравед!

Ҳамон шабу рӯз падар аз хона як палоси дарида, кӯрпаву кӯрпача ва косаву табақ гирифта, ба козае ки дар пуштаи баланди миёни боғ сохта буд, кӯчида омад.

Музаффар қариб ҳар бегоҳ хона рафта, аз аҳволи модараш хабардор мешуд ва дар бозгашт порае кӯмоч ё ба ном ягон дами гарм меовард. Баъзан, ҳангоме ки падар дер гоҳ ба обмонӣ, хишова ё хомток машғул мегардид, дар сояи бари коза нишаста, боғро ҳушёр посбонӣ мекард.

Боре вай чоштгаҳ ба хона омада, модарашро ғамгин дар-

ёфт; аз чашмони варамидаи суп-сурхаш баръало аён буд, ки нав гиристааст.

– Ҳа, оча? – гуфт Музаффар, карахт шуда.

– Бачаи ёригарам, писаракам, нури дидаам! – Модар ӯро дар оғӯш гирифта, гаштаву баргашта бӯсид. – Додот нағзанд? Чӣ кор мекунанд?

– Хомток...

– Барои чӣ худашон наомаданд?

– Корашон мӯл. Ту аҳвол пурс гуфтанд... Бошад, ягон хӯрданӣ биёр гуфтанд.

– Очаат садқа, дар хона ҳеҷ чиз нест-ку.

– Хайр, гашта меравам.

– Рав, писарам, ба додот мадад расон. Гӯй, ки вақт ёфта, як сари қадам биёянд.

Музаффар аз ин ҳолати модар малул гардида, хоҳам-нахоҳам самти Боғи Болоро пеш гирифт.

...Вай қариби бегоҳ боз ба хона омад; ҳамроҳи падараш омад. Гурусна буд, дам ба дам дилаш беҳузур мешуд... Имрӯз нон нахӯрдааст. Ҳар пешин як лаб кӯмоч ё порае нони ҷаву каме ангур хӯрда, курраи асп барин бепарво мегашт. Барои чӣ модараш ин саҳар ба вай нон надод? Охир, як сол қабл «ҷанг тамом шавад... додот гашта биёянд, дигар ҳеҷ гоҳ гурусна намемонӣ», – гуфта буд! Мана, падараш сиҳат-саломат баргашт, аммо канӣ нон?!

Музаффар ба ҳамин гуна хаёлҳо дар лаби суфа менишаст. Пас ӯ баногоҳ аз дарун овози гиряолуди модарашро шунид, ки яқин шикоят мекард. Лекин вай чӣ мегуфт – фаҳмида натавонист, гӯё ин садо дар дуриҳо меларзид, пахш мехӯрд.

Баъди фурсате аз хона овози падараш низ баромад:

– Аҳволи калхоз аз аҳволи мо беҳтар не. Сабр кардан лозим, ҳамааш дуруст мешавад...

Ҳангоме ки офтоб ба ғуруб рафта, дар рӯи замин торикӣ мехамбид, падар ба як муҳаббат Музаффарро аз дасташ гирифта, ҷониби кӯча бурд. Сархаму андешаманд буд. Вазнин қадам партофта, гоҳо бидуни ихтиёр ангуштони нозуки ӯро мулоим мефишурд.

Ҳамон бегоҳ Музаффар шояд аввалин маротиба ба сар то пои падараш меҳрандуд зеҳн монд ва ақида кард, ки вай

худро хеле коҳондааст. Ришаш расида, чеҳрааш тира метофт; лабонаш парсин баста буданд. Бозувони серрагупаяш дар офтоб сӯхта, каме пӯст партофтаанд. Ҳар ҷо-ҳар ҷои кафи даст ва зери нохунҳои бақувваташ захмин шудаанд. Сарулибоси аскарии ӯ, ки нахустин рӯзи ба ин раҳ даромадани онҳо тозаву шинам буд, акнун ранги аслашро қариб гум кардааст. Тахтапушти куртааш аз арақи бадан шӯра баста...

Аз рӯбарӯ «ассалому алайкум» гуфтани касе падару писарро ба худ овард: як қадам дуртар аз онҳо мудири анбори калхоз Хоҷамаст меистод. Ду рухсори чун таки калӯш парзадааш сурх буданд. Дандонҳои тахмин аз дуди тамоку зардашро намоиш дода, вай тунук механдид.

– Нағзед, ака? Ба омаданатон се-чор моҳ шудаасту ягон бор шуморо надидаам.

Хоҷамасту падари Музаффар мисли дӯстони дерин ҳамдигарро канор гирифтанд.

– Худоро шукр, овораи кору бор... гаштаем.

– Зиндагӣ чӣ хел?

– Як навъ, додар... Асари ин ҷанг дар ду-се соли наздик барҳам намехӯрдагӣ барин.

– Рафту аз ягон чиз танқисӣ кашед, бемалол фаҳмонед. То тавонам, ёрӣ мерасонам.

Музаффар дар хотир дорад, ки ҳамон вақт падараш ҳатто ранг бохта, каме фикр карду баъд дудила:

– Кошкӣ як халта гандум ёфта медодӣ, – гуфт.

– Ҳеҷ қисса не, ака. Гандум ҳам кирои гап? Пагоҳ *ин* шербачаро хона фиристед. Худатон медонед, ки ба пул ёфт намешавад. Лекин барои шумо... ягон тадбир месозам.

– Барака ёб, додар!

Хоҷамаст поин рафту онҳо боло.

Падар акнун шод буд, сабук қадам мезад...

Он шаб Музаффар дар коза танҳо хобид: падараш об баста, то субҳ се-чор таноб юнучқаро шодоб кард.

Нисфи рӯз Музаффар чой ҷӯшонд.

Падар бастаи дирӯз аз хона ҳамроҳ овардаашро кушод. Дар он як каф ғӯлингу чанд дона қурут буд. Онҳо хушу хурсанд чой нӯшиданд. Сипас вай сари ӯро маҳин як сила карда, дар ғами кори худ боз рӯ ба паҳнои боғ ниҳод.

Ва танҳо вақти офтобшинам баргашт. Музаффарро гирифта, хона омад; хару ҷуволи ҳамсояро оварда, хандон пурсид:

– Ҳавлии Хоҷа-амакатро медонӣ, писарам?

– Ҳа-а...

– Бисёр хуб, ана ин ҷонварро савор шуда, зуд ба раҳ даро. *Вай* гандум медиҳад, бор карда мебиёрӣ.

...Музаффар дар манзили Сайфиддинов харро ба мехи дарвозахона баст. Ва қадре кебида, ба дарун қадам монд.

Дар назди айвон палос густурда, ба рӯяш як тал гандум рехта буданд – мумкин онро шамол медоданд.

Музаффар фурсате рост истод. Ба ҳавлӣ даромадани ӯро ҳеҷ кас пай намебурд. Ҳушаш банд, Сайфиддинов дар паҳлуи занаш ба диққат гандум тоза мекард.

Ниҳоят Музаффар пештар рафта, салом дод.

Сайфиддинов як қад парида, ба ақиб нигарист ва нохост ӯро дида:

– Эъ, ин туӣ?.. Хайр, биё, – гуфт. Пас вазнин бархоста, пурсид: – Канӣ халтаат?

Музаффар тозон қафо гашта, аз пушти маркаб ҷуволро гирифта омад ва дудаста ба Сайфиддинов дароз кард.

– Эҳа, ҷувол-ку?!

Вай онро ба пеши пояш партофт.

Музаффар сар ба зер афканд.

– Чанд сӯм овардӣ?

– Пул наовардаам.

– Барои чӣ?

– Охир… – лаб газид ӯ.

Сайфиддинов каме фикр карда, ба заҳрханд ҷуволро баргардонд.

– Ин тавр бошад, рафта ба додот расон: агар чорсаду панҷоҳ сӯм фиристад, аз анбори калхоз ягон халта ҷав ёфта медиҳам. Гандум не... Хуб?.. Гӯй, ки амакам ҳамин хел фармуданд... Бепул дода наметавонам. Наход вай худаш нафаҳмад!

Музаффар:

– Ха-айр, – гуфта, сӯи дарвозахона мерафт, ки ногаҳон ба гӯшаш овози зани Сайфиддинов нишаст:

– Ин чӣ берӯӣ! Дар кафи даст як тин надоранду ибо накарда, ба хонаи мардум ҷувол бардошта меоянд. Дилака-

шон нони гандум хостааст...

Падараш Музаффарро дар бари дарвоза интизор буд.

– Ҳа, писарам, холӣ омадӣ?

– Агар чорсаду панҷоҳ сӯм барам, аз анбори калхоз ягон халта ҷав ёфта медодааст.

– Ҳамин тавр гуфт?

– Ҳа-а, худаш дар рӯи ҳавлӣ гандум тоза мекард...

Падар ба азоб хандид ва дигар лаб накушод. Фақат ӯро бардошта, беозор аз хар фуроварду нарм ба оғӯш кашид.

Он бегоҳ Музаффар баъди аз ҷанг баргаштани пуштибонаш нахустин бор ба тамоми овоз талх гирист.

*

– Очааш!

Аз ин нидои баланд Музаффар ба худ омад.

– Лаббай! – шунида шуд аз даруни хона.

– Ҳамон пули ба рӯзи *мабодо* пасандоз кардаамонро ин ҷо биёр.

Модар як бастаи хурдро хомӯш дар пеши Насим-амак гузошт ва чун соя онтарафтар рафта, сараш андак хам, хаёлманд нишаст.

Насим-амак бастаро кушод.

Музаффар ба Сайфиддинов нигарист. Дар симои то ҳол карахти вай хун давида, чашмони танг-танги кабудаш хушнуд бозӣ мекарданд.

– Мана, Хоҷабой, буду шудаш ҳамин. Якҳазору шашсад сӯм... Ба ҳар эҳтимол кам-кам ҷамъ меовардем. Одамизод намедонад фардо чӣ пешомад дорад... Ду рӯз пас бозор... Модагавам ба фурӯш равад, боз чорсад сӯм медиҳам.

– Илоҳӣ якатон ҳазор гардад. Маро ҳам худо ба рӯзҳои нек расонаду дасту остин барзада, дар хизмати шумо бошам.

Сайфиддинов пулро филҳол ба киса андохта, саросема бархост.

Насим-амак ҳам аз ҷой хеста, калӯшашро пӯшид, ки *меҳмонро* гусел кунад.

Аммо Музаффару модараш наҷунбиданд.

– Хайр, додар! Хайр, апа!

Сайфиддинов пеш-пеш, Насим-амак аз қафои ӯ ба ҷони-

би дарвоза рафтанд.

Баъде ки падараш хотирҷамъ гашта омад, Музаффар беихтиёр пурсид:

– Чӣ, додо, фаромӯш кардед? Вай, охир, дар замонаш шуморо ба як халта гандум нахарида буд!

– Бани одам на некиро аз ёд мебарад, на бадиро...

– Пас чаро ба вай пул додед? Барои чӣ нагуфтед, ки пояшро дар ин ҳавлӣ намонад? Боз гавро фурӯхтан мехоҳед...

– Осуда бош, писарам! Ба бад нек будан лозим. Зиндагӣ ҳамин... Чӣ гӯям? Ту ҳоло бисёр чизҳоро намефаҳмӣ. Ба кушандаи падарат модаратро деҳ гуфтаанд. Асабӣ нашаву чой каш... ташнаам!

– Не, додо, ман ба ин хел махлуқи беимон ҳаргиз некӣ намекунам. Вай, охир, дузд аст! Агар дузд намебуд, дар анбораш камомад намеёфтанд.

– Рӯи одамизод аз алав гармтар...

– Бало ба паси рӯяш! Ҷинояткор бояд ҷазо бинад. Шумо имрӯз ба як қаллоб мадад расонед, аз об хушк мебарояду фардо боз ҳамон ҳунарашро давом медиҳад. Беҳуда нагуфтаанд:

Бад аз навхати ҷоҳ бадтар шавад,
Чу гардад қавӣ, мор аждар шавад.

Музаффар, тавре ки ба кадом кори таъхирнопазир азм карда бошад, шитобон аз ҷой хест.

– Куҷо меравӣ? – дар ташвиш пурсид падар.

– Хонаи Хоҷамаст, додо... Намемонам, ки вай лаънатӣ ба араќи ҷабини мо рӯи сиёҳашро шуста, сурх нишон дода гардад! – қатъӣ гуфт писар.

Насим-амак андешаманд ба торикии тарафи дарвоза менигарист. Лекин... ҳоло сабаб чӣ буд, ки наметавонист Музаффарро аз чунин иқдом боздорад.

*1969*

## ТАСОДУФ

Мо дар автобус фақат ду нафар будем – ман ва ҳампаҳлуям... – марди тақрибан сӣ-сивудусола, ки гардани

борикашро ба даруни гиребони каме чиркини худ кашида, гӯё аз касе ё аз чизе хавф бурдаву хаёломез ғунча гардида… ба тиреза ҷафс шуда менишаст. Аҷаб шаклу шамоили ҳақирона дошт вай. Чашмони андак хурди сиёҳаш тарсу метофтанд. Пойафзори арзонбаҳояш лой ва дарида буд. Китфонаш лоғар, мӯи парешон ва эҳтимол рӯзҳо инҷониб ба шона вонахӯрдааш тунук. Дастонаш дароз, безеб... Бар замми ин ангуштони борики ӯ дар сари зонувони тезаш ҳеҷ ором намегирифтанд – меҷунбиданд, қуфлу калид мешуданд, меларзиданд.

Автобус дар яке аз кӯчаҳои на чандон равшани канори шаҳр ба суръат раҳ мепаймуд. Вай аз байни *он* қасабаҳои ноободи гузашта мерафт, ки ба якрангӣ, иморатҳои паст ва ҳавлиҳои бетартиби худ ҳар дафъа дар дили кас ҳузн тавлид мекарданд.

Аз афташ аён – ҳампаҳлуи ман ҳам ҳоло аз манзараҳои носози ду самти кӯча, ки дар тасарруфи шаби нимторики тирамоҳон ба назар тазйиқовар менамуданд, дилтанг мешуд.

Шояд ман ғалат мекунам...

Балки ин ҷойҳо ба вай мақбуланд.

Боз... кӣ медонад?

Лекин табъи ман торафт хира мегардид. Аз торикии ғояти шаб, аз раҳи дури хонаам, аз автобуси фаршу курсиҳояш чиркин, аз ҳавои рутубаташ вазнин...

Мехостам ба касе ҳамгап шавам. Вай ягон чиз гӯяд, ман чизи дигар гӯям. Вай хандад, ман ҳам хандам, бемалол хурсандӣ кунам.

Аз ин рӯ боз ба ҳампаҳлуям нигаристам.

Ва ҳайрон шудам. Чӣ хел, ки ӯ ба ман... қадре *монанд* буд. Аммо аз кадом ҷиҳат – инашро фаҳмида натавониста, хомӯширо авло донистам.

Чӣ лозим беҳуда лақидан!

Маълум, ки вай ҳам ман барин як одами одӣ. Дар зоҳираш ҷаззобӣ ё фавқулодда ифодае нест, ки боиси майлу таваҷҷӯҳ гардад. Ақлу идрокаш низ яқин муносиби шаклу шамоилаш, гиребони каме чиркинаш...

Вале барои чӣ худро ин қадар ба тиреза ҷафс карда нишастааст?

Ба хаёл меравад эҳтимол. Ва гӯё...

Тарсе ҳам дорад.

Аз чӣ метарсад?

Аз кӣ?..

Ман беихтиёр табассум кардам.

Аз айёми донишҷӯӣ шахсеро мешиносам, ки агар кӯча барояд – хоҳ дар шаҳр, хоҳ дар деҳа… – ҳамеша так-таки девор мегардад. Як бор кунҷковиам боло гирифта, пурсидам: чаро ин тавр?

«Дар дунё ҳар тоифа одам ҳаст, – озод гуфта буд ӯ дар ҷавоб. – Аз мобайни кӯча гардам, кӣ медонад... Мумкин ягонтааш тела диҳад, китф занад, ҳақорат кунад, ё саг барин дарафтад. Ё аз ин ҳам бадтар – ба кисаам даст халонад... Дар дунё ҳар тоифа одам ҳаст. Эҳтиёт зарар надорад».

Зиёда аз бист сол мешавад, ки ман ба он *мард* шиносам. Зуд-зуд ба ҳам вомехӯрем; гоҳо сӯҳбат мекунем. Аммо то ҳол чӣ инсон будани ӯро фаҳмида наметавонам...

Инак ман он шиносамро дар хотир оварда, беихтиёр табассум кардам. Ва ногаҳ боз ба паҳлуям нигаристам.

Ҳар ду чашмаш дар пушти тирезаи автобус, вай ҳамчунон ғарқи андеша буд.

Маълум, ки аз кадом ҷиҳате на танҳо ба ман монанд аст...

Бештар он шиносамро мемонад.

Як одами одӣ.

Ман барин, вай барин...

Мувофиқи ҳолаш, ҷаҳонбиниаш, вазъи асабаш албатта хӯю хислате ҳам дорад.

Кам нестанд ин гуна одамон.

Пас ба вай ҳамгап шудан чӣ лозим? Беҳуда...

Лекин вақте ҳампаҳлуям банохост:

– Акнун фаҳмидам; фаҳмидам, ки чӣ тавр дар саросари дунё шӯҳрат ёфтан мумкин, – гуфта, ба чеҳраи рангпаридааш қадре хун давид, ман дар ҷои нишастаам карахт шуда, фикрамро дар бораи вай ҳамоно тағйир додам.

На аз он сабаб, ки дар барам як шахси ба назар ақлаш коста менишаст – охир, дар байни шиносҳои ман ин қабил одамон ёфт мешаванд. Мумкин дар байни ёру ошноҳои шумо ҳам якта-нимта бошанд.

Ман барои он дар ҷоям карахт шудам, ки...

Беҳтараш – аз ин хусус даҳон намекушоям. Зеро бисёр касон маро чашми дидан надоранд; аз зери нохунам чирк меҷӯянд; ҳеҷ айбамро наёбанд, думи сагат каҷ будааст мегӯянд. Пас ин беҳ, ки сирри диламро санги сард барин ҳамеша ба худ гирифта гардам.

Ман як андоза ором шуда, ба андоми вай мулоим нигаристам.

– Аҷиб-ку... Ном баровардан... яъне ба кадом тартиб?

– Гап дар сари он ки шаҳр сохтаниам, – гуфт дар ҷавоб ҳампаҳлуям.

– Чӣ хел шаҳр? – ҳайрон шудам ман.

– Шаҳре ки монандаш дар рӯи замин набошад, – гуфт ӯ қатъӣ. Ин дам дар лабони парсинбастааш як табассуми омехта ба ормонҳои ширин нақш баста буд.

– Хайр?

– Ба шумо маълум бод: фарзанди одамизод фақат ҳамон вақт машҳур мешавад, ки ба халқаш хизмати беҳамто кунад; агар баистеъдод бошад, барои минбаъд ягон ёдгори бузург гузорад.

– Дуруст, – ба аломати тасдиқ сар ҷунбондам ман. – Масалан, гузаштагонамон Фирдавсӣ, Ибни Сино, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик...

– Бале, – суханамро аз даҳон гирифт ӯ. – Ман ҳам мехоҳам, ки номам ба мисли он абармардон дар саросари ҷаҳон паҳн гардад. – Сипас даме сукут карда, ваҷоҳаташ якбора ҷиддӣ шуд. – Ҳоло тарҳи он шаҳрро ба хурдтарин ҷузъиёташ пеши назар мебинам. Агар майли шунидан доред...

– Ба чашм!

– Шумо дар ҳаққи ман хиёнат намекунед баъд?

– Худо нигаҳ дорад. Ғайр аз ин... оё шӯҳрати касеро дуздидан мумкин аст?

– Ҳаргиз!

– Пас чаро аз ин хавф мебаред?

– Алалэҳтиёт. Олами ҳодис гуфтаанд.

– Хайр, меҳрубон бошед, гап занед.

– Шумо ба мӯйсафедон, умуман пирони дасткӯтаҳ, бемадор, барҷомонда... эҳтиром доред?

– Бешубҳа.

– Оё медонед, ки дар шаҳрҳои калон зиндагӣ кардан барои он бечораҳо – хоҳ зан бошанд, хоҳ мард – то чӣ андоза душвор аст?

Ман китф барҳам кашидам.

– Чаро душвор?

– Ана, дидед: шумо намедонед! Аммо ман медонам.

Аз ин қатъияти вай бештар ҳайрон шуда, боз китф барҳам кашидам.

– Шояд.

– Шояд не, бешак! – гуфт ӯ ба як эътимоди комил ва дар чашмони хастааш оташаке падид омада, сухани худро идома дод: – Ман *медонам* азоби онҳоро, нағз медонам.

– Аҷиб-ку.

– Аҷиб ҳам гап?! Хуб... ҳоло гӯш кунед. Шумо ба ман зуд мақбул шудед. Вагарна дар ин хусус ба ягон кас даҳан намекушодам. Бигузор Афлотун бошад... Лекин шумо ба ман бисёр хуш омадед.

– Ташаккур. Сари маро ба осмон расондед.

– Пас гӯш фаро диҳед, – такроран гуфт вай, ду-се бор сурфидаву гиребони сахт ғиҷимшудаи пиҷакашро андак ба тартиб оварда. – Боре ман аз калонтарин кӯчаи як шаҳри калон... ҳозира барин автобуссавор гузашта, ба хонаи рафиқам мерафтам. Вале он автобус ин гуна холӣ не, балки пур аз одам буд. Ман дар пешгаҳ рост меистодам. – Вай даме хомӯш монд. Пас ба абрувони борикаш гиреҳ андохта, рост ба рӯям нигарист. – Ҳоло ба шумо чӣ гуфтам?

– Боре дар кадом шаҳри калон...

– Бале, дар шаҳри калон, ниҳоят калон... Ман аз меҳмонсаро баромада, ба хонаи як рафиқам мерафтам. Кӣ будани ӯро ба шумо фаҳмондан шарт не. Фақат ҳаминашро мегӯям, ки ин хел одамони хушком дар дунё ками дар каманд... Хулоса, ман дар пешгаҳи автобус будам. Ба гузаргоҳе расидему аз чароғҳои раҳнамо баногоҳ сурхаш даргирифта, автобус таққӣ истод. Кӯча аз ду тараф пур-пури мошин буд; дар интизори чароғи сабз... Мефаҳмед, мошинҳо... сабукраваш ҳам, автобусаш ҳам, боркашаш ҳам... эҳа-а! – ба ҳафт ранг буданд онҳо. Бе тоқат шуда, интизорӣ мекашиданд, ки ча-

роғи сабз даргираду ҳаракати худро давом диҳанд.

– Хайр?

– Одамон аз байни ҳамон арасот якдигарро тела дода, сели сиёҳ барин шитобон ба ду бари кӯча мегузаштанд.

– Дар ҳама ҷо мошин ҳаст, дар кӯчаи тамоми шаҳрҳо гузаргоҳ ҳаст, чароғи раҳнамо ҳаст...

– Дуруст, лекин он хиёбон бисёр васеъ буд. Чунон васеъ, ки эҳа-а-а!

– Албатта, шаҳри калон...

– Шумо аввал хомӯш ба гапам гӯш диҳед, – гуфт вай, каме сахт карда.

Ва ман аз суханронии бафурсат ва дурушти ҳампаҳлуям дилтанг шуда, лаб фурӯ бастам.

– Қисса кӯтоҳ, ҳама гузаштанд, – боз ба ҳикояташ идома бахшид ӯ ва ангуштони хушки дасти росташро мушт карда, ба сари зонуяш зад. – Лекин...

– Чӣ лекин?

– Лекин чароғи сабз даргирифту... Ду одами пир, бениҳоят пир – яке мард, дигаре зан... акнун ба мобайни кӯча расида буданд. Мошинҳои пеш, маторашон баландтар ғурида, ҳаракат кардан мехостанду барои он ду пиёдагард...

– Маҷбур дар ҷои худ меистоданд, – аз сергапии вай тоқатам рафта, оҳиста гуфтам ман. – Ҳамин тавр?

– Ёфтед!

– Баъд чӣ шуд?

– Ман базӯр оби дидаамро нигоҳ доштам.

– Э-эъ! Сабаб?

– Чунки он ду нафари шояд зану шавҳар хеле пир буданд.

– Чӣ илоҷ, одамизод умрашро дидан пас...

– Як бор гуфтам-ку: аввал ба гапи ман гӯш кунед, саросема нашавед, – ба миёни суханам лагад зада, омирона фармуд ҳампаҳлуям.

– Бубахшед.

– Хӯш ки бошад, онҳо аз мобайни кӯча дар азоб қадам мемонданд. Аз ғояти алам тану ҷонам сӯхта, ман баръало медидам, ки пиру кампир давидан мехоҳанд. Аммо наметавонистанд – ҳар лаҳза мекалавиданд... Аз тарси он ки мошинҳо ба ҳаракат омада, мабодо зер кунанд, дар ҳарос ба ду

тараф нигариста, асозанон таваккал пеш мерафтанд. Базӯр мерафтанд...

– Бечораҳо, – гуфтам ман, бадтар бетоқат шуда.

– Албатта... – тасдиқ кард ҳампаҳлуям, дар таассуф ва хаёлолуд калла ҷунбонда. – Пиразан ғафс буд, бо вуҷуди ин қомати баландаш хамзада... Вале пирамард, яъне шавҳараш... вай ба назарам бисёр лоғар, пажмурда ва муштак барин майда метофт. Дар як дасташ тӯрхалтаи пур – намедонам, ки дар он чӣ буд – ва боз... асоча; ба дасти дигар пиразанро маҳкам аз дасташ гирифта, дар ҷадал пеш мекашид. Ҳамин вақт ба дами бод тоб наоварда, кулаҳ ногаҳон аз сараш парид...

Ҳампаҳлуям гӯё ба андешаи гароне рафта, сукут кард.

– Баъд? – пурсидам ман, аз чӣ бошад, ба ҳаяҷон омада.

– Баъд... – заҳрханд намуд ӯ. – Чӣ мешуд баъд?! Онҳо тарсидаву ларзида, дукаса кулаҳро бардошта, сад бор мурдаву аз нав зинда гардида, оқибат кӯчаро гузаштанд. Ва мошинҳо аз ҷои худ канда шуда, даршаст ба раҳ даромаданд.

– Ҳамааш ҳамин?

– Ман гуфтам, ки онҳо пири фартут буданд...

– Хайр?

– Боз гуфтам, ки кулоҳаки кӯҳнаро дукаса бардоштанд.

– Аҷаб…

– Маънии гапамро нафаҳмидед?

– Не-е, – забон хоидам ман. – Фаҳмидаму… шояд камтар.

– Азоб аст пирӣ! Азоби алим аст.

– Ҳар хел – ба яке азоб, ба дигаре роҳат... Аммо ҳодисае ки ҳоло нақл кардед, ба *он* шаҳр, ба шӯҳрат чӣ муносибат дорад?

Вай баланд хандид; чунон баланд, ки ман дар ҷои нишастаам як қад парида, гуфтам:

– Узр мехоҳам. Аз афти кор... воқиан ҳам мағзи гапатонро нафаҳмидам...

– Мағзи гапам ин ки ман як шаҳри нестдарҷаҳон сохта, дар рӯи дунё ном баровардан мехоҳам.

– Ин фикр кай ба саратон омад?

– Шаш сол муқаддам. Ҳамон рӯзе ки он пиру кампирро дар калонтарин кӯчаи шаҳри бисёр калон дар як ҳоли табоҳ дидам.

Ман аз ҳикояти ӯ ҳеҷ чиз нафаҳмида ва ҳам *фаҳмида,* дар чанги як ҳолати гарон лол мондам.

Автобус дар истгоҳе қарор гирифт (ба он се нафар ҷавони хушлибос дохил шуданд...) ва боз роҳи худро идома дод.

Ҳампаҳлуи ман, ки низ сукут меварзид, гашта ба гап даромад. Акнун паст буд овози вай. Яқин намехост, ки сирри дилашро ҷавонҳо шунаванд...

– Дар шаҳре ки ман месозам, танҳо одамони пиру барҷомонда зиндагӣ мекунанд. Ҳавои он шаҳри зебо ҳамеша мӯътадил мешавад. Хиёбонҳо пур аз гулу гулзор, ҷӯйҳо пур аз оби равон; сари ҳар қадам фаввора... Дар ягон ҷо мошин наменамояд!

– Ҳамеша мӯътадил будани ҳавояш...

– Барои ҳалли ин масъала, – сухани маро бурида, гуфт вай ҷиддӣ, – олимони табиатшиносро ба кор андохтан лозим. Аз дасташон меомадагист.

– Орзуи шири мурғ барин амри муҳол.

– Ҳеҷ қисса не, мағзашонро об кунанд. Онҳо ҳам падару модари пир доранд, ё доштанд…

– Боз як масъала ҳаст.

– Канӣ... шунавем.

– Дар ҳамон шаҳре ки месозед... ман гуфтаниам агар онро созед, шумо одамони пиронсолро чӣ тавр ҷамъ меоред?

– Ба назди ҳар кадомаш рафта, аз сидқи дил мефаҳмонам!

– Розӣ нашаванд, чӣ?

– Ман худам ҳам дар ин бора моҳҳои охир бисёр фикр мекунам. Беҳад бисёр... Лекин шаҳри гуфтаамро месозам. Ҳатман…

– Мақсади наҷиб.

– Хуб, ҳоло шумо чӣ фикр доред – ман агар ҳамин кори бузургро ба сомон расонам, номам дар таърих мемонад ё не?

– Мемонад, – гуфтам ман, боз ҳам моту мабҳут гардида.

– Раҳмат ба шумо, ҳазор ташаккур. Аммо ин сирри маро ҳеҷ кас нафаҳмад. Илтимос.

– Намефаҳмад, – ҳушам парешон, ваъда кардам ман.

– Пешакӣ миннатдорам.

Ҳампаҳлуям...

Балки ҳамсафари ман аз нав хомӯш монд.

Автобус ба суръат пеш мерафт.

Се ҷавони хушлибос, ки сари раҳ ба он савор шуда буданд, аз кадом хусус байни якдигар гап зада, баланд ва беибо механдиданд.

Дар истгоҳи дигар ман фуромадам.

Чунон ҳолате доштам, ки шушам қариб ба даҳонам омада, нафасам мегашт. Охир, марди дар автобус нишаста айнан худи...

Беҳтараш – аз ин боб ҳарфе намегӯям.

Ман аз автобус ду истгоҳ пеш фуромадам. Резаборон мерехт; баланд буд рутубати шаби тирамоҳ.

Дар канори шаҳр, аз байни иморатҳои якранги қасабаи ноободе ки дар дили кас, –

Бале...

Дар дилу дидаи кас аксаран ҳузн тавлид мекунанд, оҳиста-оҳиста ва андешаманд қадам партофта, ман ба сӯи кулбаам мерафтам. Ҳикояти марди лоғари асабинамо ва гиребони каме чиркини пиҷакаш ғиҷим... хаёли маро бениҳоят парешон намуда, аз як кӯй ба кӯи дигар мебурд. Он қадар кӯфтаву хаста будам, ки гӯё тамоми рӯз санги хоро шикаста, инак дар ҳаваси хонаам базӯр пой мебардоштам.

Мегӯянд, ки одам агар шабаҳи худашро вохӯрад, ба чунин ҳолат гирифтор мешавад.

Ҳамин бовар рост бошад?

*1987*

## СИТОРАИ КОРВОНКУШ

Офтоби тирамоҳ охирин нурҳои ларзонашро аз пештахтаи тиреза ғундошта, оҳиста ба пушти тали Шаҳидон хам хӯрд, ки он ҷо қабристони деҳа воқеъ буд. То ин дам магасе ба умеди берун рафтан худро ба шишаҳои тиреза андохта, беист ғинг-ғинг мекард; ҳамон магас, чунон ки аз тарс бошад, баробари фурӯ нишастани офтоб ногаҳон хомӯш шуд. Хонаро якбора сукунати сард ва тазйиқовар фаро гирифт. Деворҳои сафеди он ба монанди куртаи суфе ки аз бисёр шустан рангаш паридааст, ноаён хира гардиданд. Сақф гӯё

пасттар фуромад ва асбобу анҷоми хона дар ҳукми хомӯшӣ монда, ҳама ҳузнангез тофтанд.

Мӯйсафед, ки тамоми рӯз ба ҳолпурсии такрор ба такрори кампираш ҷавоб надода, рӯ ба девор карахт мехобид, агарчи чашмони чӯкидааш дер боз баста буданд, аз ин тағйирот ба алам пай бурд. Зеро ҳар дафъа, баъди ғуруби офтоб, то ҳангоме ягон кас чароғро дарнагиронад, хона ба назараш мисли заминкан тангу тор намуда, дили заъфзадааш нохост фишурда мешуд.

Вай инчунин эҳсос кард, ки аз умраш соатҳои башумор мондааст, то фардо намерасад; дигар на рӯи офтобро мебинад, на пардаи шомро. Кошкӣ он лаҳза тезтар омада, тани афгорашро аз панҷаи бераҳми дард мерабуд. Кошкӣ... Мегӯянд, ки одами бадгуҳар ба сад азоб ҷон медиҳад. Агар ҳамин гап рост бошад, пас вай бадгуҳартарин фарзанди инсон будааст. Боз мегӯянд, ки пеш аз марг бандааш ҳар қадар ба даргоҳи худованд тавба гузорад, дар он дунё гуноҳаш ҳамон қадар сабук мешавад. Агар ин гап низ рост бошад, пас тавбаи дусолаи ӯ ба ғуфрони ҳазор бандаи гунаҳкор кифоя мебуд.

Сояи тунуке ки тадриҷан аз сақф ба фарши хона меёзид, оқибат ба сурати заъфарони мӯйсафед печида, онро ба монанди хок тира гардонд. Вале ба сари бинии калони вай ҳеҷ зӯраш нарасид. Сари бинии теғкашидаи бемор ҳоло аз будаш зиёдтар зардча тофта, як дутинаи нави ҷилодорро ба хотир меовард, ки даст ба даст нашуда, тифоқо болои хокистар афтидааст.

Мӯйсафед ба душворӣ паҳлу гашта, пичирос зад: «Тавба кардам ба даргоҳат, худоё! Тавба...» Овози заифаш чун хишироси баргҳои хазонгардидаи чормағзи пушти тиреза, ки дар як шохи он зоғи танҳое нишаста, танбалона бол меафшонд, ҳазин буд. Вай чашмони камбинашро аз болҳои шабранги зоғ наканда, бадард оҳ кашид ва маҷбур аз дил гузаронд, ки зоғ парандаи шумхабару бехосият аст.

Номи мӯйсафед шасту чор сол боз Назар бошад ҳам, рафту ягон кас ӯро дар ғайбаш ба забон гирад, агарчи дар деҳа ба ин ном дигар шахсе нест, ҳатман мепурсанд: кадом Назар? Чунки хурду калон мӯйсафедро ҳамчун Назари қоқ, Назари шал ва Домуллои ланг мешиносанд… То сар шуда-

ни ҷанг, азбаски тани дарозу лоғар дошт, Назари қоқ мегуфтанд. Он вақтҳо вай раиси калхоз Ҷобиров, ба қавли мардум *Юф* буд; аз нӯки қамчинаш хун мечакид. Бисёр зотҳои багурда аз зарбу лати ӯ абрешимвор мулоим мешуданд. Дар бераҳмӣ он қадар достон гардида буд, ки занони деҳа бачаҳои нофармони худро «бас, агар не, Назари қоқро чеғ мезанам», – гуфта, филҳол ором мекарданд. Вай инро медонист ва курта-курта гӯшт гирифта, аспи ғазабашро сахттар метозонд. Мефахрид, ки раият ҳатто аз шунидани номаш лоилоҷ метарсад.

Лекин банохост ҷанг сар шуду Назар дар ғами ҷонаш монда, орому қарорро аз даст дод; шабҳои дароз ғарқи андеша гардида, хобаш намебурд. Ислом дар фалон калхоз раис буд... раиси пухта буду зуд даъват намуданд. Маълум не, ки вай акнун дар он *ҷойҳо* чӣ ҳол дорад. Раҳмон низ раиси чашмикордону баобрӯ буд, аммо ба ин нигоҳ накарда, туро майдони ҷанг интизор гуфтанд. Бечора… як сол ҳам нагузашта, муфт раҳматӣ шуд. Зану фарзандони ӯ хати сиёҳашро гирифта, муддате қабл ба аҳли деҳа шунавонданд. Холи ҳавлуқма чӣ?.. Хайр, ба ихтиёри худаш рафт вай. Чунки аз рӯзи азал аҳмақ буд... Лекин дар ин солу замонаи хунрез Назар чӣ кор кунад? Аз дами бало чӣ тавр эмин монад? Имрӯз набошад, пагоҳ навбати ӯ ҳам мерасад; имрӯз набошад, пагоҳ балки зани ӯ низ хати сиёҳашро гирифта, рӯю мӯй меканад. Дар ин дунёи куҳан кӣ пешомади худро яқин донистааст? Э худо... Дар он ҷо, дар ҳалқаи маргу оташ, ба ягон тири дайду дучор омада, ҳайф шудан мумкин... Не, то аз ҷон рамақ дорад, Назар мекӯшад, ки наравад. Вай, охир, Холи ҳавлуқма барин аблаҳ не, чӣ андоза ширин будани зиндагиро нек медонад, ба қадри ҳаёти осуда, бехавфу хатар ҳам мерасад. Вай аз модар барои як рӯз не, як рӯз дар мулки бегона мурда... бегӯру кафан мурда, зану фарзандонашро обу адо кардан наомадааст. Хонаву дар дорад вай, хешу табор дорад, умеду орзу дорад. Ва ин ҳамаро ҳаргиз ба бод намедиҳад. Об хӯрдаанд, ба ҳеҷ ваҷҳ бурда наметавонанд...

Назар ниҳоят ба иҷрои қарораш, ки муддате боз дар дил гирифта мегашт, қатъӣ азм намуду шабона, ҳангоме савори

асп аз саҳро ба деҳа меомад, дар нишебии санглох пиёда шуд. Ва озод нишаста, пои росташро ба таки суринаш қат кард; пои чапашро дароз монда, як санги калони қиррадорро ба даст гирифт. Чашмонашро зич пӯшид, дандон ба дандон гузошт. Пас он сангро баробари сараш бардошта, дарқаҳр ба соқи пояш андохту ҳамон дам аз ҳуш рафта, ногузир ба тахтапушт ғалтид.

Баъди соате ба худ омада, тарсон дид, ки даруни мӯзааш аз хун тар шудаасту пояшро ҷунбонда наметавонад. Дард зӯрӣ мекард; ба пешониаш дона-дона арақи сард дамида, чашмонаш сиёҳӣ мезаданд. Ва аз байни он сиёҳӣ мунтазам ҳалқачаҳои сурху зарди нозуке берун ҷаста, ларзон-ларзон дур рафта, ахир дар мағзи торикӣ фурӯ менишастанд.

Вай ба азоб пои маҷрӯҳашро кашола карда бархост. Вале аспро дар ҷояш наёфта, боз дар санглох якпаҳлу дароз кашид. Ҳарчанд аз тазйиқи дард дигар тоқаташ намонда, маҷбур дандон ба дандон мезад, шуури дар соати бехудӣ тирагардидаи Назар оҳиста-оҳиста равшан мешуд. Ва ӯ фикр мекард, ки аспаш ин хел одат надошт, намегурехт. Ҳоло ҷонвар шояд аз кори вай шарм дошта... ё ғазабаш омада, гурехта бошад. Хайр, дар ҳар сурат нағз... Бале, нағз, айни муддао. Акнун илоҷе карда, худаш ба деҳа мерасад. Он қадар дур не вай; зӯр занад, дар як-якуним соат мерасад. Дар идомаи раҳ ягон кас вохӯрда, аҳволашро бинад, боз беҳтар – дар миёни мардум чуну чаро кам мешавад. Аз ҳар нафаре ки пеш ояд, аввал ӯ аспашро мепурсад. Сипас, ба шарте «чӣ воқиа рӯй дод?» гӯянд – албатта кунҷковӣ мекунанд, – фалокати ба сараш омадаро як-як мефаҳмонад. Мегӯяд, ки «дар мобайни дара сабили асп, намедонам аз чӣ бошад, сахт рамида, маро аз хонаи зин ба нишебии санглох гирифта партофту шиҳа кашида гурехт. Баробари гурехтан... аз боло, аз таки сумаш, як санги калони қиррадор канда шуда, карт дар банди поям зад. Боз... китфам ганда лат хӯрдааст». Вай ҳоло як кори дигар мекунад. Азоби гӯрро бинад ҳам, гармогарм китфашро зарб медиҳад, баъзе ҷои дасту рӯяшро мехарошад. Ҳатман... вагарна аз зини асп паридам гуфта, ба чашми мардум хок пошидан душвор.

...Ҳамин тавр ҳам кард. Ва пагоҳаш, вақте ки ба пушти

ҳавлии Назар мошини қаҳваранги дар пешонии кабина ва паҳлуҳояш накши салиби сурх... омада, шитобон ӯро ба бемористон бурд, фавран дар деҳа овоза шуда буд: Назари қоқ аз болои асп ғалтида, базӯр зинда мондааст.

Вай қариб ду моҳашро дар бемористон гузаронда, ниҳоят ба деҳа баргашт. Хурсандиашро пинҳон дошта наметавонист. Вай, охир, боз раис ва боз ҳамон Назари бераҳм буд! Аспи сиёҳи хушзот доимо дар зери ронаш бозӣ мекард; аҳли оилааш серу пур, дар фароғат... Худи Назар ҳамроҳи ду-се «ғамбарори табъи дил» гоҳ дар меҳмонхонаи нӯҳболорааш, гоҳи дигар дар ҳавлии улфатҳои ҳолдонаш шабҳои дарозро, ки зуд-зуд ба мағзи онҳо гиряву лобаи падару модар, зану фарзанд ва хешу табори мардони аз ҷанг хати сиёҳашон омада мепечид... – чунин шабҳоро дар кабобхӯриву шаробнӯшӣ ба саҳар мепайваст. Аз ҳеҷ чиз камӣ надошт. Воҳимаи «мабодо ба ҷанг равам» акнун тамоман аз дилаш тарошида шуда буд. Ӯ фақат аз он ки пои чапаш мелангад ва... яқин то охири умр ҳамин тавр хоҳад монд, аҳён-аҳён ғусса хӯрда, ба номи ҷанг лаънатҳо мехонд.

Пас аз ин ҳодиса ба лақаби аввалаи Назар боз як лақаб илова гардид. Минбаъд одамон ӯро дар ғайбаш гоҳ Назари қоқ гӯянд, гоҳ Назари шал меномиданд…

Чунон ки ба бемори пир тамасхуромез сари таъзим фуруд меоварда бошад, зоғ каме хам шуда, ду-се бор қар-қар карду лоқайд бол ёзонд ва аз шохи чормағз парида, болои бом гузашт. Мӯйсафед дар нафрат ҳамоно рӯ ба девор гардонд. Хонаро тадриҷан торикӣ фаро мегирифт. Ва он ба асабҳои аз кор баромадаи вай бад расида, дилашро беҳузур мекард. Гӯё сояи шом ба мори сиёҳ табдил ёфта, ноаён дар гарданаш печ мехӯрд; раҳи нафасашро баста, лаҳзаи марги ӯро торафт наздик меовард.

Аҷабо, умри одамизод чун дақиқаҳои байни офтобшинаму шом кӯтоҳ будааст. Аммо то ҳол муйсафед инро намедонист, зеро пӯсти ғафс дошт ва ҳеҷ вакт ба сараш кулфат низ наомада... Эҳтимол аз ҳамин сабаб сар ба зону гузошта, фурсати фикр кардан намеёфт. Назар ҳатто пас аз он ки баъзе сирру асрораш кушода шуданду ӯро аз раисӣ гирифта, дар ҳамон калхоз нозири ҳосилот монданд, хулосаи сиҳат набар-

дошт – аз об хушк баромада буд, охир!

Вай се-чор сол дар он вазифа ҷунбида гашту боз пасттар лағжид: мудири ферма шуд. Лекин фермаро ҳам ӯҳда карда натавонист. Калхоз як гӯсфандашро ба дута расонад, ӯ аз нав ба якта меовард... Муддати ду-се сол Назар инчунин сардори бригада буд. Баъд сардори звено ва ниҳоят калхозчии қаторӣ шуд. Ҳамин хел, чор сол муқаддам, ба нафақа баромад. Сипас як соли дароз шабҳо дар назди муллои чаласаводе нишаста, гӯё тиловати Қуръонро ёд гирифт; чанд оятро тавонам-натавонам азбар кард. Ва дар миқёси деҳа ба тавре мулло ном бардошт. Аммо мардум баъди ин ҳам, ҳеҷ набошад аз рӯи одоб, ӯро белақаб... Назар ё мулло Назар намегуфтанд. Баръакс – ба вай боз лақаб монданд. Домуллои ланг... Акнун гоҳ Назари қоқ ё Назари шал гӯянд, гоҳи дигар Домуллои ланг меноманд.

Дар бесадо кушода шуду кампираш омада, чароғро сокинак даргиронд. Хона равшан ва ба назар васеъ намуда, дар асбобу анҷоми он низ гӯё ҷон дамид.

Мӯйсафед ба тахтапушт гашт ва дарҳол ба чеҳраи кампираш, ки аз пеши болини ӯ туфдонро бардоштан мехост, хира-хира назар андохт. Инро ҳис карда, пиразан ҳам суолмез ба шавҳараш нигарист; ожангҳои гирди чашмони хастааш бештар ва резатар гардиданд. Нигоҳаш дар қайди дилсӯзӣ ва тарсу таҳлука буд.

Мӯйсафед ба вай дуру дароз назар дӯхта, ниҳоят пурсид:

– Воҳид наомад?

Паризан як қад парида, беихтиёр пай бурд, ки овози шавҳараш бегона шудааст. Ин садо... на танҳо ба овози худи ӯ, балки ба овози одам ҳам монанд набуд. Хурроки гурбаро ба хотир меовард, ё нолаи пасти бодро мемонд...

– Воҳид наомад? – такрор кард мӯйсафед.

– Не, – гуфт пиразан ва фавран илова намуд: – Вақти омаданаш расид... Меомадагист.

– Ҳа-а, – беихтиёр нигоҳашро ба сақф кӯчонд мӯйсафед.

Пиразан ҳамчунон оҳиста аз хона берун шуд. Баъди фурсате гашта омад; туфдонро дар ҷояш, назди болини бемор гузошт ва як дам сардаргум истода, мулоим гуфт:

– Пиёба пухта будам. Биёрам, ду-се чумча хӯред...

Вале мӯйсафед ҷавоб нагардонд; гӯё кар бошад, сухани ӯро аслан нашунид.

– Пиёба мехӯред?

Боз ҳамон ҳолат: мӯйсафед дам назад – на ҳа гуфт, на не. Ҳатто намеҷунбид.

Пиразан аз рӯбарӯи шавҳар дар кӯрпачаи таки тиреза нишаст ва як лаби сарандози шолашро, ки сабзтоби обшуста буд, хаёлманд газида, ба тарафи ӯ чашм партофт. Ранги мӯйсафед пахтаи кӯҳнаро мемонд; ҳеҷ гоҳ мисли имрӯза бенур набуд. Нӯки риши дароз ва қадре жӯлидааш ба гардани борики вай афтида меистод. Дастони лоғари то оринҷ лучаш чун ду чӯби хушк дар болои кӯрпа беҳаракат мехобиданд. Рагҳои соид ва пушти дастонаш, ки дар зери пӯсти лимувор зарди ҷо-ҷо доғи кунҷидакдори ӯ дамида баромада буданд, ба монанди симтӯри зангзада тира метофтанд.

Дилаш ба ҳоли шавҳар сӯхта, пиразан туфашро дар азоб фурӯ бурд ва канори сарандозро аз дандонаш раҳо дода, худ бехабар лаб газид. Вай ба ҳасрат фикр мекард, ки мӯйсафед қариб ду сол сахт бемор буд. Баъд саломатиаш тадриҷан рӯ ба беҳбуд овард ва оқибат ба по хеста, кӯча мебаромадагӣ шуд, гӯё тамоман сиҳат ёфт. Ҳатто ду-се маротиба ҳамроҳи набераaш ба маркази ноҳия рафта, хушу хурсанд бозорӣ карда омад. Лекин ба вай боз чӣ зарар расонд, ки як ҳафта қабл дафъатан аз пой афтид. Ҳамон рӯз инҷониб гоҳ баҳушу гоҳ беҳуш, ҳеҷ чиз намехӯрад, латта барин суст... Воҳид, бечора, сахт тарсид – духтур ҷеғ зада, ӯро нишон дод; гуфт, ки илтимос, дору-дармон кунед, шифо бахшед. Духтур мӯйсафедро дид ва зуд берун баромада, дасташро ба собун шуст. Пас дар рӯи ҳавлӣ, дур аз пиразан ба Воҳид чанд сухан гуфта, шитобон рафт. Вай дониста... махсус ба овози паст гап зад, то пиразан нашунавад, нафаҳмад... Баъде ки Воҳид гашта ба хона даромад, мӯйсафед, духтур «мебарем» нагуфта бошад ҳам, ба ӯ нигариста, норозӣ ғур-ғур кард:

– Худат медонӣ-ку, писарам – ман аз ҳафт маҳалли касалхона безор. Боз барои чӣ ташвиш кашида, духтур овардӣ?

– Хафа нашавед, додо, вай шуморо бурда хобондан намехост. Ҳамин тавр... омад, дид, дору таъин кард. Зарар надорад, – гуфт Воҳид, ки овозаш каме меларзид.

Аз ин сухани писар ба чеҳраи мӯйсафед як табассуми заиф дамида, дар нафасе гум шуд.

– Ба ҳар ҳол беҳуда... Дарди маро донистан осон не. На духтур медонад, на ту... Фақат худаму худо...

Воҳид ҳамон рӯз инҷониб хафа мегардад. Ҳар дафъа, аз кор омадан баробар, дар саҳни ҳавлӣ ё дар айвон ташвишомез мепурсад, ки вазъи падараш чӣ хел. Духтур ягон гапи ганда гуфтагӣ барин. Агар не... Он бегоҳ ӯро то сари кӯча гусел карда, ба хона парешон баргашт. Хомӯш буд. Аз ин рӯ тоқаташ шикаста, пиразан маҳзун пурсид:

– Духтур чӣ гуфт? Додот чӣ касал доштаанд?

Воҳид нимғурма ҷавоб гардонд, ки:

– Хаста шудаанд, пиригарӣ... Шумо осуда бошед.

Эҳтимол аст вай ҳақиқати ҳолро пинҳон медорад. Намехоҳад модараш ба ҳар навъ тахмину гумонҳо рафта, пешакӣ ғам хӯрад. Наход...

Мӯйсафед ба торикии пушти тиреза як чашм давонду «тавба кардам ба даргоҳат, худоё! Тавба...» – гуфта, боз паҳлу гашт ва кафи дасташро ба зери чаккааш гузошт. Ӯ бисёр карахт буд: рӯбарӯ нишастани кампирашро гӯё намедид, пай ҳам намебурд. Хаёлаш ба Тӯрон-тракторчӣ банд гардида, ду сол муқаддам, рӯзи ҷӯйтозакунӣ, ба вай сурху сафед шудани худро дар хотир меовард.

Ҳамон сол баҳорон сербориш буд. Қариб ҳар рӯз шохборон мезад. Аз теппаҳои канори деҳа тез-тез сел омада, ҷӯи калонро, ки аз саргаҳи ягона дарёчаи атроф об гирифта, боғоти мардумро шодоб менамуд, ба регу лой пур мекард. Бинобар ин, баъде ки боронгарӣ кам шуд – ҳаво ҳам мулоим буд, – одамон маслиҳат андохта, қарор доданд зуд ба ҳашар мебароянд! Ва саҳари якшанбе аз ҳар оила яккасиву дукасӣ белу каланд бардошта, сари ҷӯй рафтанд. Назарро ҳам ба ҳашар хабар карда буданд. Аммо вай – аз он ҷӯй на танҳо боғи худаш, балки боғи писараш низ об мехӯрад – гӯшашро ба карӣ зад. Тамоми рӯз дар хонааш хобида, бегоҳ, вақте ки пода аз чаро бармегашт, кӯча баромада, дар суфачаи бари дарвозааш тасбеҳ гардонда нишаст.

Мардум тахмин пас аз ним соат, қариби намози шом, аз ҳашарҷо нишеб шуданд. Онҳо, дар китф белу каланд, байни

ҳам сӯҳбаткунон гурӯҳ-гурӯҳ аз пеши Назар гузашта, хона ба хона мерафтанд. Ҷавонон эҳтимол пиронсолии ӯро ба эътибор гирифта, ҳурматашро ба ҷо меоварданд, – салом медоданд. Вале аксарияти мӯйсафедон, агарчи Назарро аз дур дида меомаданд, гӯё барқасд... ҳатто ба тарафаш нигоҳ намекарданд. Фақат баъзе аз онҳо тасбеҳгардонии ӯро як дам ба зери муояна кашида, дар тамкин:

– Монда набошед, домулло! – гӯён фориғ ба роҳи худ мерафтанд.

Чунин муносибати мардумро вай борҳо дида буд; аҳамият намедод... Лекин он бегоҳ қаҳраш омад. Тохта аз суфача хест ва бари ҷомаашро ба зарда афшондаву тасбеҳашро дар киса андохта, акнун ба ҳавлӣ даромадан мехост, ки Тӯрон-тракторчӣ:

– Ассалому алайкум, ҳамсоя, – гуфта, дар рӯбарӯяш таваққуф намуд.

– Ваалайкум ассалом, – табъаш хира, ҷавоб гардонд Назар.

– Ба ҳашар нарафтед? Ё ягон кор баромад?

– Саҳл тобам гурехт. Дар кӯча ҳам, ана... қуфли дил кушода нашуд. Сарам вазнин, аъзои баданам карахт. Дар китфам гӯё санги осиё бор кардаанд.

Вай дурӯғ гуфт.

– Нам кашидагистед, мегузарад, – ба рӯи Назар лаҳзае чашм дӯхта, Тӯрон-тракторчӣ хомӯш монд. Пас ба андешаи «мабодо иззати нафсаш коҳад» одоби муоширатро нигоҳ дошта, мулоим илова намуд: – Ҳамин хел будааст... ба дасти набераатон ягонта бел дода, писарам, ба ҷои ман ту рав гӯед, намешуд?

– Аввало ин ки вай мактаббача, дарс тайёр карданаш лозим. Сониян, худатон ҳам медонед – падараш қариб се моҳ боз дар Душанбе... мехонад. Мазмун, ҳоло ба обу алави зиндагии мо кӣ ёрӣ медиҳад? Албатта набераамон! Одам ба андеша гап мезанад.

– О рӯзи дароз додараш қатӣ дар пошнаи тали Муғон тӯббозӣ мекарду...

– Хайр, бача вай, завқаш омада… тӯббозӣ карда бошад, кардагист. Ё чӣ, ҳамин ба шумоён дастак шуд? Аз бандаҳои ҳардамхаёлат гардам, худо! – ғайр аз ғут-ғут дигар чизро

намедонанд. Охир, ихтиёри он бача дар дасти ман не. Падару модар дорад... Аслан ин дилсиёҳӣ ба шумо чӣ лозим?!

– Хафа нашавед, ман одами бадқасд нестам, дилатонро сиёҳ кардан ҳам намехоҳам. Аммо азоби обро худатон аз ман нағзтар медонед…

– Хайр? – гуфт ба ситез Назар.

– Ором гап занед, – хандид Тӯрон-трактарчӣ. – Шумоён, падару писар, ду оилаед, ду боғи калон доред... Ғайр аз ин пагоҳ, вақти боғобдиҳӣ аввал ман об мехӯрам, баъд дигарҳо гуфта, тачангӣ карда мешинед. Санги шумо мудом сад ман. Мардум ҳамин одататонро ки медонанд, дар чунин мавридҳо албатта ба ҳар хаёл меравanд. Имрӯз баъзеҳо ба ман нигариста, қатъӣ гуфтанд, ки ба ҳамсояатон расонед, мо аз вай кам нестем, шох надоштагист... рафту дошта бошад, нишон диҳад.

– Даҳонашон тафсида, хайр... лақидагистанд. Ман як одами ногирон. Воҳид агар ҳамин ҷо мебуд, дар қатори шумоён меҷунбид. Набераам ҳоло хурд, аз дасташ кор намеояд.

– Нағз не, ҳамсоя. Усто Салим ҳам ногирон, лекин пои ман маъюб гуфта, дар хонааш нашишт. Алоқадри ҳол баробарамон кор кард. Қадаш як ваҷаб... набераaш чӣ? Бача, умраш дароз шавад, аз худи усто Салим зиёдтар каланд зад. Вай аз набераи шумо ду синф поин мехонад.

– Истед, ки ба ман ин қадар ақл шуда, чӣ гуфтан мехоҳед? Мақсадатон чӣ? – теғ кашида, ба Тӯрон-тракторчӣ нигарист Назар.

– Мақсадам – аз маъракаҳо худатонро дур нагиред, – гуфт ӯ дар ҷавоб ором. – Мардум айб мекунанд. Ба шумо дилам месӯзад; охир, одам ба одам зинда...

– Ба ту баринҳо зинда бошам, номаш зиндагӣ ба ман асло даркор не, – гуфт Назар, якбора ба «ту-ту» гузашта. – Ин гапамро ба дигар ғайбатчиҳои беимон ҳам расон!

Тӯрон-тракторчӣ, аз чунин муомила кайфаш парида, лаҳзае сукут карду белашро ба китф партофт.

– Хайр, ҳамсоя, аз донистаатон намонед. Ман як даҳан фаҳмондам, салоҳ бошад, аз рӯи инсоф қабул доред, агар не – ихтиёратон.

– Албатта ихтиёрам...

Назар сахт доман афшонда, чаққон ба ҳавлӣ даромад ва дарвозаро пӯшида, занҷирашро маҳкам гузаронд.

Пас аз чанд рӯзи ин воқиа... нафаси бади худаш расид магар, ки вай ногаҳон дар бистари беморӣ афтид. Тӯрон-тракторчӣ кина нагирифта, даҳҳо маротиба, гуфтан мумкин аст… беҳисоб ба аёдаташ омад. Воқиан, дина ҳам омада буд. Аз ӯ ранҷиданашро заррае нишон намедиҳад. Занаш Рухшона низ доимо аз ҳоли Назар бохабар, инчунин ба кору бори кампири вай ҳар замон ёрӣ мерасонад. Бар падарашон раҳмат, ҳамсояҳои баоқибат будаанд.

Мӯйсафедро сурфа гулӯгир кард; қариб ки нафасаш ба дарун занад. Вай дуру дароз сурфида, ба мадади кампираш нимхез шуду балғами ба даҳонаш омадаро дар туфдон партофта, аз дил гузаронд, ки чаро ӯ дар вақташ ба сари Тӯрон, ба сари ҳамин гуна як одами покиза маломат овардан хост. Шояд Рухшона сабаб буд ба ин кораш? Не-е... Дуруст аст, ки падару модари вай Назарро ба домодӣ нагирифтанд, ноумед карданд. Лекин ӯ наранҷид, ба тухми духтар қаҳт наомадааст гуфту монд. Зеро аввалҳо ақида дошт – ба вай қатъи назар аз кӣ буданаш... зан бошад, кифоя. Рухшона нею духтари дигаре. Фарқаш чӣ? Аздусар ба ҳама падару модари деҳа домод шуда наметавонад. Аммо баъд... гӯё ногаҳон Рухшонаро ба Тӯрон номзад карданду вуҷуди Назарро як ҳисси хунук ва ноошно фаро гирифт. Ва он ҳис рафта-рафта, ба кирм табдил ёфт; кирме ки абадӣ дар қалбаш хона гузошт. Агар аз ҳавлии Тӯрон-тракторчӣ ду шаб болоиҳам бӯи палав ояд, вай худ ба худ таҷанг шуда, дарунашро мехӯрд. Бо вуҷуди ин, ҳангоме ба Тӯрон рӯбарӯ меомад, сир бой намедод; мекӯшид, ки ӯ аз ҷунбиши он кирми дилаш ҳеҷ гоҳ пай набарад... Аҷаб, охир, Назар-ку Рухшонаро дӯст намедошт, умуман дар тӯли зиндагиаш ба ягон зан меҳр монда натавонист. Пас чаро... Рост мегуфтаанд – дӯст доштан ҳунари ҳар кас не. Инсоне ки ба меҳру вафо қодир аст, бояд табиатан аз бухлу ҳасад ва кинаву кудурат пок бошад.

«Ҳа-а, бухлу ҳасад, кинаву кудурат», – зери лаб пичирос зад мӯйсафед, нохост ба *чарои* худ посух ёфта. Вай бахил буд. Ва ба он кӯи паст ман Рухшонаро гирифта натавонистам гуфта, ба Тӯрон рашк бурда, яқин аз ғояти бахилӣ қадам

гузошт... Бале, тамоми умр бахил буд Назар. Ба дараҷае ки ҳатто ягон кас ба ягон одами дуруст ҷӯрагӣ кунад, «ман аз кӣ кам, барои чӣ ин зот ба вай дӯстӣ дораду ба ман не?» – гуфта, дилу ҷигараш қути мору каждум мешуд. Рафту касе ниҳоят хурсанд намояд ҳам, «чаро даҳони ин одам то баногӯшаш мерасаду даҳони ман не?» – гуфта, ғашаш меомад. Бешак, оғози кулли пастиҳои ӯ аз бахилӣ буд.

Оё Тӯрон ҳоло он воқиаро дар хотир дорад?

Мӯйсафед ҳайрон шуд, ки барои чӣ то имрӯз ақалан як дафъа дар ин хусус фикр накард. Чаро то кунун ягон бор ба худ нагуфт: ҳой, мардак, бишину зиндагиатро ба ёд оварда, ҳама неку бадатро дар паллаи тарозу гузор ва бин – кадоме вазнинтар аст.

Вай оҳ кашида, дар дил ҷавоб гардонд, ки ба ин кор вақт надошт. Ҳатто ба гӯшаи хаёлаш намерасид – як рӯз не, як рӯз аз умраш соатҳои башумор мемонанду ана ҳамин тавр, хоҳад-нахоҳад, неку бадашро ба хотир меорад. Вай ин табиати азалии одамизодро гӯё намедонист. Ҳамеша, ба кадом роҳе ки бошад, дар ғами яктаашро дута кардан буд. Аз қабристон гузарад, устухон мебурд, аммо чашмаш ҳаргиз сер намешуд. Мехост, ки танаш аз ҳама ободтар, шикамаш сертар ва давлаташ бештар бошад. Дигар ғаме надошт, гӯё аз модар маҳз барои сарват ғундоштан ба дунё омада буд. Ҳоло, дар дами пирӣ, ана... ҳама чизаш ҳаст. Иморати дабдабоноку боғи калон дорад, гаву гӯсфанд дорад, қатор-қатор қолину гилем ва пули бисёр дорад; боз... писару духтар ва набераҳо дорад. Хулоса, мӯйсафед ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ не! Бо вуҷуди ин вай гадоро мемонад. Сабабаш – кори неку номи нек надорад. Кас, охир, кори неку номи нек надошта бошад, пас ягон чиз надорад.

Бисёри онҳое ки Назар дар ҳар хел вақту ҳар гуна шароит ба дилашон доғ зада буд, инак дар қайди ҳаёт нестанд. Мондаашон мисли худаш пир шудаанд, – қариб ҳамаи онҳо якбориву дуборӣ, балки зиёдтар омада, ӯро хабар гирифтанд. Пагоҳ ҷон ба ҷаббор диҳад, эҳтимол аз пушти тобуташ низ мераванд. Бале, мераванд ҳатман... Соле ки Назар писарашро суннаттӯй кард, мардуми деҳа аксарият ба ҳавлиаш қадам нагузоштанд. Ва ошаш дар дегу нонаш дар дастархон ҳай-

рон монданд. Лекин шаб ё саҳар аз дунё чашм пӯшад, онҳо бетаъхир меоянд.

Барои чӣ ин тавр? Аз чӣ сабаб мардум дар бисёр мавридҳо ба сури одами носоз намераванду дар мотамаш ҳозир мешаванд? Тавба! Модом ки аз касе дилат мондаасту ба тӯяш намеравӣ, ба мурдааш ҳам нарав. Не-дия! Умуман... аҷаб муаммост одамизод. Дар ҳар сурат хуб мекунад, ки гоҳо ба ҷанозаи душмани ҷонаш низ меравад. Дар акси ҳол... Масалан, агар онҳое ки ягон вақт аз марҳум, махсусан аз марҳуми феълу хӯяш ба феълу хӯи Назар монанд ранҷида бошанду ба маросими дафнаш наоянд, дар гумон аст чор тобуткаши ихтиёрӣ ёфт шаванд…

Ба хона писараш ва аз қафои ӯ раиси калхоз Хуррамов даромаданд. Мӯйсафед ҳар қадар кӯшид, ба рӯи онҳо дуруст нигоҳ карда натавонист: сараш ниҳоят вазнин буд, ба азоб нафас мекашид. Дар ҳамин аҳвол вай ҳасратнок аз дил гузаронд, ки Султон Хуррамов дӯсти писараш, онҳо чанд сол боз рафтуомад доранд; Воҳид дар дасти ӯ аграном шуда кор мекунад, ҳар ду ба ҳам тифоқанд. Бо вуҷуди ин Хуррамов мӯйсафедро бад мебинад… Шояд ғалат аст фикри Назар? Мумкин он воқиа аз ёди Хуррамов рафта бошад... Не, кас магар сабаби марги модарашро ба фаромӯшӣ дода метавонад? Ҳаргиз... «Амаки Юф! – гуфта буд вай он рӯз. – Ноодамии шуморо то охири умр дар хотир медорам. Баъди марг... устухонам ёд мекунад!» Бале, ҳамин тавр гуфта буд Хуррамов. Ва то ҳол ин сухани ӯ ҳарф ба ҳарф зинда аст дар ботини мӯйсафед.

– Саломатӣ чӣ хел, амак? – ба тамкин пурсид Хуррамов, баъде ки тӯрхалтаи пур аз себу анори яккачинро ба кампири вай дода, ҳамроҳи Воҳид дар болои кӯрпача нишаст.

– Аз гӯр берун, додар...

– Иштиҳо доред?

Мӯйсафед ба маънии *не* сар ҷунбонд.

– Ба зӯрӣ бошад ҳам, як чиз-ним чиз хӯред.

– Наметавонам… ҳар чӣ хӯрам, мегардонам. Одам пир шавад, дилу ҷигараш ҳам аз кор мебаромадааст. Худо амонаташро мегирифтагӣ барин.

– Ин хел нагӯед, амак. Шумо ҳоло бақувват, боз сиҳат

меёбед, даври набераҳоро мебинед.

– Кошкӣ, – оҳ кашид мӯйсафед, ки ба чашмонаш ашк медавид. – Лекин дареғ, ҳа-а-а, сад дареғ...

Пиразан дастархон кушод.

Хуррамов як-ду пиёла чой нӯшид ва аз нав беморро дилбардорӣ карда, қариб ним соат аз ину он гап зада нишасту:

– Акнун ба ман иҷозат, амак. Зудтар сиҳат шавед, – гуфта, оҳиста бархост.

Воҳид низ барои гусели ӯ аз ҷой хест.

Пас аз он ки дари хонаро бесадо пӯшиданду шарфаи пой ва гуфтугӯи норавшани онҳо аз айвон ба гӯшаш расид, мӯйсафед беихтиёр падари Султонро ба ёд овард. Вай, Хуррами мисгар, як марди хушсурати бақувват буда, гоҳ-гоҳ асптозӣ ҳам мекард. Дар ноҳия ва деҳоти гирду атрофи он ҳар қадар ба мисгарӣ ном бароварда бошад, дар чавандозӣ низ ҳамон қадар шӯҳрат дошт. Баъзан Султонро ба худ мегирифт ва дар маҳалли бузкашӣ аспи ягон тамошобинро талабида, ӯро ба он ҷонвар савор мекарду як даҳан «ҳушёр бош, писарам!» – мегуфт. Дар лабони бача табассум мешукуфт. Баъд падару писар ба саворони дигар пайваста, ба сӯе асп мемонданд, ки ҳамин ҳозир мурдакаш дар он ҷо бузи сарбуридаро партофта буд ва акнун улоғашро қамчин зада, худро канора мегирифт.

Хуррам ба писараш дар баробари чавандозӣ аз мисгарӣ ҳам ибрат медод. Вале Султон дар ин ҳар ду ҳунар низ ба падараш расида натавонист: ҷанг сар шуд ва Хуррам ихтиёрӣ ба ҷабҳа рафт. Пас аз якуним сол ба Султон ҳам, ки мактабро хатм намуда, дар калхоз нағз кор мекард, аз камиссариати ҳарбӣ даъватнома оварданд.

Мӯйсафед рӯзи ба аскарӣ рафтани ӯро бармало дар хотир дорад. Зеро Султон... вақте ки саҳарӣ, дар китф кӯлбори бавасла, аз назди дастгоҳи Назар гузашта, ба маркази ноҳия мешитофт, як сари қадам ба ҷои нишасти вай даромада, махсус гуфта буд:

– Ана, ман меравам, амак...

– Медонам, – зуд сухани Султонро бурида буд ӯ, – сиҳат рафта, саломат баргард.

– Ташаккур. Фақат илтимос, ки...

– Ҳай-ҳай, шунавем.

– Худатон медонед, модарам дер боз бемор. Дар хона қариб ҳеҷ чизи хӯрданӣ нест. Чӣ мешуд, агар...

– Ҳозир хас ҳам дода наметавонам.

– Ман намегӯям, ки ҳозир диҳед. Фақат... ба ҳафтод рӯзи меҳнатам ҳақ нагирифтаам. Мабодо тирамоҳ, вақти ғалла-тақсимкунӣ, фаромӯш нашавад гуфта...

– Ин гапи дигар.

– Илтимос, амак, ҳаққи маро ҳатман ба модарам расонед. Худо раҳмашонро хӯрда, то он рӯз сиҳат шаванд, балки худашон омада мегиранд.

– Ту хотиратро ҷамъ дор. Ман ҳамин ҷо бошам, модарат гурусна намемонад. Ғайр аз ин… сари ман чандта, ки ҳаққи аскарро фаромӯш кунам?

Лекин вай, агарчи феълан ҳам ваъдаашро фаромӯш накарда буд, тирамоҳ ҳаққи Султонро ба модараш нафиристод; ҳаққи ӯро ба як ошнои худаш дод. Ҳатто занак дар рӯзи сарди зимистон касалокасал пеши Назар омада, ба қавле мурдаашро партофта, дар домани ҳазор илтиҷо расамати писаршро пурсида бошад ҳам, вай ду-се кило орди ҷавро ба он аёли мӯҳтоҷ раво надид. «Анбор холӣ – ман чӣ кор кунам, аз куҷо ёфта диҳам?» – гуфту монд.

Баъд аз ягон ҳафтаи ин воқиа пойкори деҳа вақти азон дарвозаи Назарро тақ-тақ кӯфта, хабар овард, ки зани Хуррами мисгар шаб раҳматӣ шудааст, марҳумро ба хок супурдан лозим. Назар хоболуд буд, ҳар замон хамёза мекашид. Аз ин хабари нохуш ақалан мижааш хам нахӯрда, ба пойкор, ки либосаш аз барф сап-сафед, дар ҳавои хунук дандон ба дандон мезад, вай қатъӣ гуфт:

– Худатон гӯру чӯб кардан гиред, дар сари қоқи ман ҳазору як ташвиш. Болои ин... дар деҳа қариб ҳар ҳафтаи худо мурда ҳаст. Ман агар ба ҳамааш равам, кори калхози сабил чӣ мешавад?!

Ва ба итоб дарвозаро сахт баста, бе ҳеҷ парво ба хонааш даромаду то чоштгаҳ дароз хобид.

Аввали баҳор аз Хуррами мисгар хати сиёҳ оварданд. Назар онро аз дасти хаткашон гирифта, дар дил «зинда баргаштани писараш ҳам гумон», – гуфт ва тамоман осуда гар-

дид, ки мабодо ҳаққи аскарро хӯрдани *раис* ягон вақт ба гӯши одамони дахлдор расад, дар ҷавоб «ба модараш дода будам», – мегӯяду ҷонашро халос мекунад. Аммо хабари ин ҳодисаи нангин ба гӯши *одамоне* ки Назар аз онҳо бисёр метарсид, нарасида бошад ҳам, ба гӯши худи Султон расид; вай пас аз тамом шудани ҷанг, гуё барқасди Назар, чӣ хеле ки сиҳат рафта буд, ҳамон хел саломат баргашт...

Мӯйсафед хуб дар ёд дорад: Султон гашти рӯз ба деҳа қадам монду рӯзи дигар, саҳарӣ, дар шасту итоб ба коргоҳи ӯ даромада, як дам дар рӯбарӯяш хомӯш истод. Сипас ду қадам пеш партофта, кафҳои фарохашро ба ду гӯшаи мизи Назар гузошт ва андак хам шуда, ба рӯи вай, ки рангаш канда, дар курсии нимшикаста карахт менишаст, ба танаффур чашм дӯхта:

– Амаки Юф! – гуфт. – Ноодамии шуморо то охири умр дар хотир медорам. Баъди марг... устухонам ёд мекунад!

Назар аз ваҷоҳати ӯ ҳаросида, базӯр аз ҷой хест ва худро ба нофаҳмӣ зада, фарфар гуфт:

– Чӣ гап, Султонҷон? Аввал як вохӯрдӣ кунем. Шаб омадани шуморо шунида, ба дидор рафтанӣ будам, лекин... дастам нарасид. Худатон медонед – ташвиши лаънатӣ раис аз мӯи сараш зиёд.

– Нағз, ки нарафтед. Агар мерафтед, ин поятонро ҳам зада, ланги ду дунё мекардам. Раис, а!

– Дурусттар фаҳмонед: чӣ воқиа рӯй дод? Барои чӣ шумо аз ман хафа?

– Намедонед?

– Аз куҷо донам...

– Худатонро гӯлу гумроҳ нишон надиҳед! Ҳозир шуморо дар ҳамин ҷо хобонда, ба шиками дар тахтапушт часпидаатон сад лагад занам, ту дидӣ, ман надидам мегӯеду ба ягон кас ҳатто даҳан намекушоед. Чунки гуноҳатонро хуб медонед. Охир, модари ман мурда бошад ҳам, ҳоло дар деҳа одамони аз беинсофии шумо бохабар бисёр!

– Ҳой, Султонҷон, ман дар пеши шумо ягон гуноҳ надорам. Аз аҳволи раҳматӣ модаратон тез-тез хабар мегирифтам. Ҳаққи меҳнататонро-ку аз будаш зиёдтар карда, ба ана ин китфам партофта, – Назар ба китфи чапаш ишора на-

муд, – то хонаатон худам бардошта бурдам. Модаратон агар зинда мебуд, гувоҳ мешуд... Ҳама вақт кошкӣ он ҷавони ҷавҳараш пок саломат баргашта, кулбаи меросиашро обод мекард гуфта, ба умед раҳ мепоидам. Наход имрӯз мардум ба ҷои некиҳои маро расондан дар гӯши шумо гапи дигар хонда бошанд? Ноинсофҳо, дурӯғзанҳо...

– Худатон дурӯғзан! – бештар дарғазаб шуд Султон. – Ман акнун шуморо беозор ба *як* идора мебарам. Ана дар ҳамон ҷо мефаҳмонед, ки бечора модари ман аз гушнагӣ нею ба аҷали худаш мурд.

Ӯ Назарро аз гиребонаш гирифта, ба кӯча кашола кард.

Ҳамин дам аз кучҷое Воҳид пайдо шуду ин ҳолро дида, ба гардани Султон часпид. Вай, ки аз Султон чор-панҷ сол хурд буд, гириста:

– Қурбонатон шавам, акаҷон, ба падарам нарасед, як бор аз гуноҳашон гузаред, – мегуфт. – Ман ҳамаашро медонистам, аз хонаамон дуздӣ-дуздӣ ба модаратон нон бурда медодам. Аммо фоида надошт, дардашон аз ҳад гузашта буд. Он кас ҳар дафъа нони ман бурдаро худашон нахӯрда, ба дигар беваю бечораҳо мефиристоданд. Гуфтам-ку: ман ҳамаашро медонистам. Ман ҳеҷ вақт ин кирдори падарамро намебахшам. Лекин шумо нарасед, як бор аз гуноҳашон гузаред.

Султон суст шуда, гиребони Назарро сар дод ва мисле ки туф мекарда бошад:

– Кошкӣ раги ҳамин бача ба шумо барин махлуқи ғаданг намекашид! – гуфту сархам роҳи хонаашро пеш гирифт.

«Ман ҳеҷ вақт ин кирдори падарамро намебахшам», – пичирос зад мӯйсафед ва ночор аз худ пурсид, ки магар ӯро дар коре гунаҳкор донистани фарзанд равост. Магар гапи ҳамон рӯз гириста, ба Султон гуфтаи Воҳид рост буд? Вай то ҳол дар ҳақиқат он беинсофии падарашро набахшидааст?.. Чӣ лозим, акнун ба дарди кӣ даво мешаванд ин чуну чароҳо! Ӯ бояд аз худаш гила кунад. Модом ки дар давоми умраш ақалан як маротиба ба қафо, ба аъмоли савобу носавобаш назар наандохт, ба чумчаи банавбат будани зиндагӣ бовараш наомад, имрӯз ғайр аз пушти даст газидан дигар илоҷ надорад. Зеро зиндагӣ, он чумчаи банавбат, ҳоло аз дасти мӯйсафед бебозгашт рафтааст. Ҳоло вай дар панҷаи дига-

рон – масалан, дар дасти Султон...

Замоне Тӯрон-тракторчӣ дар як маҷлис «аз даматон фуроед, мӯҳтарам Ҷобиров. Зиндагӣ чумчаи банавбат, имрӯз дар ихтиёри шумо бошад, пагоҳ дар ихтиёри каси дигар», – гуфта, эҳтимол ҳамин рӯзи Назарро пеши чашм дошт? Ҳар оина... гапи Тӯрон рост будааст. Зиндагӣ агар чумчаи банавбат набошад, баъдтар оё ҳашт калхозро якта карда, ба дасти Султони бесару бекас месупурданд? Тавба! Назар дар он маҷлис ба гапи Тӯрон-тракторчӣ дар заҳрханд гӯш медоду «аҳмақ будаӣ ту зоташ паст, – мегуфт дар дил. – То даме ки худо маро бандааш мехонад, давр меронам. Рафту ягон рӯз аз аспу амал фуроям ҳам, пул ки дорам, ғам намехӯрам. Ту ба ман кордор набош; ту бемалол носатро кашида, дар ҳамон трактори шалақ кашола шуда гаштан гир!»

Вале имрӯз мӯйсафед нохост фаҳмид: дар зиндагӣ ҳам Тӯрон ва ҳам они дигар, ки ӯ аҳмақашон меномид, аҳмақ набудаанд; худаш соф аҳмақ будааст. То алҳол пай намебурдааст, ки тамоми умр аз ҳар кирдори бадаш бе мулоҳиза чашм пӯшида, буду шуди худро ба доми фиреб андохтааст. Инчунин вай эҳсос намуд – агар ҳозир дарди дилашро ба ягон кас нагӯяд, ё ҳеҷ набошад, аз ягон нафари онҳое ки дар ҳаққашон бадиву бахилӣ карда буд, узр напурсад, дар гӯраш ҳам дигар ором гирифта наметавонад.

Ба хона писараш даромад.

– Рафт? – пурсид мӯйсафед, нигоҳашро аз ӯ гурезонда.

– Ҳа-а... – гуфт Воҳид.

– Барои чӣ ин қадар зуд?

– Саросема буд, кораш бисёр.

– Хайр... Тӯрон-тракторчӣ дар хонааш бошад?

– Намедонам.

– Рафта як хабар гир, писарам. Бошад... гӯй, ки аҳволи падарам бад, шуморо мепурсанд.

– Хуб.

Воҳид дар тавозӯъ аз хона баромад.

Мӯйсафед ба тарафи кампираш, ки такя ба девор дода, пакару андешаманд менишаст, назари хоҳиш давонд. Пиразан нигоҳи ӯро ҳис кард ва гӯё садои ногаҳоне хаёлашро бурида бошад, бесаришта як ҷунбид. Пас гӯшу ҳуш

гардида, ба мӯйсафед чашм дӯхт.

– Ҳамон халтачаро ин ҷо биёр.

– Кадом?.. – нафаҳмид пиразан.

– Дина дода будам.

– Гӯр ҳушам шавад, фаромӯш кардаам, – гуфт ӯ ва бархоста, аз таҳмон, аз қати қолини зери кӯрпаву кӯрпачаҳо, як халтачаи чармихомии равғанхӯрдаро, ки даҳонаш маҳкам баста буд, базӯр гирифта, назди шавҳараш монд.

– Шин...

Пиразан оҳиста нишаст.

Мӯйсафед банди халтачаро кушоданӣ шуда, фурсате ҷунбуҷӯл дошт. Аммо натавонист: ангуштони хушку бемадораш ба вай итоат накарда, барги бед барин меларзиданд. Ниҳоят аз халтача даст кашид ва гуфт:

– Кушо...

Дина мӯйсафед дар азоб аз ҷогаҳаш хеста, ҳамин халтачаи бадрамонандро аз сӯрохии гӯшаболори анбор, ки онро худаш чанд сол пеш барои пинҳон доштани баъзе «чизҳои дар рӯзи сиёҳ даркораш» махсус кофта буд, берун оварда, ба кампираш дод. Ва ба нигоҳи суоломези ӯ ҷавоб гардонд:

– Рафту пагоҳ қарзи бандагиро ба ҷо гузорам, инро ба Воҳид супор; гӯй, ки бисоти падарат, насиби ту будааст.

...Пиразан халтачаро кушода, ба маънии «боз чӣ кор кунам?» аз шавҳараш чашм намеканд.

– Холӣ кун.

– Дар болои гилем?!

– Бале.

Пиразан халтачаро холӣ кард ва амиқ як оҳ кашида, аз нав дар ҷояш нишаст.

Мӯйсафед ба ду даста пули бино монда, ба риштаи ғафс бастаи яктааш фақат панҷоҳсӯмаву дигараш биступанҷсӯма, чанд ангуштарину дастпонаи тилло ва соати кисагии қадима, ки сарпӯшаку занҷирчаи нозук дошта, низ тиллоӣ буд, фурсате назар дӯхта, бадард андешид: аз соҳибони ин ангуштарину дастпонаҳо, ки ҳар кадомашро вай дар замони ҷанг ба ивази ду-секило ғалла, ё худ ду-се газ карбос ба чанг оварда буд, ҳоло аксарият дар қайди ҳаёт нестанд. Қисми зиёди ана ин ҳашт ҳазор сӯм низ ҳаром аст.

Барои чӣ Назар пештар намедонист, ё донад ҳам, фикр намекард, ки одамизод дар роҳи охираташ ба ду дасти холӣ меравад?

«Ту бемағзӣ, – гуфт ба худ мӯйсафед. – Дина ин чизҳоро ба кампират супурда, ҳушёр фармудӣ, ки пас аз маргат ба Воҳид диҳад. Лекин наандешидӣ – онҳо ақалан як бор ба дардат нахӯрданду оё ба дарди писарат рӯзе даво мешаванд? Не албатта... Ту фаромӯш кардаӣ, ки моли ҳаром вафо надорад, – мегуфт ҳатто падарат».

Вай ба пиразан нигарист ва низ оҳ кашида, ба хоса таъкид фаҳмонд:

– Соатро дар таки болинам мон. Дигарашро ғундор. Баъд аз сари ман ихтиёри ин чизҳо дар дасти ту, дар дасти писарат... Ҳар чӣ хоҳед, кунед. Худат медонӣ-ку: ҳамааш моли ҳаром!

Сипас чашмонашро пӯшиду ба беҳузур шудани дилаш эътибор надода, аз думи хаёле рафт, ки ҳоло Тӯрон-тракторчӣ пайдо шавад, ӯ дар бораи он воқиаи нохуш чӣ тавр гап мекушояд. Вай як одами феълаш тез. Оё ранҷида, ба мӯйсафед дар дами вопасинаш гапи сахт намегӯяд? Оё дарди дили ӯро мефаҳмад? Мефаҳмад, ки Назар аз тариқи ин кори худ барои ҳама гуноҳҳои дигараш низ узр пурсиданист?..

Вақте ки Воҳид ҳамроҳи Тӯрон-тракторчӣ ба хона даромад, мӯйсафед дастонашро дар рӯи сина болоиҳам гузошта, ба чашмони ҳамчунон пӯшида ором мехобид. Чеҳрааш карахт ва бағоят хунук буд. Кас агар аз нафасгирии номураттаб канда-канда дамидани сари сина ва баробари он қадре ларзидани куртаи қаймоқсуфи ӯро намедид, яқин гумон мебурд, ки гармӣ пайкари табоҳи мӯйсафедро кайҳо тарк намудааст.

– Гузаред, амак, – гуфт Воҳид, ба Тӯрон-тракторчӣ аз пешгаҳ ҷой нишон дода.

Мӯйсафед, агарчи ба хона даромадани онҳо ва зуд ба по хестани кампирашро ҳис кард, мисле ки маҳз овози писаррашро шунида, нав аз хоб бедор шуда бошад, баъди як-ду дақиқа чашм кушод. Ва нигоҳи беифодааш ба нигоҳи ҳолпурси Тӯрон-тракторчӣ бархӯрда, аз болин сар бардоштан хост. Аммо мадораш нарасид.

– Наҷунбед, ҳамсоя, наҷунбед, – гуфт дилсӯзона Тӯрон-

тракторчӣ, ки дарҳол зону зада, акнун дар кӯрпачаи назди бемор менишаст.

– Хуш омадед...

– Хушвақт бошед!

Тӯрон-тракторчӣ як мӯйсафеди ситорагарми миёнақад ва шонапаҳн буда, дастони дароз-дарози бақувват ва ба онҳо мувофиқ кафҳои фарох дошт. Бурути сап-сафеди ғафс ва абрувони мошубиринҷи вай ба рӯи кулчаи гандумгун ва пешонии баландаш, ки дар он якта-нимта чини борик мехобид, мутаносиб буданд. Чашмони мешии нармнигоҳаш ба дараҷае зинда ва чеҳраи ҳанӯз серобаш то андозае дилкаш метофтанд, ки агар «ҳамин мард шаступанҷсола», – гӯянд, ба ҳеҷ ваҷҳ бовари кас намеомад. Ӯ баъди сӣ соли тракторчигӣ... ниҳоят панҷ сол муқаддам ба нафақа баромада буд. Ҳарчанд ҳамон вақт инҷониб гашта ба трактор савор нашудааст, мардум то ҳол Тӯрон-тракторчӣ мегӯянд мӯйсафедро. Баъзан вай дар ҳайрат мемонад: чаро бисёр тракторчиҳои навбаромадро фалон-тракторчӣ, ё дур наравад, писараш Аъзамро, ки пешаи ӯ низ чанд сол боз ҳамин аст, Аъзам-тракторчӣ намегӯянду номи Тӯронро ҳатман ба иловаи собиқ касбаш ба забон меоранд?

Сабаб – вай дар музофот аввалин шахсе буд, ки мактаби механизаторҳоро хатм намуда, нахустин трактори аз маркази вилоят хоса барои калхоз омадаро аз истгоҳи поезд, қариб аз ҳаштод километр гузари носози дара... худаш ҳай карда овард. Он замонҳо ҳамин Назар, мӯйсафеди ҳоло дардманд, раиси хоҷагӣ буд. Дар он айём агар номаш калхоз як трактор дошта бошад, хоҷагии баобрӯ ҳисоб меёфт. (Дуруст аст, ки баъдтар, аз байн соле гузашта ё нагузашта, азбаски калхозҳо бисёр хурд буданд, дар ноҳияи онҳо низ эмтээс ташкил гардиду Тӯрон ба трактораш дар ихтиёри он сохтор монда, пас аз чанд сол, баъди аз байн рафтани эмтээсҳо, боз ба калхоз баргашт.) Акнун хоҷагиҳои давлат дигар шудаанд, – фикр мекард ӯ, – одамон барин... Имрӯз як калхоз аз як ва ҳатто аз ду ноҳияи пештара бақувваттар аст: мошину трактораш ҳисоб надорад. Гоҳо худи вай, ки гуфтан мумкин молу мулки хоҷагиашонро нағз медонад, ҳисоби мошину тракторҳои онро гум мекунад. Бале, дар замонаш гапу кор дигар буд,

акнун дигар шудааст, хеле тағйир ёфтааст. Бо вуҷуди ин Тӯронро мардум то алҳол Тӯрон-тракторчӣ мегӯянд.

– Тавба кардам ба даргоҳат, худоё! Тавба... – маҳзун нолид мӯйсафед.

Тӯрон-тракторчӣ дар тараҳҳум ба вай чашм дӯхт.

– Ҳарчи сабукед?

– Як навъ, ҳамсоя... Ба ҳамин дами додааш шукр, – гуфт мӯйсафед ва пас аз фурсате канда-канда илова намуд: – Воҳидҷонро ба талабатон фиристодам... Омадед, сарам ба осмон расид.

– Бе ин ҳам худам гузашта, ба шумо чорта чақ-чақ карданӣ будам, ки усто Салим ҷеғ зада хонааш бурд; кори зарур доштааст. То аз он ҷо баргаштам… бевақт шуд.

– Ман аз шумо ҳазор маротиба розӣ. Лекин... чӣ гӯям? Сад дареғ, ки дигар дили бутун надорам. На чақ-чақ карда метавонам, на ҳазлу шӯхӣ...

– Оқибати ноумедӣ хуб не, ҳамсоя. Худо хоҳад, боз ба по мехезед. Дарди ҷонвар ба тани кас дурӯза меҳмон. Беҳуда нагуфтаанд: одамизод дар як пӯст чанд бор фарбеҳу чанд бор лоғар мешавад.

– Ҳамин тавру...

Мӯйсафедро сурфа гирифт. Баъде ки сурфааш монда, андак нафас рост кард, вай хост ба Тӯрон-тракторчӣ бигӯяд: «Ин дард ба тани ман дуру дароз меҳмон шуд. Акнун то маро ба хок набарад, намерафтагӣ барин. Хайр, дигар тобу тавон ҳам надорам, вақташ расид...» Вале мӯйсафед, ки мақсадаш ҳар чи зудтар рози дил шикастан буд, инро гуфта натавонист. Ба ҷои ин, агарчи худаш медонист, пурсид:

– Олимов аз ноҳияи мо соли чандум рафт?

– Кадом Олимов? – нафаҳмид Тӯрон-тракторчӣ.

– Ҳо-о ҷӯраатон буд-ку, котиби райком... Шаб хоб бинам, ҳамон одам, сару либосаш сап-сафед, дар кадом боғи калон мегаштаасту ба ман нигоҳ карда, мулло Назар, биёед ба боғи мо, кӯчида биёед, ҳо ана он кулбаро ба шумо медиҳем гуфта, як чордевори валангорро нишон медодааст. Ман розӣ набошам ҳам, маҳкам аз дастам гирифта, не нагӯед, мулло Назар, акнун фурсати ҳамсоягӣ расид гуфта, маро ба зӯрӣ тарафи он чордевор мебурдааст... – Вай давоми ин *хо-*

*башро*, ки худи ҳозир, то барои аз Олимов гап кушодан восита шавад, беибо фикр карда бароварда буд, ба забон оварда натавониста, муддате лаб лесид. Баъд канда-канда гуфт: – Олимови котиби райком... Ба хонаатон бисёр меомад. Хато накунам, парерсол ҳам шуморо хабар гирифта буд. Ба хаёлам то ҳол рафтуомад доред, а?

– Ҳа-а, – сар хорид Тӯрон-тракторчӣ, ки ба рӯяш сояи таассуф мелағжид. – Олимов аз ноҳияи мо... соли чилум рафт.

– Душанбе рафта буд?

– Бале, – акнун лаб газид ӯ. – Қариб ҳафт сол дар ҳамин ноҳия роҳбарӣ кард. Шумо он вақтҳо раис будед. Дар хотиратон бошад, раҳматӣ... аз барои кор ҷонашро дареғ намедошт.

– Раҳматӣ гуфтед?!

– Ҳа, порсол вай аз олам гузашт.

– Э афсӯс! Одами калон шуда рафта буд, а?

– Ҳа-а, калон... – нимғурма ҷавоб гардонд Тӯрон-тракторчӣ. – Хоксор буд, ба ҳама баробар буд.

– Ғам нахӯред, ҳамсоя, ин дунё ҳамин хел бевафо!

Мӯйсафед лаб фурӯ баст.

Акнун Тӯрон-тракторчӣ ҳам чизе намегуфт.

Воҳид ғамгин менишаст.

Хонаро як хомӯшии гарон фаро гирифта буд. Онро фақат номураттаб нафас кашидани мӯйсафед, ки гоҳо чашмони тирааш беҷо мешуданд, халалдор месохт.

Тӯрон-тракторчӣ, дилаш аз зикри Олимов ба фиғон омада, дар зери сукунати сарди хона беихтиёр он бегоҳирӯзи анҷоми соли сиву серо, ки ба ӯ шинос шуда буд, пеши назар меовард. Аз чӣ бошад, вай ин воқиаро ғайр аз рӯзи вафоти Олимов дигар ҳеҷ гоҳ ёд накардааст.

– Ман аз ҳамон ҷӯраатон мудом хавф мебурдам. Раҳматӣ… ба ман намепухт, лекин одами нағз буд, – гуфт мӯйсафед, хеле зӯр зада. – Шумо ба вай, агар хато накунам, соле ки... уф... аз Даҳбед трактор меовардед, тифоқо шинос шудед.

– Рост, тасодуфан...

...Дар як рӯзи зимистони охири ҳамон сол, вақти бомдод, ӯ савори аробаи кирокаш раҳи Даҳбедро пеш гирифт. Ҳаво хунук буд, чаппаву роста барф меборид. Дар болои сар тундбоди сахт ғуввос зада, ба устухонҳои кас кора мекард. Бо

вуҷуди ин аспҳои ҷавмаст, ки ёлу думашон тадриҷан шӯша мебастанд, гӯё аз дами сармо халосӣ ҷуста, аробаи шалақро дар ҷадал пеш мебурданд.

Тӯрон гашти рӯз ба Даҳбед расид. Баъди соате дар як идораи он ҷо – ҳоло дар хотир надорад, ки вай кадом сохтор буд, – ҳуҷҷатҳои тракторро тахт карда, дар назди оташдон каме гарм шуд ва аз ноне ки ҳамроҳ оварда буд, нимтаашро ба як коса оби хунук хӯрда, ними дигарашро аз таки чакман боз ба миён басту аз майдони кушоди дуртар аз истгоҳи раҳи поезд тракторро гирифта, фавран қафо гашт.

Ӯ аз мобайни дараи пурбарф ба эҳтиёт «аспи оҳанин» меронду аз хурсандӣ дар куртааш намегунҷид. Дастони бақувваташ аз ғояти ҳаяҷон буд, ё аз тазйиқи сармо... ноаён меларзиданд. Воқиан, чаро ба ҳаяҷон наояд? Вай акнун савори ин трактори девбанд мустақил замин меронад. Дар як рӯз камаш кори даҳ-дувоздаҳ ҷуфт барзагавро бемалол ба сомон мерасонад. Танҳо худаш...

Дар чунин хаёлҳо Тӯрон қариб чоряки масофаро тай карда, ногаҳон ба мошине вохӯрд, ки чархҳои ақибаш ба мағоки пурлой дармонда буданд. Бори мошин баланд; дар назди он ду нафар парешон меистоданд. Аз гӯшаҳои чодари сиёҳи обнагузар, ки дар болои мошин кашидаанд, ҷо-ҷо асбобу анҷоми рӯзгор ба назар менамуд.

Тӯрон тракторро нигоҳ дошта, чобук ба замин фуромад.

– Чӣ шуд?

Яке аз он ду нафар – дар қиёс ронанда – рӯҳ гирифта, акнун ҷавоб гардондан мехост, ки шарикаш, марди чарминапӯши пуррапайкар ва баландқомат, аввал барои вохӯрдӣ даст дароз карда, пас ба тамкин гуфт:

– Ана аҳволамон – илоҷи баровардан нест, ду соат боз ҷон меканем.

– Мебарорем, – табассум кард Тӯрон.

– Мо ҳам аз дур шуморо дида… мегуфтем, ки то ёрӣ надиҳад, гузаштан намемонем, – низ дар табассум калла ҷунбонд чарминапӯш.

Тӯрон мошинро як давр зад ва чашмаш дар кабина ба зани кӯдакдоре афтида, аз дил гузаронд, ки эҳтимол бечораҳо дар ин сармо хуб азоб кашидаанд.

– Оилаатон? – ба кабина ишора намуда, дилтанг пурсид ӯ аз ҳамон мард.

– Бале, писарчаам, модараш...

– Мебарорем! – такрор кард Тӯрон.

Мард ба завқ хандид.

Тӯрон дар бари ронанда истода, симтанобии мошинро ба трактор баст. Пас аз он ки вай маторро ба кор андохт, дар як савқи табиӣ аз умқи ҷигар «ё Алӣ!» – гӯён тракторро ҳай кард. Мошин ду-се бор канда-канда ғуридаву такон хӯрда, чархҳояшро аз чанги мағок озод канда гирифт ва аз қафои трактор кашола шуда, понздаҳ-бист қадам пеш рафт.

Тӯрон тракторро нигоҳ дошт.

Мард тохта назди ӯ омад ва кию чикора буданашро пурсида, ҳамчунон дар табассум:

– Насиб бошад, минбаъд паҳлу ба паҳлу кор мекунем, – гуфт. – Ман шуморо ҳатман меёбам.

Сипас қафо гашта, ҷалд ба мошин савор шуд; дар пушти кабина рӯи чодар нишаста, дарҳол гиребони чарминаашро бардошт.

– Ташаккур, бародар! – ин овози ронанда буд.

Вай симтанобро аз трактор кушода гирифту даста карда, ба чангакҳои шохмонанди пеши мошин баст ва кафҳои хунукхӯрдааашро ба ҳам совида, дари кабинаро боз намуд... Мошин пас аз дақиқае ба роҳ даромада, аз паҳлуи трактор, ки Тӯрон зуд дар ҳаракат оварда буд, гузашта рафт. Мард аз болои он як лаҳза ба ҷониби ӯ даст афшонд.

Чанд ҳафта баъд... рӯзи истироҳат, қарибӣ бегоҳ, ҳамон марди чарминапӯш ва ҳамин Назар ногаҳон дар ҳавлии Тӯрон пайдо шуданд.

– Дар хотиратон бошад, ваъда карда будам, ки шуморо ҳатман меёбам. Ана ман... – гуфт мард, дасти шахшӯли Тӯронро самимона фишурда.

– Хуш омадед!

Вай онҳоро, чеҳрааш сидқан шукуфон, ба дари меҳмонхона ҳидоят намуд.

Тӯрон-тракторчӣ аз худи айёми ҷавонӣ Назарро хуш намекард. Он бегоҳ низ аз ҳузури ӯ дарун-дарун табъаш мекоҳид; бо вуҷуди ин сир бой надода, ҳурмати ана *ин* меҳмон

гуфта, хурсанд обу ош фармуд.

Чарминапӯш як марди батааммули ширинсухан баромад. Тӯрон ҳамон шаб фаҳмид, ки вай котиби нави камитети партиявии ноҳия Олимов буда, он рӯзе тифоқо дар миёни дара воҳӯрданд, оилаи худро гирифта, аз шаҳр ба ин ҷо кӯчида меомадааст. Минбаъд... ситораашон пайванд ёфт магар, онҳо ба ҳам аҳди дӯстӣ баста, аз ҳоли якдигар зуд-зуд хабардор мешуданд.

Боре дар хонаи Тӯрон-тракторчӣ ба дасти кадом нохалаф буд, ки як ҳодисаи бисёр паст рӯй дода, ӯро дар пеши Олимов мулзаму хиҷолатманд кард; замин накафид, ки дарояд. То ҳол вай он саҳари тобистонро дар ёд орад, гиребонашро дошта, ба худ мегӯяд: «Агар фарзанди одам ба кӯи бахилӣ афтад, рафту дар қасди ба пои касе табар задан бошад, аз ҳеҷ қабоҳат – қабоҳате ки ҳатто дар тасаввур гунҷиданаш душвор, рӯй наметофтааст. Ман, охир, ҷави киро хом даравида будам, ки ба чунин номардӣ аз дӯстам ҷудо кардан хостанд? Аҷаб, худои карим ба яке дил додааст, ба дигаре пораи санг...»

Он воқиа дар фасли тобистон ба вуқӯъ пайваст. Бале, вақте ки Олимов (ҳамон шабу рӯз баъзеҳо дар ҳаққи ӯ «мерафтааст, ба шаҳр... ба мансаби калон мерафтааст», – гӯён пичир-пичир доштанд) тахмин пеш аз як моҳи дар Душанбе ба кор таъин шудани худ дар кадом ташвиш ба калхоз омаду бегоҳ, азбаски торикӣ фуромада буд, бозпас ба маркази ноҳия нарафта, дар хонаи вай, дар тахтакати саҳни ҳавлиаш хоб мекард, ногаҳон... Тӯрон субҳи содиқ аз хоб хеста, дар замини рӯидарича юнучқа медаравид, ки Олимов ӯро аз ҷогаҳаш, аз болои кат, ба овози паст чеғ зад. Досу як қабза юнучқаи дасташро ба сӯе монда, Тӯрон зуд дар назди тахтакат ҳозир шуд.

– Либоси ман нест...

– Ҳазл накунед, – бовараш наомада, гуфт ӯ ҳайрон.

Олимов ба такяи кат ишора намуд.

– Ҳамин ҷо буд, лекин ана, гум...

Тӯрон ба гирду пеши тахтакат чашм давонд ва дар ҳақиқат либосҳои ӯро надида, ҳуш аз сараш парид; лоҷарам рангаш канд, ҳатто ларзид кам-кам. Хаёлаш, ки замин аз таки пояш рафта, дунё дар назараш торик шуд. Вай беҳол ба

як гӯшаи кат нишасту гиребонашро маҳкам дошта:

– Тавба! – гуфт.

Пас аз лаҳзае парида аз ҷой хест.

– Шояд бачаҳо алалэҳтиёт...

Тӯрон суханашро ба охир нарасонда, саросема хона даромад; занашро пурсид, бачаҳояшро пурсид, вале... маъюс ва дасти холӣ баргашт.

– Хафа нашавед, – ба шонаи ӯ даст ниҳод Олимов. – Гуноҳи шумо чӣ?.. Ба ақидаи ман ин кори ягон одами разил, касиф. Мақсадаш дар байни мо хунукӣ андохтан... – Вай сар ба болин гузошта, пешониашро каме молид. – Лекин кист ҳамон нохалаф? Хайр... ҳар кӣ бошад, беҳуда кӯшидааст.

– Наход аз ғазаби худо натарсад! – нидо кард оҳиста Тӯрон, дар он саҳари ба фикраш бефайз… нахустин бор рост ба чашмони дӯсташ нигариста.

Аммо ин сухани зоҳиран ороми ӯ дар асл фарёди пурнафрини шахсе буд, ки сахт таҳқир дида, дар ҷавоб гардондан ба чунин кирдори номардона лоилоҷ мондааст.

Олимов даст афшонда, гуфт:

– Дилатонро хун накунед, дӯстам. Садқаи сар... Аз чӣ хиҷолат мекашед? Баръакс хурсанд шавед, ки дар ин дунё як одами шуморо бад медидагӣ ҳел-ҳел гаштааст.

Ҳарчанд сухани охирини ӯро дуруст нафаҳмид, Тӯрон қадре ба худ омад.

– Дар кисаатон ҳуҷҷат набуд?

– Не, – хандид Олимов. – Аламаш камтар... Хайр, ба гузашта салавот. Ягон пӯшоки зиёдатӣ дошта бошед, биёред… ман хезам.

Тӯрон як шими обшуста, ҷома ва калӯш овард.

– Акнун кӣ карду куҷо кард гуфта шиштан фоида надорад. Вақт ғанимат, аспро савор шуда, зуд хона равед. Аҳволро ба модари бачаҳо мулоим фаҳмонда, сарулибоси маро гирифта биёед. Лекин эҳтиёт бошед, ки аз ин ҳодиса ҳеҷ кас пай набарад, – гуфт Олимов ва ҷомаро ба китф партофта, вазнин поини ҳавлӣ рафт.

Ҳангоме ки либосҳои ӯро ба хӯрҷин андохта, Тӯрон аз маркази ноҳия табъаш ҳамчунон хира бармегашт, дар назди идораи калхоз ба Назар рӯбарӯ омад.

– Ҳа, Тӯронбек, ин хел... аспи Олимоврo савор шудаед?

Чашмони муғулиаш сарднигоҳ ва беқарор, Назар ҳар дам ба соқи мӯзаи худ асабӣ қамчин мезад.

Тӯрон ба вай чӣ ҷавоб дод, ҳоло дар хотир надорад. Фақат ҳаминро медонад, ки гап ба гӯшаш намедаромад, шитоб дошт. Бинобар ин ҳатто лаҷоми аспро накашида, аз пеши Назар беэътино гузарон шуд.

– Об, оо-б... – нола кард мӯйсафед.

Хаёли Тӯрон-тракторчӣ қатъ гардид.

Воҳид фавран об овард ва сари падарашро беозор дар кафи даст бардошта, лаби пиёларо ба лабаш бурд. Вале мӯйсафед ба ғайр аз як қулт дигар нӯшида натавонист; чанд қатра оби ба гулӯяш нарафта аз кунҷи лабони борик ва бехуни ӯ таровида, дар байни тораҳои ришаш гум шуданд.

– Ҳамсоя, – гуфт Назар, боз сар ба болин ниҳода.

Ин лаҳза Тӯрон-тракторчӣ тахмин мекард, ки шаб аз нисф гузаштааст.

– Ҳамсоя, – гуфт такроран мӯйсафед.

– Лаббай, – ба бемор назари суол дӯхт Тӯрон.

– Медонед шуморо ман барои чӣ ҷеғ задам? – пурсид ӯ ва ҳамоно, чунон ки кадом узви баданаш сахт ба дард омада бошад, рӯяшро каҷ карда, дуру дароз хомӯш монд. Баъд забонаш гирифта-гирифта, худ ҷавоб дод: – Не, ҳам-м-м-соя, на-ме-е-до-нед. Ма-а-ан дар наз-ди шу-мо... бо-оз ҳа-мон...

Мӯйсафед акнун ба чашмони пур аз ваҳм дар ҷогаҳаш беҳол ҷунбида, монанди оруе ки нохост ба кадуи холӣ ғалтидааст, беист ғинг-ғинг мекард. Вай чӣ мегӯяд, фаҳмидан мушкил буд.

Рангаш сап-сафед канда, Воҳид ҷаста аз ҷой хесту ба китфи падараш даст бурда, саросема ва ба овози ларзон такрор ба такрор пурсид:

– Додо, чӣ шуд? Додо... чӣ шуд, додо?

Кампири мӯйсафед ангушт газида, чун як чӯби хушк рост меистод. Аз чеҳраи пурожанги дардмандаш ғайр аз ифодаҳои аранг намоёни таҳайюр дигар чизе хонда намешуд.

Овози Воҳид ҳамчунон меларзид:

– Додо, чӣ шуд? Додо...

«Бечора, аз забон монд», – ақида кард Тӯрон-тракторчӣ

ва дасти Воҳидро гирифта, ба тамкин гуфт:

– Гузаред, додарам, дар ҷоятон шинед. – Сипас ба тарафи модари ӯ, ки ҳолаташро тағйир надода, чашмонаш бефарқ, гаранг ба шавҳараш менигарист, рӯй овард. – Камакак пахта диҳед.

Пиразан як қад парид ва инак ба ҷои ангушт лаб газида, чун соя бесадо ба пешгаҳ гузашт. Вай фақат ҳамин дам ба ҳасрат пай бурд: даҳшати кайҳо боз дар пушти дар интизор, ки пиразан ҳар рӯз нафаси сарди онро шунида, зуд-зуд метарсид, охири охирон зада ба хона даромадааст.

Тӯрон-тракторчӣ пахтаро дар пиёла тар карда, ба ҳалқи мӯйсафед об чаконд. Аммо вай ба маънии «лозим не» сар ҷунбонд.

– Ором бошед, ҳамсоя, натарсед… Мегузарад.

Мӯйсафед ба Воҳид чашм давонда, ба имову ишора болини худро нишон дод. Лекин писараш хоҳиши ӯро нафаҳмид. Мӯйсафед паҳлу гашт; дасташро ба зери болин бурда, соатро оҳиста гирифт. Баъд фурсате ба рӯи Тӯрон-тракторчӣ такдор нигариста, онро ночор дар наздаш монду гоҳ-гоҳ, то ки диққати ҳамсӯҳбаташро сари вақт ба соат ҷалб кунад, дар ҷогаҳ ҷунбида, ангуштон ва чашму абрувонашро ба ҳаракат оварда, қариб ним соат *гап* зад.

«Ман дар пеши шумо гунаҳкорам, – мегуфт ӯ ба Тӯрон-тракторчӣ. – Як замонҳо дар ҳаққатон бад карда будам. Сабабгори ин ҳамон ҷӯраатон Олимов... Барои чӣ вай ба Тӯрон, ба як тракторчии равғанолуд созу ба мани раис не? – гуфта, шабу рӯз дарунамро мехӯрдам. Чандин бор гӯсфанд кушта, гарданам кач, ӯро ба хонаам таклиф кардам. Лекин ҳар дафъа ягон баҳона ёфта, намеомад бачамард. Ҳа-а, одами зирак буд Олимов, маро бисёр бад медид...»

Мӯйсафед аз чеҳраи ороми Тӯрон-тракторчӣ чашм наканда, боз ба худ мегуфт, ки «вай ба ғурунг-ғурунги фосиладори ман гӯш диҳад ҳам, чизе намефаҳмад». Бо вуҷуди ин ба умеде ки шояд соатро шинохта, аз рӯи ҳавлиаш гум шудани сарулибоси Олимовро ба ёд орад, суханашро идома медод. Ӯ намедонист, ки Тӯрон-тракторчӣ ҳеҷ гоҳ он соатро дар дасти Олимов надидааст, ё дида бошад ҳам, дар хотир нигоҳ надоштааст.

«...Ҳамон рӯзи охирин маротиба ба калхоз омаданаш низ ман ба Олимов гуфтам, ки як дам дар хонаам меҳмон шавад. Аммо вай «ташвиш накашед», – гуфта, бегоҳ дар пеши назарам ба ҳавлии шумо рафт. Ин кораш ба ман аз сад калтак сахттар расида, тамоми шаб хобам набурд. Ҷогаҳ бароям кафан шуда, нафасам тангӣ мекард. Шайтони раҷим аз сари китфам нафуромада, беист дар гӯшам мехонд, ки наход ту баробари ҳамон тракторчии ифлос қадр надошта бошӣ! Наход нону оши ту ҳаром бошад! Агар орият дорӣ, агар мардӣ, бихез, ту ҳам иззати нафси онҳоро ба таки по андоз, ҳеҷ натавонӣ, ба хонаи дӯстиашон футур расон!.. Ҳамин хел мегуфт, ҳамсоя, шайтони лаин. Ва ман ба гапи вай даромада, аҳмақ шудаму рӯз сафедӣ назада, аз канори боғ ба ҳавлиатон гузашта, сарулибоси Олимовро duздидам. Аз кисааш ана ҳамин соати тилло ва камтар пули майда баромад. Ман бовар доштам, ки баъд аз ин воқиа худатон дар маломат монда, муносибати ҳар дуи шумо ҳатман вайрон мешавад. Вале чунин нашуд. Ҳатто рӯзи дигар як зоти дар гапкашӣ беустухонро ба кор андохта, аз хонаи Тӯрон-тракторчӣ сарулибоси котиби райкомро дуздидаанд... гуён дар деҳа овоза паҳн кунондам. Боз... агарчи як дафъа ба Олимов гӯё дар омади гап «кори нағз нашудааст. Тӯрон ҳамин хел одат дорад, ба таваккал худаш таҳ задагист», – гуфтам, низ фоида набахшид. Вай фақат рӯй турш кард ва ба ман халонда, иғвогарӣ кори одами сиҳат не, раис… гуфту норозиёна даст афшонд. Хулоса, шумоён боз ҳамон дӯстони қарин будед... Хайр, аз пушаймонӣ чӣ суд акнун? Хубаш... ҳоло ин соатро гиред, ҳамсоя; соати Олимов ин! Ягон вақт гузоратон ба Душанбе афтад, ба фарзандонаш мерасонед. Ҳазор дареғ, ки либосашро супурда наметавонам; нест либосаш. Ман онро пас аз як соли дуздии худ дар бозори шаҳр ба хоки сиёҳ иваз кардам...»

Вай аз нав ба Тӯрон-тракторчӣ соатро нишон дод.

«...Гиред, ҳамсоя, гиред. Аз гуноҳам гузаред. Агар тавонед, розӣ шавед аз мани беимон. Як зарра бошад ҳам, аз ин дунё хотирҷамъ рафтан мехоҳам. Гиред, ҳамсоя, то метавонед, розӣ шавед...»

Тӯрон-тракторчӣ гоҳ ба мӯйсафед, ки нури беҳоли чаш-

монаш тадриҷан хомӯш мегардид, ва гоҳ ба писару кампири ӯ, ки ҳар кадом ба таври худ дар таҳлука буданд, назари суол мепартофту маънӣ бурда наметавонист, – чаро вай ин қадар бетоқат шуда, маҳз соатро гаштаву баргашта нишон медиҳад?

Мӯйсафед ҳолатро фаҳмида, ба имову ишора боз чанд дақиқа ғурунг-ғурунг кард ва базӯр соатро гирифта, хост ба кафи дасти Тӯрон-тракторчӣ гузорад. Вале он аз байни ангуштони борикаш, ки акнун ба ӯ итоат надоштанд, дар партави чароғи шифт хуш ҷило дода, ба рӯи гилем афтид. Мӯйсафед як бор сахт нолиду дигар лаб накушод. Фақат ин ки чашмони фурӯнишастаашро зич пӯшида, хаш-хаш нафас мекашид.

Тӯрон-тракторчӣ ҷонсарак шуда, ба ҳалқи мӯйсафед каме об чаконд; соатро аз болои гилем бардошта, ба дасти Воҳид қапонд.

Вай онро бурда, беэътино ба пештахтаи тиреза монд.

...Мӯйсафед, чунон ки аз тарс бошад, тахмин ду соат пас чашм кушода, мутаҳайир ба сақфи хона нигарист. Пилкҳои заб-зардаш андак париданд. Баъд... аз байни лабони ба ҳам ҷафсаш як садои пасти ҳазин берун омад, ки на ба нафас монанд буд, на ба оҳ...

«Даргузашт, ҷояш ҷаннат шавад», – гуфт дар дил Тӯрон-тракторчӣ.

Кампири мӯйсафед, ки аз ин ҳодиса гӯё тарсида, лаҳзае чанд ҷунбида наметавонист, мисли гунги мудом дам назада, ба Тӯрон-тракторчӣ як пора суф дароз кард. Вай онро гирифта, манаҳи ҳамсояи деринаш Назарро ба эҳтиёт баст. Сипас ба пилки дидаҳои бози ӯ, ки мамлу аз ифодаҳои ҳайрату пушаймонӣ шах шуда буданд, мулоим даст бурд. Аммо ҳарчанд ду-се бор кӯшид, чашмони полудаи мӯйсафедро пӯшида натавонист.

«Ё тавба! – нохост марги дӯсташ Олимовро ба ёд овард Тӯрон-тракторчӣ. – Вай, раҳматӣ, *худаш* ду дидаи ба назар ҳанӯз бинояшро баста буд. Мегӯянд, ки чашми майит кушода монад, аломати аз дунё норозӣ рафтанаш... Боз мегӯянд, ки аксаран дидаи одами қалтабон... Наход ҳамин гап рост бошад?»

Баъд пилки чашмони саҳлнам ва торики мӯйсафедро молида-молида, дар як азоб нимкора пӯшиду аз сари болини ӯ оҳиста бархост.

Пиразан наменамуд.

– Додо, додоҷон... – мегирист Воҳид.

– Гиря накунед, додар. Марги падару модар мерос, – гуфт Тӯрон-тракторчӣ ва дақиқае хомӯш монда, илова намуд: – Хезед, тараддудатонро бинед, ман рафта пойкорро меёбам.

Вай кӯча баромад. Ранги шаб парида, гирду атроф ором ва ҳаво салқин буд. Дар машриқ, аз канори осмони алҳол сияҳфом, дар байни ситораҳои сард ва тиратоб… як ахтари калони оташин танҳо дурахшида, ба замин наздик менамуд.

«Ситораи рӯз», – гуфт ба худ Тӯрон-тракторчӣ ва лаҳзае ба он чашм дӯхт.

Ҳамин вақт аз ҷониби кӯҳ боди сарсарии тирамоҳ вазида, ба рӯи вай нофорам расида гузашт. Гузашту нури кавкаби дурахшон низ, чун чароғе ки дар раҳи шамол мондааст, як авҷ карда, зуд нопадид гардид; атроф ториктар шуд.

«Сабил... ситораи корвонкаш не... корвонкуш будааст, фиреб хӯрдам, ҳоло субҳ надамидааст», – аз дил гузаронд Тӯрон-тракторчӣ ва мӯйсафедро, ки дар ин ҳангом аз хотираш рафта буд, боз ба ёд оварда, ногаҳон дар сараш хаёле ҷасту ҳайратомез гашта ба осмон нигарист: дар он ҷо акнун ситораҳо тобонтар буданд.

Ба ӯ чунин намуд, ки аз як ҷиҳат зиндагии мӯйсафед ба дурахши назарфиреби ахтари корвонкуш шабоҳат дошт. Лекин аз кадом ҷиҳат, – Тӯрон-тракторчӣ дар ин хусус фикр накард. Аниқтараш... фикр кардан нахост ва тез-тез қадам партофта, ба тангкӯчае даромад, ки то манзили пойкор мебурд. Вай раҳ мепаймуду торафт дилаш фишурда мешуд. Бечора мӯйсафед... Баъд дар мадди назараш сурати гарми Олимов падид омад. «Ҳар кӣ бошад, беҳуда кӯшидааст», – мегуфт ӯ, хаёлманд пешониашро молида.

«Рост, беҳуда! Ситора... ситораи фиреб», – пичирос зад Тӯрон-тракторчӣ, хотираш парешон, дар миёни торикии тангкӯча сабук даст афшонда.

Вай тадриҷан ба ҳавлии пойкори деҳа наздик мешуду фарқ карда наметавонист, ки дилаш дар ёди кӣ ин қадар реш

аст ва аз барои чӣ ҳоло чашмони аслан тезаш ба ғафлат хира гардида, пеши пояшро дуруст намебинанд.

*1973*

## ДОҒ

Дарвозаи мӯйсафед кушода шуда, ба саҳни ҳавлӣ боз ҳамон марди тираруйи чашмони хокистариаш танг ва бурути маллааш ба ду тараф овезон, ки вақтҳои охир ба ин ҷо хеле кам меомад, оҳиста қадам монда, ба чор тараф назар давонд. Модасаг ӯро зуд шинохт ва дандон сафед карда, як ғуриду ҷаста ба по хест. Вале ҳамин дам мӯйсафед аз хона баромада, ҷонварро, ки сахт ба ғазаб омада буд ва акнун худро ба сӯи он марди тираруй андохта, ниҳоят доғи дилашро шустан мехост, баногоҳ аз шасташ гардонд. Ва *меҳмонро* пешвоз гирифта, ба хона даровард.

Модасаг боз як ғуриду аламаш зиёда шуда, гашта дар ҷояш дароз кашид.

…Порсол инҷониб мӯйсафед ба вай халал мерасонад. Дар ин муддат бори чандум аст, ки модасаг он марди чашмонаш танг ва буруташ овезонро дар ҳамин ҳавлӣ мебинад, аммо коре карда наметавонад. Чунки мӯйсафед ҳамеша ҳозиру нозир шуда, ба вай ҳатман халал мерасонад...

Хайр, ҳоло мебаромадагист!

Модасаг сари вазнинашро, ки беист ғуввос мезад, ба рӯи дастонаш гузошта, дандонҳояш фишурдаву чашмонаш нам, дер гоҳ ба дари хонаи соҳибаш нигарист. Хаёлаш ба рӯзҳои гузашта пайваста, нолиду нолид, оҳ кашид, гирист.

Наход вай, ҳеҷ набошад, ӯро нагазида... аламашро наситонда, аз ин дунёи равшан чашм пӯшад?

Не, не-е!

Баъд модасаг бархоста, оҳиста-оҳиста пеши дарвоза рафт, ки дар он ҷо як охури кӯҳна буд. Лаҳзае ба қафо нигариста, касеро надид, шарфаеро ҳам нашунид…

Ва худро ба даруни охур гирифт. Замонаш буд... аз ҳамин охур аспи хушфеъли муйсафед обу алаф мехӯрд. Ҳоло муддатҳост, ки дигар он аспи пир наменамояд.

Куҷо шуд вай?

Модасаг дар интизори *душманаш* лӯнда гардида, ба даруни охур мехобиду аз зӯри қаҳр ва ҳисси оташини қасос дили пурғамаш сахт-сахт метапид, – гӯё ғулғула мекард. Ҷонвар он айёмеро, ки дар ҳавлии мӯйсафед хушу хурсанд мезист, ба ёд оварда, дар аввал ҳамааш нағз буд, мегуфт ба худ ҳасратомез, лекин баъд...

Айшаш талх шуд баъд. Ҳамин марди тираруй талх кард айши ӯро. Одам не вай, балки як балои қазо буд.

Ҳоло барояд, ҳоло аз пеши ин охур гузарад... Мӯйсафед ӯро албатта то дарвоза гусел намекардагист.

Рафту гусел кунад, чӣ?

Не-е, не!

Модасаг медонад. Медонад, ки муомилаи соҳибаш ба он марди бадгуҳар сард шудааст.

Ё ба назараш ҳамин тавр метобад?

Ҳаргиз! Модасаг ба чашми худаш дида буд – мӯйсафед ду-се бори охир то таки дарвоза гусел накард ӯро. Яқин вай ҳам он марди хода барин дароз ва нигоҳаш дами корд барин тезро бад мебинад...

Ҳа-а, бад мебинад! Чунки вай ҳам як сол муқаддам шоҳиди сангдилии фарзанди одамизод буд.

Модасаг рагу пояшро бештар дарҳам кашида, боз нолид; нолиду нолид. Чашмони сурхаш ҳамчунон тар...

Ногаҳон шарфаи пой баромад. Ҷонвар гӯш ба қимор шуда, ақида кард, ки танҳо як кас меояд.

Душманаш.,.

Вай акнун қариб нафас нагирифта, қариб нақши замин гардида, дар зери бори бисёр гарони интиқом, ки омехта ба дарди бедаво буд, раҳ мепоид.

Шарфаи пой наздиктар мешуд.

Дандонҳои модасаг гӯё меёзиданд.

Пас шарфаи пой аз паҳлуи охур гузашт. Ва модасаг...

Парид!

Париду марди тираруй сахт афтида, ба тамоми овозаш дод гуфт. Вале модасаг, ки дар ин лаҳза аз чашмонаш оташак меҷаст, асло натарсид. Баръакс – ба ҳар ду пои пеш ӯро бештар ба замин пахш карда, мехост аз хирнояш гирад; дан-

донҳои тезаш ташнаи қасос буданд, ташнаи хун...

Мард ҳамчунон даступо зада, фарёд мекашид, имдод металабид; ҷонварро гоҳ аз сари синаву гоҳ аз пешонии паҳнаш тела дода, илоҷи халосӣ меҷуст.

Модасаг...

Вай паст намеомад.

Дастони мардро газида, гиребону остинҳои курта ва камзӯлашро дарида, ҷандала мекард, ки ҳар чи зудтар ба хирнои ӯ дандон занад.

Ҳамин тавр онҳо ду ё се дақиқа часпу талош доштанд. Лекин на мард аз зери пойҳои модасаг раҳоӣ меёфт, на модасаг ӯро аз хирнояш мегирифт, – гӯё дар панҷа андохтан ҳар ду баробар буданд.

Бо вуҷуди ин ҷонвар аз нияти худ намегашт.

Нохост аз тарафи хона овози мӯйсафед баромад:

– Нарас, Холдор, нарас! Сар деҳ, Холдор, сар деҳ! Нарас гуфтам...

Ва модасаг ғазабаш бадтар аланга гирифта, дар ҳайрат дид, ки мард якбора хомӯш шуд. Вай дигар муқовимат намекард. Чашмони хокистариашро калон-калон кушода, ранги рӯяш пахта барин сафед, ба дандонҳои тези модасаг менигаристу аз ҷой намеҷунбид. Гӯё ноилоҷ монда, «раҳм кун, аз гуноҳам гузар...» – мегуфт ба ҳамон чашмони пур аз тарсу тавалло.

Инчунин мӯйсафед:

– Нарас, Холдор, нарас! Сар деҳ... – гӯён дар арбада ба вай наздак мешуд.

Модасаг як дил кард, ки то расидани соҳибаш…

Ба хирнои он марди бераҳм дандон фишурда, ниҳоят аз ӯ қасдашро гирад. Фурсат ғанимат, охир... Вале аз нав ранги кандаву чашмони қариб мурдаи *душманашро* дида, аҷаб, ки ба ин кор ҷуръат накард.

Ё аз нидои таҳдидомези мӯйсафед тарсид?

Балки раҳми худаш омад?

Шояд боз ягон чизи дагар ба вай монеъ гардид?

Намедонад...

Ба ҳар ҳол ҷонвар аз шасташ гашт ва марди рӯяш тиpаву чашмонаш акнун беҳисро дар ҳамон вазъ партофта, соҳи-

башро, ки ба онҳо тамоман наздик омада буд, чап дода, мингосзанон ба як кунҷи ҳавлӣ хазид.

Мард бархост... – мӯйсафед аз ҷой хезонд ӯро!

Бархосту гоҳ ба сӯи модасаг ва гоҳ ба соҳиби вай нигариста, дар қаҳру заҳр баланд-баланд чиҳое гуфта...

Яқин таҳдид карда, дастонаш хуншор, гиребону остинҳояш дарида, шитобон аз дарвоза берун рафт.

Мӯйсафед қафо гашт.

Ба айвон баромада, хаёлманд каме истод. Сипас ба ҷониби модасаг як назар давонду аз чӣ бошад, ки беҳол даст афшонда, оҳиста ба хона даромад.

Саҳни ҳавлиро сукунат гирифт.

Ҷонвар танҳо монд. Вай дир-дир меларзид. Нафасаш тангӣ карда, ёрои ҷунбидан надошт. Чашмонаш ғарқи об, дунёро тира медид. Дили бадардаш хала мезад; бенизом тапида, қариб мекафид.

Ҳавлӣ сокит буд.

Модасаг сар ба рӯи дастонаш гузошта… чун мурда беҳаракат мехобид. Дар гӯшаш гуп-гупи нооромии дили афсурда, вай ҳоло бачаҳояшро ба ёд меовард.

Дар ин ҳавлии батартиб, дар паноҳи мӯйсафеди меҳрубон ҷонвар се маротиба бача кард.

Имсол ҳам мезояд.

Ҳа-а, зоиданаш наздик... Вале акнун бачаҳояш дар куҷо бошанд, ба дари киҳо мегарданд, чӣ рӯз доранд?

Ҳар сол, ҳамин ки ҷигарбандонаш чашм кушода, қувват мегирифтанд, мӯйсафед онҳоро якта-якта бароварда, ба одамон медод. Модасаг аввал зиқ мешуд; пас оҳиста-оҳиста ба танҳоии худ одат карда, то метавонист, дар хизмати соҳибаш мегашт.

Порсол...

Порсол ҳам вай ба азоб зоид.

Баъде ки чор бачаи зебояш чашм кушода, дар атрофи модасаг парвона шуданд, ба дари хонаи мӯйсафед яке аз паи дигаре боз одамон омаданд.

Ва боз *онҳоро* гирифта бурданд.

Фақат алоякаш монда буд.

Шӯх буд Ало! Орому қарорро намедонист. Аз субҳ то

шом дар саҳни ҳавлӣ давидаву ғелида, хурсандӣ мекард. Гоҳ аз думи мӯйсафед мегашт, гоҳ аз паи гурба метохт, гоҳи дигар, аксаран гушна мондан пас, дар гирду пеши модараш тор метанид. Мешуд, ки нохост худро ба миёни мокиёну чӯҷаҳо зада, дар як лаҳза фиғонашонро мебаровард...

Аз ин бесарии Ало зуд-зуд қаҳраш ояд ҳам, модасаг бисёр мехост, ки вай мудом дар паҳлуяш бошад, мӯйсафед ӯро ба касе надиҳад.

Лекин...

Дер давом накард рӯзи хуши онҳо!

Як саҳар ҳамон марди тираруи чашмони тангаш хокистарӣ ва бурути маллааш ба ду тараф овезон, ки ҳоло модасаг аз вай қасдашро гирифта натавонист – раҳмаш омад, бале, раҳмаш... – дар ин ҷо пайдо шуда, ба мӯйсафед хеле гап зада нишаст. Вақте ки бозпас мерафт, Ало баногоҳ аз паяш давид. Мард як баргашта, ба вай таҳдид кард...

Беақл буд Ало!

Ба таҳдида ӯ эътибор надода, мӯзаашро бӯид; дум ликонда, тохта аз пешаш гузашт; баргашта худро аз нав ба мӯзаҳояш молид...

Ва ба зарби яке аз ҳамон ду мӯзаи сиёҳ фиғони ҷонхароше баровард, чун тӯб рафта ба девор зад. Пасон нақши замин гардида, боз – ин дафъа пасттар – фарёде кашиду ҳамоно хомӯш монд.

Модасаг, ки баробари зарбаи мард аз ҷой ҷаста буд, ба чанд ҷаҳиш худро назди бачааш расонд.

Вале...

Акнун ҷон меканд Ало, балки мурда буд!

Мард наменамуд.

Мӯйсафед дуртар аз модасаг моту мабҳут меистод...

Ҳамин тавр шуда буд дар он чоштгоҳи офтобӣ.

Ҷонвар Алоро мебӯиду мегирист, мебӯиду мегирист.

Ҳоло низ сар ба рӯи дастони бемадораш гузошта… бачаҳояшро, махсусан алоякашро ба ёд оварда, хомӯш ашк мерезад.

Дар рӯи ҳавлӣ касе нест. Осмон баланд, мусаффо, кабкабуд. Офтобаки баҳорон нарм-нарм нур мерезад. Ҳама ҷо ором, тоза, об задагӣ барин...

Ногаҳон гулдуроси туфанг баромад.

Модасаг рост аз пешониаш тир хӯрда, баробари қади худ ба ҳаво хест. Ҳангоме ки гӯшҳояш чиппӣ гирифта, гашта ба замин меғалтид, хира-хира аввал *ҳамон* марди тираруӯй ва хода барин дарозро дид, ки дар даст туфанг дошт; ба сари мили он ҳалқа-ҳалқа дуди сафед мепечид. Баъд мӯйсафедро дид, ки аз дар баромада, айвонро тозон гузашта… ба *душмани* вай наздик мешуд.

Сипас Ало, алоякаш аз мағзи ҷигар фарёд кашид. Ва рӯзи равшани баҳорон дар дидаи модасаг тира гардид.

*1985*

## ИШҚИ АВВАЛ

Писарак дар синфи чорум мехонд. Вай як бачаи резаустухон, рангаш ҳама вақт каме парида, ниҳоят шармин ва камгап буд. Бештар танҳоиро хуш мекард. Ба ҳар гуна бозиҳои ҳамсолонаш, ки аксаран дар саҳни ҳавлии бинои дуошёна ба шӯру шааф сурат гирифта, баъзан соатҳо давом меёфтанд, қариб тамоман шарик намешуд.

Аз ин ланҷиву дамдуздии ӯ падару модараш ғусса хӯрда, ҳамеша мекӯшиданд ягона фарзанди онҳо солим, ба мисли бачаҳои дигар хандону чаққон, кушодадил, ҳазлкаш ва ҳозирҷавоб бошад.

Бинобар ин...

Ҳар коре ки аз дасташон меомад, ба ҷон иҷро мекарданд – барояш хел-хел тӯбҳои чармӣ, дучарха, чана, дурбин ва ғайра ашёи ба кӯдакон хушоянд мехариданд; номашро ба рӯйхати бачаҳое мегузаронданд, ки дар мактаб ё дар дигар ҷойҳои махсус ба тарбияи бадан машғул буданд.

Гоҳо ба чашмонашон ашк давида, онҳо тавалло мекарданд: вай зуд-зуд ба саҳни ҳавлӣ барояд – ҳавои тоза хӯрда, дар қатори ҳамсолонаш бихандад, бидавад, гӯштин гирад...

Ё ҳеҷ набошад, субҳгоҳон дар хона ба варзиши бадан пардохта, тадриҷан бақувват шавад.

Писарак сар ба зер афканда, оҳиста «хуб» мегуфту боз...

Ҳамон тавре ки буд,

Дар дунёи баасрори худ танҳо мемонд.

Аммо дар мактаб нағз мехонд.

Муаллимонаш мегуфтанд, ки вай бисёр баадаб, ростқавл ва муҳиммаш – ҷонибдори ҳақиқат аст.

Дар воқеъ...

Ҳамин хел буд писарак!

Мешуд, ки ягон рафтори нозеби бачаеро дида – хоса агар дар ҳаққи духтарак бошад, – аввал ба сухан танбеҳ медод. Мабодо... он бача ба гапаш эътибор накарда, баръакс худи ӯро дар зери ҳақорат гирад, пас дигар тоқаташ намонда, камзӯр бошад ҳам, ба гиребони вай сахт мечаспид.

Писарак медонист, ки ҳаргиз ғолиб намеояд – шатта хӯрда, баданаш, дасту рӯяш сурху кабуд мешаванд, ё аз ин ҳам бадтар – даҳону биниаш ғарқоби хун мегарданд. Нағз медонист...

Лекин гиребони *беадабро* сар намедод.

Ва дар як ҳоли зор ба хона расида, падару модарашро беш аз пеш обу адо мекард.

Писарак бар замми он ки дар мактаб ба баҳои аъло мехонд, боз...

Сурат мекашид.

Бисёр хуб сурат мекашид.

Дар байни тасвирҳои ӯ беш аз ҳама модараш…

Ва офтоби бузурги рахшону духтарчаҳои чилкокул ба назар менамуданд. Вай онҳоро дар кадом вазъе ки бошанд, хандон ба қалам медод.

Аммо худаш...

Ками дар кам механдид. Ғолибан хаёлолуд мегашт. Ҳатто баъзан... вақте ки дарс тайёр мекард, ё ягон китоби бадеӣ мехонд, ногаҳон аз ҷой хеста, пеши тиреза мерафту гӯё шах шуда бошад, беҳаракат истода,

Ба одамон,

Ба ҳавзи бетонии гоҳ пуробу гоҳ беоб...

Ва ба дарахтони рӯи ҳавлӣ...

Муддатҳо чашм медӯхт.

Чунин менамуд, ки ӯ пайваста дар изтироб аст; чизеро фаромӯш кардаасту дар сад азоб ба хотир овардан мехоҳад; ё гуноҳе дораду ботинан сӯхта, намедонад онро чӣ тавр аз падару модараш пинҳон созад...

Ҳамин гуна буд писарак!

Ва ба чунин хислати доимиаш дар синфи чорум мехонд, ки баҳорон аз қабати дуюми бинои онҳо як хона холӣ шуд. Марду зани ба мӯйҳояшон сафедӣ дамида ва хушфеъл, ки серфарзанд ва ба ӯ ниҳоят меҳрубон буданд, кӯчида... ба қасабаи дигар, ба манзили васеътар рафтанд.

Рафтанду...

Пас аз ягон ҳафта ҷои онҳоро ҷуфти барои писарак тамоман ношинос гирифт.

Зану шавҳари ҷавон...

Вай оҳ кашид.

Агарчи зан ба як дидан дар дилаш хуш омад, аз мағзи ҷигар оҳ кашид. Зеро... аз чӣ бошад, ӯро бадбахт пиндошт.

Баръакси шавҳараш зан бисёр зебо буд. Ҳангоме ки хиромон раҳ мерафт, ду гесуи қир барин сиёҳ, занҷир барин печону дароз ва хушбӯи вай дар ҳавои қадаммониаш банизом бозӣ карда, қомати ниҳолвор нозукашро боз ҳам дилангез ба ҷилва меоварданд; чеҳраи чун шири багулоб марғубаш ғарқи табассум...

Вале чашмонаш,

Чашмони сиёҳи бодомӣ ва ниҳоят меҳрубони ӯ мағмум метофтанд; аз пушти мавҷи ба монанди ҳарири сафед шаффоф ва нозуки шодмониву лабхандаш ба атроф андешманд ва қадре парешон менигаристанд.

Шояд барои ҳамин писарак ӯро бадбахт пиндошт.

Эҳтимол барои ҳамин изтиробаш дуболо гардид.

Ва боз... Ягона шуғли писандидааш – сураткаширо баногоҳ тарк намуд.

...Рӯзе аз хонаи зану шавҳари ҷавон аввал як ғалоғула бархост. Сипас ба гӯши писарак овози баланди мард расид, ки носазо мегуфт, ҳақорат мекард. Фурсате нагузашта дар он ҷо чизе, шояд зарфе ҷарангосзанон шикаст. Баъд фарёди зан баланд гардида, оҳиста-оҳиста ба гиря табдил ёфт. Баъд...

Дигар садое шунида нашуд.

Ва олам гӯё ях баст.

Писарак дар банди ҳаяҷони сахт монда, рӯ-рӯи хона ноором қадам мезад.

Падару модараш гоҳ ба вай, гоҳ ба ҳамдигар суоломез

чашм давонда, намедонистанд чӣ кор кунанд.

Писарак дарун-дарун азоб мекашид; ашк нарехта, хомӯш мегирист. Аз он ки хурд аст, камзӯру лоилоҷ аст. Вагарна...

Дар бадали як-ду моҳ дашноми бепардаи марду шикастани зарф ва чиросу гиряҳои талхи зан боз чанд бор такрор гардиданд.

Акнун писарак хобу хӯрро фаромӯш карда буд. Рангаш рӯз то рӯз заъфарон ва худаш беш аз пеш лоғар мешуд. Падару модар ҳоли ӯро дида, аз аввала зиёдтар месӯхтанд. Оқибат... дигар тоб оварда натавониста, як бегоҳ мардро танбеҳ доданд, ки минбаъд ин хел накунад – ба занаш даст набардорад, фарзанди бе ин ҳам ҳассоси онҳоро натарсонад!

Аммо...

Ҳеҷ суде набуд. Талошу пархоши ҷуфти ҷавон зуд-зуд идома меёфт.

Писарак ҳайрон мемонд.

Чунки вай он зани зеборо, ки баъзан дар хонааш аввал фарёд зада, пас дуру дароз мегирист, дар кӯча, ё дар саҳни ҳавлӣ хушу хурсанд медид. Қомати на пасту на баландаш нозук, гесувони марғуладораш атрогин, чеҳраи бенуқсаш хандон. Чашмонаш...

Лекин чашмони сиёҳи чоҳ барин амиқ ва бо вуҷуди кӯшишҳои зан ғамандудаш саропои писаракро ҳар дафъа ба як меҳри бехалал навозиш мекарданд.

Барои чӣ?

Вай худаш надониста, соҳиби он чашмони бодомиро инак дӯст медошт.

Шабҳо ғарқи обу арақ гардида, қариб ҳазён гуфта, қомати ниҳолу гесувони хушбӯяшро хоб медид. Рӯзҳо аксаран дар пеши тиреза истода, дар банди риққат раҳ мепоид. Ва тез-тез гиряаш меомад.

Бале...

Худ бехабар, писарак ба вай дил баста буд!

Ва ҳар қадар он занро дӯст дорад, шавҳарашро ҳамон қадар бад медид. Ба тамоми ҳастиаш мехост, ки ӯро ҷазои сазовор диҳад. Барои зан, барои ашки талху чашмони мудом ғамгинаш...

Як рӯз, ҳангоме дар хона танҳо монда, аз тиреза хаёл-

манд боз ба берун менигарист, нохост назари писарак ба мард афтид, ки ҳар ду даст ба пушт, лапон-лапон ба раҳрави пеши иморат наздик мешуд.

Дили писарак, гӯё ба он нештар зада бошанд, сахт тапид. Ва ӯ...

Тохта ба ошхона рафту ним сатил барин шушкиро овар-да, аз тирезаи як табақааш кушода рост ба сари мард рехт.

Вай дод гуфта, ба боло нигарист.

Писарак паллаи тирезаро зуд маҳкам карду дам ба да-рун гирифта, ноҷунбон нишаст.

Пас аз дақақае мард:

– Кушо, лаънатӣ, кушо!.. – гӯён дари хонаи онҳоро ду-мушта кӯфт.

Вале писарак, дар ҳолате ки аз ғояти тарс дили афгораш дар қафаси сина қариб метаркид, дарро накушод.

Бегоҳи ҳамон рӯз мард – вай яқин каме ором шуда буд – ба падару модараш шикоят кард.

Ва писарак дар ҳузури ӯ гап шунида, танбеҳ гирифта, ала-маш зиёда гардиду:

– Ин кас одами ганда. Ганда, ганда... – гуфта, ба чашмо-наш ашк давид.

Пас дартоз ба хонаи дигар гузашт ва худро ба рӯи ҷогаҳ партофта, оби дидааш шашқатор, болинро сахт газид, ки фи-ғонаш набарояд...

Як пагоҳ боз чироси зан баланд гардид. Шавҳараш боз ҳам зишт мегуфт, ӯро боз ҳақорат мекард; дар чанги садои гӯшхарош боз зарфе шикаст.

Ва баъд...

Аз нав хомӯшӣ ба миён омад.

Писарак дар пеши тиреза музтариб истода, ноилоҷ ва талх мегирист.

Рӯзи истироҳат буд он рӯз. Падару модараш ҳамроҳи ама-ки меҳрубони вай, ки шаби гузашта бисёр хурсанд ба шаҳр омад – то писаракро дар айёми таътил ба деҳаи дурдасти кӯҳистон, ба назди бобояш барад... – соате қабл аз паи бо-зорӣ рафтаанд.

...Писарак аз тиреза дур нашуда, ба ҳоли зан ашк мерехт; ба ҳоли худаш ҳам. Панҷаи дастаконаш гиреҳ, дили кӯча-

каш моломоли дард...

Мегиристу мегирист.

Тахмин понздаҳ-бист дақиқа пас зан ба рӯи ҳавлӣ баромада, фурсате беҳаракат истод. Баъд рафта... ба хараки зери маҷнунбед нишаст. Инак чеҳраи зебояш хандон набуд. Гесувонаш кушода ва парешон; китфонаш саҳл меларзиданд. Ба пеши пояш назар дӯхта, вай дар муҳити навдаҳои ба мисли худаш ғамгин ва сархами маҷнунбед...

Пакару озурда менишаст; рӯймолчаи дар дасташ ғиҷимро ҳар замон ба чашмонаш мебурд.

Писарак бетоқат шуд.

Оби дидаашро ба муштчаҳои сардаш ситурда, дар як беҷуръатӣ ва шарму ҳаё поин фуромад. Аввал дар дами дар истода, қариб мижа назада, муддате ба сӯи зан нигарист.

Аммо вай инро ҳис накард.

Ақалан сар набардошт...

Баъд писарак аз паҳлуи ӯ ба харак нишаст. Чунон оҳиста нишаст, ки зан ҳатто наҷунбид – чӣ хел омаданашро яқин пай набурд.

Фақат мегиристу оби дидаашро пок мекард.

Ва боз мегирист.

Дар саҳни ҳавлӣ ба ғайр аз онҳо дигар касе набуд.

Китфони хушқолабаш гоҳ-гоҳ дар шинухез… Зан аз пеши пояш ҳамчунон сар намебардошт.

Писарак бе ягон ҳаракат шах шуда менишаст. Намедонист, ки чӣ гӯяд, чӣ тавр ӯро тасаллӣ диҳад.

Ниҳоят вай...

Аз болои куртааш...

Пои сафед ва бисёр зебои занро маҳин сила кард.

Зан як қад парида, ба писарак нигарист. Бари рӯяш кабудтоб ва саҳле варамида буд.

– Ҳа-а-а?

– Ман... ма-ан шуморо... нағз мебинам.

– Чӣ?! – чашмонаш суп-сурх, аз ин ҳарфи писарак беихтиёр хандид ӯ.

– Рост мегӯям... гиря накунед. Ягон рӯз ман аз *вай* қасди шуморо мегирам. Фақат гиря накунед...

Зан дигар нахандида ва ҳайрон шуда, лаҳзае ба писарак

назар дӯхт. Гарми гарм буд нигоҳаш... Баъд зуд ба гардани борики ӯ даст андохта, сарашро ба сари синаи раҳми худ пахш кард. Ва аз нав гириста...

Ногаҳон бархосту шитобон ба хонааш рафт.

Писарак танҳо монд. Гӯё мадад ҷуста, мурғи нимбисмил барин ба гирду атроф чашми умед давонд.

Вале ҳайҳот!

Пас нигоҳаш ба як лаби харак бархӯрд, ки дар он ҷо то алҳол...

*Зан* нишаста буд.

Рӯймолча…

Рӯймолчаи гулобӣ, тар, ғиҷим, аммо муаттар…

Рӯймолчаи зан!

Чунон ки пораи оташ бошад, писарак онро ба эҳтиёт бардошт. Бӯй кашид, ба лабони гарму ларзонаш расонд. Ва низ...

Бархоста, тозон ба хона даромад.

Рӯзи дигар амакаш ӯро ба деҳа, ба дунёи муҳаббати бобояш бурд.

Писарак дар охири таътил, дили интиқу интизораш ташнаи дидор, ба шаҳр баргашт. Аммо ба зан...

Вонахӯрд!

Падару модараш гуфтанд, ки рӯзи ба деҳа рафтани ӯ зан ҳам аз манзили шавҳараш ғайб зад.

Писарак боз гирист. Чунки на фақат сурати зиндаи зан...

Балки ягона хотира –

Руймолчаи шилшиладори гулобиро низ гум карда буд!

...Мард оҳ кашид.

Вай дигар он писараки рангпаридаи дамдузд набуд. Ва ҳоло, субҳгоҳон, баъд аз бисту ҳафт соли ин воқиа, дар хонаи гарм,

Хонаи бароҳати худ...

Аз канори мизи пеши тиреза нишаста, дар рафти умраш...

Шояд бори ҳазорум аст ҳамон зани барно ва ниҳоят бадбахтро аз нав ба ёд меовард.

Вале сурати ӯ дар гӯшаҳои хотирааш фаромӯш гардида буд. Битамом... Бо вуҷуди ин вай он рӯи зеборо гӯё печида ба як пардаи ҳарири сафед баръало *медид;* чунон ки қурси оташини офтобро аз пушти абри тунук мебинанд. Дар хаё-

лаш қомати на паст, на баланди зан ҳоло ҳам ниҳолвор нозук, гесувони марғуладораш хушбӯй, чеҳраи покизааш хандон. Чашмонаш...

Лекин чашмони бодомии сип-сиёҳ ва мисли чоҳ амиқи ӯ ғамандуд метобанд.

Мард боз оҳ кашид.

Дар берун барфи парешон меборид. Поғаҳои калон-калони сафед, ки пати кафтарро мемонданд, дар чанги ҳаво печутоб хӯрда, беозор ба замин мефуромаданд. Шохаҳои урён ва сияҳгуни дарахтони рӯи ҳавлӣ...

Дили мардро, ки аз хоб хестан баробар қариб ним соат ба тарбияи бадан машғул шуда, худро бардам ҳис мекард, инак қадре фишор медоданд, сим-сим ба дард меоварданд.

«Бахташро ёфта бошад?» – пичирос зад ӯ зери лаб. Ва дар як вараќи барф барин сафеди дафтари болои миз беихтиёр чунин навишт:

Ба пиндорам, ки дунёи мани хурд,
Ҳама дарди дили дар изтиробам,
Набуд беш аз пати кафтар, ки ҳоло
Бипечад дар дами боди ҳавасҳо...

Инро навишту аз худ шарм дошт.

Вай, охир, шоир не, балки коргар аст, як коргари қаторӣ – бетон мерезад, хишт мечинад, андова мекунад... На securities вазнро медонад, на қофияро. Лекин баъзан ҳамин тарз, шояд барои тасаллои ҳавои дилаш...

Нанавишта наметавонад.

Боз...

Гоҳо сурат ҳам мекашад.

«Бахташро ёфта бошад?» – хаёлан гашта ба сӯз такрор кард мард.

Омехта ба як дарди аз овони кӯдакӣ дар тану ҷонаш қарин басо муассир буд ин такрор.

Қаламро дар ҷояш гузошта, вай оҳиста бархост.

То ки ба ошхона рафта, чой монад. Ҳамин замон духтарчаи мактабхонаш бедор мешавад. Занаш дар сафар...

*1985*

# ЗИНДАГӢ

Марди нобино қариби офтобшинам ба соҳил меомад. Регу сангрезаҳои гарм дар зери пояш мулоим ғиҷирос мезаданд…

Вай гӯё шах шуда, ба садои баҳр ҳушёр гӯш медод. Ва чеҳраи каме заҳираш ба талоши мавҷҳо эҳтимол ҷавоб мегардонд: то абад силсила бошед, аз ҳам канда нашавед!

Агар ба шарафи баҳр ягон ҳайкали ёдгор гузоштан лозим меомад, хоросанги бузургеро ман ба сурати маҳз ҳамин марди нобино табдил медодам…

Вай кафшашро ба як савқи табиӣ аз пой мекашид; ҷуробашро ҳам кашида, таҳ карда, батартиб болои он мегузошт. Ва оҳиста…

Ба об медаромад.

На дар чеҳраи коҳидааш, на дар ягон ҳаракаташ *чизе* раҳмовар набуд.

Ман баҳрро медидам…

Вай онро *мешунид!* Ва табиаташро, гумон мекардам, аз ман беҳтар ва бештар медонист…

Сиррашро амиқтар мефаҳмид. Тахминам, ки ҳатто метавонист онро ифшо созад.

Чаро ӯ ба соҳил фақат қариби бегоҳ меояд? Дар куҷо зиндагӣ мекунад? Ба кӣ?.. – кунҷковиам боло гирифта, ба худ чунин суолҳо медодам.

Ва баъзан маро дар дил хоҳише пайдо мешуд, ки аз паи ӯ рафта, ба ин ҳама суолҳо ҷавоб ёбам.

Вале марди нобино батамкин қадам монда, аз соҳил чунон ҷиддӣ дур мегардид, ки ман филҳол аз хоҳиши худ даст мекашидам. Бигузор ин сир бароям ниҳон монад…

Дар яке аз рӯзҳои пайваста офтобӣ, тарафи бегоҳ – вай, охир, ҳамин вақт ба соҳил меомад – ман ӯро надидам.

Бегоҳи дуюм ва сеюм низ…

Ва аз чӣ бошад, ки пай бурдам: вай дигар намеояд.

Ҳамин тавр рӯзгори бароям номаълуми як марди нобино аз бари ман ба муаммо гузашт. Мисле ки соат ба соат умри одамӣ мегузарад…

Аз он айём ҳашт соли дароз сипарӣ шуданд. Ва муддати ин солҳо дар ҳаёти ман воқеоти зиёде рух доданд.

Лекин…

Ҳангоме ки аз пастиву баландиҳои зиндагӣ дилтанг шуда, равонам тазйиқ меёфт…

Ман чашмонамро пӯшида, он марди нобиноро пеши назар медидам. Ва аҷаб – баҳр ҳам дар хаёлам нобино метофт.

Кӯр метофт.

Шояд дар ҳақиқат чашми басират надошт. Бинобар ин…

Мавҷҳои беҳисобашро паёпай ба соҳил меандохт.

То раҳорaҳ бидонанд, ки санг чисту харсанг куҷост.

…Баъди ҳашт сол инак ман боз дар канори Баҳри Сиёҳ истироҳат мекунам…

Ҳаво гарм буд. Чанд рӯзи охир ҳатто аз сӣ дараҷа боло мешуд. Дар сатҳи баҳр мавҷе ба назар намерасид. Обаш ҳар ҷо-ҳар ҷо ҷило дода, як оинаи бузурги беҳадду канорро мемонд, ки аз қазо шикаста,

Ба ҳазорон пора тақсим гардидааст.

Ва агар мижа назада, то даҳ-дувоздаҳ дақиқа ба он чашм дӯзед, дар пеши чашматон тадриҷан ранг бадал мекард, – сияҳгун мешуд.

Аз шинои тӯлонӣ гӯшҳоям ғуввос зада, ба соҳил баромадам. Аммо хаёлам, ки дар соҳил низ баҳр оҳиста алвонҷ медод маро…

Баданам хушк шуда, ба *ҳамлаи* нурҳои тези офтоб дигар тоқат карда натавонистам. Ва маҷбур либос пӯшидам; аз миёни онҳое ки тани урёни худро дар болои реги гарм,

Дар зери анвори сӯзон…

Лоқайд тоб медоданд, дар шитоб гузашта,

Ба кӯчабоғи сафедорони баланд дохил шудам. Он ҷо саросар сояву салқин буд. Хоҳише надоштам, ки ягон тараф равам. Масалан, ба тарабхона, ба сайри кӯҳ, ба тамошои филм… Умуман коре кардан намехостам.

Аз ин рӯ ба як хараки пуштакдор нишаста, чашмонамро пӯшидам. Муддате пас монанди пари қу сабук шудам. Ва дар торикӣ рангинкамонро дидам.

Гӯё баръало…

Гумон бурдам устухони фарзанди одамизод ҳамеша чунин сабук ва худаш аз рӯзи азал хушбахт аст.

Воқиан, инсонро баъзан ҳолате рӯй медиҳад, ки дарун-

дарун меболаду дигар ҳеҷ чиз намехоҳад. Гӯё карахт мегардад, шах мешавад. Ва аз кадом гӯшаи вуҷудаш як садои *бесадо* бармеояд: кош то охири умр аз ин вазъи ҳаловатбахш берун намерафтам!

Аҷаб ширину андешавор буд оромии кӯчабоғ.

Завраққои бодбондори сатҳи бахр…

Шабпаракҳоеро ба хотир меоварданд, ки болҳои худро бардошта, ба ҳам ҷафс кардаанд.

Дар хаёлам як қувваи бузурги осмонӣ маро ба мағз андар мағзи олами сукут ва ҳаловат қарор дода буд…

Ногаҳон дар паҳлуям пирамарде нишаст. Хирос мезад. Нафас аз гулӯяш ба азоб ва номураттаб берун меомад. Тани хомфарбеҳаш яқин роҳат металабид.

Чунон ки ба нафасгирии худ гӯш меандохта бошад, лаҳзае чанд хомӯш буд пирамард. Сипас як оҳи вазнин кашид ва эҳтимол дигар ба тазйиқи сукунат тоб наоварда, нарм пурсид:

– Дам мегирӣ?

– Бале, – нохоҳам ва кӯтоҳ ҷавоб гардондам ман.

Охир, ҳаловати худро аз даст додан аламангез мебуд. Пирамард ба он рахна заданӣ…

– Хуб мекунӣ, – гуфт ӯ, дубора оҳ кашида. – Ман ин ҷо наменишастам, ба ту халал ҳам намерасондам. Лекин… хаста шудам. Пиригарӣ, мадорам намондааст.

– Шинед… бемалол, – гуфтам ман.

Ва машғуш аз дил гузарондам, ки хайр…

Гап занад; ҳар қадар бештар гап занад, ҳамон қадар зудтар меравад.

Ниҳоят маро ба ҳоли худ ва оромии атроф…

Танҳо мегузорад.

– Биҳиштанд ин ҷойҳо; биҳишти ҳам ин дунё, ҳам он дунё, – гуфт пирамард, ки нафас гирифтанаш акнун ҳамвор мешуд.

Ман ҷавоб надодам, фақат беэътино сар ҷунбондам.

– Биҳишт, – оҳиста такрор кард ӯ. Ба дараҷае оҳиста, ки гӯё метарсид – ҳоло ба даҳонаш мезананд.

Ман мижа кашидам.

Ба он маънӣ, ки хоҳиши лаб кушодан надорам…

– Ин ҷоро нахустин бор соли чилу чор дидам, – гуфт пирамард. – Маҷрӯҳ шуда, яъне тир хӯрда… дар госпитал мехобидам. Падарам аз худи Таллин хабаргирӣ омад. Намедонам аз дидори ман… ё сабабаш дигар буд, ки ба ҳар ҳол гирист. Биҳишт дар он дунё не, ана… дар ин ҷо будааст гуфта, оби дидаашро пок кард. Хуллас, вай гашта рафту ман қарор додам: то дами марг дар соҳили ҳамин баҳр мемонам. Ва мондам. Баъд хонадор шудам. Акнун худат мебинӣ… умрам мисли бод мегузарад. Се писар тарбия кардам, панҷ набера дорам. Айни вақташ, ки дар сояи давлати онҳо рӯзи равшан бинам. Лекин… гирифтор шудам оқибат – бемориӣ сахт азоб медиҳад. Базӯр мегардам…

Пирамард якбора гирист.

Ман даступо хӯрдам, – чӣ хел ӯро дилбардорӣ кунам? Кайҳо боз аз гуфтани суханҳои муқаррарӣ, ки аслан сарданд, бецонанд…

Даст кашидаам.

Ғайр аз ин оё сухан метавонад ғами инсонро пурра таскин бахшад?

Не-е-е…

Ман беихтиёр ба ашки пирамард шарик шудам.

Аммо табиат…

Он манзараи зебое ки мо ба вай рӯбарӯ менишастем, аз дарди пирамард хабар надошт, парво ҳам намекард – суруд мехонд, механдид, меболид.

Ва хушбахт буд.

– Мурдан намехоҳам, – гуфт пирамард. – Умри одамизод ин қадар кӯтоҳ!

«Бале, бисёр кӯтоҳ», – нолаи ӯро дар дил мусаллам донистам ман. Ва лаҳзае дар қайди андеша монда, ақида кардам: эҳтимол маънии зиндагӣ низ дар *ҳамин* бошад, ки инсон хуб мефаҳмад – умраш чун барқу бод…

Меояду шитобон мегузарад!

Ӯ бархост.

– Ман акнун равам.

Ва аз харак як-ду қадам дур шуда, мисли он ки чизе ба ёдаш омада бошад, таққӣ истоду…

Ба ман рӯй овард.

– Эҳтиёт бош, писар. Мо аз носомониҳои зиндагӣ худамонро худамон бемор мекунем. Ҳа-а, худамон… Хайр, худо ёрат бод!

– Ташаккур, – гуфтам ман ба хаёли парешон.

Пирамард боз оҳ кашид ва ҷуссаи вазнинашро гӯё кашола карда…

Бар дӯшаш бори гарони беморӣ,

Дар гӯшаш садои марги ногузир…

Ба раҳе пой монд, ки ҷониби фароз мерафт.

Ман аз қафои ӯ дер гоҳ назар кардам.

Ва чашм пӯшидам…

То вазъи аввалаи худро дарёбам. Вале дигар натавонистам ба он оромиву ҳаловат, ки чанд дақиқа пеш ҳузураш маро муяссар гардида буд, аз нав пайванд бигирам.

Чашм кушодам, –

Офтоб тобону осмони болои баҳр мусаффо.

Раҳе ки пирамард ба он мерафт…

Дар азоб мерафт,

То худи фароз холӣ.

Кӯчабоғи сафедорони баланд ғарқи сояву салқин…

Нохост диламро як панҷаи оҳанин гӯё ба қабза гирифт; тахтаи синаам каме ба дард омад. Ва ман дар ҳасрат фикр кардам, –

Фардо ба Душанбе рафта, боз аз паи ташвиши зиндагӣ мешавам; боз ба ҳамон коре машғул мегардам, ки аз бало бадтар мебинам; аз якрангиҳои муҳит пайваста азият кашида, боз намедонам сарамро ба кадом санг занам; аз дарди маоши андак, ки ба он аҳли оилаамро таъмин кардан ҳеҷ мумкин нест, дарун-дарун боз ғам мехӯрам.

Ба қавли пирамард фардо ман ба дунёе меравам, ки аз носомониҳо дар зиндагӣ одам худашро худаш бемор мекунад. Худаш…

Ҳоло чӣ?

Дар мадди назарам баҳри бекарон метобад.

Баъд пирамарди беморро мебинам, ки аз марги лобуд ниҳоят метарсад.

Ва *он* марди нобиноро, ки на дар чеҳраи қадре заҳираш, на дар ягон ҳаракаташ чизе раҳмовар вуҷуд надошт. Вай

муҷассамаеро мемонд саропо аз муҳаббат ва эътимод...

Пас мутаҳайир гумон мебарам, – баҳр низ бемор аст, *кӯр* аст!

*1987*

## ШАБЕ ДАР РОҲ

Сайроб, сайри об...

Дар ҳақиқат номи деҳа ба худаш муносиб афтидааст. Ривоят мекунанд, ки дар замонаш мардуми гирду атроф ин ҷо ба сайри об меомадаанд. Чун ба як идгоҳ...

Сайри об... Шояд сари об бошад?

Ҳоло ҳам ду чашмаи калон-калони дуртар аз чанори солхӯрда, ки аз онҳо қариб ним санг оби сарду зулол ҷорист, пур аз моҳианд. Ҷонварон ҳама якранг буда, бемалол шино мекунанд, аз ҳузури одам ҳаргиз намегурезанд. Мегӯянд, ки то имрӯз ба ин моҳиҳо дасти инсон нарасидааст. Ва аз ҳама аҷибаш – дар бадали солҳо калон ё хурд шудани онҳоро низ касе намедонад.

...Чангу гарди либосамро афшонда, дар поиноби чашмаҳо дастурӯй шустаму ба умеди ягон мошини раҳгузар дар хараки назди чойхона нишастам. Аммо қасд кардагӣ барин аз ин мавзеи ҳамеша серҳаракат ҳоло мошине намегузашт. Газики қаҳваранг, ки ҳангоми аз автобус лакот фуромаданам дар ҳамвории қади кӯча меистод, ҳанӯз дар ҷояш буд. Ҳеҷ не ки зоте ба наздаш ояд.

«Соҳиби он дар куҷо бошад?» – ба андешаи шояд то Бойсун равад, аз дил гузарондам ман.

Ҳамин дам аз ошхонаи рӯбарӯ чор кас берун омаданд. Яке аз онҳо ҷавони лоғарандоми миёнақад буда, дар тан куртаи чорхонанусхаи остинкӯтоҳ ва шими хокистарранги обшуста дошт. Се нафари дигар дар либоспӯшиву фарбеҳӣ як себи ду тақсим буданд.

Онҳо сӯҳбаткунон оҳиста-оҳиста ба газик наздик шуданд. Ҷавон, ки бе шубҳа ронанда буд, дари мошинро кушода, ба ҷониби ман як назар андохту ба ҳамроҳонаш чизе гуфта, дар қадамҳои устувор наздам омад ва хушҳол салом дода, фав-

ран пурсид:

– Агар хато накунам, ту Абдулло?

– Бале... – гуфтам ман.

– Аз Душанбе омадӣ?

– Ҳа-а...

– Хонданат чӣ хел?

– Бад не.

– Бойсун меравӣ албатта?

– Ҳа, Бойсун...

Ман ӯро баробари он ки ногаҳон ва хурсанд ба наздам омад, шинохтам. Номаш Ғанӣ. Се сол пеш, аз рӯи гапи мардум, барои авбошӣ ба муддати ду сол ҳабс шуда буд. Азбаски ману вай фақат шиноси салом-алейкем, ба суолҳояш дар як навъ худдорӣ ҷавоб медодам.

– Биё, мо ҳам Бойсун рафтанӣ, – гуфт Ғанӣ бидуни чашмдошт ва ҷомадончаамро бардошта, маро аз оринҷам гирифту ҳамроҳи худ ба тарафи мошин бурд.

Яке аз он се мард, ки эҳтимол хӯҷаини газик буд, ба саломи ман дар ҷигот ҷавоб гардонда, ба рӯи Ғанӣ нигоҳи маънидор афканд.

– Ин кас писари Салим-амаки оҳангар, – табассум кард Ғанӣ. – Савоб мешавад. Ҷой ҳаст...

– Ҳамин тавр?.. Хайр, майлат.

Ғанӣ чаққон гузашта, ба сари фармон нишаст.

Ман аз қафо ҷой гирифтам.

Мард ба ҳамсӯҳбатонаш мағрур хайрухуш карда, худро дар нишастгоҳи паҳлуи Ғанӣ партофт.

– Роҳи сафед, рафиқ Иброҳимов! – гуфта, он ду нафар ба навбат дасти ӯро фишурданд.

Баъде ки Иброҳимов ба сараш ишораи «рафтем» кард, Ғанӣ мошинро ба ҳаракат овард.

Ин дам як лаби қурси офтоб дар пушти теғаи кӯҳи Фарҳод фурӯ рафта буд.

Газик ба як виз-визи мутассил талу теппаҳои канори раҳро қафо партофта, ба сӯи Бойсун метохт.

Иброҳимов, ки ширакайф буд, дар ҳавои гашти мошин мувозинаташро нигоҳ дошта наметавонист. Ҷуссаи фарбеҳаш ба ин тарафу он тараф вазнин албонҷ мехӯрд. Аз ваҷо-

ҳаташ барфу борон мерехт.

Пас аз он ки тахмин понздаҳ-бист километр тай задем, Иброҳимов, гӯё аз хоби ғафлат бедор шуда бошад, ба Ғанӣ рӯй ниҳода:

– Қафо гардон, – гуфт. – Саримаск меравем. Сабил монад, қариб буд фаромӯш кунам.

Ғанӣ аз чунин амри ногаҳон як лаҳза даступо хӯрда, газикро дар шаст пас гардонд.

Ба замин пардаи нилгуни шом мефуромад.

Ба чеҳраи сиёҳтоби Ғанӣ ҳам, ки раҳораҳ ба ман аз ину он гуфтугӯ мекард, хафагӣ соя афканда буд. Вай дигар гап намезад. Дар ҳолате ки панҷаҳои шахшӯли шамоллесидааш чанбари фармонро маҳкам медоштанд, андешаманд ба пеш менигарист.

Вақте мошин ҷониби Саримаск гашта, ба дараи танге дохил шуд, атрофро торикӣ фаро гирифта буд. Раҳ пурчангу вайрон. Хамгаштҳои хавфнок ва нишебу фарозҳои носози он Ғаниро бесаришта мекарданд. Газик аз зери шаххҳои овезоннамо ва харсангҳои ғелам-нағеламӣ дара чун косапушт хазида, вазнин ба кӯҳи Фарҳод мебаромад.

«Дар бемаҳал мардак ба ин тарафҳо чӣ кор дошта бошад? Шояд назди чӯпонҳо равад?» – меандешидам ман, як ба Иброҳимову як ба Ғанӣ нигариста. Зеро касони чорводор дар фасли тобистон рамаҳои худро одатан ба марғзорҳои салқину сергиёҳи бағали кӯҳсор меронанд.

Гумонам рост баромад.

Иброҳимов дуртар аз се-чор каппае ки дар қариби кӯрроҳаи пурсанг воқеъ буданд, мошинро боздошта, оҳиста фуромад; рӯ ба онҳо дар салобат ва бешитоб қадам партофт... Ва филҳол ба пешвозаш марде баромад, ки ман дар партави равшании дами дар ришу бурути сиёҳи ӯро хира мушоҳида кардам. Мард ба ду дасти адаб Иброҳимовро истиқбол гирифта, ба каппаи аввал ҳидоят намуд.

Ман ва Ғанӣ, ки ҳамчунон хомӯш менишаст, дар мошин танҳо мондем.

Ин ҷо ниҳоят серун буд. Боди сарде ки аз қуллаҳои баланди рӯбарӯ сарозер мевазид, пайкари касро меларзонд.

Пас аз фурсате марди ришдор омада, моро ҳам зуд ба

сӯи *он* манзил бурд.

Дар оташдоне ки аз мобайн гирд кофта буданд, ҳезуми бурс часар-часар сӯхта, бӯи хуш мебаровард. Дар болои алав ба чӯби заранги дар ҳаччаҳои ду бари оташдон андармон қумғони пуробе овезон истода, сахт мечӯшид. Дар атрофи алав озод чорзону зада, Иброҳимов ва боз панҷ нафари дигар менишастанд.

Баъди он ки ба ману Ғанӣ аз пеши дар ҷой нишон доданд, марди ришдор ба Иброҳимов наздик шуда, оҳиста чизе гуфт. Иброҳимов низ ҷуссаи ногунҷонашро дар болои кӯрпача андак ғундошта, ба гӯши вай пичирос зад.

Чӯпонҳо дарҳол зиёфат оростанд.

Иброҳимов гӯшти бараи ҳил-ҳил пухтаро ба иштиҳо фурӯ мебурд. Шахси аз тарафи росташ нишаста (мардак сарчӯпон будааст) ба вай аз чойники пахтагул кам-кам арақ кашида медод. Ва худро чунин вонамуд мекард, ки онҳо чой менӯшанд. Ҳар ду ба алфози қабеҳ ҳозиронро гоҳ-гоҳ дар мазоҳ низ мегирифтанд.

Марди ришдор наменамуд.

Вай тахмин пас аз як соат пайдо шуда, ба Иброҳимов дар тамаллуқи ошкоро:

– Тайёр, – гуфт ва сари зону нишасту аз табақ поре гӯшт бардошта, кордашро аз ғилоф кашид.

Иброҳимов, ки дар дасташ пиёлаи арақ буд, ба ҷониби Ғанӣ такдор нигарист ва ба ишораи чашм ҳамон мардро нишон дода, нимғурма гуфт:

– Ин кас қатӣ як берун баро.

Марди ришдор гӯшти гирифтаашро, ки ҳанӯз ба даҳон набурда буд, дар лаби дастархон гузошт ва тохта хест.

Ғанӣ ҳамроҳи ӯ аз каппа баромад.

Фурасти як пиёла чой нӯшидан нагузашта, Иброҳимов бархост. Аз паи вай ман ҳам ба по шудам.

Чӯпонҳо Иброҳимовро то назди мошин гусел карданд. Марди ришдор он ҷо дар паҳлуи Ғанӣ меистод. Ҳангоме савор шудем, ногоҳ ба димоғам бӯи гӯшти хом нишаст. Баъде ки сарчӯпон ба Иброҳимов даст дода, сафари бехатар хосту ба тарафи ман, ақалан аз рӯи таомул, ҳатто назар наафканд, Ғанӣ мошинро ба кор андохт.

Газик равшании тези чароғҳои худро, ки синаи зулмотро дарида мерафт, дунбол мегирифт.

Аз байн қариб ним соат гузашт.

Иброҳимов, ки яқин маст шуда буд, сарашро ба лаби тирезаи вози мошин такя дода ва хур-хур нафас кашида, беарво хоб мекард. Шамоли раҳ соябони кулоҳи хасинашро мунтазам бозӣ медоронд.

Як вақт ӯ бедор шуда, даст ба сараш бурд ва парешон ба Ғанӣ нигариста, тунд пурсид:

– Канӣ?

– Чӣ канӣ? – нафаҳмид Ғанӣ.

– Кулоҳам канӣ мегӯям, кулоҳ...

– Ман надонам...

– Ту кай боз намедонистагӣ шудӣ? Очаи зори ту барин намедонистагиро нишон медиҳам!

– Чӣ ин қадар мағал мекунед?! Ман, охир, кулаҳбони шумо не-ку...

– Набошад, ту кистӣ?.. Дониста мон, бача: ба ман шофире ки кулоҳи соҳибашро намедонад, дар ду дунё лозим не. Худи пагоҳ кафшатро ба пешат рост мекунам. Ана баъд чор тарафат қибла. Лекин ҳозир... аз таки замин бошад ҳам, кулоҳи маро меёбӣ.

– Шамол бурдагист. Дар ин зулмот аз куҷо ёбам?

– Меёбӣ!

– Шаб аз нисф гузашт... Ман надонам, ки он сабил дар кадом гӯр афтид.

– Ту бисёр машмаша накун, бача... Забонат хеле дароз шудагӣ барин, а?! Барои ман кӯтоҳ кардани ин хел чизи касиф чудо осон... Мошинро қафо гардон!

– Раис... рафиқ Иброҳимов, – гуфт ба тамкин Ғанӣ, – худатон медонед, ки занам касали вазнин. Имрӯз мехостам барвақттар расам, ваъда карда будам. Чашмаш чор будагист... Агар розӣ бошед, пагоҳ аз магазин ягон кулоҳи нав харида медиҳам. Илтимос, тезтар равем.

– Ман ҳоло аз ту тамаъ кардам? Аз ҳисоби ту шофири чиркин ба *ин* сари азиз пӯшам, а?.. Бас, ландаҳур, қафо гардон. Тезтар! – дӯғ зад Иброҳимов.

Ғанӣ ноилоҷ мошинро пас гардонд. Дастонаш қадре ме-

ларзиданд. Хаёлам, ки дар чашмони мешиаш аз ботин партави як аланга рӯ гирифта буд.

Иброҳимов, чун оташе ки ба ғарами хас печидааст, аз дамаш намефуромад. Аҷаб коре! Ман ҳам бехабар мондаам кулоҳи вай куҷо рафт.

– Ту барин шофирҳои қайсарро дар ин умри худ бисёр дидаам. Қариб ҳамаашон ба ман ақл шудан мехостанд. Лекин онҳоро дар ҷояшон чунон шинондам, ки то алҳол ба по хеста наметавонанд. Туро ҳам...

– Ин қадар натарсонед, – ба заҳрханди ошкоро таҳдиди ӯро бурид Ғанӣ.

– Ман туро аз турма одам шуда омадагист гуфта, риши сафеди падаратро ҳурмат карда, аз дари раҳм ба кор гирам, ту ҳанӯз ҳамон Аҳмади порина будаӣ...

– Шумо ба турма шудани ман кордор набошед. Гуноҳ ки доштам, ҷазоямро дидам.

– Рост мегуфтаанд: хар ба Макка равад ҳам, хар аст.

Ғанӣ даршаст тормозро пахш карда, як лаҳза ба Иброҳимов чашм дӯхт. Мисле ки нафрати худро вай ба ҳамин нигоҳ баён доштан мехост. Пас ҷаста аз мошин фуромад; дари онро аз тарафи Иброҳимов кушод ва дона-дона карда, гуфт:

– Ту, охир, аз ман сад бор бадтар-ку! Дузд ҳам ту, харомхӯр ҳам ту, занакабоз ҳам ту... Агар ихтиёри ман мебуд, ба дастат фақат каланд медодам. Фуро аз мошин, зудтар! То ҳамин вақт тоб овардам – бас, об аз сарам гузашт.

– Ту сагбача чиҳо мегӯӣ?

– Худат сагбача! Аммо рафту ман сагбача бошам ҳам, ҷавобгари ин мошин ҳастам. Бигузор хӯҷаини ғадангашро дар кучоҳо партофта омадааст гуфта, боз турма кунанд. Фуро гуфтам ба ту, фуро-оо!

Иброҳимов, ки эҳтимол гумон надошт моҷаро то ба ин дараҷа мерасад, аз ваҷоҳати Ғанӣ якбора ҳушёр шуд. Дар рӯи фарбеҳи суп-сурх ва чашмони тангаш аломатҳои тарсу ҳарос падид омаданд.

– Заданӣ ҳастӣ?

– Фуро гуфтам!

– Майлат, гир аз гиребонам, зан. Лекин пагоҳ ба худат душвор мешавад...

Иброҳимов маҷбур фуромад.

Ғанӣ дигар чизе нагуфта, ба ҷояш гузашт ва дари мошинро сахт пӯшида, даст ба чанбари фармон бурд. Газик такон хӯрда, ба раҳи омадааш баргашт.

Ин кори Ғанӣ маро лол карда, дар як ҳолати ногувор андохт. Вай хомӯш мошин меронд. Ман намедонистам ӯро чӣ тариқ ба гап гирам.

Ниҳоят, ҳангоме ба нишеби Сакиртма расидем, Ғанӣ... тавре ки ба худаш мегуфта бошад, дар алам ба забон овард:

– Тавба! Ғирбол ба офтоба хандидааст, ки сӯрохи бисёр дорад. Мисли ин вай ҳам ба ман механдад. Раис, а!.. Ҳеҷ не ки нафси бадашро лаҷом занад. Масалан, ҳоло дар мошин гӯшти як гӯсфанд ҳаст. О ин сирф ғорат-ку!

– Хайр, ака, асабӣ нашавед. Гоҳ чуну гаҳ чунон гуфтаанд, – ӯро тасаллӣ додан мехостам ман.

– Тоқатам оқибат рафт, додар. То кай виҷдонамро дар азоб монда, duздиҳояшро даму дуд ба хонааш бурда медиҳам? То кай ғуломи зархарид барин дӯғу дарангашро бардошта мегардам?!

Ба ман як лаҳза чунин намуд, ки ин гуфтаҳои Ғанӣ дар қаъри дилаш кайҳо ба низом даромада, то берун шаванд, фурсати муносиб меҷустанд ва ҳоло...

Пасу пеш рӯ гирифта, аз дарди вай ҳикоят мекунанд.

Қариби субҳидам ба манзил расидем. Ғанӣ мошинро дар қади раҳ нигоҳ дошт. Ва халтаи гӯштро сари китф андохта, ба қадамҳои устувор сӯи биное рафт, ки дар пештоқаш «Шӯъбаи корҳои дохилӣ...» навишта шуда буд.

Дилам ноҳамвор тапида, ман дар эҳтироми зиёд ва як хайрхоҳии омехта ба изтироб аз қафои ӯ нигоҳ мекардам.

*1967*

## ТАЛОШ

Дар як бегоҳирӯзи моҳи саратон, баъде ки офтоби сӯзон соатҳои дароз шаҳрро тафсонда, ниҳоят ба ғуруб мерафт, ду марди аз овони мактабхонӣ ба ҳам дӯст дар чойхонаи айвонаш кушоди лаби кӯл нишаста, бафурсат чой менӯшиданд.

Синни онҳо тахмин аз чил гузашта, ба мӯи сарашон тор-тор сафедӣ дамида буд. Ҳар ду ҳам – яке зиёинамо, дуюмӣ эҳтимол коргар... яқин аз қабили ашхосе буданд, ки пасту баланди зиндагиро хуб медонанд. Ва бе иллату миннат заҳмат кашида, ҳалолу покиза рӯз мегузаронанд.

Дар катҳои дигар низ одамон ду-ду, се-се нишаста, байни ҳам сӯҳбат ороста, гуфтаву хандида, фориғ чой менӯшиданд.

Аз самаворхона ба гӯш нолаи пурсӯзи най мерасид, ки аз ишқи бадфарҷому чароғи мурдаи фарде ҳикоят мекард...

Сипас ба атроф навои дилситони дутор паҳн гардид. Муассир буд садояш, ҷоншикор буд.

Қурси офтоб рӯ ба қуллаҳои баланди кӯҳсор оварда, тадриҷан сурх шуда, пора-пора абрҳои сафеди дар роҳаш лангар ниҳодаро сӯзонда, чун ҳама вақт...

Ба ғуруб мерафт.

Ва гармо аз шасташ мегашт.

Насими фазои кӯл, ки дар муқоиса ба ҳавои даруни шаҳр албатта форам аст, акнун, дар ин бегоҳи айёми саратон, боз ҳам форамтар мешуд.

Чойхона пур аз лаҳни мусиқӣ буд, пур аз сӯҳбати гарму шодмонӣ...

Марди зиёинамо ва дӯсти дар эҳтимол коргари ӯ баъзан арақи сару гардани худро ба рӯймолча пок карда, ҳамон чой менӯшиданд; чои сабзи ташнагишикан, хушбӯй... Ва бештар хомӯш буданд.

Дар сатҳи муҷаллои кӯл ҳар ҷо-ҳар ҷо завракҳои зард, сурх, сабз...

Ором шино мекарданд.

– *Вай* чӣ инсон аст, ман ҳеҷ нафаҳмидам, – гуфт марди зиёинамо, ки тақрибан ним соат қабл маддаи дилашро кафонда, то алҳол вазнин сукут меварзид.

– Худат медонӣ, панҷ панҷа баробар не... Одамон ҳам дар дунё ба ҳар ранганд. Зиёда ғам нахӯр... – гуфт андешаманд дӯсти эҳтимол коргари ӯ ва пиёлаи чойро дар болои қолин гузошта, аз киса сигарета баровард.

– Медонам, ҳатто ана... *мебинам*, ки панҷ панҷа баробар не. Лекин обро ин қадар лой карда, моҳӣ доштан чӣ? Беинсофӣ ҳам, сабил монад... ҳад доштагист! То ба ягон мақсади

ифлоси худ расад, ё ягон каси ба табъаш номақбулро азоб диҳад, каждум... аз ҳеҷ пастӣ рӯй наметобад. Ҳафтае нест, ки баҳонаи росту дурӯғ ёфта, айши маро талх насозад; ба асабам неш зада, умрамро сӯҳон накунад... Касбаш – соф иғво, аризакашӣ, дасиса, тӯҳмат. Дар идора ҳама аз вай метарсанд. Зеро медонанд, ки лозимояд, ҳатто модари худашро аз ҳар ду сина меовезаду мижааш хам намехӯрад. Раҳм, шафқат, виҷдон... эҳа-а! – аз ин чизҳо таҳтан хабар надорад. Кофир асту бас... Хулоса, чанд сол боз ман дар панҷаи нопоки вай озор мебинам. Аз он боис, ки бемазҳабиву ноинсофӣ барин ҳама айбашро, кулли фиребу найрангашро фош мегӯям... Ана баъд оташ мегирад, бештар аз паи қасос мегардад... Ҳамкорон ба ду чашми сар мебинанд, ки вай ҳеҷ гоҳ вазифаашро аз сидқи дил иҷро намекунад. Аммо дар маҷлису маҳфилҳо... ҳай-ҳай! – чунон булбул мешавад... Заҳматкаш, поквиҷдон, баору номус, ҷоннисор ва ғайра – танҳо худаш! Аз ин гуна шармандагӣ чашмони бозигарат сӯрох шаванд, хуб нест?! Ҳатто раҳбарамонро муттаҳам кардан мехоҳад. Хулоса, одам не вай... бало! Балои моҳи сафар...

– Ҳамон раҳбаратон *кӣ* будани ӯро намедонад?

– Медонад! Нағз медонаду илоҷашро ёфта наметавонад.

– Сабаб? Охир, қонуни меҳнат ҳаст дар ҷамъият, аз номаш коргар талаботи муайян ҳаст...

– Қонунро одамон тартиб медиҳанд. Одамони зинда...

– Яъне чӣ?

– Яъне ин ки, таҳташшуур бошад ҳам, аз барои рӯзе осон шудани мушкили зоти худ дар ҳар кадоми он рахна низ мегузоранд. Ҳанӯз ягон кори ҷаҳон мукаммал нест.

– Шояд, аммо ахлоқу одоб, ниҳоят адлу инсоф барин...

– Эҳа! – дубора сухани дӯсти ба эҳтимол коргари худро бурида, бедимоғ даст афшонд марди зиёинамо. – Дар пеши ин қабил одамон аз адлу инсоф гап зану рӯзатро бин! Ман ба ту гӯям... *вай* мисли моҳӣ: ҳамин ки ба чанг афтид, бехабар мемонӣ, ки чӣ гуна липпӣ халос хӯрда, фиғонатро то осмон бурда, боз ба об рафтааст...

– Қандашро занад! Ҳарчанд афсӯс, ки чунин зотҳои касиф ҳамеша дар ҳаёти мо ҳастанд.

– Нестанд! Бошанд ҳам, аз ҳазор якта...

– Бигузор гарданд.

– Дунёро олонда?!

– Ман аз раҳматӣ падарам ҳикояте шунида будам.

– Хайр...

– Вай дар бачагиам ба кадом муносибат маро панд дода, ҷиддӣ гуфта буд, ки боре дар ниҳоди як марди ширфурӯш ногаҳон ҳисси фиребу ҳаваси пули бедардимиён боло мегирад. Ва саҳарӣ ба шираш қариб нисф об ҳамроҳ карда, пас бозор меравад... Ҳини бозгашт дар лаби рӯде нишаста, ба ҳаловат дастурӯй мешӯяд, ширин-ширин об менӯшад. Баъд ҳама пули он рӯз ёфтаашро шумурда, қаноатманд ду тақсим карда, инаш пули шир, инаш пули об... гӯён якеро ба киса меандозад, дигареро дар бағал мезанад. Ва хандида, хушҳол бармехезад. Лекин... ҳангоме қомат меафрохтааст, пули бағалаш афтида, ҳамоно ба об меравад. Мард гаранг шуда, дар канори рӯд як дам меистад. Дар аввал қадре таассуф ҳам мехӯрад. Ниҳоят... тавба, пули шир ба шир, пули об ба об будааст гуфта, дар банди ҳайрат даст меафшонад. Ва аз худ хиҷолат кашида, сараш хам, вазнин роҳи хонаашро пеш мегирад...

– Ва он мард дигар касеро фиреб намедиҳад. Ҳамин тавр?

– Шояд.

– Олам пури фасона!

– Худаш чӣ?

– Сарбаста мегӯӣ.

– Аслан худаш ҳам фасона.

– Лекин рост.

– Ба ҳар ҳол мағзи ҳикояти раҳматӣ падари банда ин аст, ки маккорӣ, бухлу ҳасад, ҳаромхӯрӣ, хиёнат, найранг ва ғайра хислатҳои пасти инсонӣ ҳеҷ гоҳ суд надоранд. Дар кадом сурате ки ба кор раванд, оқибат боз ҳамон як натиҷа – *вой!* Ҳатман...

– Медонам.

– Пас ин ҳикоятро ба *вай* нақл кун.

– Садқаи чунин панду андарз шавад он нобакор! Аздусар хулоса намебарорад... – боз даст афшонд марди зиёинамо ва як-ду қулт чой нӯшида, табъаш хира, беихтиёр ба паҳнои кӯл нигарист.

Ва онҳо аз нав хомӯш монданд.

Навои дутор қатъ гардида, акнун ҳофизе дар сӯзу гудоз суруд мехонд; суруди фироқ...

Дар сатҳи кӯли кабуд завраққҳои рангоранг, ки баъзе аз онҳо бодбон доштанд, ҳамчунон ором шино мекарданд.

Марди эҳтимол коргар гоҳ-гоҳ ба дӯсти мағмуми худ сабук назар афканда, хаёлманд сигарета мекашид.

Нохост нигоҳи ӯ ба об бархӯрд.

Дар қариби соҳил, дуртар аз айвони кушоди чойхона, ки пояҳои он то ба қаъри кӯл рафта, дар худ устувор меистоданд, рӯ-рӯи оби дар ин ҷо сабзтоб, дар оғӯши резамавҷҳои лағжон як қурс нони шикастаи танӯрӣ маҳин-маҳин лапида, ҳайрон шино мекард. Вай фалла шуда буд. Канор начуста, гӯё ба ҳалқа гирифта, дар гирдаш якта-нимта баргҳои бед, тор-тор алафҳои зери об, чӯбчаву хаспораҳо ва ҳатто... пасмондаи ду дона сигарета, ки кадоме бепарво партофтааст, низ сабук печутоб мехӯрданд.

Аз байн ягон дақиқа гузашта ё нагузашта, аз зери об моҳичаҳои бисёр хурд, ки аксарият ғужби ангури ҳусайнии дур аз ток тирашударо мемонданд, ногаҳон берун омада, аз чор тараф ба қурси нон часпиданд. Онро паиҳам тела медоданд. Ба ҷаҳду ҷадал гоҳ савори резамавҷҳо шуда, гоҳи дигар ночор дар мобайн ғелида, як мағз-ним мағз бошад ҳам, аз гирди нон *насиба* мегирифтанд. Ҳарис буданд моҳичаҳо, чусту чолок буданд...

Ва он торафт мекост, хурд мешуд.

Даме ки қариб нисфаш монд, аз гавди кӯл як моҳии нисбатан калон, дар ғафсӣ на камтар аз ду ангушт, тирвор боло ҷаста, худро дар байни моҳичаҳо зад. Ва селаи онҳоро зуд гурезонда, аз нон луқмае гирифту бозпас зери об рафт.

Вай ҷастан баробар моҳичаҳо дафъатан пайдо шуда, боз ҳам якдигарро тела дода, ба пораи нон дубора *ҳуҷум* оварданд. Нон мелапид, метапид; дар доираи талоши моҳичаҳо... аз сари як резамавҷ ба сари дигаре мегузашт. Баъзан гирд мегашт, камтар поин мерафт. Ва аз нав рӯи об баромада, аз моҳичаҳо лат мехӯрд; гоҳо аз тазйиқи села чаппа мешуд. Ва ба такони резамавҷе боз боло меҷаҳид. Лекин аз калобаи он ҷонваракони ҳарис...

Раҳо наёфта, лаҳза ба лаҳза мекоҳид.

Марди эҳтимол коргар ҳамон ба кӯл менигарист.

Дӯсти зиёинамои ӯ низ аз гирудори моҳичаҳо хаёлманд чашм намеканд.

Баъд...

Он моҳии калон бори дуюм падид омад. Ва худро аз нав дар байни села зада, филҳол парешонаш карду ҳамоно ба пораи нон часпид.

Дар миёни якта-нимта баргҳои бед, тор-тор алафҳои тираи зери об, чӯбчаву хаспораҳо ва ҳатто пасмондаи ду дона сигарета...

Вай онро аз бари резамавҷе то резамавҷи дигар тела дода, акнун танҳо худаш битамом фурӯ бурдан мехост, ки аз болои боми чойхона як моҳихӯраки сафеди болҳояш хокистарранг «қиғ!» – гӯён ба канори кӯл хамбид.

Ва дар кӯтотҳтарин фурсати боре мижа кашидан...

Он *зӯроварро* ба минқори тезаш гирифта, фавран дар паноҳи ҳаво хест.

Пораи нони танӯрӣ, ки ҳоло хурдакак буд, дар рӯи оби сабзтоб мелапид; гӯё метапид.

Сипас боз селаи моҳичаҳо берун омада, ҳамчунон ҳарису носерам... ба он дарафтоданд.

Ниҳоят пораи нон тамом шуд. Ба нестӣ рафт...

Ва моҳичаҳо низ нопадид гардиданд.

– Дидӣ? – пурсид марди дар эҳтимол коргар баъд аз қадре сукут ва пасмондаи сигаретаро дар хокистардон хомӯш карда, ба пиёлаҳо чой рехт.

– Дидам, – гуфт нимғурма марди зиёинамо, ки ҳамон дар банди хаёл буд.

– Моҳичаҳои дар асл ҷасур агар натарсида, ҳама тифоқ шуда, он моҳии калонро сари вақт аз беинсофӣ бозмедоштанд, ҳоло маза карда, нонро фақат худашон мехӯрданд.

– Лекин рост мегӯӣ. Мо ҳам дар ҷои корамон агар тифоқ мебудем...

– Шавед, ба шумо кӣ халал мерасонад!

– Мушкил...

– Ғам нахӯр, умри бадӣ таҳтан кӯтоҳ аст.

– Кӯтоҳ бошад ҳам, то мемурад, ки устухони кас сафед

мегардад.

– Гапат ҳақ. Бо вуҷуди ин дар зиндагӣ мукофоти амал ном... чӣ гӯям? Умед ҳаст, инсоф ҳаст... Як рӯз не, як рӯз ганда ҷазояшро мекашад. Нав ба чашми худат дидӣ-ку.

– Чиро?

– Оқибати он моҳии бераҳмро.

– Бале, дидам, – дар лабонаш лаҳзае табассум дамида, гуфт марди зиёинамо. Ва ба аҷаб оҳанге илова намуд: – Дар аслу асосаш фасона будани худи дунёро ҳам...

– Минбаъд наменолӣ.

– Шояд... – гуфт вай дар ҷавоб мушавваш.

Қурси оташини офтоб фурӯ нишаста, охирин шӯълаҳои шафақ дар сатҳи оби *бегам* ҷо-ҷо хатҳои тасмамонанди арғувонӣ мекашиданд.

Чойхона серодам буд; пур аз садои мусиқӣ ва сӯҳбату ханда буд.

Дар кӯли кабуди муҷалло завракҳои зард, сурх, сабз...

Ором шино мекарданд. Баъзе аз онҳо бодбонҳои сабуки рангоранг доштанд.

*1986*

## УМРИ ДАРОЗИ АРЧА

Гоҳо атрофро ба дасти зулмот супурдаву гоҳи дигар замину осмонро ба анвори тези худ оғушта, дар сари кӯҳи Фарҳод тамоми шаб оташи барқ медурахшид.

Гоҳо садояш фурӯ нишаставу гоҳи дигар аз нав ба хурӯш омада, замину осмонро гӯё такон дода, дар сари он кӯҳи баланд тамоми шаб раъд гулдурос мезад.

Гоҳо суст шудаву гоҳи дигар боз ба авҷаш расида, чун аз ғирбол шаб ҳама шаб шохборон мерехт.

Мерехту мерехт...

Ва арчаи пир, ки дур аз арчазори фарохи синаи кӯҳ, дар кафи як шахи бузург солҳо инҷониб тани танҳо ба сар мебурд, гоҳо дар оғӯши зулмот монда, гоҳи дигар аз дурахши шамшери барқ гӯё дармегирифт; гоҳо аз наъраи раъд халосӣ ёфта, гоҳи дигар аз ғурриши даҳшатбори он меларзид.

Тар буд арчаи пир!

Ғарқи оби осмонҳо буд...

Ва боз партави кабудфоми оташи барқ ба сӯяш ҳамлавар мешуд.

Метарсид арчаи пир.

Метапид...

Вай дар кафи пурқуввати ин шахи баланд солҳои дароз умр дида, боре ҳам ба чунин ҳол наафтидааст. На аз шӯълаи барқ меҳаросид, на аз гулдуроси раъд меларзид, – гӯё дурахши баркро намедид, садои раъдро намешунид.

Борон...

Чунин боронҳои сахт барояш ғизои беинтиҳо буданд; то хурдтарин решаҳояш расида, ба тану ҷонаш, ба ҳар шоху баргаш зӯру тавон медоданд; умрашро дар бари ин шахи яклухт дарозу ҳаёташро бошукӯҳ ва пур аз сурур мекарданд.

Лекин ҳоло...

Метарсад вай, бисёр метарсад.

Мабодо ки тӯъмаи оташи сӯзони барқ шавад; ё ин шохборони шадид ба гирди решаҳояш рахна андохта, аз фарози шах сарнагун созад...

Вай, охир, ба мурдан розӣ нест!

Чун як рӯз, як сол, даҳ сол... сад сол муқаддам боз рӯи гарми офтобро дидан мехоҳад; дар ин баландии баланд боду боронҳоро сипар шуда…

Ба чор ҳадди дунёи равшан хушу хурсанд назар дӯхтан мехоҳад.

Боз...

Вай бисёр мехоҳад аз ҳоли арчаҳои дигар –

Додарони саропо зебои худ, ки дар синаи кӯҳи Фарҳод реша давонда, ба ин сангистони тира нуру сафо мебахшанд, пайваста огаҳ бошад.

Зеро аз ҳамаи онҳо калон аст…

Бародар аст.

Вай инро яқин медонад!

Аз оташи барқ тарсида, аз гулдуроси раъд ларзида, дар зери борони сахт шоху баргҳояш хамбида, ба чунин хаёлҳо мерафт арчаи пир.

Аммо намедонист, ки ривоят мекунанд...

...Дар замонҳои қадим ҷавони навхате аз кадом як чашмаи кадом як гӯшаи олам Оби ҳаёт нӯшида, умри абад ёфтани ҳазрати Хизрро аз забони падари мӯйсафедаш шунида, пас аз андешаҳои зиёд...

Ба ҷустуҷӯи он чашма баромад.

Дили поку нияти нек дошт ӯ!

Пои пиёда бисёр кӯҳҳои осмонбӯсу сербарфро пушти сар карда, аз бисёр дарёҳои хурду бузург гузашта, бисёр дашту биёбонҳои сӯзонро дар азоби алим паймуда, баъд аз чандин зимистону баҳор...

Дар як канори ин дунёи гирдгардон…

Билохир ба сари Оби ҳаёт расид.

Ва хурсанд шуда, аввал хост, ки зуд ташнагӣ шиканад. Вале ҳарос гирифт ӯро.

Тарсид, ларзид...

Аз он тарсиду ларзид, ки ҳоло ин оби азизро нӯшида, фақат худаш умри беинтиҳо меёбад.

Мақсадаш, охир, дигар буд!

Ҳар мушкиле ки бошад, вай мехост Оби ҳаётро ба одамон расонад; якҷоя ба онҳо нӯшад. То ҳама баробар умри абад бинанд, маргро фаромӯш созанд...

Дар банди чунин андешаҳо кӯзаашро пури об карда, ба ҷаҳду ҷадал қафо гашт.

Вале акнун вай он ҷавони навхат набуд.

Умри беҳтаринашро дар кӯи душвори Оби ҳаёт зарразарра ба боду борон ва гармову сармоҳо дода, қариб пир шуда буд.

Бо вуҷуди ин, дар як даст кӯзаву дар дасти дигараш асо, пайваста қадам мезад.

Вай боз кӯҳҳои баландро мегузашт, дарёҳои тезобу дашту биёбонҳои тафсонро мегузашт.

Ниҳоят...

Пири фартут шуда, дар ин раҳи беинтиҳо ва пурбим асояш сӯзану кафшаш ғирбол гардида, ба кадом арчазор расид. Ва аз ғояти хастагӣ хобаш бурд.

Ҳамин вақт аз куҷое як зоғи ташна парида омаду дар лаби кӯза нишаста, ба даруни он нул зад;

Хеле минқор зад.

Даме ки сер шуда, шоду бод ба ҳаво мехест, кӯза чаппа гардид…

Обаш ба таки арча рехт!

Марди пир, ки дар замонаш ҷавони навхат буд, аз хоб бедор шуда, ин ҳолро диду аз зӯри алам гириста-гириста, ҷон ба ҷаббор супурд.

Мегӯянд, ки ҳамон боз зоғ сад сол...

Арча ҳазор сол умр мебинад.

Чунки Оби ҳаёт тақсим шуда буд.

Дар байни зоғ ва арча...

...Барқ ҳамчунон оташак афрӯхта, раъд паёпай наъра мекашид.

Шохборон аз шасташ намегашт.

Арчаи бисёр пир ва танҳо дар кафи бақуввати шахи яклухт гоҳо такон хӯрдаву аз нав ба худ омада, аз эҳсоси тарс раҳо намеёфт. Мабодо ки аз ин баландӣ сарнагун шавад, несту нобуд гардад!

Вай ҳоло беш аз пеш мехост ҳамвора дар ҳалқаи додарони зебояш бошад, дар паноҳи онҳо зинда монад...

Нохост шамшери барқ дар садои даҳшатангез ба фарқи шах давида, санги бузургеро аз ҷояш канду оварда,

Ба танаи арчаи пир зад.

Он зарба то ҳаде шадид буд, ки вай ҳамоно ба як тараф хамбид.

Тапид, ларзид,..

Аммо дар чунин вазъи хатарнок боз қомат афрохт; ба раъду барқ ва боду борон боз дастбагиребон шуд.

...Ниҳоят субҳ дамида, тундар гӯё ба хоб рафт.

Шохборон тадриҷан қатъ гардид.

Акнун ҳатто бод ҳам намевазид.

Инак арчаи пир наҷот ёфта, нафаси озод мегирифт. Ба монанди уқобе ки дар зери борон мондааст, оҳиста шоху барг афшонда, сар ба осмонҳо мекашид…

То зудтар чеҳраи гарми офтобро бинад.

Қиссаи ҷавони навхату Оби ҳаёт ва *оқибати* онҳоро вай намедонист.

Намедонисту…

Ҳама решаҳои дар синаи шахи бузург газ ба газ фурӯраф-

таи худро…

Чун рагу паи инсонҳо ба кор андохта, ба дарди ҷонгудози захми танаш мардона тоб оварда, бисёр мехост дар оғӯши ин дунёи зебо, ки ҳамин замон пур аз анвори заррини Офтоб мешавад, –

Ҳазор сол зиндагӣ кунад…

Сад ҳазор сол зиндагӣ кунад!

*1985*

## ҚАЗО

Вақте ки тирамоҳ ба поён мерасид,

Вақте ки дарахтон охирин баргҳои заъфаронии худро ба замин мерехтанд,

Вақте ки дашти холиву боғҳои хилват пур аз зоғони ҳарис мешуданд, –

Ҳамин вақт...

Ӯ нафаси маргро шунид.

Аз сари болинаш меомад ин дами наҳс.

Як рӯз не, як рӯз ҳама мемиранд. Аз қазо набояд тарсид. Зеро ҳеҷ кас умри абад надорад. Лекин бемори ноҷунбон шуда, дар рӯи бистар дуру дароз интизор кашидан...

Ин албатта хуб нест.

Азоби алим аст ин!

Пирамард воқиан ҳам дар панҷаи азият буд. Қариб аз ҳуш рафта, гоҳо дар зулмоти як олами бегона ғарқ шавад, гоҳи дигар…

Ба монанди тарошаи сарсон дар ҳалқаи гирдоб,

Гӯё ба такони сахте аз он берун меомад.

Олами *бегона* аҷаб ва дар айни замон моломоли шиканҷ буд. То ки гашта ба зулмоти вай наафтад, пирамард танҳо аз чашмони худ мадад мехост. Бинобар ин нигоҳи бағоят хираашро,

Чун нигоҳи одами ташна ба об...

Аз чароғи шифт намеканд. Метарсид, ки рафту мижа кашад, филҳол ба вартаи *он* олами ношинос меғалтад.

Дуртар аз ӯ писару духтараш ба хоб рафтаанд, – шабҳои

дароз дар сари болини пирамард нишаста, лакот шудаанд.

Мадорашон намондааст...

Агарчи пилки чашмонаш бисёр вазнин буданд, ӯ ҳама рагу пайшро ба кор андохта, аз чароғ чашм намеканд, –

Ба марг тан намедод.

Одамон…

Дар бар ҷомаҳои мотам,

Дар даст асо,

Ба даҳони гӯр менигаранд. Сипас тоб хӯрда, ба пирамард назар медӯзанд. Ва зуд ғайб мезананд. Дар ҷои онҳо фақат чашмонашон мемонад. Чашми бисёре... Чун мӯру малах аз тиреза ба сӯи бемор хазида, пешонии ӯро мемоланд; баданаш якбора сард мешавад…

Пирамард тарсида, дар азоб чашм кушод. Даст ба гарданаш бурд ва шаҳраги онро ба нӯки ангушти ишораташ, ки сахт меларзид, пахш кард. Ва аз дил гузаронд, –

Гардани лоғари ӯ ҳамин ҳозир аз китфаш ҷудо мешавад. Пас омадааст Азроил...

Пирамард дар банди чунин андеша буд, ки нури чароғ аз пеши назараш лағжид, гӯё асло вуҷуд надошт.

...Ва ӯ як дашти ҳамвор, бавусъат ва ташнаро дид. Вай об металабид; дар зери офтоби сӯзон ларзида, мехост сабзаҳои беҳолро ба худ фурӯ барад; аз оби тани онҳо… кам монда бошад ҳам, қадре ҷон бигирад.

Пирамард шудгор мекунад. Аммо аз фишори ташнагӣ ҳалқаш ба дараҷае хушк шудааст, ки аз ҳол рафта, дастаи сипорро дошта наметавонад. Барзагавҳо низ аз бори гарони ин дард ёрои ҷунбидан надоранд; лаб ба замин бурда, рутубати онро бӯ мекашанд, ба ҳамин гӯё ташанагӣ шикастан мехоҳанд. Вай дигар тоқат карда натавониста, дастаи сипорро беихтиёр сар медиҳаду…

Дар миёни дашт...

Болои шудгор меафтад.

Ва дашт ӯро сӯхта, ба хокистар табдил медиҳад.

... Равшании чароғ пирамардро аз беҳушӣ, аз вартаи олами аҷаб ва ношинос берун овард.

«Ман дар он дашт чандин бор аз ташнагӣ мурда будам. Худои карим фаромӯш накардагист».

Аммо вай боз беҳуш гардид.

...Модар дар кунҷи *ҳамон* кулбаи вайрона нишаста, дар сари зонувон як пора матои сафед, дар даст риштаву сӯзан, зери лаб суруд мехонад. Ва он суруди ғамангез ҳоло дар фазои хона паҳн шуда, то ба самъи пирамард мерасад. Суруде ки дар айёми кӯдакӣ модар махсус барои ӯ мехонд...

Пирамард мегиряд, қалби афсурдааш латма мехӯрад. Ба кафи даст ашки шашқаторашро пок мекунад.

Модари дилафгор…

Суруди вай то ба мағзи дили писар раҳ мекушояд.

Ва ҳама дарди бемор низ баробари суруд гириста,

Ғарқи ашк мегардад.

Инак модар ҷониби дар меравад.

Ва азобу уқубате ки дар қалби пораи пирамард маскан доранд, якҷоя ба он суруди пурандӯҳ…

Аз дар берун мешаванд.

...Чароғи шифт боз равшанӣ медиҳад.

«Модарам аз он дунё омада, мехоҳад ба марги ман – фарзанди нобоисташ... бигиряд. Шояд худои раҳим ба вай иҷозат додааст...»

Ба пойҳои пирамард сардӣ медавид.

Дард мекарданд пойҳояш.

Вай мехост кӯрпаи дигарро боло кашад. Аммо пилкҳои вазнини чашмонаш аз нав ба ҳам часпиданд.

...Ба гӯши пирамард садои ба санг бархӯрдани путк мерасад. Ва санг майда-майда шуда, пораҳои он дар бистараш фурӯ мерезанд. Чанд ҷои сари ӯ кафида…

Ба рӯяш,

Ба болинаш хун метаровад.

Чор-панҷ дандоне ки дорад,

Шикаста...

Аз даҳонаш меафтанд;

Ба сари синаи лоғараш меғалтанд.

…Пирамард чашм кушод.

Аз хонаи худ ҷаста буданд чашмонаш.

Тарсовар буданд!

«Ният доштам, ки ба мазори модарам ҳатман санги мармар мемонам. Лекин солҳо гузаштанду дасттангӣ имконият

надод. Ё бемеҳр будам?.. Худоё худовандо, гуноҳамро омурз. Ту, охир, раҳимӣ!»

Инро гуфту боз ба вартаи зулмот афтид.

...Аз баландӣ ба сараш ҳазорон хӯшаи гандум мерезанд.

Гоҳо банд-банд...

Мерезанду гӯр мекунанд ӯро.

Сӯкҳои дашнавор тез баданашро мехарошанд,

Ба даҳонаш медароянд,

Ба гулӯяш...

Ниҳоят аз дарун ба қафаси синааш расида,

Чун сӯзанҳои дар оташ сурхгардидаи бешумор шушашро ғирбол карда,

Оқибат...

Аз чор тараф ба дили фигораш мехаланд.

...Пирамард чашмонашро, ки тамоман бенур шуда, инак мемурданд,

Дафъаи чандум буд...

Кушод.

«Қиронбек як баҳор ҳамроҳам ҷуфт ронд. Ба вай ду халта гандум ваъда кардаму тирамоҳ... надодам. Ҳоло ҳамон гандум мекушад маро».

Пирамард зӯр зада, мехост ниҳоят овоз барорад; духтару писарашро бедор карда, ба онҳо бигӯяд, ки пеш аз марги ӯ, агар натавонанд... баъди гӯру ҷӯбаш ба Қиронбек ду халта гандум диҳанд.

Вале овоз аз гулӯяш берун наомада, дар ҷисми пирамард ба мисли сурби тафсон паҳн гардид.

Вай забони сиёҳашро бароварда, ангуштонашро ба даҳон андохт...

То ки овозашро кашида, аз гулӯ берун ниҳад.

Аммо ҷоғаш ба ҳам пайваста, ангуштони ӯро ба исканҷа гирифт. Ва пилки чашмонаш чун сарпӯши сандуқ...

Гӯё тақарос зада,

Ба якдигар бархӯрданд!

...Тирезаи хона кушода мешавад. Ва дар фазои гирди пирамард матои сафеде ба назар омада, беист парафшонӣ мекунад; печутоб мехӯрад, – охир надорад ин матои сафед. Хона аз партаваш, ба мисли он ки аз нурҳои офтоби тобон бошад,

равшан мегардад. Сипас матоъ то ба ҷисми пирамард мехамбад. Ва аввал пояшро,

Баъд дасташро,

Китфашро...

Дар худ мепечонад.

Маҳкам мепечонад!

Вале аз ин ӯ сабук мешавад.

Матоъ пас ба сараш расида, мағзи пирамардро маҳин навозиш мекунад.

Ҳама рагу пояшро низ ба тасарруф даровардa, мулоим мепӯшад. Ва ниҳоят,

Ба гарданаш мепечад.

Торафт сахттар...

Монанди боди гуворо, ки барги дарахтонро беозор хиширос мезанонад, ба атроф як садои паст, дилнишин ва дар айни ҳол баасрор паҳн карда,

Он матои сафед ба гардани пирамард мепечаду мепечад. Гӯё нахи абрешимест, ки ҳаргиз интиҳо надорад.

*1988*

## ОДАМОНИ РАҲМДИЛ

Майхонаи бисёр хурди сари кӯчаи калон, ки ҳоло, дар ин нимарӯзи авҷи тобистон, пардаи ғафси ягона тирезааш фуроварда ва дараш пӯшида буд, ҳамагӣ ду мизу панҷ курсӣ дошт. Миҷозҳо, зананд ё мард, асосан дар бари пештахта истода, ба майфурӯш чанд сухан радду бадал карда, барои худ мефармуданду менӯшиданду мерафтанд. Кадоме як стакан менӯшид, дигаре – ду ё се-чор стакан... Кадоме зуд баромада мерафт, дигаре такя ба пештахта оварда, *насибаашро* гирифтан баъд сигарета мекашид; боз менӯшид, аз нав сигарета дармегиронд. Яке хомӯш ба по истад, дигаре ба шарики худ мелақид; танҳо бошад, ҳампаҳуяшро ба гап мегирифт, ё ба майфурӯш ҳарфе мегуфту мешунид. Масалан, дигар сухане наёфта, гарданашро ба ин сӯву он сӯ тоб дода, дар назар беҳолу мадор ба забон меовард:

– Ҳаво ниҳоят гарм шуд.

– Чӣ илоҷ, саратон... – мегуфт дар ҷавоб майфурӯш.
– Берун хумдон барин.
– Ҳа, хумдон...
– Ин ҷо ҳам гарм.
– Ана бодбезак...
– Вай бод не, хок мебезад.
– Нафаҳмидам...
– Албатта намефаҳмӣ!
– Тавба...
– Ҳамааш фиреб, найранг!
– Бисёр налақ...

Мешуд, ки як нафар стаканашро холӣ кардан пас чеҳрааш кушода шуда, ба хушҳолӣ ва табассум баён медошт:

– Шаробат имрӯз бад не-ку!
– Ҳа, шароби Шаҳринав, – ҷавоб мегардонд майфурӯш.
– Ин хел бошад, ҳама вақт аз Шаҳринав биёр.
– Кӯшиш мекунем...
– Рез боз якта.
– Ба ҷон!
– Лекин дирӯзааш маза надошт.
– Ба ман вобаста не...
– Ту ҳам ҳаракат кун.
– Ман кистам?
– Майфурӯш, – механдид миҷоз.
– Ёфтӣ, *фақат* майфурӯш.
– Хайр?
– Ҳар чӣ хӯҷаин биёрад, ҳамонро мефурӯшам...
– Худат хӯҷаин шав.
– Эҳа, то ман хӯҷаин мешавам, ки думи шутур ба замин мерасад.
– Ба ҳар ҳол дирӯза шаробат бемаза буд. Оби холӣ буд.
– Надонам...
– Донистан беҳтар.
– Дуруст.
– Ман дирӯз чанд стакан нӯшидам?
– Панҷ...
– Аммо ягон зарра кайф надод.
– Албатта, ту одами бақувватӣ...

– Рез боз якта!

Ва мешуд, ки миҷози дигаре яқин тарафи майфурӯшро гирифта, мегуфт:

– Ман аз ҳамон шароб нӯшида будам. Нағз буд.

– Ман чӣ, нанӯшидаам?

– Пас чаро тӯҳмат мекунӣ?

– Росташро гуфтам: нағз набуд.

– Гапашро бинанд!

– Чӣ, хуш наомад?

– Хуш омад ё не, ман ба ту нишон медиҳам!

– Хайр, бас акнун ҷанҷол, – ноилоҷ ба мобайн медаромад майфурӯш.

Ва ҳамоне ки гарм тарафи ӯро гирифта буд, баъд аз қадре хомӯшӣ оҳиста мегуфт:

– Ба ман як стакан рез, ҷӯра. Қарз... Ҳоло пулам нест.

– Ту бе ин ҳам қарздорӣ, – ба хаёл мерафт майфурӯш.

– Рез, ҷӯраҷон, рез. Гурехта намеравам, меорам.

– Аввал биёр.

– Гуфтам-ку: меорам.

– Як ҳафта боз дусад сӯм қарздорӣ.

– Медонам.

– Биёр... баъд мерезам.

– Ҳоло кисаам холӣ, лекин сарам торс мекафад. Бандаи мусулмон бошӣ, рез. Дар байни ду-се рӯз ҳамаашро якҷоя оварда медиҳам.

– Хайр, – дигар истодагарӣ карда натавониста, розӣ мешуд майфурӯш.

– Ана барои чӣ тарафашро мегирифтаӣ, – ғурунгос мезад ҳамоне ки аз дирӯза шароб қонеъ набуд.

– Чӣ гуфтӣ? – стакан дар даст, гӯшашро сих мекард миҷози дигар.

– Ҳеҷ... – тамасхуромез механдид аввалӣ.

– Наход?!

– Гуфтам, ки пулат бошад, хӯр.

– Ту худатро дон. Вагарна сиву ду дандонатро ба ҳалқат мефиристам.

– Ку биё. Биё...

– Бас ҷанҷол! – ин дафъа то ҳадде ғазаболуд ва қатъӣ ба

миён медаромад майфурӯш.

Воқиан, бо вуҷуди он ки миҷозҳои ӯ қариб ҳама ба якдигар шинос буданд, дар ин ҷо рӯздармиён, ё ҳеҷ набошад, сечор рӯз пас кашокашу кашталгириҳо низ рӯй медоданд. Майфурӯш ҳушёр истода, пайваста мекӯшид, ки чунин ҳолат рух назада, ба сахт гуфтан, ё лозим ояд, ба зориву тавалло пешашро бигирад. Фоида набуд ба вай аз дилсиёҳӣ – милиса меомад, гапу калоча мешуд, ҳӯҷаин норозӣ ҷигот меандохт. Ва охири охирон худи ӯро гунаҳкор медонистанд.

– Ҷанҷол бас, – такрор мекард майфурӯш. – То ҳанҷара серам аз тентакии шумо!

– Бас ки бошад, бас, – боз хандида, мегуфт аввалӣ. – Рез яктаи дигар!

– Албатта... бе ҷанҷол гаштан беҳтар, – мегуфт дуюмӣ.

– Ақлат расид, а?

– Аз ин ҷиҳат бениёзем.

– Худо зиёда набинад!

– Намебинад...

Дар майхонаи бисёр хурди сари кӯчаи калон ҳамин тарз кор мекард майфурӯш. Гоҳ шод буд вай, гоҳ ношод. Вале ҳаргиз наменолид аз тақдир. Рост-дия, ризқи кӯдаконашро ёбад, кифоя!

Бар замми чор девор, дару тиреза ва сақфи пастаки фанериву фарши симентӣ, чӣ тавре дар боло овардем, боз ду мизу панҷ курсӣ дошт ин майхона. Аз баландии пештахтаи фарсуда як бодбезаки пояш шикаста фир-фир шамол медод. Баъзан тоб хӯрдани паррааш душвор гардида, садои гӯшхарош мебаровард он. Як радиои хурди низ кӯҳна гоҳ гап мезад, гоҳ суруду мусиқӣ мешунавонд. Хиросаш даме паст шавад, даме баланд мешуд. Ғайр аз ин дар майхона банкаҳои селитра буданд, ки майфурӯш аз онҳо ба миҷозон шароб рехта медод; стаканҳои қиррадор буданд; чор-панҷ флягаи пур аз шароб ё акнун холӣ қатор меистоданд. Дигар чизе ки лоиқи махсус қайд кардан бошад, ба назар намерасид.

Майхона ҳеҷ гоҳ бе миҷоз намемонд. Яке равад, филҳол дуюмӣ меомад. Ва ҳамеша дар ин ҷо камаш... се-чор нафар ҳузур доштанд.

...Ана, дар кушода шуда, пасопеш боз ду кас ворид гар-

диданд. Яке навчаи сиёҳчарда буд; солим ва бақувват метофт. Дигараш – миёнақад, балки андак паст. Чунон ки нав аз бистари беморӣ хеста бошад, ранги рӯяш заҳир менамуд. Болои ин сахт мелангид.

– Ҷӯраатро овардам, – гуфт Сиёҳчарда хандон ба майфурӯш. – Рез ду стакан.

– Ту куҷо будӣ? – ба Миёнақад нигарист майфурӯш.

– Напурс, – даст афшонд ӯ.

– Ба хайр аст?..

– Дар ҳар сурат зиндаам.

– Қариб як моҳ боз наменамоӣ...

– Тобам гурехт.

– Мелангӣ... Чӣ шуд?

– Баъд мегӯям.

– Гир, – ба стаканҳои пур аз шароб хушҳол ишора намуд Сиёҳчарда.

Ва Миёнақад ҳамроҳи вай нӯшида, азбаски рояш дард мекард, рафта ба курсии пушти миз нишаст. Сиёҳчарда ба як марду ду нафар зане ки дар бари пештахта истода, сигарета мекашиданд, кам-кам менӯшиданд, аз ину он қадре гап заду боз ду стакан шароб гирифта, назди шарикаш омад. Стаканҳоро болои миз гузошта, аз киса чор-панҷ қанди коғазпеч баровард.

– Оҳо! – гуфт Миёнақад, маъсум табассум карда.

– Ту чӣ гумон доштӣ... Мо киёнем, охир!

– Рост, *мокиёнем*, – хандид Миёнақад.

– Аз даҳонат шамол барад. Хурӯсем мо, хурӯс!

Вай дар рӯбарӯи шарикаш вазнин нишаста, оринҷҳояшро ба ду кунҷи мизи на чандон тоза такя дод. Ва ҳамзамон ваҷоҳаташ ба худ ифодаи ҷиддӣ гирифта:

– Акнун гап зан, – гуфт. – Ман дар он ҷо, дар кӯча, дуруст нафаҳмидам: сабил монад, ҳаво гарм.

– Чӣ хел нафаҳмидӣ?

– Нафаҳмидам, вассалом!

– Зиёда аз як соат лақидему...

– Гуфтам-ку: ҳаво гарм. Мағзи кас меҷӯшад-э! Хайр, гап зан. Чӣ шуд? Кӣ буданд онҳо?

– Кӣ мебуданд?! Аз афташон... ҳангиҳои қади кӯча. Ҳоло

пуранд ин гуна гавзӯрҳо; шаҳр лаб задааст. Ҳама қаҳрамон, ҳама ҷанговар.

– Хайр, ин гапҳоро як тараф мону дастатро нишон деҳ. Ку аз сари нав бинам.

– Даҳ бор дидӣ...

– Ба дидан... албатта дидам. Лекин хаёлам, ки чашмам гирифтан баробар ҳама чизро фаромӯш кардам. Дилам вайрон шуд. Гапат ба гӯшам намедаромад.

– Ё баръакс парво надоштӣ?

– Наход аз аҳволи рафиқи худ бепарво бошам? Ман ҳам, охир, одам-ку! Ба ростӣ, *он* захмро дидан пас тамоман гаранг шудам. Ҳатто аз ғояти ҳаяҷон қариб гирям омада, сарам чарх зад. Наафтидаму бас.

– Бисёр азоб кашидам, ошно. Дасту поям шабу рӯз дард мекарданд. Намедонистам, ки гудози кадомаш бештар. Баъзан то саҳар мижа таҳ карда наметавонистам.

– Ба духтур нишон надодӣ?

– Аҷаб гапҳо мезанӣ! Ту чӣ, аз дигар оламӣ?

– Яъне...

– Дар ин замона касе ки ба нони хӯрдан пул намеёбад, оё метавонад пеши духтур равад?

– Лекин гапат рост.

– Беморхона давлатӣ бошад ҳам, табибон доллар талаб мекунанд. Ҳатто рубл не, *доллар!* Аз як шиноси ман барои ҷарроҳӣ чорсадта ситонданд.

– Чорсад! – дар ҳайрат дуру дароз ҳуштак кашид Сиёҳчарда. – Мешунидаму то ба ин дараҷа буданашро пок намедонистам.

– Нағз, ки вай занак ду писари баоқибат дорад, – гуфт Миёнақад, – хешу табор дорад. Онҳо сарҷамъ омада, ёфта доданд. Ман барин тани танҳо бошад, чӣ мешуд? Бар ҳадар мурда мерафт. Мегӯянд, ки ҷонат ба лаб ояд ҳам, то пул надиҳӣ, ҳатто сӯзандору намегузаронанд.

– Рӯзи сахт. Дар ин аҳвол то куҷо мерасем?

– Хулоса, бисту ҳашт рӯз аз хона набаромадам. Баромада ҳам наметавонистам. Пой мондан як азоби алим буд. Бар падарашон раҳмат, аз обу нонам ба қадри ҳол ҳамсояҳо хабар мегирифтанд.

– Аввал ҳаминро бардорем...

– Зиёд намешавад? Дар ин муддат қариб фаромӯш кардаам нӯшиданро.

– Ман имрӯз ба ёдат меорам. Ҳоло боз мегирем.

– Чӣ, пулат бисёр?

– Медонистӣ, ки ман ҳеҷ гоҳ бепул набудам.

– Рост, ту роҳу равиши зиндагиро ёфтӣ. Аммо ман...

– Ҳар кас аз тақдираш донад.

– ...панҷ сол боз бекорам.

– Кӣ дасту поятро бастааст, – кор кун.

– Дар куҷо? Дар кадом завод ё фабрика? Дар кадом сохтмон? Агар пул медиҳанд, ман ҳоло тайёрам бе қилу қол ҳатто ахлот кашам.

– Сад бор ба ту гӯлак гуфтам, ки инро ба он зада, мисли ман дар бозор шин; ҳар чӣ меёбӣ, аз бозор меёбӣ.

– Наметавонам, аз дастам намеояд.

– Пас нолиш накун.

– Ман нолиш накардаам, дар омади гап буд. Чӣ илоҷ, аз қисмат бояд донист, – дар бадали ин солҳо ба ман одат шудааст мардикорӣ.

– Биё, ҳаминро гирем.

– Кайфам баланд шавад, ба чунин пои ланг чӣ хел хона меравам?

– Ман худам бурда мемонам.

– Хайр...

Онҳо нӯшиданд.

Сиёҳчарда аз кисааш як қуттӣ сигарета бароварда, болои миз гузошт.

– Агар мехоҳӣ, каш.

– Мекашам, – гуфт Миёнақад. – Вақте ки муфт аст, чаро накашам?

– Ош шавад!

Инак онҳо хомӯш сигарета мекашиданд. Радио хир-хир гап мезад. Бодбезак фир-фир мекард. Майфурӯш ба се нафар пиракӣ шароб мерехт. Он як марду ду зан, ки то ҳол дар бари пештахта меистоданд, ҳар кадом дар даст стаканҳои пур, омада дар қариби Сиёҳчардаву Миёнақад, дар атрофи мизи дигар нишастанд. Ба ҳам сӯҳбат доштанд онҳо, хуш-

ҳол буданд. Мард гоҳо ҳазлу шӯхӣ мекард. Ва занҳо механдиданд, сигарета мекашиданд.

– Ҷӯраҷон! – гуфт Сиёҳчарда, ба қафо тоб хӯрда..

– Лаббай, – ҷавоб гардонд майфурӯш.

– Ба мо дутаи дигар рез.

– Ҳозир...

– Зиёд мешавад, – гуфт Миёнақад.

– Мастӣ? – пурсид аз вай Сиёҳчарда.

– Не-е...

– Пас менӯшем!

– Охир...

– Гап якта!

Ва ҳангоме ки майфурӯш стаканҳои холиро аз болои мизи онҳо гирифта, бозпас шароб оварда монд, ӯ ба шарикаш нигариста, гуфт:

– Акнун дастатро нишон деҳ.

– Дар бадам задӣ лекин, – хандид Миёнақад.

– Нишон деҳ, боз як бор бинам.

– Ана, – гуфт Миёнақад, кафи дасти чапашра қариб ба таки манаҳи ӯ бурда. – Бин, тамошо кун.

– Ваҳ, хок бар сарам! – нидо дардод Сиёҳчарда.

Воқиан ҳам сахт буд он ҷароҳат дар кафи дасти вай. Амиқ рафта, риму хунаш шах шуда, гирдаш ба чени даҳони стакан... кабудранг, ҳатто сиёҳ метофт.

– Ин баъди хеле нағз шудан...

– Палидони лаин! – дар таассуф калла ҷунбонд Сиёҳчарда.

– Азобе ки дидам, ошно...

– Ту ба онҳо ягон гап нагуфта будӣ?

– Не, хомӯш ба раҳам мерафтам. Лекин кайф доштам.

– Бисёр нӯшидӣ?

– Аз куҷо?.. Ҳамагӣ се стакан. Дар ҳамин ҷо нӯшидам. Хонаи як касро андова карда, сафед карда, чор-панҷ сӯм ёфта будам. Табъам хуш, аввал бозор рафтам: картошка харидам, сабзиву пиёз харидам, нону равған гирифтам. Ҳамаашро хона бурда мондаму баъд ин ҷо омада, ба як кас-ним кас чақ-чақ карда, кам-кам нӯшидам. Бегоҳ, вақте ки рӯз хеле торик шуд...

– Баромада рафтӣ, – ба оҳанги дилсӯзӣ сухани ӯро идома

дод Сиёҳчарда.

– Бале. Аммо дар раҳ...

– Беҳуда нагуфтаанд: фалокат аз таки по мехезад, – боз сухани ӯро бурид Сиёҳчарда.

– ...ду нафар рӯбарӯ омада, маро нигоҳ доштанд. Якташ кисаҳоямро кофта, ҳама пуламро гирифт. Буд тахмин панҷ-шаш ҳазор. Ҳаққи меҳнатам!

– Дар хонаат монда гардӣ, намешуд?

– Ман аз куҷо медонистам, ки ин хел воқиа рӯй медиҳад.

– Содаӣ ту, сода!

– Шояд, – гуфт Миёнақад хаёлманд. Сипас, баъд аз қадре сукут, ба нақли он ҳодиса давом дод: – Хулоса, яктааш ҳама пуламро гирифт. Дароз буданд лаънатиҳо. Бо вуҷуди он ки дар торикӣ рӯяшонро хуб намедидам, бақувват менамуданд. Ман, рости гап, сахт тарсидам: болои сӯхта намакоб, мабодо ки зананд... Аз ин рӯ аблаҳвор хандида, пурсидам:

«Кифоя? Ман акнун равам, мешавад?»

«Ҳоло не», – гуфт дуюмаш.

«Боз як хизмат мекунӣ», – афзуд якумаш.

«Баъд тохта меравӣ...»

Дуюмӣ инро гуфту аз банди ҳамин дасти чапам қапида, сахт пеш кашид ва сигаретаашро аз лаб гирифта, чун дар хокистардон ба кафам зер кард. Ман як фарёди ҷонкоҳ баровардам; пойҳоям дуқат шуда, қариб ки беҳушу беёд ба замин ғалтам. Вале зуд дандон ба дандон монда, худро ба даст гирифтам. Ҳарчанд ба он дарди тоқатфарсо базӯр тоб меовардам, тамоми вуҷудам сӯхта, гӯё хокистар мешуд. Якумӣ, ҳамоне ки кисаамро чаққон холӣ карда буд, гӯгирд зада, дар партави оташаки он мисли заҳрханд рост ба рӯям менигарист. Яқин дидан мехост, ки ман чӣ ҳол дорам, чӣ гуна азоб мекашам.

«Бало будаӣ ту», – гуфт вай ҷиддӣ.

«Ҳа, батоқат, қаҳрамон...» – хандид шарикаш.

«Илтимос мекунам, бачаҳо, илтиҷо дорам: бас, монед, сар диҳед...», – нолидам ман, ки аз зӯри дард оби дидаам шашқатор мешуд.

«Мабодо *вовчик* бошӣ?»

«Не, не-е!!» – акнун фарёд задам, бадтар тарсида. Аммо

нафас дар гулӯям печида, овозам қариб набаромад.

Ва дуюмӣ сигаретаи дар *ин* каф хомӯшшударо бепарво дур андохта:

«Хуб, амакӣ, бирав, – гуфт. – Тезтар бирав».

«Лекин мард будааст падарқусур. Офарин...» – гуфт дар ҳайрат якумӣ.

«Шавад, одами кайфӣ ҳамин қадар мешавад, – гуфт дуюмӣ ва банди дастамро аз панҷаи оҳанини худ раҳо карда, такрор намуд: – Бирав. Зудтар бирав, ки дигар асло набинамат».

– Яъне туро сар доданд, – гуфт Сиёҳчарда қаноатманд.

– Бале, сар доданд. Лекин...

– Дар ҳар сурат бачаҳои бад набудаанд.

– Лекин ман ҳатто даҳ қадам намонда, ба миёни ҳар ду шонаам чунон лагади гарон расид, ки ҳамоно парчини замин шудам.

– Аҷаб! – калла ҷунбонд Сиёҳчарда.

– Бо вуҷуди ин зӯр зада, хостам ба по хезам. Дастам ҷиз-ҷиз сӯхта, дардаш тамоми баданамро фаро мегирифт. Аз теғи биниам, ки вақти афтидан дар лаби ҷӯй ба қирраи бетон бархӯрда буд, хун метаровид.

– Ана, доғаш маълум.

– Ба фикрам ин доғ акнун якумрӣ.

– Коре карда хестӣ? – хамёза кашид Сиёҳчарда.

– Хестан куҷо? – даст афшонд Миёнақад. – Баръакс...

– Хайр, биё, аввал ҳаминро гирем, баъд гап мезанӣ.

– Ту ин қадар саросема!

– Чақ-чақ, охир, ба шароб хуш аст.

– Нақли он воқиаро агар чақ-чақ медонӣ, пас гарангам мани бадбахт...

– Аз ҳар гап дарров хулоса мебарорӣ, а!

– Бефарқӣ ту ба ҳоли кас, ошно, бефарқ...

– Ҳоло бардорем, – тунук хандид Сиёҳчарда. – Баъд... кӣ бефарқ, кӣ не... маълум мешавад.

– Хайр, ба ҳамин агар маълум шавад, мегирем.

Яке аз дили нохоҳам, дуюмӣ ба хоҳиши тамом, онҳо боз нӯшида, стаканҳои холиро болои миз гузоштанд. Аз пушташ сигарета даргиронданд; ҳар кадом ба хаёли худ муддате

хомӯш буд. Дар атрофи мизи дигар он мард ва ду нафар зан ҳамчунон сӯҳбати баҳазлу шухӣ доштанд. Майфурӯш ба миҷозаш, як одами лоғари китфонаш хамида, шароб мерехт.

– Баъд чӣ шуд? – пурсид ниҳоят Сиёҳчарда.

– Чӣ мешуд? – баногоҳ қаҳраш омада, дар алам гуфт Миёнақад. – Қабри падарашон шуд!

– Яъне?

– Наханд!

– Хандаи ман аз раҳм аст. Аз барои он ки ту ба ғазаб наоӣ, аз қаҳрат фуроӣ...

– Рӯи ту барин раҳмдил сафед, – низ хандид Миёнақад.

– Хуб, чӣ шуд баъд? Поят чӣ хел осеб ёфт?

– Аз задан... Лаънатӣ усули зарбаро дар тани ман санҷидан хост магар, ҳангоме заминро газида мехестам, аввал ҷуссаамро ба тахтапушт гардонда, пас як боло парида, рост ба зонуям латма андохт. Зарбаш он қадар вазнин буд, ки ман қариб беҳуш шуда, дар рӯи асфалт ғел мезадам.

– Вай чӣ?

– Чӣ *вай!* Ба ҳоли ман каме нигоҳ карда истоду хандида-хандида, ҳамроҳи шарикаш рафт. Ё ба тахмини ту якбора сарамро буридан лозим буд?

– Худо нигаҳ дорад!

– Воқиа ҳамин.

– Ба ҳар ҳол нағз: аз ҳад нагузарондаанд.

– Чияш нағз?

– Ман гуфтаниам, ки шукр, аз ин бадтар накардаанд.

– Пули як бегуноҳро кашида гирифта, ба сигаретаи сӯзон хуб азоб дода, боз қариб пояшро зада шикананд, кам аст?

– Ман дар муқоиса ба вазъи шаҳр мегӯям. Худат медонӣ-ку: ҳоло одам киву пашша чӣ... фарқаш нест.

– Гапат рост албатта. Лекин дар ин аҳвол кай ба як рӯзи равшан мерасем?

– Худо хоҳад, ҳама мушкилҳо бартараф мешаванд.

– Эҳа, то бартараф мешаванд, ки умри ман баринҳо ба поён мерасад...

– Ноумед, ошно, шайтони лаин!

– Дар зиндагӣ чунон вазъияте дорам, ки на ба шайтон корам ҳаст, на ба раҳмон.

– Ношукрӣ накун. Дар ҳар сурат... аҷалро фиреб додаӣ. Ҳазл не... Биё, боз яктаӣ гирем.

– Ман дигар наменӯшам.

– Барои он ки саломат мондаӣ...

– Намегирам, вассалом!

Бо вуҷуди ин Сиёҳчарда хандон:

– Мегирӣ, – гуфта, ба майфурӯш аз нав шароб фармуд.

Ва баъде ки вай ду стаканро пур карда, болои миз гузошт, ба шарикаш нигарист.

– Бардор.

– Гуфтам-ку: намегирам. Гап якта.

– Охиринаш ҳамин... барои саломатии сари худат.

– Ту дар ҳақиқат саломатии маро мехоста бошӣ, ҳоло панҷсад сӯм бидеҳ.

– Чӣ кор мекунӣ?

– Ба пул?

– Бале.

– Нон мехарам. Ҳеҷ набошад, дурӯза қути лоямутам мешавад.

– Чӣ, кисаат тамоман холӣ?

– Ман ба ту гуфтам, ки дар бадали бисту ҳашт рӯз аз хона набаромадаам. Баромада ҳам наметавонистам, мурда барин будам. Аз обу нонам асосан ҳамсояҳо хабар мегирифтанд. Акнун намедонам кай ягон кор ёфта, чор-панҷ сӯм пайдо мекунам. Дар киса *тин* надорам, – ду рӯз боз ҳатто як бурда нон нахӯрдаам.

– Хуб, ана инро нӯшем, баъд медиҳам.

– Аввал барор.

– Гирем, канӣ...

– Не, то надиҳӣ, наменӯшам.

– Оббо!

Сиёҳчарда аз кисаи шимаш як даста садсӯма баровард. Ва аз он дутаашро ҷудо карда, ба тарафи вай ёзонд.

– Ана!

– Панҷсад сӯм гуфтам ман.

– Ҳаминаш бас, як буханка нон мешавад, – хандид ӯ.

– Пас наменӯшам, – гуфт Миёнақад.

– Ростӣ?

– Ман кай аз гапам гаштаам?

– Аҷаб, ба ин ҳам шароб гирифта деҳ, ҳам пул ёфта деҳ, – ба оҳанги ҳазл ғур-ғур кард Сиёҳчарда.

– Модом ки ба қавли худат одами раҳмдилӣ, то охир раҳмдил бош, – хандид Миёнақад.

– Хайр, шуд, кифоя, – гӯё бардурӯғ ҷигот андохт Сиёҳчарда. Ва ба он дусад сӯме ки ҳоло дар рӯи миз гузошта буд, се вараќи дигар зам карда, ба дасти вай қапонд. – Акнун менӯшӣ?

– Кушад ҳам...

– Бало ту! Шерпанҷаҳо беҳуда начаспидаанд ба ту!

– Эҳтимол, – ба дард хандид Миёнақад.

Онҳо нӯшида, боз сигарета даргиронданд. Майфурӯш ҳоло танҳо монда, радио мешунид, – инак хир-хир намекард вай. Бодбезак гоҳо садои гӯшхарош баровара, беист фир-фир дошт, – шамол медод вай. Он мард ва ду нафар зане ки дар атрофи мизи дигар менишастанд, акнун нанӯшанд ҳам, аз хурсандиашон маълум буд, – хотирҷамъанд, хестан намехоҳанд. Ба майли хотир сигарета мекашиданд онҳо, базла мегуфтанд, чақ-чақ мекарданд.

– Латифро надидаӣ?

– Кадом Латиф? – аз ин суоли ногаҳон як ҷунбида, абрувонашро мутаҳайир боло кашид Миёнақад.

– Латифи ҳамсинфат... – бетоқат фаҳмонд Сиёҳчарда.

– Ба вай чӣ кор дорӣ?

– Камаш бист рӯз боз намебинам чилдурӯғро!

– Чаро чилдурӯғ будааст?

– Барои он ки қарз гирифту барнамегардонад.

– Чанд сӯм?

– Ду ҳазор...

– Кирои тавиш не-ку?

– Ҳар чӣ бошад, пул аст.

– Ҳай мумсикӣ!

– Мумсикам ё не... бинам – пӯсташро меканам.

– Дар дашти қазоқ?

– Яъне чӣ?

– Вай ба як рафиқамон мардикорӣ рафт.

– Қазоқистон?

– Ба-але.

– Ха-айр... – гуфт хаёлманд Сиёҳчарда. – Ошаш шавад ҳамон ду ҳазор!

– Ин гапи дигар.

– Бечора Латиф! Се фарзанд дорад...

– Ҳа, ба вай мушкил.

– Аксарият дар чунин аҳвол...

– Рафту ягон кор ёбам, намедонам ба ин пои ланг чӣ тавр аз ӯҳдааш мебароям, – гуфт пас аз муддате хомӯшӣ Миёнақад. – Тавба...

– Дардаш сахт? – пурсид Сиёҳчарда.

– Ҳа, то ҳол азобам кам не. Як ба чашми худат бин.

Вай инро гуфту почаи шимашро то худи рон бардошта, пояшро нишон дод. Сиёҳчарда, назараш ба он афтидан баробар, сарашро қапида, гуфт:

– Ваҳ, хонасӯхтаҳо-э!

Зонуи Миёнақад ба қадри як ҳандалак варам оварда, пояш қариб то ба соқ кабуду сиёҳ буд.

– Ту гумон доштӣ ман воҳима мекунам?

– Даҳшат!

– Ин баъди хеле нағз шудан. Рӯзҳои аввал айнан гуппиро мемонд.

– Алҳазар! – калла ҷунбонд Сиёҳчарда. – Воқиан, ҳамон бегоҳ дар чунин аҳвол чӣ хел расидӣ ба хонаат?

– Одамони нек ёрдам карданд, – гуфт Миёнақад, почаи шимашро фуроварда. – Шукр, ки на ҳар раҳгузар саг барин ба кас дармеафтад.

– Як ба духтур нишон деҳ, ошно. Мабодо оқибаташ бад шавад...

– Ба кадом пул? Ҳатто барои дидан ҳам пул мегиранд табибони имрӯза!

– Ҷонат азиз бошад, илоҷашро ёб.

– Ҷони ҳар инсон албатта ба худаш азиз. Лекин ман ҳоло чӣ илоҷ меёбам? Ба чилу панҷ даромада, чандин сол дар сохтмонҳои калон-калон заҳмат кашида, акнун нони хӯрдан надораму... Аҷаб замона шуд, касе ба доди касе намерасад. Масалан, ман аз ту як-ду ҳазор сӯм қарз пурсам, бе миннат медиҳӣ?

– Мумкин диҳам.

– Барор. Хасисӣ накарда барорӣ, худи пагоҳ пеши духтур меравам.

– Хуб, нахуст як манаҳ хорида бинам... пули аз рӯзгор зиёдатӣ дорам, ё не.

– Ана ҳамин тавр! – ба рӯи миз оҳиста мушт зад Миёнақад. – Осон не инсонгарӣ...

Кайфи ӯ бе гумон баланд мешуд. Суханаш баитоб садо дода, дар он асабоният ва як оҳанги норизоӣ аз одаму олам ниҳон буд. Ҳарчанд мекӯшид, ки ин ҳисси ногувори худро ошкор насозад, кас аз вай ба осонӣ пай мебурд.

– Ҳамин тавр, – такрор намуд Миёнақад. – Боз ту мегӯӣ, ки ба қабули духтур рав.

– Ба ҳар ҳол... илоҷашро ёфтан лозим.

– Ду моҳ қабл аз ин як рафиқи ман дар пеши назари табиб модарашро бой дод. Ба касофати сангдилии он ҳаромзода... Мепурсӣ, ки чӣ хел? Ҳоло ман ба ту мегӯям.

– Оромтар гап зан.

– Не, дар ин бора ором гап зада намешавад. Хӯш ки бошад, модари ҳамон одам аслан бемор буд. Дилаш иллат дошт. Як шаб ногаҳон дардаш боло гирифта, кампир бетоқатӣ мекунад. Писар ба ёрии таъҷилӣ занг мезанад. Дар телефон ба вай мегӯянд, ки бензинашон нест, рафта наметавонанд. Писар ба чор тараф давида, оқибат аз кӯча як мошин ёфта, ба пули калон киро мекунад. Ва модарро ба беморхона, ба ҳузури табиб мерасонад.

Табиб фақат набзи кампирро санҷида, рӯирост ба писараш мегӯяд:

«Аввал сад доллар медиҳӣ, пас модаратро мехобонем. Муоина мекунем; аз паи табобаташ мешавем. Албатта... доруи бисёр лозим. Худи табобат ҳам пул мехоҳад. Хуб, дар ин хусус маслиҳатамон баъд. Ҳоло сад доллар барор».

«Ман аслан доллар надорам, – мегӯяд писари кампир. – Лекин бе ин намешуда бошад, ба хотири сиҳатии модарам аз таки замин бошад ҳам, пайдо мекунам. Фақат пагоҳ...»

«Не-е, – мегӯяд табиб. – Надошта бошӣ, тозон рафта, аз ягон ҷо ёфта биё».

«Ман дар ғояти шаб пеши кӣ меравам?» – ҳайрон мемо-

над писари кампир.

«Инаш дарди сари худат», – фориғбол... ва ҳатто дағалона мегӯяд табиб.

«Хуб, ту ҳоло беморро бин, ягон сӯзандору гузарон, ки аҳволаш сабуктар шавад. Лозим донӣ, хобон. Баъд ана... мегирӣ ҳаққатро. То модарам дар ҳамин ҷо бошад, ман гурехта ба гӯре намеравам», – мегӯяд писари кампир.

«Не, бародар, аввал ҳиссаи хизматро биёр», – розӣ намешавад табиб.

«О вай дар ин аҳвол нобуд мегардад!» – қариб гириста, мегӯяд писари кампир.

«Бақувват аст модарат. Тоб меорад...» – ҳамчунон хотирҷамъ мегӯяд табиб.

«Ту чӣ хел одамӣ? – ниҳоят сабру тоқатро аз даст медиҳад ӯ. – Фарзанди мусулмонӣ ё не?»

«Алҳамдулиллоҳ, мусулмонам. Барои ҳамин гапам якта», – нешханд мекунад табиб.

Хулоса, онҳо дар банди чунин гуфтугӯи бадтар аз munoқиша будаанд, ки кампир дар рӯи кати сахт, дар пеши назари табиб ва ҳамшира ҷон ба ҳақ месупорад.

Писари ӯ, фиғонаш ба осмон печида, ҷевони оҳанини пур аз дорувор ва асбоби табобатро – дар гӯшае меистодааст он – ба сари табиб чаппа мекунад. Бар замми ин ба пушту паҳлуи вай ду-се лагад ҳам мефурорад; хуб дашном медиҳад. Кафи даст ва бари рӯи табибро шишапораҳои ҷевон бурида, аз ҷароҳаташ хун меравад. Ҳамшира тавассути телефон аз ин аҳвол зуд ба милисахона хабар мерасонад. Аз он ҷо ду нафар омада, писари раҳматӣ кампирро ба истинтоқ мегиранд; чӣ воқиа рӯй додааст, саросема хату чак мекунанд. Ва ба ӯ:

«Ҳоло боз ба ту вомехӯрем», – гуфта, лоқайд аз паи кори худ мераванд.

Воқиан ҳам пас аз чанд рӯзи модарашро ба хок супурдан он рафиқи маро, ки дар зери бори ғам қоматаш ҳанӯз хамида буд, ба додгоҳ даъват карданд; ба мурофиа... Ман ба ту гӯям, аслан дар дунё одамони хуб кам нестанд. Вале аз чӣ бошад, чашми мо бештар ба бадон меафтад. Аз ин рӯ дар зиндагӣ, дар тафриқаи сиёҳу сафед баъзан фиреб мехӯрем.

Чӣ тавре гуфтам, рафиқи маро ба додгоҳ кашиданд. Лекин шукр, ки додрас инсони бааќл будааст, баинсоф будааст. Вай ҳама дарди ҷавобгарро шунида, ба додхоҳу шоҳидон муфассал суолу ҷавоб карда, аз решаи ҳодиса яқин пай мебарад. Ва парвандаи ҷиноиро барои аз сари нав тафтиш ва таҳқиқ намудан бармегардонад. Мегӯяд, ки рафтори носазои табибро низ ҳангоми иҷрои вазифааш ҷиддӣ ба назар гирифтан лозим.

То ҳол дуюмбора барпо нашудааст мурофиа. Намедонам, ки оқибати ин воқиа ба чӣ анҷом меёбад. Аммо дар ҳар сурат умедворам: он додрас ҳатман қилро аз хамир ҷудо мекунад.

Миёнақад ҳикояташро ба охир расонда, хомӯш монд.

– Аҷаб, – калла ҷунбонд пас аз каме Сиёҳчарда. – Вай табиб не, ҳайвон будааст.

– Ана ҳамин хел! – гуфт Миёнақад. – Боз ту ба ман маслиҳат медиҳӣ, ки пеши духтур равам.

– Сарам дард кард, биё... боз яктаӣ гирем.

– Ман розӣ. Аз ёди он ҳодиса сари худам ҳам дард овард, дилам вайрон шуд.

– Чӣ илоҷ, зиндагӣ ба сад ранг аст...

– Рост.

– ...Бисёр ғам нахӯр.

Вақте ки Сиёҳчарда инро гуфта, шароб фармуд ва майфурӯш стаканҳоро аз нав пур карда, ба рӯи миз гузошт, паллаи дар калон кушода шуда, ду нафар ҷавони ҳузарб ворид гардиданд. Дар бар либоси ҳарбии ала доштанд онҳо; яке дар китф, дигаре дар даст автамат доштанд. Сарашон луч. Рутбаашон чӣ... маълум набуд. Ҳар ду ба пештахта наздик рафта, аз майфурӯш пурсиданд, ки шаробаш оё хуб аст.

– Бад не, – даст пеши бар гирифт вай.

– Бирез дута! – ба оҳанги фармон гуфт яке аз онҳо.

– Ба ҷон!

– Лекин агар хуб набошад, ҷонатро мегирам, – гуфт дуюмӣ. – Қабратро ҳам меканам.

Дар даст стакан, якумӣ ба қафо тоб хӯрда, аввал ба сӯи *он* марду ду нафар зан, ки инак филҳол сукут ихтиёр карда буданд, балки гаранг аз курсиҳо мехестанд... назар давонд. Пас ба чӣ хаёле рафта, нигоҳи чун сурб вазнинаш ба мизи

дигар кӯчид. Вай аз Сиёҳчарда ва Миёнақад чанд сония чашм наканда истоду якбора гуфт:

– Ба фаросати худ намеҷунбед, а!

– Бахшиш, ана...

Сиёҳчарда тохта ба по шуда, стаканашро гирифт, ки аввал шароби онро нӯшад.

– Мон дар ҷояш!

– Хуб, хуб... – стаканро ларзон болои миз гузошта, зуд пеши дар рафт ӯ.

– Ту чаро намехезӣ? – дар паҳлуи шарикаш ҳозир гардида, гуфт дуюмӣ ба Миёнақад.

– Мо нишаста будем, бемалол сӯҳбат доштем... – аз ҷой наҷунбид вай.

– Мегӯӣ, ки *сӯҳбат* доштед? – пурсид якумӣ ба тамасхур.

– Бале. Аммо дӯғ мезанед шумо, зӯрӣ мекунед...

– Харӣ ту, хари лавандӣ!

– Дашном надеҳ...

– Ростӣ?

– Набошад чӣ?..

– Боз ҳам харӣ!

Вай стакани худро оҳиста ба рӯи миз гузошта, дар ҳолате ки автамат ҳамчунон дар китфаш овезон буд, ба ҷониби Миёнақад даст дароз кард. Ва ӯро маҳкам аз гиребонаш гирифта, ба як кашидан сари по монд. Сипас бединанг дар зери манаҳаш мушти гароне фуроварда, ба мисли тӯб аз дари майхона берун андохт.

– Мо аҳмақ набошем, шабу рӯз дара ба дараву кӯҳ ба кӯҳ гашта, оё аз барои ҳамин гуна сагон ба душман ҷанг мекардем?!

– Биё, бишин, – гуфт ба вай шарикаш, низ стакани худро болои миз гузошта. – Сазои сараш... Раҳмашонро бисёр ки хӯрдаем, ёзидаанд. Аз одаму одамгарӣ дур шудаанд.

*1997*

# МУНДАРИЧА

*Равшани Махсумзод.* Ранҷи расми инсоншиносӣ. .............................. 5

**Се рӯзи як баҳор**
*Роман* ........................................................................................ 15

**Обдорӣ, ё худ Кавкабони кабуд**
*Қисса* ........................................................................................ 265

**Умри дарози арча**
*Ҳикояҳо* ..................................................................................... 315
Падар ..................................................................................... 316
Навда ..................................................................................... 334
Сарфаи сари оташдон ................................................................. 339
Ташнагӣ .................................................................................. 353
Охирин рӯзи тирамоҳ ................................................................. 356
Фарзанд .................................................................................. 367
Думбура .................................................................................. 370
Панҷ ҳолат .............................................................................. 387
Борон ..................................................................................... 395
Катарин .................................................................................. 402
Оқибат ................................................................................... 426
Душманон ............................................................................... 431
Роҳи паст, баланд... ................................................................. 438
Хоҷамаст. ............................................................................... 455
Тасодуф ................................................................................. 463
Ситораи корвонкуш ................................................................. 471
Доғ ....................................................................................... 503
Ишқи аввал ............................................................................ 508
Зиндагӣ ................................................................................. 516
Шабе дар роҳ .......................................................................... 521
Талош .................................................................................... 527
Умри дарози арча .................................................................... 533
Қазо ...................................................................................... 537
Одамони раҳмдил .................................................................... 541

Саттор Турсун
Мунтахаби осор

Муҳаррири ороиш
*Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ
*Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчинии кампютерӣ ва тарроҳӣ
*Фармони Ҳаким*

Ба матбаа 00.00.2012 супорида шуд. Чопаш 00.00.2012
ба имзо расид. Андозаи 60x84/16. Коғази афсет.
Ҷузъи чопӣ 35. Адади нашр 1000.
Супориши № 00/00

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и Вазорати
фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев-17а

Дар матбааи **«Истеъдод»** чоп шудааст.
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Телефон: 221-95-43